**Алӣ БОБОҶОН**

# ДУРАХШИ СИТОРА

*Китоби аввал*

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
Б-15

Муҳаррир ***М.Хоҷаев***

Б-15 **Алӣ Бобоҷон. Дурахши ситора** (очерк ва мақолаҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2012, 320 саҳ.

Маҷмӯаро мавзӯъҳое фаро мегирад, ки дар онҳо касбу пешаҳои мухталиф дар мисоли рӯзгору фаъолияти соҳибистеъдодҳо, номварону номбардорони сарзамини аҷдодӣ ба қалам омада, аз як тараф, мутолеонро аз бисёр ҷиҳат ба гузаштаҳои пурифтихорамон мешиносонанд ва аз ҷониби дигар, дастури боэътимоде ҳастанд пайи ҳадафҳои шоиста ҳидоят кардани хонандаи имрӯз.

ISBN 978-99947-2-179-5

© Алӣ Бобоҷон, 2012

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Файласуфони қадимзамон замонро ба дарёе ташбеҳ додаанд, ки маҷрояш барнагаштанисту обаш орому ороста ва ё бо шасти тамом ҳамеша ҷорист. Ҷумла одамизодагон ночор дар рӯйи об ба сони хас мераванд ва фақат рӯзи маргашон аз ҷараён берун мешаванд – мисоли моҳии мурдае, ки оби баҳр ба соҳил бароварда мепартояд. Қарнҳойи сонӣ аҳли дин дарёи барнагардандаи замонро «тақдир» ё «қазову қадар» хонда, инсонро ба лӯхтаки сарнавишт табдил доданд. Дар воқеъ, рӯди паҳновари замон соҳил надорад, ки он ҷо даме нишаста, ба садойи обаш гӯш диҳиву аз шавкату шукӯҳи ҷараёнаш ҳаловат барӣ ва ҳамзамон аз гузаштаву ояндаат ба фурсат биандешӣ…

Вале истед, ки магар фарди одамӣ ба ҳадде оҷиз аст, ки файласуфони аҳди бостон ва худшиносони баъдина гумон мекарданд?

Умари Хайём нахустин файласуфе буд, ки ақидайи оҷизиву нотавонии одамизодаро ба забони шеър мавриди танзу таън қарор додааст:

*Нақшест, ки бар вуҷуди мо рехтаӣ,*
*Сад булаъҷабӣ зи мо барангехтаӣ.*
*Ман з-он беҳ аз ин наметавонам будан,*
*К-аз бӯта маро чунин фурӯ рехтаӣ.*

Хайём, ки худро дар фалсафа шогирди Шайхурраис Абӯалии Сино мехонд, мисли устоди маънавиаш нағз медонист, ки Одам ҳеҷ гоҳ дар дасти Наққоши Азал моддаи мумсирате набуду нест. Хосса хасеро намемонад, ки ночор ба самти об меравад: басе омада, ки бар муқобили ҷараёни замон шино кардааст ва ё, ҳеҷ набуд, онро миёнбур карда, аз як соҳил ба соҳили дигар гузаштанӣ шудаст…

Ҷараёни мусаббати замонро таърих гӯянд. Лекин худи таърихро чӣ гуна таъриф ва таъбир кунем? Иқболи Лоҳурӣ барҳақ пурсида:

*Чист таърих, эй зи худ бегонае,*
*Достоне, қиссае, афсонае?*

Дар замони Шӯравӣ мо ҳамагон таърихшинос шудем. Дар мактаб моро омӯзонда буданд, ки ягона эҷодкори таърих халқ аст, халқ дар чаҳорчӯбаи сахти қонунҳои куллию объективӣ амал мекунад – қоидаҳое, ки хоҳишу иродаи шахсони ҷудогонаро ба назар намегиранд. Бо ибораи дигар, назарияи марксистӣ нақши таърихии фардро дар муқобили мақоми таърихии ҷомеа нодида мегирифт. Дар

натиҷа таърихнигорон бо тавсифи силсилаи рӯйдодҳои иқтисодию сиёсӣ, ҷангҳо, инқилобу шӯришҳо иктифо варзида, аз пажуҳиши андешаи ҷиҳати маънавии воқеаҳо ва дарёфти маъниву мазмуни хоси худи таърих худдорӣ мекарданд.

Ҳамзамон дар хориҷи кишвар (хусусан Фаронса) назарияи нави таърихшиносӣ шакл гирифт, ки пеш аз ҳама ва беш аз ҳама ба рӯзгори шахсиятҳойи ҷудогона ва ҷузвиёти кирдору пиндори онҳо эътибор медиҳад. Агар пеш мавзӯйи таърихнигорӣ «инсон дар қаринаи Таърих» унвон шавад, акнун «таърих дар вуҷуди Инсон» ном мегирад.

Аз ин ҷиҳат очеркҳоеро, ки дӯсти мушфиқи мо Алии Бобоҷон дар бораи одамони наҷиби ҷумҳуриамон навиштаанд, фақат аз назари адабиёт баҳо додану қадр кардан кам аст, онҳо аҳаммияти хоси иҷтимойӣ низ доранд.Яқин бувад, ки фидокориҳои қаҳрамонҳойи очеркҳойи адиби шинохтайи мо барои муосиронамон (умедворам, аз ҷумла баройи наслҳои ҷавон) ойинайи ибрат хоҳанд буд.

Фидокорӣ ду навъ мешавад: фидокории ҷисмонӣ (чунончӣ, дар ҷанг) ва фидокории маънавӣ (масалан, дар соҳайи фаъолияти ақлонӣ). Миёни фидокороне, ки Алии Бобоҷон дар очеркҳояшон самимона васф кардаанд, мисли шодравон Муллоҷон Фозилов, шахсоне ҳастанд, ки мардони ду майдон буданд: набардгоҳашон аввал фронт будасту сонӣ ҷустуҷӯйи илмӣ. Лекин онҳое, ки дар ҷодаи мунтахабашон бо истифода аз фурсату имкони фардию иҷтимоияшон як умр ба таълиму тарбия (мисли Шарифҷон Ҳусейнзода), табобатгарӣ (ҳамчун нобиғаҳои тиб, академикҳо Комил Тоҷиев, Саъдинисо Ҳакимова), санъаткорӣ (монанди Тӯҳфа Фозилова ё Комил Ёрматов) ва ё кори давлатӣ (амсоли Ҳамиддин Эшонов, Саидаҳмад Анваров, Аъзам Надиров ва Абдулаҳад Қаҳҳоров) шуғл варзидаанд, низ фидокор буданд. Рӯҳи ҳамайи заҳматкашони асил, сарфи назар аз касбу кор ё набардгоҳашон, ҷовидон шод бод!

Заҳмати худи муаллифи очеркҳо Алии Бобоҷон низ як навъ фидокорист. Чунин азму амали эҷодӣ бе ҳавсалайи тамом, нуктасанҷию пуркорӣ ва хосса бе меҳру муҳаббати инсонӣ ба қаҳрамониҳойи воқеӣ анҷом намепазирад. Пас, эшонро низ барои меҳнати ҳалолашон сипостан бояд.

***Акбари ТУРСОН***
*Майи соли 2011*

## БАЪДЕ КИ КИТОБҲОРО СӮЗОНДАНД...

Чоштгоҳи яке аз рӯзҳои зимистони соли 1931. Гурӯҳе аз аъзои ҳайати «сегона» ба ҳавлии порсое бо таҳдид даромаданд. Соҳибхона Пошохоҷа аз он ки меҳмонони нохонда бе пушт-пушт омаданд, ба вазъияти ногувор афтода, саросема худро ба зери сандалӣ гирифт. Омадагон ба ҳамсараш дӯғ заданд:

– Шавҳарат куҷост?

– Саҳарӣ ба куҷое рафта буданд, – ҷавоб дод зан.

Аъзои ҳайат хостанд бадар раванд, вале чашми сардори онҳо – марди ғӯладинг ногаҳон дар пойгаҳ ба кафши мардона афтод ва пай бурд, ки Пошохоҷа ҳамин ҷост. Вай кунҷковона ба ҳар сӯи хона нигарист ва якбора болопӯши сандалиро бардошт: шахсе рӯи гурбадавак печида мехобид. Ӯро як лагад заду ҳақорат дод:

– Ҳа, лаънатӣ, ана ту дар куҷой! Мана барои моро фиреб доданат! Баро аз гурбадавак!

– Назанед падарамонро, назанед! – гиристанд кӯдакон.

Зани Пошохоҷа барои рости гапро нагуфтанаш дашному ҳақорат шунид. «Гуноҳ»-и мард ин буд, ки пас аз хатми мадраса чун имоми масҷид дар пешҷои намозгоҳ меистод ва дигарон ба вай иқтидо мекарданд. Ӯро бо як даста китобҳои арабиҳуруфаш ба масҷид бурданд. Раҳораҳ ба сараш борони дашном меборид. Мегуфтанд, ки дигар ин хел китобҳои зарарнокро мутолиа карда, намоз хонда, худо ҳаст гӯён зеҳни наврасонро заҳролуд нагардонад. Мепурсиданд, ки оё ҳамаи китобҳояш ҳамин аст, ё ки дигарҳояшро ба ҷое пинҳон кард? «Ҳамааш ҳамин» мегуфт Пошохоҷа ва аз кори тобистон кардааш қаноатмандӣ дошт. Дид, ки ҷоҳилон мардумро ба китобсӯзонӣ маҷбур месозанд, барои маҳфуз доштани дороияш чорае ҷуст: ба гӯркове дар баландии гӯристон қабре кованд. Бештарин китобҳояшро, ки байни онҳо «Чаҳор китоб», «Ҳафтяк», девонҳои Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил, «Абумуслимнома», «Ҷангнома», «Фолнома» ва «Қиссас-ул-анбиё»-и чопи нодир буданд, бо латта печонда, чун мурдаи кафанпеч дар сандуқ ба рӯи хиштҳои пухтаи лаҳад андохт ва гӯронд. Рӯи

гӯрро сахт андовид, ки китобҳо аз таъсири барфу борон нам кашида напӯсанд. Пас ба рӯи «қабр» бомчае сохтанду онро соруч андуданд. Аҷаб оқилона коре кардааст, вагарна ҳоло месӯзонданд.

Мулло аслан марде буд бас шердилу бебок ва аз ҳайбату сиёсати китоббезорон пинакаш вайрон намешуд ва хунсардона хомӯшӣ гузида, дар пеши ин нокасу нобакорон сипоҳиро аз даст надода, бо сари баланд қадам мезад.

Чун ба масҷид расиданд, аъзои «сегона» китобҳои муқаддасро рӯи хок ҳаво дода, ба Пошохоҷа фармуданд, ки гӯгирд занаду онҳоро сӯзонад. Ин даҳшати гӯшношуниде буд барои марди порсо.

– Не, не! Охир, ин гуноҳи азим мешавад, – сахт ларзид мулло. – Наход дину диёнатро пешпо занед? Наход китобҳои муқаддасро сӯзонед? Убол аст, убол! Ҳой, ба худ оед! Шумо пештар ин хел набудед-ку. Шуморо кӣ аз роҳ зад? Истед, илтиҷо дорам...

– Чӣ мехоҳед? – қаҳри ғӯладинг омад.

– Ҳар яки ин китоб олам-олам маънӣ дорад. Илтимос, якашро каме хонам, гӯш кунед, агар як ҳарфи бемаънӣ, ягон ҳиҷои ғайри ахлоқи инсонӣ дошта бошад, маро кушед ҳам, розиям.

– Хайр, бигир, бихон! – дили нохоҳам фармуд яке.

Пошохоҷа аз замин китоберо бардошта, ба чашмаш молиду бӯсид ва саҳифаеро кушода, ба хондан оғозид:

*Нашавад най ба ҷуз аз сабр шакар,*
*Нашавад санг ба ҷуз сабр гуҳар.*
*Сабр, ҳарчанд ки заҳрогин аст,*
*Оқибат ҳамчу шакар ширин аст.*
*Рост кун қоидаи нийяти хеш,*
*Боз ҷӯ мояи амнийяти хеш.*
*Пои ҳиммат бикаш аз доми ғурур,*
*Маи ғафлат махур аз ҷоми ғурур!*

– Ист! – амр дод марди ғӯладинг. – Байтҳои хуб барин-ку. Ин чӣ китобест? Ба ман фаҳмон...

– Ин китобест бебаҳо, – гуфт Пошохоҷа. – Номаш «Сӯҳбат-ул-аброр», яъне ки сӯҳбати одамони накӯкор. Муаллифаш

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ. Достони панду ахлоқӣ. Насиҳатномаи табаррук. Ин маснавӣ ягон гапи беҷо надорад. Боз каме хонам, гӯш диҳед.

– Бихон, армонат намонад.

Пошохоҷа дид, ки навкарони «сегона» ба китобхониаш диққат доданд, овозашро бурротар баровард:

*Айббинӣ ҳунаре чандон нест,*
*Ҳадафу қасди ҳунармандон нест.*
*Чашм бар лағзиши ёрон мафикан,*
*Ба маломат дили ёрон машикан.*
*Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,*
*То ба он базми касон афрӯзӣ.*
*Абр шав, то ки чу борон резӣ,*
*Ба гулу хас ҳама яксон резӣ.*
*Абр бояд, ки ба саҳро борад,*
*З-он чӣ ҳосил, ки ба дарё борад...*

Дидед, чӣ суханҳои нағз, чӣ ҳикмату ҳадис! Ҳайронам, куҷои ин китоб зарарнок бошад? Ин дастури амал аст, раҳнамои зиндагӣ. Мана, ин байтҳояш...

– Бас, бас! Шунидем. Ҳаминаш кофист! – гуфт ғӯладинг. – Суханони бад не, вале илоҷе надорем. Ба мо аз «Боло» фармудаанд, ки ҳар як китоби ҳуруфи арабӣ бояд нобуд гардад, вагарна худамонро нобуд месозанд.

– Ин ҳуруфот барои мусулмонҳо муқаддас аст, – ба рӯи ғӯладинг нигарист Пошохоҷа. – Ҳамаи китобҳои гузаштагон бо ҳамин ҳуруф ба нашр расидаанд. Наход аз «Боло» ҳамин хел амри беҷо диҳанд? Наход об аз сар лой бошад?

– Фармон ҳамин. Шубҳа ҳоҷат надорад, сиёсат ҳамин хел.

– Сару сарвари ин ҳама «табаддулот» кист?

– Кӣ мешуд, пеш аз ҳама, раиси НКВД-и шаҳрамон Шавлов. Агар аз амраш сар печем, ба пӯстамон коҳ ҷой мекунад. Эҳ, марди сода, ту ҷаҳли мураккаби вайро чӣ донӣ. Худои ту дар дилат, аммо худои ин маҳал ана ҳамон Шавлов. Фаҳмидӣ? Вай ҳам худои худашро дорад: Ежов номаш.

– Худоро масхара накунед, офаридгор яккаву ягона аст. Дин наҷоти дунёст, дин накӯкориву шафқат ва покизагиву иффат аст. Инсонҳои беимон ҷаҳолатпарастанд.

– Барои ташвиқи динпарастӣ ҷазо мегирӣ.

– Бигзор, ҷазо гирам, вале боварам намеояд: наход ҳамон Шавлову Ежов муллоҳоро сахт ранҷон, китобҳояшонро дар пеши чашмашон сӯзон гуфтаанд?! Ҳуруфи аҷдодиамонро нест карданашон бас набуд, ки китоби қадимаамонро нобуд мекунанд. Қадрношиносии як халқи аз қадим саводнок магар аз ин зиёд мешавад? Эй, лаънати олам ба сари ҳафт пушти шумо! Ин хел ваҳшониятро таърихи башарият надидааст. Шумо ин ҳуруфи моро дар Тоҷикистон нобуд месозед, аммо дар Эрону Афғонистон ва дигар мамолики мусулмонӣ маҳв карда наметавонед-ку!

– Э гапа кам кун! Ҳоло ин китоб ҳеҷ қисса не, вазъият ҳамин хел идома ёбад, фардо хонаатро ҳам месӯзонанд. Воқиан, барои чӣ мо ину он гуфта шиштем?

Масҷиди ҷомеъ китобхона дошт, ки одамон аз он баҳравар мешуданд. Китобҳои онро низ оварда, ба болои китобҳои Пошохоҷа гузоштанд. Дар байни девонҳои Саъдию Ҳофиз, «Шоҳнома»-ю «Ахлоқи мӯҳсинӣ», инчунин «Қуръон»-у «Маснавӣ», «Ҳафтяк» ва «Чаҳор китоб» паҳну парешон мехобиданд.

– Канӣ, оташ занед! – амр дод ғӯладинг.

– Дод аз дасти китоббезорон! – фиғон кашид Пошохоҷа. – Ин чӣ таҳқир, ки дар масҷид Қуръони шарифро месӯзонед! Ҳой, истед, беинсофҳо! Оташ назанед! Илоҳо хонаатон сӯзад!..

Ба сари Пошохоҷа кӯҳи дарду андӯҳ фурӯ рехт. Ба ҳазор зорию таваллояш эътибор надода, китобҳоро сӯзонданд. Аз чашмони вай қатра-қатра ашк мерехту банд-банди вуҷудаш гӯё ҳамроҳи китобҳои зарварақаш дуд мебаровард. Вой бар ҳоли азизоне, ки китобҳои камёбро бо пули гарон харида, бо фармони тӯдае нобихрадон дар коми оташ дарбохтанд!.

Чунин буд муносибат бо китобу китобдӯстон, ба аҳли дину тақво дар он замони оқилкушу ҷоҳилпарвар. Масҷиду муллоро чашми дидан надоштанд, аз тиловати сураҳои Қуръон меҳаросиданд. Ба ҳар касе, ки саллаву риш дошт, каҷ-каҷ менигаристанд. Ҳол он ки ҳатто аврупоиҳо салларо рамзи хирад донистаанд, ҷомаро рамзи осоишу оромӣ. Бадбинии диндорон

солҳои сол давом ёфт, озодии эътиқодро аз байн бурд. Одамон аз бими ҳаёти худ маҷбур буданд, ки китобҳои аҷдодиро аз чашми нохалафон пинҳон хонанду ниҳон доранд.Ҳазорон-ҳазор китоби гаронбаҳои илмию таърихӣ, ҷуғрофию фалсафӣ, мазҳабӣ, девонҳои ашъори суханварон ва фарзонагони бузургвор вақти пинҳонкориҳо тӯъмаи боду борон шуданд, байни девору бағали кӯҳҳо, дар ковокии дарахтону қабати сангҳо мағор бастанд, дар коми дарё ва оташи ҷаҳолатпарастон талаф ёфтанд. Номи бисёре аз суханофаринон аз сафҳаҳои таърих ситурда гардид.

Баъде ки китобҳоро нобуд карданд, барои наслҳои нав роҳро ба сӯи маърифати умумибашарӣ бастанд, зеҳну закои одамӣ дучори карахтӣ гашт. Пошохоҷаи бебок сари ҳар чанд вақт ба чорбоғи шаҳр рафта, сӯи муҷассамаи доҳӣ рӯ оварда, ба хитоб мегуфт: «Эҳ, Ленин, Ленин! Ҳазору як васият карда рафтӣ, Ленин! Одамон аз минбари маҷлисҳо суханонатро мегӯянду амалӣ намегардонанд. Дареғо, ки нохалафҳо барои мансабу манфиати худ на фақат ҳизби туро бадном мекунанд, балки оянда, агар кор бо ҳамин минвол идома ёбад, бешак, онро ба вартаи ҳалокат меандозанд... НКВД хонаи китобҳоро сӯзонд. На танҳо равшанфикрон, балки баъзе шахсони тамом бесаводро ҳам (агар китоби арабихат дошта бошанд) ба ҳар баҳонаву бӯҳтон чун душманони халқ ба зиндон мекашанд. Магар ту ба ҳизбат фармудаӣ, ки ба мероси ниёгон ҳамин хел муносибатро раво бинад? Эҳ, Ленин, Ленин! Зинда шаву чораи ин ҳама ҳамоқатро бубин, Ленин!»

Мардум Пошохоҷаро рӯ ба рӯи ҳайкали Ленин дида, хитобашро ба ӯ шунида, баъзан ба идораи ақлу ҳушаш шубҳа доштанд. «Афсӯс, Пошои бечора аз ақлу ҳуш бегона шудааст» мегуфтанд гоҳе сабукфикрон. Пас аз чанд рӯз ӯро дар бари ҳайкали Сталин медиданд. Худро чун девонамизоҷе вонамуда, ба нигоҳи раҳгузарон эътибор надода, зери лаб пичиррос мезад: «Падари мӯътабари халқҳо, давомдиҳандаи содиқи кори Ленин, рафиқ Сталин! Наход ту бехабарӣ, ки ҷаллодони НКВД, ин забардастони зердастозор аксари корҳои ифлоси худро дар паноҳи номи ту ба ҷо меоранд. Агар дучори нобарорӣ шаванд, ба хонаи бегуноҳон бо зӯрӣ медароянду

тӯҳмат мезананд: «Чаро дар шаъни Сталин носазо гуфтӣ? Бо ҳамин ту дар ҳисоби душмани халқ ҳастӣ!» Эҳ, падари аз ҳоли фарзандон бехабар! Ту фориғболӣ, ё туро мефиребанд? Ку меҳру шафқат, ку инсофу адолат?»

Баъде ки китобҳоро сӯзонданд, Пошохоҷа дигар хомӯширо авло надонист. Вай дар шумори рӯҳониёни мӯҳмалабоф намеомад. Барои ҳимояи озодии виҷдон ва ҳуқуқи инсонии худ ба идораҳои адлия эътирознома менавишт. Борҳо масъалаи беадолатиро ба миён мегузошт. Боре дар қабулгоҳи раиси НКВД гуфт: «Тоату ибодат, расму оинҳои диниро кай бе таҳлука ба ҷо меорем? Пеш дар мактабҳо омӯзиши диниёт ҷорӣ буд, шумо нест кардед. Озодии виҷдон зери по монд. Аз омӯзиши дин мафкураи ҷамъият намекоҳад. Дин ахлоқи ҳамида, муттаҳидӣ, инсонпарварӣ, одаму одамгариро мепарастад. Таърихи динро таърихи башарият мегӯянд...»

Сари ҳар қадам ҳаёти Пошохоҷа зери хатар мемонд. Одамон ҳайрон мешуданд, ки чӣ тавр ӯ дар он ҳама афтударафтҳо сар ба саломат бурда, озодиро аз даст намедиҳад?! Ин марди волохирад дид, ки аксари равшанфикрон, муаллимону муллоҳоро ба ҳабс гирифтанд, рӯзе ба идораи НКВД даромаду ошкоро розашро кушод: «Ба тухми диндорон қирон овардед, ҳамаи дӯстонамро рабудед. Медонам, ки навбат ба ман ҳам мерасад. Бо пои худ омадам, хоҳ бадарға кунед, хоҳ зиндон. Баред, маро ҳам дар ҷумлаи душмани халқ баред, армонатон намемонад. Кушед маро!..

Пошохоҷа панҷ сол рутубати зиндонҳои кишвари дурдасти Сибирро хӯрда, боз ба шаҳраш баргашт. Андаке пеш аз вафоташ қабреро, ки дар он сандуқи китобҳояшро гӯронда буд, кушод. Хушбахтона, китобҳоро осебнадида дарёфт. Азбаски рӯи гӯр ва атрофи онро борҳо бо каҳгил ва гаҷ меандовид, китобҳоро рутубат аз байн набурд...

Баҳори соли 1967 аз яке куҳансолони рӯзгордида Муртазохон Махсум пурсидам, ки дар Конибодом киҳо китобҳои аҷдодиро аз тӯфони фалокатбори он солҳо маҳфуз дошта тавонистанду киҳо не? Пири куҳансол андешамандона яке аз инсонҳои фозили зодгоҳаш Ғулом Нақшбанди Зоҳидро ном

бурд. Мувофиқи шаҳодати ӯ, мардум падару бобоёни Ғулом Нақшбандро низ чун китобдӯсти донишвар мешинохтаанд. Онҳо бо ҳамаи китобшиносону китобхонҳо ва китобфурӯшҳо дӯстию рафоқат доштаанд, то сохти нав тавассути тоҷирон аз Эрону Афғонистон, аз Ҳинду Чин то Арабистон китоб гирифта, китоб медодаанд. Ғулом Нақшбанд китобҳои меросиро дар як хонаи алоҳида нигоҳ дошта, рӯзу шаб ба мутолиа машғул будааст. Аз ин рӯ, ёру дӯстон ӯро «Ғуломи китоб» ҳам меномидаанд. Ҳамин ки маъракаи ҷаҳолат – ҳуҷум ба мошоиху муллою муфтӣ, қозию мударрис, ҳуҷум ба масҷиду мадраса оғоз ёфт, ҳамин ки маърифатпарваронро ба ҳабс гирифтанд, Ғулом Нақшбанд китобҳоро ғундошта, дар куҷое пинҳон карда, гурехтаву ҷон ба саломат бурдааст. Бо чӣ тарзу тариқ пинҳонкорӣ карданашро касе намедонист.

– Биёед, як сари қадам ба хонаашон равем, ҳамсарашон дар қайди ҳаётанд, – гуфт Муртазохон Махсум ва ҳар ду роҳи маҳаллаи Кӯиқозиёнро пеш гирифтем. Пири хушсӯҳбат раҳорaҳ аз кору рӯзгори дӯсти наздики худ ҳикоят меовард: – Ғулом Нақшбанд дар Бухоро таълими мадраса гирифтаанд. Аз соли 1916 қозии Исфара буданд, хонаашон дар Навгилем. Тез-тез ба дидори якдигар мерасидем. Бо қиссахонӣ шабҳоро ба саҳар мебурдем. Аз аввали солҳои сиюм, гӯё пешомади кори худро дарак ёфта мегуфтанд, ки сиёҳие дар дилашон пайдо шуда, роҳи нафаскаширо мегирад. Ин даврае буд, ки дар аксар маҳалҳо тақдири одамони бомаърифатро инқилобиёни чаласавод ҳал мекарданд, замоне буд, ки «атеистҳо» таҳти шиори мубориза ба муқобили дину диёнат шахсони донишманд, муаллимон, уламову удабо, муллоҳо ва дигар фарзандони асили миллатро ба душманӣ баровaрда, ба решаи суннатҳои мардум теша мезаданд. Онҳо ба ҳеҷ касу ҳеҷ чиз ихлосу имон намеоварданд. Аз таъқибашон Ғулом Нақшбанд ҳам амон наёфтанд.

– Чанд сол азоби зиндон кашиданд?

– Панҷ сари сол.

– Баъзеҳо аз бист сол ҳам зиёдтар дар ҳабсхонаҳо нишастанд.

– Ғулом Нақшбанд гуноҳе надоштанд. Аз тамоми фаъолия-

ташон ҷурме наёфтанд, ба ҷуз ин, ки имоматии масҷидро ба ҷо меоварданд. Аз соли 1940, баъди озодӣ аз ҳабс ҳафт сол дар ноҳияи Бегободи Ӯзбекистон ба боғбонӣ шуғл доштанд. Сонӣ боз ба Конибодом бозгаштанд, то соли 1960 дар гузари Ҳавзи Баланд дар масҷиди Собир Понсад (ҳоло онро «масҷиди Савр» меноманд) имоматӣ мекарданд. Пошохоҷа вазифаи ҷонишинии он касро ба ҷо меоварданд. Бо сӯфӣ Ҳасанхон ҳар се хизмати аҳли тақворо анҷом медоданд...

Дар замонҳои пеш аз инқилоби Октябр дар гузарҳои Конибодом бештар аз сад масҷид ва чаҳор мадраса хидмат мерасонд (Ҳар мадраса замини вақф дошт, ҳосили онро барои зарурати мадраса, масҷиду хонақоҳ ва ободии мазорҳо истифода мебурданд, вақфҳо ягон навъи андоз намедоданд). Бо гузашти айём борҳо масҷидҳоро мекушоданду боз аз нав мебастанд. Чунончи, масҷиди Собир Понсадро соли 1943 дубора кушода, соли 1960 боз ба дараш қуфл заданд. Аксари масҷидҳоро ба анборхонаву партовгоҳ табдил дода, валангор сохта, вассаю болор ва сутуну шоҳтирашонро ба яғмо мебурданд. Танҳо чанде аз онҳо аз дасти бедодиҳо эмин монд.

Муртазохон Махсум, ки яке аз аввалин муаллимони шаҳр аст, баъди муддате таваққуф суханашро идома дод:

– Ёд дорам, ки рӯзи бастани масҷиди Собир Понсад домулло Ғулом Нақшбанд дар ҳалқаи ҳаммаслакони худ Пошохоҷа, Абдулфаттоҳ Махсум, Сӯфӣ Ҳасанхон ва дигарон ба ҳозирон маъюсу малулона мегуфтанд: «Бародарони азиз, имрӯз ҳизбу ҳукумат қарор бароварданд, ки масҷидро бандем. «Ҳукми подшоҳ воҷиб» гуфтаанд. Хоҳишмандам минбаъд ҳар кас дар хонаи худ намоз гузорад. Чизу чораи масҷидро ба хонаи ятимон месупорем».

Тақводорон норизоёна хона ба хона рафтанд.

Он вақтҳо ба биноҳои масҷиду мадраса ва мазорҳо пардаи хурофот пӯшонда, онҳоро на ёдгории таърихи халқ, нишонаи фарҳанги ниёгон, меъморон, намунаи ҳунарҳои наққошиву рассомӣ, кандакорӣ ва қасрсозӣ, балки чун зуҳуроту боқимондаи урфу одатҳои кӯҳнаи феодалӣ мепиндоштанд ва бераҳмона ба хароба табдил медоданд. Вале аз бастани масҷиду мадраса касе аз эътиқодаш намегашт.

Ман боз суол додам:

– Ғулом Нақшбанд забони арабиро медонистанд?

– Бале, забони Қуръони маҷидро хеле хуб медонистанд, – изҳор намуд мусоҳибам. – Ногуфта намонад, ки он кас бо Садриддин Айнӣ шарикдарсанд. Устод Айнӣ ҳар гоҳ ба вилояти мо оянд, ҳатман ба хонаи Ғулом Нақшбанд ташриф меоварданд. Ғулом Нақшбанд на танҳо арбоби дин, балки шахсе буданд ҷуғрофиядон, таърихшинос, фиросатфаҳм ва донишманди расму оини мардумӣ. Хосса фиросатро атои нақшбанди азал медонистанд. Дар китобмонакашон сари ҳар чанд вақт ғайр аз Қуръону Инҷил боз «Қиссас-ул-анбиё» барин китобҳоро медидем. Чунин як пандашонро ёд дорам, ки аксаран ба муаллимон мегуфтанд: «Бародарҳо, фаромӯш накунед, ки дину дониш ҷудоинопазиранд, яке бе ҳастии дигаре вуҷуд надорад.Ҳар ду ҳам дар тарбияи ахлоқӣ ва одоби низом саҳмгиранд». Хато намешавад, агар бигӯям, ки Конибодом мисл Ғулом Нақшбанд шахсияти наҷибу диншиноси фарзонаро надидааст ҳанӯз. Домулло ба силсилаи нақшбандия, ки дар суфия маъруф аст, сахт эътиқод меварзиданд. Лақабашон Нақшбанд аз ҳамин ҷо ибтидо мегирад. Ҳаштоду ҳафт сол умр диданд.

Дари Ғулом Нақшбандро ба рӯи мо писархондаш Низомиддин кушод. Рӯи кати ҳавлӣ бо ҳамсари марҳум сӯҳбат оростем.

– Серкитобу пурмутолиа буданд, аз якчанд харсандуқи китоб истифода мебурданд, – ба пурсишам посух дод пиразани нуронӣ. – Ҳамон солҳо китобҳояшонро дар мағзи девору паси таҳмонҳо мегузоштанд. Баъде ки замонаҳо каме осуд, боз онҳоро як-як баровarda, аз чангу гард тоза карда, умри дубора доданд. Чанд вақт пеш аз вафот он китобҳои табаррукро ба ёру дӯстонашон доданд, боқиашро бо номнавишт васият карданд, ки баъди сарашон ба фалониву беҳмадониҳо супорем. Мо васиташонро ба ҷо овардем. Якчанд охирин китобашонро ходимони кадом як муассисаи тадқиқотӣ бурданд.

Пиразан аз тақдири сармояи пири хонавода дигар ҳарфе назад. Пас як сурати Ғулом Нақшбандро ба ёдгор гирифта, бо аҳли хонадон хайрбод гуфтем.

– Боз кадом китобхонадоронро медонед? – пурсидам дар бозгашт аз Муртазохон Махсум.

– Дар ҳар маҳалла чандин китобдӯсти таҳсилдидаи мадраса хизмати ташнагони маърифатро ба ҷо меовард, – қомуси таърихро варақ мезад ӯ. – Масалан, Исматуллохони Махсум дар ҳавлияш мактаб ва китобхона дошт. Садҳо нафар равшанфикрон аз он кас таълим гирифта, хату савод баровар-данд. Аз китобхонадорони машҳури шаҳр Солеҳбои Сӯфӣ, Қорӣ Зоҳид, Ҷамолиддини Махсум, Тоҳири Ёрмуҳаммадзода (бародари Комил Ёрматов), Мирсиддиқ, Мулло Бароти Турсун, Қорӣ Насиб, Абдухалилхони Эшон ва бисёр дигаронро медонам, ки гирифтори таъқибот шуда, нисфи умрашон дар бадарғаю гурезогурез гузашт. «Гуноҳ»-ашон ин буд, ки дар мадраса сабақ гирифта, китоби кӯҳнахат мехонданд.

– Равони он покмардон шод бод! Агар мисли онҳо маърифатпарварон намедоштем, билкул аз мероси бебаҳои аҷдоди худ маҳрум мемондем. Ба шарофати онҳо як қисм китобҳои аҷдодӣ то ба имрӯз расиданд. Дар Душанбе бародаре дорам, ки ними умрашро бо китобхарӣ гузаронда, ба аксари шаҳрҳои қадимаи Осиёи Миёна сафар кардааст. Ба ӯ куҳансолони Истаравшан бо дарду алам гуфтаанд, ки ҳамон солҳо аҳли илму фазли шаҳрро, ки қувваи пешбарандаи донишу маданият буданд, бо айби он, ки диндор ҳастанду дар хонаашон китобҳои арабиҳуруфро нигоҳ медоштанду мутолиа мекарданд, маҳкум намуда, ба ҷойҳои дурдасти равунабиёи мамлакат фиристоданд. Тасаввур кунед, магар ҳамаи муллою эшон, қозию мударрисон ва аҳли илму фазл дар ҷумлаи душманон ҳисоб меёфтанд? Аксари он ашхоси бомаърифат зуҳуроти фарорасии инқилобро аз омади вазъияти замон медонистанд. Дар дил орзуҳои зиёде доштанд, ба халқу ватан хизмати шоиста кардан мехостанд. Магар хонаи аҳли савод бекитоб мешавад? Дар дошҳои бузурги хиштпазии Тали Муғи Истаравшан шаш моҳи тамом бо сӯхтани китоб хишт пухтаанд. Дар ҳар шабонарӯз аз 95 ҳазор то 350 ҳазор дона хишти хомро бо оташи китоб аз кӯраҳо баровардаанд. Ба атрофи кӯҳ-кӯҳ китобҳои аз ҳар хонадон гирдоварда ва ба сари дошҳо одамони мусаллаҳро посбон мегузоштаанд, ки китобҳоро то охир сӯзонанд...

– Эй, лаънати дунё бод ба он кӯрдилон!
– Воқиан, тақдири китобҳои худатон ба чӣ анҷомид?
– Ҳамаашро аз балои тӯфонҳо нигоҳ доштам. Онҳо ёдгории мананд ба писари ховаршиносам Саъдихон.

Он рӯз Муртазохон Махсум оҳ аз ҷигар кашида, ҳикоя кард, ки чӣ сон зимоми мулкдорӣ дар дасти ҷоҳилон буд, чӣ сон нокасони ҳаромкор барои мансабу мартаба узви ҳизб шуда, худро бехудо эълон карда, аз ҳама гуна маънавиёти мардум рӯй метофтанд. Ба ҷои он ки зоҳидони риёкор, шахсони гумроҳ ва хурофотпарастони ақидаашон иртиҷоиро ёфта, ба муқобили гумроҳиҳои динӣ мубориза баранд, ба ҷои танқиди илмии дин баръакс диндорони босаводу фозилро таҳдиду таҳқир ва ҳатто нобуд месохтанд. Ин тазйиқу фишороварихо ба ҷуз нақш бар об кашидан самаре намебахшид, дили мардумро аз корҳои неку шариф сард нагардонд, балки нисбат ба ҳизбу ҳукумат бадбиние ба вуҷуд овард. Маҳви китобҳои кӯҳна як навъ усули ҷоҳилонаи кор бо диндорон буд, ки ба иззати нафси эшон сахт мерасид. Охир, дар китобҳои муқаддаси Қуръон ва Таврот ҳар калимаву ибораи хирадмандона як хел маънӣ дорад: дуздӣ макун, ҳаром махӯр, мазҳаб мафурӯш, дасти дармонда бигир, ҳурмати волидайнро ба ҷо биёр! Китобҳои муқаддас ҳамеша мардумро новобаста ба ирқу нажодашон ба муҳаббату садоқат, бародарию рафоқату ҳамдигарфаҳмӣ мехонанд. Фарзанди фарзонаи ҳамин шаҳр Ӯктами Холиқназар дар эссеи худ « Дар сӯгвории қалъаи Маҳрам» он манзараҳои набард бо дунёи куҳанро хеле муассир тасвир карда, аз ҷумла нигоштааст: «Ва дар зимни ҳамаи ин набарде сахт алайҳи китоб сурат гирифта ва ҳар он чӣ, ки бо ҳуруфи ниёгонамон ба чашмашон мехӯрд, сарфи назар аз он ки он китоби динист ва ё девони Хоҷаи Шероз, тӯъмаи оташ мегардонданд. Ва агар ин ҳатто динӣ буд, оё чунин муносибат ба китоб раво бошад?.. Қуръон, Ҳафтяк, «Чаҳор китоб»... Оё дар ягон сатри онҳо ҳарфе алайҳи мардумон метавонед пайдо кунед? Ва оё дар ягоне аз онҳо дуздӣ, одамкушӣ, одамхӯрӣ, фиребгарӣ, қаллобӣ, мардумозорӣ ва дигар ба ин монанд хислатҳои бади одамиён ситуда шудаанд? Гирем «Чаҳор китоб»-ро, ки ба қалами мӯъҷизаосои Фаридаддини

Аттор ва дигарон мутааллиқ аст ва аз хонданаш баҳри дили кас кушода мешавад, чаро ки ҳар сухани он хонандаро ба роҳи рост ҳидоят мекунад».

Ҳеҷ қабоҳате бадтар аз нобудсозии китоб нест. Хонаи бекитоб мисли рӯзи беофтоб аст. Ҳар як соҳибдил ҳатман бо китоб сарукор дорад. Бе китобу омӯзгор ҳама гуна доруии маънавӣ ва ахлоқу одоби ҷомиа футур меравад. Банӣ-одам дар рӯи Замин ҳафт чизи муқаддасро чун манбаъ, моя ва равнақи зиндагӣ шинохтаанд, ки қонуни байналмилалӣ маҳви онҳоро қатъиян манъ мекунад: куштори модару кӯдак, омӯзгору олим, адибу табиб ва нобуд сохтани китоб. Дареғо, ки пастфитратони сипеҳри ғосиб таи беш аз ним аср ҳамин қонуни мамнӯъро низ поймол карда, дар оинаи дили наслҳо, чун нақш дар санг, доғҳои носитурданӣ гузоштанд.

Нобудсозии китоб аз ҷодаи фарҳанг боздоштани халқ аст. Онҳое, ки ба ин амали нораво роҳ дода, халқро ба гумроҳӣ бурданд, хиёнате карданд, ки аз хотирҳо абадуддаҳр намеравад.

Алғараз, мардуми тоҷик солҳои сол дар ғафлат монданд, аз озодӣ ва файзи демократӣ бархурдор набуданд, дар иҷрои маросимҳои машрабию мазҳабӣ таҳти фишор қарор доштанд, қариб буд, ки расмулхати ниёгонро аз ёд бубаранд. Чӣ хуш аст, ки кунун мо боз ҳуруфи ниёгонро меомӯзем. Аз мӯъҷизаи ақлу шуури адибону олимон – аз китобҳои пурбаҳои бостонӣ, ки фикру ақида ва ҷаҳонбинии инсонро тағйир медиҳанд, баҳра мебардорем.

Фанонопазир бод адолати замона!

## ИЗДИЁД

– Ҳа, ҳамсоя, ба куҷо?

– Ба майдони Машҳад. Молҳои мусодираи давлатмандонро ба фурӯш мебаровардаанд. Ҳафтаи гузашта ҳам баровардa буданд.

– Ягон чиз хариданиед?

– Як чиз, ним чиз лозим. Биёед, ҳамроҳ равем.

– Наметавонам.

– Не нагӯед. Чизе нахарем ҳам, тамошо карда меоем.

Ин дам аз кӯча чаҳор аробаи қӯқандӣ гузашта, сӯи майдони Машҳад мерафт. Ин аробаҳо пур аз бизоати «унсурони бегона» буданд. Молу маноли бадарғашудагонро ба маҳалҳои серодам, ба майдону бозор бурда, ба тариқи музояда мефурӯхтанд. Чӣ ғавғое дошт ин савдо. Харидори бисёре гирд меомад. Ҷорчӣ бо овози баланд мегуфт:

– Мана ин гилеми тозаи пашмин. Сеяки нархаш панҷоҳ сӯм. Канӣ, кӣ зиёд? Ҳар кас баландтар нарх монад, гилем аз вай.

Ин гапро се бор такрор мекарданд, касе нархро наафзояд, зангӯла мезаданду бо ҳамон нарх мефурӯхтанд.

Баҳои ашёи пурарзиш ҳатман боло мебаромад. Фурӯшгор ба ангуштарин ё ҳалқаи заррин нарх монда, ба ҳозирин пешкаш мекард:

– Чанди ману чанди ту?

Яке мегуфт:

– Бисти ману бисти ту.

Дигаре илова мекард:

– Сии ману сии ту.

Ва ҳамин тариқ яке аз дигаре нархро афзуда, ба ҳадд мерасонд.

Дар байни издиҳом касоне ҳам буданд, ки ба он ҳама колои мухталиф назаре меандохтанд, аммо аз харидан худдорӣ мекарданд, зеро аз моли мусодира ҳазар доштанд.

– Э, мон, ин гилемро намехарем, – мегуфт шахсе, – моле, ки ба соҳибаш насиб накард, ба мо чӣ вафо кунад!

– Ҳақ асту рост, – сухани ӯро қувват медод дигаре. – Ман соҳиби ҳо ана он мошини чокдӯзиро медонам. Ҳалол кор карда, андак бизоатдор шуд, ки ба сараш ин шӯру шар омад...

– Рафтем аз ин ҷо! Бечораи бечиз бошем ҳам, ин хел молҳо барои мо ҳаром, чунки аз соҳибаш ҷабран гирифтаанд, – таъкид мекарданд занҳо.

Ҳар як чойнику пиёла, косаю табақи чинӣ, ҳар як дегу самовор, сандуқу лаганду офтоба ва дигар зарфиёти мисина, деги манту, шолу гилем, кӯрпаю болин, рӯмолу сӯзанӣ ва дигар асбобу анҷоми бадарғашудагонро бо усули «Кӣ зиёд?» пул

мекарданд. Пас, таҳти назорати ҳайати кумитаи фирқавии шаҳр маблағи моли мусодираро ба ҳисоби давлат мегузарониданд. Гоҳе «абҷаддонҳои моҳир» ин қабил пулҳоро ноаён байни худ обу лой ҳам мекарданд.

Киҳо буданд соҳибони он ҳама анвои колою ашё? Бо амри кӣ чизҳои хонадони одамони миёнаҳолу нодор мусодира ва бозори фурӯшашон гарм мешуд? Синаи киҳо ҳадафи тири беадолатӣ мегашт?

Солҳои сиюми садаи бист бо мақсади мубоиза ба муқобили ағниё – дороён, ба истилоҳ кулакҳо (муфтхӯрон) дар назди Шӯрои қишлоқҳо бо номи «сегона» (манзур «тройка») ҳайатҳо таъсис карда буданд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва шаҳодати куҳансолон, дар Конибодом бо сарварии раиси НКВД-и шаҳр Шавлов шахсони зерин узви ин ҳайатҳо буданд: Аъзам Носир, Абувалӣ Юсуф, Салим Ботур (Кали Салим), Нормати Содиқ, Пӯлод Мадёр, Сайфиддини Шарофиддин, Аҳмад Боймат, Мирзочервон, Юлдош Ҳасан, Ҳисом Тоҳир, Деҳқони Авазмат ва боз чанде дигарон. Ин афроди «кафили давлат» ҳар рӯз дар ҳар гузару маҳал маҷлис гузаронда, нодору дороро «муайян» мекарданд. Ба ҳар даре, ки онҳо сар халонанд, ба ҳар остоне, ки пою қадамашон расад, аз он ҷо дуди оҳу фиғон ва гиряю нолаи модарону кӯдакони маъсум ва пирони барҷомонда ба фалак мепечид. Бо амри онҳо бегуноҳ гунаҳгор, дӯст душман, нодор доро ба рӯйхат медаромад ва молу мулкаш мусодираю худаш бадарға мешуд.

Ба фармони чунин ашхос, бо иғвою дасисаи чанд мансабпарасту ҷоҳталош дар Конибодом беш аз панҷ сол молу маноли мусодираро савдои музояда мекарданд, бархе касон зери ниқоби «намояндаи сегона» аз давлати дигарон сарват мeғундоштанд. Саранҷом бунёди бисёр хонадон футур рафта, қашшоқие пеш омад, ки раият ба рафъи он чандин даҳсола заҳмати миёншикан кашид. Саркардагони ин ҷиноят шояд ғофил аз чунин андеша буданд:

*Шоҳе, ки бар раи(й)яти худ мекунад ситам,*
*Масте бувад, ки мехӯрад аз рони худ кабоб.*

Сари соли 1930 дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ мубориза оғоз ёфт ба муқобили бою кулакҳо. Ба мақомоти ҳокимияти

ҳамаи маҳалҳо ҳуқуқ доданд, ки дар муборизаи зидди давлатмандон то мусодираи молу мулкашон ва бадарға кардани онҳо тамоми чораҳоро бинанд. Давлати ҷавони шӯравӣ сиёсати ҳамчун синф барҳам додани кулакҳоро пеш гирифта, соҳибони мулкро ба тавре маъмурӣ аз ҳудуди ноҳия бадарға ва ҳайвоноти корию асбоби деҳқониашонро мусодира карда, заминашонро дар навбати аввал ба чоряккорон, баъд ба мардикорон, сипас ба деҳқонони камзамин медод. Як қисми замин дар ихтиёри давлат мемонд.

Ин маъракa дар Тоҷикистон низ бо каҷравию тазйиқу таҳдидҳои сахт оғоз ёфт. Ҳангоми бадарға кардани одамони ба истилоҳ «бой» хатоҳои афвнопазир роҳ ёфтанд. Баъзе бадсириштони тасодуфан ба мансаб расида тақдири шахсони бегуноҳро ба осонӣ ҳал мекарданд. Аз рӯи кинаву хусумати шахсӣ барои кадом як гуноҳи гузашта қасос мегирифтанд. Агар касе ҷувозхона дошта бошад, «зовуди равған дорад» мегуфтанд. Агар косиби миёнаҳол бошад, бо баҳонаи «коргоҳи кироя дорад» молу мулкашро мусодира мекарданд. Дар ҳаққи читгарон ё собунгарон мегуфтанд: «Корхонаи бофандагиаш ҳаст, дастгоҳи собунгарӣ дорад, ҷазояшро додан даркор». Хуллас, бо ҳар баҳона ба дафтари тақдири аҳли заҳмат мӯҳри сиёҳ мезаданд.

Дар Конибодом, ки сокинонаш аз қадим асосан ба кишоварзӣ ва ҳунармандӣ шуғл доштанд, ба сари одамон кулфати гарон омад. Дар яке аз рӯзҳои моҳи августи соли 1931 аъзоёни 174 оилаи кулакшударо зӯран ба истгоҳи роҳи оҳан оварда, чанд ҳафта зери офтоби сӯзон дар хаймаҳо нигоҳ доштанд. Аҳли байти деҳқону ҳунармандон, пирсолон, занон, наврасон, кӯдакони навзод аз хонаву манзили бобоӣ маҳрум шуда, дар гармои майнагудоз азоби алим мекашиданд. Ҳеҷ кас тарки зодгоҳи аҷдодӣ, тарки хонаву манзил кардан намехост, аз боғу роғи ниёӣ дил канда наметавонист. Аз чашми пиру ҷавон ашки талхи мусибат мерехт. Пас онҳоро дар вагонҳо ба шимоли Кафқоз фиристоданд.

Баъдан ин амали нораво боз давом кард. Соли 1932-юм 64 нафар, соли 1933-юм боз 135 деҳқони миёнҳол ва камбағалро ба рӯйхати сиёҳ дохил карданд.Барзгароне, ки дар бисоти худ як ё ду таноб замин, ду-се гӯсфанд, аспу барзагов, ё хонаи на-

заррасе доштанд, кулак шуданд. Кишоварзеро, ки нони серӣ нахӯрдаю либоси тоза напӯшида, бо каланду зоғнул замини санглохро ҳамвор ва кишт карда, бо кӯзаву чалак об дода, навниҳолонро чун кӯдакони навзод ба воя мерасонд, якбора муфтхӯр ва унсури бегона эълон карданд.

Ҷаҳолат ба дараҷае расид, ки одамони тамоман одию заҳматкаш, чун деҳқони чоряккор Нуриддини Абдураҳмон (аз ҷамоаи Фирӯзоба), муллоҳо Абдулҳамид Эшон, Саидаҳмади Бузургхон (аз ҷамоаи Сарикуй), Ҷумъамуҳаммади Собир (аз ҷамоаи Кӯиқозиён), Мӯъмин Нормат, Усмон Аҳмад (аз Маҳрам), Раҳим Азим, Ҳаким Мирзоаҳмад (аз Қарақчиқум) ва садҳо каси дигарро, ки соҳиби як-ду таноб замин ё ҷуфти гов буданд, ба муфтхурӣ муттаҳам карданд. Дар байни ин «муфтхӯрон» одамоне ҳам роҳ ёфтанд, ки худ аслан хизмат-гори бойҳо буда, чун гаравгон ба бадарға фиристода шуданд ва дар ғарибию бенавоӣ ҷон ба сахтӣ доданд. Дарду ҳасрати онҳо ҳадду ҳисоб надошт. Яке ба дигаре мегуфт: «Хонааш сӯзад касе, ки моро ба мулки бегона фиристода, ломакон ва дарбадар кард. Ин ҷоҳилон тухми тоҷиконро ба ҳар сӯ пош дода, моро аз решаҳои тамаддунамон, аз забони модарию суннатҳои бостонӣ, аз решаҳои амиқи аҷдодиамон кандани-янд. Дар байни қавму миллатҳои ҳамзабон тафриқа андохта, девори чинӣ гузоштан чӣ маънӣ дорад?» Дилсӯхтаи дигаре фикри ӯро қувват медод: «Моро аз хешу ақрабо, аз ҳаммиллатҳоямон ҷудо карда, маҷбуран ба ҷойҳои дур овар-данд. Як рӯз не, як рӯз мардуми ин маҳал ба танг омада, моро пеш мекунанд. Ҳар миллат бояд муқими сарзамини аҷдодии худ бошад, на дар мулки ғайр сарсону овора. Фиғон аз ҷавру ҷафои фалаки каҷрафтор ва нокасони бадкирдор!»

Ибтидои соли 1990 аз мӯйсафеди 83-сола, собиқадори фирқа ва меҳнат Нормати Содиқ, ки аз соли 1926 раиси соз-мони «Камбағалон» ва баъдан аъзои ҳайати «сегона» буд, пурсидем:

– Дар арафаи сохти нав дар Конибодом тахмин чанд нафар сарватманд буданд?

– Агар бойро ба маънои имрӯзааш тасаввур кунем, пас он вақт панҷ-шаш нафар доро буду бас, – гуфт ӯ. – Дар нимаи

дуюми асри XIX, ки Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ забт шуд, дар Конибодом давлатманди пахтаҷаллобе зовуди пунба дошт. Дере нагузашта, боз як пунбазовуд сохтанд. Ин ду корхона дар ҳозира ҷои фабрикаи калобаресӣ ва зовуди пахтатозакунӣ бунёд ёфта буд. Насриддинбой ном давлатманде корхонаи калони пахта дошт. Ман ӯро мешинохтам, марде буд босалобат, азимҷуссаи шофбурут. Соли 1931 ба хориҷа гурехт. Боқӣ ҳама заминдорони хурду миёнаҳол, боғбонон ва чоряккорон мезистанд.

– Бо вуҷуди он ки корхонадору заминдорони калон набуданд, аз ин маҳал бештар одамон бадарға шудаанд?

– Қарор дар марказ интишор меёфту татбиқи он дар маҳалҳо аз рӯи як қолаб ҷорӣ мешуд, – посух дод Нормати Содиқ. – Сониян, ҳар сол барои кулаккунӣ меъёр таъйин мегардид. Ба болои ин, меъёри иловагӣ ҳам муқаррар мешуд. Мисли нақшаи пахтасупорӣ, ки иҷрояш ҳатмист ва агар иҷро шавад, боз супориши илова медоданд, агар онро ба ҷо орем, боз дархости нав меомад. Аъзои ҳайат ҳафтае се-чор маҷлис гузаронда, сари ҳалли муаммои навбатӣ дарди сар мешуданд. Агар супориш иҷро нагардад, худи онҳоро ҷазо дода, ҳатто ба ҷиноят мекашиданд. Бино бар ин, баъзеҳо аз тарси ҷон деҳқонони камбағалу миёнаҳолро низ ба тарафи кулакҳо тела медоданд. Баъзе «хабаркашҳо» бечораеро шаб кулак карда, рӯз ба ӯ мегуфтанд, ки зуд гурезад.

Дар роҳи иҷрои қарорҳо сари ҳар қадам ҳодисаи дардомезу хандахез рух медод. Соли 1933 сокинони ҷамоати Пӯлодон бародарон Юлдошбой ва Муллорозиқи Дадабойро барои он кулак карданд, ки падарашон то инқилоб шолӣ кошта, биринҷ мефурӯхт ва соли 1921 мурда буд. Аҷабо, шоликори бечора чӣ гуноҳ дошт, ки ба ҷои ӯ фарзандаш ҷазо гирифт?

Вакилони «сегона» ва созмони «Камбағалон» дар ҷамоати Фирӯзоба ба ҳавлии Собирабибии Ҳаким ном зане даромаданд, ки падар ва шавҳараш кайҳо мурда буданд. Дар кунҷи ҳавлӣ ду санги осиёб болои ҳам мехобид.

– Ин сангҳо азони кӣ? – пурсиданд онҳо.

– Мероси падарам, – гуфт Собирабибӣ, – он кас то инқилоб осиёбон буданд, аз меросашон ҳамин сангҳо боқӣ монд.

– Канӣ, ба рӯйхат нависед, – ба ҳамроҳонаш фармуд намояндае, – осиёби падар ба духтараш мерос мондааст. Соҳибхона кулак!

Собирабибӣ аз ин бӯҳтони маҳз фиғон бардошт:

– Номардҳо! Аз кӯчаи инсоф гузаштаед, ё не? Ин чӣ тӯҳмат, ки сангро аз осиёб фарқ намекунед? Нодорро ба рӯихати доро даровардa, хонаи чӣ қадр бегуноҳонро сӯзондед...

Чунин буд муносбат ба деҳқону ҳунармандоне, ки аз паси касби аҷдодӣ нон мехӯрданд. Онҳо ба ҳама гуна ҷабру ситам ва дарду алами фишору тазйиқ мардона тоб меоварданд. Зарарҳои азоби руҳонӣ ва ҷисмонӣ аксарашонро пеш аз вақт ба он дунё бурд.

Соли 1933, вақте ки боз 490 касро аз ҳуқуқи иштирок ба интихобот маҳрум ва 135 касро ба кулакӣ маҳкум карданд, косаи тобу тоқати мардум лабрез шуд. Одамон ба идораҳои ҳизбу ҳукумат номаҳои шикояту эътироз навишта, талаб мекарданд, ки пеши роҳи беадолативу ҷинояткорӣ гирифта шавад. Шикваю норизоӣ ва мусибати тӯҳматзадаҳо интиҳо надошт.

Баъзеҳо аз кор дур, бемору ранҷур, маҳкуми маҳбас, боз озод ва ба кори худ барқарор мешуданд. Ҳабдаҳуми саратони (июли) соли 1934 кумиҷроияи Шӯрои шаҳри Конибодом аз рӯи маърӯзаи раиси шӯрои қишлоқ Тоҳир Шокиров ва сардори шӯъбаи сиёсии МТС Шмидт (аз ҷамоаи Қарақчиқум) масъалаи беасос кулак кардани аъзоёни колхоз Бобо Мирзо, Карими Отабой, Исматуллои Неъматулло, Худойдоди Эгамбердӣ, Абдуҷаббори Маҷид, Турон Абдуназар ва Наврӯз Ҳасанро мавриди муҳокима қарор дода, қарори шӯрои қишлоқро дар ҳаққи онҳо ботил ҳисобид. Додситони (прокурор)-и шаҳр Хидиралиевро водор сохтанд, ки ноҳақ маҳкумшудагонро аз ҳабс озод ва ба вазифаи пештараашон барқарор намояд. Баъди ду рӯз додситон ҷабрдидагонро ба озодӣ бароварда, узр пурсид.

Ҳақ камобеш ба ҳақдор расид. Кумиҷроияи шаҳр баъди санҷиши дақиқи ҳуҷҷатҳо 89 касро бегуноҳ ҳисобида, ҳуқуқи 121 нафарро аз нав барқарор кард.

Пленуми кумитаи ҳизбии шаҳр аз сеюми январи соли 1935 масъалаи беҳуқуқӣ ва бадарғаи одамони бегуноҳро васеъ

муҳокима карда, саҳлангорию шитобкорӣ, тӯҳматангезӣ ва саҳву хатоҳои аъзои ҳайати «сегона»-ро ошкор сохт. «Афсӯс, ки хоҷагии камбағалон ва деҳқонони миёнаҳолро ба сафи кулакҳо ҳамроҳ карданд, аммо кулакҳои ҳақиқӣ дар паноҳи роҳбарон эмин монданд» гуфта мешуд дар қарори кумита.

Ҷараёни кулаккунӣ бисёр одамонро ба гирдоби фалокат кашид. Қитъа-қитъа заминҳои деҳқонони кулакшуда рӯ ба харобӣ овард, зардолузору бодомзор ва анҷирзору анорзорон хушкиданд. Одамон аз истифодаи марзҳои «унсурони бегона» рӯ метофтанд, зеро ақидае доштанд, ки чун соҳибонашон норизоянд, ҳосили рӯёндаашон ҳалол намешавад. Басо бесомонию нобарориҳо пеш омад. Дар баъзе музофот (аз соли 1918 то соли 1940) ашхоси нохалаф дарахтони бодому зардолу ва санҷиду биҳиро бурида, ҳезум мекарданду ба ҷояшон ниҳол намешинонданд. Боғҳои сабзу хуррамро қасдан хароб месохтанд, то дар ҷояшон барои худу хешовандонашон манзил созанд. Дили раисони бефарҳанги колхозҳо ба моликияти ҷамъият намесӯхт. Агар гӯянд, ки мактаб ҳезум надорад, раис амр медод, ки ба фалон майдон рафта, ду бех дарахти калони туту зардолуро афтонанду барои эҳтиёҷашон кор фармоянд. Барои тӯйи калоншавандае ҳезум лозим шавад, мефармуданд, ки аз фалон боғ се дарахти зардолую чормағзи «пири беҳосил»-ро бехбур кунанд. Нону оши раис, сардорони бригадаҳо, муҳосиб ва котибони колхоз низ аз ҳисоби ҳезуми боғҳои собиқ «сарватмандон» мепухт. Ҳазорон таноб марзи ҳосилхез бесоҳиб монда, боғу роғи шаҳдбор файзу сафои худро дарбохт. Ин гуна харобкорӣ, ҷоҳилона ва худсарона дарахт буридан, ваҳшиёна маҳв кардани моликияти ҷамъият то солҳои панҷоҳум идома ёфт. Роҳбарони кӯтоҳандеш деҳқононро водор месохтанд, ки дарахтони аҷдодиро решакан карда, ба эҳтиёҷи колхоз кор фармоянд. Асосан ба пахта эътибор медоданд. Дигар ҳамаи соҳаҳои зироат қурбони пахта мегашт. Тирамоҳон садҳо бех туту зардолу тӯъмаи оташи хушконидани пахта мегашт. Дар натиҷа колхозҳо аз ҷиҳати иқтисод торафт камқувват мешуданд.

Баъзе қарорҳои нодурустро аз номи ҳизб ба сари халқ бор мекарданд, ки саранҷом мардумро аз ҳизб дилсард мегардонд.

Ҷамъият ба кӯчаи сарбаста ворид гашт. Таъқиботи оммавӣ, алалхусус аз ҷойҳои анъанавии сукунат ба дигар ҷумҳуриву ноҳияҳо кӯчондани халқҳои том яке аз сабабҳои ҷиддии тезутундии миллӣ шуд. Алҳақ, дар заминаи худсариву боло гирифтани девонсолорӣ ҳаққу ҳуқуқи инсонии сокинони бисёр шаҳру ноҳияҳоро ошкоро поймол мекарданд.

Агар он солҳо деҳқонони асилро бадарға ва молу мулкашонро мусодира накарда, фишор надода, дар макони худашон нигоҳ дошта, дар колхозу совхозҳо кор мефармуданд, ба боғу майдонҳо офат намерасид, сатҳи зиндагӣ бад-ин андоза паст ва чандин бор қиматию қаҳтӣ намешуд.

Мо имрӯз дар ҳаққи кишоварзоне, ки бар ивази хизмати худ дучори ҷабру ситам шуданд, суханони гарм гуфта, номашонро ба некӣ ёд меоварем. Алғараз, он деҳқонони гулдаст соҳибони аслии обу замини ниёгон буданд. Ҳай дареғ, ки бисёре аз эшон аз тири замонаи бедодгар маҷрӯҳу маъюб ва шаҳид шуданд. Ёдашон бахайр, ки боғу майдонҳои серборе аз худ ба имрӯзиён ёдгор мондаанд. Меваҳои шаҳдбори охирин боғоти он азизон ҳоло ҳам коми мардумро ширин мекунанд. Алъон аҳён-аҳён ин дарахтони мусмири куҳан чун ҳайкалҳои бовиқори соҳибонашон дар марзу буми ин музофот боқӣ мондаанд. Боғдорону пахтакорон ҳоло ҳам қитъа-қитъа замини сабзу самарбахшро бо номи собиқ соҳибонашон ба забон мегиранд. Аксар вакт саркорони куҳансол ба ҷавонон мегӯянд: «ба замини Шербой об додед?», ё «замини Тоҷибойи вагончӣ аз об коҳидааст», «ба қитъаи Мулло Файзӣ мошин даромад», ё ки «имсол ҳосили замини Тоҷибойи мисгар фаровон» ва ғайраву ғайруҳу...

Оқибат насими рӯҳбахше дар марзу буми кишоварзон вазид. Он ҳама заминҳои харобшудаи ниёгон, он ҳама хоки гирифтори «беморӣ» боз соҳибони ҳақиқии худро ёфта, рӯ ба беҳбудӣ мероранд. Кишоварзони куҳансоли тоҷик ин дигаргуниҳоро дидаву носозгории он солҳоро ёд оварда, бо афсӯс мегӯянд: «Ҳайфи он деҳқонони асилу ҳайфи заминҳои ҳосилхез! Ҳайфи боғу роғҳои ободон, ки аз дасти хатокориҳо нобуд шуданд! Аз он ҳама ангуру анҷиру биҳӣ шинниюю мураббоҳое мепухтанд, ки дар хушлаззатӣ ҳамто надошт».

Кош акнун он мазлумон зинда мешуданду медиданд, ки чӣ сон набераву аберагонашон касбу кори аҷдодиро идома дода, аз эъҷози замин баҳра мебаранд...

Шомгоҳи баҳори соли 1990 дар меҳмонхонаи яке аз муаллимон ва равшанфикрони конибодомӣ Турсунбой Аҳмадови ҳаштодсола ба сӯҳбати мӯйсафедони дилогоҳе афтодам, ки аз рӯзгори ҷабрдидагони солҳои бистуму сиюм гуфтугӯ доштанд. Онҳо ҳикоят мекарданд, ки киҳо ноҳақ ҷабру ҷафо диданду дар кишварҳои бегона фавтиданд, киҳо кайфу сафо карданд. Сӯҳбати онҳоро шунида, бо мақсади аз воқиаҳои он айём огоҳӣ ёфтан саволе додам:

– Киҳоро бештар «душман» ва кулак мекарданд?

Аз атрофам овози мӯйсафедон паи ҳам боло мешуд:

– Онҳоеро, ки соҳиби саводу ақлу фаҳм буданд, авзои ояндаро пешгӯӣ карда метавонистанд, душмани халқ мекарданд.

– Касоне, ки бизоати назаррас, чинивори пурқимат, гилемҳои гаронбаҳо, хонаҳои вассачӯби пурнақшу нигор ва чорвои бисёр доштанд, ҳатман душман мешуданд.

– Ҳар касе, ки боғу майдони аҷдодӣ ва мулки обод дошт, номаш ба рӯйхати муфтхӯрон меафтод.

– Мардоне, ки зани хушрӯ доштанд, низ гирифтори тӯҳмат мешуданд...

Соҳибхона Аҳмадов ҳам, ки он солҳо бо бӯҳтони нокасон асоратро аз сар гузаронда буд, ба масъала рӯшанӣ андохт:

– Дар давраи маъракаи сохтмони колхозӣ дар Конибодом қариб 600 деҳқони асилро ноҳақ кулак, молу матои онҳоро талаву тороҷ, хонаву ҳавлӣ ва заминашонро мусодира ва худашонро ба кишварҳои дур бадарға карданд, ки аксарашон миёнаҳол ҳам набуданд ва ҳатто нони серӣ надоштанд.

Ман аз ӯ пурсидам:

– Борҳо шунидаам, ки баъзе аъзои «сегона» молу матои ҷабрдидагонро аз худ мекардаанд, оё ин рост аст?

– Сад дар сад рост, – посух дод пирамард. – Ҳатто, ёд дорам, баъзеҳоро ду бор кулак ва молу амволашро мусодира намуда, баъди чанд вақт боз сафед мекарданд. Ин ҳамоқат ва дурӯягиро барои чизу чора ситондан ба кор мебурданд. Ҷабрдидаҳо ҳар рӯз аз кумиҷроияи шӯрои шаҳр, НКВД ва ку-

митаи фирқа баргардондани чизу чора ё товони бисоташонро талаб мекарданд. «Моро ноҳақ кулак кардед, – мегуфтанд онҳо, – дар ин миён андак бизоате, ки доштем, барбод рафт. Ҳамаи дороиямонро ба тариқи издиёд ба савдо заданд. Чизҳои моро ёфта диҳед. Охир, ин чӣ беинсофӣ? Модом ки моро сафед карданду гуноҳе надорем, бояд молу мулкамонро баргардонед!..» Аммо дар чунин вазъияти ногувор ҳукумати шӯравӣ, фирқаи болшевик ба доди туҳматзадаҳо нарасиданд. Аъзои ҳайати «сегона» низ фикри ислоҳи ин беадолатиро надоштанд. Ва гоҳе ба ин масъала бо дили нохоҳам машғул шаванд ҳам, маҳз ба хотири манфиати худ шуғл меварзиданд. Ҳолдонҳо пас аз чанд муддат баъзе чизҳои камёб, аз қабили қолинҳои бадошти қадимӣ ё чинивори хушсифату қиматбаҳои аз хонадони «кулак» рабударо дар хонаи сарварони мулк ва балегӯёни «сегона» дида, ангушти ҳайрат мегазиданд...

Яке аз аъзои «сегона» бо таҳдиди «туро кулак мекунонам» Мулло Собир ном шахсеро тарсонда, гилеми пурқиматашро рабудааст. Аз миён солҳо мегузараду Мулло Собир дар кишвари дурдаст ҷон ба ҷаббор месупорад. Духтари ӯ ҳар гоҳ ба хонаи ҳамсоя дарояд, гилеми хушранги падарашро дида, дарун-дарун месӯзад. Рӯзе байни ҳамсояҳо ҷанҷол мехезаду ҷабрдида таъна мезанад:

– Он гилеми сурхи зебое, ки дар хона доред, моли падари ман аст. Таърихашро медонед? Шавҳаратон бо таҳдиди «кулак мекунонам» падарамро тарсонда, гилемашро гирифтагӣ. Беинсофӣ накарда, моли падарамро баргардонед. Ин қадар солҳо истифода бурдед, бас.

– Сӣ сол гузашту ҳоло ҳам мероси падар меҷӯӣ? – қаҳри соҳибхоназан мехезад. – Падари ҳар дуямон ҳам кайҳо мурдаанд.

– Аммо шоҳидҳо зинда, – мегӯяд духтари Мулло Собир. – Ҳалолу ҳаромро фарқ кунед, ҳамсоя.

– Хуб шилқин будаӣ. Пастӣ накун.

– Худатон пастӣ накунед! Хоҳед, ба ивазаш гилеми дигар медиҳам. Онро на аз рӯи эҳтиёҷ талаб мекунам, вай ягона нишонаи падарам. Нокасон ҳамаашро ба ғорат бурданд. Аз падарам дигар нишонае нест. Шумо маро фаҳмед, хола...

– Рав, шоҳидҳоятро биёр!

Бо шаҳодати пиронсолони ҳолдон гилеми аҷдодӣ баъди сӣ сол боз соҳиби аслии худро ёфтааст.

... Зани ҷафодидаи бекас Холбибӣ Ҷӯраева азизи сокинони маҳаллаи Гумбазӣ буд. Дар ҳавлиаш тани танҳо мезист. Ҳамсояҳо бачаҳояшонро мефиристоданд, ки ба корҳои ӯ мадад расонанд. Аммаи Холбибӣ бо вуҷуди кулфатзада будан дарду ғамҳояшро чандон зоҳир намекард. Табъи шӯху чеҳраи кушода дошт. Ҳамсояҳо баробари бо ӯ дучор омадан ҳолпурсӣ карда, иззаташро ба ҷо меоварданд. Холбибӣ бештар дар бораи вохӯрӣ ва мулоқоташ бо Калинин ифтихормандона сухан меронд.

Ибтидои соли сиву дуюм ин зани ҳақталош аз ҷабру зулми ҳукуматдорони маҳаллӣ ба дод омада, барои шикоят ба Маскав меравад. Дар қабулгоҳи раиси КИМ-и ИҶШС, аъзои Бюрои Сиёсии КМ ВКП (б) Михаил Иванович Калинин чанд рӯз ба навбат истода, охир ба мақсад мерасад. Калинин ӯро пазируфта, зимни сӯҳбат мефармояд, ки шикояташро беибою ошкоро бигӯяд.

– Ман як зани сарсахту бадбахти мусулмонам, – сарнавишташро қисса мекунад Холбибӣ. – Маро беадолатиҳое, ки дар Конибодоми мо ба авҷи аълояш расид, аз ин қадар роҳи дур ба ин ҷо овард.

– Танҳо омадед ё ҳамроҳи касе? – мепурсад Михаил Иванович.

– Ман бекасу танҳоям, – ҷавоб медиҳад зан.

– Шавҳар надоред магар?

– Доштам, бо тӯҳмат кулак карданд.

– Чӣ хел? Дурусттар шарҳ диҳед.

– Шавҳарам деҳқони одии хокпош буд. Ба дашти хушку холӣ хок кашонда, замин кушода, кишт карда, ниҳол шинонда, зиндагиамонро базӯр мегузаронд. Ҳатто пӯшоки казоӣ надошт, дар ҳавои тафсон тани урён обу пору кашонда, боғе сабзонд. Дар бисотамон як гову як хар, ду гӯспанд ва хонае доштем. Ҳамаашро кашида гирифтанду шавҳарамро «муфтхӯр» гӯён бадарға карданд. Наход шумо, роҳбарҳо, чунин фармон диҳед, ки ҳамаи миёнҳолу камбағалонро кулак

карда, чизу чораашонро ситонанд? То кай мазлумонро озор медиҳанд? Шавҳарам ба ин беадолатӣ тоб наоварда, дар бадарға, дар кишвари Ставропол ҷон дод. Ягона духтарамро аз хонаи хеши дурам ба шавҳар баровардам.

– Ҳоло дар куҷо зиндагӣ доред? – мепурсад Калинин.

– Сарпаноҳе надорам, дар байни замину осмонам, – инони гиряро сар медиҳад Холбибӣ. – Хайрият, баъзе ҳамсояҳо ба ҳолам раҳм оварда, ба кулбаашон ҷо доданд. Талаб дорам, ки хонаю боғамро баргардонда, барои ҷиноятащон узр пурсанд. Наход ба як зани муштипар ин қадр зулму ситамро раво доранд?

– Гиря накун, хоҳар, коратро ба зудӣ тафтиш ва гунаҳгоронро ошкор мекунем, – Михаил Иванович ӯро дар меҳмонхона ҷой мекунонад ва дар ин миён ба Тоҷикистон алоқа баста, мефаҳмад, ки ҳақ ба ҷониби ин зан аст.

Амр медиҳанд, ки ба Холбибӣ хонаю боғашро баргардонанд. Зан бо як нусхаи фармоиши Калинин ба зодгоҳаш бармегардад. Пас аз ҳазору як машаққат адолат ба пирӯзӣ мерасад. Аммо акнун шавҳари Холбибӣ набуд, ки ин ҳамаро бубинад. Зани зулмдида ба назди раиси колхози «Коммунист» Ғафур Ортиқов рафта, аламҳои дилашро холӣ мекунад:

– Ҳой Ғафур, ту маро хуб азоб додӣ, ҳавлиамро гирифта, дар ба дар кардӣ. Ман ба рафиқ Калинин, чӣ балоҳое ба сарам овардӣ, як ба як гуфтам. Аз ҳисоби замини кулакҳо ва ман барин бечораҳо хуб хонаю дар ёфтию давр рондӣ-а?! Ту иморатҳои ҳавлии беруну дарунатро бо қувваи кӣ сохтӣ? Бо қувваи муфти колхозчиҳо! Тую хешу ақрабоят дар ҳавлиҳои васею барҳаво зиндагӣ кунеду ман дар ба дар гардам?! Вои ману беинсофии ту! Дидӣ, ҳақиқат будааст. Маҷбур шудӣ, ки ҳавлиамро баргардонӣ. Ҳой, беинсофи худонотарс, ҳавлии дигаронро ҳам ба соҳибонашон баргардон, ки мисли ман ба Москва шикоят набаранд. Дониста бош: молу мулки дигарон ба касе насиб намекунад. Мурданат беҳ, ки мардумозорӣ!

– Беҳуда дуои бад мекунӣ. Бо дуои кӯрмуш борон намеборад, – нимтабассум менамояд Ортиқов.

– Ҳоли андак ист, дуои ҷабрдидаҳо чунон мегирад, ки... – аз аспи ҷаҳл намефуромад зани ситамкашида. – Наход, халқ

меҳнат кунаду ту қаҳрамон шавӣ? Халқ пиёдаю ту аспсаворӣ? Мардуми камбағал аз дасти ту барин милисаю раисҳо хонасалот шуд, ба рӯихати муфтхӯрҳо даромад. Оё худи ту муфтхӯр нестӣ?! Аз ёд набарор, ки дирӯз чоряккори Маҳкамбойбача будӣ!..

Раис чандин бор ба Холбибӣ фаҳмонданӣ мешавад, ки об аз сар лой асту ӯ фармонбардор. Аммо зан ба чунин тақдири бадаш ҳар бор ӯро гунаҳгор медонисту мегуфт: «Агар ба боло фикратро озодона гуфтаю гузаронда натавонӣ, чаро роҳбар шудӣ?» Раис ҳар ҷо бо ӯ рӯ ба рӯ ояд, аз тарси дурfurштӣ ва итобаш маҷбур буд, ки роҳи гурез пеш гирад. Оқибат сарнавишти раис чунин анҷомид, ки давлати пирӣ надид, ба синни панҷоҳ расиду бори реҳлат барбаст.

... Собиқ хуфиякори давлатӣ Иброҳимҷон Маҳкамов бо супориши Ватан дар яке аз кишварҳои хориҷа корнамоиҳо кард. Роҳбарони ҷумҳурӣ аввали солҳои панҷоҳум ӯро пазируфта, дархосташро пурсиданд.

– Бародарам Бобоҷон Маҳкамовро ибтидои солҳои сиюм ноҳақ кулак ва молу мулкашро мусодира карданд, – гуфт Иброҳимҷон ба муншии аввали КМ ҲК(б) Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров. – Агар ҳамон хонаи падариамро бармегардонданд, аз рӯи инсоф мебуд. Аз ҷанг баргашта, чандин бор ба роҳбарони шаҳр муроҷиат кардам, ки хонаамонро диҳанд. Аҳволамро дидаву дониста, гӯш ба карӣ заданд. Ҳоло ҳам ба ман чун ба «авлоди кулак» менигаранд.

– Ҳоло хонаатон дар дасти кӣ? – пурсид Ғафуров.

– Мактабхона шудааст, мактаби ибтидоӣ.

Муншии аввал ба роҳбарияти Конибодом фармуд, ки хонаи падарии Маҳкамовро холӣ карда, ба аҳли аёлаш супоранд. Ба Оминахон Умарова – ҳамсари Иброҳимҷон ҳуҷҷат расид, ки ҳавлии падаршӯяшро соҳибӣ кунад. Роҳбарони ҳукумати маҳаллӣ ба мудири мактаб Исмоил Бобоҷонов фармуданд, ки аз ду як ҳиссаи мактаб, яъне ду синфхона ва нисфи рӯи ҳавлиро ба ҳамсари Маҳкамов супорад. Дар бораи ин тақсимоти ҳавлӣ ба раёсати колхози «Коммунист», ки мактаб дар арозии он воқест, низ ҳуҷҷатнома фиристоданд. Аммо тассуф ва таажҷуб, ки касе амри болоро иҷро намекард. Муди-

ри мактаб гарчи бо Иброҳимҷон Маҳкамов дар як гузар ба камол расида, робитаи ошноӣ ҳам дошт, намехост ними мактабхонаро ба «кулакзодаҳо» баргардонад. Ва корро таъхир дода, рафиқи худро, ки дур аз ёру диёр амри Ватанро ба ҷо меовард, фирефта, баҳонаҳо меовард. Ҳамсари Маҳкамов идора ба идора гашта, дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ аз касе мададе намедид. Ҳасудону нотавонбинҳои лаим пинҳонӣ амал мекарданд. Оқибат дар яке аз рӯзҳои тобистони соли 1955 худи котиби аввали ҳизбии шаҳр Ортуқ Қурбонов ба сари ҳалли тақсими мероси ин хонадон ҳозир шуда, масъаларо ҳаллу фасл кард. Пас аз чаҳоряк аср аҳли байти Маҳкамов боз соҳиби хонаи аҷдодӣ шуданд.

Муқобилону ҳасудон аламашонро дар дил нуҳуфта наметавонистанд. Субҳе Оминахон Умарова бо кӯдаконаш ношто мекард, ки аз дари кӯча ду кас – раиси колхоз Ғафур Ортиқов ва мудири мактаб Исмоил Бобоҷонов ворид шуда, муддате рӯи ҳавлӣ ва хонаро аз назар гузаронданду боз бесалому бекалом баромада рафтанд. Аз қиёфа ва ҷиддияташон ҳувайдо буд, ки аз қарори ҳукумат норизоянд. Пас аз чанд вақт худи Иброҳимҷон Маҳкамов баъди адои супориши Ватан ба зодгоҳаш баргашт. Вай дар қатори дигарон рафиқаш Исмоил Бобоҷоновро низ меҳмон карда, зиёфат дод. Ҳамсараш Оминахон баъди рафтани Исмоил гуфт:

– Ин чӣ коратон? Дар набудани шумо вай ба мо то тавонист муқобилат кард. Пеш ӯ аз полизи мактаб сабзавоту хошок мерӯёнд, акнун, ки ҳавлиамонро баргардонданд, аз фоида маҳрум шуд. Ҳеҷ намехост, ки ҳавлиро диҳад. Аммо шумо ӯро ба кӯрпачаи боло мешинонед...

– Парво накун, занак, – таскин дод шавҳар. – Нашунидаӣ, ки «душманатро ба шакар куш» гуфтаанд. Агар номус дорад, ба худ меандешад, ки чаро ба ивази бадиаш некӣ дид? Ба қавлӣ Ҳофиз:

*Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,*
*Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард.*

– Агар чунин мунофиқиро ягон ҷоҳил кунад, дарди бахайр, аммо вай муаллим аст, – қаҳри Оминахон боло мегирифт. – Ман ҳам тарбиятгар, аммо ин хел нокасиро надидаам...

Бозгашти молу мероси падару модар на ба ҳар кас муяссар мегардид. Аз миёни садҳо нафар зарардидагони конибодомӣ Дадахон Олимов, духтари Мулло Собир, Акрам Хидиров, Холбибӣ Ҷӯраева, Иброҳимҷон Маҳкамов, Абдусамад Ҷӯраев ва боз якчанд марду зани матинирода тавонистанд, ки боз ба хонаву манзили аҷдодӣ соҳиб шаванд. Дигар ҷафодидагон аз молу мероси ҷигаргӯшаҳои худ маҳрум гашта, ҳамаи умр азият кашиданд. Баъзеи ба истилоҳ муфтхӯрон пас аз чандин сол аз шимоли Қафқоз ба зодгоҳашон баргаштанд, вале хонаву манзилашонро дар тасарруфи дигарон дида, дар талоши ҳақ хеле машаққат кашида, маҷбур шуданд ба ҷойҳои омадаи худ, ба «ватани дуюмашон» бозгарданд.

Ба моли ҳалоли мардум даст дароз кардан хиёнатест авфнопазир. Молу амволи ҳар кас, ночиз ҳам бошад, барои худаш азиз аст. «Моли мӯъмин – хуни мӯъмин» гуфтаанд. Яъне, агар фаразан садамае рух диҳаду аз ҷисми кас хун барояд, андак ҳам бошад, алам мекунад. Дардо, ки он солҳо ҷӯй-ҷӯй хуну оби дидаи аҳли байти тоҷикон рехт ва ба селоби беадолатӣ омехт.

– Ин ҷиноятро таърих нахоҳад бахшид! – чунин буд хулосаи мӯсафедоне, ки он рӯз мусоҳибашон будам.

## ЧОҲКАН – ЗЕРИ ЧОҲ

Солҳои сиюм Аъзам Носир ном шахсе дар Конибодом раиси ҷамоаи Роҳи Нав буд. Азбаски берабтона сарулибос мепӯшид, мардум ба исмаш лафзи «чиркин»-ро часпонда, ӯро Аъзам-чиркин меномиданд. Вай узви «тройка» (ҳайати «сегона»)буд. Бо шаҳодати ӯ одамони миёнаҳол, деҳқонони асил ноҳак кулак, молу мулкашон мусодира ва аҳли байташон бехонумон мешуданд.

Бо саъю кӯшиши Аъзам-чиркин имоми масҷиди Шаҳидқараянтоқ мулло Бароти Турсунро, ки соҳибсаводи мадрасахонда буд, чун унсури бегона бадарға карданӣ шудаанд. Мулло Барот аз ин қасд огоҳӣ ёфта, чору ночор омодаи фирор гашт. Ҷомадони сафариро тайёр карда, ба гӯшае гузошт ва ба ҳамсараш гуфт:

– Мебинӣ, чӣ хел ҳар рӯз одамони бегуноҳро ба ҳабс мегиранд. Адлу инсоф намонд. Аз ҳар сӯ бӯи бӯҳтону хунрезӣ меояд. Ту худатро мард гир! Акнун ту сарвари хонадон. Ҳар касе, ки маро пурсад, гӯй, ки ба Исфара рафтагӣ. Ман муваққатан мераваму фурсати муносиб ёфта, туро ҳам мебарам...

Мулло Барот авзои замон ва пешомади корашро медонист. Шабе ҷаллодтинатон дари ҳавлии ӯро сахт-сахт кӯфтанд. «Маълум: ба бурданам омаданд» гуфт мулло Барот ба ҳамсараш. – Ба кушодани дар шитоб накун. Ман рафтам. Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад». Вай ҳадаҳа ҷомадонашро гирифт ва аз даричаи ақиби ҳавлӣ гурехт. Аз вокзали роҳи оҳан қаторасавор ба Қӯқанд рафта, дар хонаи яке аз шиносҳояш паноҳ бурд. Муддате аз чашми ҳама пинҳон зист. Вале боз ба даст афтод. Соли 1929 ӯро ба ҳабс гирифтанд. Пурсид, ки чӣ гуноҳ дорад? Гуфтанд, ки «бо тиловати сураҳои Қуръон майнаи халқро заҳролуд мекунӣ». Бароти Турсунро, ки дар арафаи инқилоби Октябр мадрасаи Бухороро хатм карда буд, бо гуноҳи зиёнкор ба ҳабсхонаи Тошканд бурданд. Дафтари аъмолашро санҷида, ба ҷуз диндориаш дигар «гуноҳ» наёфтанд. Ӯро аз ҳуқуқи дар зодгоҳаш зистан маҳрум карда, барои хизмати маҷбурӣ ба Бегобод фиристоданд. Дар колхози навташкил обронӣ мекард. Шукрона дошт, ки дар озодист. Вале ҳар як қадамаш аз тарафи чокарони «сегона»-и ОГПУ (гурӯҳи оперативии управленияи сиёсӣ) дар Осиёи Миёна таҳти назорати сахт буд. Соли 1931 ба ӯ иҷоза доданд, ки оилаашро ба Бегобод оварад. Дар ин се соли азобу машаққат занаш Ҳоҷарбибӣ фавтид. Мулло Барот баъди ду соли адои бадарға боз оилаашро ба Конибодом кӯчонд. Дар зодгоҳаш вазъият тағйир наёфта, балки боз ҳам тезу тунд шуда, кину хусумат бештар авҷ мегирифт. Рӯзе дар бозор бо Аъзам-чиркин рӯ ба рӯ омад, ки дар ҳалқаи фармонбардорони «сегона» ҳайбату салобате дошт. Аъзам ба ӯ теғ кашида нигарист:

– Аҷабо, охирин унсури бегона тамом нашуда, аввалинашро боз дар озодӣ мебинам...

– Чоҳканро чоҳ дар пеш! – ғазаб фурӯ нишонд мулло Барот.

Аъзам-чиркин дандонашро ғачарроз занонда, чун гурги гурусна ба тӯъмаи худ менигарист.

Баъдан Бароти Турсун роҳи Душанберо пеш гирифт, то боз муддате аз балою офати замона раҳоӣ ёбад. Вай дар ҳамсоягии дӯсти айёми ҷавониаш Ҷӯра Маҳкам, ки низ аз таъқибгарон гурехта буд, фақирона мезисту шукри тансиҳатӣ дошт. Соли 1935 ба посбонии идораи таъминоти кишоварзӣ ба кор даромад. Ба як тоҷикдухтари намангонӣ хонадор шуд. Хайрият, ду-се сол кораш омад кард. Ба худ мепиндошт, ки дигар хорию зорӣ паси сар шуд ва оромию офият дар пеш аст. Аммо дар пойтахти ҷумҳурӣ низ осоишу фароғат набуд. Мулло Барот маҷбур шуд, ки ба Қӯрғонтеппа кӯч бандад. Дар пахтазори совхоз обронӣ мекард. Чанд сол гузашту шамоли таъқибот гӯё андаке суст шуд. Аҳли байташро ба Қӯрғонтеппа овард. Ҳама якҷоя дар совхоз кор мекарданд. Дар яке аз шабҳои тобистони соли 1939 сиёҳпӯшони НКВД ӯро боз burданд. Ба куҷо? Ин дафъа хаташ аз наздикиҳои шаҳри Самара меомад. Сахтию машаққатҳоро мардона рафъ мекарду дарундарун месӯхт:

*Фарёд аз ин мусибати бисёри умри кам,*
*Ҳар як алам нишонаи чандин ҳазор ғам.*

Баъд ҷанг сар зад. Минҳоҷиддин – нахустписари мулло ба ҳифзи Ватан рафт. Фарзанди «унсури бегона» Ватанро мудофиа мекард. Падар аз маҳбасу писар аз размгоҳ ба якдигар нома навишта, аз ҳоли ҳам воқиф мешуданд.

Мулло Барот панҷ фасли хазонрезро дар ҳабсхона гузаронда, соли 1943 ба озодӣ баромад. Ба хона расид ва дид, ки ҳама паҳну парешон. Дар ин миён падараш фавтида, занаш аз хона рафтааст. Марди ҷонсахти якумр ҷафокаш ва ранҷуру дилшикаста боз аз паси кору бори нав, аз паи ташкили оила шуд. Фарзандонашро ба ҳам оварда, ин дафъа ба Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) кӯчид. Дар зиндагӣ бисёр дарду алам ва зулму ситам дида, синнаш ба ҷое расид.

Мулло Барот акнун баққолӣ мекард. Яке аз рӯзҳои баҳори соли 1947 дар бозор паси дӯкончаи худ ҳамроҳи дӯсти деринаш Ҳакими қассоб сӯҳбат дошт, ки гадое омад. Ранги рӯяш зард, либосаш ӯбада, ришу фаш ногирифта. Мулло бо нигоҳе тарҳи рӯи ӯро шинохт:

– Шумо Аъзам Носир нестед?

– Бале. Ман ҳам шуморо шинохтам: мулло Бароти шаҳидқараянтоқиед.

– Ёфтед... Шамоли тақдир маро ба ин тарафҳо овард. Аммо ба шумо чӣ шуд? О, аз ҳаври дӯғатон шавла мепухт-ку...

– Дар ғоибам Аъзам-чиркин мегуфтанд, акнун номам ба комам мувофиқ афтод, – хориаш омада, инони гиряро сар дод гадо.

– Ҳай,ҳай! Ҳеҷ гумон надоштам, ки ба ин ҳол мерасед.

– Дигар илоҷ намонд, акаи Барот. Ҳабс карданӣ шуданд, ҷонамро ғанимат гирифтаму гурехтам.

– Оббо, рӯзҳои сиёҳи ман ба сари шумо ҳам омадааст-дия. Канӣ, ин ҷо гузашта, ба курсича шинед, сӯҳбат мекунем.

– Мабодо дар ниқоби гадоӣ аз паямон наомада бошед? – ба чашмони ӯ рамузгирона нигарист Ҳакими қассоб.

– Наход ба оби чашмам ҳам бовар накунед?

– Дар ин замонаи бӯқаламун ба ҳеҷ кас бовар намонд. Нобакорон ҳатто фарзандонро зидди падарон хезонданд. Баъзе писарони нохалаф қотили падар шуданд.

Аъзам-чиркин хурҷини алояшро ба як кунҷи дӯконча гузошта, рӯ ба рӯи мулло Бароту Ҳакими қассоб нишаст.

– Ҳоло ҳамин тавр ғайб задам гӯед, – ӯро ба чою нони гарм муроот кард мулло. – Охир, шумо аъзои «сегона» будед-ку, чӣ тавр зин ба пушт шудед? Ҳукматон равою амратон гузаро буд.Аз дами теғатон хун мечакид. Агар ҳамон вақт намегурехтам…

– Дуруст кардед. Сонӣ шуморо хуб кофтанду наёфтанд.

– Ман аввал ба пойтахт омадам, баъд ба Қӯрғонтеппа рафтам. Боз панҷ сол ҳабс карданд. Гуфтанд, ки «динпарастӣ, ба ҷамъият унсури бегонаӣ».Баъди чанд вақт диданд, ки бегуноҳам, боз озод карданд.

– Эҳ, чӣ рӯзҳои наҳсе ба сари мардум омада буд! Хайр, дар ин тарафҳо чӣ гапу кор?

– Ҳоло амонӣ, фардоямонро намедонам, – мулло Барот аз бағалкиса як даста пул баровaрда, ба Аъзам-чиркин дароз кард. – Ин пулро гиреду дигар аз касе садақа напурсед. Ҳозир ба хонаи ман меравем. Хонаам дур не, дар назди истгоҳи роҳи оҳан, дар ҳудуди колхоз. Барои шумо барин мусофирҳо

меҳмонхонае дорам. Рафтем. Сарупои нав медиҳам, ҳаммом дар паҳлуямон. Ин ба ивази ҳу, ҳамон «некиҳо»-ятон.

– Кадом некӣ?

– Худро ба нодонӣ назанеду гуфтаи домуллоро кунед, – вақти дари дӯкончаро бастан маслиҳат дод Ҳакими қассоб. – Мардуми мо мақоле дорад: «Ба падаркуш модаратро деҳ». Ин мулло Бароти мо аз ҳамин қабил машоих.

– Имрӯз ман меҳмондор, – гуфт мулло Барот. – Насиб Ҷамол ном дӯсте дорам, вай ҳам аз дасти ҷоҳилон ба ҳамин тарафҳо гурехта буд.

– Мешиносам, хизматчии роҳи оҳан буданд-а? – пурсид Аъзам-чиркин.

– Бале, вақти гурезогурез дар Регар ҳам роҳиоҳанчӣ шуд. Ҳамин ҳозир ба меҳмонӣ меояд. Рафтем, имшаб сӯҳбат мекунем.

Ҳар се ба роҳ даромаданд.

– Акнун ба гузашта салавот! – гуфт мулло Барот. – Аслан ман аз шумо домангир не, Аъзамҷон. Об аз сар лой буд. Фишору зӯроварӣ, таҳқиру тазйиқу таъқиб корамонро кард. Шумо ҳам, ки савод надоштед, гумроҳ шудед. Шумо баринҳо кам набуданд... Хӯш, ки бошад, ман ягон кори ба худатон муносиб меёбам, не нагуфта кунед, кам намешавед. Шукр, дасту поятон бутун. Яъне ки дар ин иқлим колхозчӣ намерасад. Сидқан ва поквиҷдонона меҳнат мекунед.

– Ҳар коре, ки ба ман муносиб донед, мекунем, – хиҷолатомез ҳарф мезад Аъзам-чиркин.

– Ана ин гапи дигар, нағз кор карда, соҳиби обрӯ мешавед. Дар ин иқлим, худо хоҳад, дигар касе ба мо халал намерасонад. Боқии умрамон ба осоишу оромӣ мегузарад...

Шаб дар ҳавлии мулло Барот самовор ба ҷӯш омаду баъди тановули палав сӯҳбати ҷабрдидаҳо тафсид. Дар гирди дастархон миёни Насиб Ҷамол, Ҷӯра Маҳкам, Ҳакими қассоб, Ҳамидхон Муҳаммадӣ, Исҳоқ Комил, Лутфуллохон Саломзода, Усмон Муҳаммадҷон ва дигар конибодомиҳои фирорӣ аз қисмати талхи қурбониёни солҳои сиюм ва аз тарафи Додгоҳи Олии ҷумҳурӣ сафед карда шудани онҳо сухан мерафт. Ёд меоварданд, ки чӣ тавр нӯкарони мошини суръатгирифтаи

ҷазою таъқибот табақаҳои гуногуни ҷамъиятро аз диққату эътибор дур намекарданд. «Душманони халқ» чун замбӯруғи баъди борони баҳор сари ҳар қадам пайдо мешуданд... Он шаб пирони кулфатзада саҳифаҳои китоби таърихи пурфоҷиаи миллатро варақ мезаданд.

– Ба ҳар ҳол мо хушбахтем, ки аз гирдоби он ҳама фалокатҳо зиндаю саломат берун омадем, – мегуфт мулло Барот, – чӣ қадар бегуноҳон қурбон шуданд. Фарзандони онҳо намедонанд, ки дар куҷо дафн шудаанд...

Аъзам-чиркин, ки ташкилотчии он воқиаҳои мудҳиш буду ҳоло ҳикояти шоҳидонро мешунид, гузаштаҳои нангинашро ёд оварда, ашк мерехт. Замин намекафид, ки дарояд...

Бо гузашти вақт мулло Барот, ки динро аз хурофот ҷудо карда, ба одамон аз покиву покизадилӣ дастур медод, мардумро ба роҳи росту ҳалолкорӣ ташвиқ ва ҳидоят мекард, бо кори хубу номи нек маҳбуби халоиқ гашт.

Соли 1957 назорати динияи мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон ба дархости мулло Бароти Турсун барои сафари Арабистони Суудӣ ризоят дод. Ба ин васила ӯ ба ҳаҷҷи акбар муваффақ гардид. Мардум ӯро бо меҳру ихлос мулло Бароти Ҳоҷӣ меномиданд ва ба файзи дуояш имон меоварданд. Вай 75 фасли ҷавдарави умрро дида, соли 1963 аз олам гузашт. Фарзандон ва наберагонаш бо корҳои шарифу хайрхоҳонаи худ хотири ӯро пос медоранд. Алалхусус нахустписари ӯ Минҳоҷиддин, ки аз размгоҳ бо мукофотҳои ҳукуматӣ баргашта, донишкадаи тибро хатм карда, то ба вазифаи сардухтурии беморхонаҳои рақами 9 ва 3-и шаҳри Душанбе расид.

Мулло Барот ғайр аз сарнавишти Аъзам-чиркин анҷоми кори дигар бадхоҳонро низ бо чашми худ дид. Бедодгариҳои аъзои «сегона» аз касе пинҳон намонд. Баъзеи онҳо чеҳраи инсонии худро гум карда, ба паскӯчаҳои фисқу фуҷур рафтанд. Бархе аз вазифаи худ сӯистеъмол карда, духтарони соҳибҷамоли мардумро зӯран ба никоҳи худ медароварданд, мардҳои зани зебо доштаро «душмани халқ» кунонда, худ аз паи нафси аммора мерафтанд.

Салим Ботур ном узви ҳайати «сегона», ки бо карру фар ва мусаллаҳ мегашт, ба духтарони ноболиғ чашм ало мекард. Ӯ

рӯзе падари духтари гуландомеро ба хилват кашид ва таҳдидомез гуфт:

– Ба нағзӣ духтаратро ба ман медиҳӣ, ё аҷдоду авлодатро кулак кунонда, ба ҷойҳои раву набиё мефиристам!

– Зӯроварӣ накун, Салим, аз поймол кардани номуси фуқаро битарс! – хашмгин гашт падари духтар.

– Ту бо собуни ман ҷомашӯӣ накардай, – аз аспи ғурур намефуромад Салим. – Нашунидай, ки «замона аз зӯру тамошо аз кӯр» гуфтаанд. Даврам омад, давр меронам.

– Охир, ту зан дорӣ-ку!

– Вай безурриёт, дар як зум нест мекунам.

– Афсӯс, ки тақдири моро ба дасти ту баринҳо додаанд, – оҳ кашид он мард. – Лекин дониста бош: бо ин кирдорат ба ҷое намерасӣ.

– Сафсата нахону розӣ шав! Кулак кунонам, ҳаётат месӯзад, – гуфт Салим, ки бо ҳамин усул пеш ҳам ду бор хонадор шуда буд.

Охирҳои солҳои сиюм ба сари худи Салим Ботур ҳам оби сард рехтанд. Чун айбу гуноҳаш дайн шуд, ӯро ба Сибир бадарға карданд. Пас аз он ки аз маҳбусӣ озод шуд, ба шаҳраш баргашт, одамон дигар ба ӯ зан надоданд, хешовандонаш низ аз ӯ рӯ тофтанд. Солиёни дароз азоби сагро кашида, деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр савдогарӣ кард, гоҳ посбони мағоза, гоҳ чойхоначӣ шуд, дар кулбае тани танҳо зист. Охируламр ибтидои солҳои панҷоҳум шабе дар посбонгоҳи иттифоқи матлуботи ноҳия дами вопасин баровард. Касе набуд, ки ба ҳалқаш об чаконаду манаҳашро бандад. Мардум ба гӯронданаш наомаданд.

*Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,*
*Аз рӯи кина кинаю аз рӯи меҳр меҳр.*

Мулло Бароти Турсун тақдири боз як узви ҳайати «сегона» Деҳқони Авазматро, ки аз соли 1934 то соли 1936 раиси шӯрои ҷамоаи Фирӯзоба буд, мисол овард. Азбаски Деҳқон шахси қаддарозе буд, ӯро Деҳқон-лаклак меномиданд. Хуни ноҳақ, ашки талхи ятимону бевазанҳо, дуои бади мӯсафедон ӯро ба вартаи бадбахтӣ бурд. Аҳли байташ ҳама

дар пеши чашми ӯ мурданд. Вай дар фарҷоми умр чун яккамахав монд.

– Носипосӣ ба нону намаки халқ чунин анҷомид, ки бисёре аз аъзои «сегона» дар ҳолати ногувори хорию зорӣ мурданд, – мегуфт Бароти Турсун. – Аксари онҳо, азбаски чаласаводу кундфаҳм буданд, заррае инсоф ва одамгарӣ надоштанд, китоби ростиро чаппа хонда, фалакро палак фаҳмида, чанде давр ронданду ба сари одамон ба ҷуз мусибату кулфат дигар чизе наоварданд. Ин тӯдаи сангдилу бефарҳанг, ин саррофони гавҳарношинос ҳар мӯҳраро аз дурр фарқ карда наметавонистанд. Ҳарчи бештар одамонро ҳабсу бадарға кардан, ба бехи дарахти умри бегуноҳон табар задан ва ба ин восита чархи зиндагии худро гардондан мароду мақсади онҳо буд. Бечиз нест, ки саранҷом онҳо аз таваҷҷӯҳи мардум бенасиб ва радди маърака шуданд.

Халқ масали пухтае дорад: «Чоҳкан – зери чоҳ». Чоплӯсони «сегона», ки барои бегуноҳон чоҳ меканданд, худ ба чоҳи кандаи худ афтоданд. Касе ба қисмати бади онҳо афсӯс нахӯрд. Яке дар ғарибию бенавоӣ гадоӣ карда, қути лоямуте меёфт, дигаре дар чанголи дардмандиву маризӣ азобу азият кашида, бемаҳал аз дорулфано рафт, сеюмӣ умрашро дар маҳбасхонаҳо хазон кард, чаҳорумию панҷумӣ, чун каждуми зери бӯрё, аз чашми халқ пинҳон зиста, барои қасос гирифтан фурсат поида, бо номуродӣ аз дунё рафтанд.

Хотимаи ҳар як зулму бедодӣ ва ҷабру ҷаллодӣ ҳамин тариқ хоҳад анҷомид.

## ПАРАСТУХИСОЛОН

Парасту қосиди баҳор аст, аз расидани фасли гул мужда мерасонад. Ҳамин ки ин мурғи тезпарвоз ояд, рӯҳи аз ҳафтсола то ҳафтодсола меболад. Мардум парастуро парандаи бахосият ва рамзи некӣ меҳисобанд. Бесабаб нест, ки касони нексириштро ба парасту нисбат медиҳанд.

...Субҳи соли бистуми асри гузашта. Миёни нерӯҳои неку бад задухӯрди шадид мерафт. Рӯзе аз хонаи Улуғбибӣ доду фиғони ҷонкоҳе ба фалак печид. Маълум шуд, ки Тоши киса-

бур ном сардори дастаи ғоратгар ҳамсари ӯ посбони бозори шаҳр Фозили милисаро куштаву фирор кардааст аз ҷойи воқеа. Чаҳор фарзанд ятим монданд.

Соли 1924. Улуғбибӣ яке аз аввалинҳо буд, ки фаранҷӣ партофт. Муддате дар интернат ба фаъолият пардохт. Сонӣ аз шӯъбаи милиса хоҳиш кард, ки ӯро ба кор гиранд. Сардори милисахона ҳайрон шуд: охир, ҳанӯз касе аз занҳо дар байни милисаҳо нест. Ба ин зан чӣ хел фаҳмонад, ки дар чунин шароити вазнин милисагарӣ хатар дорад. Оё ба Улуғбибӣ, ки чаҳор фарзанд дораду синнаш ба ҷое расида, ин вазифа муносиб аст?! Зани якрав қатъиян изҳор кард, ки аспронию тирандозӣ аз дасташ меояд ва аз мардҳо камӣ надорад. Сонӣ ду ангушт ба лаб бурду чунон сахт ҳуштак кашид, ки дар як лаҳза аз ҳуҷраҳои дигар милисаҳо ба берун давиданд. Ин чӣ воқиа?

Баъдан, ки ӯро милисаи халқӣ ба кор гирифт, мардум ангушти таҳайюр газиданд, зеро то ҳол занро дар либоси низомӣ надида буданд. Улуғбибии болобаланду шӯхтабиат дар машқҳои аспсаворию тирандозӣ аз мардҳо ақиб намемонд, дере нагузашта, роҳи корро дарёфт. Кам-кам таҷриба меандӯхт ва ҳаёти ҳамарӯза барояш мактаби воқеӣ ба ҳисоб мерафт. Ӯ қотили шавҳараш Тоши кисабурро мешинохт, дар бораи ӯ маълумот меғундошт. Вале он қотили буздил аз чашми мардум пинҳон мегашт.

... Улуғбибӣ бевақтии шаб аз посбонӣ баргашт. Саҳари бармаҳал хеста, ба оташдон алав гиронд, чой ҷӯшонд, ҳамроҳи модари пири бемораш ва духтаронаш ба сари дастархон нишаст. Баъд роҳи коргоҳашро пеш гирифт. Аз тангкӯчае мегузашт, ки шахси ношиносе пасупеш нигариста, дуздона қадам мезад. Улуғбибӣ шубҳаомез ба ӯ чашм дӯхт ва ба тарзи қадаммониаш зеҳн монд. Магар ин ҳамон Тоши ҷаллод нест? Бале, худаш!Лаънатӣ чӣ хел ҷуръат карда, ба шаҳр омадааст? Боз сари киро хӯрдан мехоҳад?

Зан номаълум худро ба паси танаи беди ғафсе гирифт. Чунон моҳирона паноҳ шуд, ки Тоши кисабур пай набурд. Улуғбибӣ аввал андешид, ки ақиб рафта, ба милисаҳо хабар диҳад, аммо дар ин сурат фурсат аз даст мерафт. Тош бозистоду телпакашро ба сари абрӯвон фуроварда, гӯё хавферо бӯй

бурда бошад, ба атроф чашм давонд, сонӣ боз роҳашро давом дод. Улуғбибӣ бо камоли эҳтиёт худро аз паси дарахте ба паси дарахти дигаре мезад. Ба ҳамин минвол онҳо дунболи ҳам мерафтанд. Пас аз он ки Тош калон-калон қадам зад, Улуғбибӣ таппонча аз ғилоф кашиду суръати қадаммониро тезонд.

Дар пешорӯи ӯ қотили шавҳараш қарор дошт. Шавҳараш Фозили милиса марди зӯрманде буд, ки пас аз барқарор гардидани ҳаёти нав дар шимоли Тоҷикистон посбонии бозори Конибодомро ба ӯҳдааш гузоштанд. Дуздону роҳзанҳо бо роҳбарии Тош дар яке аз шомгоҳони камодам ба бозори шаҳр даромада, ба қатли Фозил даст заданд. Табақи дарвозаи бозорро канда, ба болои ҷисми вай гузоштанд ва панҷ-шаш нафар ба рӯи он баромада, марди маъсумро хостанд пачақу маҷақ созанд. Фозил илоҷе ёфту даст аз зери табақи дарвоза баровarda ва аз риши қотил чунон сахт дошт, ки пас аз ҷон доданаш ҳам як чангол риш дар қабзаи ӯ боқӣ монд...

Улуғбибӣ аз дил гузаронид, ки чанд қадами дигар пеш равад у мили таппончаро ба тахтапушти ӯ рост кунад. Вале аз фикраш гашт. Хост ба душмани ғофилмонда рӯ ба рӯ шавад. Бигузор, донад, ки... Улуғбибӣ боз чанд қадам пеш гузошт. Ҳамин ки Тош шарфаи пойро шуниду ӯро дид, якбора пас гашту бо корд ҳамла овард, аммо овози омиронаи зан ӯро боздошт:

– Исто! Мепарронам! Хоҳӣ, ки зинда монӣ, кордро парто!

Зан аз ғазаб дандон соида, таппончаро ба сӯи ӯ рост медошт.

– Аз феълат гард! – гуфт Тош.

– Ту ба ману кӯдаконам раҳм накарда, шавҳарамро куштӣ. Кисабурӣ кам набуд, ки ба одамкушӣ гузаштӣ? Кордро ба замин парто!..

Тош ба фармон итоат накард ва якбора ба зан ҳамла овард. Улуғбибӣ маҷбур шуд, ки тир андозад...

Аз ин шуҷоати вай даҳан ба даҳан овоза рафт. Яке мегуфт: «Улуғбибӣ ҷинояткори хавфнокеро дастгир кардааст, ки милиса дер боз ӯро меҷуст». Дигаре ба илова меовард: «Зан қасоси шавҳари шаҳидашро гирифт охир...»

Одамон ин зани ҷасурро дар либоси милиса дида, ба ҷасораташ офарин мехонданд. Ӯ дар гармою сармо барои

осоиши мардум ҷон ба гарав мемонд. Душманон то лаҳзаи бо ӯ рӯ ба рӯ омадан ба шуҷоаташ бовар надоштанд, танҳо вуқӯи воқиае онҳоро водошт, ки ба ҷасораташ тан диҳанд.

Як вақт Улуғбибӣ посбонии анбори ҷамъияти матлуботро ба ӯҳда дошт. Дар анбор моли бисёр нигаҳдорӣ мегардид. Модар духтари калониаш Фотимаро, ки дар далерӣ аз ӯ монданӣ надошт, ҳамроҳ гирифт. Вай гуфт:

– Фотима, ту пулемёти дастиро тоза кун, ман таппончаро. Ба ҳар ҳол бояд омодагӣ бигирем.

Шаб фаро расид. Моҳи мунир гоҳ дар паси абрҳо пинҳон мешуд, гоҳ чеҳра меафрӯхт. Чаҳор тараф ором. Аз дур гоҳ-гоҳ ак-аки сагҳо ба самъ мерасид. Модару духтар дарвозаи анборро баста, сӯҳбат биоростанд.

Ба ғоратгарон хабар расид, ки анбори давлатро Улуғбибӣ посбонӣ мекунад. Онҳо масхараомез мегуфтанд:

– Яъне имшаб моли анбор ба коми мост. Зан куҷою посбонӣ куҷо! Зан аз сояи худ метарсад...

– Лекин, агар посбон Улуғи шайтон бошад, кор душвор, – гуфт яке аз ғоратгарон.

– Метарсӣ магар! – дӯғ зад сардори даста.

– Наметарсам, аммо медонам, ки вай аз занҳои буздил не. Охир Тоши кисабур аз дасти ҳамин шайтон кушта шуд-ку.

– Акнун мо ӯро мекушем, фаҳмидӣ?

– Илоҳӣ гуфтаи шумо шавад.

Саҳари солеҳон шеҳакашии аспон ва садои суми онҳо ба гӯш расид. Улуғбибӣ ба Фотима таъкид кард:

– Тайёр бош, духтарам, аз афташ, авбошон. Ба ту тирандозиро бекора ёд надода будам. Лекин бе иҷозати ман тир наандоз.

– Хуб, модарҷон!

Гумони модар рост баромад. Баъди фурсате гурӯҳе савораҳо омада, дарвозаро сахт-сахт кӯфтанд.

– Кистед? Чӣ хизмат? – пурсид Улуғбибӣ.

– Дарвозаро кушо! – амр карданд аз берун.

– Аз дарвоза дуртар равед, мекушоям.

Саворaҳо дуртар рафтанд. Улуғбибӣ ба Фотима ишора кард, ки ҳушёр бошад. Оҳиста як табақаи дарвозаро кушод, ки

яғмогаре «ист, шайтон!» гӯён, наздаш омаданӣ шуд. Тири туфанг ӯро аз асп афтонд.

– Акнун пулемётро ба кор меандозем! – тозон ба анбор даромад модар.

Тороҷгарон дарвозаро кушода, ба саҳни анбор даромадан замон Улуғбибӣ ҳуштак кашида, ба тирандозӣ сар кард. Фотима пулемёти дастиро ба кор андохт. Ду ғоратгар ҳадафи тири онҳо гардид. Дере нагузашта, як даста милисаҳо ба ёрӣ омаданд. Назди дарвоза ду мурда мехобид. Як яғмогар асир афтод, ду нафар гурехт.

Улуғбибӣ ва духтараш барои шуҷоаташон сазовори таҳсинномаи маъмурияти милиса шуданд. Модар аз комиссари халқии милисаҳои ҷумҳурӣ камони панҷтираи номнавишт ҳадя гирифт.

Баҳори соли 1927 дар рӯзи ҷашни Ҳаштуми Март дар бозори шаҳр гулхани калоне афрӯхтанд, то ки фаранҷию чашмбандҳоро ба оташ кашанд. Улуғбибӣ бонувонро ба шарафи иди занҳо табрик карда, бо ҳаяҷон мегуфт:

– Модарону хоҳарони азиз, дугонаҳо! Мо, ду ҳамкасб, ману Оишахон Ёрматова омадем, ки шуморо ба шарафи ҷашни занҳо муборакбод бигӯем. Тақдири талхи маро аксари шумо медонед. Ман дар хонаводаи деҳқони нодор ба дунё омадаам. Падарам дар заминҳои Сулаймонбой ном дорое чоряккор буданд. Ғоратгарон шавҳарамро куштанд, ман ба чунин қарор омадам, ки кори ӯро давом диҳам. Аз шумо, занҳои азиз, хоҳишмандам, ки фаранҷӣ партоед, ба кори артел дароед, дар ҳамаи ҷабҳаҳо фаъолият намоед. Акнун шумо занҳои соҳибҳуқуқед, озоду бахтиёред. То кай рӯй зери чодари сиёҳ пинҳон медоред? Аз мардуми худ рӯй пинҳон доштан чӣ маънӣ дорад? Аз хоби ғафлат бедор шавед! Нест бод ҷаҳолат! Нест бод фаранҷӣ!

Дар задухӯрдҳои зидди душманон аввалин ҳамкасбони Улуғбибӣ ҳалок мегаштанд. Аз хусуси милисаҳоро ваҳшиёна куштани ҷоҳилон хабарҳои мудҳиш мерасид. Чунин хабарҳо ғазаби ҳамкасбони Улуғбибиро меовард. Ҷавонон ихтиёрӣ ба хизмати милиса меомаданд.

Улуғбибӣ дар кори милиса таҷриба андӯхт. Барои осоиши мардум, беҳтар кардани зиндагӣ ва ёрию дастгирии

ҳамкасбонаш тайёр буд худро ба обу оташ занад. Вақте ки ӯ хиёнати баъзе ҳамкасбонашро ошкор месохту дар тоза кардани сафи милисаҳо аз шахсони тасодуфии манфиатҷӯ ба ҳукумат мадад мерасонд, ин амали ӯ ба дасисабозон намефорид ва ӯро чашми дидан надоштанд. Ҷаҳолатпарастон дар ҳаққаш гапу гапчаҳои дурӯғин бофта, ӯро бадном карданӣ мешуданд. Аммо тирашон хок мехӯрд.

Улуғбибӣ тарбияи безориёну беадабонро вазифаи асосии милиса медонист ва бароиислоҳи онҳо камар мебаст. Агар дар маҳаллае шӯрапуште пайдо шавад, ба танбеҳи ӯ Улуғбибиро мутасаддӣ мекарданд. Агар шӯрапушт нарм шуда, барои гуноҳаш узр пурсад, Улуғбибӣ ҳам ба мулоиматӣ мегуфт:

– Одам шав, писарам! Медонӣ, қиматтарин фазилати инсон чист? Адаб! Ана, ҳамин адаб ғайри манфиат зараре намеорад. Хӯш, агар фаҳмида бошӣ, рав, ба ту ҷавоб! Ислоҳ шав!

Қисмати фарзандони худи Улуғбибӣ чӣ хел анҷомид? Роҳи мурроду мақсади чаҳор духтараш аз шӯълаҳои шафақи илму ҳунар мунаввар гардид. Онҳо дар партави ин шафақ дар интернат хонданд ва ятимиро қариб ҳис накарданд. Модар фарзандони асилу соҳибмаърифат ба камол расонд.

Духтари нахустини ӯ Хонбибӣ дар театри драмавию мусиқии шаҳри Тошканд солҳои тӯлонӣ ҳунарнамоӣ карда, то ба мартабаи Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон мақоми шоиста ёфт. Тамошобинҳо мафтуни ҳунарнамоии ин зани мардхислат шуда, ба ӯ Ханҷархон лақаб дода буданд. Вай сипас ба Душанбе кӯчида, фаъолияташро дар Тоҷикистон идома дод.

Духтари дуюми Улуғбибӣ, ки аз хурдсолӣ дар ҷабҳаи меҳнат обутоб ёфта, бори зиндагиро мекашид ва Фотима ном дошт, аз худ фарзандони солеҳ ва номи нек ба мерос гузошт. Фотима пас аз хатми Донишкадаи ҳуқуқшиносии шаҳри Тошканд солҳои дароз дар идораҳои адлияи Душанбе хидмат ба ҷо овард. Мардум ӯро чун фарде, ки аз коргарзани одии фабрика то корманди ҳизбию ҷамъиятӣ ва то ба муовинии додситони ҷумҳурӣ расида, соҳиби мукофотҳои ҳукуматӣ гардида аст, иззату ҳурмат мекарданд. Духтари ӯ Муборак Шарифова чун олими риёзӣ маъруфият ёфта, шогирдони сершумор ба камол расондааст.

Духтари сеюми Улуғбибӣ дастпарвари Донишкадаи қаннодии шаҳри Ленинград (ҳоло Санк-Питербург) Патинисо низ дар идораҳои давлатӣ ва корхонаҳои қаннодии Душанбе фаъолият намуда, бо номи нек ба нафақа баромад.

Ҷигаргӯшаи хурдии Улуғбибӣ ситораи тобони ҳунар Тӯҳфа Фозилова дар якчанд навъи санъат – мусиқӣ, сарояндагӣ, опера, драма ва кино шӯҳрат дошт ва ба гирифтани унвони олии Ҳунарпешаи Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидаст.Доир ба камолоти волои ӯ қиссаҳои ҷолиб ва рисолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, шеъру манзумаҳо эҷод шудаанд. Ӯ бо ҳунарнамоии олиҷанобаш дар дили ҳазорон нафар мухлисони санъат ошён гузошта буд. Писари ин нобиғаи санъат Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон Мурод Орифов соли 1935 дар пойтахти Тоҷикистон ба дунё омада, чун дастпарвари Донишкадаи театрию рассомии Тошканд ва хатмкардаи бахши режиссёрии ВГИК-и шаҳри Москва дар 30 филми бадеӣ нақш офаридааст.Ӯ нӯҳ филми бадеӣ ва ҳабдаҳ филми мустанадро ба навор гирифта, саҳифаҳои дурахшоне дар китоби таърихи синамои тоҷик офарид.

Хулоса, нахустин милисазани тоҷик, муҳофизи тартиботи ҷамъиятӣ Улуғбибӣ Саидова (1868-1954) амсоли парастуе буд дар баҳорони солҳои бистуму сиюми асри бист. Вай 82 сол умри пурбаракат ва пурсамар дида, таърихи корномаи бонувони тоҷикро зеб бахшид.

Солҳои чилум ва панҷоҳуми асри гузашта суруди «Модарам» (аз драмаи мусиқии «Нурхон»-и Комил Яшин) дар иҷрои Тӯҳфа Фозилова вирди забонҳо қарор дошт. Сароянда ин сурудро ба барномаҳои консертиаш ҳамроҳ карда, дар саҳнаҳо бо эҳсоси амиқ мехонд. Тобистони соли 1954 Улуғбибӣ Саидова – модари Тӯҳфа пеш аз сафари охират аз духтараш хоҳиш кард, ки ҳамон суруд «Модарам»-ро тавассути радио сарояд. Модари бемори бистарӣ охирин бор суруди духтарашро шунида, дар иҳотаи фарзандону набераҳои сершумор беармон аз олам даргузашт. Духтар ҳангоми дафни модар низ ин сурудро ашкрезон суруда, ба торҳои ҳассосоти ҳозирин нохун мезад.

Хотираи зани соҳибҷасорат ва волохирад Улуғбибӣ Саидо-

ва дар дилу дидаи бисёр шахсиятҳои маъруфи замон ҷой дошт. Падари маънавии синамогарони Осиёи Марказӣ Комил Ёрматов боре дар маросими ёдбуди ӯ барҳақ гуфта буд: «Ман апаи Улуғбибиро аз наздик мешинохтам ва замоне бо ӯ ҳамкорӣ ҳам доштам. Вай аз миёни тоҷикзанҳо аввалин шахсе буд, ки дар муборизаҳои зидди дастаҳои ғоратгар либоси низомӣ дар бар молу мулки халқу ҳукуматро муҳофизат мекард. Дар он айёми нобасомон бо вуҷуди ташвиқоту тарғиботи ҷаҳолатпарастон чаҳор нафар духтарашро бо олами санъат раҳнамун сохтани Улуғбибӣ як навъ қаҳрамонӣ буд»

Бешак, аъзои хонаводаи Улуғбибӣ Саидова парастуҳоеро мемонанд, ки аз баҳорони рӯзгори нав, шукуфоии диёр, равнақи истеъдод мужда мерасонданд. Он парастухисолони хушнафас кайҳост, ки дигар дар байни мо нестанд. Вале хидматҳои содиқонаи эшон дар роҳи маърифатнокии мардум аз саҳифаҳои таърих зудуда нахоҳад шуд.

*Зи хайли ҷумла мурғоне, ки мардум дӯст медорад,*
*Парастуро парастам, к-аз баҳорон мужда меорад.*

## СИТОРАИ ГУМГАШТА

Ҳофизи халқии Тоҷикистон Мирзобобо Аҳмадов, ки маҳорати баланди сароядагӣ дошту дар рушду равнақи ҳунар саҳми арзанда мегузошт, ибтидои соли 1967 ба КМ ҲК Тоҷикистон чунин арза дод:

«Хоҳишмандам масъалаи Эшонов Ҳамиддинро, ки соли 1937 ҳабс шудааст, бори дигар дида бароед.

Рафиқ Эшонов фарзанди дуредгари конибодомӣ буд. Одамон ӯро чун яке аз нахустин муборизони роҳи таҳкими Ҳукумати Шӯро ва татбиқгари фаъоли сиёсати ҳизб мешинохтанд. Вай аз котиби кумитаи ноҳиявии комсомол ва ҳизб то котиби КМ ҲК Тоҷикистон ва мудири шӯъбаи кишоварзии Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲКИШ расида буд.

Бародари калонии Эшонов коргари истгоҳи роҳи оҳани Қӯқанд буд, солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фавтид. Бародари дигари ӯ Бурҳониддин, ки дар кори ҳизбии ноҳияи Ғарм фаъолият менамуд, аз дасти ғоратгарони Фузайл Махсум

кушта шуд. Эшонов дигар хешу ақрабо надошт. Шояд аз ҳамин сабаб масъалаи мазкурро касе то кунун ба миён нагузоштааст. Саранҷому сарнавишти ӯро донистан мехоҳам.

*М. Аҳмадов, 2 феврали соли 1967».*

Ҳофизи машҳури мардумӣ Ҳамиддин Эшоновро мешинохт. Ин писари деҳқони камбағал, ки солҳои бистуму сиюм дар театри Конибодом кор мекард, борҳо бо Ҳамиддини ҷавон вохӯрда, ҳамсӯҳбату ҳамнишин шуда, дар маҷлисҳо каломи оташинашро шунида, вале дар аъмолаш нишонаи хиёнатеро надида буд. Соли 1937 Мирзобобо чун ба филармонияи давлатии Тоҷикистон ба кор гузашт, умед дошт, ки бо Ҳамиддин тез-тез вомехӯраду сурудҳои навашро ба самъи ӯ мерасонад. Дареғо, ки гирдоби ҳаводис ниҳоли умедашро барканд. Чаро ногаҳон ӯро ба ҳабс гирифтанду ҳаёташро сӯзонданд? Касе намедонад, ки гуноҳаш чист? Ин суолҳои беҷавоб солҳои сол фикру хаёлашро ором намегузоштанд. Сипас ба идораҳои дахлдор арзи матлаб кард. Хушбахтона, ба доди ӯ расиданд. Аризаашро 8 феврали соли 1967 мудири шӯъбаи илм ва мактабҳои КМ ҲК Тоҷикистон Рауф Додобоев хонду ба Пажӯҳишгоҳи таърихи ҳизби ҷумҳурият фиристода, хоҳиш кард, ки аз натиҷаи тафтишот ба соҳибаш ҳарчи зудтар ҷавобномаи мукаммал нависанд.

... Соли 1925 сокинони Конибодом ҳангоми мулоқот бо М.И.Калинин, ки қаторасавор ба вилояти Фарғона сафар мекард, изҳор намуданд, ки вақти тақсимоти марзу буми миллии Осиёи Миёна беадолатӣ роҳ ёфт: ноҳияи аз қадим тоҷикнишини Конибодомро ба Ӯзбекистон ҳамроҳ карданд. Хоҳиш ин аст, ки ноҳияашонро ба ҳайати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дохил кунанд. Вале, азбаски он вақт илоҷи чунин кор набуд, КИМ ҶШС Ӯзбекистон бо қарори худ аз 15 апрели соли 1925 дар ҳайати 3 волости ҳамсоя – Исфара, Конибодом ва Маҳрам ноҳияи алоҳидаи мухтори тоҷиконро таъсис кард. Мутаассифона, дере нагузашта одамоне ёфт шуданд, ки ба ин тақсимоти нави маъмурию ҳудудӣ эътироз оварда, роҳи ҷудоиандозиро пеш гирифтанд. Мувофиқи ақида онҳо, ба Конибодому Маҳрам ҳамроҳ кардани Исфара гӯё хилофи раъйи

мардум будааст. Низоъю моҷаро чунон тезу тунд шуд, ки дар КМ ҲК (б) Ӯзбекистон ба ҷустуҷӯи роҳбари дурандеше афтоданд, ки шароиту вазъи ин маҳалро ба хубӣ донад. Оқибат ба сарварии ташкилоти ҳизбии ноҳияи навташкил Ҳамиддин Эшоновро фиристоданд. Мебоист вай ҳамчун фарзанди ҳамин маҳал вазъиятро ба эътидол меовард.

Мардум котиби навро хуш пазируфт. Ба дӯши Ҳамиддини ҷавон боз чанд вазифаи дигар – раисии кумитаи инқилобӣ, сардории комиссияи мубориза бар зидди душманони ҳаёти нав, раиси иттифоқи ҷуфтгарон, мутасаддии ислоҳоти обу заминро низ вогузоштанд. Диққати котибро бештар рафъи гуруснагӣ ва маҳви бесаводӣ ба худ мекашид. Вай хуб медонист, ки бе ҳалли фаврии ин ду масъалаи бағоят муҳим иҷрои вазифаҳои дигар берун аз имкон аст. Моҳҳои аввали кораш якчанд мактаби нав кушода, як гурӯҳ ҷавонон барои таҳсил ба шаҳрҳои марказии мамлакат фиристода шуданд. Хушбахтона, ҳамон рӯзҳо рафиқи ҳаммаслакаш Неъмат Ашӯров низ пас аз хатми курси муаллимии шаҳри Самарқанд ба маҳви бесаводӣ камар баст. Субҳе Ҳамиддин дар дафтари корӣ ба ду-се нафар ҷавон супориши нав медод, ки Ашӯров ворид шуд.

– Э, биё, биё, Неъматҷон! – хурсанд шуд котиб. – Худам ба наздат рафтанӣ будам. Хӯш, аҳвол чӣ тавр?

– Шукр, бад не. Дар Маҳрам боз як курси маҳви бесаводӣ кушодем. Пиру ҷавон ташнаи маърифат.

– Биноро аз куҷо ёфтед?

– Масҷидро ба таълимгоҳ омода кардем. Аммо баъзеҳо мегӯянд, ки масҷидро вайрон карда, ба ҷояш мактаби нав созем.

– Нодуруст мегӯянд. Бастани масҷидҳо ин худ зарбаи фалокатборест ба дину диёнат ва фарҳанги мо. Фикри мардумро гирифтед?

– Аксари одамон муқобили вайрон кардани масҷид. Ба фикри ман ҳам, дар шароите, ки ба иморатсозӣ имкон кам аст, вайрон кардани биноҳои кӯҳна беандешагист.

– Бале, ба муқобили раъйи мардум баромадан хатои авфнопазир аст, – таъкид кард Эшонов. – Неъматҷон, вазифаи ману ту ба ҳамин фикри ботил зарба задан аст. Ту ҷавонмуаллими хубӣ, ба кори фирқа ҳам лаёқат дорӣ. Оянда

туро ба раисии иттифоқи касабаи коркунони маориф пешбарӣ кунем, чӣ мегӯӣ?

– Ман розӣ, ба шарте ки ду-се сол кор карда, таҷриба омӯзам.

– Кам нашав, Неъматҷон. Аз ояндаи ту умедам калон.

Котиб нақшаи дигаргунсозии симои шаҳру деҳотро мураттаб месохт. Бо ташаббуси ӯ ба нақшаи солҳои 1926-27-и шаҳр ба тариқи ҳашар сохтани ҳашт мактаби нав, бинои маъмурӣ барои комиҷроия, беморхона, истгоҳи барқ, таъмири тими бозор, аз маркази шаҳр то истгоҳи роҳи оҳан сохтани роҳи нав, пӯштахона, бинои театр ва ғайраро дохил карданд. Дар ду соли меҳнати зарбдорона ҳосили мева, ғалла ва сабзавот хеле афзуд, одамон як андоза осуданд.

Котиб роҳҳои беҳбуди зист ва зиёд кардани ҳосили зироатро меҷуст. Рӯзе баногоҳ омадани комиссия хотири ӯро парешон сохт: боз санҷиши аризаи шикоятӣ. Дерест, ки деҳқонони исфарагию конибодомӣ носозанд. Чаро миёни онҳо кину хусумат? Вазифаи асосӣ ба ифоқа овардани мардум, хомӯш гардондани оташи низою моҷарост. Эшонов боиси сар задани хархашаро беғаразона ва дурбинона омӯхт. Ба ҳам оштӣ додани сокинони ду маҳал бо машаққати зиёд муяссараш гардид. Вай ба хулосае омад, ки асли гап дар тақсимоти об будааст. Аз қадимулайём деҳқонони Конибодом бо кишти пахта, зироаткорони Исфара бо кишти шолӣ машғуланд. Азбаски обро аз як дарёча мегиранд, байнашон зуд-зуд низоъ мехест. Дар Конибодом ҳафт ҷӯйбор буд, ки аз сароби Работ ба маркази шаҳри Конибодом, Қаракчиқум, Маҳрам, Ниёзбек, Кӯшкак, Хамирҷӯ ва Қараянтоқ об медод. Аз оби ин ҳафт ҷӯй дар ҳар деҳа ду-се осиёб кор мекард. Мобайни ҳар ҷӯй чакалак дошт, дарахтони бемева дар як ҷо бо анбӯҳӣ месабзиданд. Лаб-лаби ҳар ҷӯйбор қатор-қатор беду сафедор қад кашида, ба мардум масолеҳи бинокорӣ медоданд. Агар ба ин ҷӯйҳо об наояд, ҳоли халқ чӣ мешавад? Ба ҳар восита бояд бикӯшем, ки воқиаи соли 1911 дигар такрор нашавад, – аз дил мегузаронд котиб. – Он сол исфарагиҳо пеши роҳи оби Конибодомро бастанд. Дар натиҷа кишти пахта нобуд шуд, садҳо бех зардолую бодом пажмурду хушкид. Обро танҳо бо дахолати маъмурия-

ти подшоҳӣ, тахти назорати аскарон гузаронданд. Ин кор солҳои минбаъд боз такрор ёфт. Эшонов донист, ки ин номуросоӣ аз ночорист, зеро кишти шолӣ назар ба кишти пахта се баробар зиёд обталаб аст ва исфарагиҳо маҷбур мешуданд, ки барои талаф наёфтани ҳосил обро банданд. Бо фаъолияти котиб идораҳои нақшакаш ба тақсими одилонаи об машғул шуданд.

Ҷавонмарди фозил Ҳамиддин Эшонов дере нагузашта ба дили мардум роҳ ёфт. Шабу рӯз дар тамоми тадбиру тадоруки дигаргунсозии солҳои аввали Ҳукумати Шӯро фаъолона ширкат меварзид. Бо қатъият ва матинародагӣ дар бунёди ҳаёти нав саҳмгузорӣ мекард. Мехост, ки халқи мазлум соҳибҳуқуқ ва саодатманд гардад, дар оилаи бузурги халқҳои шӯравӣ мақому мартабаи хоса ёбад. Ҳамон вақт яке аз аввалин колхозҳои деҳаи Ниёзбеки ноҳияи Конибодомро ба номи ӯ гузоштанд.

Вале соли 1937 бо амри намояндагони фавқулъодаи КМ ВКП (б) гурӯҳи калони сарварони ҷумҳурият ва гулҳои сари сабади тоҷикони рӯшанфикрро ноҳақ маҳв карданд. Ҳамиддин Эшонов дар синни сивучорсолагиаш қурбони бедодгарии ин айём гардид. Дар кумитаи ҳизбии шаҳри Сталинобод ба гардани ӯ чунин «гуноҳҳо» гузоштанд: «Эшонов узви ташкилоти зиддишӯравии ифротгар ва аз шахсони зараррасони соҳаи савдо аст. Вай бо думравони тротскийчӣ алоқа дорад. Бесабаб мусаллаҳ намегардад. Эшонов зимни суханронӣ ва ҳангоми овоздиҳӣ миллатгарои аксулинқилоб Қосим Зулфиқоров, шарики миллатгароёни буржуазӣ Абдулқодир Муҳиддинов ва дигар унсурони таҷассуси инглисро фаъолона ҳимоя кард. Бо мақсади дар сафи ҳизб монондани Зулфиқоров дар ҳаққи доҳии халқҳо В.И.Ленин бешармона бӯҳтон бофта, чунин гуфт: «Зулфиқоров дар кораш саҳв кардааст, боке нест, хатояшро нишон додем, ислоҳ мешавад. Охир, кӣ хато намекунад? Ҳатто Ленин ҳам хато мекард...»

Назаре ба ҳуҷҷати дигари ҳизбӣ: «Эшонов барои вайрон кардани кори комиссариати халқии савдои дохилӣ, барои нопок кардани сафи коркунони ташкилотҳои савдо бо унсурони зиддишӯравӣ ва ҷинояткор барои алоқа ва ҳимояи унсурони

буржуазию миллатгарой (ба мисли Қосим Зулфиқоров, Шарофиддин Қиличзода[1] ва дигарон) ва ҳамчун миллатгарои буржуазии мусаллаҳмонда аз вазифаи комиссари халқии савдои дохилии Тоҷикистон озод карда шавад.

Қарори кумитаи фирқаи шаҳри Сталинобод дар бораи аз сафи ҳизб хориҷ кардани Эшонов тасдиқ карда шавад. Ба КИМ-и ҶШС Тоҷикистон супурда шавад, ки аз вазифаи комиссари халқии ҷумҳурӣ озод кардани Эшоновро бо тартиби шӯравӣ расмӣ гардонад.

*Котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон Ӯ. Ашӯров,*
*ҷонишини мудири сектори махсуси КМ Рагозин».*

(Нусха аз протоколи № 260 маҷлиси бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 19 июли соли 1937 «Дар бораи Эшонов Ҳамиддин»).

Он рӯз Эшонов охирин бор вориди дафтари кораш гардида, гӯшаки телефонро бардошт ва ба котиби якуми КМ Ӯрунбой Ашӯров занг зад.

– Амали номуборак муборак! – гуфт ӯ. – То ин вақт шумою Абдулло Раҳимбоев барин роҳбарон худро гоҳ «тоҷик»-у гоҳ «ӯзбек» ном бурда, дар тақсимоти ҳудуди миллӣ ҷумҳуриро фурӯхтед, акнун ба фурӯхтани фарзандонаш гузаштед? Оё таърих гуноҳатонро мебахшида бошад?!

Ба ҳамин тариқ, дасисаю бӯҳтонҳои нохалафон ниҳоли қомати ҷавони ӯро шикаст. Дар бозпурсию истинтоқҳо хостанд чандин айб ба сараш гузоранд. Чун иқрор нашуд ва сахт истодагарӣ намуд, ӯро «думрави Троцкий» номиданд. «Душмани халқ худи шумоед, на ман! – посух дод Эшонов ба чоплӯсони хуношоми НКВД. – Амали зидди ҷамъиятӣ ва бӯҳтонҳои шумо нобовариро ба сусиёлизм авҷ мегиронад. Рӯзе мерасад, ки ниқоб аз рӯятон мебардоранд ва ба ҳама чун рӯз равшан мешавад, ки кӣ думраву кӣ дунболарав аст. Ман бо Троцкий, Зиновев ва Бухарин муносибате надорам. Ҳамеша ба кору мароми ҳизбу давлат содиқ будам ва содиқ мемонам».

---

[1] Қ. Зулфиқоров, Ш. Қиличзода – собиқ кормандони бахши тиҷорати ҷумҳурият, ки соли 1937 ҳабс ва соли 1957 сафед шудаанд.

Танҳо пас аз сӣ соли ин фоҷиа – дувоздаҳуми маи соли 1967 аз рӯи маълумоти додгоҳи низомии ҳавзаи ҳарбии Туркистон ва Пажӯҳишгоҳи таърихи ҳизбии КМ ҲК Тоҷикистон Ҳамиддин Эшоновро бегуноҳ ҳисобиданд. Собиқаи ҳизбии ӯ аз соли 1920 барқарор гардид...

Ҳофизи халқӣ Мирзобобо Аҳмадов аввали моҳи апрели соли 1967 ба аризаи худ чунин ҷавоб гирифт: «Ба шумо маълум мекунем, ки Эшонов Ҳамиддин соли 1903 дар шаҳри Конибодом аз оилаи дуредгар ба дунё омада буд. Солҳои 1913-1917 дар мактаби нави тоторӣ синфи чаҳорумро хатм кард. Баъди пирӯзии инқилоби Октябр то соли 1920 ҳамроҳи падараш дар роҳи оҳан кор мекард. Се соли ҳамкорӣ бо роҳиоҳанчиён барояш мактаби худшиносӣ ва саводомӯзӣ гардид, дараҷаи идроку фаҳмиши ӯро аз авзои замон чанд зина боло бурд. Пас аз дохил шудан ба сафи фирқа муддате муаллими маҳви бесаводӣ буд. Баъд котиби кумитаи комсомолии ноҳияи Конибодом интихоб шуд. Соли 1921 котиби кумитаи уездию шаҳрии комсомолии Қӯқанд, соли 1922 дар ҳамин вазифа дар Намангон, соли 1923 котиби кумитаи комсомолии вилояти Фарғона буд. Охири соли 1923 Эшоновро ба кори фирқа гузарониданд. Даставвал мудири шӯъбаи баҳисобгирию тақсимоти кумитаи фирқаи вилояти Фарғона, сонӣ мудири шӯъбаи ташкилӣ ва ҷонишини котиби кумитаи уездию шаҳрии фирқа дар Конибодом буд. Пас аз таъсиси Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ӯро ба вазифаи котиби масъули бюрои ташкилии комсомоли Тоҷикистон ба Душанбе фиристоданд. Соли 1925 баъди таъсиси ноҳияи мустақили тоҷикони Конибодом Эшонов он ҷо ба вазифаи котиби аввали кумитаи фирқаи ноҳия ва раиси кумитаи инқилобӣ таъйин шуд. Он айёми пурошӯбу ноором буд. Ӯ чун раиси сегона ба муқобили босмачигарӣ муборизаи қатъӣ мебурд ва дар баробари ин лозим меомад, ки ба комиссияи шӯроикунонӣ ва ислоҳоти обу замин ширкат варзад. Баъд вай дар кори бюрои ташкилии округи Хуҷанд низ иштирок дошт.

Эшонов соли 1927 мудири сектори тарғиботии КМ ҲК(б) Ӯзбекистон, пас намояндаи комиссияи марказии назорати ҲК(б) Ӯзбекистон ва Комиссариати Халқии Бозрасии Корга-

рону Деҳқонон оид ба ҳавзаи Зарафшон буд. Соли 1928 ӯро барои таҳсил ба Дорулфунуни коммунистии меҳнаткашони Шарқ ба Маскав фиристоданд. Вале хатми он ба ӯ муяссар нашуд. Соли 1930 Эшонов ғоибона котиби кумитаи фирқаи округи Ӯротеппа интихоб гардид. Соли 1931 ӯ комиссари халқии зироати ҷумҳурият таъйин шуд ва баъди ду моҳ котиби КМ ҲК(б) Тоҷикистон интихоб гардид. Соли 1932 ӯро ба Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) даъват карданд ва дар он ҷо мудири сектори шӯъбаи кишоварзиро ба ӯҳда дошт. Соли 1934 ӯро боз барои таҳсил ба курси марксизм-ленинизм ба Москав фиристоданд. Аммо соли 1935 ба Тоҷикистон бозхонда, комиссари халқии савдои дохилӣ таъйин карданд. Вай то 19 июли соли 1937 ин вазифаро ба ҷо меовард. Сипас гирифтори тӯҳмат ва ҳабс шуд. Бо қарори ҳайати ҳарбии Додгоҳи Олии ИҶШС (Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ) аз 20 октябри соли 1938 ӯро ба қатл ҳукм карданд.

Ҳамиддин Эшонов дар давоми фаъолияти худ дар вазифаҳои гуногуни ҳизбию шӯравӣ борҳо узви бюро ва кумитаи вилоятии фирқа, узви бюро ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, узви ҳайати раисаи КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон интихоб шуда буд. Ҳоло номи неки ин фарзанди халқи тоҷик барқарор ва сафед карда шудааст.

*А.Баҳоваддинов,*
*сарвари пажӯҳишгоҳи таърихи ҳизби КМ ҲК Тоҷикистон»*

Таърих ҳукми одилона баровард. Адолат, дер бошад ҳам, тантана кард. Номи нек барқарор гардид. Вале онҳое, ки солҳои сол бо тавқи нангини «душмани халқ» бадном шуданд, ҳаргиз нахоҳанд баргашт.

*Некон зи гудози ғусса дилчок шуданд,*
*Покон ҳадафи тӯдаи нопок шуданд.*
*Аз лаззати дидори азизон маҳрум,*
*Дардо, ки ғарибу бекафан хок шуданд.*

Мирзобобо Аҳмадов номаи профессор Аловуддин Баҳоваддиновро хонда, ғарқи андешаҳои дуру дароз шуд: наход ҳизби мо узви худро солҳо парварида, вазифаҳои калон

дода, ҷавҳари ҷони ҷавониашро ҷабида, дар охир бо бӯҳтони чанд нохалаф маҳкуми қатл кунад? Тавба! Куҷост адлу инсоф? Мирзобобо ба қабулгоҳи профессор рафт, ки маҳалли дафни Эшоновро фаҳмад. Мехост дар куҷо будани мадфани ҳамдиёрашро бидонаду фурсат ёфта, ба зиёраташ биравад. Баҳоваддинов ӯро хуш пазируфт ва сӯҳбат кард.

– Хуш омадед, акаи ҳофиз! Якдигарро мешиносем-а?

– Бале, ман шуморо медонам, файласуфи дақиқназаред. Бисёр фарзандони ҳамшаҳриёнам аз шумо сабақ гирифтаанд.

– Ман ҳам шуморо мешиносам. Аввалин Ҳофизи халқии Конибодом, иштирокчии нахустин Даҳаи маданияти тоҷик дар Маскав (1941) ҳастед. Дар бораи шумо бисёр навишта буданд. Синни муборакатон чанд?

– Имсол ҳафтодсола мешавам.

– Шашмақомхониҳои шумо аз ёдам нарафтааст.

– Навори сабти овозам ҳаст. Писарам Эргашбою духтарам Мукаррама овозамро навиштанд. Ҳамон наворро мешунавед. Ҳозир ҳам камубеш қудрати хондан дорам.

– Офарин, акаи ҳофиз! Фарзандҳо чанд нафар?

– Як писару як духтар, ҳар ду ҳам табиб... – Мирзобобо аз пиёла як қулт об нӯшиду ба сари мақсад омад: – Домуллои мӯҳтарам, бубахшед, ки бо аризаи худ шуморо хеле ташвиш додам, маъзарат.

– Ҳеҷ гап не, кори хайре кардед. Аз рӯи аризаи шумо масъалаи ҳизбии ӯро дар бюрои КМ дида бароманд. Шумо дар сафед кардани инсони бегуноҳ саҳме гузоштед!

– Акнун мехостам, ки ҷои дафнашро ҳам донам.

Баҳоваддинов оҳи бадарде кашид:

– Сад дареғ, ба мо дар хусуси маҳалҳои муайяне, ки маҳкумон дафн шудаанд, маълумот намедиҳанд. Барои дарёфти дафнгоҳи онҳо минбаъд тадбирҳо меандешанд. Аммо ҳоло замин сахту осмон баланд...

Алами ҳофиз тоза шуд. Боз пурсид, ки маҳбусони сиёсиро чӣ тавр ба қатл мерасонданд? Олими файласуф бо таассуф фарзияи худро гуфт. «Ин фоҷиаи мудҳиши гӯшношуниде буд, – ба ежовчиёну бериячиён нафрат хонд Баҳоваддинов. – Боре ман дар Ялта бо шахсе вохӯрдам, ки қатли маҳбусони он

солҳоро бо чашми худ дида будааст. Чунон ки ӯ гуфт, маҳбусонро бо ҳамаи чизу чораашон (бӯхчаву анбонҳояшон), ки инро «бисот» меномидаанд, аз ҳабсхона бурда, дар хилватгоҳи дуре назди чуқурӣ гузошта, аз пушти сарашон тир холӣ мекардаанд ва онҳо рост ба даруни «қабр» меафтодаанд. Бисоташонро низ ба ҳамон чуқурӣ мепартофтаанд. Баъдан ба ҷисмҳои беҷон оҳак мепошидаанд, ки аз аъмоли зишти золимон нишону осоре намонад. Ана, бо чӣ ваҳшонияте кушта мешудаанд онҳо...»

Он рӯз ҳофизи халқ аз назди Баҳоваддинов то хонааш гирёну нолон, ба сарварони таъқибот нафринхонон омад.

Ҳофиз дар лаби ҷӯйбори назди ҳавлӣ рӯй шуст, ки аҳли хонавода аз авзояш пай набаранд.

... Соли 1974 яке аз аввалин фирқавиёни Конибодом Боҳир Муҳаммадҷони халтақишлоқӣ, ки солҳои сиюм ҳангоми дар вазифаи раиси Комиҷроияи Янгибозор кор карданаш бегуноҳ ҳабс шуда буд, аз сарнавишти Ҳамиддин Эшонов пурсон шудем.

– Ӯро ба ёдам оварда, хориамро наоред, – оҳ кашид ӯ, – бӯҳрони солҳои даҳшатангези парастиши шахсият ба хотирам расад, дилам шаби ялдо барин сиёҳ мешавад. Чӣ ваҳшонияте раҳ ёфт дар зиндагии мо он солҳо. Осмони дӯстиву бародариро абрҳои сиёҳи тарсу ҳарос ва гумону шубҳа фаро гирифт. Андаке шубҳа сари сабзро барбод медод. Масҷиду мадрасаҳоро хароб мекарданд. Ҳар касеро, ки китоби арабиҳуруф хонаду аз адабиёти гузаштаи мо, ки ганҷинаи панду ҳикмат аст, баҳра барад, ба сараш ранҷу балоҳо меоварданд. Муллоро, чунон ки медонед, душмани сусиёлизм медонистанд. Баъди ҷангҳои дохилӣ замони бародар ба бародару писар ба падар теғкашиҳо, ҳазорон-ҳазор қурбонии ноҳақ, даҳҳо ҳазор деҳқони ботадбири кулакшуда, қиматию қаҳтӣ, аз гуруснагӣ мурдани одамон, таҳти шиори «душмани халқ» дар ҳабсхонаҳо бегуноҳони бекафанрафта... (Он рӯзҳои сиёҳро мо дидем, дигар касе набинад!) Акнун ба худ тасаввур кунед, ки дар чунин шароит дар миёни омма кор бурдани Ҳамиддин Эшонов барин роҳбарони ҳизбу ҳукумат чӣ басо душвориҳо дошт. Осон набуд мубоизаи ӯ ба муқобили ҷаҳолат!

– Шумо ӯро аз наздик мешинохтед?

– Бале. Аз бачагӣ дӯст будем. Падарашро Эшони дуредгар меномиданд. Ба хаёлам, бо хонадони файласуфамон Акбари Турсун қаробат дошт. Хонаашон дар паҳлуи бонки ҳозираи шаҳр. Эҳ, Ҳамиддин, Ҳамиддин! Тақдир моро борҳо ба ҳар гӯшаву канори мамлакат андохт. Бо ҷидду ҷаҳди ҷавонӣ шабу рӯз хизмати мардум мекардему подошаш чӣ шуд? Боди самуми айёми парастиши шахсияти Сталин моро ба водии асорату андӯҳ бурд. Заҳри ҳалоҳили «сегона» рӯзгорамонро тира ва айшамонро талх гардонд.

– Мегӯянд, ки Ҳамиддин Эшон доир ба марзбандии арозии ҷамоҳири Осиёи Миёна ба роҳбарони ҳизбу ҳукумати Марказ мактубу гузоришномаҳо навишта, талошу муборизаҳо доштааст.

– Хизмати вай алалхусус дар масъалаи ба ҳайати ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ кардани шаҳри Конибодом, ки то соли 1929 ба вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон дохил буд ва фаъол гардондани созмонҳои ҳизбию идораҳои шӯроии онҳо кам нест.

– Ба фикри шумо, аз ӯ чӣ ёдгорӣ мондааст?

– Ҳоло ҳам дар баъзе маҳалҳои Конибодом биноҳои кӯҳнасохти солҳои бистуму сиюм боқист, ки дар шароити номусоиду душвори он солҳо бо ташаббуси ӯ сохта шудаанд. Ҳар гоҳ ба тарҳи ин биноҳо нигарам, симои Ҳамиддин пеши назарам меояду ин байти Соибро такрор мекунам:

*Вақти он кас хуш, ки чун барқ аз гиребони вуҷуд*
*Сар бурун оварду бар вазъи ҷаҳон хандиду рафт.*

– Бубахшед, шумо чанд сол маҳбус будед?

– Аз соли 1934 то соли 1946. Нав озод шуда, рӯи осоишро медидам, ки боз чаҳор сол ба «биҳишти сталинӣ» фиристоданд. Дар маҳбас бо писари ягона ва фарзонаи Фозилҷонбойбача (муҳандиси электростансия Тоҳирҷон) ҳамҳуҷра будам. Азобу уқубатро бо ҳам медидем. Шукр, ки баъди шонздаҳ соли заҳри ҳабсхонаҳоро чашидан зинда баргаштем. Маро боз ба сафи фирқа барқарор карданд. Вале, дареғо, ки умри дӯсти деринаам Ҳамиддин Эшон ноҳақ хазон шуд. Лаънат ба ҷаҳолати «сегона»! Лаънат! Лаънат!!!

... Солҳои даҳшатбори шахсиятпарастӣ, солҳои авҷи ҷаҳолату қабоҳат. Умеду эътимоде набуд, ки касе аз ҷазою таъқибот халосӣ меёбад. Ҳамаи одамони поквиҷдон, ходимони илму маданият, роҳбарон, мисли Ҳамиддин Эшон, гирифтори вабои таъқиботу вартаи ҳалокат шуданд. Мо набояд он ҷонфидоёнро фаромӯш кунем, балки ба хотири онҳо ёдгориҳо гузорем, номи некашонро барои наслҳо баргардонем. Ин кор на танҳо ба хотири адлу инсоф, балки инчунин барои он зарур ва судбахш аст, ки замонҳои мудҳишу худсарию зулму тааддӣ дигар барнагарданд. Бале, бигузор он тӯфони маргбор, давроне, ки аз рӯи ахбори тӯҳматангезу айбмониҳои дурӯғин парвандаҳои ҷиноятӣ мекушоданд, дигар ҳаргиз барнагарданд! Бигузор, дигар одамон дар ҳасрати дӯстон ашки ҳасрат нарезанд!

Бигузор, ситораҳои тамаддун абадӣ дурахшон бимонанд!

## КИШТИИ ТӮФОНЗАДА

Хонаводаи миёнаҳол ва аҳлу тифоқи Надировҳо дар пайвастагӣ гӯшту нохунро мемонд. Аз ҳашт фарзанд ду духтарашон дар кӯдакӣ аз бемориҳои гуногун фавтидаанд. Волидайни заҳматкаш ва донишдӯст фарзандони аз офати дарду балоҳо зиндамондаи худ Аъзаму Айюб, Исмоилу Исроил ва Абдуғаффору Абдусatторро дар мадрасаву мактаб хононда, дар рӯҳи ростиву растагорӣ ва ҳақбиниву ҳақгӯӣ ба камол расонданд.

Дар миёни фарзандон нахустписари хонадон Аъзам бо зиракию фиросати азалӣ фарқ дошт. Ӯ дар ибтидои умр таълими мударрисро гирифт. Ба ғайр аз забони модариаш, ки аъло медонист, забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, тоторӣ ва инглисиро низ омӯхта, бо ин лисонҳо озодона ҳарф мезад. Ин буд, ки ӯ дар оғози солҳои бистум раиси «Қӯшчиён» (Иттифоқи ҷуфтгарон) интихоб шуд. Баъдан ба мартабаи раисии Кумитаи инқилобии Конибодом расид. Сардори «Қӯшчиён»-и вилояти Фарғона (то соли 1929 Конибодом тобеи вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд) интихоб гардид. Аз аввалин рӯзҳои таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро чун ходими соҳибмаърифату

лаёқатманд барои кор ба Душанбе фиристоданд. Дастпарвари Дорулфунуни коммунистии заҳматкашони Шарқ аввалан ба мудирияти шӯъбаи савдои КМ ҲК Тоҷикистон пешбарӣ гардид. Якчанд сол пешбурди бахши тиҷоратро ба ӯҳда дошт. Ҷавонию ҷасорат мушкилоти ӯро мекушод. Тоҷирон ба ин ҷавони чашмикордон, ки боронии чармини сиёҳ ва кулоҳи пешлапардори шабранг пӯшида мегашт, бо таваҷҷӯҳ менигаристанд. Аъзам бо вуҷуди камии нақлиёт дар ҳар шароити обу ҳаво ба маҷлиси созмонҳо сари вақт ҳозир мешуду намунаи интизомнокӣ нишон медод. Дар ҳаллу фасли масъалаҳои чигили савдо ёварию доварӣ мекард. Пас боз таҳсил карданаш лозим омад. Ин дафъа ӯ дар шаҳри Москва Академияи саноати умумииттифоқро хатм кард.

Аъзам Надиров истеъдоди асили ташкилотчигӣ дошт. Вазифаҳои гуногунро софдилона ба ҷо оварда, амалан исбот мекард, ки бо омма кор бурда метавонад. Аз ин рӯ, соли 1936 вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизбии собиқ ноҳияи Ворошиловобод (баъдан Колхозобод) ба дӯшаш афтод. Шабу рӯз бо қувваи дучанд аз паи хидмати ҳизбу ҳукумат талош меварзид. Он вақтҳо дар водии Вахш одамон дар чайлаю козаҳои найин ва кулбаҳои гилин мезистанд. Тобистон гармии ҳаво то ба панҷоҳ дараҷа мерасид. Баъзеҳо ба ҳамлаи хомӯшак тоқат наёварда, ҳатто мегиристанд. Найистон замину замонро фаро мегирифт. Найистонро решакан карда, замин кушода, пахта киштан коре буд хеле миёншикан. Дар ноҳия колхози «Конибодоми сурх» таъсис доданд, ки дар он бисёр конибодомиҳои муҳоҷир шуғли кор доштанд. Дар заминҳои нав бо заҳмати афзун нахустин бор пахтаи маҳиннахи мисрӣ мекоштанд. Аз пурқувватии замини навкорам қади ниҳолони пахта аз қади одами навча баландтар мерӯид. Аз ин нашъунамои пахтазору ҳосили фаровон ва ғайрати дучандони деҳқонон табъи котиби райком меболид. Ҳамон вақт бо сарварии Надиров ва хешовандони муҳоҷир Сироҷиддин Исоев (ин шахс аз ҳисобдори одии колхоз то ба мартабаи котиби аввали ҳизбии ноҳия расид ва ба гирифтани унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мушарраф гардид) ба тариқи ҳашар нахустин бинои кумитаи ҳизбии ноҳия қомат афрохт, ки аз най болопӯш дошт.

Котиби сертараддуд дар тӯли ду соли фаъолияташ бо мададу дастгирии муҳоҷироне, ки аз ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ ба водии Вахш кӯчида буданд, садҳо таноб дашти офтобсӯхта ва шӯразору найистонро ба замини корам табдил дода, хоҷагии ноҳияро аз чанголи харобӣ вораҳонд. Пешбурди кору амалаш ба мардум писанд омад. Вале, мутаассифона, ба ӯ гӯё чашми бад расид. Дар айни камолот шохи ҷавониашро шикаста, ӯро ба гирдоби фалокат тела доданд.

Аъзам Надирови бебок бо бедодгариҳо рӯ ба рӯ омад. Бо нокасону чоплӯсон муросо кардан наметавонист. Тирамоҳи соли 1937 ӯ дар яке аз маҷлисҳои навбатии КМ ҲК Тоҷикистон аъзои «сегона» ва НКВД-ро барои он сахт зери тозиёнаи танқид гирифт, ки шахсони тамоман бегуноҳ ва ҳатто фирқавиёни содиқи кору мароми халқу Ватанро ба ҳабс гирифта, ҷазоҳои ноҳақ медиҳанд. «Охир, ин ҷиноят аст, ин аз хиффати ақл аст, – гуфт ӯ. – То кай бе далели қотеъ бегуноҳонро ба гирдоби таҳқир меафкананд? Дигар ба ин хиёнаткорон муросо кардан мумкин нест!»

Котиб бо чунин ҳақталошиву фошгӯӣ, ки ба рӯҳи он айём мувофиқ намеомад, бо дасти худ ба сари ҷавонаш об рехт. Гумоштагони «сегона» ҳатто то ба охир расидани маҷлис сабру таҳаммул нанамуда, ҳангоми танаффус ин ҷавони сиву ҳафтсоларо бурданд.

Дар ҳуҷраи яккашини НКВД истинтоқ оғоз ёфт.Ба ӯ тӯҳмат карданд, ки гӯё тасодуфан ба сафи фирқа роҳ ёфта, дар асл душман асту бо неруҳои аксулинқилобӣ ва зиддишӯравӣ робита дорад.

– Ман узви тасодуфии фирқа нестам, – гуфт Аъзам Надиров. – Бо шарҳи ҳолам дурусттар шинос шавед. Маро ҳамин фирқа тарбият кард, ба воя расонд ва тавсия дод, ки дар мактаби олияш хонам. Мудири шӯъбаи КМ будам. Соли дуюм аст, ки котиби якуми фирқавии ноҳия ҳастам. Аммо тайи чанд соли охир бо чашми худ дидам, ки ин фирқаи «ақлу шараф ва виҷдони даврони мо» бо сарбурию сархурӣ машғул аст. Беягон далелу исбот ва ҳуҷҷату гувоҳ беҳтарин кадрҳоро аз миён мебаранд. Ман дигар ба ин саҳву хатоҳо тоб наоварда, фикрамро рӯирост гуфтам. Беҳуда ба ман ғараз нагиред.

– Агар душман набошӣ, чаро фирқаро «сархуру сарбур» гуфтӣ? – дӯғ зад яке аз аъзои сегона, марди мутакаббири аврупоӣ. – Ба гуноҳат иқрор биёр!

– Ба кадом гуноҳам?!

– Вақти ба сафи фирқа дохил шудан баромади иҷтимоиятро пинҳон дошӣ? Мо падару модаратро медонем.

– Ман ҳеҷ чизро пинҳон накардаам, киҳо будани волидайнамро на як бору ду бор бо дасти худ навиштаам, – гапгузаронӣ мекард Аъзам. – Падарам Аҳмадбой то инқилоб тоҷир буданд, дар истгоҳи роҳи оҳани Конибодом дӯкони карасинфурӯшӣ доштанд. Соли 1918 фавтиданд. Модарам Мукаррамабону – отунбибии маҳалла, ба духтарон сабақ медиҳанд.

– Бародарат Айюб-қорӣ чӣ? Чаро дар бораи вай чизе намегӯӣ?

– Охир, сабр кунед, муфассал ҳамаашонро мегӯям.

– Ана, ҳамин Айюб-қорӣ ҳам душмани фирқаи мо! Диндор, шариатпаноҳ, зидди сохти нав... Намозу ибодат ва қироату тиловати сураҳои Қуръон ташвиқоти зиддишӯравист! Ё, ба фикри ту, қоригии додарат гуноҳ нест?

– Бубахшед, аввалан, бародар ба аъмоли бародар ҷавобгар нест, сониян, вай муқобили сохти нав нест. Касе аз ӯ зарар надидааст. Диндориаш кори шахсии ӯ.

– Ҳамин бародари руҳониятро вақти ба сафи фирқа даромадан пинҳон намедоштӣ, туро ба фирқа намепазируфтанд.

– Ман диндории бародарамро низ дар шарҳи ҳолам навиштаам. Мо шаш нафар додарони аҳлу тифоқем, ба ҳамдигар кину нифоқ надорем. Ҳамаамон хайрхоҳи ин халқу Ватан!

– Гапро ба дигар тараф набар. Аҳли оилаат ба мо маълум. Худат, ки дар мадраса хондаӣ, ба ҳимояи дину диёнат мебароӣ.

– Бале, ҳам таълими мадраса гирифтаам, ҳам таълими мактаби шӯравӣ. Ҳам аз даргоҳи дорулфунуни фирқавӣ гузаштаам, ҳам аз даргоҳи Академияи улуми саноеи умумииттифоқ.

– Росташро гӯй, бо кадом хоинони Ватан робита дорӣ?

– Тӯҳмат назанед! То кай бӯҳтон бофта, сари одамонро мехӯред? Умри дурӯғ кӯтоҳ аст.

– Ба нағзӣ росташро гӯй, вагарна...

– Чӣ гӯям, ки ба гапам боварат намеояд. Ин дили ман дарича надорад, ки кушода нишон диҳаму ба софиаш боварат биёяд. Ман ба ягон аз гуноҳҳое, ки ба гарданам гузоштаниед, иқрор намеорам. Чӣ қадар дӯстони поквиҷдонамро рабудед, акнун навбати ман расид?

– Душман буданат маълум, – ғосибон ба ӯ теғ кашида менигаристанд. – Дар зиндон пӯсида меравӣ. Баред ин хоинро!

Ба ҳамин тариқ, Аъзам Надировро бо чандин тӯҳмат, аммо дар амал барои хатоҳои Ҳизби Коммунист, «Тройка» ва НКВД-ро фошофош танқид карданаш чун «унсури бегона» ба ҳабс гирифтанд. Модари бечораи ӯ дар интизории писараш шабҳоро ба рӯз мебурду намехобид. Аз саҳар ба пеши дарвозаи ҳавлӣ палос андохта, чашм дар роҳи ҷигаргӯшааш менишаст. Ба шарфаи пои ҳар раҳгузар гӯш меандохт. Умедвор буд, ки рӯзе писарашро пешвоз мегирад.Баъзеҳо аз ӯ рӯ метофтанд, салом намекарданд, ҳоли ӯро дидаву кониста, худро ба нодонӣ мезаданд. «Сегона»-и НКВД чашми мардумро тарсонда буд: касе, ки дудмони «унсури бегона»-ро дастгирӣ кунаду ёрӣ расонад, ҷазо хоҳад дид. Баъзе ҳамсояҳо пагоҳу бегоҳ ба хабаргирии Мукаррама омада, аз фироқи писар ашк рехтанашро дида, таскинаш медоданд:

– Ин қадар ғам нахӯред, хола. Дарду алами шумо дили моро об мекунад. Худо хоҳад, писаратон меояд.

– Албатта, меояд. Писарам гуноҳ надошт. Оҳ, писарам, писарҷонам! Куҷо шуд нури чашмонам? Аъзамҷонам, шаҳсутуни хонадонам. Пас аз сари падар саробони додаронаш буд. Ба одаму олам назарбаландона менигарист. Баъди дафни падараш касе ба мо хабар дод: «Ман аз амаки Аҳмадбой қарздор будам. Мана дар ин руқъа чанд пул доданашонро бо дасти худ навиштаанд. Овардам, ки қарз ба қиёмат намонад», Аъзамҷон дар ҳузури Тӯрахон-қозӣ руқъаро дарронд ва таъкид кард: «Амак, дигар шумо қарздор не, қарзхоҳ ҳам нест. Мушкиле пеш ояд, мададгоратон мешавам». Ана, чӣ хел буд ҳиммати писарам. Дар хизмати халқ ҳаёташро ба гарав монд. Наход ӯро душман гӯянд? Не, не, худи ҳамон «душман» гуфтагиҳо душмананд!!! Писарам имрӯз ё фардо меояд. Лекин аз маҳалҳои дигар ҳам чандин касро чун душман бурдаанд. Ана, Тоҳирҷони

писари Фозилҷонбойбачаи дӯкондор ҳаст-ку, дар барқхона кор мекард? Мешиносед? Ҳа, ана ҳамонро ҳам бурдаанд. Ҳо, Мирзохоҷаи писари Маҳмудро мешиносед? Аз поёни маҳаллаи Чармгарӣ? Вайро ҳам бурдаанд. Боз фалонию бисмадониҳоро ҳам гирифтаанд. Ҳатто касоне, ки содиқтарин аъзои фирқа буданд, акнун душман шудаанд. Падару модарон ҳайрону ҳаросон, фарзандону хешовандон ошуфтаю парешон. Ҳамаи онҳо ҳам мисли писари ман бегуноҳ. Худоё, ин чӣ рӯзҳои сахт ба сарамон омад! Ин қадар «душман» бисёр будааст!

Ҳар рӯз чандин ҳамсоя холаи Мукаррамаро бо суханони дилсӯзона тасалло медод. Модар аз зани писараш Оля мепурсид:

– Духтарам, Аъзамҷон чӣ гуноҳ дошт, ки ҳабс карданд?

– Аъзам ҷурме надошт, – мегуфт Оля. – Медонед, модарҷон, ҳоло сиёсат чунон аст, ки бо андаке шубҳаи бебунёд, бо тӯҳмату хусумат хурдтарин камбудиро кӯҳ барин нишон дода, аз пашша фил месозанду аз дӯстони халқ душман. На ба тифлон раҳм мекунанду на ба пиронсолон...

– Магар ҳукумати Шӯро пеши роҳи ин беадолатиро гирифтан наметавонад? Фирқа дӯсти наздики одамон мегуфтанду чаро аъзоёнашро ба душманӣ мебарорад?

– Ин насли фирқавиён аз он насли асил не. Ба хатоҳои ҷиддие роҳ дод, ки таърих намебахшад. Аз ин дастгоҳ пеш аз ҳама худи фирқавиён ҷабру ҷафо диданд. Гирем оилаи худамонро. Мо чӣ гуноҳ дорем, ки ба ин бадбахтӣ расонданд?

– Духтарам, чун зани узви фирқа ба ман фаҳмон, ки ин ҳама ҷиноятро бо дасти киҳо мекунанд?

– Бо дасти «тройка».

– Тройка? Ин чӣ гуфтанӣ гап?

– «Тройка» иборат аз се касе зоҳиран боэътимоди ҳизбу ҳукумат, аммо аксаран унсурони ниқобдоре ҳастанд, ки корашон хурдагарию айбҷӯӣ, бӯҳтону ҷиноятгарӣ. Бо амри ҳамин се нафар мамлакат ба харобӣ рӯ овард.

– Келинҷон, пештар дар ин ҷойҳои мо идораи маҳкамаю қозихона буд, додгоҳу додрас буд, таноби золимонро мекашиданд. Наход акнун ҳамааш баръакс шудаю се кас ҳокими мутлақ?

– Мутаассифона, ҳамин тавр. «Тройка» бе пурсишу даҳолат, бе ҳукми додситон тақдири одамони бегуноҳро ҳал мекунад.

– Хуб ба вай ҳуқуқи калон додаанд. Аъмолашро ба рафиқ Сталин хабар додан даркор. Ту, ки дар Москва зиндагӣ дорӣ, ба қабулаш даромада, ин вазъиятро хабар деҳ...

Оля ғаму ғуссаро фурӯ нишонда, ночор табассум намуд:

– Эҳ, модарҷони содаи дунёбехабар! Ба гумонатон аз ин воқиаҳо Сталин дарак надорад? Ба таъсиси «Тройка» худи вай дастур медиҳад. Гунаҳгори аввал худи Сталин, сонӣ пайравони ӯ. Вале ин бедодиро ба кӣ мегӯед? Даҳан кушоед, ба даҳанатон тир мезананд.

Модар аз дидагони ашколуди келинаш чашм наканда, боз мепурсид:

– Гапат ҳаққу боз фикр кун. Шояд Аъзам дар ҷои кораш ягон саҳву хатои калон гузаронд?

– Не, писаратон тамоман бегуноҳ! – беқарор мешуд Оля. – Борҳо шарҳи ҳолашро якҷоя навишта будем. Вай ҳатто мукофотҳои ҳукуматӣ дорад.

Модару арӯс китоби рӯзгори Аъзамро варақ мегардонданд. Вай чиҳил рӯз дар инқилоби Бухоро ширкат дошт. Соли 1922 босмачиёни Турди-қурбошӣ Конибодомро ғорат карда, ӯро кофтанд, ки ба қатл расонанд, вале наёфтанд. Аъзам аз қасди онҳо воқиф шуда, шаб дар маҳалҳои хавфнок пайдо мегашту рӯз дар гӯри кӯҳнарехта мепаноҳид. Ӯ вакили анҷумани дуюми умумитуркистонии Иттифоқи қӯшиён (1924), вакили анҷумани якуми муассиси фирқаи болшевикони Ӯзбекистон (1925) ва анҷумани якуми фирқаи болшевикони Тоҷикистон (1930) буд, борҳо узви КМ интихоб гардид. Чун узви ҷамъияти омӯзиши меросҳои аҷдодии Тоҷикистону Эрон чанд мақолаи илмӣ ба қалами ӯ мутааллиқанд. Соли 1926 ӯро барои хидматҳои шоистааш дар татбиқиислоҳоти замину об ва кори пурсамараш дар Иттифоқи қӯшчиён бо тақдирномаи ифтихории кумитаи фирқавӣ ва комиҷроияи вилояти Фарғона мукофотонидаанд. Ҳангоми кор дар Ворошиловобод низ ӯро ба мукофот пешниҳод карданд, аммо...

Аъзам Надиров ҷавонмарди табиатан зиндадиле буд, ки зиндагиро бе илму адаб, бе шеъру тарона ва мутояба дар андешааш намеғунҷонд. Аммо алъон дар ҳабсхона хуни дил мехӯрду худро ба чунин абъёти пурсӯзу гудози Сайидо таскину тасалло медод:

*Сад биёбон тай шуду аз корвон дурам ҳанӯз,*
*Киштии тӯфонии дарёи пуршӯрам ҳанӯз.*
*Партави хуршедаму дорам ҳавои кӯи дӯст,*
*Олам аз ман равшан асту толиби нурам ҳанӯз.*
*Муддате шуд, соғарамро карда даврон сарнагун,*
*Дар шикасти косаи чинии Фағфурам ҳанӯз...*

Воқиан, аз боздоштгоҳи маҳбусони сиёсӣ ҳамагӣ ду номаи Аъзам Надиров ба хонаводааш расид: яке ба модараш Мукаррама,, дигаре ба ҳамсараш Оля. Аз хондани хати ӯ кас эҳсос мекунад, ки соҳиби он чӣ марди мудрику ҳассосест. Мана он мактубе, ки модар то вопасин рӯзи ҳаёташ (Мукаррама соли 1973 дар синни 98-солагӣ даргузашт) чун як нишонаи табаррук аз нахустписар маҳфуз медошт:

«Модарҷони азиз! Аз ман парешон нашавед. Ба ҳар ҳол зиндаам, дареғи ҳамсолону ҳаммаслаконам, ки ҳадафи тири нохалафонанд, ё ба тӯҳмату хиёнатҳо тоб наёварда, ҷон ба ҷаббор супурданд. Зиндагӣ аҷаб саҳнаҳои махуфу мудҳиш дорад. Зиндагӣ арсаи муборизаву муҷодала ва кӯшишу суботкорист, моҳияти масъаларо нафаҳмида, хато равӣ, аз гуноҳат мегузарад, агар дидаву дониста, ҷоҳилӣ намоӣ, ҷурматро намебахшад, агар аз тасодуф пешпо хӯрию афтӣ, аз дастат мегирад, лекин қасдан касеро пешпо диҳӣ, назари сард меафканад. Дар водии бепоёни зиндагӣ танҳо касоне ба кӯи мурод мерасанд, ки фарозу нишеби зиёдеро бо дили моломол аз умеду орзу бипаймоянд, ба ранҷу шиканҷ мардона тобу таҳаммул оваранд, ба нокомиву шикасти дил бисозанд, ба рӯи оворагиву маъюсиҳо биханданд ва бар муқобили бемоягони пастфитрат ливои мардиро баланд афрозанд.

Умедворам, ки рӯзе ба дидори ҳам мерасем. «Дунё боумед, шайтон ноумед!» Агар ду-се чоплӯс адолатро поймол кард, ин маънои онро надорад, ки адлу инсоф аз диёри мо бебозгашт рафт.

Модарҷон, шумо аз тақдири ман рӯҳафтода нашуда, худро бардам нигоҳ доред. Ба тарсу навмедӣ роҳ надиҳед! Худатон ба мо «Аз Алӣ омӯз ихлоси амал» гӯён, пандҳоро такрор мекардед: «Бузургтарин гуноҳ тарс аст, бузургтарин бало навмедист, бузургтарин шуҷоат сабр аст, бузургтарин сармоя эътимод бар нафс аст!» Ин пандҳо бояд раҳнамои мароми мо бошанд.

Хайр, орзуманди саломатии ҳамаи шумо Аъзам Надиров. 2 августи соли 1938».

Номаи дуюмро ӯ ба завҷааш навишт:

«Олгаи азиз, ту чӣ ҳол дорӣ? Аҳволи ман бояд ба худат маълум бошад. Намедонам баъди чанд вақт ба озодӣ мебароям. Сад ҳайф, ки рӯзгори ширини мо бо заҳри бӯҳтони нохалафон омехт. Ту медонӣ, ки ман бегуноҳам. Асорат ҷои бегуноҳон нест... Дилам бисёр мехоҳад, ки духтарамон Нина ва ҳар ду писарчаамонро ба воя расонда, дар донишкадаи ҳуқуқшиносӣ хононӣ, то чун муҳофизони ҳуқуқи башар ба камол расонӣ. Ин орзуи маро (афсӯс, ки имрӯз вазифаи худро дар назди онҳо чун падар имкони адо кардан надорам) ту бояд амалӣ гардонӣ.

Бо салом дӯстдори ту Аъзам. 10 августи соли 1938».

Ба таърихи номаҳо зеҳн монед, ҳар ду дар нимаи як моҳ иншо ёфта. Фосилаашон як ҳафта. Яъне Надиров бо амри тасодуфе ба навиштани мактуб фурсат ёфтааст. Вагарна ба асирони сиёсӣ додугирифт ва мукотиба мамнӯъ буд...

Аз байн рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо мегузашту дар дили аҳли хонадон доғи худро мегузошт. Дарду ҳасрати модару арӯси аламзада интиҳо надошт. Онҳо борҳо бистарӣ мешуданду мекоҳиданд. Модари мубталои азобу алами руҳӣ ба келинаш мегуфт: «Духтарам, Оля, ту ҳамроҳи писарам Исмоил барои сафед кардани Аъзам чора бубин. Эътирознома нависед! Наход дар ин олам дигар адлу инсоф намонд? Ту ҳоло ҷавонӣ, саломатиатро нигоҳ дор. Наберахоям охирин нусхаю нишонаи Аъзам ҳастанд, тарбияташонро аз назарат дур намон».

Оля умед дошт, ки шавҳараш зинда асту ба сари хонадонаш бозмегардад. Ҳайҳот, армон дар дилаш монд. Хабари қатли шавҳарашро расонданд. Дили ин духтари масковӣ аз зиндагӣ

сард гашт. Пас ӯ, ки ба даргоҳи падараш паноҳида буд, ноилоҷ бо фарзандонаш ба як гӯшаи дури шаҳри Маскав кӯч баст. Вазъият басо мураккаб ба назар мерасид. «Кулоҳсурхон» ҳар рӯз дар ҳар кӯчаву хиёбон ба кофтукоби хонаи одамон шуғл доштанд. Дӯғи ин душманкобон баланд садо медод. Омирона мепурсиданд: «Писаратон куҷост? Мабодо ба думравони Троцкий ва Бухарин роҳ надода бошед? Аз душманони халқ, аз аксулинқилобиён эҳтиёт кунед. Каси шубҳаноке пайдо шавад, зуд ба мана ин рақами телефон занг занед!»

Мепурсед, ки додарони Аъзам Надиров дар кадом ҳолат мезистанд? Ҳамаи онҳо бо аҳли байташон аз паси бародари «душман» тазйиқ медиданд аз муҳити носолим. Айюби диндор аз ҳама бисёр фишор медид. Бечора маҷбуран ба яке аз деҳоти дурдасти ҳамсоя ғайб зад. Исмоил аз чашми балоҳои охирзамон дуртар рафт. Бо аҳли оилааш ба Маскав кӯчида, аз назари нохалафон пинҳон мезист. Зоҳиран аз бӯҳтону балоҳо як навъ раҳоӣ ёфт. Аммо дар асл аз таҳдиди таъқибгарон рӯзгори тираву тор дошт. Дарёфт, ки боди шадиди таъқибот аз Марказ мевазидааст ба атроф. Ӯ аз борон гурехта, ба барф вохӯрд. Танҳо охири солҳои сиюм, ки ӯро дар сохтмони метро чун нақбкан ба кор гирифтанд, аҳли байташ андак осудаҳолона нафас кашиданд.Минбаъд Исмоил Надиров дар Маскав дар намояндагии доимии Тоҷикистон дар назди Шӯрои Вазирони ИҶШС вазифаи муовинро оид ба таъминоти моддию техникӣ ба ҷо меовард. Абдуғаффор дар киностудияи Душанбе тамоми умрашро ба хидмати аҳли ҳунар бахшид.Писари панҷуми хонавода Абдусаттор аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ маҷрӯҳ баргашта, солҳои тӯлонӣ дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми босазо гузошт. Амакбачаи онҳо, яке аз нахустин омӯзгорони тоҷик Қурбонбибӣ Аҳмадова барои ҳифзи Аъзам ба идораҳои ҳукуматию шӯравӣ даҳҳо шикоят навишт, вале домани ҳақиқат ба дасташ нарасид. Аҳли ин хонаводаи равшандилон як умр ғам мехӯрданд, ки ҷаллодони «сегона» риштаи ҳаёти бародарашон Аъзамро ноҳақ гусастанд.

Нина Аъзамовна Сёмина – ягона духтари Аъзам Надиров дар Маскав таҳти ғамхории модараш ба воя расида, бо номи нек ба шавҳар баромад, соҳиби хонаю дар ва фарзандон гар-

дид. Вай васияти падарашро амалӣ гардонд: маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ба даст овард. Солҳои сол дар паҳлуи амакаш Исмоил барои сафед кардани номи падараш мубориза бурд. Ба идораҳои дахлдори адлия, ба ҷанобони муҳофизи ҳуқуқ пайваста эътирозу шикоятномаҳо навишта, талаб кард, ки ҳақ ба ҳақдор расад. Аммо гӯши ҳақшунав намеёфт.

Билохира, баъди бист соли фоҷиа – шонздаҳуми июли соли 1957 ҳайати ҳарбии Додгоҳи Олии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳукми пешинаи худро аз бисту якуми октябри соли 1938 дар ҳаққи Аъзам Надиров бекор ҳисобида, ӯро пас аз қатлаш бегуноҳ донист. Вақте ки ин хабарро ба холаи Мукаррама расонданд, вай оҳи бадарде кашид ва зор-зор гирист: «Бечора писари сарсахту хунинҷигарам! Дар маҳбусӣ даҳшатҳои чашмнодиду гӯшношунидро аз сар гузаронда, ба шаҳодат расид. Медонед, ба сари хонаводаҳои мо чӣ балоҳо оварданд? Ғами писарам маро обу адо кард. Фарзандонам Айюбу Исмоил, Исроилу Абдуғаффор ва Абдусаттор аз тазйиқу табъид нобаҳангом ба пирию дардмандӣ расиданд. Ҷавонии зани Аъзам хазон гашт. Лаънати дунё бод ба он кӯрдилони ҷаллод, ки аз оташи таъқибашон хонаи халқ сӯхт!»

Барои инсони комил сарвате баландтар аз номус нест. Пас аз сафед кардани Аъзам Надиров барои модараш сиву панҷ сӯм нафақа медоданд. Вале модари волохирад ин пулро хунбаҳои куштори писараш донист ва нагирифт. Ӯ аз ҳисоби писарони аз тӯфонҳо амон ёфтааш серу пур мезист.

Соли 1947 рафиқи Аъзам Надиров, маҳбуси сиёсӣ Мирзохоҷа Маҳмудов пас аз ҳабси даҳсола ба зодгоҳаш баргашт. Рӯзе ӯ бо ҳамсараш як либос куртаворӣ ҳадя гирифта, ба дидани холаи Мукаррама омад. Онҳо лаҳзае мутаҳайирона ба андоми ҳам нигариста, баъд якбора, чун модару писари пас аз солҳои ҷудоӣ рӯ ба рӯ омада, якдигарро ба оғӯш гирифтанду бӯсобӯсӣ карданду гиристанд. Модар бо суханони зерин дилашро холӣ мекард: «Эҳ, Мирзо, Мирзоҷони азиз! Ин чӣ рӯзу соати саид! Боварам намеояд, ки ин шумоед. Худи Аъзамҷонама дидагӣ барин ҳастам ҳоло. Рӯҳи писарамро зинда кардед, ҷони модар. Хайрият, озод кардаанд. Охир, шумо чӣ гуноҳ доштед?» Мирзохоҷа оби чашмашро пок карду гуфт:

«Дар ин даҳ сол донистам, ки бегуноҳии мо худ гуноҳе будааст дар ин замона. Гунаҳгорони асосӣ дар озодию мо дар асорат ҷон меканем...»

Холаи Мукаррама меҳмонро ба хонае дароваронд, ки як вақтҳо нишастгоҳи аҳли илму ҳилм ҳисоб меёфт.Ҳар шомгоҳи рӯзҳои истироҳат дар ин хона рафиқони Аъзам Надиров: Ҳамиддин Эшонов, Мирзохоҷа Маҳмудов, Мухтор Саидов ва дигарон ҷамъ омада, сӯҳбати хосса меоростанд. Сухан аз рафоқати ҳамдигар ва садоқати бародарӣ намаки оши маҳфили эшон буд.Пас аз гуфтушунид аз мактабу маориф, каму кости зисту зиндагӣ ва авзои замон Ҳамиддин Эшонов, ки дутории моҳир ҳам буд, бо навохтани чанд наво аз Шашмақом табъи дӯстонро шод мегардонд... Ҳоло Мирзохоҷа ба ҷевон чашм давонда, ҳамон китобҳои рафиқашро дид, ки қатор-қатор хобидаанд. Дар паҳлуи девонҳои Саъдиву Ҳофиз, Низомиву Бедил ҷилд-ҷилд асарҳои Пушкину Толстой, Ленину Сталин... Аъзам ҳамаи ин китобҳоро мутолиа мекард... Дили Мирзохоҷа ба тазйиқ омад...

Хушбахтона, талошу муборизаҳои Аъзам Надиров дар саҳифаи таърих камобеш нақши худро ёфтааст. Ибтидои солҳои бистум адиби рус Леонид Соловёв дар «Китоби ҷавонӣ» ном маҷмӯаи ёддошт ва очеркҳои ҳуҷҷатиаш хидматҳои раиси ревком Аъзам Надировро низ ба қалам оварда, ӯро чун фидоии роҳи ҳақиқат, бунёдгари рӯзгори навин ва марди ростқавлу иродаматин ном мебурд.

Драманависи шинохтаи тоҷик Ғанӣ Абдулло дар чанд намоиши асари саҳнавиаш «Сарбозони инқилоб» симои писари вафодори халқ, ходими шӯълавари фирқавӣ ва давлатӣ Аъзам Надировро бо ҳусни таваҷҷӯҳ ба қалам додааст. Дар кошонаи муншии аввали Кумитаи Марказии Фирқаи коммунистии Бухоро Абдулло Раҳимбоев ва Файзулло Хоҷаев маслиҳат мекунанд:

«Хоҷаев: Вазифа маълум. Аммо афсӯс, ки коркунони ва босавод ниҳоят каманд. Онҳоро бо ангушт шумурдан мумкин.

Раҳимбоев: Мо дар Бюрои Осиёимиёнагӣ гапзанон кардем. Онҳо ваъда карданд, ки ёрӣ медиҳанд. Ҳоло ба ёрии Шоте-

мур, Имомов ва Нусратулло Махсум ба монанди Надиров ва Афзалӣ як қатор ходимони болаёқат ва соҳибсаводро мефиристанд. Ту онҳоро мешиносӣ?

Хоҷаев: Мешиносам. Аммо Надировро чандон нағз намедонам. Агар хато накунам, боре дар Тошканд дида будам.

Раҳимбоев: Худи худаш. Аз Конибодом. Дар мактаби фирқавии Тошканд хондааст. Марди ростгӯй, нотиқи хуб. Ҷӯшу хурӯши инқилобӣ дорад».

Дар қисмати дигари драма, дар Шӯрои Ҳарбии Инқилобӣ Хоҷаев ба Раҳимбоев мамнунияти худро доир ба кӯмак барои Бухорои Шарқӣ изҳор карда, Аъзам Надировро пеш аз дигарон ном мебарад: «Раҳмат. Хурсанд ман, Абдулло! Барои маълумот инро ҳам гӯям, ки иборат аз рафиқон Надиров, Муҳаммадҷонов ва Қурбон Ортиқбоев Бюрои Ташкилии Бухорои Шарқиро ташкил додем ва ҷои доимии онро шаҳри Душанбе таъйин кардем».

Дар он солҳои пурошӯбу мудҳиш тартиботи худкомагӣ ва диктатурӣ ҳукмравоӣ дошт ва аз озодии демократӣ нишоне намедидед, ширро сиёҳ мегуфтанду қирро сафед. Халқи заҳматкаш аз сарварони худсару мутакаббир ноҳақ ранҷу озор медид. Аз ҷумла Аъзам Надиров низ барои фошгӯиву номуросо будан ба сиёсати ҳокими диктатур Сталин қурбон гашт. Ҳайфо, ки киштии умедаш ба соҳили мурод нарасид, тӯфони тӯҳмат ва хусумату адоват онро ба хоросанги азими истибдод бизад ва ба гирдоби фалокату офат, ба қаъри вартаи адам андохт.

## ФАРҶОМИ ЯК ФОҶИА

Тирамоҳи соли 1988 аз маҳаллаи Кӯиғозиён мегузаштам. Кӯиғозиён аз қадимтарин маҳалҳои Конибодом буда, авом онро Кӯиқозиён ё Қазоқон номидаанд. Назар ба маълумоти қиссаҳо аҳолии ин маҳал замоне аз зулму истибдоди амалдорон ба дод омада, ғазавот карда, дар натиҷа мардум ба онҳо ғозӣ ва ба маҳаллашон Кӯиғозиён ном додаанд. Вале бо мурури айём Кӯиғозиён ба Кӯиқозиён бадал ёфтааст.

Чун ба сари Чашма расидам, дидам, ки ба ҳавлие гурӯҳ-

гурӯҳ одамон рафтуомад доштанд. Аз шахсе пурсидам, ки ин ҷо чӣ маърака ҳаст? Гуфт:

– Маъракаи Насрулло Абдуллоев ном касе будааст, ки чиҳил сол пеш дар Сибир шаҳид шудааст.

– Э ҳа, ин ҳамон Абдуллоев, ки чанде пеш дар рӯзномаи ҷавонони ҷумҳурӣ дар бораи ҳаёту мамоташ мақолае хондем-а?

– Бале, худи худаш, – гуфт он шахси ҳолдон. – Баъди гузашти ин қадр вақт расми азогиронро ба ҷо меоранд. Ғаму ғуссаи ҳамсараш Роҳатхон ва духтараш Матлуба аз нав рӯ заданд.

Хабар доштам, ки чӣ хел рафиқи луғатшинос ва қомуснигорам Наримон Абдуллозода чандин сол роҳу пайроҳаҳои рӯзгори амаки шаҳидашро ҷустуҷӯ мекарду меомӯхт. Ӯ бо аснод ва ҳуҷҷати бойгонӣ ошно шуда, бо меҳтарон ва шиносони Насрулло Абдуллоев вохӯрда, барои мақолаи хондание мавод ба даст меовард. Пас мақолаи ӯ дар рӯзномаи ҷавонони ҷумҳурӣ (16 сентябри соли 1988) ба табъ расид.

Таъқиботи солҳои сиюму чилум ва ибтиди солҳои панҷоҳуми асри бистум дар китоби таърихи халқи мо яке аз саҳифаҳои сиёҳи фоҷиавӣ ҳисоб меёбад. Ҷазои оммавие, ки бунёдашро фармонфармоӣ (диктатура) ташкил медод ва чун мубориза синфӣ тафсир меёфт, саросари мамлакатро фаро мегирифт. Ҳазорон ҳазор намояндаи илму фарҳанг, лашкаркашон ва роҳбарони барҷастаи халқро аз байн рабуд ва сарнавишташонро доғдор гардонд.

... Насруллоҳ соли 1906 дар Кӯиқозиён аз оилаи наҷҷор ба дунё омад. Чун ӯ ба синни ҳафт расид, аз паи хату савод афтод. Падари вай, ки аз мӯътақидони дини ислом буд, мехост писараш Насруллоро бо роҳи дини мубини ислом барад. Бародараш Умархоҷа, ки дар Бухоро мударриси мадраса буд, Насруллои хушзеҳну қобилро ба тарбияи худ гирифт. Насрулло дар даҳсолагӣ озими Бухоро шуд ва ба зудӣ Қуръони маҷид ва улуми дуняviро азбар кард. Чун тундбоди тирамоҳи соли 1917 ба Бухоро расид, ӯ ба зодгоҳаш баргашт ва таҳсилро дар мактаби навтаъсиси шӯроҳо идома дод.Соли 1924 ба нахустин Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошканд дохил гардид. Баъди хатми таҳсил ӯро ба Душанбе фи-

ристоданд. Вай дар Комиссариати маорифи халқ вазифаи мудири шӯъба ва бозрас (инспектор)-ро ба ӯҳда гирифт. Ба мактабҳои шаҳру деҳот рафта, дар беҳбудии шароити таълиму тарбия ва такмили ихтисоси муаллимон маслиҳатҳои муфид медод ва ёрии амалӣ мерасонд.

Насрулло Абдуллоев оҳиста-оҳиста лаёқати ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ зоҳир менамуд. Солҳои 1930-31 дар КМ ҲКТ вазифаи мушовири аршади иттифоқи камбағалонро ба ӯҳда дошт.

Пас сохтмони азими обёрии водии Вахш оғоз ёфт, ки дар Тоҷикистон рукни асосии нақшаи панҷсолаи якумро ташкил медод. Ҳазорҳо нафар коргару мутахассиси ҷавонро ба ин сохтмон меоварданд. Кумитаи марказии комсомоли ҷумҳурӣ 800 нафар аъзои худро ба ин сохтмон сафарбар кард, ки Насрулло Абдуллоев низ дар миёни онҳо буд. Вай муҳаррири масъули рӯзномаи «Зарбдори сохтмони Вахш» таъйин гардид. Дар ҳаёташ имтиҳону санҷиши қалам фаро расид. Ӯ дар гузоришҳои фишурда ва мақолаву очеркҳояш набзи сохтмони азимро бо ҳамаи вусъату иқтидораш инъикос мекард.Сонӣ корҳои шарифу пурсамарашро ба назар гирифта, ӯро ба идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба кори нав гузаронданд. Насрулло Абдуллоев аз соли 1933 дар вазифаи муовини муҳаррир ва аз соли 1934 ҳамчун муҳаррири ҳамин рӯзнома масъулияташро ба ҷо меовард. Саҳифаҳои он солҳои ин ҷаридаро варақ занед, дарк мекунед, ки дар сохтмони колхозӣ, саводомӯзӣ, мустаҳкам кардани мудофиаи Ватан, мубориза бар зидди душманони синфӣ саҳми ҷавонон чӣ андоза бузург будааст.

Сипас Насрулло Абдуллоев ба Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба кор омад. Мудири шӯъбаи адабиёти ҷавонон ва наврасон буд, гирди масоили марбут ба китоб, табъу нашр дар шароити ногувори он солҳо мегашт. Чун ношир ва қаламкаш дар миёни аҳолӣ китобдӯстӣ ва донишпарвариро тарғиб мекард. «Одамиро баробари хонаву палосу либос боз китобу мутолааву маърифат ҳам фарз асту ҳам суннат, – таъкид мекард ӯ ба ҷавонон. – Бояд бикӯшем, ки анъанаи басо волою писандидаи мардуми мо – эҳтирому бузургдошти китоб, ки аз зумраи муқаддасоти рӯзгор аст, аз байн наравад».

Насрулло ғусса мехӯрд, ки аз боиси кӯтоҳназарии иддае курсинишинони вақт мероси ниёгони мо бо айби «ҷанбаи динӣ доштан» рӯи чопро надида, дар гӯшае зери гарду ғубор мехобад. Чун ӯ медид, ки ба нашри асарҳои камаҳамияту пастсифат ва холӣ аз фасоҳату назокати сухан, ки завқу зеҳни хонандаро мекоҳонад, амр медиҳанд, чун медид бозори китобу рисолаҳоро, ки ба дарди мардум намехӯранду ба дилу мағзи хонанда роҳ намеёбанд, равнақ дода, ба сухани чопӣ эҳсосу эътимодро мекушанд, ба кӣ гуфтани дарду аламашро надониста, дарун-дарун месӯхт. Аз фишорҳои «боло» ба чунин хулоса меомад: «Ин ҷоҳилони тирадил пайванди тоҷиконро аз фарҳанги ғании қадимаашон ба таври сунъӣ гусастаниянд. Дардо, ки ин қабоҳатро бо дасти худи тоҷикон ба амал баровараниянд...»

Баҳори соли 1937 тӯфони сахти шубҳаю бадгумонӣ бархост. Гулҳои рӯшанфикрони тоҷик, ки бунёди фарҳанги миллатро ташкил медоданд, низ ба таъқиб афтоданд. Ин гирдоби фалокат ноширонро низ ба коми худ мекашид.Аввал раиси идораи Нашриёти давлатии Тоҷикистон Айюбҷоновро «душмани халқ» хонданд ва ба қатл расонданд. Пас, даҳуми августи соли 1937 Насрулло Абдуллоевро низ ба ҳабс гирифтанд. Додгоҳи низомии Тоҷикистон дар асоси қарори махсуси маҷлиси НКВД-и СССР аз ҳаштуми майи соли 1938 ӯро ҳамчун «унсури аксулинқилобӣ» ба муддати ҳашт сол маҳкум кард. Насрулло шукр мегуфт, ки ба ҳар ҳол зинда монд, бисёриҳоро ҳукми куштан медоданд.

Маҳбусонро дар вагонҳои столипинии симтӯркашидаю боркаш ба Сибир мебурданд. Ҳар қадами онҳо дар зери назорат. Сармои шадиди Сибир барои ҷанубиҳои ба гармо хӯгирифта басо тоқатфарсо буд.Дар зимистони қаҳратун дасту по ва гӯшу биниро сармо мезад. Хӯрок калорияи казоӣ надошт. Маҳбусон аз норасоии витамин гирифтори касалии зангила (цинга) шуда, дандонҳояшон паси ҳам мерехт. Дар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ маҳбусонро беш аз пеш таҳти назорати қатъӣ мегирифтанд, то фирор наоваранд. Посбонон чунин қоидаи лагерӣ «як қадам ба рост, як қадам ба чап – фирор ҳисоб меёбад»-ро ба кор мебурданд. Дар ин вазъияти

тоқатшикан онҳо ба иқлими вазнини Сибир камобеш мутобиқат пайдо карда, маҷбур буданд, ки корҳои сахту сангинро бечуну чаро ба анҷом расонанд.

Ниҳоят, соли 1946 баъди адои мӯҳлати ҷазо фарзандони тоҷик, аз ҷумла Насрулло Абдуллоев ҳам ба зодгоҳи худ баргаштанд. Собиқ маҳбусон акнун дар орзуи он буданд, ки ба қадри умри боқӣ расида, осуда зиянд. Насрулло дар чилуяксолагӣ ба Роҳатхон Аҳмадова ном духтаре тақдирашро пайваст ва орзу дошт, ки оромона умр ба сар барад.Афсӯс, ки ӯ ба мақсад нарасид. Ҳамагӣ як солу чаҳор моҳ оиладорӣ кард. Баҳори соли 1949 боз ба доми таъқибот афтод. Дубора ба маҳбас гирифтанд. Ин дафъа ба мӯҳлати панҷ сол. Дар вақти маҳбусиаш дар ҳабсхонаи Сталинобод ба ӯ хабар расид, ки ҳамсараш Роҳатхон духтарчадор шудааст. Вақти думоҳагии тифлак, ки ба ӯ Матлуба ном дода буданд, маълум гардид, ки падарашро аз сари нав ба Сибири дурдаст бадарға карданиянд. Ин шумхабар дарҳол ба Конибодом расиду Роҳатхон бо тифлак ва авсунаш Очахон роҳи Сталинободро пеш гирифт.Дар он ҷо барои дидор ва видои падар ба фарзанду ҳамсараш бо душвориҳо иҷозат доданд. Чун ба мулоқоти зану шавҳар навбат расид, посбони навбатдор ба ӯ иҷозат надод, ки бе шиноснома (паспорт) ба ҳам вохӯранд. Ноомади корро бинед, ки он рӯз шиносномаи Роҳатхон аз хотираш фаромӯш шудааст. Авсунаш Очахон, ки ҳамроҳи худ чунин ҳуҷҷат дошт, Матлубаи ширхорaро ба назди падараш даровард. Насрулло ҷигарбандашро рӯи даст гирифта, бӯсиду дар чашмонаш ашк ҳалқа зад...

Қатораи махсус, ки даҳҳо шабонарӯз ба Сибири Шарқӣ роҳ мепаймуд, дар истгоҳи роҳи оҳани Красноярск қарор гирифт. Посбонҳои маҳаллӣ зиндониёнро мувофиқи расмият қабул карда, таҳти назорати қатъӣ ба маҳалли Туруханск бурданд. Акнун Насрулло тавассути киштӣ дар соҳилҳои дарёи азими Енисей, ки қад-қади он бандаргоҳҳои Сушинск, Норилск ва Дудинка воқеанд, бо сад азобу машаққат бор мекашонд...

Тирамоҳи соли 1951 Роҳатхон Аҳмадова аз шавҳараш охирин бор мактубе гирифт, ки дар он бахшида ба духтаракаш Матлуба се дубайтии падар сабт ёфта буд:

*Аҷаб дилбар, гули бодом дорам,*
*На шаб хобу на рӯз ором дорам.*
*Надонам, кай рухи ӯро бубинам,*
*Умеди бӯса субҳу шом дорам.*

* * *

*Падар аз мунису дилбанд маҳрум,*
*Зи дидори падар фарзанд маҳрум.*
*Надонам аз чунин таъқибу табъид*
*Шавем аз ҳамдигар то чанд маҳрум?*

* * *

*Ту хуштар аз суман, Матлубаи ман,*
*Шукуфӣ дар чаман, Матлубаи ман.*
*Набинад рӯйи ту ранги хазонро,*
*Нишони умри ман, Матлубаи ман!*

...Соли 1988 собиқ маҳбуси сиёсӣ Мустафоқул Нурмуҳаммадов дар посухи пурсишҳои Наримон Абдуллозода доир ба амакаш чунин маълумот дод: «Тақдир маро бо амакатон чунон пайваста будааст, ки дар таъқиби аввала ҳашт сол дар Магадани дурдаст ва дар бадарғаи баъдина се сол дар соҳилҳои Енисей якҷоя адои ҷазо мекардем. Як рӯзи тирамоҳ киштии боркашони мо, ки дар он ману Насрулло низ кор мекардем, дар ноҳияи Тура ба чӯбу гили соҳил дармонд. Ин гуна ҳолат даҳҳо ва садҳо бор рух медод ва ҳар бор киштиро ба осонӣ мекашиданд. Одатан киштиро ба ягон дарахти соҳил симтаноб (трос) кашида, раҳо медоданд.Ин дафъа низ ҳамин тавр карданд. Чӣ хатое содир шуду симпечи ғафси тобхӯрда аз дасти Насрулло бадар рафт ва ба миёнаш чунон сахт зарба расонд, ки аз ҳуш рафт ва аз по афтод. Фиғонам баромад. Ёриву мадад кор надод. Бечора дигар на ба ҳуш омаду на чашм кушод ва дар сарзамини бекарони Сибир абадан ба хок рафт. Ҷасадашро бо дасти худ гӯрондам...»

Дили ҳассоси Наримон Абдуллозода ба шунидани боқии суханони ҳаммаҳбаси амакаш тоб наовард. Вай бо гиряи ҷонгудоз бухси дилашро баровард. Нурмуҳаммадов таскину тасаллояш дод.

Сад ҳайф, ки қаламкаши дилогоҳ дар чилупанҷсолагӣ қурбони дасисаву беадолатӣ гардид. То ба зодгоҳаш баргаштан, то баҳори соли 1953, ки мӯҳлати ҳукм ба охир мерасид, ду сол камӣ мекард.

Матлуба бе падар, таҳти парастории модар ба воя расид. Хешовандон ба ӯ шафқат намуданд. Аммааш Муаллимаи хизматнишондодаи мактаби РСС Тоҷикистон Санавбар Абдуллоева ҳомию ҳимоятгари ин оилаи мусибатзада буд. Омӯзгори дилсӯз як умр аз паи тарбияву таҳсили Матлуба мекӯшид. Духтарак ба амакаш Ҳабибуллохон Абдуллоев «дадо» гӯён, бо меҳру муҳаббат муроҷиат менамуд.

Матлуба кӣ ва чӣ касе будани падарашро аз рӯи номаҳои аз Сибир фиристодаи ӯ ва тавассути мақолаҳои амакбачааш– номзади илм ва узви Иттиҳодияи журналистони СССР Наримон Абдуллозода ба хубӣ шинохт ва дарёфт. Донист, ки падари бегуноҳашро бе ҳеҷ асосу исбот ду маротиба ба ҳабс гирифта, ба Сибир фиристодаанд. Матлуба чун фарзанди лоиқи падар ба камол расид, донишкадаи тиббиро хатм намуда, соҳиби маълумоти олӣ гашт. Вай модари чаҳор фарзанд аст. Шавҳараш Ҳайдарҷон Назаров дар техникуми технологии ба номи Абдулаҳад Қаҳҳорови шаҳри Конибодом аз фанни кимиё дарс медод. Матлуба ҳар гоҳ падарашро ба ҳар қиёфа пеши назар меоварду оҳ мекашид...

Охируламр ҳақ ба ҳақдор расид. Бистуми апрели соли 1957 аз сабаби дар парвандаи ҷиноятии Абдуллоев Насрулло мавҷуд набудани ҷузъи ҷиноят ӯро комилан сафед карданд. Бо шунидани ин хабар аз чашмони модару духтар ашки талх рехт. Ин ягона санаде буд, ки онҳоро таскину тасалло бахшид.

Инак, аҳли хонавода ва хешовандон пас аз чиҳил соли марги ҷигаргӯшаи худ бори дигар мувофиқи расму ойини мардумӣ азои ӯро мегирифтанд.Ҳама ба таъқиботи он замони ҷаҳолату асорат лаънату нафрат мегуфтанд.

Ин азо давоми умри покмарде буд, ки дар ғарибӣ, дур аз ёру диёр баҳори рӯзгорашро хазон рабуд.

# АДИБИ НОКОМ

Тирамоҳи соли 1984 дар шумораи шашуми маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи адабиётшинос Валӣ Самад «Армуғони Қазон»-ро хондам. Муаллиф марбут ба адабиёти тоҷик маводи зиёде гирд овардааст, ки аз аксари онҳо хабар надоштем. Мақола ба аҳли илму адаб таъкид мекард, ки дар ганҷинаи шаҳри Қазон асарҳои нодири адабиёту маърифати мардуми тоҷик низ маҳфузанд.

«Солҳои 20-30 китобхонаи университети Қазон, – менависад муҳаққиқ, – тамоми осори нашрияҳои тоҷикиро муттасил мегирифт. Дар ин ҷо китобҳои зиёди тоҷикӣ маҳфузанд, ки то соли 1937 нашр шудаанд. Баъзеи ин китобҳо имрӯз дар Тоҷикистон қариб ки нестанд, дар китобхонаҳои шаҳрҳои машҳур ҳам ёфтанашон муҳол аст.Ба сабаби дастрас набудани онҳо ном ва хизмати бисёр муаллифон аз ёди мардум рафтааст. Ҳол он ки эшон, бо вуҷуди баъзе саҳву хатоҳо, чун сарбозони содиқи роҳи маърифатомӯзии халқ хидмат кардаанд... Аз китобҳои нодири тоҷикӣ маҷмӯаи ҳикояҳои Р. Тоҳирӣ «Зафар» (1932) ҷолиби диққат аст. Ҳикояҳои маҷмӯа ба мавзӯъҳои замонавӣ – озодии занҳо, коллективонии хоҷагии қишлоқ, тавлиди синфи коргар, зиёнкории душманон дар ин роҳ, ташкили мусобиқа ва амсоли инҳо бахшида шуда, дар ибтидои солҳои сиюм иншо гардидаанд. Маълум мешавад, ки Тоҳирӣ ҷавони сермаҳсуле будааст».

Кист он ҷавони хушлаёқате, ки солҳои сиюм бо ҳикоёти рангинаш саҳифаҳои матбуоти тоҷикро гул мекунонд? Тақдири ӯ ба чӣ сурат анҷомид? Пас аз пурсуҷӯи бисёре аз олим Ҳилол Карим дарак ёфтам:Тоҳирӣ ҷавони конибодомист, аз хешовандони нахустин журналистон ва муассисони рӯзномаҳои ҷумҳурӣ, бародарони ҷабрдида Тӯйчӣ ва Ғаффор Самадиҳо мебошад, дар таъқиботи соли 1937 сахттарин рӯзҳоро аз сар гузаронидааст...

Некмарди фозил Тӯйчӣ Самадиро мешинохтам. Рӯзе аз ӯ пурсидам:

– Муаллим, оё Р. Тоҳирӣ ном қаламкашеро медонед?

– Чаро нашиносам? Тағои ман буд Абдурауфи Тоҳирӣ. Бе-

чора дар гирдоби тӯҳмат афтод. Мусибатҳои ӯ дидаро агар нақл кунам, дилам реш-реш мегардад.

– Дар ин маҷалла адабиётшинос Валии Самад аз эҷодиёти Тоҳирӣ маълумот дода, «шахсияти ин нависандаи номаълумро аниқ бояд кард» гуфтааст.

– Кори неке кардааст пажӯҳанда. Китобҳояшро ёфта, номашро зинда бояд кард, – гуфт Самадӣ вақте ки «Садои Шарқ»-ро аз дасти ман мегирифт.

... Замони ҳокимияти диктатурӣ. Даврони болоравии фанду фиреб, тавтия, побанди ишкелу завлона шудани рӯшанфикрон, бозпурсиву истинтоқ ва шаттаву шаллоқҳо. Зиндону маҳбасҳои мамлакат пур буданд аз «ҷосусу вайронкор ва душмани халқу унсури бегона». Дар он рӯзҳои тираву тор, ки дар фазои диёри мо мурғи шумнафаси зулму истибдод, зоғи бадмури таъқибот болу пар мекушод, пеш аз ҳама, рӯзгори аҳли қалам зери хавфу хатар афтод. Надимони НКВД ба бӯҳтони чоплӯсу дасисаи иғвогаре бовар карда, баёноту далелҳои дурӯғинро насанҷидаю наомӯхта, ҳаёти одамони бегуноҳро бар боди фано медоданд.

Моҳи феврали соли 1938. Дар Сибири дурдаст зимистони қаҳратун ҳукмфармо. Барф то зону мезад. Дар яке аз рӯзҳо ба боздоштгоҳи ноҳияи Тураи соҳили Енисей аз Осиёи Вусто боз якчанд вагон маҳбусони нав оварданд, ки дар байни онҳо аз ҷумлаи чанд тан тоҷик нависанда Тоҳирӣ низ менамуд. Ин ҷавон ҳине, ки дар байни маҳбусон гаштугузор мекард, бо марди рӯгарме дучор омад. Пай бурд, ки ӯро дар куҷое дидааст, ситорааш гарм метофт. Онҳо беихтиёр ба чашмони якдигар нигаристанд.

– Ту аз куҷоӣ? – пурсид он яке ба тоҷикӣ.

– Ман аз Тоҷикистон, – гуфт дигаре аз шунидани забони модариаш болида. – Аз шаҳри Конибодом.

– Эҳ, чӣ рӯзи муборake, ки бо ҳамдиёрам дар ин ғарибӣ вомехӯрам.

Онҳо якдигарро ба оғӯш кашиданд, ашки ҳасрат рехтанд, пас дар кунҷе сӯҳбати худро гарм гирифтанд.

– Мо, маҳбусони тоҷикистонӣ, гурӯҳи калоне будем, дар тӯли

роҳ моро ба қисмҳо тақсим карданд, – гуфт маҳбуси кӯҳна ба маҳбуси тозаворид. – Он қадар ранҷу зиллат дидам, ки ҳеҷ напурс. Дар як ҷо афтоданамон фоли нек аст. Номат чист?

– Рауф Тоҳирӣ, аз маҳаллаи Пӯштахона. Муовини муҳаррири рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» будам.

– Ман қаламкаш гӯй. Ту қалам доштаӣ, ба мақомоти боло навишта, арзу дод накардӣ магар?

– Борҳо эътироз навиштам, арзам ба додрасе нарасид. Аз нависонавис хаста гаштам, аз ҳомиёни адлу инсоф дасту дилам хунук шуд. Тӯҳматро насанҷида, ҷиноятро дайн накарда, аз пашша фил сохтанд.

– Ба арзи ман ҳам эътибор надоданд. Бало ба пасашон! Чандсолаӣ?

– Соли таваллудам 1912.

– Аз ман се сол хурд будаӣ. Ба чӣ далел айбдор карданд?

– Далел аз куҷо? Ду нафар ҳасадбари лаин аз болоям хабаркашӣ карданд, ки гӯё ман бо душманони инқилоб робита доштааму ба онҳо ёрӣ медодаам. Ҳарчанд исрор кардам, ки ин ҳама тӯҳмати маҳз аст, бовар накарданд. Даҳ сол ҳукм бароварданд.

– Хафа нашав, Рауфҷон. Ҳоло замони бӯҳтону иғвогарӣ. Ҳама маҳбусони ин лагер тӯҳматзадаҳоянд. Маро ҳам тӯҳмати нокасон ба ин варта тела дод.

– Шумо аз кадом маҳалла ва чӣ ном доред?

– Ман аз маҳаллаи Чармгарӣ, номам Боқӣ Усмон. Дастпарвари омӯзишгоҳи нафткашии Боку. Соли 1933 баъд аз хатми донишкадаи зироати ба номи Мичурини шаҳри Маскав дар кафедраи зироати донишкадаи кишоварзии Душанбе устоз будам. Бисту нуҳуми марти соли 1936 маро ба ҳабс гирифтанд.

– Ба шумо чӣ бӯҳтон карданд?

– Саргузашти ҳар дуямон қариб як хел, додарам. Гӯё рӯҳонӣ будани падарам ҷиноят будааст. Гӯё ман вақтҳои таҳсил дар Маскав ғояҳои зиддихалқии Троцкий, Бухарин ва Риковро ташвиқ мекардаам. Гӯё «ватани дарахти ақоқиё (акатсия) Осиёи Миёна нест» гуфта бошам. Сонӣ баъзе ҳамкасбонамро ба кор андохтанд, ки айбҳои нав ба гарданам дайн кунанд. Баъзе муртадҳо маро ба ҳайси унсури бегона

қаламдод карда, ба НКВД маълумоти ноҳақ додаанд. Ба гарданам чунон гуноҳҳое монданд, ки дар гӯшаи хаёлам набуд. Ва боз: гӯё ман душмани озодии занҳо бошам. «Шоҳидон» Ҳамроев Болта, Тӯйчиев Юлчӣ ва Маҷлисов Одил шаҳодат додаанд, ки ман соли 1934 дар донишкадаи омӯзгорӣ ҳангоми дарси анатомияи одам иброз намудаам, ки «зан нисбат ба мард камақл мебошад, аз ин рӯ, ин ду ҷинс бо ҳам баробарҳуқуқ шуда наметавонанд».

– Иблисҳои лаънатӣ! Ман фақат аз он афсӯс мехурам, ки дар айни камолоти эҷодӣ миёнамро шикастанд.Ин чӣ хел давлатдорӣ аст, ки ба тӯҳматчиён бовар мекунанду ба инсонҳои воқеӣ ва содиқ не? Ходимони илму фарҳанг, олимону адибон, муҳандисону меъморон, роҳбарҳои хирадманд, хуллас, гулҳои ҷомиаро дар асоси хабарҳои бофтаю бардурӯғ ба ҷазо кашиданд...

Шикваи маҳбусон бедарак набуд. Онҳо аз зумраи ин қабил равшанфикрони ҷабрдида буданд. Рауф Тоҳирӣ то 28 декабри соли 1937 муовини муҳаррири рӯзномаи бачаҳо буд. Ӯро дар асоси баённомаи бофтаи Ғаниев ва Нуров ном ду иғвогар аз озодӣ маҳрум карданд. Ба тӯҳмати навкарони махфии НКВД, гӯё Тоҳирӣ байни мардум ташфиқоти зиддишӯравӣ бурда, бо «душманони инқилоб» Насрулло Абдуллоев (муҳаррири рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон») ва Василий Николаевич Герасимов (котиби КМ ҲК Тоҷикистон) ҳамкорӣ доштааст. Тоҳирӣ дар рафти мурофиа ҳарчанд кӯшид, ки дурӯғ будани баёноти Ғаниеву Нуровро собит карда, бегуноҳии худро исбот намояд, суде набахшид. Зимни қарори сегонаи махсуси НКВД соли 1937 дар ҳукмномааш навиштаанд: «Тоҳирӣ Рауф бо миллатгароёни аксулинқилобӣ иртибот гирифта, бо душманони халқ Абдуллоев ва Герасимов якҷоя кор бурдааст. Мавсуф, ки дар идораи рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ифои вазифа дошт, дар миёни ҳамкоронаш таблиғоти аксулинқилобӣ бурда, онҳоро алайҳи давлати шӯравӣ ангехта буд. Суханони доҳиёни ҳизбу ҳукуматро таҳриф мекард, бо мақсадҳои ғаразноки зиддиинқилобӣ хабару мақолаҳои мухбирони коргару деҳқонро, ки фаъолияти кулакҳо ва аҳли тақворо фош менамуданд, аз чоп бозмедошт» (Аз ҳуҷҷати Бойгонии давлатии ҷумҳурӣ).

Инак, Рауф Тоҳирӣ дар Сибир машғули кори вазнини дарахтбурию чӯбборкунӣ. Вай дар сармои тоқатфарсо то зону ба барф ғӯтида, чӯбҳои тари гаронро ба аробаю мошинҳо бор карда, то роҳи оҳан интиқол медод. Асирон аз меҳнати сангин ва гуруснагию сармо беҳолу бемадор мешуданд.

– Ҳамшаҳр, хайрият, дар ин рӯзҳои сиёҳ якҷояем, – боре дар хилват гуфт Рауф.

– Агар ҳамроҳ намебудем, аз рӯзам пештар мемурдам, – посух дод Боқӣ. – Ту қуввати дилам ҳастӣ, Рауф. Эҳ, тақдир! Кӣ гумон мебурд, ки ба ин мусибат гирифтор мешавем?

– Худоё, мақсади НКВД ва Ревтребунал чӣ бошад-а? Кор ба ин маром давом кунад, онҳо бо кӣ давлатдорӣ мекунанд? – ба рӯи рафиқаш маънидорона нигариста, пурсид Рауф.

– Мақсад маълум, додарам: бо сиёсати зӯроварӣ гулҳои ҷомиаро ҷисману руҳан нобуд карда, худ бо майли хотир ҳукм ронданианд. Яъне мардумро метарсонанд, ки муқобилатро бар зидди ҳукумат фаромӯш кунанд, як умр мутеъю итоаткор шаванд, амрашонро бе чуну чаро ба ҷо оварда, ғуломи ҳалқабаргӯш бошанд. Аз ҳамин иборат аст мағз-мағзи сиёсаташон. Хомигарии моро бин, ки сараввал ин сиёсати бадфарҷомро дастгирӣ кардем, намедонистем, ки ин ҳама мисли субҳи козиб будааст.

– Гумони ман ҳам дигар буд. Тайёр будам, ки дар роҳи аҳдофи ҳизб аз сари худ гузарам. Бо даъвати болшевикон ғояҳои доҳӣ ва Октябрро ташвиқ карда, сотсиализму ленинизмро дар мақолаҳоям ситоиш менамудам. Ҳазор афсӯс, аҳли қаламро маҷбур карданд, ки якеро писари эшону мулло нависанд, дигареро авлоди кулак, бадхоҳи сохти ҷадид гӯянд, сеюмиро душмани синфӣ...Сонӣ саҳву хатои худро сарфаҳм рафта, пушаймон шудем. Қаламкашҳоро зидди ҳамдигар шӯронданд. Иқрор мекунам, ки маро ба муқобили ҳамқаламонам Ҳаким Карим ва Ҷалол Икромӣ барангехтанд, ҳамкорро бадхоҳи ҳамкор, писарро душмани падар карданд.

– Шунидам, ки ҳатто ба устод Айнӣ ҳам тамғаи «душмани халқ» часпонданӣ шудаанд, оё ин рост аст?

– Бале. Бо фармоиши бадхоҳони миллат – надимони НКВД сафедро сиёҳу сиёҳро сафед гуфтанд.

– Аз нависандаҳо боз киҳоро сиёҳ карданд?

– Муинзода, Азизӣ, Алӣ Хуш, Ғанӣ Абдулло ва боз чандин бегуноҳи дигар ҳадафи тири бӯҳтон шуданд. Агар аз ин «ҷаҳаннам» халос шавем, он рӯйдодҳоро ба тарзи дигар менависам, бо амри дил ва ҳукми виҷдон...

– Иншооллоҳ, ба мақсад мерасӣ, Рауфҷон. Дареғу дареғ, ки об аз сар лой будааст.

Рауф қадре мулоҳиза кард ва ба рафиқаш бо қатъият гуфт:

– Роҳи наҷот фирор аст, бародарам. Мегурезем.

– Чӣ? Ба куҷо? Аз дасти ин сагони бӯгир магар илоҷи халосӣ ҳаст? Ба куҷое гурезӣ, ба поят завлона зада меоранд.

– Не нагӯед, ман роҳи гурезро таги чашм кардам, он ҷо посбон нест. Шабона гурезем, субҳ ба роҳи оҳан мерасем.

– Бо ҳамин либоси маҳбусӣ? Ба даст меафтем, рӯзамон сиёҳтар мешавад.

– Мегурезему халос. Ба Маскав, ба хонаи Исмоил Надируф меравем. Вай ҳамшаҳрамон, инсони шариф аст. Ӯро мешиносед?

– Мешиносам.

– Ба пеши вай меравем. Тайёрӣ бинед, вассалом.

Онҳо баъди андешаи ҷиддӣ ба хулосае омаданд, ки пайт ёфта, ғайб зананд. Бо вуҷуди он ҳама хатару нобасомониҳо навмед нашуда, бовар доштанд, ки кори олам доимо яксон намемонад.

Тобистони соли 1939. Шабе ин ду ҷавон дар тан шинели кӯҳна, дар по мӯзаи нимдарида, дар сар кулоҳи фарсуда аз як кунҷи боздоштгоҳ берун омада, сӯи роҳи оҳан шитофтанд.Бо сад биму ҳарос роҳ мепаймуданд. Субҳ надамида ба истгоҳи роҳи оҳан расиданд. Паровозе сабук-сабук буғ бароварда, омодаи ҳаракат буд. Рауф ва Боқӣ таъҷилан худро ба даромадгоҳи вагон заданд. Ходими вагон (проводник) онҳоро нагузошт, ки дарунтар дароянд, амр дод, ки аз вагон берун шаванд.Ҳар ду ба зорию тавалло фаҳмонданд, ки дар истгоҳи навбатӣ мефуроянд, як миқдор пул дароз карданд ва дар кунҷаки тамбур ба ҳам ҷафс нишастанд. Аз чеҳраи онҳо осори ҳарос падидор буд, аз таъқиботи эҳтимолӣ хавф мебурданд. Ҳамин тавр, гоҳ пинҳону гоҳ ошкор аз як поезди боркашон ба

дигараш гузашта ва гоҳе дар боми вагон паноҳ бурда, бо сад азобу машаққат ба Маскав расиданд. Хостанд ба идораҳои додгоҳу додситон даромада, арзу шикоят кунанд, вале қарор доданд, ки аввал ба пеши акаи Надируф рафта, маслиҳат гиранд... Дарро ба рӯяшон худи ӯ кушода, ҳайрон монд.

– Ҳайрон нашавед, ако. Мо ҳамшаҳриёнатон Боқӣ Усмон ва Рауф Тоҳирӣ, – худро муаррифӣ карданд гурезаҳо.

– Марҳамат, ба хона дароед! – илтифот намуд Исмоил Надируф ва ба қиёфаи Боқӣ зеҳн монд:

– Ба фикрам, бо шумо дар куҷое вохӯрдаам.

– Бале, ман дар донишкадаи кишоварзии Маскав мехондам. Баъзан дар бинои намояндагии Тоҷикистон бо ҳам дучор меомадем. Он вақт дар метрополитен кор мекардед.

– Ҳозир ҳам дар ҳамин соҳа кор мекунам. Ба шумо чӣ шуд? Чаро бо ин аҳвол?

Боқӣ ва Рауф дар сари миз саргузашти талхи худро ҳикоя карданд ва пурсиданд, ки оё барои дар Маскав зистан ва коре ёфтан кӯмаке расонда метавонед ё не?

– Маъзарат мехоҳам, ки ба шумо ёрӣ дода наметавонам, – бо таассуф гуфт Нарируф ва аз муҳити дилфишору ҳассос, ки дар марказ ҳукмфармо буд, шаммае нақл кард. – Панҷ-шаш соли охир вазъияти ин ҷо ниҳоят тезутунд шуд. «Кулоҳсурхак»-ҳои ҳариси душманҷӯ ҳар каси машкуки шаҳрро таъқиб мекунанд. Онҳо ба ҳама кас бо чашми шубҳа менигаранд. Касеро ба душманӣ иқрор кунанд, саду панҷоҳ сӯм мукофот мегиранд. Ҳар ноҳияе, ки бештар «душман»-ро фош созад, аз боло ҳамон андоза ҳавасманд мешавад. Ин ҷо ҳаёти ҳамагон дар хатар аст. Хайрият, шумо ба чашмашон наафтодаед. Худо накарда даст гиранд, дигар роҳи наҷот нест. Ба шумо танҳо ҳамин шаб дар хонаам ҷо дода метавонам, вазъияти маро фаҳмед: агар пай баранд...

– Боз як маслиҳат, ако: шикоятнома навишта ба Додгоҳи Олӣ равем-чӣ? Наход касе арзу додамонро нашунавад?

– Содагӣ накунед. Касе шуморо ба қабули роҳбарҳо роҳ намедиҳад.Агар бӯй баранд, ки гурезаед, кор тамом. Ба касе шафқат надоранд онҳо. Беҳуда ҳақиқат ҷуста, худро ба доми бало назанед.

Зудтар саратонро гирифта, ба тарафҳои худамон равед, дар ягон деҳу ноҳияи дурдасте паноҳ бурда, аз паи коре шавед. Давраи амонӣ ояд, сонӣ...

Исмоил Надируф саҳари солеҳон гурезаҳоро табдили либос кунонду як миқдор пул дод ва гуфт:

– Сафаратон бехатар! Ками ману карами шумо.

– Хайр, ако! Шукр, ки ба мо рӯи хуш додед. Барои маслиҳатҳоятон ҳазор раҳмат! – сипосгузорӣ карданд фирориҳо.

– Гар зиндаем, дида ба дидор мерасад.

Рауф ва Боқӣ дар кӯчаҳои хилват кебида-кебида ва чолокона қадам мезаданд. Ба ҳар раҳгузар бо шубҳа менигаристанд: мабодо аз «Кулоҳсурхакҳо» набошанд? Рауф мувофиқи ҳолашон рубоӣ мехонд:

*Бе қуфлу калид ҳар забонро бастанд,*
*Бо мӯҳри сукут ҳар даҳонро бастанд.*
*Ку роҳи гурезу ку паногоҳи наҷот?*
*Гӯё ҳама дарҳои замонро бастанд.*

Ҳар ду ғамгину музтариб аз марказ умед канда, ба вокзали Қазон рафтанд. Он рӯз ба поезд чипта наёфтанд. Ба вагонҳои пуродам илоҷи сар халондан набуд. Се рӯз дар вокзал шабро рӯз карда, азоби сагро кашиданд. Шинелкӯҳнаашон ба ҷои кӯрпа кор дод. Рӯзи чаҳорум ходими вагонеро бо зорию илтиҷо ба гап даровარданд. Ходим ҳамагӣ як ҷои эҳтиётӣ доштааст, ки онро ба ихтиёри Рауфу Боқӣ доду таъкид кард: «Дар роҳҳо аз чашми тафтишгарон пинҳон шавед, эҳтиёт кунед, маро ба бало намононед. Агар фаҳманд, ки мусофири бечипта гирифтам, кор расво мешавад...» Онҳо дар даҳумин рӯзи сафар бо сад азоб ба Тошканд расиданд. Дар чойхонае Рауф чои талхе фармуда, ба рафиқаш гуфт:

– Гӯр чунин зиндагию саргардонӣ шавад, акнун сари сахтамонро ба куҷо мезанем?

– Додарам, ҷигар хун накун, акнун Конибодом дур не, – тасаллоомез ҷавоб дод Боқӣ. – Бе ҳуҷҷату чипта то ин ҷо расидан осон набуд. Акнун ба шаҳрамон равем?

– Не, акои Исмоил дуруст маслиҳат дод: ба зодгоҳамон равем, боз ба дом меафтем.

– Дар Тошканд монем-чӣ, дар ягон завод ё фабрика коргари қаторӣ мешавем, – пешниҳод кард Боқӣ.

– Ин ҷо ҳам хатарнок, даракамонро меёбанд. Бояд ба гӯшае равем, ки касе моро нашиносад. Беҳтараш, ба Бекобод ё Оҳангарон меравем, дар он ҷойҳо шиносҳо дорам, ба коре андармон шуда, гоҳу ногоҳ ба Конибодом ҳам рафтуо мекунем.

– Ман ба Боку меравам, – Боқӣ розӣ нашуд, – ҳамсабақҳоям вақти хатми омӯзишгоҳ мехостанд, ки дар ҳамон ҷо ба кор монам. Хоҳӣ, биё, ҳамроҳ меравем, он ҷо камхатар. *«Биҳишт он ҷо, ки озораш набошад, касеро бо касе кораш набошад».*

– Не, ман ба Бекобод меравам...

Онҳо бо ҳам хайрбод гуфтанд. Рауф нишонии хонаашонро дод.

– Замона осуда шавад, боз якдигарро меёбем.

– Хайр, додари қиёматиам, – Рауфро оғӯш гирифт Боқӣ. – Азобу азиятҳои дӯзахро ба ҳам дидем, рафиқ будем, бародар шудем. Ба модари ман хабар расон, ки фарзандат сиҳату саломат аст ва як муддат ба хизматат расида наметавонад.

– Худо ҳофиз, дафъаи дигар ба некӣ бинем.

Яке роҳи Бокуро пеш гирифт, дигаре озими Бекобод шуд.

Рауф ҳуҷҷате надошт, ки ба кор дарояд. Вай хаёлан худро ба саду як кӯча мезад, ки чӣ тавр шиносномае ёбад.Ночор азми сафари зодгоҳ кард. Вақти говгум ба ҳавлиашон даромад. Шаби ҷумъа аҳли оила гирди дастархон сарҷамъ буданд. Ногаҳон пайдо шудану омадани Рауф аҳли хонаводаро ба ҳайрат овард. Кош волидайнаш зинда мебуданду сару рӯи писарро бӯсида, аз саломат баргаштани ӯ шодмонӣ мекарданд. Хоҳаронаш Санамбибию Шарофатбону ва Асалхону Иззатҷон ашки шодӣ мерехтанд. Онҳо гирди ҷигаргӯшаи худ парвонавор давр зада, шукрона мегуфтанд. Баъди фаро расидани лаҳзаҳои оромӣ ҳама гирди дастархон нишастанд. Сӯҳбати пурармон оғоз ёфт. Он шаб аҳли хонавода мижа таҳ накарданд. Бо маслиҳату ризояти ҳам яке аз хешовандонаш, ки Абдуҳамид Рустамуф буд, шиносномаашро ба Рауф дод. Расми онро канда, ба ҷояш расми Рауфро часпонданд. Чӣ илоҷ, то табар омадан кунда меосояд» худро тасаллӣ дод Рауф. Ва ӯ баъди гузаштани як поси шаб гуфт:

– Ман пинҳонӣ омадам, чашми рӯз накафида, бояд равам, аз омаданам набояд касе пай барад. Намехоҳам, ки шумоёнро ҳам ба бало мононам. Минбаъд моҳе як бор шуморо хабар мегирам. Аз ман парешон нашавед...

Ин буд, ки Рауф бо мадади дӯстони ӯзбекистониаш дар яке аз мактабҳои Бекобод ба таълиму тадрис пардохт. Соҳиби хонаву ҷой гардид. Зиндагиаш қадре осуд. Гоҳу ногоҳ фурсате ёфта, ба дидори хоҳаронаш мерасид. Мисли ҳамешагӣ аз омаданаш касе хабар намеёфт. Соли 1941 довталабона ба ҳифзи Ватан рафт. Гӯё гуноҳашро шустанӣ буд. Чаҳор сол зидди фашистони манҳус ҷангид, захмдор шуд, боз сиҳат ёфта, силоҳ ба даст гирифт. Баъди зафари лашкари шӯравӣ бар ӯрдуи ҳитлерӣ бо мукофотҳои ҷангӣ ба Конибодом баргашт. Аввалҳо сиҳатиаш бад набуд. Хост дар ҷое кор кунад, вале идораҳои аз шарҳи ҳолаш воқиф ӯро ба кор намегирифтанд.

Рауф Тоҳирӣ маъюби дараҷаи аввали ҷанг буд, захмҳо сахт азобаш медоданд, бе асобағал роҳ гашта наметавонист. Ба замми ин ҳама, ҳангоми маҳбусиаш дар Сибир панҷаҳои дасту пояшро сармо зада буд. Бо чунин аҳвол адиби шӯридасари ватанпарвар пас аз бемории тӯлонӣ дар синни сивучорсолагӣ (1912-1946) оламро падруд гуфт.

Камина ва раиси бойгонии шаҳри Конибодом Шамсиддини Зоҳид бо хешу ақрабои Рауф Тоҳирӣ ҳамсӯҳбат шудем. Хоҳараш Иззатҷон барои мо расми Тоҳириро дод. Собиқ корманди кумиҷроия Фароғат Рустамова чунин шаҳодат овард: «Рауф Тоҳирӣ аз ақрабои мост. Ду китобашро ба мо тақдим карда буд. Ман маҷмӯаи ҳикояҳояш «Зафар»-ро хондаам. Китоби дигари ӯ «Трактор» аз шикасти мушкили деҳқон, ҳаёти нахустин тракторчии тоҷик ва аз аҳамияти ҳунаромӯзӣ ҳикоят мекард. Афсӯс, ки он китобҳоро маҳфуз дошта натавонистем, ҳамсояҳо барои мутолиа гирифтанду барнагардонданд».

Аз ёддошти собиқадори матбуот Ғаффор Самадӣ: «Солҳои 1929-30 ҳамроҳи тағоям Абдурауф дар дорулмуаллимини Тошканд таҳсил мекардем. Ҳамон вақтҳо машқи ҳикоянависӣ дошт, нахустин китобашро пешкаши хонандагон гардонда буд. Муаллимонамон Маннофзода ва Ҳусейнзода ба қаламаш баҳои нағз медоданд. Баъди хатми дорулмуаллимин дар Ду-

шанбе аввал котиби масъули рӯзномаи «Барои коллективӣ», сонӣ муовини муҳаррири «Пионери Тоҷикистон» буд. Соли 1937 ӯ аз бӯҳтони нокасон ба маҳбас афтод. Аз ҷанг маҷрӯҳу маъюб баргашт, захмҳояш аз табобат шифо наёфт ва дар айни авҷи камолот ва фаъолияти эҷодӣ аз олам гузашт».

Аз хотираи Сотим Улуғзода: «Ӯро аз наздик мешинохтам. Аз миёни тумани тираи ҳаводиси ин қадар солҳо тарҳи чеҳраи шиносаш хира-хира пеши назарам меояд. Ҷавони қобили оромтабиат, андак обиларӯй ва нимчӯтур буд. Сад ҳайф, ки тӯфони солҳои таъқибот бисёр соҳибистеъдодҳои нодири миллати моро фурӯ бурд. Рауф Тоҳирӣ, агар тӯъмаи он тӯфони фалокатнишон намешуд, ба дараҷаи соҳибистеъдодҳо мерасид...»

Воқиан, сарнавишти Боқӣ Усмон – рафиқи ҳаммаҳбаси Рауф Тоҳирӣ чӣ сон анҷомид? Ба ин суол баҳори соли 1992 собиқадори тиҷорат Зикирё Исои ҳафтодупанҷсола чунин посух дод: «Боқӣ Усмон рафиқи ман буд, аз соли 1930, ки мо, гурӯҳе донишҷӯёни тоҷик дар Маскав таҳсили илм доштем, бо ҳам тез-тез вомехӯрдем. Ҷавони серғайрати кордон буд. Дар донишкадаи зироати Душанбе дарс медод. Дар ноҳияи Шаҳринав ҷавонони ташаббускорро гирд оварда, дар шароити вазнин найистонро ба замини корам табдил дод ва боғу роғи нав бунёд кард. Рӯзномае навишта буд, ки «меваи боғҳои дастпарвари донишкадаи ба номи Мичурини шаҳри Маскав, профессори заминшинос Боқӣ Усмонов коми ҳамаро ширин мекунад». Ману додарам Сулаймон ҳар бор ба дидани боғҳои ӯ рафта, як-ду рӯз меҳмонаш мешудем. Дареғо, ки солҳои сиюм Боқӣ Усмон гирифтори террори сурх гардид. Огоҳ шудам, ки вай бо нависанда Рауф Тоҳирӣ аз ҳабс гурехта, яке дар Ӯзбекистону дигаре дар Озарбойҷон паноҳ бурдаанд. Шамоли таъқибот Боқиро аз Боку ба Гурҷистон паррондааст. Дар яке аз ноҳияҳои он ҷо ба худ номи дигар гирифта, забони гурҷиро омӯхта, соҳиби зану фарзанд мешавад ва дар пирӣ ба Конибодом бармегардад. Чун мебинад, ки касе аз хешовандонаш зинда нест, боз ба Гурҷистон меравад».

Охируламр додгоҳи Олии РСС Тоҷикистон қарор баровард, ки Рауф Тоҳирӣ ва Боқӣ Усмон дар аъмоли худ ҷиноят на-

доштаанд. 24 декабри соли 1958 додгустарии ҷумҳурӣ чунин ҳукм баровард: «Аз рӯи нишондоди шоҳидон Ғаниев ва Нуров – Рауф Тоҳирӣ беасос гунаҳкор дониста шудааст. Ашхоси номбурда дар шаҳодати худ нишон надодаанд, ки Тоҳирӣ кай, дар куҷо ва дар кадом вазъу ҳол зидди ҳукумати шӯро ташфиқот мебурд. Тоҳирӣ гуноҳро ба гардан нагирифт, вале аҳли додгоҳ ӯро бо шоҳидон рӯ ба рӯ накарданд. Мувофиқи мадракоти додгустарии РСС Тоҷикистон аз ҳаштуми декабри соли 1958, ки дар парванда илҳоқ аст, пайдост, ки дар дусияи ҷиноии Абдуллоев Насрулло ва Герасимов Василий Николаевич ҷузъи ҷиноят нест. Тоҳирӣ низ чун пайрави онҳо гунаҳкор дониста шудааст, аз ин муҷримӣ покиза шуд. Трибунали ҳарбии ТУРКВО аз 18 ва 24 майи соли 1956 парвандаи мавсуфро бинобар набудани ҷиноят қатъ кард. Аз ин рӯ, ба гунаҳгории Тоҳирӣ ягон асос намондааст.Ӯро бидуни ҷурми бебунёд ба ҷиноят кашидаанд. Қарори сегонаи НКВД-и РСС Тоҷикистон аз 31 декабри соли 1937 оид ба Рауф Тоҳирӣ бекор дониста, парвандаи ҷиноии ӯ аз сабаби исбот нашудани гуноҳаш қатъ карда шавад».

Чунин аст фишурдаи тақдири як адиби ҷавони тоҷик, ки нав ба арсаи адабиёт қадам ниҳода, дар хизмати халқу диёр садоқат ва имони росих дошт. Нав қобилияташ зуҳур меёфт, ки қаламашро шикастанд.

Ба рӯҳи поки ин адиби ноком дуруд мефиристем!

## АНДЕША ДАР ТАНҲОӢ

***(Руҷӯи собиқадори матбуот Ғаффор САМАДӢ)***

Солҳо... Солҳое, ки чун турнаҳои тезгузар сипарӣ мешаванд. Фараҳбахшу фаромӯшнопазиранд солҳое, ки касро ба коми дил мерасонанд. Вале он солҳое, ки ман аз сар гузарондаам, солҳои тазйиқу фишоровари бераҳмона, тавлиди дарди асабҳо буданд.

Табибон ҷарроҳии дили дарднокро ҷарроҳии сахту сангин медонанд. Андешаи ҳақ асту рост. Вале диле, ки аз хусумату бадбинӣ ва хиёнати нокасон озурду бишкаст, табобаташ боз ҳам мушкил аст.Аз он айёми пурошӯб ним аср паси сар шуд,

вале то кунун дили бегуноҳи худро моломоли шиканҷаю ранҷур мебинам. Чӣ дарду доғҳои ҷонгудозе дар замирам нуҳуфта! Онҳо осоишу роҳатамро рабудаанд. Ҳамин ки ба болини хоб сар мениҳам, мисли ҳаррӯза он дардҳои дерин ба сарҳади хаёлам меоянд. Чун сарбозони ҷангҳои хунин, ки шабҳо аз рахти хоб як қад парида мехезанд, ман ҳам дар тӯли ин қадр вақт фароғату оромиши худро дарбохтаам. Чӣ беадолатие буд, ки дилҳоро хунфишон кард, насиби ману ҳамсолонамро ҳабсу банду зиндон гардонд. Худоё, ба решаи умри инсон, ки бе ин ҳам чандон бақо надорад, ин қадр теша задани сарони ҷоҳ ва ҳасуду нотавонбинҳо чӣ маънӣ дорад?

*Касоне, ки бадро писандидаанд,*
*Надонам зи некӣ чӣ бад дидаанд?!*

Чун ашки сари мижгон буд ҳаёти касоне, ки солҳои сиюм дар матбуот кор мекарданд. Барои андаке хато, барои афтодани як ҳарфу ҳиҷо сари кас барбод мерафт.

Ёд дорам, дар яке аз шумораҳои рӯзнома хатои имлоӣ роҳ ёфт. Муҳаррир, ки одами сояаш тунук буд, навбатдорро гунаҳгори асосӣ дониста пурсид:

– Чаро «аз бало ҳазар» нею «аз боло ҳазар» шудааст ва ту гӯё бехабарӣ?

– Бубахшед, рафиқ муҳаррир! Тасодуфан ба ҷои «а» ҳарфи «о» рафтааст.

– Тасодуфан не, қасдан ин корро кардӣ! Бигӯ, чаро аз боло ҳазар дорӣ? Медонӣ, дар боло киҳо кор мекунанд?.. Дар боло сарварони фирқаю ҳукумат шабу рӯз ғами моро хӯранду аммо ту, носипос...

– Ба як ҳарфи аз қазо беҷо афтода ранги сиёсӣ надиҳед! Ин майда-чуйдаи кор аст.

– Ҳой, саҳлангори нодон! Ин «майда-чуйда» не! Барои ин хатои сиёсӣ ҷазои сиёсӣ мегирӣ! Фаҳмидӣ!

– «Гунаҳгор» як ман набошам даркор! Саҳифаҳоро мусаҳҳеҳ низ хонда буд, худатон ба чоп имзо кардед...

– Э, бас кун, маҳмадоно! Гунаҳгори асосӣ ту, ту, ту...

Субҳи дигар ду вакили НКВД он ҳамқалами моро бурданд.

Сонияи ҳамин гуна рӯзи сахт ба сари ман ҳам омад. Охири солҳои сиюм, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (ҳозира

«Ҷумҳурият») ходими адабӣ будам, ду-се нокас маро ба чоҳи гуноҳ тела дод. Ҳангоми навбатдорӣ, ки то бевақтии шаб давом дошт, дар матни сармақолаи «Қалъае нест, ки болшевикон фатҳ карда натавонанд» тасодуфан як ҳарф аз номи Сталин афтода буд. Ин ҳарфи «а» буд, ки ба чанд тирадил барои исботи фикри ботил сабаб шуд. Ҳамаи ноомади кор аз ҳамин «а» сар зад. Муовини муҳаррир Набӣ Почоҷонов зуд фармон баровард: «Барои роҳ додани хатоҳои дағали сиёсӣ дар саҳифаҳои рӯзнома Ғаффор Самадӣ аз кор озод карда шавад». Ба мудири шӯъбаи саноату нақлиёт Нуриддин Пиримқулов, ки дар сиёҳ кардани одамони бегуноҳ устухон надошт, худо дод. Вай аз фурсат истифода бурда, зуд остин барзаду дар бораи ман ба НКВД хабар дод, ки гӯё хаторо қасдан карда бошам.

Рӯзи дигар ба назди мудири сектори матбуоти КМ ҲК (б) Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров рафта, айни воқиаро арз кардам. Вай дар ҳузури худам ба Почоҷонов занг зада, маслиҳат дод:

– Беадолатӣ шудааст, Набиҷон. Ҳаёти кадри ҷавонро насӯзонед! Мо ӯро ба дигар ҷой ба кор мефиристем. Фармонатонро бекор кунед!

Аммо суханони Ғафуровро ба инобат нагирифтанд. Ҳарчанд айбдор дигарон буданд, гуноҳи афтодани як ҳарфро ба сари мани ҷавон гузошта, ба рӯям роҳи ҷаҳаннамро кушоданд.

Оғози баҳори соли 1940. Табиат аз нав эҳё мешуд. Он субҳи сафо, он арафаи Наврӯзи дилафрӯз барвақт ба корхона рафтам. Коргоҳи мо, идораи ҷаридаи «Тоҷикистони сурх» он вақт дар рӯ ба рӯи Хонаи матбуот ҷойгир буд. Ман ҳанӯз ба дари идора нарасида, аз мошини сабукрав ду тан сиёҳпӯш фуромаданду аз дастам гирифтанд. Аз миёни хотираҳои айёми ширини ҷавонӣ аз чӣ бошад, ки симои он ду сиёҳпӯш дар ёдам сахт нақш баста, аёну ноаён пайдову пинҳон мешавад. Хотиротам ба шакли як қитъа навор аст: мӯзаи латтагӣ, шими галифе, нимтанаи хоси калонҳо ва ҳатман «сталинка» – кулоҳи нимҳарбии мӯди он замон, ки аз зери лапараш ҷуфти чашмони ҷиддӣ ба сӯятон менигарад.

Сияҳпӯшҳо – чокарони НКВД маро ба хонаам оварда, маҷбуран кофтуков карданд. Титу ғози ҳамаи бисотамро ба-

роварданд. Қатъиян эътироз намудам, ки бе рухсатномаи додситон ҳақ надоранд кофтуков кунанд, аммо ба дархостам эътиборе надоданд. Сипас чанд китоби арабихат ва луғати русӣ-тоҷикиро гирифтанду маро бо худ бурданд. Ба куҷо? Ба он ҷое, ки ҳазорон ҳазор ман барин бегуноҳон азоби рӯҳӣ мекашиданд. Дигар дари рӯшноӣ ба рӯям баста шуд, ба доми асорат афтодам.

Дареғо, ки дар бистучаҳорумин баҳори умрам хазони орзуҳоямро дидам.

Рӯзҳои тираву тори зиндони Қарағанда. Ҳар як соаташ барои ман аз як сол ҳам дарозтар менамуд. Дар ин боздоштгоҳи маҳбусони сиёсӣ ҳазорҳо «душмани халқ» ҷойгир буданд. Домани он ҳадду канор надошт, аз шаҳри Қарағанда то кӯли Балхашу майдони Байконур садҳо фарсах роҳ тӯл мекашид.

Ман, ки дар қисми санитарӣ кор мекардам, шоҳиди мудҳиштарин фоҷиаҳо мешудам. Бо чашмони худ медидам, ки чӣ хел мурдаҳои маҳбусонро ба чуқурӣ мепартофтанду ба рӯяшон хок мекашиданд. Охири баҳор атрофро бӯи ҷасадҳои пӯсида фаро мегирифту дил беҳузур мешуд. Ин манзараи ҳузновар, то зиндаам, аз хотирам нахоҳад рафт!

Оё шумо заҳмати сангшиканҳоро дидаед? Заҳмати зиндониёни сиёсӣ аз ин ҳам гаронтар буд. Аз маҳалли Ҷизқозғон то Ҷиздӣ ном мавзеи Қазоқистон, ки масофаашон се фарсах меомад, дар шароити вазнини иқлим роҳи оҳан месохтем. Маълум аст, ки зимистон дар дашту саҳроҳои қазоқ беҳад қаҳратун мешавад, сармо то сӣ дараҷа мерасад. Соли 1943 дар минтақаи Ҷиздӣ хоку шағал рехтан ва гузоштани релсҳои роҳи оҳан дар сохтмони рақами 110 ба самти кони маъдани манган кор босуръат идома дошт. Посбонҳо бо амри мансабдорони зиндон маҳбусони нимурёну нимгуруснаро таҳти зарбаҳои туфанг аз заминканҳои сернаму рутубатнок ба он тарафи ноҳия мебурданд. Ёд дорам, рӯзе сардори яке аз гурӯҳҳои маҳбусон, майори сангдили НКВД Свистунов ба болои мошини боркаш баромада, бо такаббур гуфт:

– Мо аз устухонҳои шумо роҳи оҳан месозем. Дар ҳар ҳолат бояд ин роҳро сохт! Ҳоло мамлакат ба маъдани ранга хеле эҳтиёҷ дорад.

Хӯрокворӣ намерасид. Гуруснаю нимгурусна кор мекардем.

Маҳбусон гирифтори ранҷу азоб, муштоқи дидори ёру дӯст, маҳрум аз ҳама лаззати дунё, маҷрӯҳу дардманд, беҳуқуқу хору зор... Аз чунин зистан безор мешуданд, хаёли худкушӣ мекарданд, мурданро бартар медонистанд.

Ба худ тасаввур кунед: касе аз наздикони хонавода намедонист, ки мо дар куҷоему чӣ ҳол дорем, зиндаем ё мурда. Ҷумла ҳуқуқи инсониамонро поймол мекарданд. На ба хатнависӣ ҳақ доштем, на ба хатгирӣ. На танҳо ба дӯстону ҳамкорон, балки ба хешовандон, ҳатто ба падару модар мукотиба кардан мамнӯъ буд.

Танҳо пас аз чаҳор соли маҳбусӣ ба ман иҷоза доданд, ки (ба тариқи мукофот барои хизмати софдилона) ба модарам на зиёдтар аз чаҳор сатр хат нависам. Ман худ ба худ андешидам, ки дар ин чаҳор сатр чӣ нависам, ба чӣ тариқ дардҳои диламро гунҷонам. Чаҳор рӯз фикр карда, барои модари мушфиқам чаҳор мисраи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро навиштам:

*Эй бурда ғамат шодии садсола зи дил,*
*Ҳаргиз наравад доғи ту чун лола зи дил.*
*Рӯзе, ки ба дил доғи ту бо хок равам,*
*Лола зи гилам бароядy нола зи дил.*

Ба ҳамин минвол, аз даҳуми марти соли 1940 то даҳуми марти соли 1944 ҳаққи мукотиба бо волидайн надоштам. Сонӣ рухсатам доданд, ки нома нависам, вале ҳақ надоштам, ки нишониамро маълум кунам. Тақдири ҳазор андар ҳазор зиндонӣ ҳамин сон ҷазир буд. Падару модарон то охирин лаҳзаҳои озодии фарзандон ҷои маҳбусиашонро намедонистанд, то ба боздидашон бираванду алами фирокро фурӯ нишонанд.

Маҳбусони сиёсӣ киҳоянд? Онҳое, ки гӯё хатои ҷиддии сиёсӣ кардаанд, гӯё хиёнатгару ватанфурӯшанд, гӯё дар миёни мардум озод гаштани онҳо хавфу хатар дорад. Дар солҳои ҷазои оммавӣ беҳтарин фарзандони Ватани мо, олимони забардаст, адибони номӣ, рӯзноманигорони бебок, сарлашкарони бошараф, роҳбарони ҷасоратманди ҳизбу ҳукумат ва дигар

ходимони барҷастаи маданият маҳбусони сиёсӣ шуданд. Ҳол он ки эшон ҳама гулҳои сари сабати илму фарҳанги мо буданд, лозим ояд, барои халқу диёр ҷони худро дареғ намедоштанд.

Барои маҳбусони сиёсӣ як чиз беҳад аламовару дардомез буд: аз онҳо ҳамаи рӯйдодҳои ҷаҳон, ҳамаи воқиаҳои ватаниро пинҳон медоштанд. Мо хеле вақт бехабар будем, ки Олмони ҳитлерӣ ба Ватани мо ҳамла оварда, шаҳру деҳотро яксони замин кардааст. Ба мо хабар намедоданд, ки ҷанг дар куҷоҳо давом дораду вазъ ба кадом сурат аст. Чаро ба сари халқу диёри мо ин қадр мусибат омадаасту ба мо ҳарфе намезананд? Чаро ки ба мо бовар надоштанд, хавф мебурданд, ки хиёнат мекунем, шӯриш мебардорем, дар сарамон фикри гурехтан пайдо мешавад. Вале худи онҳо дар ғафлат буданд, ки мо аз саршавии ҷанг огоҳем. Гап-гапи оғози ҷангро тобистони соли 1941 шунидем. Кадоме аз посбонҳо ба маҳбусе гуфтааст, ки фашистони немис бо Ватани мо меҷанганд.

Мо баробари машаққати ҷисмонӣ азоби рӯҳонӣ мекашидем, ки дар чунин рӯзҳои мудҳиш аз вазъи мамлакат хабаре намедоданд, баръакс пинҳон медоштанд. Ҳамаи ин ба торҳои асаби маҳбусони сиёсӣ чун теғ мерасид, дилҳои озурдаро пора-пора мекард.

Шаб гиря, саҳар гиря, аз мағзи ҷигар гиря, бо ашки равон гиря, бо оҳу фиғон гиря... Ин ҳама гиряву нолаи ҷонгудоз пайваста ба гӯш мерасиду ба захми дилам намак мепошид. Ин гиряи баланди кӯдакон буд аз доғи ҷудоии падару модар, аз фироқи хешу ақрабо ва фурқати бачаҳои ҳамсолу ҳаммаҳал. Фарзандони маҳбусони сиёсиро низ дар зиндонҳои ҳамшафати мо нигоҳ медоштанд. Зоҳиран ба сокинони авулҳои қазоқнишин чунин менамуд, ки кӯдаконро ба интернат мебаранд. Вале дар асл он ҷо интернат не, балки маҳбас, лагери махсуси бачаҳо буд. Охир, чӣ қадар кӯдакони маъсум, ҳамчун узви оилаи «душмани халқ» аз падару модар ҷудо шуда, ятим мемонданд. Ба дидани ранги заъфарону шунидани гиряву фиғони онон асаби инсон тоб оварда наметавонист. Ҳаёти минбаъдаи онҳоро пеши назар оварам, аз ғусса чашмамро об мегирифт. Ин чӣ беадолатист? Чӣ гуноҳ доштанд

кӯдакони бечора? Ҳанӯз аз сад як гулашон нашукуфта гирифтори мусибат мешуданд...

Чоплӯсони ҷаллодваш «писар барои падар ҷавобгар нест» гӯён, ҷор мезаданду дар амал баракси лафзи худ амал мекарданд.Лаънату нафрин ба бачакушҳо!

Даҳуми марти соли 1944. Чӣ рӯзи фирӯзе буд ин рӯзи ҳаётам: аз ҳабс озод шудам. Бо шунидан муждаи озодӣ аз шодӣ дасту по гум кардам. Наход аз ҷаҳаннам раҳоӣ ёфтам? Не, ҳамааш фиребу фитна будааст. Ин чӣ озодӣ, ки ба хона, назди модару бародар ва хешу ақрабо омадан натавонам? Маро гуфтанд, ки боз ду соли дигар бояд дар ҳамин ҷо бимонам ва акнун дар бадарға кор кунам. Боз ду сол азобу кулфат...

Ва танҳо охири соли 1946 аз чанголи бадарға раҳоӣ ёфтам. Вале намедонистам, ки оянда зиндагиам чӣ хел ҷараён мегирад. Чун ба Сталинобод омадам, маро дигар ба шаҳр роҳ надоданд, ки муқимӣ зиндагӣ кунам. Дар варақаи қайди махсуси шиносномаи ман «Статья 39» навишта буданд. Яъне мувофиқи ин ишораи махсус камина ҳақ надоштам, ки дар шаҳрҳои азим зиндагӣ кунам. Рӯзи ба озодӣ баромаданам рӯйхати беш аз 200 шаҳрро нишон доданд, ки бояд дар онҳо зиндагӣ накунам, дар акси ҳол, агар ин қоида риоя нашаваду маро даст гиранд, боз бандӣ мекунанд.

Пас аз андешаҳои тӯлонӣ ба зодгоҳам Конибодом, назди модарам рафтанро афзал донистам. Ҳамсояҳо модарамро табрик мекарданд: «Муборак шавад, Санамбибӣ, писаратон омадаанд. Илоҳо, дигар рӯи дарду доғро набинед!»

Сиҳҳатиам хуб набуд, бемории ҳавлноки сили шуш азиятам медод. Бечора модарам ба рӯям менигаристу оби чашмаш шаш қатор мерехт ва он чӣ, ки дар бисот дошт, барои саломатиам сарф мекард. Он вақтҳо ман маҷрӯҳи дараҷаи дуюм будам.

Хайрият, дар дунё одамони хайрхоҳу некбин ҳастанд. Дар зодгоҳам аз Шарифҷон Иброҳимзода ном марди фарзона мададу дастгирии падарона дидам. Вай муҳаррири рӯзномаи маҳаллӣ буд ва дили ҷавононро бо он гарм мекард, ки қобилият доранд. Ӯ ба ман гуфт: «Писари ҷабрдидаам, ғам нахӯред, ҳамкорӣ мекунем. Ҳар моҳ то 1200-1300 сӯм ҳаққи қаламатон тани ман. Лекин бояд маро фаҳмед: агар шуморо

бо фармон ба кор қабул кунам, ба ман гап мерасад...» Котиби масъули рӯзнома Мавлони Узоқ низ ёрию мадади худро аз ман дареғ намедошт. Худо накарда, ӯ ба идораи дахлдоре хабар мерасонд, ки ман бо матбуоти фирқа алоқа дорам, боз ба сангҳои сари роҳ пешпо мехӯрдам. Мавлонҷон маро таскин медод: «Хафа нашавед, ин ҳама муваққатист, чанд вақт мегузараду боз об ба лаби ҷӯ баробар мешавад...» Он некиҳои Иброҳимзодаю Мавлони Узоқ ҳаргиз аз дилам намеравад. Бо мадади онҳо то соли 1953 пинҳонӣ дар ҷаридаи ноҳиявӣ ҳамкорӣ мекардам.

Пас кам-кам офтоби адолат тулӯъ кард ва яххои тазйиқу таъқибот ба об шудан даромад. Ман ба пойтахти ҷумҳурият ихтиёр кардам. Вале шаҳри Сталинободро тумани таъқибот ҳанӯз тарк накарда буд. Дар кулбаи дури гӯшаи шаҳр аз чашми нохалафҳо пинҳон мезистам. Мекӯшидам, ки касе аз паноҳгоҳам хабар наёбад ва боз дучори таъқибу табъид нашавам. Муддатҳо идора ба идора мегаштам, ки коре пайдо кунам. Шиносҳои собиқам ба ман рӯи хуш намедоданд. Мани ҳабсшуда, мани «унсури бегона»-ро чӣ хел ба кор мегирифтанд? Ба онҳо ҳам осон набуд, аз сари худ метарсиданд. Аз барои ман намехостанд, ки ҷавобгар шаванд. Аз ин рӯ, бисёриашон бо ман дучор оянд, худро ба нодонӣ зада, ба дигар тараф рӯ мегардонданд.

Вале, чунон ки мегӯянд, дунё аз тарсуҳо иборат нест, покназару покдилон низ ҳастанд. Сарсону саргардон, дар ҷустуҷӯи кор гузорам ба маркази вилояти Ленинобод афтод. Шиносу дӯстони собиқамро ҷӯё шудам. Ба ман гуфтанд, ки «ҳамшаҳриҳоят Абдулаҳад Қаххоров котиби обкому Исҳоқ Шукуров ҷонишини раиси комиҷроияи вилоят». Ба коргоҳи акаи Исҳоқ рафтам. Ӯ маро хуш пазируфт ва пешин ба хонааш бурд. Ҳамсараш апаи Очабону аз дидани мани «гумгашта» хеле хурсанд шуд ва дилбардорӣ кард. Акаи Исҳоқ ба Қаххоров занг зада, аз омадани ман дарак дод. Фурсате нагузашта ӯ ҳам омад. Ҳар се хеле сӯҳбат кардем. Онҳо ба ман маслиҳат доданд, ки пеш аз ҳама як-ду моҳ нағз дам гираму худро табобат кунонам. Бароям ду роҳхат ба осоишгоҳи Қрим дарёфтанд ва роҳкиро ҳам доданд...

Баъдан тақдир маро боз ба Сталинобод овард. Рӯзе тифоқо бо ҳамқаламам Қодир Наимӣ дучор омадам. Салом додаму худро ба кунҷи кӯча гирифта, ҳаросомезу парешонавзо истодам. Вай маро шинохту ба наздам омад ва гарму ҷӯшон ҳол пурсид. Баъди вохӯрии бағалкаш ашкам рехт.

– Гиря накун, бародар, – ӯ маро таскин дод, – аз гиря чӣ ҳосил? Худо хоҳад, дигар хор намешавӣ...

Ман ба ӯ дарди дил гуфтам:

– Медонӣ, Қодирҷон, барои чӣ гирям омад? Ман бо чанд шиноси собиқам вохӯрдам, ки ба саломам ҷавоб нагардонданд, худро нодида гирифтанд.Сахт аламам кард. Гумон бурдам, ки шояд ту ҳам мани ғарибро нашиносӣ.

Қодир Наимӣ ба таскини ман байте хонд:

*Гумон мабар, ки ту чун бигзарӣ, ҷаҳон бигузашт,*
*Ҳазор шамъ бикуштанду анҷуман боқист.*

Сонӣ ӯ маро меҳмон кард. Завҷааш палав пухт. Дар сари дастархон сӯҳбат оростем.

– Аз ҳамааш бохабарам, – афсӯс мехӯрд ҳамқаламам. – Ту бегуноҳ будӣ, палидҳо туро олуданӣ шуданд. Ягон рӯз ҷазояшонро мебинанд...

Чунин суханони самимии тасаллибахшро аз шоир Мирсаид Миршакар, аз кормандони ҳизб Абдулаҳад Қаҳҳоров, Исҳоқ Шукуров, аз рӯзноманигорон Шарифҷон Иброҳимзода ва Мавлони Узоқ бисёр шунидаам, аз онҳо як умр миннатдорам. Онҳо дар рӯзгоре ба ман рӯ карданд, ки ҳама аз ман чеҳра баргирифта буданд. Бо мадади маслиҳату нишондоди эшон гиреҳи басе аз мушкилотро кушодаам.

Бисту ҳаштуми апрели соли 1958. Дер боз нигарони ин рӯз будам ва дар ҳар ҳолат медонистам, ки чунин рӯзи нек бояд фаро расад. Маҳз дар ин рӯз бо қарори Додгоҳи Олии Тоҷикистон бегуноҳии ман собит шуд. Баъди ҳаждаҳ соли ҷабру ҷафо, чун мурғи гирифтори қафас, ки баногоҳ озод шавад, дар фазои кушод баланд болу пар мезанад, бори нахуст хушнуду осуда нафас кашидам.

Дар маҳбасҳо ҳамеша аз худ мепурсидам: «Чист гуноҳам? Бо чӣ асос маро гунаҳгор карданд? Наход инсон душмани инсон бошад? Оё мӯъмин бародари мӯъмин нест?» Ин суолҳо

солҳои сол маро азият медоданд. Шабу рӯз посухи ин суолҳоро меҷустам. Ба ростӣ, ин қадар кулфат дида, хуни ҷигар шуда, вале ҳеҷ гоҳ худро гунаҳгор намедонистам, бовар доштам, ки рӯзе офтоби ҳақиқат ба сари ман ҳам метобад. Инак, ин офтоби баҳори соли 1958 буд, ки ба ҷисму ҷонам ҳарорат ва неруи тоза бахшид.

Қисса кӯтоҳ, адолат дер ё зуд тантана хоҳад кард. Гоҳе солҳо мегузаранд, гоҳе асрҳо, то ҳақ ба ҳақдор расад. Воқиаҳои мудҳиши солҳои сиюму чилум ва ибтидои солҳои панҷоҳуми асри бист гувоҳи ин даъвоянд. Ва ин ҳукми таърих аст. Ман дар он ҳама нобарорию нобасомониҳо бори дигар дарёфтам, ки ба ростию росткорӣ ва адлу инсоф завол нест.

Ҳангоми таҳсил карданам дар дорулмуаллимини Тошканд муаллими забон ва адабиёти тоҷик, устод Собит Манофзода ҳар гоҳ дар хусуси ростӣ гап равад, чунин байти Сайидоро мисол меоварданд:

*Қади хамгаштаро ҷуз ростӣ набвад мададгоре,*
*Зи ҳамроҳон туро дар мавсими пирӣ асо беҳтар.*

Ҳамин панди судмандро солҳои 1929-1930 мо, ҳамсабақҳо: Мирзо Турсунзода, Рауф Тоҳирӣ, Набӣ Почоҷонов ва камина бисёр вирди забон мекардем. Вале, мутаассифона, баъзеҳо минбаъд баръакси мазмуни он байт амал намуданд. Ман ин байтро ҳамон рӯзе, ки муовини муҳаррирамон Почоҷонов фармони аз кор холӣ шуданамро баровард, боз гӯшраси ӯ карда будам.

Яке аз ғаммозони тирадил, ки ҳамқаламу ҳамнишинони худро ба доми аҷал тела медод, Нуриддин Пиримқулов буд. Мардум аз дасти дасисаҳои ӯ ба дод омада, номашро бо нафрату нафрин ба забон мегирифтанд. Ин гандумнамои ҷавфурӯш на танҳо рӯзгори чун ман журналистонро талх гардонд, ҳатто ба устод Айнӣ барин адибони забардаст низ таҳдиду ҳуҷум кард. Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ бадкирдориҳои ин нӯкари девони одамхорро ёд оварда, аз таи дил лаънат хондааст: «Ҳамон соли 1937 Пиримқулов ном бадзоте дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» кор мекард. Вай дасту остин барзада ба хабаркашӣ, ба иғвою бӯҳтону разолат сар карда буд. Бо кирдори худ ҳамаро тарсонда, дар ҷои кораш

«обрӯю эътибор» пайдо кард. Ҳар рӯз мақолаҳо чоп карда, одамони бисёреро, одамони бегуноҳ, одамони ҷонфидои ҳукумат ва халқро тӯҳмат мезад, сиёҳ мекард...Ҳамин Пиримқулов қариб ду саҳифаи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх»-ро пур карда, бар зидди устод Айнӣ мақола навишт.Айниро душмани халқ, ҷадид, аксулинқилобӣ, миллатчӣ ва боз намедонам чиҳо номид. Дар натиҷа асарҳои устод Айниро дар баъзе ҷойҳо ба оташ партофтанд, аз фурӯш боздоштанд ва дар китобхонаҳо чанд гоҳ аз хондан манъ карданд.Пиримқулов дар мақолааш бисёр касони дигарро низ тӯҳматбор кард. Ин нокас ва беҳаё то дами мурданаш дар идораи рӯзнома кор кард. Хайрият, ки марг ин хунхорро аз ҳаёт ва нобакорӣ маҳрум намуд» («Ҳақиқати Ӯзбекистон» аз 13 апрели соли 1989).

Оре, Ҷалол Икромӣ ҳаққонӣ мегуфтанд, ки он солҳо пиримқуловҳо кам набуданд. Хайрият, бисёрии онҳо ҷазоҳояшонро диданд, несту нобуд шуданд, номашон ҳам гум гашт.

Хомаи тӯҳматнависи Пиримқулов ҳаждаҳ соли ҳаёти маро ҳам барбод дод. Ман ба гуфтори устод Икромӣ ҳаминро ҳам афзуданиям, ки Пиримқулов ҳатто аз номи худ, ки падараш бо умед Нуриддин ниҳода буд, ор менамуд. «Номи маро ғалат гузоштаанд, – мегуфт ӯ, – ман нури дин не, нури ҳаёти навам. Ман худоро намешиносам, динро чашми дидан надорам, пас чӣ хел номам Нуриддин мешудааст?» Пиримқулов чанд рӯз пеш аз фавти худ ба идораҳои дахлдор занг зада гуфтааст, ки «аз умрам рӯзҳои башумор монд, аз ман бепарво нашавед. Мурдаамро ба дасти хешовандонам нагузоред, ки ба масҷид мебаранд. Ман чун коммунист тамоми умр бо масҷиду мулло номуросо будам ва ҳамин зайл ба он дунё хоҳам рафт».

Ана, чӣ зоте буд Пиримқулов. Саранҷоми кораш ба он ҷо кашид, ки ҳатто хешовандонаш аз ӯ рӯ тофтанд.

Куҷоянд акнун он пиримқуловҳои одамсурати девсират, ки озодии афкори замони фошгӯиро дида, аз аъмоли зишти худ заррае ҳаё кунанд? Аминам, ки агар чунин бадзотҳо зинда ҳам мебуданд, ин ҳама кушодагӯиву ошкорбаёнӣ, ин озодиҳои демократиро дида натавониста, аз буғзу ҳасад мемурданд.

Ман аз соли мавлуди Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комсомол будам. Чун маҳкуми маҳбас шудам, аз комсомол хориҷ кар-

данд. Ман ҳаёти худро бе комсомол, бе ҷӯшу хурӯши корҳои ҷавонони фаъол тасаввур карда наметавонистам. Солҳои сиюм ҳангоми таҳсил дар мактаби олии назди Комиҷроияи Марказии Иттиҳоди Шӯравӣ дар корҳои комсомол фаъолона ширкат меварзидам. Тирамоҳи соли 1934 дар Кремл роҳбарони ҳизбу ҳукумат вакилони фаъол – ҷавонони ноҳияи Ленини шаҳри Маскавро дар ҳайати 1500 нафар қабул карданд, ки банда низ ҳузур доштам. Он рӯз нутқҳои оташинеро роҷеъ ба нерумандии ҷавонон бо эҳсоси амиқ шунидаам...

Ҳангоме ки маҳбусию бадарға ва таъқибот хотима ёфт, дилам мехост масъалаи барқарор кардани номи неки собиқ узви комсомолро дида, дафтарчаи комсомолиамро баргардонанд. Ин матлабро ба комиссияи доир ба барқароркунии комсомолоне, ки солҳои шахсиятпарастӣ ҷазо гирифтаанд, маълум кардам.

Январи соли 1990. Маро ба бюрои КМ комсомоли Тоҷикистон даъват карданд. Лаҳзаи ҳаяҷоновар. Мани журналисти куҳансол, мани бобои набераҳои бисёр ва нафақахӯри шахсиро боз дар сафҳои комсомол барқарор карданд, барои ёдгории якумра нишони комсомолӣ ва дафтарчаи узвият супурданд.

Дар ҳафтодушашсолагӣ боз ҷавон шудам. Ман дигар пир наям, ҳуҷҷати ҷавонӣ дорам. Оташи ишқи ёру диёр гарде аз хокистари худро ба мӯи сарам афканда. Шод бод рӯҳи поки Эраҷ Мирзо, ки чунин байташ ифодагари ҳасби ҳоли ман аст:

*Ишқ боқӣ ба дилу мӯи сар аз ғусса сапед,*
*Зери хокистари худ оташи пинҳон дорам.*

## ХОНАДОНИ «ДУШМАНИ ХАЛҚ»

Охири баҳори соли 1987 аҳли оилаи яке аз дӯстонамро маъюсу музтариб дарёфтам. Гирди дастархон зану шавҳар Шарофҷону Зебохон бо фарзандон ва модарашон малулу озурда менишастанд. Чашмашон нам, дилашон пурғам. Ошуфтаву беовоз рӯзҳои аламангези таъқиботро ёд меоварданд. Модари Зебохон мегуфт, ки чӣ тавр шаби тирамоҳи соли 1937 шавҳараш Абулхайр Муҳаммадҷоновро бурданду ба сари хонавода кӯҳи дард фурӯ рехтанд. Зебохон, гарчи хур-

дсол буд, ҳамаашро ёд дорад: хиёнати ёрони нонӣ, хокистаре аз хонаҳои сӯхта, таҷовузи шайтонӣ, аз беобӣ хушкидани боғу роғи меросӣ, дар бадарға сарсонию саргардонӣ, китобсӯзонӣ, эътирозҳои ошкору пинҳонӣ, фарзандони доғдил аз фироқи волидайн, гиряи беовоз дар шоми зулмонӣ...

Оре, ситаму беадолатӣ бузургтарин андӯҳест, ки аз хотир намеравад. Ҳамаи ин ғуссаву ашкрезӣ аз он сар зад, ки аҳли хонавода филми синамонигори гурҷӣ Тенгиз Абуладзе «Покаяние» («Тавба»)-ро диданду ақлу дилашон ба таҳрик омад. Аз ростӣ, ин филми ҷаззоб ва саропо рамзӣ дар замири бинанда як олам эҳсос барангехта, касро ба андешаҳои амиқ вомедошт. «Тавба» нафратест ба кизбу бӯҳтон, мунофиқию риёкорӣ, эътирозест ба ҷабру зулм, таҷовузу тааррuз ва ҷоҳталабию мансабталошӣ.

Филм бинандаро ҳушдор медод, ки аз шарру шӯр дурӣ биҷӯяд, хайру некӣ падид оварад, ба таъриху фарҳанг ва хотираи ниёгон хунсардӣ накунад. Қаҳрамони асосии асар Варлам Аравидзе ҳокими шаҳрест дорои қасри шоёни таваҷҷӯҳ, ки деворҳои он бо суратҳои аҷоиб зебу зинат ёфта. Варлам ба хотири кадом як «дигаргуниҳои азим» қасрро тарконда, ба хок яксон месозад. Қаср тимсоли ахлоқи ҳамида, рамзи фарҳанг ва ҳиммати волои мардум ба ҳисоб мерафт. Барои ҳифзи қаср тамоми зиёиён ба по мехезанд. Варлам аз ҳар яки онҳо қасос мегирад, тадриҷан ҳама рӯшанфикронро нобуд месозад ва бо мурури замон худ низ аз дунё дармегузарад. Дӯстону хешовандон мурдаи ӯро бо тантана ба хок месупоранд. Вале субҳи дигар писари Варлам бо ҳамсараш ҷасади ӯро дар рӯи ҳавлиашон овезон мебинанд. Таҳқиқ сар мешавад. Ин кори ҳайбатангези берун аз ақл кори Кетеван ном зани рассом буд. Ӯро чӣ вомедорад, ки чунин ҷиноят содир намуда, ҷасадро аз хок берун кашад?! Ба ин савол Кетеван дар мурофиаи додгоҳ ҷавоб мегӯяд:

– Намегузорам, ки ҷасади чунин нопокон дар дили поки замин бихобад.

Варлам тимсоли беадолатӣ ва зулму тааддии зимомдорони замон аст, ки барояшон мафҳуми ахлоқ, зебоӣ ва инсонӣ бегонаанд. Бешак, ин филми саршори рамзу маҷоз рӯзгори

пурмашаққати ҷафокашидагони солҳои 30 ва ибтидои 50, ҳамчунин фоҷиаи оилаи онҳоро пеши назар меорад. Ана, барои чӣ он рӯз Зебо Муҳаммадҷонова бо модараш Нарзихон (хоҳари синамонигори номӣ Комил Ёрматов) аз дидани ин филми муассир ашк мерехту падари бегуноҳ азияткашидаашро ёд меовард. Падари ӯ Абулхайр ва амакаш Абулмакорим Муҳаммадҷоновҳо, ки аз муаллимони асили Конибодом буданд, ҳадафи тири таъқибгарон шуда, азоби алим кашидаанд.

...Солҳои мудҳиши қатли ом. Зимомдорони вақт назарияе пеш овcovered, ки гӯё дар ҷараёни мубоизаи синфӣ неруҳои зиддисусиёлистӣ зиёд гашта, ба «ояндаи хушбахтона» садди роҳ мешуда бошанд. Онҳо ин неруҳоро, пеш аз ҳама, дар симою сиришти зиёиёни пешоҳанг медиданд. Ин буд, ки чун унсурони хавфангез бартараф кардани табақоти афкори ҷомиа пеш омад. Решакан сохтани нерӯҳои ақлӣ, таъқиби равшанфикрону соҳибдилон ба расмият даромад. Аз касофати ҳамин сиёсат ҳазорҳо нафар бегуноҳон ба тӯфони офат афтоданд, маҷбуран аз зодгоҳи бобоии худ ба ҳар гӯшаву канори мамлакат титу парешон гаштанд. Ба сари умум сарсонию саргардонӣ ва маҳҷурию хонавайроние омад, ки назирашро таърих ёд надорад.

Дар айёми пуршӯри таъқибот хонаводаи маҳкумон бадбахттарин хонадонҳо ҳисоб меёфтанд. Бисёре аз ин «унсурони бегона»-ро бо аҳли оилаашон ба ҳабс мегирифтанд. Мардро ба маҳбаси махсус, занашро ба ҳабсхонаи дигар ва фарзандонашонро ба сағирахонаҳо фиристода, оилаҳои бутунро саросар аз байн мебурданд. Вой бар ҳоли модаре, ки ба писараш тамғаи «душмани халқ»-ро мечаспонданд. Ӯ аз фироқи ҷигаргӯшааш сӯхтаю пухта, обу адо ва ғуссамарг мегардид. Занҳои шавҳарашон маҳкумшударо ба кор намегирифтанд. Фарзандонашонро аз кору вазифа дур карда, рӯҳан азоб медоданд. Кӯдаконашон чӣ гуноҳ доштанд, ки дар ҳасрати як бурида нон ҷон медоданд. Дар чунин муҳити ситезу хунрез занҳо кулфатзадаю гӯшанишин мегаштанд.

Ба замми ин ҳама бесарусомониҳо, дар шароити муборизаи тезутунди синфӣ, ки дӯсту душманро шинохтан осон набуд, соли 1934 дар ҷумҳурӣ тоза кардани сафҳои ҳизб оғоз ёфт.

Дар ин маърака ба каҷфаҳмию хатоҳои бағоят ҷиддӣ роҳ доданд: бисёр ҳизбиёни покизаманишро ба бефаъолиятӣ, майл ба тротскистию бухаринчигӣ, аксулинқилобӣ ва миллатгароӣ айб мемонданд. Ҳизбиён забони шиква мекушуданд: «Охир, одамони покиза ва содиқи халқу Ватанро интихобан ба сафи ҳизб гирифтанду боз ин чи нобоварӣ? Мо ба даъвату шиорҳояшон ихлос оварда, ба сафашон шомил шудем. Вале умедамон барбод рафт. Аз зери нохун барқасд чирк меҷӯянд. Дигар чӣ хел ба ин ҳизб боварамон биёяд?!»

Ҳамин гуна айбҷӯӣ бидуни бурҳон ба комиссари халқии савдои ҷумҳурият Ҳамиддин Эшонов (1903-1938) низ рух дод. Ин марди ростқавлу қавиазмро чун «душман» ба ҳабс гирифта, аёлу ақрабояшро ба ҷазо кашиданд. Зани ӯро маҷбур карданд хонаи давлатиро, ки дар хиёбони Ленин (рӯёруи боғи фарҳангу фароғати шаҳри Душанбе) воқеъ буд, холӣ карда, аз пойтахт берун равад. Бо маслиҳати гурӯҳе ҳамшаҳриён яке аз нахустин ронандаҳои ҷумҳурӣ Абулҳай Самадов ҳамсари Эшоновро ба Конибодом кӯчонд.

Рӯзе зани Эшонов ба назди мудири идораи ақди никоҳи шаҳри Конибодом Пӯлод Мадёров рафта, ашк рехт:

– Хоҳишмандам қайди никоҳи ману шавҳарамро бекор кунед, то пораи ноне ёбам. Ба ҳар идорае, ки сар халам, аз ман, чун аз зани «душмани халқ» рӯй метобанд…

Мудир андешамандона маслиҳат дод:

– Хоҳар, ман ҳамсаратонро мешинохтам, ба душман буданаш боварам нест. Шояд саҳве рӯй дода бошад, боз каме сабр кунед. Ба қайди никоҳ даромадан мушкилу баромадан осон…

Зани Эшонов азоби гӯр кашиду дигар ба назди Мадёров нарафт. Одамони хайрхоҳу некандеш пинҳонӣ барои ӯ қути лоямуте меоварданд. Ин амали хавфнок буд. Агар пайгирони НКВД бӯй баранд, ки касе ба хонадони «душмани халқ» ёрӣ мерасонад, ӯро низ ҷазо медоданд…

Ҳамсари раиси Кумитаи инқилобии ноҳияи Конибодом Маҳмуд Ашӯрмуҳаммадзода, зани оқилаи порсо Назокатхон баъди ҳабси шавҳараш дар кулбаи фақиронае (воқеъ дар рӯ ба рӯи ҳозира чойхонаи «Роҳат», шаҳри Душанбе) бо писарони ноболиғаш Музаффару Муқаддас мезисту чархи зиндагиро

базӯр мегардонд. Дар парешонҳолию дармондагӣ ҷиҳози хонаашро як-як мефурӯхту ҷигаргӯшаҳояшро аз чанголи гуруснагӣ мераҳонид. Шавҳари ӯ бо нависанда Ҷалол Икромӣ рафоқат дошт. Рафтуои оилавии онҳо то вақте давом кард, ки аввал Ашӯрмуҳаммадзодаро ба маҳкама кашиданд, сонӣ Икромиро. Чӣ мусибате омад ба сари ин хонаводаҳо. Ҳамсари адибро, ки вазифаи одии китобдориро ба ҷо меовард, аз кор ронда гуфтанд: «Шавҳарат душмани халқ будааст, рав чор тарафат қибла!» Сонӣ аҳли оиларо аз хонае, ки Иттифоқи нависандаҳо ба Икромӣ дода буд, ронданд. «Дар айни сармои зимистон, ки боди сард рӯи одамро лесида мерафт, апаи Саодат ва модари ӯ кампири Саломат-бегим намедонистанд, ки сар ба кадом дар зананд. Ҳазор фарёд кунанд, касе ду кӯдаки ғелумағел Замира ва Ҷонони маъсумро ба оғӯши гарм намегирифт. Боре зани Маҳмуд Ашӯрмуҳаммадзода дар кӯча ин модару кӯдакони аз сардӣ дарақ-дарақ ларзандаро дида, ба ҳолашон раҳм кард ва гуфт:

– Азоби мани сарсахт аз азоби шумо ҳам сахттар аст. Ман ҳам зани «душмани халқ», аммо катаки мурғ барин сарпаноҳе дораму бо ду писаракам рӯз мегузаронем. Агар не нагӯед, биёед, дар кунҷи ҳамон хонача барои шумо ҳам ҷой мeёбем. Хонаам танг бошад ҳам, дилам васеъ. Охир, одам ба одам зинда аст. Ин рӯзҳо ҳам мегузарад, дугона.

Хайрият, дар дунё одамони нек ҳастанд: кампири Саломат – бегим, апаи Саодат ва Замираю Ҷонон дар кӯча намонданд, сарпаноҳе ёфтанд» («Адабиёт ва санъат», № 8, 1989).

Барои аъзои «сегона» баҳонае кофӣ буд, ки бӯҳтон зананду хонаи одамони сирф бегуноҳро сӯзонанд.

Қариб бист соли умри нахустин муҳандисони тоҷик Мухтор Саидов дар бадарға гузашт. Ин қадар солҳо аҳли байти ӯ ранҷ кашидаду заҳри фироқ чашиданд. Дар ҷавонӣ ӯ аз паи касби падар рафта, дар корхонаи нафткаши «Санто» (Ширкати нафти Осиёи Миёна, ҳоло номаш «Ким») ба кор даромад. Солҳои босмачигарӣ дар полки якуми мусулмонон хидмат дошт. Пас дар Боку академияи саноати нафти Кафқозро хатм карда, сардори идораи конҳои нафти Осиёи Миёна, муовини раиси Шӯрои комиссарони халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон

таъйин шуд. Ба хидмати халқ содиқона камар баста, ҷавҳари ҷони ҷавониро сарфи ин роҳ мекард, ки ба сараш теғи тӯҳмат бардоштанд. Дар ҳаққи ӯ ҳукме баровrouterанд, ки ба хобу хаёлаш ҳам намеомад: «Ту думрави душмани ашаддии халқ Бухарин! Фаҳмидӣ?»

Мухтор гиребони ҳайрат дошта, эътироз кард: «Беинсофиро ба ҳадди охиринаш расондед. Охир, дар умрам Бухаринро надидааму чӣ хел думрави ӯ мешудаам?!» Яке аз аъзои «сегона» таҳдид кард: «Бухаринро диданат ва ҳамсӯҳбат шуданат шарт не, ақидаи душманонаи ӯро дастгирӣ карданат кофист, ки ҷазо гирӣ».

– Наход думи Бухарин он қадар дароз бошад, ки то ба Тоҷикистон расад?– заҳрханда кард «гунаҳкор».

– Ҳой, беақл, бо думи шер бозӣ накун. Ту думи Бухарин, вассалом!

Мухтор Саидов аз дорулмашаққат борҳо ба сарварони ҳизбу ҳукумат ва созмонҳои салоҳиятдор аризаву шикоятнома навишт, вале додрасе набуд, ки ба ҳимояи адолат бархезад.

Ӯ танҳо соли 1956 дар ҳабсхона ҳукмномаи бегуноҳии худро гирифту дар чашмаш ашк ҳалқа зад. Баъди бист соли ҷудоӣ боз ба дидори пайвандону хешовандон расид. Як-ду моҳ дам гирифт. Пас дари якчанд идораро кӯфт, ки коре ёбаду чархи зиндагиро гардонад. Садру сарварон ваъда медоданд, ки ӯро ба кор мегиранд, вале ҳафтаҳо ва моҳҳо мегузашту касе ба суроғаш намерасид. Чаро муҳандисон ангуштшуморанду ӯро ба кор намегиранд? Мухтор дарёфт, ки чигили муаммо дар куҷост. Ба ӯ ҳанӯз чун «думи Бухарин» менигаристанд ва аз додани одитарин кор меҳаросиданд. Сиёсат ҳамин тавр сурат дошт. Ба сардоре, ки собиқ «душмани халқ»-ро ба кор гирад, фишор меоварданд.

Рӯзе Мухтор Саидов ба назди рафиқи давраи ҷавониаш Исҳоқи Шукур рафт, ки сардори автобазаи шаҳр буд. Ҳамдигарро гарм дар бар кашиданду муддате ҷудо нашуданд. Баъд ашк пок карда, чой нӯшида, баҳори умрашонро ёд оварда, сӯҳбат оростанд. Исҳоқи Шукур рафиқашро тасалло медод, ки аз чанголи беадолатиҳои мудҳиш раҳо ёфтӣ, зиндаю саломат баргаштанат як давлат аст.

– Бисёриҳо дар пеши назарам нобуд шуданд,– оҳе кашид Мухтор. – Ба зинда монданам шукр. Бист сол боз якдигарро надидем. Хайрият, ба ту ҳам тӯҳмат накардаанд, дӯстам.

– Эҳ, Мухторҷон, бародарам, баъди ҳабси ту вазъият бадтар шуд, тӯҳмату иғво ба авҷи аълояш расид. НКВД ҳамаи аҳли саводро ба маҳбас кашид. Акнун навбати бӯҳтон ба ман мерасид, ки ҷанг сар шуд. Панҷ сол дар қисми разведка ҷангидам… Халқ мушкилиҳои гӯшношунидро дид. Қаҳтию гуруснагӣ омад… Танҳо ду-се соли охир рӯи нони сериро дидем. Беҳуда аз шумоҳо душман сохтанд, ошно. Мо ду душмани ғаддорро дидем: ҳам бо фашистон ҷангидем, ҳам бо гуруснагӣ.

– Душман набуданам исбот шуд-куя, аммо, ба болои сӯхта намакоб, боз азобам медиҳанд,– гуфт Мухтор. – Маро кор додан намехоҳанд. Оё метавонӣ маро ба кор бигирӣ? Ё ба ту ҳам гап мерасад?

– Чаро рост ба пеши худам наомадӣ? – пурсид Исҳоқи Шукур. – Модом ки бегуноҳиатро исбот карданд, бояд вазифаи аввалаатро медоданд. Вале барои маҳбуси сиёсиро ба кор нагирифтан дастури нонавиштаи боло будааст, ки… Гӯр ба сари дастурашон! Туро ҳатман ба кор мегирам.

– Як маслиҳат, Исҳоқҷон: биё, як аз пеши котиби аввали фирқа гузарем, вай маро мешинохт, маслиҳате медодагист.

– Намеравем! – розӣ нашуд Исҳоқи Шукур. – Ту кадри собиқадори худамон ҳастӣ. Чӣ ҷои шубҳа! Наход нахустмуҳандиси миллат бекор монад?!

– Ҳамтую мабодо аз барои ман ба ту гап расад. Баъзан одам некӣ карда, пушаймон ҳам мешавад.

– Мухторҷон, дилпур бош. Ту ба касе хиёнат накардаӣ, душмани сохти нав нестӣ, ба ҳукумати шӯроҳо бо эҳтиром муносибат доштӣ. Ба фирқа низ ҳамчунин. Ҳамту не?

– Бале, бале. Бо он ки дар ҳабсхона азият мекашидам, аз дунё ноумеду дилмонда нашудам. Айб дар фирқа не, айб дар бевиҷдонию ҷаҳолати якчанд роҳбари кӯрдил…

– Худи пагоҳ ба кор сар кун. Ҳозир фармон медиҳам.

– Ба чӣ вазифа?

– Сармеханик. Ба қадри мутахассиси механика ман нарасам, кӣ мерасад?

– Ҷой холӣ буд магар?

– Бале, ҷои ту ҳама вақт холӣ меистод. Ҷои ту барин мутахассисро кӣ ҳам гирифта метавонад?

– Кам нашав, бародарам! Гуфтанд, ки ҳангоми маҳбусиам якчанд бор хонадонамро хабар гирифтаӣ. Дар сурате ки бисёриҳо аз хонаводаи ман рӯ гардонданд, ин ҳама некиҳоятро чӣ хел бармегардонам?!

– Вазифаи инсониро ба ҷо овардан ҳам фарз асту ҳам суннат.

Ба ин тариқ, Мухтор Саидов якчанд сол дар автобазаи шаҳри Конибодом вазифаи сармеханикиро ба ҷо овард. Пас ба нафақа баромад. Ғуруби офтоби умрашро ба сар мебурд. Шукрона мегуфт, ки оқибат бегуноҳиаш собит гашт, дер бошад ҳам, адлу инсоф мансуру музаффар шуд.

Боз як мисол. Писари собиқ баққол Абдулло Мирпочоевро, ки дар мактаби кӯҳна савод омӯхта, пас аз хидмат дар сафи милисаи халқӣ раиси кумитаи инқилобии Конибодом таъйин гардид, мардум ба хубӣ мешинохтанд. Ӯ марди раъиятпарвару маорифдӯст ва ҳақпараст буд, ноибии раиси ҳайати ислоҳоти обу заминро ба ҷо меовард. Баъди нуҳуми январи соли 1926 бо гузориши кумиҷроияи вилояти Фарғона дар Конибодом шӯъбаи савдои дохилӣ ва хориҷӣ ташкил ёфт, ки ба он Абдулло Мирпочоев сарварӣ мекард. Сониян, ӯ ба ҳайси раиси ширкати об, инчунин пиллакашӣ, мудири анбори меваю сабзавоти шаҳри Маскав дар ноҳияи Исфара фаъолият дошт. Сипас, чӣ шуд, ки якбора ба дафтари аъмолаш тамғаи «душмани халқ» заданд. Шомгоҳи ҳаждаҳуми феврали соли 1938 ду марди сиёҳпӯш манзилашро кофтуков карда, худашро ҳамроҳ бурданд. Завҷааш Латофат инони гиряро сар дод.

– Худатро ба даст гир, азизам! – таъкид кард Абдулло. – Доду фиғон бардошта, бачаҳоро натарсон. Ман бегуноҳам, саҳве шудагист…

Латофат кай медонист, ки падари чаҳор кӯдакаш дигар ба хона барнамегардад. Се рӯз гузашту аз ӯ дараке набуд, як ҳафта, як моҳ гузашту хабаре не. Маълум шуд, ки Абдуллоро ҳабс кардаанд. Бечора Латофат кӯдакони хурдсол дар оғӯш ашк мерехту идора ба идора мегашт, ки дараки ҳамсарашро ёбад. Ба ҳар даре рӯи ниёз оварад, касе ба имдодаш намера-

сид. Баъзеҳо сабаби ҳабс шудан ва дар куҷо будани Абдулloро намедонистанд, ё донанд ҳам, ёрои гуфтан надоштанд. Латофат пас аз сарсониву оворагардӣ дарёфт, ки шавҳараш дар куҷост. Ба ҳоли ӯ як марди милиса, ки аз шавҳараш некӣ дида буд, раҳм овард.

– Ман ба шумо мадад мерасонам, ҳамшира! – гуфт ӯ,– ба шарте ки дар ин бора ба касе лому мим нагӯед. Дар рафти тафтишот ҳама гуна мулоқот бо маҳбус манъ аст. Тақдири шавҳари шумо ҳоло маълум не. Ӯро ба ҳабсхонаи Исфара фиристоданд. Пинҳонӣ имкон дорам, ки падари кӯдаконатонро бо шумо рӯ ба рӯ оварам.

Субҳи дигар Латофат бо кӯдаки саридастиаш Мирмуҳаммад роҳи Исфараро пеш гирифт. Чӣ лаҳзаи пуризтиробе! Баъди шабу рӯзҳои дарози ҷудоӣ, бедорхобӣ ва асабоният зану шавҳар бовар намекарданд, ки боз ба дидори ҳамдигар расиданд. Ашки Латофат итоаташ намекард. Мирмуҳаммад «дада, шуморо ёд кардам, дадаҷон!»– гӯён худро ба оғӯши падар андохт ва ба гиряву нола пардохт.

Понздаҳуми марти соли 1938 ҳайати «сегона»-и НКВД бо қарори ноҷавонмардона Абдулло Мирпочоевро ба ҳабсхонаи шаҳри Перм фиристод. Тамоми бори вазнини зиндагӣ ба сари Латофат афтод. Вай шом то саҳар зери чароғ нури чашмашро равонда, чок медӯхт. Бо музди чоки бозорӣ чаҳор фарзандашро мехӯронду мепӯшонд. Сари ҳар чанд вақт аз буду бозёфташ камобеш захира карда, ба ҳамсараш низ хӯрокворию либос мефиристод. Ба ин ҳама мушкилот тоб оварда, шаъну номуси оиларо нигоҳ медошт. Охир, ҳамсараш Абдулло аз зумраи онҳое буд, ки ғояҳои озодию инсондӯстиро чун дастури мубориза қабул доштанд. Зану шавҳар бар он андеша буданд, ки фардои дурахшон мунтазири онҳост, вале ҳайҳот!.. Бахташон баргашт. Зан аз ин фоҷиа ақлу ҳуш дарбохт. Боре Абдулло аз зиндон ба занаш чунин нома навишт: «Азизам, медонам, ки ба сари ту душвории сахт омад. Пеш аробаи зиндагиро якҷоя мекашидем, акнун ту танҳоӣ. Хайр, ин қадар ғусса нахӯр, ин рӯзҳо ҳам мегузарад. Дар зиндагӣ барои ман ду чиз беҳад азиз аст: яке эътиқод ба ҳақиқат, дигаре тую фарзандонам. Гарчи аз азоби алим мӯи сарам сафед ва чашмам хира шуд, имону иродаам он

тавре ки буд, тағйир нахоҳад ёфт. Бидон, ки ҳақиқатро имрӯз саркӯб кунанд, фардо боз сар мебардорад. Ҳақиқат чашмаест, ки аз як ҷо пеши роҳашро банданд, аз дигар ҷой фаввора мезанад. Ҳақиқат офтоб аст, рӯяшро бо доман пӯшонда наметавонанд. Латофат, аз ту танҳо як хоҳиш дорам: то тавонӣ, фарзандонро савод бидеҳ. Аз писарони калониамон Раҳматуллоҳ ва Боҳир дилам пур, ту аз паи Мирмуҳаммад шав. Гарчи ин кори саҳл нест, охирин умедам аз ту ҳамин аст. Хайр, паноҳат ба худо! 21 декабри соли 1940».

Соли чаҳоруми маҳбусӣ ба Латофат хабари марги шавҳарашро расонданд. Теғи ин мусибат дилу ҷигари ӯро пора-пора сохт. Вай ғамбемор шуд, ба бистар афтод. Бисёр мехост, ки фарзандонашро саробон шуда, хононаду васияти шавҳарашро ба ҷо орад, вале умри ҷавонаш вафо накард. Навмеду номурод, бо ҳасрату армон аз дунё гузашт. Ба ҳоли зори ятимони ин хонадони «унсури бегона» худо ҳам раҳм наовард.

Латофат модаре дошт заҳматкашу мушфиқ ва ба ёру дӯст содиқ. Ӯро аҳли гузар «холаи Шарофат» меномиданд. Ана, ҳамин модаркалони «душмани халқ» пуштбони наберагонаш гардид. Дар он айёми бадфарҷом вай бо вуҷуди хастагию пирӣ наберагонашро ба тарбияи худ гирифту чароғи орзую умеди духтару домоди нокомашро барафрӯхт. Бо музди ночизи чокдузӣ онҳоро савод омӯхт. Нахустписари хонавода Раҳматуллоҳ то ба муовини ректори Донишгоҳи омӯзгорӣ расид, Боҳирҷон корманди ҳизбӣ, Маҳбуба мураббияи кӯдакон ва Мирмуҳаммад Абдуллоев сарвари техникум ва Омӯзгори шоистаи ҷумҳурият шуданд.

Солҳои панҷоҳум баъзеи он «душманон» сафед шуда, дар пиронсолию дардмандӣ аз маҳбас баргаштанд. Яке аз онҳо коргузори фаъоли фирқавию шӯравӣ, ташаббускори обёрии заминҳои водии Вахш Қурбон Ортуқбоев баъди бозгашт аз зиндон ба фарзандони Абдулло Мирпочоев хабар дод: «Писаронам, хабари нохуше расонам, ғусса нахӯреду ба тақдир тан диҳед. Падари шумо Абдуллоҷон соли 1941 дар лагери Перм фавтид. Ман бо дасти худ ҷасадашро ба хок супурдам. Шумо сарбаланд гардед: падаратон гуноҳе надошт. Ҳоло баъзеи он золимон зиндаанд, маро бинанд, рангашон мепарад, сурху са-

фед мешаванду чашм ба зер меафкананд. Вале аз асп фуроянд ҳам, аз рикоб намефуроянд. Хатоҳои азим содир карданду гарданашон ёрӣ намедиҳад, ки узр пурсанд…»

Танҳо пас аз соли 1958, ки Додгоҳи Олии ҷумҳурӣ қарори «сегона»-и Комиссариати халқии корҳои дохилии Тоҷикистонро дар ҳаққи Абдулло Мирпочоев ботил ҳисобид, ҷабрдидаҳо нафаси осуда кашиданд.

Дар он солҳои пурфоҷиа андак шубҳаи беасос, дурӯғу бӯҳтон ва нобоварӣ ба одамони поквиҷдон боиси он гашт, ки кормандони ҳизбию шӯравӣ, роҳбарони идораҳо ва ходимони илму маърифат бе ҷурму гуноҳе «душмани халқ» ном гирифтанд, дар ҳабсхонаҳо ва боздоштгоҳҳои маҳбусони сиёсӣ азобу азияти тоқатфарсо кашиданд, дур аз аёлу хешовандон ва пайвандон ба сахтӣ ҷон доданд.

Хонадони ҷафодидагон ба азохонаҳо шабоҳат дошт. Дар миёни он ҳама «душманони халқ», «думу думравони Бухарину Тротский» ва «миллатгароёни маҳаллӣ» фарзандони асили халқи тоҷик аз ҷумла равшанфикрони конибодомӣ Ҳамиддин Эшонов, Маҳмуд Ашӯрмуҳаммадзода, Мирхоҷа Маҳмудов, Аъзам Надиров, Абдулло Мирпочоев, Мараҷаб Сиддиқов, Саидаҳмад Анваров, Худойдод Эгамбердиев, Рауф Тоҳирӣ, Ғаффор Самадӣ, Насрулло Абдуллоев, Сироҷиддин Убайдуллоев, Боқӣ Усмон, Яхшибой Эсанбоев ва дигарон аз миёнаи солҳои панҷоҳ сафед шуданд ва номи некашон барқарор гардид. Ҳизби коммунист барои он ҳама каҷравӣ ва беадолатиҳое, ки сари тақдири инсонҳои бегуноҳ содир гардид, аз ҷабрдидаҳо ва пайвандони онҳо маъзарат хост. Вале ба ҳеҷ яки онҳо хунбаҳо надоданд, молу мулкашонро барнагардонданд, зиёни расидаро ҷуброн накарданд. Касе ғами осоиши онҳоро нахӯрд. Ҳизби ҳоким гарчи пулу сарват ва истироҳатгоҳҳо дошт, ба барқарор кардани сиҳҳатии собиқ аъзои худ таваҷҷӯҳ намефармуд. Сано бод ба ҳизбиёни тӯҳматзадае, ки бо вуҷуди хорию зорӣ ва ҷафокашӣ, аз созмони худ дилашон намонд!

Таърих варақи ҳақиқатро гардонд, замона ва ақидаҳо дигар шуданд. Ҳақиқати бозсозӣ ошкор кард, ки аксар ин зиндониён дар роҳи ҷомиаи нави таърихӣ ақидаҳои солим ва инсонпар-

варона доштаанд. Асарҳои мунтахаби баъзеи онҳоро, ки чопхонаҳо нашр карданд, мутолиа намуда, ба душман шуданашон механдед.

Пас, қотилони солҳои 30-40 ва ибтидои 50-ро дар асри бист метавон ҳақ баровард? Ҳаргиз! Бо авомфиребии якчанд ҷоҳилу ҷаббор ва бо иғвои хиёнаткорон халқ дучори фоҷиаи мудҳиш гардид. Мутаассифона, корҳои савобе, ки то кунун ба хотири неки он шаҳидон ва тӯҳматзадагон карданд, назаррас нест. Бояд «… ному насаби ҳамаи он ҷоҳилонро ёфта, чоп карда, дар паҳлуяшон исми касонеро низ сабт кардан лозим аст, ки ба ҳукмнома имзо гузошта, онҳоро ба дасти шиканҷа ва уқубат супурда, ба қатл расондаанд. Ба ин иқдоми душвор бояд ҳарчи зудтар, ҳарчи бедаранг пардохт, то ба шахспарастӣ хати бутлон кашем. Ба ин гурӯҳи ҳузновар шахсонеро, ки дар солҳои 60-ум, 70-ум ва ибтидои 80-ум ноодилона гирифтори таъқибот гардидаанд, низ бояд шомил сохт. Боз як гурӯҳи дигаре ҳастанд, ки аз ҳама бештар осеб дидаанд. Инҳо маҳбусони беморхонаҳои рӯҳиянд. Худоро шукр, ки аксарашон зиндаанд. Онҳо муфаттишон ва золимонро ном хоҳанд бурд, ки одамони комилан солим, вале дигарандешро зинда ба зинда дар бемористонҳои рӯҳӣ гӯрондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи коммунистон аст, ки ҳамаи шахсони бо одамони сиҳат ташхиси бардурӯғ монда ва ҳамаи касонеро, ки ин кирдори даҳшатангези онҳоро дастгирӣ мекарданд, ошкоро ба додгоҳ кашанд» («Правда», аз 23 октябри соли 1990).

Алҳазар аз фоҷиаҳое, ки ба сари мардуми бегуноҳ омада буд! Бояд ҳушёр бошем, ки дигар чунин фоҷиа рух надиҳад. Дигар наояд Варламе – тимсоли зулми оламе!

## ГУЛҲОИ ХУДРӮЙ

Таърих шоҳид аст, ки диёри мо аз қадимулайём бо мӯъҷизаҳои тиббию табибони ҳозиқаш шӯҳрат дошт. Мутаассифона, дар асри бист аз боиси каҷфаҳмию тангназарии зимомдорони вақт бисёр шифокорони соҳиби дили поку виҷдони бедоғ, чун хурофотпараст таҳти фишори таъқибот афтода, гирифтори ҷазову тӯҳмат мегаштанд.

Шӯравиҳо тахти роҳбарии болшевикон мехостанд ҳамаи ҷомиаро аз нав сохта, ба дигаргуниҳои бузурге ноил шаванд, ки оламиён ба ҳайрат оянд. Онҳо чунин навгониро дар илми табобат пеш аз ҳама аз баррасии забон ва тарзи баёни тиббия оғоз бахшиданд. Ҳатто номи бемориҳо, асбобу анҷоми пизишкӣ ислоҳоти тиббиро низ дигар мекарданд. Калимаю ибораҳои асрҳо боз маъруфи тибби Шарқро аз доираи истифодаи мардум бароварда, ба ҷояш вожаҳои бегонаро ворид месохтанд. Масалан, дар давоми ҳафтоду анд соли шӯравӣ ба сари истилоҳи оммавии «табиб» хати бутлон кашида, онро ба қатори ғалатҳои қабеҳ даровარданд ва ба соҳибони забон фармуданд, ки дигар ин калимаро кор нафармоянд ва ба ҷояш аз истилоҳи «духтур» (доктор) кор гиранд. Дар натиҷаи чунин кӯтоҳандешӣ ин истилоҳ чун олоти таърихи куҳан ба як гӯшаи бойгонии забони тоҷикӣ афтод. «Табиб» дар луғатҳо аслан ба маънии «табобатгар, мутахассиси илми тиб, ҳаким…» аст, вале дар истеъмоли оммаи мардуми тоҷик оҳиста-оҳиста ба маънои табиби хурофотии «одамкуш» корбаст мегашт. Ҳол он ки амсоли Рӯдакию Саноию Саъдӣ, Румию Низомию Ҷомӣ, Камолу Сайидою Бедил… ҳамаи шоирони классики мо ва чун Абӯалӣ ибни Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ нобиғаҳои илму фарҳанг «табиб»-ро ба маънии офиятгар ва шифокунанда истифода бурдаанд.

Ба сарнавишти «табиб» монанд аст тақдири истилоҳи тоҷикии «момодоя», ки онро ба калимаи «акушерка» иваз карда буданд. Теъдоди чунин вожаҳо кам нест. Чӣ хуш аст, ки имрӯз ин истилоҳоти куҳан умри дубора ёфтанд!

Дар Конибодом Тоҷибойи Муҳаммад ном табиби мардумӣ дар асри бист ба аҳолӣ хизмати беминнат мерасонд. Ҳасудони кӯтоҳандеш ва сарварони бадкеш ӯро бо ҷурми он ки даҳдувоздаҳ таноб замин дошту як навъ зиндагии осуда ба сар мебурд, ба рӯйхати муфтхорон дароварда, дар банди шиканҷа афканданд. Солҳои чилуму панҷоҳум сокинони маҳаллаи Гумбазӣ, писари Усто Қавоқи шикастабанд Ҷӯра Исо ва шогирдаш Олимхаробак, усто Каримҷон ва писараш Шарофҷони Ӯсар ва бошандаи гузари Кордгарӣ, табиби ҳозиқи сӯхтанӣ Бибии Соима ва чанде дигарон ба табобати ҳоҷатмандон шуғл

меварзиданд. Мардум ба онҳо ихлос доштанд ва бо умеди офият ба даргоҳашон рӯ меовարданд.

Аз дасти Ҷӯра Исо (1899-1974) ҳар сол садҳо маҷрӯҳу маслуқ шифо мееёфт. Дар мавсимҳои токбурию кирмакдорӣ ва меваҷундорӣ вақту новақт ҳоҷатмандон ба умеди офият дари ҳавлии ӯро мекӯфтанд. Аз саҳар ба дари кӯчааш улаву аробаҳо қарор мегирифтанд аз ҳар маҳалли Конибодом, Исфара, Ашт… Якеро даст ё по лат хӯрда, рагу пояш беҷо шуда, дигареро устухон шикаста, сеюми дарди миён ва ғайра. Ба назди ин шикастабанд аз шаҳру деҳоти берун аз ҷумҳурӣ Бешариқу Шӯрсу, Риштону Сӯх ва Бодканд низ дардмандон омада, табобат меёфтанд. Ӯ усули хоси табобати худро дошт. Ба як нигоҳ авзои беморро мефаҳмид. Ба устухони шикаста навозишкорона даст бурда, оҳиста-оҳиста варамашро мемолиду ба ранҷур суханони таскинбахш мегуфт. Дар як лаҳза риштаи дардро мееёфту ба муолиҷа сар мекард. Табиби ҳозиқ дар кӯчаву гузаргоҳ, боғу саҳро, растаи бозору паҳлуи дӯконҳо, ҳар ҷо, ки гузораш афтад ва бемореро бинад, аз муолиҷа рӯй наметофт. Агар маъюбро сари вақт ба табобаташ оваранд, оҷилан муолиҷа карда, ба сиҳҳатмандиаш кафолат медод, агар дер оваранд, табобат кашол мееёфт. Агар шикастаустухон ба дард тоб наоварда, доду фиғон бардорад, бо як тарсакӣ таги гӯшашро метафсонду аз ҳуш меравонд ва зуд аз паи табобаташ мешитофт. Вай ин воситаи беҳискуниро «наркози халқӣ» меномид.

Боре ба ман собиқадори ҷанг ва меҳнат Маҳмудҷон Назаров чунин ҳикоят кард: «Соли 1949 як поям аз буҷулакаш беҷо шуду варамид. Чанд вақт мӯза пӯшида натавонистам. Азобам рӯзорӯз меафзуд. Ҳамроҳи падарам Ҷӯра Исоро ҷуста, ба бошишгоҳи бригадаи колхози «Коммунист» (воқеъ дар назди кӯли Мирҳошим) рафтем. Ӯ дар майдони назди шипанг панҷшоха ба даст пахта мехушконд. Варами поямро диду аз буни деворча хишти пухтаеро овард, ба наздам гузошт ва фармуд, ки ба рӯяш пои варамидаамро гузорам. Вай поямро бо панҷаҳои пои лучаш молида-молида, ҷои баромадаашро ёфт ва як пахш карду гуфт: «буҷулакатон ба ҷояш афтод, мӯзаро пӯшед». Нобоварона по ба мӯза хастам, ки даромад.

Дигар дарду озор нест шуд. Аз ростӣ, табиби мӯъҷизакоре буд он покмарди биҳиштӣ».

– Соли 1960 ба дарахти тут баромада, барои кирмак барг мезадам,– мегуфт деҳқони колхози «Ленинград»-и ноҳияи Конибодом Маҳками Бобоҷон. – Нохост шохи зери поям шикасту ба замин афтодам. Устухони пои ростам шикаст. Маро дар ҳолати нимбеҳушӣ ба ҳавлии Ҷӯра Исо бурданд. Аз дарди ҷонгудоз якзайл менолидам. Табиб аҳволамро диду гуфт: «Дар ҷанг захмдор шуданат бас набуд, ки боз як поят шикаст?» ва таъҷилан муолиҷа кард. Нохост силии сахте ба таги гӯшам фуроварду битамом аз ҳуш рафтам… Як маҳал ба худ омада, поямро рӯи тахтача латтапеч дидам. Пас поямро чӯбband кард ва қариб ду моҳ рӯздармиён ба хонаам омада, бо мумиё ҳам муолиҷаро давом дод. Ҳоло мисли пештара давида мегардам.Мисли ман шифодидаҳо лак андар лак. Худораҳматӣ Ҷӯра Исо рафту номи некаш боқӣ монд. Ӯ чун одами камгапи табиатан қавидаст маъруфият дошт. Дар колхоз ҳамроҳ кор мекардем. Агар касе аз доираи адаб берун барояд, шухиомез мегуфтем: «Ором шав, амаки Ҷӯра каме «наркоз» диҳанд, аз ҳуш меравӣ…»

Ҷӯра Исо табиби аҷдодӣ буд. Падараш Исо Қавоқ (шояд аз бадқаҳрию сипоҳигариаш ба исми ӯ лафзи туркии «қавоқ»-ро часпондаанд) аз пешаи шикастабандӣ нон мехӯрд. Писарони ин хонадон Аъзаму Ӯктам низ пешаи аҷдодиро камобеш аз бар карданд, вале онҳо мисли гузаштагони худ чирадаст набуданд.

Мутаассифона, чунон ки гуфтем, дар он айём табибони мардумӣ таҳти «роҳбарии хирадмандона»-и зимомдорон ва соири идораҳои девонсолор зери фишору тазйиқ қарор доштанд. Ҳукуматдорон онҳоро намегузоштанд, ки ошкоро амал намоянд. Дар яке аз рӯзҳои баҳори соли баъдиҷангӣ Ҷӯра Исоро ба кумитаи ҳизбии шаҳр бурданд.

– Шуморо чандин бор огоҳонидем, ки ба табибӣ машғул нашавед, боз донистаи худро мекунед,– гуфт тадидомез мудири бахши ташвиқоту тарғиботи кумитаи ҳизб. – Шумо, ки аз даргоҳи ягон мактаби тиббӣ нагузаштаед, беморонро чӣ хел табобат мекунед?

– Аввалан, ман табиби хасакӣ не, ки ба мӯҳтоҷон зарарам расад,– сабаби таҳдидро пай бурд Ҷӯра Исо,– сониян, ман танҳо барои савоб хизмат мерасонам. Чӣ тавр мешавад, ки дардманде гирёну нолон ба ҷустуҷӯятон ояду аз ёрӣ рӯй тобед? Инро виҷдони кас намебардорад. Падари шикастабандам васият кардаанд, ки касбашонро давом диҳам, аз дастам ояд, ба мӯҳтоҷон ҳатман мадад расонам.

– Амаки Ҷӯрабой, ман медонам, ки шумо ҷоҳил нестед. аммо ҳукумат ба амалиёти шумо муқобил аст.

– Худи шумо намояндаи ҳукумат-ку? Чаро қазияро ба ҳукуматдорон намефаҳмонед? Мардум ба ҷону ҳолам намонда, муоличa кун, мегӯянд. Аз онҳо рӯй гардонам ? Ин чӣ беинсофӣ? Маро ба ҳолам мегузоред ё не?

– Қаҳратон наояд, амак. Духтурҳои беморхонаи шаҳр аз шумо барин табибон шикоят доранд.

– Чӣ шикоят? Нонашонро нимта кардам магар? Охир, ман-ку бепул хизмат мерасонам. Чӣ мехоҳанд онҳо?

– Тамоман музд намегиред?

– Ба Худо, ки аз касе чизе талаб накардаам.

– Дар ин ҷо «Худо» нагӯед. Агар шунаванд, маро ҷазо медиҳанд.

– Наход тамоман Худоро фаромӯш кардаед? Охир, шумо фарзанди мусулмон менамоед-ку? Э, афсӯс!..

– Бас. бас! Мавзӯи сӯҳбати мо дигар. Духтурҳо гумон доранд, ки шумо аз корафтодаҳо пули калон мегиред. Шуморо ба суд медиҳем !

–Магар маро тарсонданиед? Мардум ба мо ихлос доранд, ба ҷону ҳоламон намонда, «ҳаққи ҳалолатонро гиред!» мегӯянд. Дар чунин ҳолат табибҳо барои ириму ҷирим, ба нияте, ки ба бемор дигар фалокате рӯй надиҳад, баъзан ҳаққи ночизе мегиранд. Агар нагиранд, бемор таскин намеёбаду сиҳатёбиаш тӯл мекашад.

– Дуруст. Як умр заҳмат кашеду наход каме ҳақ нагиред? Ман тозакориҳои шуморо шунидаам. Коратон мушкилу нонатон ҳалол. Лекин духтурҳо…

Ҷӯра Исои оромтабиат малулона гуфт:

– Дар ҳамаи замонҳо «гадо душмани гадо» буд ва имрӯз

ҳам ҳамин тур. Баръакс олими тиб Комил Тоҷӣ усули корамро дида, изҳори қаноатмандӣ карданд, ки «тибби халқии мо таҷрибаи ғанӣ дорад, бояд ин таҷрибаро омӯзему дар амалия истифода барем». Аммо даъвои ин духтурҳои хасакӣ дигар. Аз номи мани бесавод ба духтурҳои «хондагӣ» расонед, ки то кай устухонҳои шикастаро баста натавониста, ҷони маъюбонро ба ҷаббор месупоранд? Онҳо чун дарахтони бебар ва замини бесамаранд. Астағфуруллоҳ! Хайр, дигар шикастабандӣ намекунам.

– Эҳ, амак, амак! Шумо вазъияти маро фаҳмед, ин фармони «боло», ҳу «болои боло».. Қонунгузорӣ ба шахсоне, ки маълумоти тиббӣ надоранд, табобати беморонро манъ мекунад…

Баъзе роҳбарон ба қадру қимати аҳли ҳунар намерасиданд. Ҷӯра Исо ба онон танаффури бепоён дошт, зеро дили табибони халқиро бо гуфтору рафтори дурушту дағал меранҷонданд.

Аз байн муддате гузашту мухбири кӯтоҳназаре дар рӯзномаи ҷумҳурӣ шикастабанди корозмуда Ҷӯра Исоро танқид кард, ки гӯё дар пешаи худ саҳлангор асту маъюбони вазнинро муолиҷа кардан наметавонад. Дар асл боре ба табобаташ маҷрӯҳеро оварданд, ки пою сутунмӯҳрааш сахт шикаста, вақти муолиҷаро гузаронда буданд. Дар ин ҳолат ҷарроҳони моҳир ҳам қодир нестанд, ки мӯъҷиза офаранд.

Сипас бо чунин дасисаҳо табиби халқиро ба суд доданд. Дар мақомоти судӣ кори ӯро ба муҳокимаи умум гузоштанд. Якчанд шахси бадғараз мақолаи дар рӯзномаи ҷумҳурӣ танқид шудани ӯро далел оварда, мехостанд Ҷӯра Исоро ба маҳкама кашанд. Вале тирашон ба нишон нарасид. Мардум ба ҳимояи табиби худ бархоста, бадқасдонро маҳкум карданд: «Ҳой, бандаҳои ношукр! Оё ягон бор дидаед, ки аз табобати Ҷӯра Исо касе талаф ёфта бошад?! Ин хел шикастабанди дастгушодро аз куҷо меёбед? Беморонро бемузд табобат мекунад. Ба ҷои он ки ӯро бо суханони ширин рӯҳбаланд гардонед, бо тундию дуруштӣ дилашро аз кори савоб мемононед. Ку инсофу адолат?..»

Раиси додгоҳи халқии Конибодом Очабону Раҳимҷонова муҳокимаро чунин ҳусни хотима бахшид:

– Ман хонадони шикастабандҳои аҷдодӣ Ҷӯрабой Исоев ва падари раҳматиашон амаки Исо Қавоқро аз наздик мешиносам, зеро ба ҳам ҳамсояем. Сокинони маҳаллаи Гумбазӣ шукргузоранд, ки чунин табибон ба ҳифзи саломатиамон омода ҳастанд. Мо дафтари аъмоли Исоевро амиқан санҷидем ва ягон нишонаи ҷиноят надидем. Ҳар касе, ки ба иғвою тӯҳмат ҳаёти бегуноҳеро сӯзонданист, ба чоҳи кандаи худ меафтад. Амаки Ҷӯрабой, ба шумо ҷавоб, равед, кори бригадириатонро давом диҳед, шикастабандӣ ҳам кардан гиред, касе ҳад надонад, ки шуморо аз муолиҷа боздорад.

Баъди як моҳи он фишороварихо нимарӯзе Ҷӯра Исо пахтазорро об медод, ки ҳамон мудири шӯъбаи идораи ҳизбӣ ҳарсосзанон ба наздаш омаду гуфт:

– Амаки Ҷӯрабой, пои ҷиянам шикаст. Илтимос, илоҷашро ёбед.

– Ин чӣ гап? – ҳайрон шуд табиб. – Як моҳ пеш фармудед, ки дигар табибӣ накунам, ҳоло баръакс…

– Амак, дар хилват касбатонро давом додан гиред, дигар ман ба шумо кордор намешавам.

– Мебахшед, ман пинҳонкор нестам. Комил Тоҷӣ бо вазири тандурустӣ ба мувофиқа расидааст, ки ба ман ҳуҷҷати расмӣ диҳанд.

– Илоҳо ҳамту шавад! Ман ҳам тарафдор.

– Чаро ҷиянатонро ба духтур набурдед?

– Барам, Алтаев ҷарроҳӣ мекунад, эҳтимол пояшро буранд. Илтимос, ба мошин шинед. Рафтем.

Табиб боз аз кори хайр рӯ гардонда натавонист.

Оқибат дар як субҳи Наврӯз академик Комил Тоҷиев, ки ба шаҳру навоҳии шимоли ҷумҳурӣ сафари хизматӣ дошт, ба боздиди рафиқи бачагиаш Ҷӯра Исо ва амакаш Аъзамҷони Мадалии боғбон ба Конибодом омад. Нимрӯзӣ колхозчиён дар бошишгоҳи саҳроӣ ҷамъ омаданд. Тоҷиев хушнудона гуфт:

– Ҳамдиёрони азиз, ман ба шикастабанди маъруфамон Ҷӯра Исо ваъда дода будам, ки барои фаъолияти табибиашонро озодона давом додан ҳуҷатномаи расмӣ дастрас гардонам. Ба қарибӣ дар Вазорати тандурустӣ вазири нав ба сари вазифа омад. Он кас бо эътимодоварии ман чунин ҳуҷҷат доданд:

*«Дода шуд ин иҷозатномаи тиббӣ аз Вазорати тандурустии РСС Тоҷикистон ба сардори бригадаи пахтакории колхози райони Конибодом Ҷӯра Исоев дар ин хусус, ки ӯ ҳамчун шикастабанд бо духтурони беморхонаи шаҳр ҳамкорӣ дорад.*

*Вазири тандурустии РСС Тоҷикистон*
*Аҳмадов Карим Юсуфович (Имзо ва мӯҳр).*
*20 марти соли 1953».*

Марҳамат, Ҷӯрабои азиз, ин ҳуҷҷатро гиреду ошкору озодона шикастабандиро давом диҳед. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки садди роҳатон гардад.

Ҳамаи ҳозирон чапак заданд, табиби маҳбубро ба сар бардоштанд ва ба шарафи Комил Тоҷиев гӯсфанд куштанд. Ҷӯра Исо дар умраш ҳеҷ гоҳ мисли он рӯзи фирӯз шоду сарбаланд набуд.

…Дорусоз ва давогарони халқӣ усто Каримҷон ва писараш Шарофҷони Ӯсар низ аз табибони собиқадори Конибодом ба шумор мерафтанд. Онҳо давои аксари дардҳоро медонистанду месохтанд. Чунончӣ, барои муолиҷаи реши пашшахӯрда аз омехтаи кӯҳнахоки қабристон, саргини гунҷишки даштӣ, гиёҳ ва даҳанифарангу йод марҳаме месохтанд, ки аз таъсираш ҷароҳат ба зудӣ сиҳҳат мешуд. Солҳои чиҳилу панҷоҳум, вақте ки дар Конибодом бемории пашшахӯрда (конибодомиҳо «решпашша» мегӯянд) паҳн шуда, дар андоми аксарият нақши худро мегузошт, ин падару писари ҳунарманд бо дорую дармони худсохташон ҳазорҳо касро аз захми ин мараз раҳоӣ мебахшиданд.

Дар бачагиам панҷаи дасту по ва гӯшамро сардӣ зада буд. Ҳар аввалу охири зимистон узвҳои сармозада аз нав варамида, мехориданду азобам медоданд. Бародарам Маҳкамбой маро ба назди Шарофҷони дорусоз бурд. Вай марди меҳрубоне будааст, бо рӯи хушу дасти навозиш гӯшу панҷаҳоямро аз назар гузаронду фармуд: «Ин беморӣ бештар дар зимистони қаҳратун ва дар касоне, ки ҳангоми сармои шадид дар сафар мегарданд, ҳодис мешавад. Роҳи табобаташ: ба узви сармозада мағзи сари зоғи сиёҳро моледу як-ду рӯз дар сандалӣ ё назди бухории гарм нигоҳ доред, сиҳат мешавад». Сонӣ мо аз

амаки камондори маҳалла Деҳқони Авазмат хоҳиш кардем, ки зоғи сиёҳе занад. Вай хоҳишро ба ҷо овард. Модарам шаб мағзи сари зоғро ба узвҳои сармозада молид ва дасту поям андаруни сандалӣ хобидам.Фармудаи Шарофҷони дорусоз маро комилан аз дарди сармозада раҳоиш дод.

Давосози дигар, холаи Соима яке аз гулҳои сари сабади тибби мардумӣ ҳисоб меёфт. Конибодомиҳо мисли ӯ табобатгари моҳири маразисӯхтаниро кам дидаанд. Сӯхтанӣ (сиёҳзахм, оташак, «сибирская язва») ҳамчун обила навъе аз бемориҳои сироятист, ки онро ниёгони мо бо оҳани тафта месӯзонданд. Холаи Соима дар табобати ин беморӣ таҷрибаи комил дошт. Ҳар каси гирифтори сӯхтанӣ ҳатман ӯро мекофт. Вай дар як гӯшаи ҳавлияш хоначаи махсуси муолиҷавӣ дошт, ки беморонро дар ҳамон ҷо пазируфта, ба муолиҷа мепардохт. Байни шарораҳои оташдони ӯ меххҳои дарози аробаи қӯқандӣ сурху тасфон мехобиданд.

Боре байни панҷаҳои пои писарбачаи ҳамсояи мо, ки аз ман як сол хурд буд, сӯхтанӣ баромад. Ӯро бо ароба ба хонаи холаи Соима бурдем. Табиб пас аз муоина ба обила марҳам молид ва фармуд, ки баъди як ҳафта биёяд. Дар ин муддат марҳам обиларо пазонд, доғи сурх ва варами по хеле дамид. Писарак аз азият роҳ гашта наметавонист, аз сӯзи дард менолиду менолид. Ӯро ҳамроҳи модару бародараш боз ба муолиҷаи холаи Соима бурдем. «Акнун ҷароҳат пухта, фурсати табобаташ расидааст,– гуфт табиб. – Гиря накун, писаракам, охир ту мард ҳастӣ, ба мард гиря намезебад. Боз камтаракак тоқат намо. Ин сӯхтании лаънатиро аз решааш канда партоям, ки дигар насабзад…» Писаракро ба рӯи шолча пару хобонданд. Бечора гирёну нолон гуфти табибро ба ҷо меовард. Хола моро фармуд, ки дасту пои ӯро сахт дорем. Худ чобукона бо асбоби анбӯршакле мехи дар оташ сурхшударо оварду ба реши дамида гузошт. Дилам ба ҳоли ҷӯраам месӯхт. Аз ҳарос ба пояш наменигаристам. Як чашм давондам, ки аз ҷои сӯхта дуд мебаромад. Ҷӯраам бетоқатона доду вой гуфта, хонаро ба сараш бардошт. Хола гуфт, ки сахттар дод зан, то дардро нафаҳмӣ (Табиб баъзан, агар бемор бетоқатӣ кунад, усули «наркоздиҳии» Ҷӯра Исоро кор мефармуд). «Ана, азо-

бат тамом, ҷонат раҳо ёфт,– сипас бачаякро таскин дод холаи Соима. – Дигар сӯхтанӣ намебарояд, решаҳояшро сӯзондам...» Табиб ба ҷароҳат марҳам молид. Фурсате гузашту бемор ба худ омад ва дар чанд рӯзи охир бори аввал ҳис кард, ки дарди пояш нест. Чашмони ашкбори ӯ аз ғояти шодмонӣ медурахшиданд. Ин воқиа соли 1950 рӯй дода буд. Ҳоло он ҳамсояписари мо зиндаю бардам. Ҳар гоҳ бо ҳам вохӯрему ёди кӯдакӣ кунем, усули табобати холаи Соима дар рафъи сӯхтанӣ низ пеши назар меояд. Пас аз муолиҷа, хушбахтона, ӯ дигарбора рӯи сӯхтаниро надид.

Он рӯз табиб баъди муолиҷа ба модари писарак варақае дод, ки навиштаҷоташро хонанду нуктаҳояшро ба ҷо оваранд. Ман раҳорах варақаро баланд-баланд хондам. Дар он сабабҳои пайдоиш ва пешгирии сӯхтанӣ сабт меёфт: «Бемории сӯхтанӣ аксар ҳангоми нигоҳубини ҳайвони хонагӣ, истифодаи пашму пӯсти чорво, истеъмоли ширу гӯшт, инчунин аз хоку оби ифлос сироят меёбад. Сӯхтании пӯст дар натиҷаи сирояти узвҳои зарардидаи пӯст ва газидани ҳашарот (бештар хармагас) ба вуҷуд меояд. Ҳангоми ин беморӣ ҳарорати кас баланд мебарояд, қувват меравад, сар ба дард медарояд. Дар ҷои ҷароҳати пӯст доғи сурх (минбаъд ба гиреҳча, обилача, рихинак, карахши сиёҳ табдил меёбад) ва варам пайдо мешавад. Пешгирӣ: риояи қатъӣ ба қоидаҳои беҳдошт, муваққатан аз сиҳатмандон ҷудо кардани ҷогаҳи бемор (карантин) ва тамиз кардани манбаи беморӣ (дезинфексия, маҳви микробҳои сироятӣ бо тадбирҳои махсус)».

Пайдост, ки холаи Соима қонуну қоидаҳои илмии тиббу табобатро хеле хуб медонистааст.

Ёди он табибони накӯкор бахайр, ки мардум эҳтиромашонро ба ҷо меоварданд. Афсӯс, ки бисёрии онҳо асрори ҳунари худро ба гӯр бурданд. Замонаи носозгор имкон намедод, ки шогирдҳо тайёр кунанд, аз худ нишоне боқӣ гузоранд.

Табиати офаридгор, гарчи модарвор ҳотаму саховатманд аст, фаросату фитратро на ба ҳар кас медиҳад. Табибони сабукдасти мардумӣ зодагони истеъдоди фитрӣ ва порае аз ҷавҳари ақлу хиради халқанд. Ин тоифа мисли гулҳои худрӯянд, ки дар боғу майдонҳо сар мекашанд, амсоли нарги-

су лолаҳои рангинанд, ки дар дашту саҳро ва кӯҳдоманҳо аз файзи оби раҳмат месабзанду гулдонҳоро зинат медиҳанд. Дареғо ки аксари он ҳакимони камшумору нодиракори мардумӣ, он ҳама гулҳои худрӯ то охир нашукуфтанд, дар фишору таъқибот нобаҳангом пажмурданду ба чанголи хазон афтоданд.

Бо камоли мамнуният метавон тазаккур дод, ки кунун дар айёми истиқлолияти Тоҷикистон аз шаҷараи он ҳакимони нодиракор боз пайвандҳои зиёде месабзанду аз самарашон ҳама баҳра мебардоранд.

## ҶАРРОҲИ САБУКДАСТ

Поёни моҳи ӯктобири соли 1980 ба хонаи ҳакими ҳозиқ Тоҷиев аз шогирдону ҳамкорон, мухлисону ихлосмандон, дӯстони ҳамнабард анбӯҳи табрикот омад. Чеҳраҳои гарму шинос, қиёфаҳои ба дил наздик, мулоқот ва воқиаҳои дуру наздик ба ёдаш мерасиданд.

«Шумо, дӯсти азизи ҳамнабардамро, ба муносибати 70-солагии зодрӯз ва ҷашни фаъолияти пизишкию илмию омӯзгорию ҷамъиятиатон табрику таҳният мегӯям…

Ҳамсилоҳи Шумо, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Александр Журавлёв».

Бо номи Журавлёв хотироти айёми ҷангии ӯ равобити зич дошт. Ҳарбу зарби Сталинград, камонаи Курск, муҳорибаҳои шадид барои озодии Лаҳистону Чехословакия…. Баталёни тиббие, ки ӯ хизмат мекард, то Берлин расид. Пизишки низомии дараҷаи сеюм, баъдан майори гвардия Комил Тоҷиев аз оғоз то анҷоми ҷанг ҳар шабонарӯз то дусад маҷрӯҳро дорую даво дода, таҳти бороны тиру гулӯлаҳо амалиёти ҷарроҳӣ мегузаронд. Журавлёв низ аз дасти ӯ офиятёфта ба ҳисоб мерафт.

…Ҷанги муқобили фашистон ба охир расид, аммо набарди Тоҷиев алайҳи дардҳо идома меёфт. Собиқ дастпарвари донишгоҳи тиббии дуюми Маскав ба номи Н.И. Пирогов Комил Тоҷиев, ки то замони ҷанг дар пойтахти Ӯзбекистон мезист, баъди ҷанг низ ёварии кафедраи ҷарроҳии умумии

Донишгоҳи тиббии Тошкандро ба ӯҳда дошт. Аз соли 1951 ӯ бо даъвати Ҳукумати Тоҷикистон барои фаъолияти доимӣ ба Душанбе омад ва чун мудири кафедраи ҷарроҳии Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абӯалӣ Сино ба кор пардохт. Барои пешбурди корҳои илмиаш шароит ба вуҷуд оварданд. Имкон ёфт, ки бо саъю кӯшиши бардавом ва рағбати тамом илм омӯзад. Шабу рӯз китоби тиббӣ мехонду асрори табобатро кашф мекард. Соли 1952 ба ӯ муяссар шуд, ки дар мавзӯи «Сафедаҳои карбогидрат ва зиддиуфунати ҷигар дар ҷараёни амрози риму фасоддор» рисолаи номзадӣ дифоъ кунад.

Шебу фарози дониш, кашфи амали ҷарроҳия, ки ба ин шуғли мураккаб дар Шарқ чун Абӯалӣ ибни Сино алломаҳои тоҷик даст задаанд, пайваста ҳушу ёдашро мерабуд. Сипас Тоҷиев соли 1969 дар Маскав таҳти роҳбарии табиби заковатманд, академики Академияи Илмҳои ИҶШС А.Н.Бакулев рисолаи доктории «Боди ҷарроҳӣ ва баъди ҷарроҳӣ дар ҷараёни муолиҷаи фаврии суддабандӣ ва мубориза бо он»-ро ҳимоя кард ва чун яке аз табибони нодиракор ном баровард. Вай аз соли 1960 дар баробари мудири кафедраи ҷарроҳии умумӣ ҳамзамон (то соли 1973) ба ҳайси ректор дар донишгоҳ ифои вазифа дошт.

Сарвари ҷарроҳон Комил Тоҷиев дар ҷумҳурӣ нахустин мактаби мукаммали ҷарроҳияи қафаси синаро бунёд гузошт. Ба усули хоси ӯ доир ба ҷарроҳии дил мутахассисон баҳои баланд доданд. Барои ин комёбиаш ӯ соли 1967 ба ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Сино сазовор гардид. Бештар аз даҳ рисола ва дусад мақолаи илмӣ маҳсули заҳмати ӯ ҳастанд. Корҳои тадқиқоти илмии ӯ ба ҷарроҳии дилу рагҳо, шуш, ҷоғари тиреотоксикӣ, татбиқи усулҳои муосири ташхиси нуқси ғайримодарзодии дил, бемориҳои ҷарроҳишавандаи ҷигар ва ғайра оиданд. Китобҳояш «Мӯмиё ва нумӯи омилҳои таҷдидӣ» (1971), «Тағйири электрокардиограмма дар мавриди гипертрофияи миокард» (1976), ки бо машварату ҳаммуаллифии ҳампешагонаш таълиф ёфтаанд, арзиши баланди илмию табобатӣ доранд.

Аксар табибоне, ки нимаи дуюми асри XX дар беморхонаҳои ҷумҳурият ҷарроҳ буданд, аз устод Комил

Тоҷиев дарси малакаю маҳорат омӯхта, таҳти роҳбарии ӯ рисолаи номзадию докторӣ навиштаанд.

Ба ман муяссар гардид, ки бо баъзе олимон ва шогирдону пайравони ин Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (1963) ва академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (1965) перомуни фаъолияти устодашон (дар арафаи 80-солагиаш) мулоқот ороям. Аз ҷумла бо дотсенти кафедраи ҷарроҳии умумӣ Мусаввир Карамович Гарифов, мудири шӯъбаи умумиҷарроҳӣ, ҷарроҳи дараҷаи олӣ Александр Михайлович Шагаров ва доктори илми тиб Мухтор Муродов сӯҳбат доштам. Мусаввир Карамович устодашро бо мамнуният ёд оварда, чанд шумораи маҷаллаҳои тиббии «Хирургия», «Вестник хирургии», «Грудная хирургия»-ро нишон доду гуфт:

– Мана ин ишораҳои Тоҷиевро бинед. Андешаҳои бағоят муҳим. Ӯ адабиёти тиббу табобатро дақиқназарона меомӯхт.

– Суханрониҳояш дар машғулиятҳо чӣ гуна сурат мегирифт? – пурсидам аз ӯ.

– Эҳ-ҳе, Шумо напурседу ман нагӯям. Воизии ӯ бо пурмазмунию навоварӣ шунавандаро мафтун месохт. Вай чун шахси табиатан нотиқ бо ҷӯшу хурӯш ҳарф мезад. Бештар аз чоряк аср дар донишгоҳ дарс гуфт. Маҳорати касбияш ҳамаро ба ҳайрат меоварад. Нозуксанҷу нозукрав, тезбину тезфаҳм, фарохназар ва сахткӯшу сахтгир буд. Дар лаҳзаҳои мушкил ҳам ба асабоният роҳ намедод.

Аз хислатҳои зубдаи профессор пурсидам.

– Кадом хислаташро меписандидед? – саволамро ба такрор оварду посух дод. – Одаму одамгарӣ, адолатпарварӣ, масъулиятшиносии баланд… Дар дармонгоҳи мо 180 бемор табобат меёфт. Ягон амалиёти вазнину мушкили ҷарроҳия бе ширкати Тоҷиев сурат намегирифт. Маркази ҷарроҳия хонаи дуюми ӯ ҳисоб меёфт. Аксар рӯзҳо ба манзилаш, ки аз коргоҳамон дур набуд, пиёда ба тановули ғизо мерафту дигар ҳамаи вақташро дар шифогоҳ мегузаронд. Ба сари мизи ҷарроҳӣ, барои мададу назорати шогирдон ҳатман ҳозирӣ медид. Ногаҳонӣ ба табобатгоҳ меомаду аз ҳоли беморони вазнин хабар мегирифт. Ба пизишкёрон дастурҳо медоду мадад мерасонд. Ҳол он ки серкор буд, фардо дарс дошт.

– На танҳо мураббиёни кафедраи ҷарроҳӣ, балки ҳамаи табибон ӯро устоди худ медонистанд,– сухани ҳамкорашро қувват медод Александр Михайлович. – Комил Тоҷиев дар умури фаъолияташ тариқи аҷоибе дошт: ба ҳар як «майдачӯйда», ки ҳангоми ҷарроҳӣ рӯй медод, амалиёти барқосо тезро меписандид. Таълим медод, ки дар додугирифти асбобу анҷоми ҷарроҳия сари мӯе таъхир набояд кард. Чунин як байти Мирзо Бедилро ба такрор таъбир мекард, ки гӯё ба ҷарроҳон бахшида бошад:

*Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок,*
*Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош!*

– Дар бемористони мо соле беш аз ҳазор амалиёти ҷарроҳӣ анҷом медоданд,– ба илова овард Мусаввир Карамович. – Баъзан ҷарроҳии бағоят мураккаб пеш меомад, ки бе мадади профессор анҷом дода наметавонистем. Ба ақидаи ман, дастовардҳои ҷарроҳони тоҷик самараи сабақҳои мактаби Тоҷиев аст. Ин самара на танҳо ба ҷарроҳияи қафаси сина, дилу рагҳои хунгузар ва шуш, балки ба таҷрибаи ғанию муносибати поквиҷдонаи ӯ ба инсон ҳамоҳангӣ дошт.

– Ман устод Тоҷиевро аз давраҳои донишҷӯӣ мешинохтам,– мегуфт профессор Мухтор Муродов. – Дар зодгоҳам, деҳаи Хамиҷӯй медидам, ки корафтодаҳо барои табобат ба назди табибони маҳаллӣ мераванд. Инро ба Тоҷиев гӯшрас мекардам:

– Муаллим, бисёр беморон ба табибони нохонда эътиқодманданд.

– Ман тиббу табобати халқиро эъзоз мекунам,– мегуфт ҷарроҳ. – Хусусан дар шикастабандӣ, сӯхтанӣ, савдоӣ, дорусозӣ… дастовардҳои тибби халқӣ назаррасанд. Аз духтурҳои давлатӣ костани эътиқоди моризон сабабҳои гуногун дорад. Дар байни ҳампешагони мо баъзе касони кундфаҳм ҳастанд. Сардназариву бепарвоии онҳо дардмандонро дилшикаста ва харобу хаста мегардонад.

Дар чунин ҳолат бемори шифонаёфта маҷбур аст, ки ба даргоҳи фолбину тӯморнавис равад…

Ман боз меафзудам:

– Ба ҳар ҳол, бисёриҳо аз дасти табибони кӯчагӣ шифо меёбанд.

– Ман ба ин шак надорам,– посух медод устод. – Вале медонам, ки онҳо дар ҷарроҳӣ омил нестанд. Узви осебдидаи инсон бо бемори ҳамеша дар муҳориба аст, бо гузашти айём аз худ шифо меёбад. Дар таркиби хун моддаҳое ҳастанд, ки пайваста бо дард дар набарданд. Инсон дар ҳолати заифии буня ба пеши пизишк ё табиби халқӣ меравад. Аксаран дард баъди муддате худ аз худ бартараф мегардад. Ана, сонӣ мегӯянд, ки маро табиби кӯчагӣ саломатӣ бахшид…

– Бештар аз ҳама кадом беморӣ хавфнок аст? – пурсидам соли аввали донишҷӯӣ аз Тоҷиев,– дафтари хотираашро варақ мегардонд Мухтор Муродов.

– Бемории ирсӣ хавфангез, гузаранда аст ва дармон надорад,– афсӯс хӯрд устод. – Тасаввур кунед, ки шахсе кӯдакашро назди пизишк меорад, вале муолиҷа натиҷа намебахшад. Кӯдак то яксолагӣ сиҳат буду сонӣ бемор шуд. Пизишк донист, ки иллаташ ирсист. Падари кӯдак, ки ба хешовандони худ хонадор шуда, доғи фарзанди дардманди аввалро низ дида буд, арз овард, ки духтурони ноҳия ҷигаргӯшаи ӯро муолиҷа карда натавонистанд. Пас аз як моҳ он фарзандаш низ нобуд гашт. Ба фикрам ин мудҳиштарин мусибат аст. Фиғон, ки нишонаҳои арсии организмҳои зинда аз насл ба насл интиқол меёбанд. Инро илми генетика (соҳаи биология, ки ирсият ва тағйири буняҳоро меомӯзад) кайҳо собит кардааст…

Мухтор Муродов устод Тоҷиевро падари ҷарроҳони ҷумҳурият мехонд. Тоҷиев ӯро тавассути илмдӯстию зиракиаш шогирд гирифта, ба ҳимояи рисолаи докториаш дар мавзӯи «Патогенез, беҳдошт ва терапияи ихтилоли шуш ва сил» роҳбарӣ кардааст. Азбаски Муродов солҳои сол бо Тоҷиев ҳамкорӣ дошту хислатҳояшро хуб медонист, хостам боз ба як масъала равшанӣ андозад:

– Тоҷиев дар лафзу аҳду паймон дар кадом поя меистад?

– Покизалафзу қавиирода буд,– бедаранг гуфт Муродов,– дар дафтарчаи ҷайбӣ ҳар рӯз вазифаҳои навбатиашро менавишт. Агар ба касе ваъдае медод, ҳатман вақту соати иҷрояшро сабт мегардонд, ки мабодо аз ёд барорад. Сустпаймонҳоро, ки одатан зуд аз қавлашон мегарданд, «ваъдахилоф» меномид, ба лафзашон бовар надошт.

Аз шогирди дигари ҷарроҳ, номзади илм Аҳмадҷон Азимов пурсидам, ки Тоҷиевро дар кадом ҳолат маъюс медидед?

– Аввалан, агар табибе дарди беморро нею ҷои кори ӯро пурсад,– гуфт ӯ,– агар дардро аз рӯи маълумотномаи мартабаю мансаби бемор ташхис кунад, агар аз рафъи дард манфиати худро пеш гузорад, дили устод Тоҷиев озурда мегардид. Агар пай барад, ки илтифоти табиб ба маризи пулу чиздор бештар аст, бинад, ки табиб аз бемор не, баракс бемор ба ӯ лутфу меҳрубонӣ дорад, сахт ғамгин мегашт ва гоҳе ба гуфтани лафзи дурушт дар ҳаққи ӯ рӯ намегардонд. Ӯ табиби фориғболро «сояхобрав» меномид, ба танбали танпарваре монанд мекард, ки одатан дар айни долу зарби кори тобистон дар сояҷое кайф карда мехобад. Сониян, Тоҷиев аз табибоне, ки дар ҷараёни ҷарроҳӣ ноком шуда, ягона имконияти мавҷудаи бақои зиндагиро аз даст диҳанд, сахт меранҷид ва гунаҳашонро асло намебахшид. Табиби бепарворо бадбахтии ҷаҳони тиб медонист ва то аз кор ронданаш ҷазо медод.

– Назари устод ба беадолатӣ?

– Медонед, боз кадом вақт қаҳру ғазабаш боло мегирифт? Шунавад. ки табибе қасами Буқротро шикаста, аз бемор ришва мегирад. Гоҳе ба ӯ мерасонданд, ки дар фалон ҷо шахсе аслан сиҳат аст, аммо пора дода, моҳҳои дароз варақаи корношоямӣ гирифта, аз паи корҳои шахсиаш мегардад, ҳатто ба истироҳатгоҳҳо бо роҳхати бепул меравад. Аз ин кирдори нанговар фиғони ӯ мебаромад. Боре ӯ шунид, ки баъзе табибон аз бемор барои амалиёти ҷарроҳии мураккаб ҳазор сӯм меситондаанд. Чунон дар ғазаб шуд: «Ин чӣ ҳамоқату чоплӯсӣ? «Буз дар ғами ҷон, қассобро ғами чарбу». Наход номусу виҷдонро ба бозор андозанд? Нону намаки халқро хӯрда, ба носипосӣ роҳ медиҳанд?! Ба идораҳои танобкаш чӣ шуд, ки ин хел ришваро ба исбот намерасонанд?» Устод Тоҷиев барои он ки ин гуна ҳодиса рӯй надиҳад, кору рафтори ҳар як ҳампешаашро таҳти назорат мегирифт. Ҷои ифтихор аст, ки ба ин муолиҷагоҳи ҷарроҳон баъди сари профессор Тоҷиев номи муборакашро доданд.

– Карру фар, кибру ғурур ва шӯҳратпарастиро хуш надошт,– ба сухани ҳамкасбаш меафзуд ҷарроҳ Ғайрат Худой-

додов, ки бо Тоҷиев ҳамкорӣ дошт. – Дар маҷлисҳо ба баъзе шӯҳратталошон ишоратан мегуфт: «Хомтамаъҳо беҳуда аз паи шӯҳрат метозанд, бояд худи шӯҳрат аз паи кас биёд. Пояи шӯҳрати қалбакӣ дар рӯи ях аст. Ягона қудрати бузурге, ки инсонро сарбаланду обрӯманд мегардонад, истеъдоди ӯст...» Худи устод аз чашмаи ҳамин гуна истеъдод об мехӯрд.

Аз хотираи ҷарроҳ Зоир Рабиев, аз хешовандони шодравон ягона касе, ки касбашро давом дод: «Бисёрии мо, ҳампешагон, дар назди азму иродаи ӯ чун шогирд дасту по мехӯрдем. Дар сар на хаёли шӯҳрат дошт, на фикри ҷоҳу мансаб. Дар як гӯшаи шаҳр хоксорона мезист. Андешаи беҳбуди қисмати инсон, кушоиши мушкилоти одамон ӯро осуда намегузошт. Ҳамеша хаёлманду ғарқи андеша мегашт. Касе саволи беҷое диҳаду фикрашро парешон созад, дар чеҳрааш табассум медамид: «Ман дар чӣ хаёламу фалак дар чӣ хаёл?» Боре бо шогирдон аз интизоми қатъии табиб сӯҳбат мегузаронд, ки ҳамкасби навкорамон пурсид: «Муаллим, ман ҳар рӯз соати чанд ба кор ояму соати чанд равам?» Тоҷиев ба ин саволи содалавҳона чунин посух дод: «Ҳар пагоҳ вақти муайян ба коргоҳ ҳозир шудан ҳатмист, аммо кай аз кор рафтан ба вазъи муҳит вобаста. Агар вазъият талаб кунад, чандин шабонарӯз аз беморхона дур намеравем. Фаҳмидӣ? Танҳо дар ҳамин сурат нони табибиро ҳалол мехурем».

Алҳақ, Комил Тоҷиев ҳабиби аҳли дард буд. Усулҳои муолиҷаи қадимаи Шарқро ба хубӣ медонист. Бадани беморро муоина карда, бо ангуштонаш соиш дода, оҳиста-оҳиста решаи дардро меёфту ба муолиҷа мепардохт. Маризро ҳам бо дасти шафқат, ҳам бо сухани пурмеҳру муҳаббат шифо мебахшид. Донишманд Шарифҷон Ҳусейнзода дар бораи рафиқи арҷманди ҷавониаш чунин ҳикоят мекард:

– Боре дар бистари беморӣ мехуфтам. Комилҷон ба сари болинам омад. Пас аз муоина дар канорам нишаст ва ҳар лаҳза сураташ кушодатар мешуд ва нигоҳаш меҳрубонтар. Ногоҳ чашмаш ба китоби арабихате афтод, ки назди болинам меистод.

– Чӣ мехонӣ, бародар? – пурсид ӯ.

– Панди ҳакимон,– посух додам.

– Ку, бихон, каме ман ҳам шунавам,– хоҳиш кард ӯ. – Панди асил – ғизои маънавии руҳу дил.

– Адабиёти классикиамон ганҷинаи ҳикмат аст. Чӣ суханҳои пурмағз гуфтаанд азизони ҷаҳон. Бубин, Комилҷон, маънии ҳар яки ана ин ҳикматҳо як китоб аст:

Он чист, ки барои мард нанг аст? Гиря.

Он чист, ки камаш ҳам зиёд аст? Беморӣ.

Он чист, ки ҳар қадар дароз бошад, кӯтоҳ аст? Умр.

Он чист, ки кӯҳнааш беҳтар аст? Дӯст.

Он чист, ки аз илм бартар аст? Таҷриба.

Он чист, ки инсон ҳамеша дар ҷустуҷӯяш бошаду вале ҳаргиз дарнаёбад? Оқибати корҳо.

Бадӣ ба кӣ бояд кард? Ба нафси худ.

Далели марди ориф чист? Он, ки паи озори кас нагардад.

Кадом сухан аст, ки рост бошад ва дурӯғ намояд? Баёни рӯзи ҷавонӣ дар пирӣ ва айшу тавонгарӣ дар фақирӣ.

Фарзанди нохалаф чӣ гуна бошад? Чунон ки ангушти шашум. Агар бибуранд, дард кунад ва бигзоранд, айб бувад.

Доруи гуноҳон чист? Тавба кардан.

Он кист, ки агар сад айб дошта бошад, бар вай айб нагиранд? Марди сахӣ.

Чанд чиз аст, ки андӯҳро бибарад? Ду чиз, яке рафиқи мувофиқ, дувум дидани рӯи дӯстони содиқ…

– Ҳай-ҳай, қурбони панду ҳикмати Шарқ шавам. Ҳамааш аз таҷрибаи зиндагии Ҳазрати Одам. Як ҳарфи беҷояш нест.

– Саломат бош, бародарам! Чунон ки «Таврот» мефармояд, оғози оғозҳои олам сухан аст, сухан аз офаридгор… Тиб ба сухан чӣ алоқамандӣ дорад?

– Ибни Сино ҷарроҳиро тадбири охирин мешумурд: аввал сухан, сонӣ дорую дармон, сипас ҷарроҳӣ… Ё худ Закариёи Розӣ мефармуд: «Табиб ба бемор бояд офиятро талқину умедвор кунад, гарчи ба он бовар надошта бошад. Мизоҷи бадан ба ахлоқи руҳ вобаста аст».

– Яъне нахуст қудрати сухан ба кор ояд. Агар аз нигоҳи гарму муомилаи нарм шифо нахезад, дорую дармон мебояд. Агар даво ҳам натиҷаи дилхоҳ надиҳад, умеди охирин аз ҷарроҳист.

Ҷарроҳ бо сарҷунбонӣ фикри рафиқашро тасдиқ мекард. Аз наҷобати қиёфа ва ҳолати оромие, ки дошт, маълум мешуд, ки дилаш аз исрору илтимоси рафиқаш нозук шуда, мисли ин ки василаи ризояти ӯро ёфта бошад, ба рӯяш нигоҳи ҷаззобе андохта пурсид:

– Ту зистан мехоҳӣ?

Табассуми маҳзуне кард Ҳусейнзода:

– Агар зистан намехостам, ба шифохонаат намеомадам, ман бо умеди офият омадам.

Ҷарроҳ якбора нарм-нармак гуфт:

– Бале, инсон бо умед зинда аст, мояи зиндагии мо умед аст, андешаву орзу, гуфтору кирдори мо ҳамвора ба умед вобаста аст. Агар инсон аз умед даст кашад, руҳи зиндагӣ аз тан парвоз хоҳад кард. Умед databases иродаро устувор мегардонад, дилро неру ва ҷонро оромӣ мебахшад, завқи далерӣ ва бебокӣ меоварад. Аммо дили ваҳшатзада ниммурдааст, ки аз кӯшишу набарди зиндагӣ насиб надорад. Ман дар замони ҷанг шоҳиди якчанд ҳодиса шудам. Аз ҷумла, баъзе ҷанговарон, ки захмдор мешуданд ва захмашон чандон хавф надошт, сахт тарсида, аз сиҳатӣ умед мекананд. Аммо бисёр аскарон, гарчи захмашон сахт ва хавфноктар буд, талаб мекарданд, ки ба онҳо бештар ёрӣ расонем, то сиҳат шуда, боз бо фашистон ҷангида тавонанд.Ин маҷрӯҳон, ки дар дил шарораи умед мепарварданд, ба осонӣ низ сиҳат меёфтанд. Тарс аз ҳама душмани маккор аст, тарс нишонаи ноумедист. Бечора касест, ки даричаи дилро ба рӯшноии умед бибандад. Умед ва пирӯзӣ дар маънӣ яке ва бо ҳаманд: он, ки тарс ва сустии худро аён ва нола мекунад, марг гиребонгири ӯст.Аз тарс ранҷу бало мехезад. Тарс ва ноумедӣ заҳрест, ки ширинтарин зиндагиро талх мегардонад. Ба қавли ҳазрати Алӣ «бузургтарин гуноҳ тарс аст».

Ҳамин сон сӯҳбат доштанд ду алломаи ду соҳаи илм. Комил Тоҷиев дар миёни сӯҳбат таъкид кард:

– Ба ман дардат маълум. Ризоят деҳ, ҷарроҳӣ кунам.

– Талхадонамро буриданиӣ?

– Бале. Бисёр касон бе талхадон зиндагӣ доранд, баъди ҷарроҳӣ таҳти назоратанд. Ту ба тарс роҳ надеҳ. Ошноҷон, то ҷарроҳӣ накунем, дардат басанда намешавад.

– Хуллас, ту маро аз заҳра маҳрум карданиӣ. Комилҷон, бародарам, ту дар давоми фаъолияти худ чанд касро ҷарроҳӣ кардаӣ? – пурсид Ҳусейнзода.

– Нашумурдаам,– ҷавоб дод ҷарроҳ. – Нахустин ҷарроҳии озмуниро соли 1932 анҷом додам. Аз он вақт то кунун ин бори вазнинро бар дӯш мебарам. Танҳо дар панҷ соли ҷанг чандин ҳазор маҷрӯҳ аз зери дастам гузашт, рӯзе набуд, ки чандин захмиро ҷарроҳӣ накунам.

– Умрат дароз бод, Комилҷон! Хуб дуои одамонро гирифтаӣ. Ним аср боз бо нештари ҷарроҳӣ риштаи дарду иллатҳоро мебурӣ. Ту ҷарроҳи сабукдастӣ, дӯстам. Умедворам, ки аз сеҳри панҷаҳоят ман ҳам офият ёбам.

– Иншоолоҳ, ҳамин тур мешавад. «Ихлосу халос».

Сипас Тоҷиев Ҳусейнзодаро ҷарроҳӣ кард, иллати сафрояшро рафъ сохту кафили бақои умри ӯ гардид.

… Сиюми марти соли 1981– рӯзи ҷанозаи Комил Тоҷиев кӯчаву ҳавлияш дар Душанбе лаболаб буд аз мардум. Чеҳраи ҳама андӯҳгин. Садҳо нафар конибодомиёни сокини Душанбе, муаллимони донишкадаҳои олӣ, хешону пайвандон ва касоне, ки аз нештари ӯ шифо дидаанд, тобуташро сари даст бардошта, ба водии хомӯшон бурданд. Вақте ки марҳумро ба хок супурда, аз гӯристон бармегаштем, собиқ боғбони колхози «Ленинград»-и ноҳияи Конибодом Аъзамҷони Мадалии ҳаштодсола, ки ба Комил Тоҷиев тағо мешуд, ба яке аз ҳамсолонаш Ҷӯра Маҳкам мегуфт: «Афсӯс, ки Комилҷон барвақт рафт… Вай нахустписари Тоҷибой буд. Неъмат ва Исмат ном додарон дошт, ки хеле бармаҳал аз дунё гузаштанд. Ҳоло ягона хоҳараш боқӣ монд. Ёд доред, падари муллобачаи дӯкондораш солҳои бистум дар дасти Мирзо Бердӣ ном давлатманде хизмат мекард. Ӯро «Тоҷибои вагончӣ» меномиданд, зеро дар истгоҳи роҳи оҳан ҷои кор дошт. Тоҷибой дар тарбияи писараш хеле заҳмат кашиду дареғо, ки роҳаташро надида рафт. Комилҷон баъд аз сари Тоҷибой маро падар мехонд. Ҳар сол чанд бор ба дидори якдигар мерасидем. Худораҳматӣ ба хабаргириям ояд, ҳавлиам ба тӯйхона табдил меёфт. Аксари табибони шаҳр (хусусан Турсун Шамсию Валламии Шариф) ба дидорбиниаш омада, сӯҳбатҳои ширин меоростанд…»

Ҷӯра Маҳкам сухани рафиқашро қувват дод:

– Афсӯси умри кӯтоҳи одамӣ! Он ҳама рӯзҳои неку инсонҳои ба дил наздик хобу хаёл барин гузаштанд! Комилҷонману писарамро низ ҷарроҳӣ карда буд…

Аъзамҷони Мадалӣ оҳе кашиду оби чашмашро пок кард.

– Оҳ, Комил, Комил! Инсони комил будӣ, беғаразу покдил будӣ, табиби фозил будӣ. Ним аср ҷарроҳӣ кардию маризонро аз чанголи марг вораҳонидӣ. Ҷоят ҷаннат бод!

Шогирди донишкадаи тиббии шаҳри Маскав Комил Тоҷиев фаъолияти меҳнатиашро аз мудирии пойгоҳи тиббии коргоҳи пахтаи Конибодом оғоз намуда, панҷ сол дар кӯраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ обу тоб ёфт. Ба мушкилиҳои давраи донишомӯзӣ, ба ҳама гармию сардии айёме, ки «падараш марди давлатманд буд» гӯён муддате ба ӯ кори дуруст намедоданд, мардона тоб овард.

Ба ин минвол, тоҷикписари лаёқатманд Комил Тоҷиев дар маҳаллаи Гумбазии шаҳри Конибодом ба дунё омада, аввал дар мадраса, сонӣ дар мактабҳои шӯравӣ сабақ гирифта, бо гузашти вақт тавассути ақлу хиради фитрӣ ва заҳматҳои тӯлонӣ то ба мартабаи ректори донишгоҳи тиббӣ расид ва унвони академикӣ гирифт. Вай аз зумраи кашшофони ҳифзуссиҳҳати мо буд. Басе бузургони замон ба заковаташ сар фуруд меоварданд, аз қобилияти баланди идоравӣ ва шуҷоати фитриаш сабақ мегирифтанд. Онҳо медонистанд, ки дар меҳвари тадқиқоти илмии ӯ масъалаҳои ҷарроҳии дилу рагҳо, шуш, ҷоғари тиреотоксикӣ, татбиқи усулҳои муосири ташхиси нуқси ғайримодарзодии дил ва ғайра қарор доштанд. Хизматҳои арзандааш дар рушди илми тибби тоҷик ва тарбияи мутахассисон бо орденҳои Ленин, «Дӯстии халқҳо», «Ситораи Сурх», «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаи 1 ва 2), ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва нишонҳои бисёре тақдир гардидаанд. Вай борҳо вакили халқии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда буд.

… Баҳори соли 1989 ба бахши ҷарроҳии дил ва шуши Донишгоҳи тиббии Душанбе номи Тоҷиевро дода, дар девори бинояш ёдгории мармарин гузоштанд бо чунин навиштаҷот: «Комил Тоҷиев (25.10.1910, Конибодом – 30.03.1981, Душан-

бе), доктори илми тиб, профессор, узви пайвастаи АИ Тоҷикистон, Арбоби шоистаи илм, дорандаи Ҷоизаи давлатии ҷумҳурӣ ба номи Абӯалӣ ибни Сино. Бунёдгузори мактаби ҷарроҳии дил ва шуш дар Тоҷикистон»

… Соли 1990 ҳамшаҳриёни ҷарроҳ низ ҳиммат варзида, хотираи ин фидоии тиббу табобатро абадӣ гардонданд. Бар пештоқи даромадгоҳи шифохонаи марказии шаҳрашон чунин овеза насб гардид: «Маркази тиббии шаҳри Конибодом ба номи академик Комил Тоҷиев».

Оре, ӯ шоистаи ҳама гуна эъзозу эҳтиром буд. Ҳамдиёрон ба ифтихори 100-солагии Комил Тоҷиев барои гузоштани нимпайкараи ӯ иқдом варзиданд. Ин нобиғаи тибб ҳамаи умр дар шоҳроҳи фаъолияташ аз маънии байти зерини Абулқосими Фирдавсӣ тӯшаи маънавӣ мепардохт:

*Набошад ҳама неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор!*

## ДУХТАРИ ИБНИ СИНО

Шаҳр ба хоб рафтааст. Чароғи аксар хонаҳо хомӯш. Саъдинисо дар сари мизи кор охирин саҳифаҳои асари нави илмиашро менависад. Тадқиқоти тозаи ӯ доир ба таркиби хуни зани ҳомила аст. Мусаввадаро бори дигар таҳрир ва покнавис мекунад… Баъд рисолаи яке аз шогирдонашро хонда, дар ҳошияи варақҳо андешаҳояшро менависад. Ҳангоми мутолиа гоҳ қаноатмандона табассум менамояд, гоҳ ба қаъри баҳри хаёлот фурӯ меравад. Доир ба рисола маслиҳат ва фикрашро сабт мекунад. Чашмаш ба мактуби яке аз ҳампешагони хориҷиаш – олими чех меафтад, ки ба он ҳам бояд ҷавоб бинависад. Аз дур ҷеғи хурӯсе ба гӯш мерасад. Сипас ӯ аз ҷой бархоставу муддате гардиш карда, каме дам мегирад… Ба дарсҳои навбатӣ, ба вохӯриҳои нав бо шогирдонаш тайёрӣ мебинад. Китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳоро варақ мегардонад. Ба ғайр аз ин, мебоист оид ба вазъияти номатлуби баъзе таваллудхонаҳо ба идораҳои болоӣ дархост бинависад…

Охир, Саъдинисо Ҳакимова бақои авлоди одамиро пайваста дар мадди назар дошт. Барои имрӯзу фардои миллаташ,

барои солимии ҷомиа, барои тақдири модарон ва кӯдакон чун шамъ месӯхт.

...Замоне модари ӯ Оишахон ба оламу одам аз зери чашмбанди фаранҷӣ менигарист. Дар ҳамсоягии онҳо зане мезист, ки каму беш хату савод дошт. Шабҳои дарози зимистон ба манзили он зан духтарон ва бонувони ҳамсоя ҷамъ омада, байту ғазал ва ҳикояту масал мешуниданд. Дар миёни онҳо Оишахон низ буд, ки ғайр аз забони модарӣ, инчунин ӯзбекию тоториро низ медонист. Ана, ҳамин Оишахони китобдӯст бисёр мехост, ки фарзандонаш мактаб хонанду хату савод бароранд. Тавассути саъю талошҳои зиёд ин орзӯи ӯ ҷомаи амал пӯшид.

Ибтидои солҳои сиюм оилаашон аз деҳаи Пӯлодони Конибодом ба пойтахти ҷумҳурӣ кӯчид. Соли 1935, вақте ки Саъдинисои дувоздаҳсола ба курси тайёрии мактаби тиб дохил шуд, ба забони русӣ фикрашро бо душворӣ баён мекард. Дар муддати кӯтоҳ забони русиро хуб омӯхт ва ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи навбунёди тиббии ҷумҳурӣ супурд. Басе асарҳои алломапизишкони оламро мутолиа ва муҳокима кард ва дарёфт, ки илми тиб, азбаски ҳаёти инсонро муҳофизат мекунад, муҳимтарини илмҳост.

Саъдинисо Ҳакимова соли 1943 донишгоҳи тиббиро хатм карда, дар шароити вазнин се сол чун сардори шӯъбаи нигаҳдории тандурустии вилояти Қӯрғонтеппа фаъолият намуд. Вақте ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ анҷом ёфт, ӯ боз аз паи донишандӯзӣ афтод. Аз соли 1946 то соли 1950 дар аспирантураи Пажуҳишгоҳи акушерӣ ва гинекологии Академияи илмҳои тибби шаҳри Маскав таълим гирифт. Заҳматҳояш самараи хуб овард. Баҳори соли 1950 рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Кори илмии ӯ доир ба масъалаи дар ҳолатҳои мухталиф ба дунё омадани тифлон таваҷҷӯҳи олимон ва мутахассисонро ба худ кашид.

Олима бо мурури вақт доир ба ин мавзӯъ тадқиқоти илмиашро идома медод ва назарияро бо амалия мепайваст. Зарурати ҳалли минбаъдаи масъала ӯро ором намегузошт. Ин буд, ки аз соли 1951 то соли 1957 таҳсилро дар докторантура идома дод ва перомуни ҳомила ва таваллуди тифл тадқиқоти тозае

ба анҷом расонд.Тадқиқоти ӯ дар таҳлили иллати ғадуди батни зан хеле муҳим буд. Ҳакимова соли 1958 рисолаашро дар мавзӯи «Фаъолияти асаб ва ғадудҳо ҳангоми валодат» дифоъ кард ва сазовори унвони доктори илми тиб гардид. Вай дар ин тадқиқоташ нуктаҳои ба илми тиб номаълумро кашф кард. Баъзан тифлон ба ҷои он ки дар ҳафтаи чилум ба дунё оянд, дар ҳафтаи чилудуюм ё чилусеюм ё баръакс ду-се ҳафта пеш аз мӯҳлат таваллуд меёбанд. Гоҳе вазни тифл аз меъёри муқаррарӣ хеле зиёд, ё баръакс кам мешавад. Сабаб чист, ки чунин тазод ба амал меояд? Саъдинисо Ҳакимова дар рисолаи докториаш перомуни ҳамин масъалаи мушкил андешаи амиқ баён карда, роҳҳои табобати бемории ғадуди батни занро хеле дақиқ нишон дод. Ба ин тадқиқоти ӯ мутахассисони маъруф, аз ҷумла академики Академияи илмҳои тибби Иттиҳоди Шӯравӣ Петр Кузмич Анохин, ки аз охирин шогирдони ҳакими ҳозиқ Иван Петрович Павловский буд, баҳои баланд доданд.

Басе асарҳои илмии профессор Ҳакимова раҳнамои мутахассисони тиб гардидаанд. Махсусан, асари ӯ «Асосҳои амрози занон», ки дар он роҷеъ ба қазияҳои муҳимми илми тибби муосир ва бештар дар масъалаҳои момодоягӣ фикрҳои нав ва хулосаҳои бикри муаллиф ҷамъбаст гардидаанд, ҷолиби диққат аст. Ин китоб дониши муаллифро оид ба ҳамаи воситаҳои муолиҷаи бемории занҳо, ақидаҳо ва тафаккуроти ӯро доир ба назария ва амалияи тиб дарбар гирифта, ба дастури амалии момодояҳо табдил ёфтааст.

Олима тавассути дастуру маслиҳатҳои илмиаш нақши мураббии волидайни ҷавонро бозид. Беш аз 65 сол аст, ки занҳо барои дарёфти маслиҳат ба назди ӯ меоянд. Ҷавонзане фаҳмиданист, ки оё тифл дар батни модар овози берунаро дарк мекунад ё на?

– Албатта, мефаҳмад, – посух медиҳад Ҳакимова. – Олимон доир ба ташаккули буняи инсон бисёр тадқиқот бурда, ба хулосае омадаанд, ки тифл баъди шаш моҳи дар батни модар инкишоф ёфтан садои берунаро мешунавад, овози падару модари худро аз дигар овозҳо фарқ мекунад. Инчунин овози мусиқиро фаҳмида, ба он таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Масалан,

агар мусиқии ороми классикиро шунавонед, кӯдак ором мешавад ва агар эстрадии ҷазро шунавад, пойҳояшро меҷунбонад. Дирижёри оркестри симфонии филармонияи Онтарио, профессор Брис Бротт рӯзе мусиқии наверо дар оркестр дирижёрӣ мекард, нохост қисми виолончелии асар ба ӯ шинос намуд. Вай адворро варақ назада, давоми мусиқӣ ба хотираш меомад. Ба хона омад, ба модараш, ки виолончелнавоз буд, ин ҳодисаро гуфт. Вақте ки ҳамон қисми асарро ба модараш навохт, ҳамааш аён шуд. Модар гуфт, ки ин асарро ҳангоми дар батн будани ӯ менавохт ва он дар хотираш маҳфуз мондааст…

Нахустҳомилае мепурсад:

– Саъдинисо Ҳафизовна, мегӯянд, ки хулқу хӯи одам аввал дар батни модар инкишоф меёбад, оё ин дуруст аст?

– Ҳақ асту рост,– ҷавоб медиҳад олима. – Чунон ки тадқиқот нишон додааст, ҳиссиёти тарсу ҳарос, дӯст доштан, ё бад дидан – ҳамаи он чӣ, ки ба шахсияти инсон хос аст, кулли эҳсоси олами беруна дар вуҷуди модар тавлид меёбад. Доктор Герхард Ротман (аз дорулфунуни Залсбург) чандин карат тадқиқот гузаронда, ба хулоса омадааст, ки рафтору кирдори зани ҳомила ба тифлаки батнаш таъсири калон мерасонад. Доктор барои исботи ин ақида мизоҷонашро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кард. Якум: заноне, ки кӯдакдор шудан мехоҳанд ва тавлиди онро бесаброна интизоранд. Давраи ҳомилаи чунин занҳо безарару бехатар гузашта, тифл низ бардаму солим ба дунё меояд. Дуюм: заноне, ки фарзанд намехоҳанд, давраи дуҷониашон вазнин гузашта, аксаран насли чала ё ношуд ба дунё меоранд. Сеюм: занҳои «дурӯя», онҳое ки аз таваллуди кӯдак зоҳиран шоданду ботинан ғамгин. Тифли батни онҳо ҳамин ҳиссиёти дуруягиро эҳсос мекунад. Вақте ки ба дунё омада, ба камол мерасад, дуруягӣ хоси табиати ӯ мешавад. Чорум: занҳое, ки бо сабаби (аз боиси таҳсил, кор, шароити моддӣ) пайдоиши кӯдакро намехоҳанд, вале ба таваллуд шуданаш муқобил ҳам нестанд. Кӯдакони чунин занҳо хотирпарешон ва сусту беғам мешаванд. Пизишки швед Петер Федор Фрейберг воқиаи аҷоиберо тадқиқ кардааст. Навзоде синаи модарро намегирад. Табибон аз ин ҳол дар ҳайрат монда, аз модар сабаб мепурсанд.

Маълум мешавад, ки ӯ кӯдакро нахоста, исқоти ҳамл карданӣ будааст. Тифл ин нияти номатлуби занро пай бурда, нисбат ба худ нафрат карда, баъди таваллуд аз синаи модар рӯй тофтааст.

–Муносибати хуби зану шавҳар,– таъкид мекунад табиби ҳозиқ,– барои сиҳҳату солим ба дунё омадани тифл аҳамияти бағоят бузург дорад. Чунончӣ, вақти бад будани муносибати зану шавҳар тифл аз ҷиҳати физиологӣ сусту заиф ва иллатдор ба ҷаҳон меояд. Падар бояд дар давраи дуҷонии зан ин ҷиҳати масъаларо махсусан ба ҳисоб бигирад…

Профессор ба саволҳои модарони камхун ҷавоб дода, ба онҳо масъаларо пуртоқатона ва бурдборона мефаҳмонад:

– Аз хотир набароред: танҳо аз модари солим кӯдаки солим мерӯяд. Илми тиб дурустии ин ақидаро кайҳо исбот кардааст. Дар ҷумҳурии мо қариб нисфи занони ҳомила гирифтори иллати камхунианд. Боиси ин иллат дар чист? Бештар аз ҳаштод дар сади занҳо шир ба шир таваллуд мекунанд. Бешубҳа, заноне, ки соҳиби 10-12 фарзанд ҳастанд, бармаҳал пир мешаванд. Ҳамли паёпай ҳусну тароват ва саломатии модарро рабуда, бемадору бемор мегардонад ӯро. Дар таркиби ҷисми инсон 4-4,5 грамм оҳан ҳаст, ки манбаи асосии пайдоиши хун мебошад.Аз ин лиҳоз, дар таркиби ҳуҷайраҳои сурхи хун (эритросит) 2-2,5 грамм оҳан мавҷуд аст, ки барои ҳосили гемоглобин ёрӣ мерасонад. Дар давоми нӯҳ моҳи дуҷонӣ зан аз манбаи захираи ҷисмаш то 1,5 грамм оҳанро ба ҳамлаш медиҳад. Аз ин ним граммаш барои афзоиши гемоглобини хуни ҷанин меравад. Зани ҳомила аз ҷисми худ намаки оҳакро, ки миқдораш чандон зиёд нест, ҳамвора барои устухонбандии ҷанин сарф мекунад. Зойиши шир ба шир устухони ӯро дардманд ва аксаран аз дандони солим низ маҳрум месозад.

Барои андӯхтани оҳану намаки оҳак ва дигар ғизоҳои зарурӣ (сафеда, витаминҳо) моҳҳои дароз лозим мешавад. Ин ҳам ба шарте, ки зан мунтазам таоми серғизову витаминдор истеъмол кунад. Яъне *волидайн бояд хуб дар хотир доранд, ки баъди таваллуд барои пурра кардани ҷои моддаҳои сарфшуда аз дуним то се сол мӯҳлат зарур аст.* Мутаассифона, аксари ҷавонзанҳо ҳангоми ҳомила ва баъди зоиш ба мизону меъёри хӯрокхӯрӣ риоя намекунанд ва гирифтори камхунӣ мешаванд.

Барои занҳои ҳомила рӯзадорӣ хилофи шариат аст. Модари рӯзадор ҳамли худро бо ғизоҳои зарурӣ таъмин карда наметавонад. Ҷисм аз костагӣ заиф ва боиси камхунию вайронии мубодилаи моддаҳо шуда, ба пайдоиши дигар касалиҳо низ роҳ мекушояд. Баъзе занҳои камхун моҳҳои охирини ҳомилагӣ ба касалии заҳролудӣ (токсикоз) гирифтор мешаванд. Баъди моҳи ҳафтум пой, дасту рӯй ва баданашон варамида, фишори хун баланду кори гурдаҳо суст мегардад. Гоҳе занҳо бар асари хунравӣ оқибат мефавтанд.

Модари солим қабл аз таваллуд дар ҷисмаш ғизо ва моддаҳои зарурӣ меандӯзад, вале занони камхун аз ин имкон маҳруманд. Чоряки занҳои камхун пеш аз мӯҳлат – ҳафтаҳои 29-30-юм таваллуд мекунанд. Гурӯҳе аз занон дар рӯзҳои аввали таваллуд ба камширӣ гирифтор мешаванд. Аз ин рӯ, аксар кӯдакони норасидаи лоғару заиф ғӯрамарг мегарданд. Дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон бештар занҳоеро мебинам, ки дар дасташон кӯдаки нӯҳмоҳаву дар батнашон ҳамли ҳафтмоҳа доранд, – мегӯяд Ҳакимова. – Ба ҳолашон дилам месӯзад. Аммо онҳоро сад дар сад гунаҳкор намеҳисобам, зеро маърифати иҷтимоӣ ҳанӯз паст аст. Ҷавонон фаромӯш накунанд, ки сабаби солимии тифлакашон дар дасти худи онҳост…

Саъдинисо Ҳакимова аз бурду бохти илми момодоягӣ, масъалаҳои ҳаёту мамоти кӯдак, муаммоҳои муҳофизати модар ва ҳалли онҳо бо камоли дилсӯзӣ ҳарф мезанад.

– Қазияҳои иҷтимоию иқтисодӣ бисёранд, вале дар миёни онҳо қазияҳое ҳастанд, ки дидани чораҳои таъҷилиро тақозо мекунанд,– мегӯяд ӯ. – Ман аз рӯи ихтисос зиёдтар аз шаст соли умрамро ба ҳифзи сиҳҳатии модару кӯдак бахшидаам. Бино бар ин, то чӣ андоза ҳақ будани ин суханонро ман надонам, кӣ медонад? Ба тақдири модару кӯдаки тоҷик дили ман насӯзад, дили кӣ месӯзад?!

Дар тамоми ҷаҳон фавти кӯдакон чун мизоне дониста мешавад, ки савияи тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро нишон медиҳад.Дар айни замон вай ҳомили ҳатмии дараҷаи баланди тавлид низ мебошад. Дар ҳамаи замонҳо кӯдакон таваллуд меёфтанду вафот мекарданд. «Худо худаш доду худаш гирифт»– худро тасалло медоданд модарони гирифтори ғаму

ғусса. Аз бист кӯдаки навзод чор ё панҷ нафарашон зинда мемонданду бас. Серфарзандӣ дар навоҳию деҳоти Тоҷикистон баъди солҳои 1950-1955 арзи вуҷуд кард. Сиёсати барқарорсозии шумораи аҳолӣ боиси вусъати раванди демографӣ (соҳаи омор, ки таркибу миқдор ва афзоиши аҳолиро меомӯзад) гардид. Вай моро дар ғафлат ёфт. Он солҳо хатои дағалтарине сар зад: тавлиди фарзандро тарафдорию дастгирӣ намуда, мебоист дар хусуси заминаи моддӣ низ меандешидем. Албатта, баъдан ба ҳуш омадем, вале корҳое, ки дар ин бобат ба ҷо овардем, тамоман ғайрикифоя буданд…

Саъдинисо Ҳакимова шири модарони навзоидаи ноҳияҳои пахтакори ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, дар таркибаш моддаи заҳрогини ДДТ-ро, ки барои баргрезонии пахтазор истифода мегардид, ошкор сохт. Ин дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳодисаи фавқулоддае буд. Созмони бонуфузи байналмилалии ҳифзи сиҳҳати омма мавриди истифода қарор додани ин моддаи заҳрогинро қатъиян манъ мекард. Профессор ба назди котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов рафта, дар ин хусус далелҳо ва санадҳои раднопазирро манзур гардонд.

– Мӯҳтарам Ҷаббор Расулович,– гуфт профессор,– ман чанд вақт дар пахтазори водии Вахш будам. Аз болои сари модарону кӯдакон доруи заҳрогин мепошанд. Дар паҳлуи ниҳолони пахта тифлони побараҳна мегарданд. Дар ноҳияҳо вазъи беҳдошту экологӣ ва тиббӣ ба дараҷаи ниҳоят паст аст. Махсусан обҳои ифлос ва заҳролуд душмани қаттоли мардум мебошанд. То кай Тоҷикистон аз ҷиҳати фавти тифлон дар Иттифоқ яке аз ҷойҳои аввалро мегирад? То кай пахта барои бачаҳои деҳот ва модарони онҳо боиси бадбахтӣ мегардад? То кай бисёр роҳбарон товони ноӯҳдабароии худро аз ҳисоби меҳнати бачаҳо меситонанд? То ба кай дар ноҳия тифи шикампеч ва дигар бемориҳои гузаранда авҷ мегиранд? То кай духтарону писарон мубталои бемории сил мешаванд? Баҳисобгирии (таҳқиқи) пинҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки дар ноҳияҳои Вахшу Ҷиликӯл ва Восею Қумсангир дар як гектар кишт ба ҳисоби миёна 35 кило пестисид (меъёри миёнаи мамлакат 3 кило) истифода мебаранд. Охир, дар ҳамаи мамлакатҳо истифодаи пестисидро қонунгузорӣ ба тартиб ан-

дохтааст.Чаро дар Тоҷикистон ба ин ҷиноят роҳ медиҳанд? – Давом дод суханашро Ҳакимова. – Ё чунин касони «дасткушод» меваю сабзавотро аз қитъаи замини бедору мехӯранд? Барои чӣ ин ҳама бадбахтии мудҳиш – фавти тифлону модаронро дидаву дониста тағофул мекунем? Ҷаббор Расулович, тадқиқот нишон дод, ки моддаҳои заҳрогини ба шири модарон дохилшуда ба сиҳҳатии тифлони ширхора таъсири мӯҳлик дорад, ба чашму пӯст, узвҳои нафас ва ҳозима зарар мерасонад. Ҷисми заифу пурдард ба кӣ лозим? Дар чунин вазъият тақдири миллати тоҷик ба чӣ меанҷомад?..

– Мефаҳмам, хонум, аммо ман мадад расонда наметавонам,– посух медиҳад Расулов. – Иҷрои план муҳимтар аз ҳама чиз аст. Шумо сиёсати ҳизбро намефаҳмед магар? Оё намедонед, ки пахта маводи стратегист?

Саъдинисо дид, ки об аз сар лой аст, маъюсу маҳзун аз назди Расулов бадар рафт ва дигар ба КМ наомад.

Аз ин ҳодиса чанде пештар бо котиби КМ Гулҷаҳон Бобосодиқова низ перомуни ин масъала гапи Ҳакимова гурехта буд. Аҷабо, барои роҳбарон оянадаи миллат муҳимтар ё ҳосили пахта? – мегуфт ӯ бо алам. – Кӯдакон аз ҷӯе об мехӯранд, ки микроб мавҷ мезанад. Лӯлаи об нест. Мардум аз чангу гарди заҳромез нафастанг шудаанд. Аммо роҳбарон гӯё инро намебинанд ва эҳсос намекунанд. Додамро ба кӣ гӯям?!

Сипас сарвари Пажӯҳишгоҳи ҳифзи модару кӯдак Саъдинисо Ҳакимова ба Маскав рафта, аз роҳбарони Марказ мадад хост. Ба маҷаллаи умумиттифоқии «Акушерство и гинекология» мақола навишта, рӯзгори талхи модарону кӯдакони ноҳияҳои пахтакори Тоҷикистонро нишон дод ва аз фардои тираву торашон бонги хатар зад…

– Аз рӯи маълумоти мо,– меафзуд профессор,– фавти навзодон дар мавриди таваллуди фарзанди якум ба ҳар ҳазор зан 80 ва дар мавриди таваллуди фарзанди ҳаштуму нуҳум то 73 кӯдакро ташкил медиҳад. Теъдоди тавлиди кӯдаки фавтида низ зиёд буда, оқибати заифу беҳол шудани бунияи модар аст.

– Оё аз ин кӯчаи сарбаста илоҷи баромадан ҳаст?

– Оре, илоҷи ягона тарҳрезии барномаи саҳеҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, умури банақшагирии оила аст. Бидуни

он пеш намеравем ва фавти кӯдакон меафзояд. Бояд бигӯям, ки аз мафҳуми «танзими оила» мардуми мо эҳсоси нохушӣ мекунанд. Сабаб чӣ бошад, ки онро чун маҷбуран кам карданни тавлиди фарзанд мефаҳманд? Ҳол он ки дар ҷаҳон мафҳуми «танзими оила» як маъно дорад: беҳдошти сиҳҳатии модар ва тавлиди фарзанди солим бо роҳи фосилаи муайяне байни таваллуд. Дар амал чӣ хел аст? Дар баъзе ноҳияҳои дурдаст 15 дар сади занон дар ҳар 11-12 моҳ таваллуд мекунанд. Фақат дар баъзе мавридҳо ин фосила то якуним сол зиёд мешавад. Бо ҳамин минвол модари бечора муддати бист сол ва аз ин бештар ба як фарзандаш пистон медиҳаду дигарашро дар батнаш мепарварад, на аз хоб сер мешаваду на аз ғизо, на истироҳат дораду на оромӣ. Ҳатто оҳану пӯлод ба ин бори сангин тоб намеоварад.

– Аз касалиҳое, ки аз насл ба насл мегузаранд, сахт дар изтиробам,– гуфт боре Ҳакимова. – Илми ҳозираи тиб бештар аз 2500 навъи бемории ирсӣ (генетикӣ)-ро медонад. Илм барои табобати аксари кулли ин бемориҳо қодир нест ва усулҳои самарабахши ин корро ҳанӯз кашф накардааст. *Мо наслҳоиояндаро аз бемориҳои ирсӣ танҳо бо роҳи барҳам додани никоҳи хешони наздик эмин дошта метавонем.* Ин никоҳро қонун низ манъ менамояд. Гӯё ҳама чиз маълум аст. Вале дар ҳаёт аксаран акси ин рӯй медиҳад. Идораҳои марбута пеши роҳи никоҳи хешовандонро намегиранд. Бино бар ин, дар деҳот ин навъи никоҳ ривоҷ ёфта, боиси бадбахтиҳо мегардад. Волидайн дуруст фикр накарда, амакбачаҳо ва ё холабачаҳоро ба ҳамдигар хонадор мекунанд. Кормандони Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти илмии модар ва кӯдаки Тоҷикистон солҳои 1983-1985 аҳолии ноҳияи Ҳисорро, ки аз гурӯҳҳои гуногуни этникӣ иборатанд, аз назар гузаронида, бемориҳои ирсиро муоина карданд. 275 оила ба қайди махсус гирифта шуд, ки дар онҳо 2-3 нафарӣ ба бемориҳои ирсӣ гирифторанд ва дар айни замон дар ин оилаҳо ду ва бештар аз он навъҳои ин беморӣ ошкор гардиданд. Дар се оила ду-се нафарӣ кӯдак аз бемории табобатнопазири ирсӣ кӯр мешаванд. Дар 11 оилаи барлосу лақай 25 кӯдаки ноқисулақл ба қайд гирифта шуд. Падару модари ҳамаи ин кӯдакон амакбачаю тағобача мебошанд… Дар

ноҳияи Файзобод низ кӯдакони ноқисулақлро ба қайд гирифтем, ки аз оқибати издивоҷи хешовандист... Дар Шаҳритус зану шавҳар – амакбачаҳо шаш кӯдаки худро аз даст доданд, ки ин натиҷаи касалии ирсӣ буда, табобаташ ғайриимкон аст... Дар Конибодом низ чунин оилаҳои хешовандон ҳастанд... Ин беморӣ дар рӯзи нахустини таваллуди кӯдак дар шакли зардпарвин зоҳир мегардад.

– Маълум, ки кӯдакони носолим ҳам барои оила, ҳам барои давлат бори гаронанд. Бояд мардум садди роҳи ин бадбахтӣ гарданд.

– Бале. Аҳолиро аз оқибатҳои никоҳи хешовандӣ огоҳонида ва ё нуктаҳои қонунгузории мавҷударо пурра риоя намуда, ба дунё омадани чунин тифлонро пешгирӣ кардан мумкин. Мутаассифона, имрӯз ҳам ину ҳам он ба ҷо оварда намешавад. Кӣ ҳисоб карда метавонад, ки барои нигоҳубини чунин тифлони маслуқ, ки шумораи онҳо торафт меафзояд ва ҳам боиси бадбахтии худи кӯдаку ҳам хешонаш аст, чӣ қадар пул харҷ мешавад? Ин масъалаи тезутунд ба манфиати ҳамаи аъзои ҷамъият дахл менамояд. Вале чаро аҳли ҷамъият хомӯшанд?

– Оё гоҳе аз коратон эҳсоси хурсандӣ кардаед? – пурсидам аз профессор Ҳакимова.

– Як мисол меорам, – посух дод ӯ. – Ҷавонзане чандин сол безурриёт буд. Лозим омад, ки чанд вақт ӯро табобат ва сипас ҷарроҳӣ кунам. Дар натиҷа ӯ фарзанд ёфт. Акнун ҳар гоҳ, ки дар кӯчаву хиёбонҳо ӯро бо ду кӯдакаш бинам, беҳад хурсанд мешавам, ки ба эҳёи чунин мӯъҷиза қодир будаам. Бо ин модари хушбахт сӯҳбат карда, як ҷаҳон миннатдорӣ мешунавам. Хонаводаи бисёр ашхосе, ки умре дар ғами фарзандёбӣ буданд, аз хандаи тифлон пур аст. Ман худро шарики хурсандии ин хонаводаҳо медонам.

Профессор Ҳакимова борҳо ба хориҷа сафар карда, бо донишмандони номӣ ва тарзи муолиҷаи беморон ошно шуда, аз минбари анҷуману маҷлисҳои бонуфузи байналхалқӣ дар мавзӯъҳои амрози мухталифи занҳо маърӯза мекард. Доир ба табобати маризии мураккаби батни модар бурҳону далели зиёд оварда, аҳли тибро аз бозёфтҳояш воқиф месохт. Ба каш-

фиёти ин олимаи тоҷик раиси Анҷумани байналхалқии гинекологҳо, профессори Университети шаҳри Женева Де Вотевил баҳои баланд дода, онро «эъҷози ақлу заковати зани Шарқ» номида буд.

Дар тӯли даҳсолаҳои асри бист дар Тоҷикистон чандин ҷамъомади илмӣ баргузор гардид, ки яке аз онҳо конфронси соли 1964 бахшида ба масъалаи физиология ва патологияи низоми эндокрини зан мебошад. Саъдинисо Ҳакимова – созмондеҳи конфронси мазкур дар ҳамин мавзӯъ ҷавҳари мақсадашро ба диққати аҳли илм пешкаш кард… Сонӣ соли 1970 таҳти роҳбарии ӯ нахустин анҷумани момодояҳову табибони амрози занҳо – акушеру гинекологҳои ҷумҳурӣ баргузор шуд, ки ба ҳалли бисёр масъалаҳо асос гузошт… Охири баҳори соли 1986 Ҳакимова дар анҷумани дуюми акушеру гинекологҳо изҳор кард, ки баъди анҷумани якум нигаҳдории тандурустӣ хеле инкишоф ёфта, ба пайдоиши муассисаҳои муҳофизати сиҳҳатмандии модару кӯдак замина ба вуҷуд омад.

Баргузории анҷуманҳои якуму дуюми акушеру гинекологҳои Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, гузаронидани як қатор ҷамъомаду ҷаласаҳои бошукӯҳи ҷумҳурию иттифоқӣ ва байналмилалӣ, ки онҳо доимо ҷолиби диққати аҳли ҷамъияти илмӣ мегардиданд, ҳама аз саъю талоши ин ҳакими дақиқназар шаҳодат медиҳанд.Он тадбирҳои нодир дар натиҷаи ҷидду ҷаҳд ва амалияи ташкилотчигии олимаи мумтоз Саъдинисо Ҳакимова ба вуқӯъ омадаанд. Тоҷикон хидмати бузурги ин ворили Ибни Синоро, ки таълимоти тиббии ҳифзи модару кӯдакро ба роҳ монд, фаромӯш нахоҳанд кард.

Саъдинисо Ҳакимова муаллифи бештар аз сад асари илмӣ, узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи русии «Акушерство и гинекология», муаллифи мақолаҳои соҳавии нашрияҳои мӯътамад, ба монанди: Қомуси Калони Шӯравӣ, Қомуси Шӯравии Тоҷик ва муҳаррири даҳхо осори тиббӣ мебошад.

Охир, ӯ боз модаркалон ҳам ҳаст. Дар ҳалқаи фарзандон нишаста, аз кайфияти набераюдорӣ бархурдор аст. Писараш Ҳакимҷон Икромов доктори илмҳои физика ва математика, профессори факултаи математикаи ҳисоббарорӣ ва киберне-

тикаи Донишгоҳи давлатии Москва аст. Духтараш Дилбар таълими консерваторияи Москваро гирифта, чун пионинонавози моҳир шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. Худи Ҳакимова низ дилбохтаи санъат, ошиқи мусиқии классикист.Шашмақомро ваҳдати навоҳои Шарқ медонад ва бо эҳсоси амиқ мешунавад. «Барно Исҳоқова ва Шашмақом ҳар ду ба як маъност»– мегӯяд ӯ. Бегумон, мусиқидӯстии Ҳакимова ирсӣ аст, зеро бобои ӯ Муллоҳакими Ҳофиз мутриби машҳуре буд дар замони худ.

Номбурда, ки аз соли 1958 то соли 1980 сарварии кафедраи амрози занонаи Донишкадаи давлатии тиббии Душанбе ба номи Абӯалӣ Синоро ба ӯҳда дошт, шогирдони бисёре ба камол расонд. Аз зумраи шогирдонаш 31 нафар номзад ва дувоздаҳ нафар доктори илм дар баробари Тоҷикистон, инчунин дар кишварҳои Амрико, Олмон, Исроил, Русия,Украина, Ӯзбекистон ва ғайра бақои умри инсонро ҳифз мекунанд. Аз онҳо профессори донишкадаи тиббии шаҳри Симферопол Евгения Илинична Петранюк, профессори Донишкадаи давлатии тиббии шаҳри Санкт-Петербург Алевтина Евгеневна Попова, мудири кафедраи Донишкадаи тиббии Селиноград Л.Л. Смолная, доктори илм София Кобулова, олимон Қумрӣ Ҳакимова, Муаззама Ниёзмуҳаммадова, Хуршед Каримов ва дигаронро метавон ном бурд, ки дарси хизмат ба халқро аз устоди худ – нобиғаи тиббу табобатгарӣ Саъдинисо Ҳакимова омӯхтаанд.

Ҳар як соҳибдилро баробари ҳирси илмдустӣ, ақли расо ва саъйи комил, таълими устоди сахтгиру равшанзамир низ зарур аст.

*Илмро ҳаргиз наёбӣ, то набошад шаш хисол:*
*Ҳирси вофир, фаҳми комил, ҷамъи хотир, кулли ҳол,*
*Ҳам дигар устоди мушфиқ, саъй ҳам бояд мудом,*
*Лафз ҳам таҳқиқ кардан, то расад ҳадди камол.*

Агар аз хусуси устод ҳарф занем, Саъдинисо Ҳакимова ду олими забардасти рус, академики Академияи улуми тибби Русия Михаил Сергеевич Малиновский, Арбоби шойистаи илми тибби РСФСР, профессор Константин Николаевич Жмакинро

бо камоли эҳтиром ном мебарад. Ин алломаҳо ӯро ба фатҳи қуллаҳои дониш ҳидоят кардаанд. Онҳоянд, ки ҳамроҳи ноиби раиси Анҷумани байналхалқии гемотологҳо Сусанна Ҳоллан бо муоличагоҳ ва кору бори олимони тоҷик шинос шуда, хизматҳои Саъдинисо Ҳакимоваро дар равнақи тибб махсусан қайд карда, гуфта буданд: «Мо Шуморо аз ҳакимони бузурги тибби муосир ва олимаи номӣ дар миқёси байналхалқӣ эътироф мекунем. Бо итминони комил метавон гуфт, ки Шумо дар Тоҷикистон ба маънои клиникаи муосир аз ҳеҷ ҳар чиз сохтаед ва дар соҳаи акушериву гинекология, гематологияю эндокринология пайравони арзанда тарбия намудаед. Эҳтироми содиқонаатон ба одамон ва ба илм, ки шахсият ва тамоми фаъолияти Шуморо муайян мекунад, намунаи ибрат аст…»

Доктор Саъдинисо Ҳакимова дар натиҷаи заҳматҳои тӯлонии пурсамар аз табиби одӣ то Арбоби шоистаи илми Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи улуми тибби СССР расидааст. Вай муассиси Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии ҳифзи модару кӯдак ва асосгузори мактаби акушерию гинекологии Тоҷикистон мебошад.

Саъдинисо Ҳакимова аз қуллаи умри беш аз 80-солааш ба роҳу пайраҳаҳои рӯзгори пурҳаводиси хеш менигарад. Ба андеша меравад. Роҳи паймудааш дар шебу фарози асри гузаштаи пур аз моҷароҳо, пешрафтҳо ва нокомиҳои шӯравӣ чун дар оина дар лавҳи хаёлаш ба ҷилва меояд. Ӯ худро бо он тасалло медиҳад, ки умраш барҳадар нарафт. Ҳаёташро, дилашро, донишашро ба хидмати халқаш бахшида, аз таҳқиқот, аз таълифот, аз талошу ҷустуҷӯҳои эҷодӣ имрӯз ҳам даст барнамедорад. Нашри китоби ӯ охири асри бист дар Маскав бо номи «Гаравгонҳои императорӣ» (1977), инчунин нашри китобҳои дигараш бо номи «Танзими оила» (Душанбе, 2004) ва «Илми ахлоқ ва одоб» (Душанбе, 2010) ба мисли шоҳасараш «Асосҳои амрози занҳо» садои дили фарзанди фарзонаест, ки дарди миллатро дарди худ медонад ва дар ин роҳ ҳастиашро ба гарав мондааст. Саъдинисо аз Тоҷикистон ва Тоҷикистон аз ин духтари арҷманди худ ифтихор доранд.

Воқиан, профессор Саъдинисо Ҳафизовна Ҳакимоваро, ин нахустпизишки ҷарроҳ, аввалин тоҷикзани номзади илми тиб,

нахустин доктори фанни тиб аз пизишкони миллӣ, аввалин ва ягона узви вобастаи Академияи тибби СССР (ҳоло Академияи Русия) аз ҷумлаи олимони минтақаи Осиёи Марказиро агар бигӯем, ки духтари Шайхурраиси Машриқзамин Абӯалӣ ибни Сино аст, ғалат намеравад.

## ШАФҚАТИ ШАҲРИЯ

Вай шинелашро, ба хотири рӯзҳои талхи ҷанг, нигоҳ медошт. Ранги бо мурури солҳо паридаи шинел гувоҳи ин буд, ки соҳибаш, лейтенанти хурди хизмати тиббӣ Шаҳрия Ҳайдарова дар ҷанг роҳи дуру дарозро паймудааст. Шаҳрия бо ҳамин шинел ба майдони ҷанг рафт, бо ҳамин шинел рӯзи мубораки Ғалабаро пешвоз гирифт. Ҳамроҳи ҳамин шинел шикасти Японияи милитаристиро дид. Баъди хизмати ҳарбӣ онро дар хонааш овехта монд.

Аз он рӯзҳо солиёни зиёде гузашт. Бо мурури айём умри Шаҳрия ҳам ба ҷое расид. Сарзаминҳое, ки аз оташи ҷанг сӯхтаю валангор шуда буданд, ҳоло ободу гулпӯшанд. Аммо ҳар гоҳ Шаҳрия шинелро бубинад, боз авроқи китоби хотирот ва ёддоштҳои ҷангӣ пешорӯяш як-як кушода мешуданд.

Соли 1941, вақте ки ҷанг сар шуд, ӯ дар шифохонаи шаҳри Конибодом кор карда, мардумро ба додани хун (донорӣ) ташвиқ менамуд. Он солҳо сарбозони маҷрӯҳи ҷабҳаҳои доғ ба хун чун ба оби ҳаёт ниёз доштанд. Худи Шаҳрия аз аввалинҳо шуда хун супурд. Хуни ӯро ба кӣ мегузаронида бошанд? Ба ҳамдиёраш, падару бародараш, ба ронандаи зиреҳпӯш, баҳрнавард ё ба аскари савора, ё худ пилоти маҷрӯҳ? Духтарак инро намедонист, аммо дилпур буд, ки хуни ӯ ба ҷисми сарбози шӯравӣ, ки дар ҳифзи Ватан ҷон дареғ намедорад, неруи тоза мебахшад. Ин буд, ки вай зарурати ин масъаларо ба дигарон таблиғ мекард. Баъди он ки ҷавони дӯстдоштааш Қурбон ба аскарӣ рафт, ӯ ҳам қарор дод, ки ба дифои Ватан биравад. Ӯ огоҳ буд, ки духтарони дигар миллатҳо дар набардгоҳҳо меразманд, тоҷикдухтар аз онҳо чӣ фарқе дорад?

Шаҳрия тирамоҳи соли 1941 аз миёни тоҷикдухтарон аввалин шуда ба ҷанг рафт. Аввалҳо ба шӯъбаи дегазасия (без-

арарсозии либос ва асбобу анҷом) сарварӣ менамуд. Чӣ будани ҷангро, аз дур бошад ҳам, дарк мекард. Тобистони соли 1943 дар наздикии Воронеж чун фаҳмид, ки ӯро ҳамроҳи аскарон ба талоя (хати пеши ҷабҳа) намефиристанд, ду бор дархост навишт, ки рӯ ба рӯ бо душман биҷангад.

– Дар қатораи санитарӣ хизмат мекунӣ,– гуфт сардори маркази тахлия,– ин ҷо ҳам размгоҳ аст…

Дар қаторае, ки аз Воронеж сӯи Ғарб мерафт, вуҷуди Шаҳрияро ҳаяҷон фаро гирифт. Аз пеш иншооти муҳофизатӣ, вагонҳои захмдорон, корхонаҳои кӯчбаста, аҳолии кӯчии хастаҳол мебаромаданд.

Тақрибан даҳ километр дуртар аз Воронеж Шаҳрия ҷароҳати аскареро мебаст, ки бонги ҳуҷуми ҳавоӣ баланд шуд. Ғурриши ҳавопаймоҳои душман ба гӯш расид, ки торафт наздик меомаданд. Баъд садои раъдосои таркишҳо бархост. Аз радио садои фармондеҳ баланд шуд:

– Истгоҳи роҳи оҳанро бомбаборон мекунанд! Истед!

Қатора гашташро суст карда, дар истгоҳи фаръӣ бозистод. Касе дар даст дурбин ба боми вагон баромад.

– Бояд вазъиятро муайян кунем,– гуфт мошинист ва ба вагонча савор шуда, он сӯ шитофт.

Дар истгоҳи роҳи оҳан манзараи мудҳишеро дид: вагонҳои шикаста месӯхтанд, аз перрон фарёду нафири захмдорон ба гӯш мерасид, кӯдакон мегиристанд…

Шаҳрия боз ба захмбандии маҷрӯҳон шурӯъ кард. Шабу рӯз дами ором надошт.

Ҳафтаҳо ва моҳҳо ба ин минвол сипарӣ мешуданд. Қатора маҷрӯҳонро ба бемористонҳои шаҳру навоҳии ақибгоҳ месупурду боз аз пайи супориш бармегашт. Банохост боз ҳавопаймои душман пайдо шуда, эшелонро бомбаборон мекард. Таркиш аз паи таркиш. Боз садои бо ҳам бархӯрдани вагонҳо, фиғони маҷрӯҳон ва шиҳаю сумзании аспон нафрати касро ба фашистон меафзуданд.

Шаҳрия он вақт биступанҷумин баҳори умрашро аз сар мегузаронд. Чашмони сиёҳи меҳрубон, нигоҳи гарму суханҳои нармаш дар дили маҷрӯҳон оташи умед меафрӯхт. Ба вагон медаромаду бӯи ҳаёт меовард. Вақти докапеч кардани захм бо

ҳазлу шӯхӣ дили маҷрӯҳонро гарм месохт. Биступанҷсолагӣ айёми пурҷӯшу хурӯши ҷавонӣ, фасли ишқварзию муҳаббат аст. Кас дар ин фасли нотакрори умр аз хушиҳои зиндагӣ нашъа бардошта, шукуфтани нахустин гулҳои умедашро мебинад. Вале Шаҳрия аз ин айёми хуш чӣ баҳрае ёфт? Арӯсиаш наздик мерасид, ки ҷанг сар шуд, номзадаш Қурбон ба ҷабҳа рафт. Ӯ бо орзую ҳавасҳои ҷавонӣ аз паси Қурбони азизаш шитофт, ба умеде, ки бо ӯ рӯ ба рӯ меояду якҷоя Ватанро ҳимоя мекунанд.

Қатора осебе надида, боз дар наздикии размгоҳ қарор гирифт. Вале дар яке аз рӯзҳои охири сол андӯҳи гароне ба сараш омад. Фалокат ногаҳон рӯй дод. Таркиши бомбаҳо ҳамаро ба таҳлука андохт. Вагон гӯё ба харсанги азиме бархӯрда, садои гӯшхароше бароварду бозистод. Шаҳрия ҳаросон ба берун нигарист. Вагонҳои пеш месӯхтанд. Як аскари малламӯй лангонлангон қад-қади қатора давида, фарёд мезад:

– Берун бароед! Бомбаборон мекунанд!

Захмдорон худро аз вагон берун мепартофтанд. Шаҳрия ба онҳо ёрӣ медод, ки зудтар фуроянд. Баъд сӯи маҷрӯҳони дасту пошикаста шитофт. Якеро пуштора карда, дигареро аз дасташ дошта, ба бешазор мебурд.Ҳамин ки охирин маҷрӯҳро бурда ҷой кард ва қоматашро рост гирифт, боз садои ҳавонавардҳои душман баланд шуд, таркиш паи таркиш замину замонро ба ларза овард. Ҳама ба замин хобиданд. Вақте ки Шахрия сар бардошт, дид, ки панҷ кас: ду русу як қазоқ, Нозиров ва Орифов ном ҳамдиёронаш ҳалок шудаанд.Қатораро сӯхтор ба комаш мекашид. Бисёриҳо наҷот ёфтанд, вале аз «беморхонаи сайёр» танҳо қафасҳои оҳанин боқӣ монд.

Ба ин тариқ, аввалин вохӯрии Шаҳрия бо днаи ваҳшатбори ҷанг дар эшелон рӯй дод, барои ӯ нахустин «майдони муҳориба» аз вагонҳои қатор оғоз гирифт. Духтари чусту чолок ва нозукандом худро гум накард, баъди бомбаборон зуд ба маҷрӯҳон ёрии таъҷилӣ мерасонду дар дил ба фашистон, ба ҷаллодони инсон нафрин мехонд.

Баъд Шаҳрияро лозим омад, ки дар роҳҳои набарди Ҷабҳаи дуюми Наздибалтика дар ҳайати қисми санитарӣ амал кунад.

«Ана пешгоҳи ҷанги ҳақиқӣ,– аз дил мегузаронд ӯ. – Дар ин ҷоҳо аҷал чун соя ба дунболи кас мегардад». Сарбозон ба Шаҳрия ҳикматеро мегуфтанд: «Ба нотарс як тир расад, ба тарсу ду тир мерасад». Ин гапи ҳақ аст. Кас агар тарсончак шавад, аз ӯҳдаи ягон корнамоӣ намебарояд. Нотарс будан даркор! Шаҳрия дорухалта ба китф зери борони тир ба захмдорон ёрӣ мерасонд, онҳоро аз размгоҳ мебароварду ба шифохонаҳо мефиристод.

Дастони шифобахши ӯ дар ҷангҳои соҳили Балтик низ ба саф-саф сарбозон умри дубора бахшид. Вай акнун садои тир ва таркиши гулӯлаҳоро гӯё намешунид. Ҳушу хаёлаш ба маҷрӯҳони оғуштаи хоку хун банд. Аз хандақе ба хандақе медавиду дармони захмдорон меҷуст. Ӯ дар чунин ҳолат Гурдофариди Фирдавсиро мемонд, ки дар размгоҳ либоси мардона ба бар ва силоҳи ҷангӣ ба каф сипоҳиёнро дар ҳайрат мегузошт.

Тобистони соли 1944. Баъди пешин, ки тирандозии тарафайн поён ёфт, ташвиши Шаҳрия афзуд. Захмдореро бо кӯшиши зиёде ба по хезонд. Вай ҷавони латиш буд. Дар тамоми роҳ, ки Шаҳрия хаставу шалпар шуда, ӯро кашолакунон аз байни беша мебурд, ҳарфе нагуфт. Ин хомӯшии ӯ ҳамшираро дилтанг месохт.

– Гап зан, охир, ақаллан нолиш кун! – мегуфт Шаҳрия ва маҷрӯҳро ба ҷои ҳамворе хобонид. – Чаро хомӯшӣ?

Маҷрӯҳ канда-канда гуфт:

– Хоҳар, росташро гӯй: зинда мемонам ё не?

– Албатта, зинда мемонӣ! Табобат мекунем, сиҳҳат мешавӣ.

– Нафасат нек, хоҳарҷон. Барака ёб!

Шаҳрия захми ӯро баст ва аз паи овардани маҷрӯҳи дигар сӯи хандақи домани беша шитофт. Ба хандақ даромадан ҳамон ҷасади беҷони душманро дид. Фашист гиребони сарбози шӯравиро чанг зада мехобид ва аз гардани сарбоз хун метаровид. Шаҳрия гӯшашро рӯи сина, болои дили сарбоз гузошт. Набзи ӯ оҳиста мезад. Ҳамшира қафаси синаи ӯро молиш дод. Ин нафасгирии ӯро тезонд. Баъд захми гарданашро докапеч кард. Аммо бардоштану аз хандақ баровардани аскар

осон наафтод.Пас аз кӯшиши бисёре ӯро бо охирин қувват берун баровард. Аз хандақ автомати аскарро ёфт, ки тирдонаш пури тир буд. Пай бурд, ки фашист ба ӯ тир андохта, автоматро аз дасташ афтондааст. Аскар бо шаст худро болои фашист афканда, дар ҷанги тан ба тан дар ҳолати маҷрӯҳӣ ғолиб омадаст. «Ана, ин талоши зиндагӣ. Ана, ин мардонагӣ! Бо қувваи бозувон сарбози силоҳнокро мағлуб сохтан осон не», аз дил гузаронд Шаҳрия.

–Об! Об! – хастаҳолона гуфт маҷрӯҳ.

Шаҳрия обдонро ба даҳони аскар бурд. Маҷрӯҳ об нӯшида, каме ба ҳуш омад ва канда-канда овоз баровард:

– Та-шак-кур, ҳам-шира!

Сонӣ Шаҳрия «ман ҳозир меоям» гуфту назди латишписаре, ки ба ҷои бехатар гузошта буд, давид. Аскар дар пастхамӣ мехобид, ӯро дидан ҳамон сар бардоштанӣ шуд, аммо натавонист. Шаҳрия сари ӯро ба рӯи каф бардошта гуфт:

– Мана, ман омадам. Акнун туро ба шифохона мефиристанд, сиҳҳат мешавӣ. Ҳой, худро даст гир!

Аскарбача дигар наҷунбид. Ӯ аз захми мӯҳлиқ ҷон дода буд. Даҳшат! Шаҳрия сахт ба изтироб омад, гирист. Сонӣ, сари ӯро аз кафаш оҳиста ба замин гузошт. Даст ба кисаи мактул бурд ва ҳуҷҷатҳояшро гирифт. Дар миёни ҳуҷҷатҳо суратеро дид: ҷавон бо духтаре хандону хушҳол акс ёфта буд. Шаҳрия як ба ҷасади ҷавону як ба сураташ нигариста, оҳи бадард аз дил баровард. Эҳ, ҷанги малъун, чӣ қадар дилҳои саршори умеду орзуро ба хоку хун афкандӣ!

Ҳамон рӯз Шаҳрия чандин маҷрӯҳро аз дами марг наҷот дод. Қарибиҳои шом ба ситоди баталён омад. Ӯро қумандон, подполковники мӯсафед дар назди хандақ пешвоз гирифт.

– Духтарам, Шура, имрӯз хуб шалпар шудӣ?

– Ҳеҷ гап не.

– Исто, ки баъди пешин чизе хӯрдӣ? Не? Барои ин туро сарзаниш мекунам. Борҳо гуфтам, ки ғизоятро дар вақташ хӯр. Аз по афтӣ, ҳоли маҷрӯҳон чӣ мешавад?

Шаҳрия ба ғӯлачӯбе нишаст. Қумондон ба чашмони аз бехобӣ суп-сурхи ӯ нигаристу пурсид:

– Чаро гиристӣ?

– Латишписаре дар рӯи дастам ҷон дод, мана ҳуҷҷатҳояш.

Қумондон ҳуҷҷатҳои шаҳидро гирифту бо таассуф гуфт:

– Чӣ чора? Ҷанг бе қурбонӣ намешавад, духтарам. Ҳуҷҷатҳоро ба хонааш мефиристем. Бигузор, аз тақдири фарзандашон огоҳ гарданд.

Шаҳрия Ҳайдарова, ки дар Воронеж ба размгоҳ даромада буд, бо қисми беҳдошт то соҳилҳои Балтик рафта, дар он ҷо муждаи Рӯзи Зафарро шунид. Сонӣ, дар ҷанги зидди милитаристони Япония то Манҷурия боз роҳи тӯлониро паймуд. Дар майдони муҳориба зери борони тир ҷон ба каф гирифта, басе сарбозонро аз чанголи марг раҳо дод ва ба сипосномаи Сарфармондеҳи Олӣ И.В. Сталин мушарраф гардид. Дар қатори духтурон, ҳамшираҳои шафқат ва санитарҳое, ки барои ҳаёти сарбозон мардонавор мубориза мебурданд, шуҷоати ӯ низ тақдир шуд. Медалҳои «Барои Ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Барои ғолибият бар Япония» аз корнамоиҳои диловарона ва пуршафқати ӯ шаҳодат медиҳанд.

* * *

Соли 1946 Шаҳрия Ҳайдарова аз Манҷурия ба зодгоҳаш Конибодом баргашт. Баъди як ҳафта ба ҷои кори пештарааш – бемористони шаҳр рафта, ба ҳуҷраи сардухтур даромад.

– Салом, Сергей Андреевич!

– Шаҳрия? Духтарам, наход ин туӣ? – Сергей Андреевич аз ҷой бархост ва ҳар ду, чун падару фарзанд, якдигарро бӯсиданд. – Сиҳату саломат баргаштӣ? Офарин, ҷанговар!

Шаҳрия ба Дергачёв нигариста, лаҳзае хомӯш монд: дар ин чанд сол симои ӯ хеле тағъйир ёфта, дар рӯю пешониаш хатҳои ожанг пайдо шуда, дар мӯи сараш сафедӣ дамида…

Шаҳрия солҳои қабл аз ҷангро пеши назар овард.

«Ба Маҳрам меравӣ, бояд дар он ҷо шӯъбаи тиббӣ ташкил кунем. Одамон дар интизори туанд». Ин сухaнонро Шаҳрия Ҳайдарова – дастпарвари омӯзишгоҳи тиббии Конибодом аз соли 1935, вақти таъиноти кор аз мудири шӯъбаи нигаҳдории тандурустии Конибодом Сергей Андреевич Дергачёв шунида буд.

Маҳрам. Ба Шаҳрия номи ин деҳа аҷиб менамуд. Маънояш хешу ақрабо, ёру дӯст ва ҳамдаму мӯнис аст. Роҳаш ҳам барои ӯ аҷиб буд: аз миёни чанд деҳа мегузашт. Охири тирамоҳ. Дарахтон, ки чанде пеш қабои заррин доштанд, акнун урён менамуданд. Қӯлмакҳои яхбаста дар зери чархи ароба мисли шишапораҳо қисир-қисир садо мебароварданд. Шаҳрия аз ин роҳ мегузашту аёс сару рӯяшро мелесид. Маҳз ҳамин роҳ дар лавҳи хотири ӯ як умр нақш баст. Охир, ҳамин роҳ ӯро маҳрами розу дили аҳли Маҳрам гардонд. Ҳамин роҳ ба ҳаёти пурҷӯшу мустақилонаи ӯ ибтидо гузошт.

Барои таъсиси шӯъбаи тиббӣ як хонаи нимвайронро тахсис доданд. Дуредгарон хонаро таъмир карда, намудашро дигаргун сохтанд. Барои беморон даҳ кат гузоштанд. Асбобу анҷоми тадовӣ ҳам омода гашт. Як навъ табобатгоҳе таъсис ёфт. Ба варақе вақту соати қабулро навишта, ба болои дар часпонданд.

Ду рӯз гузашт, вале касе барои табобат намеомад. Чаро? Наход дар ин деҳа, ки аҳолияш хеле зиёд аст, дардманде набошад? Ё шояд ба табиб ихлос надоранд?

Вай ба оина нигаристу ғарқи андеша шуд: «Акнун ба ҳаждаҳ даромадаӣ. Кӣ ба табиб будани ту бовар мекунад?»

Рӯзе аз шаҳр Дергачёв ба хабаргирӣ омад.

– Корҳо хуб нест, Сергей Андреевич,– дар ҷавоби пурсиши сарпизишк забон ба шиква кушод Шаҳрия. – То ҳол ягон бемор наомадааст.

– Парво накун, меоянд. Ба аҳолӣ фаҳмондан даркор…

Шаҳрия кӯча ба кӯча, гузар ба гузар гашта, моҳияти шӯъбаи тиббӣ ва мақсади пизишконро мефаҳмонд. Мегуфт, ки бемор ҳатман бояд ба духтур муроҷиат кунад. Вай бо ёрии муаллимон фаҳмид, ки дар байни аҳолӣ азоимхону фолбинҳо бисёр будаанд. Онҳо дардро фармудаи тақдир донистa, беморонро бо дуою тумор «табобат» мекардаанд.

Рӯзи шашум зане омад, чашмонаш ашколуд, доду вой ва зориву тавалло мекард:

– Духтарчаам касал, як ҳафта боз табаш баланд, ёрӣ диҳед…

Шаҳрия ба аёдати аввалин бемор рафт. Кӯдаки дусолаи рангпарида ва чашмонаш фурӯрафта дар бистар мехобид. Пас аз муоина маълум гардид, ки вай гирифтори исҳоли хун буда, ба замми ин, шамол хӯрда, гулӯдард ҳам шудааст. Шаҳрия ба муолиҷа пардохт. Он солҳо ба бисёр бemoриҳо, аз ҷумла барои исҳоли хун ҳам доруҳои шифобахш намерасид. Аз ин рӯ, табобати кӯдак андак кашол ёфт. Шаҳрия ҳамаи чораҳоро андешид. Охири ҳафтаи дуюм кӯдак шифо ёфта, ба по хест.

– Вақти табобатро хеле гузарондед, вагарна зудтар шифо меёфт. Хайрият, бахайр анҷомид. Исҳоли хун бемории сироятии вазнин аст, агар ба духтур муроҷиат намекардед, оқибати нохуш меовард. Ин беморӣ бештар аз истеъмоли харбузаву бодиринги палакмурда, ангуру зардолуи гармселзада ба вуҷуд меояд,– Шаҳрия сабабҳои пайдоиши бемориро ба модар батафсил фаҳмонда, ба таъкид овард:

– Ҳамеша аз паи тозагӣ шавед, тозагӣ гарави саломатист…

Дере нагузашта, кори маркази беҳдошт ба маҳрамиҳо маълум гардид. Мепурсанд, ки «духтур духтари кист, куҷоист?» Ҳолдонҳо ҷавоб медоданд, ки «вай шаҳрист, қобилу доност, бисёр дардмандон аз дасташ шифо ёфтанд. Мардум ба ӯ ихлосу эътиқод бастанд.Ба шифохонааш рафтан замон дард аз байн меравад, дасташ сабук…»

Субҳе аз деҳаи Ниёзбек марде аспсавор омада, бо изтироб гуфт:

– Аҳволи ҳамсарам бад, илтимос, чорае андешед. Агар бачаякон бемодар монанд, ба ҳоли зор меафтам.

Шаҳрия дар ду шабонарӯз зани ҷавону тифлаки навзодро аз беморӣ наҷот дод. Чашмонаш аз бехобӣ ба дард омад. Вақте ки ба ароба нишаста, роҳи Маҳрамро пеш гирифтанд, пинак рафт. Акнун ароба гӯё гаҳвора буду садои чархҳояш ӯро алла мегуфт. Ҳангоми аз қарибии дашти Ҳодарвеш гузаштан дар торикӣ зарби чизе ба китфаш расид ва аз фарёди аробакаш бедор шуд:

– Бедаю коғаз деҳ! Гургҳо ҳуҷум оварданд…

Шаҳрия чашмашро молиду ба атроф нигарист. Оташакҳои сабзу сурхчаранге аз байни дарахтон дили ӯро ба ваҳм оварданд. Вай ҳушёр шуд ва зуд ба ёрӣ шитофт. Аробакаш як дас-

та бедаи хушкро оташ заду ба роҳ, ба сӯи галаи гургон ҳаво дод. Баъд қабзаи дуюм, панҷум.

Як поси шаб ҳар ду ба Маҳрам расиданд…

Аз байн солҳо гузаштанд. Ҷанг ҳам анҷом ёфт. Сергей Андреевич ва Шаҳрия Ҳайдарова он солҳоро ёд оварда, сӯҳбати хоса оростанд. «Акнун боз ба кори пештараат биё, ҷоят холӣ» гуфт Дергачёв. Шаҳрия, вақте ки бо ӯ хайрухуш карда, ба хонаашон мерафт, дар роҳ бо Қурбон вохӯрд, ки дар анҷоми ҷанг мукотибаашон канда шуда буд. Қурбон Мавлонов дар муҳорибаҳо барои озодии шаҳрҳои Бериговка ва Орёл ду бор захмдор шуда, баъди табобат бо мукофотҳои ҷангӣ ба зодгоҳаш баргашт. Ҳар ду бо ҳам вохӯрданду дигар як умр ҳамроҳ монданд…

Шаҳрия шинелро боз ба хилъати сафед иваз кард. Дар замони осоишта, мисли пештара хизмати мардумро аз таҳи дил ба ҷо овард. Чиҳил сол дар ин роҳ такопӯ намуда, ба нафақа баромад.

… Бо холаи Шаҳрия, бо ин ягона сарбоздухтари конибодомиҳо дар арафаи 25-солагии Ғалаба бар фашистони Германия вохӯрдану мулоқот оростанамон дар ёдам нақш бастааст. Ман, қомуснигор Наримон Абдуллозода ва муаррихи бойгоншинос Шамсиддин Зоҳидов бо ӯ рӯзи истироҳат дар хонааш вохӯрдем. Барфи пирӣ бар сараш биншаста буд. Вақти сӯҳбат чашмонаш меҳрубонона медурахшиданд. Аммо ҳангоми изҳори қиссаҳои ҷанг хаёлаш парешон шуда, воқиаҳоро пароканда мегуфт. Суханони имдодталабона ва дардноки маҷрӯҳони ҷанг то кунун дар гӯшаш садо медоданд. Симои қумондонҳо ва ҳамшираҳои ҳамкорашро пеши назар меоварду ашк мерехт.

Ҷавонзане бо кӯдакаш вориди ҳавлӣ гардид. Холаи Шаҳрия оғӯш кушода, ӯро пешвоз гирифт ва кӯдакашро бӯсид. Ҷавонзан духтари нахустини ӯ будааст. Холаи Шаҳрия панҷ фарзанд ба дунё овард. Ба духтараш – дояи таваллудхонаи Нафтобод Раъно Қурбонова менигаристу дар симои ӯ ҷавониашро медид ва мурғи хаёлаш дар фазои сарнавишташ мепарид. Модар дар ин синну сол дар размгоҳ маъюбу маҷрӯҳонро табобат мекард, духтараш дар ин синну сол ҳар

рӯз шоҳиди ба дунё омадани тифлакони фархундарӯ мешавад…

Пас аз вохӯриамон бо ин собиқадори кору корзор банда ба Қомуси миллат – Энсиклопедияи Советии Тоҷик маълумотномаеро дар бораи рӯзгори ӯ супурда будам, ки дар ҷилди ҳаштум он ба табъ расидааст.

## МУКОФОТИ ОЛӢ

Шаб пурхавотир ва навбатдорӣ серташвиш гузашт. Қумрӣ танҳо баъди тифли навзодро барои хунгузаронӣ гуселонидан хастагиашро пай бурд. Ӯ чашмонашро нимпӯш карда, бо қаноатмандӣ аз дил мегузаронд, ки бо саъю кӯшиши табибон тифл аз чанголи марг наҷот ёфт. Пас, бо оби сард дасту рӯ шусту хилъаташро кашида, роҳи хонаро пеш гирифт.

Шаҳр кайҳо бедор. Дар кӯчаю хиёбонҳои обпошида ҳаракати одамон намудор. Насими фораме аз гулгаштҳо накҳати абиромез меовард. Раҳгузарҳо, шиносу ношинос ба ӯ салом дода, баъзеҳо аҳвол мепурсиданд. Гурӯҳ-гурӯҳ донишҷӯёни омӯзишгоҳи тиббӣ ба ӯ салом дода мегузаштанд. Қумрӣ ба саломи онҳо алейк гуфта, аввалин рӯзҳои ба остонаи ин донишгоҳ қадам гузоштанашро ёд меоварду дар лабонаш табассум мешукуфт. Эҳ-ҳе, аз он рӯзҳо аллакай хеле вақт гузашт. Даставвал, ҳангоме ки ӯро ба таваллудхона ординатор таъйин карданд,ба худ меандешид, ки оё аз ӯҳдаи ин кор мебаромада бошад? Охир, ҳаёти ду кас, тақдири модар ва тифл дар дасти ӯ хоҳад буд.

– Субҳ бахайр, духтур!

Қумрӣ соҳиби ин овози шиносро зуд шинохт.

– Субҳ бахайр, падар. Наберачаҳо чӣ тавр?

– Шукр, нағз. Аммо бисёр гирёнчак, ҳай дод мезананд, маълум, ки солиманд. Биёед, бинед!

– Ягон рӯз рафта мебинам. Ба модарашон салом расонед.

Қумрӣ бо мард хушбошӣ карду аз дил гузаронд: «Ин ҳӯ, ҳамон Нусратов, шавҳари коргарзани комбинат. Собиқадори ҷанг ва меҳнат. Келинаш Ҳасану Ҳусейн ба дунё овард… Риштаи андешаҳои ӯро аз пешаш баромадани зани

хилъатпӯше, ки барояш модархонд ҳисоб меёфт, ҳамзамон бурид.

– Салом, Мария Андреевна!

– Салом, духтарам!

Қумрӣ ба ин зани хайрхоҳи серғайрат, ки солҳо боз ба ӯ таҷрибаю донишашро ёд медод, воқеаи ҳамоншабаро мухтасар гуфт. Аз ростӣ, воқеаи ғайричашмдоште рӯй дод. Як зан тифле зод, ки резуси хунаш баъди муоина манфӣ баромад. Ин воқиаи ногаҳонии нохуш ҳисоб меёфт. Тамоми коркунони шӯъба ба по хестанд. Ба таъҷил сарвари момодояҳои ҷумҳурият, профессор Саъдинисо Ҳакимова ба ҷои воқиа ҳозирӣ дид. Тадқиқоти дубора ҳам дурустии тахмини аввалаpo ба тасвиб расонд. Тифлакро фаврӣ аз чанголи марг раҳонидан лозим омад. Ҳама барои ҳаёти ӯ мубориза бурданд. Қумрӣ чун мутасаддии асосӣ ба вай хун гузаронд, тамоми шаб аз наздаш дур нарафт. Тифл зинда монд.

Қумрӣ дар охир бо андак шармгинӣ ба устодаш гуфт: «Профессор аз корамон қаноатманд шуд».

– Офарин! – хурсанд гардид Мария Андреевна. – Ту кайҳо ҳамчун духтур ба камол расидаӣ, духтарам.

Рухсораи Қумрӣ лолагун гашт. Вай Мария Андреевна Капелгородскаяро ба хонааш хонд:

– Бегоҳ ба хонаи мо марҳамат, кайҳо боз наомадаед. Як дам сӯҳбат карда, ғубори дил мебарорем.

– Ба чашм, боз як палави равғани зағирдор мепазӣ,– шӯхиомез гуфт Мария Андреевна.

– Барои шумо як не, сад палав мепазам.

Ҳар ду ба ду тараф рафтанд.

Ҳамин вақт субҳи собиқе ба хотири Мария Андреевна расид. Зимистон буд. Ӯ ба сар рӯмол печонда, тугмаҳои болопӯши кӯҳнаашро гузаронда, ба сӯи таваллудхонаи якуми шаҳр мешитофт. Тез-тез қадам мениҳоду шамоли сард барфро ба сару рӯяш мезад. Дар сари роҳ аз карнаи радио хабарҳои охирини Бюрои марказии иттилоотро мешунид. Мария он вақт аз Қумрӣ ҳам хурдтар буд ба синну сол, барои истироҳат вақт намеёфт. Як худаш дӯшбори чандин каси ба ҷабҳа рафтаро мекашид. Ангишт ва ҳезум намерасид: ҳам дар хона, ҳам

дар ҷои кор аз дасти сардӣ азоб. Ба назараш чунин мерасид, ки зимистони қаҳратун поён надорад.

Мария Андреевна аз хаёл мегузаронд, ки кори Қумрӣ ҳам сабук нест, аммо азбаски касбашро дӯст медорад, хастагиро намедонад. Табиб ғайр аз илму дониш, қуввати ҷисмонӣ ва маҳорати касбӣ бояд дили бузург ҳам дошта бошад. Тифли навзод гуфта наметавонад, ки аз куҷояш азоби дард мебинад. Аз ин ҷост душвории кори доя ва модар. Қумрӣ дар тӯли ду-се даҳсола ба чандин ҳазор тифл вазифаи доягиро ба ҷо овард. Вай бо шунидани мароми гиря ва дидани қиёфаи навзодон зуд вазъи ҳоли онҳоро мефаҳмид.Бо сухани пурҳарорат модаронро дилгарму рӯҳбаланд мегардонд. Ба шогирдон, ба табибони оянда таъкид мекард, ки чунин панди Ибни Синоро дар хотир доранд: «Аз як сухан дили беморро метавон захмдор ва аз сухани дигар метавон муолиҷа кард».

Мария Андреевна аз рӯи ваъда ба хонаи ҳамкасбаш омад. Ӯро Қумрию хоҳараш Саъдинисо ва фарзандонаш пешвоз гирифтанд. Рӯи дастархонро анвои нозу неъмат зинат медод. Бӯи нони гарми танӯрӣ ва санбӯсаи алафӣ ба машом мерасид. Мария Андреевна ба анвои меваҷот, сумалаку зардолуоб ва кабудии тару тоза нигарист.

– Эҳ-ҳе, хуб ташвиш кашидаӣ-дия…

– Имшаб соли нави шарқиён медарояд,– гуфт Қумрӣ. – Фардо иди Наврӯз. Дастархони наврӯзиро бояд ҳафт навъи ғизо оро диҳад.

– Ин анъанаи қадимист?

– Бале. Аҷдоди моро одате буд: ба дастархони наврӯзӣ ҳафт навъ ғизо мегузоштанд. Ин рамзи он аст, ки нозу неъмат дар соли нав боз ҳам фаровон гардад.

– Чӣ одати хубе! Насли одамӣ нафъи витаминро аз қадимулайём медонист…

– Дар ин бора аз ҳаёти Ибни Сино ҳикоятест, ки аз фазилати тиб дарак медиҳад,– луқма партофт Саъдинисо.

– Хӯш, шунавем?

– Дар айёми гуруснагӣ ба хонаи Ибни Сино меҳмон меояд. Иттифоқан ҳамон рӯз дар хона нон набуд барои дастархон оростан. Ҳаким ба писараш мефармояд, ки зуд ба осиёб ган-

думро бурда, орд карда биёрад. Агар одам бисёр бошад, ба осиёбон писари кӣ буданашро фаҳмонад, ба ивази гандум орд медиҳад. Писар мераваду баъди мудатте дасти холӣ бармегардад.

– Ордат ку? – мепурсад падар.

– Ба навбат монда, омадам,– мегӯяд писар.

– Магар ба осиёбон нагуфтӣ, ки писари кистӣ?

– Гуфтам. Ӯ маро ба хонааш доровард, зиёфат доду вақти бозгаштам гуфт, ки «гандумро мону рав, осиё ба навбаташ».

– Писарам, эҳтимол кӣ буданатро дуруст нафаҳмондаӣ.

– Фаҳмондам. Аммо вай боз ҳамон гапро батакрор овард.

– Исто, ки дар рӯи дастархонаш аз ғизовор чӣ зиёдтар ба назар мерасид?

– Дар рӯи дастархонаш тамоми навъи меваҷотро дидам.

– Ана, барои чӣ осиёбон нагирифтааст гапатро. Аз ҳамаи меваҳо, ки дошта бошад, кораш ба табиб намеафтад. Шахсе, ки аз ҳамаи анвои меваҷот истеъмол кунад, беморӣ намебинад…

Саъдинисо ба гуфтани ҳикояти дигар гузашт.

Баъди фурсате Қумрӣ дар табақи лангарии сафолин палави сурх оварду рӯи миз гузошт, ки ҳавраш мебаромад. Бӯйи оши равғани зағир ва кабоби токӣ хонаро фаро гирифт.

Дӯстони ҳамкасб баъди сарфи хӯрок аз ҷаҳоннамо сурудҳои наврӯзӣ шуниданд. Пас худашон ба замзамаи суруд пардохтанд. Мавлуда – духтари апаи Қумрӣ, ки ӯ ҳам табиб аст, саровози онҳоро гирифт. Сонӣ Қумрӣ аз Саъдинисо пурсид, ки вақтҳои дар Кӯлоб буданашонро ҳикоя кунад. Ёд оварданд, ки чӣ хел соли 1944, вақте ки Саъдинисо баъди хатми донишгоҳ дар Кӯлоб кор мекард, дар таваллудхона катҳо холӣ меистоданд. Модарон ба дояҳои аз кӯчаи тиб нагузашта рӯ меоварданд. Қумрии донишҷӯ дар назди хоҳараш таҷриба меомӯхт. «Бо ҳар роҳе, ки бошад, занҳоро ба духтур одат кунондан лозим» мегуфт Саъдинисо. Боре ҳангоми ҳамин гуна ташвиқот бо пиразани кӯҳнапарасте гапи хоҳарон гурехт. Саъдинисо гуфт, ки духтари ҳомилаи пиразанро ҳатман ба таваллудхона баранд, зеро вазъаш мӯътадил нест…

– Духтарам бе ёрии духтур ҳам мезояд,– якравӣ мекард пи-

разан. – Худам ҳам дар ҷавонӣ бо мадади момодояи маҳалла сабукӣ меёфтам...

– Очаҷон, он вақтҳо шароит дигар буд. Ҳукумат таваллудхонаҳо сохт, кори духтурҳо бепул…

– Хайр, худи туя модарат дар куҷо зоидагӣ?

– Оча, гӯш кунед! Хоҳед, ки ҷони духтаратон ба хушӣ раҳо ёбад, ба таваллудхона мебаред, вассалом.

Баъди як ҳафта кампир ҳарсосзанон ба назди Саъдинисо омад.

– Ҳа, чӣ гап?

– Ёрӣ деҳ! Зудтар! Духтарам зоида натавониста…

Ҷои таъхир кардан набуд. Шитобон духтари кампирро ба таваллудхона оварданд. Хатари ҷиддие ба сари зани ҷавон таҳдид дошт. Хунаш якзайл мерафт. Қумрӣ ҳамон вақт нахустин бор дид, ки чӣ хел хоҳараш зани дуҷонро ҷарроҳӣ карда, тифлро аз батнаш берун овард.

Кампир ашкрезон барои баҳси дирӯзааш маъзарат хост.

– Аз шумо як хоҳиш,– гуфт Саъдинисо,– минбаъд ташвиқ кунед, ки занҳои ҳомила ба таваллудхона биёянд. Пеш одамон пули бисёр сарф карда, табиби «балогардон» кофта, ба мазорҳо назру ниёз мебурданд, аммо аз дуою тӯмор сиҳҳат намеёфтанд. Шукр, акнун табиб ҳам ҳасту шароит ҳам…

Модарон оҳиста-оҳиста ба таваллудхона меомаданд. Ин ба дили хоҳарон қувват мебахшид. Солҳо мегузашту инсон ва сарнавишти ӯ дигаргун мегашт. Акнун мардум ҳаёташонро бе хизмати муассисаҳои тиббӣ тасаввур карда наметавонистанд.

…Қумрӣ дар понздаҳсолагӣ аз остони мактаби тайёрии тиббӣ ва омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Конибодом гузашта буд. Фаъолияти меҳнатиаш соли 1941 аз омӯзгории синфҳои ибтидоии мактаби деҳа оғоз ёфт. Сониян боз аз паи донишандӯзӣ рафт. Солҳои 1953-59 дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон таҳсил кард ӯ. Баъди ду соли таҷрибаомӯзӣ дар ординатураи клиникии бахши акушерию гинекологӣ соли 1961 ба аспирантураи Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил гардид. Чаҳор соли умрашро аз паи тадқиқу таҳқиқ гузаронд. Рисолаи номзадии ӯ «Баъзе хусусиятҳои мубодилаи сафеда дар батни модар ва насл

ҳангоми ба камхунӣ гирифтор шудани зани ҳомила» қимати баланди назариявию амалӣ дошта, барои муҳофизони саломатии модару кӯдак ҳамчун дастурамал қарор гирифт. Муаллиф исбот кард, ки бемории камхунӣ аз камии оҳан дар таркиби ғизо, аз тез-тез зоидан ва ирсият ба амал меояд. Агар модар камхун бошад, тифл заифу наҳиф ба дунё меояд ва ба қадри зарурӣ инкишоф намеёбад.Камхунӣ аксаран боиси исқоти ҳамл мегардад, ҳатто баъзан безурриётиро ба вуҷуд меоварад. Қумрӣ Ҳакимова бисёр занҳоро аз чанголи ин беморӣ вораҳонд. Ба ақидаи ӯ: беҳтарин чораи табобати камхунии занҳо баъди ҳар се сол як бор таваллуд кардан аст…

Таваллудхонаи якуми шаҳри Душанбе, ки дар он дотсент Қумрӣ Ҳакимова кор мекард, аз аввалин ва калонтарин муассисаи тиббии Тоҷикистон ҳисоб меёбад. Бисёр занҳо худ дар ҳамин ҷо таваллуд шудаанду наберaҳояшон ҳам дар ҳамин ҷо ба дунё омадаанд. Дар шӯъбаҳои гуногуни зоишгоҳ ғайр аз амрози занона, инчунин табобати бемориҳои баландшавии фишори хун, камхунӣ, иллати дилу гурда дар вақти ҳамл ва ғайра сурат мегирад.

Қумрӣ Ҳакимова дар ин ҷо беҳтарин лаҳзаҳои умрашро гузаронда, илмро ба амал мепайваст. Ба назди ӯ занҳои ҷӯёи ҳар давое меомаданду маслиҳат мегирифтанд. Охир, гинекологҳо рӯҳи занҳоро беҳтар аз худи онҳо медонанд. Онҳоянд, ки ташхиси дарди занҳоро аниқ карда, банд аз банди вуҷудашонро омӯхта, ба дилашон қуввату умед мебахшанд.Қумрӣ Ҳакимова дар ҷустуҷӯи сабабҳои безурриётӣ, ки мураккабтарин бемории занона аст, басе шабҳоро ба рӯз мебурд. Як вақтҳо аксар одамон безурриётиро фармудаи тақдир richиста, ба табобаташ намекӯшиданд. Аммо акнун ин муаммои сарбаста нест, илми тиб роҳҳои гуногуни табобати онро медонад.

Дар рӯи мизи кории ӯ номаҳоеро медидем, ки аз занҳои гуногункасб омадаанд. «Дар хонадони мо тамоми шароит муҳайёст,– менавишт зане. – Ману шавҳарам зиндагии хуб ба сар мебарем, якдигарро ҳурмат мекунем, аммо фарзанд надорем. Агар бефарзанд монем, намедонам оқибати зиндагиамон чӣ мешавад?»Зани дигаре менавишт, ки «аз бефарзандӣ хуни

дил мехӯрам, солҳо боз дар интизори фарзандам, аммо бахт ба рӯям намехандад. Чӣ илоҷу чӣ чора? Ба ёрии шумо мӯҳтоҷам»…

Ҳакимова вақти ба мактубҳо ҷавоб навиштан ташвишу изтироби занҳои безурриётро ба хубӣ эҳсос мекард. Бо мақсади ба онҳо мадад расондан кори нави илмии худ – масъалаҳои камхунии ирсиро давом медод.

… Дар Тоҷикистони имрӯзаи мо, дар диёре, ки решаҳои илми тиб ба қаъри асрҳо расида ва дар ин соҳа олимону донишмандони зиёде ба майдон омадаанд, солҳои тӯлонӣ модар бо ёрии тасодуфдояе зоида, ба маризе гирифтор мешуд. Тифл аксар вақт заифу нотавон ба дунё омада, умри дароз намедид. Зоишот гӯё аз рӯзи аввал ба қазову қадар вобаста буд. Танҳо саводнокии мардум ва талошҳои аҳли тиб барои офияти модару кӯдак роҳ кушод.

Кунун ба даргоҳи таваллудхонаҳои ҷумҳурӣ занҳо бо умед қадам ниҳода, таҳти назорати дояҳои соҳибтаҷриба қарор мегиранд. Фарзанди яке аз ҳамин гуна занҳо ба Қумрӣ Ҳакимова навиштааст: «… Шуморо аз рӯи гуфтаҳои модарам ғоибона мешиносам. Шумо дояи ман ҳастед. Соли 1959, вақте ки ман ба дунё омадаам, таркиби хунам аломати хавфнок доштааст. Шумо шаби дароз ба ман хун гузаронда, барои ҳаётам мубориза мебурдед. Ҳоло ман соҳиби маълумоти олӣ ҳастам. Модарам аз шумо ва хоҳаратон, ки он вақт боиси зинда мондани ман шудаед, ҳамеша миннатдоранд. Шуморо ба муносибати Рӯзи касбии кормандони тибби Тоҷикистон табрику таҳният мегӯям. Наҷиба Наимова».

Саҳифаҳои дафтари умри Қумрӣ Ҳакимова–собиқ дотсенти кафедраи акушерию гинекологии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино пур аз ҳамин гуна сатрҳои самимист. Ин табиби ҳозиқ аз пизишки одӣ то ба корманди аршади илмии шӯъбаи патологияи донишгоҳ ва мудирии шӯъбаи клиникӣ-гинекологии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии муҳофизати зан ва кӯдак роҳи ибратомӯзеро паймуда, ба мартабаи воло расид. Аз пушти меҳнати босамараш соҳиби нишони «Аълочии тандурустии СССР» (1976), унвони Духтури хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон (1986) гардид

ва аз авохири асри бист нафақахӯри шахсӣ барои хизматҳои махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Оре, аз пайи пешаи хеш нони ҳалол хӯрдану бо номи нек зистан мукофоти олии тақдир аст ба инсон.

## ДАРДРО ҲАМДАРД ДОНАД

Боре шоир Муҳиддин Фарҳат ба табиби ҳозиқ Наримон Қобилӣ ривояте овард:

– Дар яке аз ноҳияҳои Тоҷикистон пирамарде гирифтори бемории абрас мезист. Вай се писару як духтар дошт. Ҳарчанд абрас сироятӣ нест, аксар афроди одамиён аз ӯ худро дур мегирифтанд: ба маъракаҳо намехонданд, дар вохӯриҳо даст намедоданд, дар ҳамнишинӣ аз дасти ӯ пиёлаи чой намегирифтанд. Ҳатто ба хостгории духтари ягонааш касе намеомад. Азияти рӯҳии пирамард боло гирифт ва ба дараҷае расид, ки рӯзе писаронашро ба наздаш шинонда, маъюсона гуфт: «Фарзандонам, шумо медонед, ки ба дарди ман на табибони халқӣ даво ёфтанд, на пизишкони давлатӣ. Замин сахту осмон баланд. Акнун бояд боқии умрамро дар ягон мавзеи дур гузаронам, ки он ҷо касе маро нашиносад. Аз шумо хоҳиш: ҳар сеятон барои ман ҳазор сӯмӣ пул диҳед. Ин маблағро барои роҳпулӣ ва дарёфти қути лоямут сарф мекунам…»

Писарон чун диданд, ки азми падар қатъист, хоҳишашро ба ҷо оварданд ва ӯ ба сафар баромад. Аммо боз ноомади корашро дид. Дар роҳ ба дасти duздон афтод. Пулу либосашро кашида гирифтанду дасташро бастанд, ба даҳонаш латтапорае андохта, лагадкӯбон ба найзоре бурда партофтанд. Пирамардро найдаравҳо тасодуфан ёфтанду ба деҳа оварданд. Бадани ӯ аз зарби неши пашшаву хомӯшакҳо сахт варамида буд. Ранҷурро ба табобатхона хобонданд. Баъди як моҳи муолиҷа на фақат варами бадан, балки доғҳои сафеди пӯсташ ҳам барҳам хӯрд. Ин чӣ асрорест, ки ҳатто табибонро ҳам ба ҳайрат овард?

Фарҳат ба мусоҳибаш саволомез нигарист:

– Сабаби шифо ёфтани пирамардро равшан кардан муҳол аст,– посух дод Наримон Қобилӣ. – Шояд ба ин давоёбӣ за-

хми неши ҳашароти найистон ва ё он авзои сакта, ки пир чанд муддат гирифтораш буд, сабабе бошад. Аммо он қисмати ривоят, ки сухан аз боби ҳазар меравад, аз ҳақиқат дур нест. Маълум, ки аксари аҳолии Осиёи Миёна аз гирифторони абрас ҳазар доранд. Аслан эҳтироз (парҳез, канорагирӣ) аз диди илми тиб асосе надорад, зеро абрас аз касе ба касе намегузарад. Дар Урупо ба ин зуҳурот назари дигар доранд, онро ҳамчун нуқси пӯст медонанд. Аз ин беморӣ ҳазар кардан норавост.

– Мардум ҳамин нуктаро медонанд, вале, таассуф, ки баръакс амал мекунанд,– гуфт Фарҳат.

Табиб ривоятро мухтасар дар дафтарчааш навишт. Фарҳат, ки аз сарнавишти калимаҳо бисёр баҳс мекард, дар хусуси номҳои гуногуни ин бемории пӯст мулоҳизаи ӯро донистан хост.

– Дар тибби ҷаҳонӣ песро «витилиго» меноманд,– посух дод Қобилӣ.

– Дар чанд рисолаи қадимаи шарқӣ «абрас» навиштаанд,– китоби хотироташро варақ зад Фарҳат. – Медонед, шакли дигари ин истилоҳ «барас» аст. «Абрас» ва «барас»-ро маъмул кардан лозим. Бояд ин нуқси пӯст фанопазир бошад. Ибни Сино ҳамаи дардҳоро муолиҷа карда, танҳо илоҷи аҷалро наёфт: «Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал?» Шумо, Наримонҷон, ҳамчун мутахассис, доир ба роҳҳои муолиҷаи ин дард мақолае навишта, дар матбуот мунташир гардонед, эҳтиёҷмандон дар ҳаққатон дуои хайр мегӯянд. Ҳамон нишондодатонро мукаммалтар ба рӯи коғаз биёред…

Яке аз шиносҳои Фарҳат аз бемории абрас азият кашида, худро аз мардум канор мегирифт. Табибон чандон ки муолиҷа карданд, муфид наафтод. Фарҳат чанд бор гуфт, ки ӯро барои маслиҳат назди Қобилӣ барад, вале бемор намехост. Мешармид. Пас Фарҳат ҳар боре, ки бо ӯ рӯ ба рӯ ояд, байти Ҳакими Тӯсиро мехонд:

*Ҳар он кас, ки пӯшид дард аз пизишк,*
*Зи мижгон фурӯ рехт хунин сиришк.*

Сипас шоир ин воқиаро ба Қобилӣ фаҳмонд. Олим дарҳол қаламу коғаз гирифту барои бемор чанд ҷумла навишт: «Пес,

абрас, барас, витилиго. Бемории рӯи пӯст. Шукуфа. Вайроншавии пигментатсияи пӯст, ки дар он моддаи рангдиҳандаи қисмҳои алоҳидаи пӯст барҳам мехӯрад. Аввал дар рӯи пӯст доғҳои сафеди гуногуншакл пайдо шуда, минбаъд ҳаҷман меафзояд ва бо ҳам даромехта, қисми зиёди баданро фаро мегирад. Сипас мӯи ҷои осебдидаи пӯст сафед мешавад. Гирифтори ин беморӣ дардро ҳис намекунад.

Муолиҷа: истифодаи нурҳои ултрабунафш ва доруҳое, ки ҳассосияти пӯстро нисбат ба нурҳои ултрабунафш меафзоянд».

Фарҳат ба ҳамин мактубчаи Қобилӣ ишоратан ҳарф мезаду ӯро ба навиштани мақола ташвиқ мекард.

– Ман фикрамро нависам, шумо таҳрирашро ба зимма мегиред?

– Забон ва тарзи баёни худатон бад не, шояд дар истилоҳсозӣ ҳамкорӣ намоем.

– Аслан, акаи Муҳиддин, щоирон ҳам табибмизоҷанд, бо таъсири сухан ба дарди кас даво мебахшанд. Ибни Сино мефармуд, ки агар табиб нармгуфтору гармрафтор набошад, дар муолиҷа дармемонад. Яъне ҳар ду ҳамдардем. Дардро ҳамдард донад…

Фарҳат аз мусоҳибаш пурсид, ки чанд навъи беморӣ ҳаст?

– Дар маҷаллае хонда будам, ки тақрибан 1500 навъи беморӣ ҳаст,– посух дод олим.

– Агар аз ин қадар мараз илоҷи як-дутояшро ёбеду аз кашфиёти шумо баҳра баранд, ҳакими хушбахт хоҳед буд. Илоҷи абрасро бояд ёфт…

Вале Фарҳат каме бемор шуду банохост аз олам даргузашт. Наримон Қобилӣ дертар мақолаи зеринро ба табъ расониду рӯҳи ӯро шод гардонд (Азбаски ба эҳтиёҷмандон муфид аст, мукаммал оварданашро савоб донистам): «Дар натиҷаи барҳам хӯрдани пигмент (донаҳои гандумранге, ки меланин ном доранд) дар пӯсти одам доғҳои сафеди хурду калон ва гуногуншакл пайдо мешаванд. Сабаби пайдоиши ин бемориро алҳол пурра наомӯхтаанд. Олимон чунин мепиндоранд, ки дар инкишофи пес ихтилоли кори низоми асаб ва ғадудҳо нақши асосӣ мебозанд. Мувофиқи ақидаи олими мисрӣ Ал-

Муфтӣ абрас нуқси танҳо хоси пӯст набуда, аломати бемориҳои дарунӣ (масалан, амрози қанд) ва ғайра мебошад. Тадқиқоту муоинаи ҷарроҳон аз сирф иллати пӯст набудани абрас шаҳодат медиҳанд. Онҳо як пора пӯсти пигментнадошта, яъне сафедро ба ҷои солим ва як пораи пӯсти солимро ба ҷои иллатноки бадан гузошта дӯхтанд.Баъди чанде пӯсти сафед ранги солимро гирифт (гандумранг шуд), пораи пӯсти солим сафед гашт.

Имконияти ирсӣ ва ғайриирсӣ (ҳангоми истеҳсоли зифтҳои синтезӣ) будани бемории абрас дар рисолаҳои тиббия ва маъхазҳои илмӣ баён гардидаанд. Доғҳои абрас маҳдуд, мунташир (паҳнгардида) ва дутарафа (дар паҳлуҳои росту чап, дар як ҷои ҳар ду по ё даст) пайдо мешаванд. Абрас фақат як навъи лойкодерма (лойко-сафед, дерма-пӯст) буда, онро аз ҳафт навъи дигари лойкодерма бояд фарқ кард. Донистани ин фарқ, пеш аз ҳама, вазифаи мутахассисони бемориҳои пӯст аст. Ҳангоми гирифтории ин беморӣ микдору масоҳати доғи сафеди пӯст батадриҷ меафзояд. Агар дар ҳудуди доғи сафед мӯй ҷойгир бошад, он ҳам ранги муқаррариашро гум мекунад. Одатан, абрас ба вазъи умумии буня (организм) таъсири ҷиддӣ намерасонад. Аммо доғҳои сафед дар ҳар ҷои аъзои пайкар, хусусан агар дар сару рӯю гардан ва дасту по воқеъ бошанд, боиси азоби руҳӣ мешаванд.

Тибби муосир барои табобати абрас бисёр воситаи давоӣ (масалан, фотосенсибилизаторҳо – моддаҳое, ки ҳассосияти пӯстро ба таъсири нури ултрабунафш афзун мегардонанд), физиотерапевтӣ (шуои лазер ва ғайра)-ро пешниҳод кардааст. Мутаассифона, алҳол илм ба муолиҷаи абрас ба таври куллӣ муваффақ нашудааст. Бо вуҷуди он, муроҷиати бархе аз мубталоёни абрас ба табибтарошон норавост, зеро онҳо ба ғайр аз ӯҳдаи табобат набаромадан боз зарар ҳам мерасонанд (беморӣ кӯҳна мешавад). Ба ақидаи муаллифи ин сатрҳо, табобати барас ниҳоят мушкил, аммо имконпазир аст. Тибби қадимаи шарқӣ ба ташхисот ва муолиҷоти барас саҳми арзанда дошт. Барои тасдиқи ин ақида ду иқтибос меорам. Яке: «Давое, ки барасро дар ду рӯз дур намояд: бигиранд море ва бишикофанд. Шоҳтараи (гиёҳи худрӯи талхмазае, ки хосияти давоӣ

дорад) тар ё хушк дар шикамаш пур карда бидӯзанд ва ба рӯи оташ кабоб кунанд, то пазад. Пас шоҳтарароро бароварда, бар мавзеи барас зимод (марҳам) намоянд». (Аз «Ал-Қонун»-и Абӯалии Сино, ҷилди 4 ва «Иҷолаи нофеъ»-и Ҳаким Муҳаммадшарифхони Деҳлавӣ). Дигаре: «Агар сӯзан дар доғ фурӯ баранд ва ба ҷои хун рутубати сафед барояд ва он мавқеъ аз молидан сурх нашавад ва мӯйи он ҷо сафед гардад, барас илоҷпазир набувад» (Аз «Қарободини аъзам ва акмал»-и Муҳаммад Акмалхон).

Инчунин тибби қадим мефармояд: «Тухми морро бо сирко ва танакор соида, ба доғи пес бимоланд, онро рафъ мекунад.Пӯсти морро сӯхта, бо навшодир омехта банданд, доғҳои сафеди пӯстро рафъ мекунад, ҳамчунин дигар доғҳоро аз пӯст мебарад».

Аз чунин андешаи пешиниён бармеояд, ки ин бемори даво ҳам доштаасту мӯҳлати илоҷ ҳам. Ташхиси саҳеҳ ва саривақтӣ шарти тадовии бомуваффақият аст. Гузаштагон барои фаҳмидани пес ё махав будани доғ сӯзанзаниро ҳам истифода мебурданд.

Аз дастнавису рисолаҳои тибби форсу тоҷик қариб сад номгӯй доруворero, ки аз рустанӣ, ҳайвоноту моддаҳои минералӣ тайёр кардаанд ва барои табобати барас тавсия шудаанд, метавон дарёфт. Баъзеи онҳоро ном мебарем: пӯсти мор, хуни муш, мағзи сари зоғи сиёҳ, афшурдаи мӯрчаҳои калон, зардчӯба, пӯсти дарахти ҳалила ва балила, гули савсан, гули шақоиқи Нӯъмон, сезоб, қанди сиёҳ ва ғайра.

Ҳазор афсӯс, ки алҳол ягон муассисаи тадқиқоти илмӣ тавсияҳои илми қадимаро оид ба муолиҷаи барас амиқ наомӯхта ва аз сарвати беҳамтои илму фарҳанги ниёгон баҳраманд нашудааст. Дар ин боб кӯшишҳои шахсони алоҳида маълуманд, аммо ин кам аст. Агар аз тибби қадима якчанд доруи муфидро интихоб карда, бо тавсияҳои тибби замонавӣ муштарак истифода барем, шояд мушкилоти муолиҷаи абрас осон гардад.

Ба шахсоне, ки дар ҷойҳои ба чашм намоёни ҷисми худ доғҳои сафед доранду роҳи табобату рафъи онҳоро намедонанд, тавсияи зерин муфид аст: 1. Муваққат доғҳоро бо упои

махсуси гандумранг рӯпӯш кардан. 2. Агар гулу барг ва шохаҳои ҳиноро реза карда, ба доғҳои сафеди пӯст 8-12 соат бандед, ранги пӯст дар давоми якчанд рӯз дигаргун мешавад. 3. Аз маводи кимиёвие, ки дигидрооксиасетон ном дорад, маҳлули 50,60,70 фоиза тайёр карда, ба доғҳо бимолед, пӯст якчанд рӯз гандумранг мемонад (Маҷаллаи «Занони Тоҷикистон», № 9, 1988).

Ногуфта намонад, ки муаллифи ин маслиҳатҳои муфид доктори илми тиб Наримон Қобилӣ тавассути матбуоти ҷумҳурӣ таваҷҷӯҳи олимону табибонро борҳо ба ин масъала ҷалб сохта, ҳамзамон даъват дошт, ки қодирон дар ин ҷода камари ҳимматро сахттар бубанданд ва бозёфтҳои илми гузаштаро амиқтар омӯхта, роҳи илоҷи бемории мазкурро дарёбанд. Умед аст, ки муҳаққиқони тозакор ба ин мақсад ноил мегарданд.

Ҳамсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассиси тавонои фармокология ва физиология Наримон Қобилӣ дар маҳаллаи Тангаки шаҳри Конибодом ба дунё омада, ба олами дониш роҳ ёфт. Соли 1952 баъди хатми факултаи муолиҷавии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон муддате чанд дар худи ҳамин муассиса озмоишкор ва ёвар буд. Пас аз хатми аспирантура ва ҳимояи рисолаи номзадӣ соли 1972 дар мавзӯи «Бедардгардонии муқаввӣ дар дандонпизишкӣ» рисолаи докторӣ дифоъ кард (ин асар ба тадқиқгарони дардҳои даҳан раҳнамои хубест). Аз он айём ӯ гоҳ дар Душанбе, гоҳ дар Москва вазифаҳои гуногунро ба ҷо меовард. Беш аз даҳ сол мудири шӯъбаи фармаакологияи донишгоҳи марказии тадқиқоти илмии стоматологияи шаҳри Москва буд. Аз соли 1982 мудири шӯъбаи химия, биология ва тиббияи Энсиклопедияи Советии Тоҷикро ба ӯҳда дошт. Дар саҳифаҳои ин қомуси миллат ҳосили дастранҷи ӯ бисёранд.

Наримон Қобилӣ оид ба фармакологияи моддаҳои химиотерапевтӣ, моддаҳои фаъоли физиологие, ки аз рустаниҳо гирифта шудаанд, доруҳои таскинбахш, физиологияи ҳисси дард ва ғайра бисёр тадқиқоти илмӣ мебурд. Вай муаллифи бештар аз 75 асари илмӣ буд, ки дар бораи яке аз онҳо – табобати бемории абрас муфассал сухан рондем.

Асарҳои илмии ӯ «Гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон» (1961), «Муолиҷаи амрози дандон» (1966), «Тавсифи физиологии баъзе навъҳои варзиш» (1980) ва ғайра дорои аҳамияти бузурги тиббию табобатӣ мебошанд.

Аҳли тибби тоҷик дар симои Қобилӣ ҳомию муттакои муқтадири худро медиданд, чаро ки дили ӯ ба дардмандон месӯхт ва ҳакимони асили мардумиро ҳимоят мекард. Аз донишмандони тиб нахуст касе, ки мураттиби луғати тафсирии «Хазинаи тибби қадим» Ҳомид Зоҳидро дастгириву раҳбаладӣ карда, фарҳангномаи ӯро чун муҳаррири масъул таҳрир намудааст, ҳамин Қобилии хушқобилият буд.

Дар қаламрави Тоҷикистон чанд тан табибони халқӣ нияти муолиҷаи дардмандон доштанд. Дар давраи рукуд ва барҷомондагӣ фаъолияти онҳо таҳти таъқибот буд. Бозсозӣ шароите ба вуҷуд овард, ки мардум табибони худро бишносанд. Номи муолиҷагарони мардумӣ Насриддиншоҳи Ҷалолӣ, Ҳомид Зоҳид, Анвар Исомаддин, Абулқосим Қаҳҳоров ва дигарон вирди забонҳо гашт. Бо вуҷуди ин, иддае аз афроди илми тиб ба муқобили табибони халқӣ муборизаи беамон мебурданд. Масалаи будан ё набудани муолиҷагарони халқӣ ба миён меомад. Наримон Қобилӣ ба ҳимояи онҳо ва дар зимни ин ба эҳёи тибби мардумӣ сахт камар баст. Дар саҳифаҳои матбуоти давр, дар радио ва телевизиони тоҷик ба таъсиси «мизҳои мудаввар» машғул гардид… Ба ҳамфикрони Қобилӣ муяссар шуд, ки ба мақомоти олии вазорати тандурустии ҷумҳурият моҳияти ин масъалаи ҳаётан муҳимро фаҳмонанд. Натиҷаи ҳамин талошҳо буд, ки фаъолияти табибони мардумӣ ҳукми расмият гирифт ва онҳо дар табобати эҳтиёҷмандон бо дасту дили гарм ҷаҳду ҷадал намуданд.

Афсӯс, ки дили ин олими боистеъдод, фармаколог ва физиолог дар 65-солагиаш аз тапиш монд. Дар расми видои ӯ докторони илми тиб, дӯстон ва ҳампешагонаш Ёқуб Тоҷиев, Фозил Абдураҳмонов, Мухтор Муродов, Турсун Тӯхтаев, Тоҷӣ Холиқов гуфтанд, ки марги чунин донишманд барои илми тиб талафоти гарон аст.

## ТАБИБИ ИСАВИҲУШ

Дар деҳаи Хамиҷӯи ноҳияи Конибодом касе набуд, ки амаки Муроди деҳқонзодаро нашиносад. Ин марди нексиришт панҷ писару як духтар дошт. Писарҳо Аскару Маҳмуд, Мухтору Усмон ва Мирзо ҳунарҳои гуногунро омӯхта, аз паи пеша нони ҳалол мехӯрданд.

Мухтор ҳар рӯз аз деҳа ба шаҳр омада, дар мактаб-интернати ба номи Наримонов сабақ меомӯхт. Роҳаш ҳатман аз маҳаллаи мо – Гумбазӣ мегузашт. Аз ҳамон айём бо ҳам шиносой доштем. Нимаи солҳои панҷоҳум шавқи омӯзиши илму адаб моро ба Душанбе овард. Ӯ ба донишкадаи тиббӣ дохил шуд, ман ба донишкадаи омӯзгорӣ. Ҳар ду бо ниятҳои нек талошу такопӯ доштем. Ҳар сол дар таътил ҳамроҳ азми дидани зодгоҳ мекардем. Рӯзе дар истгоҳи роҳи оҳан ҳангоми чипта харидан шиносномаи ӯ ба дастам афтод. Маълум шуд, ки Мухтор бистуми феврали соли 1936 ба дунё омадааст.

– Ҳар ду ҳамсол будаем-ку, ҷӯра,– гуфтам ба ӯ.

– Дар як моҳ пасу пеш таваллуд шудаем,–посух дод ӯ низ ба шиносномаи ман чашм давонда. – Шумо аз ман даҳ рӯз калон будаед.

– Бале, минбаъд маро ако гӯед,– шӯхиомез афзудам.

Ҳар ду хандидему аз зодрӯзи якдигар воқиф шудем. Айёми пурташвиши илмомӯзӣ чун нафаси гарми баҳор тез гузашт.

Мухтор Донишкадаи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хатм карда, дар оғӯши он ба фаъолият пардохт. Ӯ шабу рӯз бо маризон сару кор дошт. Бисёр китоб хонда, дониши худро аз лиҳози илмӣ ва амалӣ тақвият медод. Дере нагузашта якчанд соҳаи илми тиброфаро гирифт. Аз ҷумла, ӯ ба танвим (ҳушбарӣ, наркоз) ҷиддан машғул шуд. Қариб ягон ҷарроҳӣ бе ширкати ӯ намегузашт. Пеш аз амалиёти ҷарроҳӣ беморро наркоз дода, беҳис мегардонд, пас аз амалиёт чун мариз ба ҳуш ояду дардаш боло гирад, боз давои таскинбахш медод. Тақдири ҳар дардманде, ки бояд ҷарроҳӣ шавад, гӯё дар дасти Мухтор буд. Ҷарроҳи ҳозиқ Комил Тоҷиев ба ӯ ҳар бор таъкид мекард:

– Ҳушёр бош, писар. Меъёри асосиро нигоҳ дор. Агар зиёд

наркоз диҳӣ, бар зарари бемор аст, кам наркоз диҳӣ, бемор азоб мекашад…

Мухтор бо сарпарастии устодаш табиати табобатии наркозро амиқан омӯхт. Он вақтҳо нафъи наркозро на ҳар кас сарфаҳм мерафт.

Як рӯз Комил Тоҷиев ду байти Низомии Ганҷавиро, ки дар коғазпорае бо хати хоно навишта шуда буд, ба Мухтори Мурод доду гуфт:

– Ин шеърро ба ман Шарифҷон Ҳусейнзода дод. Ман аз ёд кардам. Ту ҳам дар хотират нигаҳ дор. Инро дар лавҳе бо хати ҷалӣ (хоно) сабт гардон ва дар дарсхона зада мон.

Мухтор коғазро аз дасти устодаш гирифту шеърро хонд:

*Ташреҳи ниҳоди худ даромӯз,*
*К-ин маърифатест хотирафрӯз…*
*Мебош табиби исавиҳуш,*
*Аммо на табиби одамикуш!*

– Медонӣ, Мухторҷон, дар ин шеър ду чизи бисёр муҳим ҳаст,– таъкид кард Тоҷиев. – Якум, шоир истилоҳи «ташреҳ»-ро ба маънои анатомия кор бурдааст, ки инро на ҳар тоҷики босавод медонад. Дувум, шоир орзу кардааст, ки ҳар як табиб бояд исавиҳуш бошад. Дар адабиёти гузаштаи мо ибораи «мӯъҷизаи исавӣ» бисёр вомехӯрад. Исо, чунон ки медонем, асосгузори дини насронист. Мӯъҷизаи Исо гӯё аз эҳё кардан, зинда гардондани мурдагон иборат будааст.

– Устод, пири маънавии мо Ибни Сино асрори басе мушкилотро кушуда, танҳо дар кушудани банди аҷал оҷиз мондааст.

– Бале, зинда гардондани мурда дар хобу хаёл ва афсонаҳо дида мешавад,– гуфт Тоҷиев. – Вале ҳаким Низомӣ орзу дошт пизишкон ҳамеша дақиққор бошанд, сари вақт ба табобати бемор расида, дар ташхису муолиҷа хато накунанд. Оё медонӣ, ки ин шеър ба кори ту чӣ алоқаи мустақим дорад? Ту пеш аз ҷарроҳӣ беморро бо наркоз карахту беҳуш мегардонӣ, бемор гӯё як мемираду боз зинда мешавад. Ана, ҳамин хел табибро «исавиҳуш» меноманд. Илоҳо, ту ҳам Исонафас шавӣ!

– Ё пирам, мададе! Дуоят мустаҷоб бод, устод!

Баъдан Мухтори Мурод тамоми ҳастиашро ба рушду равнақи илми тахдиршиносӣ (анестезиология) бахшид. Маълум аст, ки ин илм дар тибби тоҷик падидаи навест. Дар тибби мардумӣ дар тӯли асрҳо усулҳои одии карахткунӣ (бо роҳи нашъамандӣ, шаробнӯшӣ, истеъмоли дармона) истифода бурда мешуд. Тахдиршиносӣ ҳамчун илм ба васеъ ҷорӣ кардани воситаю усулҳо ва адвиёти муассири мадҳушкунии умумӣ – наркоз, пеш аз ҳама, ба истифодаи эфир дар амалияи ҷарроҳӣ роҳи васеъ кушод. Ин илм ба табибон имконият дод, ки мураккабтарин амалиёти ҷарроҳиро бомуваффақият гузаронда, барои тезтар аз байн рафтани осори амали ҷарроҳӣ ва шифо ёфтани аъзову аҷзои тан шароити мусоид муҳайё кунанд…

Табиби нозуксанҷ Мухтори Мурод соли 1965 дар мавзӯи «Карахт ва безарар гардонидани ҷарроҳии шаклҳои пӯшидаи сили шуш» рисолаи номзадӣ дифоъ кард. Вай панҷ сол дар кафедраи амрози сил омӯзгорӣ карда, ҳамроҳи шогирдонаш барои рафъи ин касалии бисёр хавфнок, ки бештар дар шуш пайдо мешавад, мубориза мебурд. Сонӣ ӯ ба ҳайси дотсенти ҷарроҳии умумӣ ифои вазифа мекард.

Мухтори Муродро асрори тахдиршиносӣ, муаммоҳои карахту беҳис кардани бадани бемор ором намегузошт. Ниҳоят, ӯ соле 1970 пас аз заҳматҳои зиёд ба мурод расид: таҳти роҳбарии академик Комил Тоҷиев ва доктори илми тиб, профессор А.И.Прешинский (аз Киев) рисолаи докторӣ дифоъ кард. Ба кори пурарзиши доктории ӯ «Пайдоиш, пешгирӣ ва муолиҷаи найчаҳои варамидаи шуш ва табобати беморони сил, ки шушашон ҷарроҳӣ шудааст» мутахассисони муқтадир баҳои баланд доданд.

Соли 1974 унвони профессорӣ насиби Мухтори Мурод гардид. Аз ҳамон вақт ӯ дар кафедраи тахдиршиносӣ ва иншори Донишкадаи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино мудир ва ҳамзамон (аз соли 1977 то соли 1985) дар шӯъбаи такмили ихтисос декан буд. Сабақҳои нотакрори ӯ табибони таҷрибаомӯзро ба фатҳи қуллаҳои дониш ҳидоят мекард.

Иншоршиноси мумтоз Мухтори Мурод инчунин пайваста

китобу рисолаҳои илмӣ иншо мекард. Вай беш аз 175 кори илмӣ нашр кунонд, ки дар байни онҳо ҳафт рисола ва се дастури таълимӣ мавқеи махсус доранд. Шоҳасари ӯ «Реаниматсия» («Иншоршиносӣ»), ки соли 1987 таълиф ёфтааст, барои донишҷӯёну устодон ва шавқмакдони тиббия дастури нодири таълимӣ буда, ду маротиба бо теъдоди зиёд нашр шуд. Ин асар имрӯз ҳам барои толибилмон ва табибони навкор дар шумори китоби камёби дарсист.

Рисолаҳои дигари Мухтори Мурод «Асрори кушудани банди аҷал» (1975), «Муолиҷаи босуръати бемори зиққуннафас» (1979), «Ҳелиокс дар муолиҷаи босуръати варами гулӯ» (1983), «Аломатҳои варами гулӯ ва ҳолати гирифтории тангнафасӣ» (1986) ва «Иштибоҳ ва хатар дар бобати зиққуннафас» (1990) ҳар яке ҷанбаи муҳимми илмӣ дошта, ба манфиати сиҳхатмандии авлоди инсон хидмат мекунад. Силсилаи андешаҳо ва санҷишу таҷрибаҳои олим хосса дар тадқиқоти ӯ дар масъалаҳои патогенез (амроз ё пайдоиши беморӣ) ва табобати ноқисии нафасгирӣ баъди ҷарроҳӣ, тағйири эътилолии вазоифи бадан (дигаргуниҳои патофизиологӣ ва биокимиёвӣ) дар ҳолатҳои вазнини беморӣ ва ғайра хеле нодир ва пурарзишанд. Номбурда шаш нишондоди методӣ ва сӣ тавсияи навоварӣ таҳия ва нашр гардонда, маводи шаш конфронси илмии тахдиршиносону ифшоршиносони Донишгоҳи тиббии Тоҷикистонро бо таҳрири худ ба табъ расондааст.

Хидмати Мухтори Мурод дар таъсиси шӯъбаҳои тахдиршиносӣ ва иншоршиносӣ низ бузург аст. Табиби ҳозиқ як силсила усулҳои нави табобати бемории дамкӯтоҳиро бори аввал ба кор бурда, дар амалия истифода мебурд. Бо ташаббуси вай дар ҷумҳурӣ маркази иншорӣ ва озмоишгоҳи «Гурдаи сунъӣ» таъсис ёфт, ки ҳоло чун маркази эҳёгарӣ ва безаҳрсозӣ машҳур аст.

Дили ин табиби исавиҳуш ба дарду аламҳои замонаи носозгор – беқадрии илму маориф, костани маърифату маънавиёт, рӯзафзун боло рафтани нарху навои дорую дармон, марги бемаҳали фарзандони маҳбуби миллат, махсусан куштори ваҳшиёнаи Юсуф Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломӣ ва Муҳаммад

Осимӣ барин уламои зуфунун, ки бо онҳо ҳамфикру ҳамақида буд, таҳаммул карда натавонист. Билохира, дарди бедавои сактаи дилаш хурӯҷ кард ва дар як рӯзи тирамоҳ, ки барои обу ғизо додани гулҳо ва дарахтон ба бӯстонсарояш рафта буд, ӯро аз пой афтонд.

Дар рӯзи азои Мухтори Мурод – бистуми октябри соли 1996 яке аз шогирдони рашиди ӯ, доктори илми тиб Абдулмаҷид Воҳидов дар сари тобуташ чунин гуфт: «Устод Мухтор Қодирович Муродов дар шастсолагӣ ҷаҳонро падруд гуфтанд. Вале умри пизишке, ки сарфи роҳи хизмати халқ шудааст, фанонопазир аст. Ин фарзанди арҷманди халқи мо дар рушду равнақи тиббу табобат саҳми арзандае доштанд. Эшон чун мураббии сахтгиру мушфиқ ба тарбияи муҳассилин диққати махсус медоданд. Дар тӯли фаъолияти наздик чиҳилсолаашон шашсад нафар мутахассиси варзидаро тарбия карда, ба камол расонданд. Таҳти раҳбарии ин донишманди гаронмоя шогирдон ҳабдаҳ рисолаи номзадӣ ва се рисолаи докторӣ дифоъ кардаанд».

Шогирди дигари олим, номзади илми тиб Ҷамол Аҳмадзода марҳумро чунин ёд овард: «Устоди мо Мухтор Қодирович дар оиладорӣ ҳам намунаи ибрат буданд. Шодравон на танҳо ҳамсарашон Қумрибибӣ, балки се фарзандашон Зулфия, Алишер ва Дилороро низ аз паи пешаи худ бурда, хонадони аҳлу тифоқи табибонро ба вуҷуд овардаанд. Дар сари дастархони хонаводаашон ҳамеша аз гиромидошти пешаи табибӣ ва покизагии ахлоқи инсонӣ сухан мерафт. Афсӯс, ки ин хел соҳибистеъдодҳои фитрӣ дер ба дунё меоянду зуд мераванд».

Оре, Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Мухтори Мурод аз зумраи он олимонест, ки барои ворисонашон ному номус ва осори безавол боқӣ гузоштаанд.

Сиюми декабри соли 1996 бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ба Мухтори Мурод баъд аз фавт барои асари «Ҳосил кардани полимерҳои тиббӣ дар асоси ҳосилаи энтинилпиперидол ва моддаҳои пектинӣ, таҳия ва истеҳсоли онҳо» (солҳои 1975-1994) Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шуд. Шодравон медонист, ки

маҳсули дастранҷашро ба озмуни дарёфти мукофоти давлатӣ пешниҳод карда буданд. Вале, дареғо, ки ин навидро бо гӯши худ нашунид.

Маълум аст, ки ҳар як олим барои ворисонаш дархосту васияте дорад. Профессор Мухтори Мурод низ дар хулосаи кулли асарҳои илмиаш ба мо мефармояд, ки ҳамаи сарвати умри худро бояд сарфи тансиҳҳатӣ кунем. Ӯ дар рисолаи «Асрори кушудани банди аҷал» чун муҳаққиқи борикбин, паҳлуҳои нави ин масъаларо ба риштаи таҳқиқ гирифтааст. Вай перомуни қазияҳои душвори ҳаёту мамоти инсон пайваста андеша ронда, он ақидаи Абӯалӣ ибни Синоро тақвият медод, ки ҳарчанд кушодани банди аҷал муаммои муаммоҳост, вале давою дармони мухталифи дарозумрӣ ҳастанд ва калиди ин дорухонаи табиӣ дар дасти фаҳму фаросати худи инсон аст. Одами соҳибхирад дар натиҷаи аз неъматҳои моддӣ оқилона баҳра бардоштан метавонад кафили бақои умри худ шавад. Матлаб он аст, ки ба чӣ минвол аз дорухонаи табиат табибона истифода барему ҳакимона умр гузаронем.

Ин аст васияти иншоршиноси ҳозиқ ба ҳар яке аз мо.

## НОБИҒАИ ҲУНАР

Вақте ки оташи ҷангҳои дохилӣ хомӯш мегашт, фармондеҳи дастаи фидоиён – Комил Ёрматро аввал ба омӯзишгоҳи ҳарбии Боку, сонӣ барои таҳсил ба Донишкадаи нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Маскав фиристоданд. Дар ҳаёти ӯ гардиши куллие рух дод, ки ҳатто ба гӯшаи хотираш ҳам намерасид. Дар яке аз хиёбонҳои аз борони баҳор тару муаттари Маскав қадам мезад, ки садое ӯро аз роҳ боздошт:

– Ҳой, ҷавон, як дам истед!

Комил истод. Ду тан ба наздаш омаданд, яке ҷавону дигаре миёнсол.

– Тасодуфи аҷиб! Касеро, ки кайҳо боз меҷустем, ёфтем, – гуфт ҷавон ба ҳамроҳаш.

Маълум гардид, ки он ҷавон ҳамроҳи устодаш таҳиягари синамо бо ӯ рӯ ба рӯ омадаанд. Онҳо барои филми нав

симоҳои мувофиқ меҷустанд ва қиёфаи Комилро писандиданд.

Яке аз он мардон, ки диққати Комилро ба худ кашид, ҳунарпеша ва таҳиягари номдори он вақт Владимир Гардин буд. Вай Комилро ба иҷрои роле дар филми нави худ даъват кард. Комил роли сардори разведкаи сипоҳи Дутовро бозид. Ин нахустин симои ӯ дар экран буд. Пас ӯ бо тавсияи Гардин ба Донишкадаи ҳунарпешагони синамо ба номи Чайковский дохил шуд. Ин воқиа соли 1925 рух дод.

Комил Ёрмат аз хусуси ин давраи ҳаёташ дар ёддоштҳои худ навиштааст: «Синамо ғайричашмдошт тамоми ақлу ҳушамро рабуда буд. Ман дар Маскав, дар Донишкадаи муҳандисони нақлиёт мехондам. Мисли ҳамаи донишҷӯён ҳар гоҳ ба кино мерафтам. Он айём дар Маскав филми ҳоло фаромӯшшудаи «Гриффит»-ро намоиш медоданд, филмҳои «Киштии зиреҳпӯши «Потёмкин» ва «Модар» овоза пайдо карда буданд. Ман ин филмҳоро гаштаю баргашта медидам. Ҳамроҳи тамошобинҳо аз толор мебаромадам ва гоҳе дубора ба тамошо медаромадам».

Солҳо мегузаштанд. Диду завқи зебоишиносии Комил тағйир меёфт. Вай дар Маскав аз имтиҳони Сергей Михайлович Эйзенштейн, аз санҷиши мактаби эҷодии Всеволод Пудовкин ва Лев Кулешов барин саромадони синамои шӯравӣ гузашта, таҷрибаю малака меандӯхт. Тобистони соли 1932, ки Донишкадаи кинематографияро хатм кард, ӯро барои кор ба Тоҷикистон фиристоданд. Дар ҷумҳурӣ студияи синамо нав бунёд меёфт ва танҳо киножурнал мебаровард. На киноателйе вуҷуд дошту на павилён. Мутахассисони миллӣ қариб набуданд. Коргардонҳо бо дастгоҳҳои кӯҳнаи синамо филм мебардоштанду аз рафти воқиаҳо барои офаридани филмҳои пурраметражи бадеӣ мавод меандӯхтанд.

Комил Ёрмат нахустин касе аз ҳамдиёрони мо буд, ки ба таҳкурсии бинои киностудияи тоҷик хишт гузоштаанд. Вай бо офаридани «Даъват» ном филми хурди ҳуҷҷатӣ чун таҳиягар ба олами синамо қадам ниҳод. Ин филме буд дар мавзӯи ҳарбию меҳанпарварӣ, ки ҷавононро ба ҳимояи Ватан даъват мекард.

Таҳиягари ҷавон ба мавзӯъҳои муҳими замон даст мезад. Дар наворҳо воқиаҳои умдаи ҷумҳуриро мунъакис месохт. Вай аз рӯи матни Н.Искриский «Муҳоҷир» (мавзӯи Эл-Регистон) ба офаридани нахустин филми бадеии беовоз пардохт. Даставвал ба Тошканд рафт, то бо муаллифи мавзӯъ, адиби боистеъдод Габриэл Аркадевич Эл-Регистон, ки чун мухбири рӯзномаи «Ӯзбекистанская правда» фаъолият менамуд, вохӯрда, машварат орояд.

– Салом, Комил! – хурсанд шуд Габриэл Аркадевич, ки ғайр аз забонҳои русию арманӣ тоҷикиро ҳам медонист.

– Аз Самарқанд ба Тошканд кӯчиданатро шунида, хабаргирӣ омадам,– гуфт Комил.

– Ташаккур! Воқиан кайҳо боз якдигарро надидаем.

– Охир, туро ёфтан душвор аст, Габриэл Аркадевич. Дирӯз дар Бокую Тифлис будӣ, имрӯз дар Тошканд, фардо дар Самарқанд, ё пасфардо дар Бадахшон ё Хуҷанд. Садқаи кору бори шумо, журналистҳо, шавам! Нонатон ҳалол!

– Қисман рост мегӯӣ, лекин муболиға накун, дӯстам, хабари нав ҳамин ки маро ба кори дигар гузаронданд.

– Ба чӣ кор?

– Мухбири «Известия» дар Осиёи Миёна.

– Хайр, агар чунин аст, вазифаи нав муборак!

– Ташаккур. Саломат бош! Корҳои худат чӣ хел?

– Бад не. «Тоҷиккино» қарор дод, ки аз рӯи мавзӯи асарат «Муҳоҷир» филм бардорем. Таҳиягараш худам. Омадам, ки маслиҳат кунем. Филмро дар зодгоҳат Самарқанд ба навор гирифтанием.

– Ҷои хуб, сарзамини суғдиён, гаҳвораи илму адаб ва фарҳанги тоҷикон… Филми «Вақте ки амирон мемиранд…» муваффақият пайдо накард, умедворам, ки оқибати «Муҳоҷир» нек шавад…

Онҳо доир ба банду баст ва оғозу анҷоми филм мубодилаи афкор карданд. Филм аз воқиаҳои аввали солҳои сиюм – дар колхозҳо муттаҳид шуда, ҳаёти нав сохтани деҳқонон, аз тағйир ёфтани фикру ақида, муносибатҳои шахсӣ ва иҷтимоии одамон, аз амалиёти бадхоҳони сохти нав, мутаассибон ва ғалабаи хайр бар шарр ҳикоят мекард. Он филмро

дар Самарқанд ва Панҷакент муддати як сол ба навор гирифтанд. Таҳиягар заҳмати бисёр кашид, аммо чӣ хел будани наворҳои гирифтаашро дида наметавонист, зеро дар киностудияи тоҷик шароити мусоид набуд.

…Ҷавони хушандоми азимҷусса кӯлбор бар сари дӯш дар кӯчаҳои Маскав қадам мезад. Дар борхалтаи ӯ филми «Муҳоҷир» буд. Дар кумитаи кино аз як кӯлбор навор танҳо ҳафт қисмашро интихоб карданд. Ҷавон ба толори намоиш даромад. «Субҳдам» ном филмеро тамошо кард. Ба ӯ маъқул шуд, аммо муҳаррирон онро написандиданд. Оё «Муҳоҷир»-и ӯро меписандида бошанд?

Нахустнамоиши филм сар шуд. Дар экран деҳқони миёнаҳол, сардори бригадаи колхоз Комил амал мекард, ки побанди тасаввуроти кӯҳна буд. Душманони синфӣ аз сустии табиати пуртазоди ӯ истифода бурда, зимоми ихтиёрашро ба даст меоранд. Комилро аз колхоз ҷудо карда, ба «кишвари исломӣ» мегурезонанд. Ҷоҳу ҷалоли сармоядорон, муҳити рангини олами сарват ва ваъдаҳои «соҳибони» нав дар аввал ӯро мафтун месозанд, ҳатто соҳиби як порча замин ҳам мешавад. Аммо ҳамин ки ҳосили ғалларо меғундошт, паси ҳам амалдорон омада, ҳиссаи худро талаб мекунанд. Титрҳои филм хабар медиҳанд: «Барои имом, барои эшон, барои миробо…» Комил мебинад, ки ҳосили хирмани ӯро рӯирост ба яғмо мебаранд. Сипас ӯро барои шикоят карданаш мезананд, таҳқир мекунанд…

Роли қаҳрамони асосии филм Комилро худи таҳиягар табиӣ ва муассир бозида, руҳияи ӯро амиқу боэътимод таҷассум месохт. Қисмати қаҳрамони асосӣ, ки таҳаввули тадриҷии хислати ӯ ғояи филмро ташкил медод, дер гоҳ дар хотир боқӣ мемонд.

Баъди тамошои имтиҳонӣ сармуҳаррир гуфт:

– Филми бад не. Таҳиягараш куҷост?

Ҳама ба ҷавонмарди гандумгуне нигаристанд, ки филмашро дар кӯлбор ба киностудия овардааст.

– Роли асосиро худатон бозидед? – пурсид яке.

– Бале, таҳиягараш ҳам худам,– ҷавоб дод Комил.

– Дар мавзӯи ҳозиразамон чунин филм офаридан кори саҳл

не, – гуфт сармуҳаррир. – Хеле заҳмат кашидаед. Муборак шавад!..

Солҳо гузаштанд, таҳиягар боз филмҳои нав офарид, вале дар байни онҳо «Муҳоҷир», чун нахустфилми тоҷик, ки соли 1934 ба экранҳои мамлакат баромада, воқиаи барҷастае дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон гардид, дар саҳифаи таърих сабт ёфт. Пеш студияи Тоҷикистон филми ташвиқотии «Вақте ки амирон мемиранд…»-ро истеҳсол карда буд, аммо мақому мавқеъ наёфт. Аз ин рӯ, филми «Муҳоҷир», ки аввалин таҳиягари миллии тоҷик ба навор гирифтааст, оғози синамои бадеии тоҷик буда, ба рушди минбаъдаи он роҳ кушод.

Дар «Муҳоҷир» қиёфаофарии аввалин киноактрисаи тоҷик София Тӯйбоева дар симои Марям сурат гирифта буд ва худи Комил низ бори нахуст роли асосиро мебозид. Онҳо аз аввалинҳо буданд, нахустин бор дар ин роҳи ноозмуд ва душвор қадам гузоштанд.

Бо ташаббуси Комил Ёрмат комёбиҳо ба даст омада, таърихи синамои тоҷик оғоз меёфт. Ӯ мехост ҳар чизи наверо, ки дар фаъолияташон ба даст меоранд, ҳама бо ҳам бинанд. Аз ин рӯ, ӯ дар назди ҳампешагони худ – кормандони студия чунин вазифа гузошта буд: бояд, ки доим пуртараддуд ва дар ҷустуҷӯ бошанд, саҳлангориву сохтакорӣ дар табиаташон роҳ наёбад. Ва худ ба онҳо намунаи ибрат нишон медод. Аз сода ба мураккаб, аз ҷузв ба кулл рӯ меовард. Мехост симои қаҳрамонеро офарад, ки бинанда ӯро чун бародар, чун дӯсти беғараз эҳтиром кунад, бо ӯ дар ҳалли кулли масъалаҳои мураккаб маслиҳат карда тавонад. Бесабаб нест, ки дар аксари филмҳои аввалинаш роли яке аз қаҳрамонони асосиро худаш мебозид. Муҳаққиқе, ки ба эҷодиёти ӯ амиқ фурӯ меравад, хоҳад дид, ки филмҳои ӯ ҳаргиз орому сокит не, балки пурхурӯш, тезу тунд ва дорои руҳияи мубоҳисавианд. Дар онҳо симои касоне таҷассум ёфта, ки барои чӣ мубориза бурдан ва чиро ҳимоя карданашонро хуб медонанд. Услуби аввалин офаридаҳои Комил Ёрмат бештар оҳанги публисистӣ дошт ва ба сабки асарҳои ҳуҷҷатии синамо, ки ба масъалаҳои муҳимми рӯз бахшида шудаанд, наздик аст. Таҳиягар моҳияти некӣ ва зиштиро то ҳадди охир мекушод ва чун инсони

пешоҳанг ақидаҳои сиёсӣ ва мавқеи ҳаётии худро таъкид мекард.

Комил Ёрмат аз айёме, ки ба сифати кинорежиссёр ба фаъолият пардохт, дар дил орзу дошт мисли шоҳасарҳои таърихии устодаш Сергей Михайлович Эйзенштейн «Киштии зиреҳпӯши «Потёмкин», «Иван Грозный» ва «Александр Невский» филмҳое офарад, ки санҷишҳои мураккабу бераҳмонаи таърих ҳусни онҳоро хира карда натавонад. Эйзенштейн ба кинои инқилобии шӯравӣ на танҳо асос гузошт, балки бо зеҳну закои ҳунарварӣ ва мероси назариявиаш яке аз поягузорони кинои ҷаҳонӣ низ гардид ва чун таҳиягар, сенариянавис, рассом ва омӯзгор шӯҳрат ёфт. Бовари кас намеояд, ки ӯ шоҳкори безаволаш «Киштии зиреҳпӯши «Потёмкин»-ро дар бистуҳафтсолагӣ таҳия карда бошад. Дар ин синну сол офаридани шоҳасар на ба ҳар ҳунарвар, балки танҳо ба нобиғаҳо муяссар мешавад. Ҳадафи Комили ҷавон низ аён буд. Вай ҷаҳду ҷадал менамуд. ки ба нобиғаи ҳунар пайравӣ карда, роҳу равиши хоси худро дарёбад ва «Потёмкин»-и худро офарад.

...Маҳалли Сарибозори шаҳри Конибодом. Вақте ки Комил дар ин ҷо дар оилаи амалдор ба дунё омад (дуюми майи соли 1903), сари девору бомгӯшаҳои зодгоҳашро лолахасакҳо зинат медоданд. Падараш Ёрмуҳаммад марди илмдӯсте буд, барои савод баровардани ҷигаргӯшаҳояш аз таҳти дил мекӯшид.

Дар ибтидои асри бистум бо мақсади шинос кардани аҳолии таҳҷоӣ бо маданияти халқи рус дар Конибодом мактаби маҳаллии русӣ таъсис ёфта, дар яке аз беҳтарин биноҳо ҷой гирифта буд. Мактаби мазкур ҳамаи таҷҳизоти хонишро дошт. Рӯзе Комилро падараш ба ҳамин мактаб бурд. Мудири мактаб полковник Татибаев ва бозпурси маориф Попов падару писарро хуш пазируфтанд.

Комил аз соли 1911 дар ин мактаб хонд, баъд дар омӯзишгоҳи касбомӯзии Қӯқанд таҳсилро давом дод. Соли 1918 ба ӯҳдаи ин навҷавон вазифаи пурмасъулияти раҳбарии шӯъбаи маорифи ноҳияро вогузоштанд.

Баъдан ӯ дар Конибодом дастаи ихтиёрии милисаҳоро ташкил дода, ба охирин душманони сохти нав зарба мерасонд. Дар он рӯзгор ӯро «Комил-командир» меномиданд. Ам-

мо дар куҷо будани қароргоҳи ҳамкоронашро касе намедонист. Худи ин ҷавони танаманди босалобат ба шаҳр гоҳ-гоҳ мебаромад, бо дастаи милисаҳо алайҳи боқимондаҳои босмачиён меразмид. Дар тан либоси низомӣ, аз болои гимнастёрка тасмаи чилликшакли чармин, дар паҳлуҳои чапу росташ шамшеру таппонча дошт. Одамон ба қаторвазнаю чеҳраи кушодаи ӯ бо ҳавас нигариста, тааҷҷуб менамуданд, ки дар муборизаҳои шадид чӣ хел сар аз тан надода, ҳамеша сиҳҳату саломат бармегардад.

Дар чунин давраи пур аз воқиаҳои таърихӣ фронти Туркистон дастаи ҳунарие ташкил дод, ки бо роҳбарии шоири инқилобӣ Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ дар водии Фарғона сафар мекард. Боре ин даста дар Конибодом намоишномаи кӯтоҳи ташвиқотиеро манзури тамошобинҳо гардонд, ки аз муборизаи халқ бар зидди ғоратгарон ҳикоят мекард. Ҳамза Ҳакимзода ӯро даъват кард, ки роли сардори босмачиҳоро бозад.

– Ман аз кӯчаи ин кор нагузаштаам,– гуфт Комил.

– Ҳеҷ гап не. Барои иҷрои симои босмачӣ қиёфаи шумо мувофиқ. – Ӯро шердил кард Ҳамза. – Ғайр аз ин, бо босмачиҳо ҷангида, хислаташонро омӯхтаед. Дилам пур аст, ки…

Комил лаҳзае мутараддид истоду гуфт:

– Хоҳиши шуморо чӣ хел рад кунам, домулло?! Хайр, як ба саҳна ҳам бароем… Метарсам, ки артист шуда равам.

– Натарсед, артистӣ ҳунари ҳар кас не…

Вақте ки ӯ дар либоси қӯрбошӣ ба саҳна баромад, ҳама дар симояш гӯё як босмачии ҳақиқиро диданд. Вай гоҳ бо оромии мутаккабирона, гоҳ бо ҷаҳлу ситеза, чун қӯрбошии ашаддӣ, бо зердастон ва душманони худ гапгузаронӣ карда, тамошобинонро дар ҳайрат монond, аммо дар охир аз чапакзаниҳои пурмавҷи мардум шарм дошт магар, ки сурх шуда, худро ба канори саҳна гирифт.

Ҳар касе аз Комил Ёрмат пурсад, ки фаъолияти санъаткориаш кай сар шуд, ин воқиаро ёд оварда, шӯхиомез мегуфт, ки ҳамон роли босмачӣ қадами нахустини ӯст ба олами ҳунар.

Дар бахши конибодомии Бойгонии давлатии Тоҷикистон ҳуҷҷате ҳаст: «Комил Ёрматов солҳои босмачигарӣ ба отряди

худмудофиаи Конибодом роҳбарӣ карда, ҳуҷуми дастаи Турдӣ-қӯрбоширо, ки нуздаҳуми маи соли 1922 сурат гирифта буд, зада баргардонд ва бо ҳамин мардумро аз талаву тороҷи босмачиён наҷот дод».

Комил Ёрмат бо қаҳрамонони аксар филмҳояш ҳамон вақтҳо рӯ ба рӯ омада буд. Вай бо ҳамкоронаш барои ободонии шаҳр шанбегиҳо гузаронда, дар сохтмони мактабу коргоҳҳо ширкат меварзид, таҷрибаи созандагӣ меандӯхт. Басо шахсоне, ки он замон машъали корҳои нек меафрӯхтанд, баъдан ба сифати ходимони хуби маданият ва ташкилотчиёни мубориза барои рӯзгори нав хидмат кардаанд, ки худи Комил Ёрмат аз зумраи онҳост. Ӯ дар бунёди синамои Тоҷикистон дасти тамом дошта, дар Ӯзбекистон ҳам чун роҳбари бадеии киностудия фаъолияташро идома медод. Дар «Ӯзбекфилм» бори аввал ба сифати ҳунарпеша симои афсари сафедгвардиячиёнро (аз филми «Шағолони Работ») офарид. Азбаски гвардиячиёни сафедро хуб мешинохт, борҳо онҳоро асир гирифта ва қарори таслимашонро имзо карда буд, ролашонро хеле табиӣ ва барҷаста бозид.

Дертар Комил Ёрмат дар филмҳои «Меҳмон аз Макка», «Замини ташна», «Дар зери гунбазҳои масҷид», «Беки охирин», «Дӯстон дар майдони ҷанг» бисёр қиёфаи гуногунро бо камоли маҳорат офарид. Вай хурӯҷу туғёни ботинии қаҳрамонро бо тағйири ранги рӯй ва дурахши оташвори чашмонаш ифода мекард. Аммо ӯ, бо вуҷуди заҳматҳои зиёд, аз фаъолияташ қаноатманд намешуд, зеро нисбат ба худ ҳамеша серталаб буд.

Дар киностудияи тоҷик барои пешрафти ҳунарварони болаёқат чун Комил Ёрмат чандон шароити мусоид муҳайё набуд. Ба замми ин, роҳбаре аз мансаби худ суистеъмол карда, ба беҳтарин филмҳои ӯ баҳои паст дода, ба ҳар восита ба кораш халал мерасонд. Замоне, ки филми нави худ « Боздиди дӯстон»-ро барои намоиш ба шаҳри Маскав бурд, дар он ҷо маҷлиси иҷлосияи Шӯрои Олии ИҶШС идома дошт. Раиси Кумитаи кинои ИҶШС Иван Григоревич Болшаков роҳбарияти Тоҷикистон ва дигар вакилонро ба тамошои «Боздиди дӯстон» даъват кард. Баъди намоиши филм баъзеҳо

андешаҳои худро гуфта, ба кори таҳиягар баҳои хуб доданд. Вале раиси шӯрои Комиссарони Халқи Тоҷикистон Маҳмадалӣ Қурбонов аз таҳиягар пурсид:

– Республикаи моро, ки регзор надорад, чаро регзордор нишон додед?

– Рафиқ Қурбонов, то ин вақт гумон мебурдам, ки шумо ҷумҳуриамонро аз ман беҳтар медонед… Ин регҳои равони мавзеи Андархами Конибодом аст…

Ин суханон ба Қурбонов нафорид.

Дертар дар ҷумҳурӣ тайёрӣ ба Даҳаи маданияти халқи тоҷик дар Маскав сар шуд. Комил Ёрмат роҳбари бадеии ин маъракаи муҳим таъйин гардид. Вай бо тамоми масъулият аз паи супориш шуда, аҳли фарҳангро ба даҳа омода сохт. Ҳамаи лавозимоти намоишро бо қатора ба Маскав фиристоданд ва акнун вакилон низ бояд ба роҳ мебаромаданд. Вале як рӯз пеш аз сафар маълум шуд, ки бо амри Қурбонов номи Комил Ёрматро аз рӯйхати иштирокдорони даҳа хат задаанд. «Аз ин ҳамоқат чун шахси таҳқиршуда азияти рӯҳӣ кашида, ҳамроҳи ҳамсарам ба Маскав рафтам,– навиштааст Комил Ёрмат дар китоби ёддоштҳояш. – Ба назди И.Г. Болшаков даромадам, ки ӯ ба ман нусхаи фармонеро доду шӯхиомез гуфт:

– Дӯсти теззабону тундкирдорам, ана таркиши он бомбае, ки ду сол пеш аз ин Қурбонов ба бунёди аъмолат ниҳода буд…

Фармонро хондаму вуҷудамро эҳсоси ногуворе фаро гирифт. Он аз чаҳор фасл иборат буд. «Якум: категорияи таҳиягари класси якум К. Ёрматов ба дараҷаи олӣ бардошта шавад. Дуюм: таҳиягари дараҷаи олӣ Ёрматов ба киностудияи Тошканд ба кор гузаронда шавад. Сеюм: таҳиягар Ёрматов роҳбари бадеии киностудияи Тошканд таъйин карда шавад. Чорум: аз сабаби нарасидани таҳиягари миллӣ киностудияи Сталинобод мувақкатан баста шавад» (Нигаред ба китоби К.Ёрматов «Возврашение», Москва, 1980).

Ба ин минвол Комил Ёрмат ба киностудияи Тошканд рафт. Он вақт устод Садриддин Айнӣ дар номае ба Муҳаммадҷон Раҳимӣ навишта буд: «Ҳамаи ҳимматро ба он сарф кардан даркор аст, ки киностудияи Тоҷикистон аз як ташкилоти

истеҳлокӣ ба як ташкилоти истеҳсолӣ бадал ёбад. Чандин сол аст, ки киностудия дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Аммо вай дар муддати ҳаёти худ ғайр аз як чизи хроникавӣ ва асарҳое, ки умри дароз надоранд, чизи ба назар намоёне ба вуҷуд оварда натавонист (Тарҷумаҳо мустасно аст). Охир ба дараҷае расид, ки дар арафаи ҷанг ин студия мурд ё дар ҳолати назъ расид ва Ёрматов барин коркун аз даст рафт» («Садои Шарқ», № 1, 1978, саҳ. 118).

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷодиёти Комил Ёрмат саршори ғояҳои ватанпарварию озодихоҳӣ буд. Вай наворҳои худро ба силоҳи боэътимод табдил дода, алайҳи лашкари фашистӣ меҷангид. Ӯ мисли дигар синамогарони шӯравӣ аз корнамоии сарбозоне, ки бо амри дилу виҷдон ба ҳифзи Ватан бархоста буданд, аз тақдири ҳазорон ҳазор ҷавононе, ки барои ҳимояи бахту саодати худ ба размгоҳ рафта, дар ин роҳ ҷон диҳанд ҳам, тан ба душман намедоданд, бо забони навор рози дил мегуфт. Аввал ду филмконсерт («Тӯҳфаи Ватан» ва «Дӯстон дар майдони ҷанг») офарид, ки дар дуюмӣ худаш низ чун ҳунарпеша ширкат варзид. Филмҳои мазкур чи дар ақибгоҳ, чи дар майдони ҷанг аз бинандаҳо баҳои баланд гирифтанд. Дар ҳар ду киноконсерт устодони санъати миллӣ ҷанговаронро барои то фатҳи комил мубориза бурдан даъват менамуданд. Филми дигари Комил Ёрмат «Роҳҳои бехобӣ», ки дар анҷоми ҷанг манзури тамошобинҳо гардида буд, аз дӯстии халқҳо ҳикоят мекард. Қаҳрамони асосии он табиби нававар Соҳиб Ниёзӣ дар хандақу заминканҳои майдони ҷанг маҷрӯҳонро бо усули нав табобат карда, ҳарчи зудтар аз чанголи марг мераҳонд…

Филмҳо лавҳаҳои зиндаи рӯзгоранд, масофаҳои дуру наздикро намедонанд, чун уқобони озод сайри баҳру бар мекунанд. Одамони бисёр кунҷу канори олам симои ҷамоҳири Осиёи Миёна ва фарзандони ғаюри онро аз рӯи филмҳои Комил Ёрмат мешинохтанд. Ҳазорон ҳазор мардум офаридаҳои ӯро бо завқ медиданду ба истеъдодаш таҳсин мехонданд. Агар дар филми «Боздиди дӯстон» (1937) услуби ба худ хоси таҳиягар, кӯшиш барои драматизми латифу зариф, аз ороишу намои мураккаб фоида бурданаш ба чашм расад, пас дар

филми «Алишери Навоӣ» ( 1947) вусъати маҳорати ӯро мебинем.

Ёд дорам, дар маҳаллаи Ҳавзибаланди Конибодом ҳафтае як бор садои карнаю сурнай баланд мешуд. Баъди таоми шом мардум ба рӯи ҳавлии идораи колхоз ҷамъ меомаданд. Киномеханик дар ҷои кушод дастгоҳро ба кор медароварду ҳама сӯи девори сафеде менигаристанд, ки вазифаи экранро ба ҷо меовард. Дар он солҳои сахти баъдиҷангӣ, азбаски ҷараёни барқ намерасид, барои намоиши синамо аз дизел истифода мебурданд. Аз нарасидани клубу кинотеатр дар саҳни идораи колхоз ва рӯи ҳавлии мактабу чойхонаҳо консерту кино намоиш медоданд.

Рӯзе филми наве намоиш доданд. Мо, бачаҳо, аз вақти муқарраpӣ пештар ба Ҳавзибаланд ҳозир шудем. Дар рӯи девори сари кӯча эълонномаеро хондем: «Филми нави « Алишери Навоӣ». Истеҳсоли киностудияи Тошкент». Баъзе калонсолон мегуфтанд, ки «Таҳиягари ин филм Комил Ёрматро мешиносем, ҳавлиашон дар Сарибозор буд. Филмашро барои тамошои бепул ба ҳамшаҳриён фиристодааст».

Чароғҳо хомӯш шуду дастгоҳ ба кор даромад. Филм сар шуд. Вақте ки дар титр номи режиссёр Комил Ёрматов пайдо гардид, аксарият нидои шодӣ бароварданд. Сонӣ аз навор лавҳаҳои гуногуни рӯзгори шоири мутафаккир Навоӣ паи ҳам ҷилвагар мешуданд. Дар баъзе лаҳзаҳо ҳозирон каф мекӯфтанд.

Таҳиягар дар филми таърихии « Алишери Навоӣ» инсониятпарварии шоир ва мутафаккири классикро устодона кушода, пиромуни қаҳрамони асосӣ – Навоӣ силсилаи чеҳраҳоеро офаридааст, ки муддатҳои мадид дар хотир мемонанд. Ин асар ба муносибати 500-солагии милоди Навоӣ офарида шуда, чун беҳтарин кори «Ӯзбекфилм» сазовори мукофоти давлатӣ гардида буд. Он ба хазинаи кинофилмҳои дарозумр дохил шудааст.

Мо дар «Ӯзбекистон» ном филми ҳуҷҷатии Комил Ёрмат комёбиҳои дар чаҳоряк аср ба даст овардаи ҷумҳурии ҷавонро медидем. Таҳиягар муваффақ шудааст дигаргуниҳоеро, ки дар ҳаёти халқ ба вуҷуд омадаанд, дар асоси санаду ҳуҷҷатҳои

раднопазир нишон диҳад. Дар рӯзҳои фирӯзи тирамоҳи соли 1949, ки 25-солагии таъсиси Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ҷашн мегирифтанд, Комил Ёрматро шарафи бузурге насиб гардид. Ба ӯ унвони Ҳунарпешаи мардумии ҶШС Ӯзбекистон доданд.

Синамогар Комил Ёрмат дар офаридани асарҳои таърихӣ устоди мумтоз буд. Соли 1956 ӯ дар филми «Абӯалӣ ибни Сино» симои донишманди бузурги тоҷик ва мутафаккири ҷаҳоншумулро офарид, ки матни он ба қалами адиби мӯътабари тоҷик Сотим Улуғзода тааллуқ дорад. Дар ин филм қиёфаи нобиғаи бузурги Шарқро мебинем, ки чун мунодии ҳақиқату адолат ва баҳодури майдони илм асрҳои аср шӯҳрати оламгир дошт. Шарафи офаридани қиёфаи Ситорабону – модари Ибни Сино ба устоди санъат Тӯҳфа Фозилова муяссар гардид. Қиёфаи Шайхурраисро писари ӯ – ҳунарпешаи ҷавон Мурод Орифов офарид. Барои таҷассуми симои ҳақиқии Ситорабону ҳунарпешаи тоҷик заҳмати бисёре кашида, сазовори табрику таҳсини тамошогарон гашт. Дар филм истеъдоди Мурод – офарандаи роли асосӣ ба хубӣ зоҳир гардид.

– Нахустин симои дар кино офаридаам,– ба хотир меорад Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Мурод Орифов, – симои ҳакими забардасти тоҷик Ҳуҷҷатулҳақ Абӯалӣ Сино буд. Соли 1956 донишҷӯи соли дуюми факултаи актёрии Донишкадаи театрӣ ва рассомии Тошканд будам. Рӯзе Комил Ёрмат, ки дар киностудияи «Ӯзбекфилм» кор мекард, ба ман фармуд, ки дар филми нави ӯ «Абӯалӣ ибни Сино» нақши алломаи бузургро биофарам. Шабҳои бехобӣ, омӯзиши адабиёти гуногун, маслиҳату машварати муаллифи киноповест Сотим Улуғзода, сабақҳои модарам, ҳамкорӣ бо таҳиягари кордида Комил Ёрмат ва Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Муҳаммадҷон Қосимов, ки ӯ низ дар таҳияи филм ширкат дошт, барои ман, ки нав ба остонаи санъат қадам мениҳодам, дарси ибрат ва дорулфунуни омӯзгорӣ буданд. Ману модарам хушбахтем, ки қиёфаи Ибни Сино ва модарашро дар саҳифаҳои таърихи ҳунари тоҷик сабт гардондем.

Дар охири солҳои панҷоҳум, ки «Ӯзбекфилм» дар асоси достони «Комде ва Мадан»-и Абдулқодири Бедил «Достони

ду дил»-ро ба навор мегирифт, таҳиягари филм Комил Ёрмат барои эҳёи симои модари Комде низ Тӯҳфа Фозиловаро интихоб кард.

Дар ҳамосаи сегонаи Комил Ёрмат «Тӯфон дар Осиё» (1965), «Сарбозони саворaи инқилоб» (1968) ва «Ҳалокати консули сиёҳ» (1970) мавзӯи мураккаб ва муҳими таърихию инқилобӣ басе табиӣ акс ёфтааст. Дар сегона қиёфаҳои Ялантуш ва Азнавур-полвон, ки қаҳрамонони беназири халқ буда, дар охир сарбозони инқилоб мешаванд, дер гоҳ дар хотири кас боқӣ мемонанд. Худи Комил Ёрмат яке аз муаллифони ҳамосаи сегона буд. Қисми якуми филми мазкур соли 1965 Ҷоизаи давлатии Ӯзбекистон ба номи Ҳамзаро гирифт. Режиссёр ҳангоми таҳияи он аз паи ҳақиқати таърих рафта, гиреҳи масъаларо ҷасурона кушодааст. Қаҳрамони асосии филм, тӯдакаши халқи бенаво – Юсуф Ялантуш яке аз симоҳои нотакрори синамои муосир гардид. Тимсоли прототипи Ялантуш собиқ ҳамсилоҳи синамогар, нахусткомандири тоҷик Ҳамдамҳоҷӣ Қаландаров аз байни қавмҳои Осиёи Миёна ягона шахсе буд, ки барои шуҷоату мардонагии беназираш дар ҷангҳои шаҳрвандӣ ба ӯ се карат ордени Байрақи Сурх ва чандин силоҳи ифтихории зарандудро мукофот додаанд.

Дили Комил Ёрмат ба мавҷи дарёи зиндагӣ ҳамрангу ҳамоҳанг буд. Миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чун пуле хидмат ба ҷо меовард. Соли 1931, вақте ки барои ба заминҳои корам табдил додани найистонҳои водии Вахш дар қатори тоҷикон 1300 нафар баҳодурони ӯзбек низ остин барзаданд, Комили ҷавон корномаи онҳоро аксбардорӣ мекард. Соли 1939, ки бо дӯстию ҳамкории тоҷикону ӯзбекон Канали калони Фарғона бунёд меёфт, мардум ӯро бо дастгоҳи синамо дар байни бинокорон медиданд. Соли 1966, чун дар Ӯзбекистон зилзила ба амал омаду тоҷикон ҳам фавран ба ёрии ҳамсоягон шитофтанд, ӯ боз якдилии ин ду халқро ба навор мебардошт.

Режиссёр дар ҳамаи давраҳои эҷодиёташ ба мавзӯи замон ва озодии одамон бештар таваҷҷӯҳ мефармуд. Вай солҳои ҳафтодуми асри гузашта ҳамроҳи кинодраматург Михаил Мелкумов филми «Солҳои дур ва наздик»-ро ба навор гирифт. Дар филм воқиаҳои солҳои бистум дар Хоразм акс ёф-

таанд. Баъзе лаҳзаҳои сегонаи «Тӯфон дар Осиё», «Сарбозони савораи инқилоб» ва «Ҳалокати консули сиёҳ» дар ин филм низ идома ёфта, мукаммал гардидаанд. Ба қаҳрамони марказии киноповест ходими ЧК Ҷумъа Мадниёзов супориш дода буданд, ки дар ҷустуҷӯи захираи тиллои Ҷумҳурии Халқии Хоразм, ки душманон бо роҳбарии Ҷунайдхон пинҳон кардаанд, ширкат варзад. Ӯ дар ёфтани ганҷинаи Хоразм қаҳрамонӣ нишон медиҳад. Санадҳои муҳимме, ки ба рӯзгору пайкори мардуми Хоразм алоқаи зич доштанд, асоси филмро ташкил медоданд. Дар ин мубориза ба Хоразм Ҷумҳурии Туркистон ёрӣ мерасонд. «Мубориза барои озодӣ аз мавзӯъҳои писандидаи ман аст,– мегуфт Комил Ёрмат. – Вай солҳои пурошӯби ҷавонӣ ва сарбозии маро ба хотир меорад. Дар роҳи озодӣ ҳамаи одамони поквиҷдон мубориза мебурданд. Дар филм бисёр симоҳои бадеӣ, мушаххас ва шахсони таърихӣ ҳастанд. Масалан, қумондони сурхи диловар Миркомил Миршарафов аз ҳамин қабил ашхоси таърихӣ ба ҳисоб меравад».

Аз рӯи офаридаҳои ин устоди синамо таърихи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро аз аввалин панҷсолаҳо то воқиаҳои бузурги солҳои ҳафтодум метавон омӯхт. Аз ин рӯ, Комил Ёрматро аз рукнҳои устувори маърифати ин ду халқ меҳисобем. Режиссёрон ва муҳаққиқон чун ба таърихи синамои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ба омӯзищши аввалин падидаҳои ин санъат дар Осиёи Марказӣ муроҷиат кунанд, албатта, барои маслиҳату машварат ба ҳузури Комил Ёрмат мерафтанд, зеро ӯ шоҳид ва офарандаи ҳамин таърих ҳисоб меёбад.

Ба таҳкурсии бинои ҳамкории ходимони синамои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аввалин хиштро Комил Ёрмат гузошт. Ӯ бо ҳунарпешаҳои тоҷику ӯзбек дӯстиву ҳамдастии доимӣ ва ба бисёриашон ҳаққи устодӣ дошт. Бечиз нест, ки ӯро падари синамогарони ин ду ҷумҳурӣ номидаанд.

Дар арафаи ҷашни нимасраи синамои тоҷик ҳунарпешаи мумтоз Борис Кимёгарон дар сӯҳбате Комил Ёрматро чунин ба ёд меовард:

«Мо аз ибтидои ташкили кинематографияи миллӣ ҳамдаму ҳамқадами ҳаёт будем, ба нафъи халқ якҷоя кор мекардем,

фикру зикри мо, комёбию бозёфтҳо ва лағзишу пешпохӯриҳои мо дар ин кори нав умумият доштанд… Чеҳраи офтобхӯрда, дасту бозуи қавӣ, нигоҳи тезу табассуми диловез, дар тан либоси сафеди чесуча – ба чунин қиёфа акаи Комилро аввалин бор дидаам. Ман он вақт дар Донишкадаи умумииттифоқии давлатии кинематография мехондам, ӯро кайҳо боз чун таҳиягари «Тоҷикфилм» ва аз корҳои ҳунарпешагиаш дар филмҳои беовоз мешинохтам. Воқиае тасодуф афтоду мо бо ҳам вохӯрдем: маро барои дар филми ӯ ба навор гирифтан даъват карданд. Дар деканат ёвари таҳиягар як ҷилди калони киноповести «Духтари Помир»-ро доду гуфт, ки онро мутолиа кунам ва ба меҳмонсарои «Метропол», ки он ҷо акаи Комил иқомат дошт, биравам. Рафтам. Вай маро саволборон кард. Дар худи ҳамон ҷо барои санҷиш акси маро бардоштанд. Вақти рафтанам ӯ «донишҷӯро ҳамту ҷавоб додан хуб не, гурусна будагист» гӯён, маро ба тарабхона бурд. Вале филмро ба навор гирифтан муяссар нагардид: ҷанг сар шуд… Баъдан, ки ман дар «Тоҷикфилм» ба кор сар кардам, ӯ дар Ӯзбекистон мезист. Мо соли 1948 дубора ба ҳам вохӯрдем. Ман филми ӯ «Алишери Навоӣ»-ро дубляж кардам. Қиёфаи Навоиро Р. Ҳамроев, Ҳусайн Бойқароро А. Исматов офаридаанд. Дар дубляж Ҳоҷиқул Раҳматуллоев ва Муҳаммадҷон Қосимов интихоб шуданд. Онҳо на танҳо ба қиёфаҳо мувофиқат мекарданд, балки дар ҳақиқати ҳол шоистаи он буданд… Рӯзе яке аз лавҳаҳои мушкилро машқ мекардем. Ногаҳон касе таблои «Диққат! Наворгирӣ меравад!»-ро риоя накарда, ба толор даромад. Ин мард Комил Ёрмат буд, машқи моро дида, бо ишораи даст фаҳмонд, ки бемалол корамонро давом диҳем. Худ ба кори Муҳаммадҷон Қосимов зеҳн монду рӯ ба рӯямон нишаст. Баъди сабти овоз гуфт: «То ҳол мӯътақид будам, ки ғайр аз Исматов касе ба ин хубӣ аз ӯҳдаи ин нақш намебарояд. Вале ин ҳунарнамоие, ки Қосимов кард, ба дараҷаи аълост. Ҳусайн Бойқарои ӯ ҳосили истеъдоди ҳақиқист. Қосимов дар ролаш мӯъҷиза офарид». Аз ҳамон вақт дӯстиву ҳамкории ҳақиқии мо – ду тан ҳунарпешаи синамо, оғоз ёфт. Мо ба ҳар восита ба дидори ҳамдигар роҳ меҷустем. Ӯ устоди сахтгир ва равшанзамири мо буд…»

Дар филмҳои Комил Ёрмат доир ба нобиғаҳои илму адаби Шарқ – Абӯалӣ Сино ва Алишер Навоӣ решаҳои амиқи дӯстиву бародарии халқҳои Машриқ нишон дода шудаанд. Баҳори соли 1968 ҳангоми дар Ӯзбекистон баргузории Даҳаи маданияти тоҷик Комил Ёрмат гуфт: «Мисли он ки суруду таронаҳои халқҳои тоҷику ӯзбек ба ҳам ҷӯру ҳамнавоянд, мавзӯъҳои аввалин филмҳои мо «Дар зери гунбазҳои масҷид», «Беки охирин»-и «Ӯзбекфилм» ва «Боздиди дӯстон», «Вақте ки амирон мемиранд»-и «Тоҷикфилм» низ ба якдигар наздику қаринанд. Маҳорати аслӣ ба ман маҳз аз шарофати «Боздиди дӯстон» даст дод. Ин аввалин филми овоздору бадеии ман буд».

Тамошобинони тоҷик дар айёми Шӯравӣ ҳунарварони синамои ӯзбекро нағз медонистанд, чунон ки санъаткорони тоҷикро дар Ӯзбекистон низ мешинохтанд. Ҳунарпешаҳои ӯзбек Набӣ Раҳимов, Светлана Норбоева, Олим Хоҷаев ва Дилбар Қамбарова дар филмҳои тоҷикӣ ролҳои асосиро бозидаанд. Маҳз ба ташаббус ва тавассути Комил Ёрмат дар студияи якдигар офаридани симоҳои гуногун барои ҳунарпешагони тоҷику ӯзбек ба ҳукми анъана даромад. Ин пайванди дӯстии наслҳост, ки имрӯз ҳам идома дорад.

Соли 1974 дар экранҳои СССР филми нави Комил Ёрмат «Нодирабегим»-ро намоиш медоданд. Ин филм ҳаёт ва эҷодиёти шоираи озодфикри асри 18 Нодираро пеши назар меовард. Нодира ба тоҷикию ӯзбекӣ шеър мегуфт, ашъори тоҷикиашро бо тахаллусҳои Макнуна ва ё Комила менавишт. Шавҳари ӯ Умархони Амирӣ низ шоир буд. Ҳар ду бо ҳам дар бисёр маврид муомилаи шеърӣ доштанд ва аз абёти бадоҳатан гуфтаи худ завқ мебурданд. Чун Умархон даргузашт, писари чордаҳсолаи ӯ Мадалихонро ба тахт шинонданд. Аммо давлатро асосан Нодира идора мекард. Ӯ дар роҳи баландбардории маърифату фарҳанг кӯшиши беандоза дошт. Ба дарбор аҳли илму адаб ва ҳунарро гирд оварда, бо машварати онҳо бозорҳо, масҷиду мадраса, корвонсаройҳо, пулҳои азим ва иморатҳои зебо сохта, зисту зиндагии мардумро рӯ ба беҳбудӣ меовард. Мутаассифона, соли 1842 амири Бухоро Насрулло, ки ҷаллодсиришти хунхору хунрезе буд, банохост

ба Хӯқанд ҳуҷум оварда, Нодира ва писарони ӯро дар як ҳолати ваҳшиёна ба қатл расонд... Комил Ёрмат хуб медонаст, ки Нодираи соҳибистеъдод дар баробари тасвири ишқу муҳаббати поки инсонӣ, тараннуми зебоиҳои зиндагӣ, инчунин нобаробарӣ ва ҷабру ситами замонашро фош месохт. Аз ин рӯ, дар офариниши симои ӯ дар саҳна заҳмати фаровон кашад. Қиёфаи ин шоираи зуллисонайнро санъаткори тоҷик Сайрам Исоева хеле табиӣ ва ҷаззоб офарид. Устодони синамо Сайрамро ба сифати ҳунарпешаи асил кашф карда, нахустин бор ба истеъдодаш баҳои сазовор медоданд.

Комил Ёрмат дар филмҳои мустанадаш симои фарзандони наҷибу бузурги халқҳои тоҷику ӯзбекро эҳё карда, ба саҳна мебаровард. Дар офаридаҳои ӯ ҷанбаҳои миллию халқӣ барҷаста ифода ёфтаанд, мавзӯъҳои умдаи зиндагӣ, фалсафаи рӯзгор ба тарзи мӯъҷиз ва возеҳ тасвир ва тафсир шудаанд. Вай санъаткорест, ки таърих чун яке аз асосгузорони синамои миллии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон эътирофаш кардааст. Аз ходимони дилогоҳи фарҳанги тоҷик, собиқ раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Абдулаҳад Қаҳҳоров дар ёддошти худ навиштааст: «Вақти фикр кардан дар бораи Комил Ёрмат ба хотири кас нохост Садриддин Айнӣ меояд, зеро, чӣ тавре ки Айнӣ ба кори пайдоиш ва инкишофи насри шӯравии ӯзбек саҳми босазо гузоштааст, ҳамон тавр Ёрматов низ ба кори пайдоиш ва инкишофи кинои тоҷик ҳиссаи пурқимат гузоштааст. Ӯ дар ҷумлаи пешоҳангони синамои мо дар сари гаҳвораи он будааст».

Комил Ёрмат аввалин тақдирномаи давлатиро аз ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон гирифт. Вақте ки ӯ дар мавзӯи иттиҳоди халқҳо яке аз нахустин филми овоздори тоҷик «Боздиди дӯстон» – ро офариду сазовори эътирофи умум гардид, хидматашро бо унвони фахрии Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон тақдир карданд.

Ба ҳамин тариқ, Комил Ёрмат аз ҳунарпешаи одӣ то ба таҳиягари номӣ расид. Халқҳои тоҷику ӯзбек ӯро ҳаққонӣ сароmади синамои худ медонанд. Пешаварони ҷавоне, ки ҳоло дар саҳна моро мафтуни ҳунари худ месозанд, таҳиягарони бомаҳорате, ки филмҳои баландғоя меофаранд, ҳама аз авло-

ди чун Комил Ёрмат бузургмардони тоҷиктаборанд, ки номи онҳоро аз сари ихлосу ҳурмат ба забон меоранд.

Ӯ дар давоми фаъолияти ҳунарии беш аз нимасрааш 21 филм офарида, ният дошт, ки акнун аз рӯзгору пайкори нахустин раиси Шӯрои Олии Ӯзбекистон Юлдош Охунбобоев филм бардорад. Ҳамроҳи драматург Михаил Мелкумов филмномаеро бо номи «Умри дарозу кӯтоҳ» навишта, ба истеҳсоли он камар мебаст, ки умр вафо накард.

Ҳаждаҳуми ноябри соли 1978 дили пурҳарорати ин устоди забардасти синамо дар ҳафтодупанҷсолагӣ аз тапиш монд.Филмҳо ва талъату тимсолҳои офаридаи ӯ, ки на танҳо дар таърихи санъати тоҷик ва ӯзбек, балки дар олами синамои Осиёи Марказӣ воқиаҳои марҳилавие ҳисоб меёфтанд, як-як аз хаёлам гузаштанд. Чун ӯро ба роҳи абадият мефиристоданд, шоҳасарҳои ӯ «Алишери Навоӣ», «Абӯалӣ ибни Сино», «Достони ду дил», «Нодира» ва сегонаи «Тӯфон дар Осиё», «Сарбозони савораи инқилоб», «Ҳалокати консули сиёҳ», ки ба хазинаи санъати синамои Шӯравӣ дохил шуда, мукофотҳои умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ гирифтаанд, аз нав ба хотирам расиданд. Марҳум шояд умри дарозтар ҳам медид. Аммо ҳангоми дар найистонҳои мавзеи Ёзёвон (ноҳияи Марғелон) алайҳи дастаҳои Кӯри Шермат ҷангиданаш маҷрӯҳ гардида буд. Захми тир то охири умр пояшро азоб медод.

Ҷисмаш дар қабристони Тошканд мадфун гашт.

Ба ёди Комил Ёрмат абёти зерин чун чакраҳои ашки хунафшон аз чашми қаламам чакид:

*Во дарего, к-аз ҷаҳон инсони соҳибдил гузашт,*
*Баст рахти вопасин, чун нур аз ин манзил гузашт.*
*Гурги марг андар ниҳоди худ надорад шафқате,*
*Захмҳои корие бар дил аз он қотил гузашт.*
*Сакта кард охир диле, к-ӯ шомили фарҳанг буд,*
*Бемурувват тири ғам аз синаи оқил гузашт.*
*Шӯълае буд, барқ шуд, чун раъд хандиду бирафт,*
*Бо рухи умре ба рӯйи дӯстон мойил гузашт.*
*Рӯдакиву Бӯалиро зинда гардонд аз ҳунар,*
*Бо ҳама он аҳли дил аз даҳр ин қобил гузашт.*

*Ӯ, ки чун ҷӯши талотум арзи ҳастӣ менамуд,*
*Нохудои киштии санъат аз ин соҳил гузашт*
*Нест тӯфон дар вуҷуди Осиё аз ҳикматаш,.*
*Нақши вақт аз синааш ҳаргиз нашуд зоил, гузашт.*
*Буд ӯ яктои «Сарбозони роҳи инқилоб»,*
*Нури чашми аҳли маҳфил, пири барнодил гузашт.*
*Монд ӯ дар ёдҳо чун ахтари дунёнаворд,*
*Ахтаре, к-ӯ дар ҷалолат аз маҳи комил гузашт!*

Комил Ёрмат – писари маҳбуби мардумони Иттиҳоди Шӯравӣ, ягона Қаҳрамони Меҳнати Сусиолистӣ аз синамогарони Осиёи Марказӣ ҷисман аз байн рафта бошад ҳам, рӯҳан ҳамеша бо мост.

## ДУРАХШИ СИТОРА

Улуғбибии милиса соли 1924 духтараки хурдсолаш Тӯҳфаро ба тарбияти интернати навтаъсиси Конибодом супурд. Ин даргоҳи таълим ба шогирдон хӯроку пӯшоки ройгон медод. Фазои ин маскани илму ҳунар барои парвози мурғи орзуи Тӯҳфа болу пар бахшид. Бори аввал ӯ хондану навиштанро дар ҳамин таълимгоҳ омӯхт. Он ҷо маҳфили санъатдӯстон ташкил ёфт. «Ҳамин маҳфил маро ҳам қабул мекарда бошад?» – аз дил гузаронд ӯ. Хоҳишашро ба касе нагуфт. Гӯё аз раъяш пай бурда, ба маҳфил омаданашро хостанд. Тӯҳфа дар андеша монд. Хоҳаркалони ӯ яке аз аввалин духтарони пешавари тоҷик Хонбибӣ аз санъаткори номӣ Муҳиддин Корӣ Ёқубов сабақ гирифта, дар театри мусиқии шаҳри Тошканд вазифаи ҳунарпешагиро ба ӯҳда дошт. Ҳамон ҳамшираи меҳрубонаш, ки мардум ӯро Ханҷархон меномиданд, овози дилнавоз дошту чандин асбоби мусиқӣ менавохт, ҳар бор рақсу сурудашро дидаву шунида мегуфт: «Баракалло, нағз суруд хондӣ, ҳаракатҳоят баҷо, машқат хеле расо…» Худи модари Тӯҳфа ҳам сурудҳои халқиро медонист, бо таронаи форами «Ёр-ёр» базмҳоро метафсонд. Тӯҳфа ҳамаи инро ба хотир оварду ба маҳфили ҳаваскорон пайваст.

Ба ин тариқ, ҷигаргӯшаи Улуғбибӣ дар интернат алифбои мусиқӣ омӯхт. Дастаи ҳаваскорон панҷ нафар аъзо дошт, чаҳор писарбача ва Тӯҳфа. Ба онҳо Қосим Сотиволдӣ ном ду-

тории моҳир сабақ медод. Даста баъди кор дар гузару маҳалҳо фаъолият дошт. Дар чойхонаҳо кори оммавию маърифатӣ мебурданд, маҷлис мегузаронданд, лексия мехонданд, пас консерт медоданд.

Тӯҳфаи наврас дутор менавохт, месуруд ва мерақсид. Мардум мафтуни ҳунараш мешуданд. Кӣ медонист, ки ин духтараки ситорагарм фардо ситораи саҳна мешавад.

Корманди милиса Улуғбибӣ Саидова рағбати духтаронашро ба санъат бедор мекард. Дар он айём ин раъйи ӯро на ҳама дуруст мефаҳмиданд. Баъзе урфу одатҳои зараровар ба саҳна омадани занҳоро душвор мегардонд. Гули умеди басе мутрибаву раққосаҳои халқӣ дар паси пардаи таассуб ношукуфта хазон мегашт. Баъзе мутаассибон дар назди номаҳрамон рақсидану суруд хондани духтари мусулмонро қатъиян намехостанд. Аз ин рӯ, Хонбибӣ ва Тӯҳфаро ба дастаи ҳаваскорон додани Улуғбибӣ иқдоми ҷасурона ҳисоб меёфт.

Соли 1930 дар Конибодом театри халқӣ ташкил доданд, ки бисёр ҷавонони хушзавқро фаро мегирифт.

Дар яке аз рӯзҳо Улуғбибӣ аз кор омада, хӯрок мепухт, ки шахсе дари ҳавлиро кӯфт. Модар дарро кушода, рӯ ба рӯяш се мардро дид. Онҳо вакилони театри халқӣ, режиссёри ҳаваскор, яке Ҳоҷиумари Қосим, дигаре Донӣ Ҳусейн ва севумӣ муаллим Бобоҷон Ҳусейнзода буданд.

– Хотири кушодани мушкиле ба наздатон омадем, – гуфт Ҳоҷиумар баъди салому алейк. – Театрамон ба занҳо мӯҳтоҷ.

– Баъзеҳо духтарашонро намегузоранд, ки дар театр кор кунанд,– гапи Ҳоҷиумарро қувват дод Ҳусейнзода,– аз ноилоҷӣ мардҳо либоси занона пӯшида, кокул зада, нақши занҳоро мебозанд.

– Ман ба шумо чӣ ёрӣ расонам? – пурсид Улуғбибӣ.

– Агар Тӯҳфахон ба театр мегузашт, нуран алонур мешуд.

Модар ризоят дод. Он се тан вакил барои Тӯҳфа нахустустодоне буданд, ки ба ӯ қоидаю қонунҳои саҳнаро ёд доданд.

Шомгоҳон садои карнаю сурнай ва нақора мардумро ба тамошогоҳ мехонд. Одамон барои шунидани созу овози духтари Улуғбибӣ аз дуру наздик ба театр меомаданд, зеро дар симои ӯ сароянда саодати худро медиданд. Аммо нокасону

нобихрадон Тӯҳфа ва дугонаҳои ӯро дашном медоданд, ба рӯяшон бо тамасхур механдиданд, аз пасашон санги таҳқир меандохтанд. Улуғбибӣ баъди ҳар консерт духтарашро ҳамроҳ ба хона меовард. Шабе ҳампешаи духтараш Латофати Орифро аз театр ба хонаашон мебурд, ки аз кӯчаи хилват овозе баромад:

– Истед! Наҷунбед!..

Ду кас дар торикӣ пеши роҳашонро гирифта, талаб карданд, ки пулу ангуштарин ва дастпонаашонро диҳанд. Аз садои тири тапончаи Улуғбибӣ яке таслим шуд ва дигаре гурехт…

Баъдан Тӯҳфаро барои кор ба театри драмавии шаҳри Тошканд даъват карданд. Вай дар намоишномаҳои «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳалима» ва «Андарун» нақшҳои асосиро бозида, истеъдодашро сайқал медод. Сонӣ як муддати кӯтоҳ дар театри драмаи мусиқии Хуҷанд низ саҳнаоройӣ карда, дар мазраи дили завқмандон тухми меҳру ихлос корид.

Ниҳоят, фасли гулшукуфти соли 1934 Тӯҳфаро чун гули тозае ба боғи санъати тоҷик тӯҳфа овард. Модар ва хоҳаронаш низ аз Конибодом ба Душанбе кӯчиданд. Тӯҳфа дар як вақт ҳам мактаб мехонд, ҳам дар театр кор мекард.

Нахустопераи миллии тоҷик «Шӯриши Восеъ». Либреттои онро Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва оҳангашро Сергей Баласанян навиштанд. Бозӣ дар ин опера барои Тӯҳфа Фозилова воҳӯрии дуюм буд бо Гулъузор. Агар дар драмаи мусиқии Ғанӣ Абдулло «Восеъ» асосан ҷиҳати лирикии образро кушода бошад, пас аз ду сол дар операи «Шӯриши Восеъ» тимсоли бузургеро ба вуҷуд овард: Гулъузори ӯ духтараки одии хоксор ва қаҳрамони муқтадире ба назар мерасид, ки барои аз золимон қасос гирифтан, барои ашкҳои талху нокомии падар тайёр буд сарбаландона ба пешвози марг биравад. Сурудхонии Тӯҳфа, аз як тараф, бо таассуроти лирикиаш, аз тарафи дигар, бо ҷасорату қаҳрамоние, ки дар симои офаридааш таҷассум ёфта буд, касро ба ваҷд меовард.

Операи «Шӯриши Восеъ» аввалин бор шонздаҳуми октябри соли 1939 пешкаши бинандаҳо гардид. Тавлиди ин нахус-

топераи миллӣ аз аввалин комёбиҳои мусиқии тоҷик дарак медод. Ба Тӯҳфа Фозилова унвони Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доданд.

Домани ҳунарнамоии ӯ сол то сол густариш меёфт. Баҳори соли 1941 ҳангоми нахустин Даҳаи адаб ва ҳунари тоҷик дар Маскав ба тамошогарони пойтахт операҳои тоҷикии «Шӯриши Восеъ», «Коваи оҳангар» ва намоиши халқию мусиқии «Лола» манзур гардиданд, ки дар онҳо Тӯҳфа чеҳраҳои асосиро меофарид. Гулъузори ӯ (аз операи «Шӯриши Восеъ») маскавиҳоро мафтун сохт. Рӯзномаи «Известия» (сездаҳуми апрели соли 1941) ба истеъдодаш чунин баҳо дод: «Ба мусиқивияти ӯ, ба оҳанги бе каму косту равшану сареҳи ӯ ҳаваси бисёр ҳофизони соҳибтаҷриба меравад». Тӯҳфа Фозилова дар операи «Коваи оҳангар» тамоюли қаҳрамониву ватанпарвариро идома медод. Нӯшофарини ӯ некӯтарин хислатҳои инсониро дар худ таҷассум мекард. Мунаққидони рус дар ҳаққаш чунин гуфтанд: «Шумо басо дилрабоед! На фақат овозатонро шунидан, балки дидани чеҳраатон ҳам ба кас ҳаловат мебахшад! Ин саодати бузургест барои ҳунарпеша. Дар санъат ҳама чиз бояд зебо бошад. Шуморо танҳо барои санъат, танҳо барои саҳнаоройӣ офариданд».

Ҳамон рӯзҳо дар байни иштирокгарони даҳа чаҳор нафар пешавари конибодомӣ ҳунарнамоӣ доштанд. Ба ҷуз Тӯҳфа Фозилова дафнавози моҳир Кимсани Маҳкам бо хоҳари руққосааш Латофати Ориф ва рақсанда Энахон Маҳмудова низ ба тамошобинҳои пойтахт писанд омаданд.

Хидматҳои Тӯҳфа Фозилова соли 1941 бо унвони Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон тақдир гардид.

Дар солҳое, ки фашистони гитлерӣ ба сари халқҳо кӯҳ-кӯҳ андӯҳ меоварданд, Тӯҳфа дар размгоҳҳо барои сарбозони шӯравӣ ҳунарнамоӣ карда, дар дилҳои ташнаи осоиш оташи умед ба пирӯзӣ меафрӯхт. Офаридаҳои ӯ дар замони ҷанг симои Нурхон (аз драмаи мусиқии Комил Яшин «Нурхон»), ҳайати Зӯҳро (аз операи А.Ленский «Тоҳир ва Зӯҳро») ва чеҳраи Татяна (аз операи П.И.Чайковский «Евгений Онегин») писанди тамошобинон мегардиданд.

Беҳтарин сафҳаҳои таърихи ташаккули операи тоҷикӣ низ

бо номи Тӯҳфа Фозилова марбут аст. Аввалин ҳунарпешае, ки ба тани нахустин асарҳои операи миллӣ ҷон дамонда, як силсила хислатҳои қаҳрамононаи занро меофарид, ҳамин фидоии санъат буд.

Ҳусну ҷамоли баркамоли Тӯҳфаи ҷавон ба истеъдод ва сифату хислати хуҷастаи ӯ созгор афтода, таровати ҳунарашро меафзуд. Солиёни дароз бе ороиши сунъӣ ба саҳна баромада, бо сухану ҳаракати мувофиқ ҳуши тамошобинро мерабуд. Ба маҳорати актёрӣ ва сарояндагии ӯ, пеш аз ҳама ва беш аз дигарон ҳампешагонаш баҳои сазовор додаанд. Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Аслӣ Бурҳонов нахустин ҳамкории худро бо Тӯҳфа Фозилова чунин ёдоварӣ кардааст: «Соли 1949 мо хостем драмаи «Алишери Навоӣ» (асари Уйғун ва Иззат Султон)-ро ба саҳна гузорем. Аввалин фикре, ки ба сари таҳиягар расид, чунин буд: «Нақши Гулӣ–маҳбубаи Алишери Навоиро кӣ мебозад?» Пас аз андешаву ҷустуҷӯҳо устоди мо Ефим Исаевич Мителман фармуд, ки барои иҷрои ин нақш Тӯҳфаро бояд ба саҳна барорем. Ҳангоме ки драмаро ба саҳна гузоштем, ҳаққонияти Ефим Исаевич собит гардид. Ман роли Навоиро бозидам, Тӯҳфа роли Гулиро. Бозии мо хеле содаю самимона баромад. Хислатҳои олии Тӯҳфаро дар пеши чашмам медидам. Назари саршор аз шавқу рағбатро аз ин зани мавзунқомати беандоза зебо ва бовиқору гармсимо, ки аз дилу ҷон дӯсташ медоштам, бардоштан муҳол меомад. Чӣ қадар латофату малоҳат ва наҷобате дошт ин зани соҳибҷамол. Чашмони фаттонаш дилкаш, пурифода, дурахшон, саршор аз бахту саодат ва ишқу муҳаббат буданд. Айни ҳақиқату воқеият ба назар мерасид бозии ӯ. Барои бо чунин ҳунарпешаи олиҷаноб ҳамкорӣ кардан хушам меомад. Пас аз он, ки дар дигар намоишҳо низ бисёр нақшҳоро якҷоя офаридем, бо хислатҳои наҷиб ва маҳорати аҷиби ӯ аз наздик ошно шудам. Барҳақ, Тӯҳфа дар саҳнаи тоҷик муддатҳо чун ситораи тобоне дурахшид…».

Худи Фозилова аз ҳамкорӣ бо чунин ҳампешаҳо қаноатмандона мегуфт: «Ҳар бори бо Муҳаммадҷон Қосимов ва Аслӣ Бурҳонов барин ҳунарварони баркамол мулоқот ва ҳамкорӣ кардан барои ман хусандие буд беандоза. Ман

беҳтарин нақшҳоямро бо ин устодон бозидаам. Бо ҳар дуи онҳо ва инчунин бо Гурминҷ Завқибеков маро риштаҳои дӯстии эҷодии ҳақиқӣ мепайвандад. Аз ёриву дастгириашон хеле сипосгузорам. Қаҳрамонони бароям хеле азиз – Гулӣ, Гулнор ва Маликаро бе Аслӣ Бурҳонов, Манзураю Маликаи дигареро бе Муҳаммадҷон Қосимов ва Раъноро бе Завқибеков тасаввур кардан наметавонам. Инҳо воқиан ҳам одамони дорои тафаккури эҷодӣ ва хаёлан баландпарвозанд…»

Ба ҳунармандии Тӯҳфа аҳли адаб низ баҳо додаанд. Аввали соли 1972 ҳунарпешаҳои тоҷик дар Маскав дар Театри Хурд пйесаи «Шаби гирифтани Моҳ»-ро намоиш медоданд. Тӯҳфа Фозилова нақши зани қавиазму муқтадир ва ба нуқсонҳо оштинопазир Танҳобегимро чунон бо ҳаяҷони қалбӣ иҷро кард, ки тамошобинҳо ба ваҷд омаданд. Худи муаллифи асар, дромнависи бошқирд Мустай Карим ба ӯ гулдаста тӯҳфа карда, қаноатмандона гуфт:

– Ташаккур ба Шумо, хоҳар! Ин фоҷиаро бисёр театрҳо ба саҳна гузоштаанд ва аксарашонро ман дидаам. Вале то ҳол нақши Танҳобегимро ҳеҷ кас мисли Шумо муассиру табиӣ наофарид. Гӯё асарро маҳз барои Шумо навиштаам…

Тӯҳфа Фозилова баъди сипосгузорӣ ба ёд овард, ки ҳамин гуна муколама дар яке аз рӯзҳои замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ миёни ӯ ва устод Мирзо Турсунзода низ рух дода буд. Пас аз нахустнамоиши «Тоҳир ва Зӯҳро» муаллифи он Турсунзода бо мамнуният гуфт: «Тӯҳфахон, дар қиёфаи шумо Зӯҳрои ҳақиқӣ, Зӯҳрои соҳибҷамоли зиндадил, Зӯҳрои дар муҳаббату садоқат ягонаи замонаро дидам. Салламно ба ҳунари волои шумо!»

Дуюмин даҳаи адаб ва ҳунари тоҷик дар Маскав (1957) низ барои Тӯҳфа Фозилова ҳамчун рӯзҳои таърихӣ сурат ёфт. Ӯ барои хидматҳои бузургаш дар рушду равнақи санъати шӯравӣ ба унвони Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардид.

Симоҳои дурахшоне, ки ҳунарпеша солҳои панҷоҳуму шастум офарид, ба хазинаи заррини санъати тоҷик дохил шудаанд. Номбурда дар драмаи Сотим Улуғзода «Рӯдакӣ» (1958) нақши қаҳрамони асосӣ – Маликаро бозид. Ӯ шоҳзодахонуми

гуногунхислатеро офарид, ки табъи латиф дораду бо зарофат ҳарф мезанад, ҳам соҳибҷамоли бофаросат асту ҳам заршиноси маккора. Дар ваҷоҳати ӯ як ҷаҳон хубиву зиштӣ бо ҳам даромехта. Ҳукми ӯ ҳатто ба амир ҳам мегузарад. Маликаи сангдил Рӯдакии ошиқро дар фироқи Нигина ба гирдоби ваҳшат андохта, худ аз сӯзу гудози гарон ва дарду алами бепоёни ин ду дилдода завқ мебарад. Ин аз беҳтарин офаридаҳои ҳунарпеша буд дар драматургияи классикии муосири тоҷик.

Ибтидои солҳои 1977 санъатшинос Низом Нурҷонов дар яке аз сӯҳбатҳои хусусӣ чун аз Тӯҳфа Фозилова пурсид, ки вақтҳои охир кадоме аз нақшҳои бозидааш ба худи ӯ бештар писанд аст, ду қиёфаро аз «Шаби гирифтани Моҳ» ва «Гунаҳгорони бегуноҳ» ба забон овард. Дар намоиши «Шаби гирифтани Моҳ», ки мавзӯяш муборизаи маърифат бар ҷаҳолат аст, Танҳобегими Тӯҳфа қурбони таомули қадимаи аҷдодие мешавад, ки як вақтҳо худаш ҳомию ҷонибдори он буд. Вай бо мурури замон аз одамият дур будани таомули гузаштаро дармеёбад. Сипас ба андеша фурӯ меравад, бо дарду алам мушт ба сараш мезанаду фиғон мебардорад… Ҳунарпеша дар қиёфаи Кручинина (аз «Гунаҳгорони бегуноҳ») азоби руҳии зани русро, ки дар оташи фироқи писари гумкардааш месӯзад, басо муассир ва табиӣ нишон дода, қуллаи нави маҳоратро намоиш дод...

Барномаи ролҳои Тӯҳфа Фозилова басо бузургу доманадор буд. Ӯ ҷуз қиёфаҳои номбурда, инчунин ролҳои Маҳтоб, Гулнор, Ойша (аз «Духтари ноком», «Дохунда» ва «Дилҳои сӯзон»-и Ҷалол Икромӣ), Гулъузор, Пошохон, Бону (аз «Босеъ», «Сарбозони инқилоб» ва «Ҳуррият»-и Ғанӣ Абдулло), Генериля (аз «Шоҳ Лир»-и Шекспир), Манзура (аз «Адои қарзи»-и Аъзам Сидқӣ), Малика (аз «Ҳаёт ва ишқ»-и Файзулло Ансорӣ), Гертруда (аз «Модарандар»-и Балзак), Хонум Милфорд (аз «Макр ва муҳаббат»-и Шиллер) алғараз, бештар аз чиҳил симои зани гуногунхислатро манзури тамошобинҳо гардонд.

Ҳунарпеша яккаписари худ Муродро низ ба олами зебоӣ раҳнамун сохт. Режиссёри синамо Мурод Ориф мукофоти баланди ҳампешагони худро гирифт. Филмҳои ӯ «Сирри

аҷдодӣ» ба дипломи дараҷаи аввали озмуни байналмилалии синамои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ (1978) ва «Маро ЛЭП ба пеш мебарад» ба ҷоизаи озмуни даҳуми байналмилалии кино дар Маскав (1974) сазовор шудаанд. Дар филми «Қисмати шоир» ҳунари ӯ ба мукофоти якуми озмуни дуюми байналмилалии синамои кишварҳои Осиё ва Африқо «Уқоби заррин» (Қоҳира, 1960)) тақдир гардид, ки дар М.Ориф қиёфаи Рӯдакии ҷавонро офарид. Дар филми Комил Ёрмат «Абӯалӣ ибни Сино» Тӯҳфа Фозилова нақши модари Шайхурраисро офариду писараш симои Синоро.

Воқиан, фаъолияти Тӯҳфа Фозилова ба кино низ иртиботе дорад ногусастанӣ. Чеҳраи гарми ӯро кинонигорони тоҷику ӯзбек борҳо аксбардорӣ кардаанд.

– Мавзӯи асосии эҷодиёти Тӯҳфа Фозилова – бедории шахсият, ташаккули хислатҳои инсонӣ дар лаҳзаҳои гардишноки тақдири ӯ дар кино ҳам идома ёфтааст,– мегуфт санъатшинос Лола Ҳасанова. – Қаҳрамонҳои ӯ аз филмҳои «Абӯалӣ ибни Сино», «Дохунда», «Тӯфон дар фазои Осиё» ва «Зумрад» роҳи мураккабу пурпечутоби зиндагиро паймудаанд. Беҳтарин офаридаи вай дар кино чеҳраи модар буд аз филми «Зумрад». Ҳунарпеша дар ин бахши эҷодиёташ кореро, ки дар намоишҳои театри академии драма сар карда буд, давом дод. Филм манзарае дорад ғайриоддӣ: Зумрад ба деҳа бо тифли беникоҳ зоидааш бармегардад. Дарду ғами ӯро ҳамагон медонанд. Касе дам намезанад. Чашмҳои баду нек ба сӯяш нигарон. Яке бо нафрат, яъне ки ӯ ба номи зани тоҷик нанг овард, дигаре бо ришханд, сеюмӣ бефарқу бепарво, вале бархе бо раҳму шафқат ва мурувват менигаранд ба вай. Ҳамин вақт модари Зумрад (Фозилова) пайдо мешавад. Тифлаки парпечро аз дасти духтараш гирифта, бо меҳр ба синааш пахш мекунад ва аз кӯчаҳои деҳа боифтихор қадам зада, сӯи хона мебарад…

Ба хислатҳои якранг тобу тоқат надоштани Фозилова ӯро водошт, ки дар ҳар нақш ҷиҳатҳои мураккаби руҳия ва табиати инсонро ҷуста, шахсиятро ҳамчун ягонагии баҳамзидҳо фаҳмад. Қаҳрамонони вай ҳаргиз аз рӯи нақшаи тайёр амалиёт намегузаронанд, балки бо рафтори ғайриоддӣ ва бидуни чашмдошташон баъзан боиси меҳр мегардиданду гоҳе

мӯъҷиби нафрат, вале ҳамеша диққати касро мерабуданд. Рафтори бадқасдона, намоиши бартарӣ ба онҳо бегона буд. Ҳама дар изҳори ҳиссиёту андешаҳои худ ботамкинона дар саҳна ҳаракат ва амал доштанд. Дар ҳамин замина буд асрори истеъдоди ин нобиғаи санъат.

Ҳунари сарояндагии Тӯҳфа Фозилова ба ӯ имкон медод, ки симоҳои офаридааш табиию дилпазир бароянд. Мо ҳангоми иҷрои нақшҳои бешумор дар театру кино чунин ҷиҳати эҷодиёташро бештар дарк кардаем. Таронаи шӯрангези «Бихандад лола дар саҳро» (аз драмаи «Рӯдакӣ») аз забони ӯ чунон дилрабо садо медод, ки шунаванда ба изтироб меафтод. Мо ҳар вақт «Шиканҷи зулф» ном суруди оҳангсоз Абдулмаҷид Ҳомидовро (шеъри Муҳаммадҷон Раҳимӣ) дар иҷрои Тӯҳфа Фозилова шунида завқ мебурдем. Ин таронаи ширину шӯрангез гувоҳи он аст, ки агар оҳанги хуб бо шеъри марғуб даромезад, мебинем, ки чӣ сон таъсири созу овоз меафзояд:

*Зулфро чун ҷони ҳар ошиқ ба бар дорад шиканҷ,*
*Чунки аз ҷонбозии ошиқ хабар дорад шиканҷ.*
*Эй тасаддуқ, бар ҷоname!*

Таронаҳо тавассути сарояндаи соҳибҳунар аз дил ба дил раҳ ёфта, умри дароз мебинанд. «Мепарварам» ном суруди оҳангсоз Фозил Солиев (шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ) дар шумори ҳамин қабил таронаҳо ҳисоб меёфт. Ин сурудро ҳаққонӣ «валси тоҷикӣ» меномиданд, зеро солиёни дароз аз саҳнаи театр, карнаи радиё, телевизион ва базмхонаҳо садо медод. Онро бисёр ҳофизон мехонданд, вале Тӯҳфа Фозилова аз мумтозтарин сарояндагонаш ба шумор мерафт.

Ӯ ба ганҷинаи бебаҳои мусиқии «Шашмақом» эътиқоди қавӣ дошт ва ин шоҳкории гаронбаҳои мардумиро тамоми умр меомӯхт. Хосса сурудҳои «Соқиномаи наво», «Савти ушшоқ», «Талқини савти ушшоқ» дар иҷрои ӯ обу ранги пурҷилое доштанд.

Маҳорати фавқулодаи ӯ дар сароидани таронаҳои халқӣ низ эҳсос мегардид. Хонишҳояш ба дили мардум суруру хушнудӣ мебахшид. Аз забони ӯ шунидани таронаҳои халқии «Модарам», «Болоӣ», «Чашмони сиёҳ», «Каҷмакаҷак», «Дил

хуш аст», «Ҷӯраҷонам», «Ёри масчоӣ», «Сари кӯҳи баланд», «Алла», «Гулпарӣ» ва амсоли инҳо ба шунаванда ҳаловату кайфияти махсус меовард. Ин сурудҳои мардумӣ, чунон ки мутахассисон эътироф кардаанд, бештар ба шарофати Тӯҳфа Фозилова маҳбубият ёфтанд.

Алҳақ, ӯ мутрибае буд булбулнаво, ки кас аз шунидани лаҳнаш кайфияти хосса мебардошт. Тавассути табъи нозуку ҳунари воло вай метавонист, ки асрори зебоии сурудҳои мардумию классикӣ ва маънии бикри онҳоро возеҳу фаҳмо ба сомеъ расонад.

Солҳои чилуму панҷоҳум «Модарам» ном суруди ғамзидои Нурхон (аз драмаи мусиқии «Нурхон»-и Комил Яшин) дар иҷрои Тӯҳфа Фозилова даҳан ба даҳан гузашта, хеле машҳур шуда буд. Ӯ ин сурудро ба барномаҳои консертиаш ҳамроҳ карда, дар саҳнаҳо мехонд. Ин суруди дӯстдоштаи бонувонро радиои тоҷик низ тез-тез мешунавонд. Соли 1954 модари Тӯҳфа пеш аз бори реҳлат барбастан аз духтараш мепурсад, ки ҳамон суруди «Модарам»-ро аз радиё сарояд. Тӯҳфа филфавр ба радиёстудия рафта, чанд тан муғанниро меёбаду дархости модарашро ба ҷо меорад. Модари бемор дар рӯи бистар охирин бор суруди духтарашро шунида, беармон аз олам мегузарад. Духтар ин сурудро дар рӯзи дафни ӯ бо чеҳраи мотамгирифта сароид.

Оҳангсозон ва мусиқишиносон ба маҳорати сарояндагии Тӯҳфа Фозилова баҳои баланд дода, эъҷозофарини ҳунар будани ӯро эътироф кардаанд. Аз ҷумла, яке аз муҳаққиқони адофаҳму навосанҷ профессор Низом Нурҷонов гуфтааст: «Тӯҳфа Фозилова дар якчанд навъи ҳунар – мусиқӣ, ҳофизӣ, опера, драма ва кино дасти боло дошт. Роҳи ин зани бағоят ҳассос ба олами зебоӣ бидуни мактаби махсусе оғоз ёфт. Сирри ҳунари ӯ пинҳон набуд. Табиат барои ҳунарварии ӯ бартариҳои зиёде ато кард. Ба ҷуз истеъдоди фитрӣ ӯ қаду қомати мавзун, чеҳраи гулгун ва чашми пурафсун дошт. Ӯро дар саҳнаи тоҷик чун рамзи назокат мешинохтанд. Як дилрабоӣ ва ҷозибаи басо нафиси ба худ хос аз талъати ӯ падид меомад. Симои нотакрор ва ҳаракати хоссаву овози форамаш ҳамаро мафтун месохт. Мусиқавияти фавқулъодааш

низ касро ба ҳайрат мегузошт. Хотираи аълои мусиқӣ дошт. Овозаш чандон бақувват набошад ҳам, беҳад нарму нафис, ширадор ва муассир буд. Лаҳну навояш дар ниҳоди худ тобишҳои гуногуни ғиноӣ ва драматикӣ дошт. Сурудҳои халқӣ ва асарҳои оҳангсозонро устодона мехонд ва шунавандаро на танҳо бо овози нафису сертобишаш, ё худ бо эҳсос карда тавонистани хусусиятҳои миллии мусиқӣ ва нозукиҳои он ба ҳайрат меовард, балки бо самимияти баландаш низ мафтун месохт. Суруд гӯё аз қаъри дилу чашмаи зеҳну закояш фаввора зада мебаромад. Вай зоҳиран гӯё намесароид, балки худи суруд ӯро аз паи худ мебурд…»

Мардум аз овози ӯ илҳом ва рӯҳи тоза мегирифт. Гоҳе чунин ҳам мешуд, ки бо вуҷуди бориши барфу борон дар сари киштзору суфаҳои саҳро барои деҳқонон консерт мeоростанд. Тӯҳфаи ҷавони шӯхтабъ дар ҳамаи ҳолатҳо месуруду мерақсиду менавохт.

Ӯро чун ҳунарвари табиатан ҳозирҷавоб ва зарофатгӯй низ мешинохтанд. Табассуми ширину латифаҳои намакин дошт.

Тӯҳфа Фозилова дар мамолики хориҷа низ аҳли завқро шефтаи созу овози худ мегардонд.

Кобул. Охири тобистони соли 1958. Бо даъвати ҳукумати Афғонистон як даста созандагону навозандагони тоҷик дар чиҳилсолагии Ҷашни истиқлоли мамлакат ширкат доштанд. Онҳо дар тӯли се ҳафта дар боғу майдонҳо, саҳна ва корхонаҳо беш аз бист консерт доданд, ки дар ҳар кадоме аз ду то се ҳазор мардуми соҳибзавқ ширкат варзид. Хосса консерте, ки шомгоҳи рӯзи якуми Ҷашни истиқлол дар тамошохонаи тобистонии Чамани Ҳузурӣ баргузор гашт, хеле хотирнишин сурат гирифт. Аз садри аъзами Афғонистон то соҳибмансабони хурду бузурги давлатию низомӣ, меҳмонони ифтихорӣ, ходимони сафоратхонаҳои хориҷии Кобул, аҳли адабу фарҳанг, гулҳои сари сабади зиёиёни афғон гирд меомаданд.Суруду рақсу бадеҳа ҳозиронро ба ваҷд меовард. Мардум аз сурудҳои фораму дилнавоз ва латифу афсунсози Тӯҳфа Фозилова завқ бурда, бо кафкӯбиҳои паёпай мехостанд, ки боз ба саҳна барояд. Хосса таронаҳои «Савти ушшоқ», «Чашмони сиёҳ» ва «Субҳи Кобул» дар иҷрои ӯ ди-

ли ҳозиринро мерабуд. Дар яке аз рӯзномаҳои маркази Афғонистон «Анис» бахшида ба ҳунармандони тоҷик шеъри шоир Содими Султонӣ интишор ёфт, ки як байташ чунин аст:

*Суруди ҷонфазои Тӯҳфа Фозил*
*Ғубори ғам зи дилҳо кард зоил.*

Дар як сафари Тӯҳфа Фозилова ба Эрон баъди ҳунарнамоии навбатӣ рӯзноманигорон пурсиданд, ки ӯ аз даргоҳи кадом консерватория гузашт ва дипломи кадом мактаби олиро дорад? Чун аз забони ӯ шуниданд, ки аз ягон консерватория сабақ нагирифта, маълумоти олӣ ҳам надорад, тавассути истеъдоди фитрӣ ва худомӯзӣ комгор шудааст, ҳама ангушти таҳайюр ба лаб мебурданд: «Зиҳӣ истеъдоде, ки ҳунарро тоҷи сар дорад!»

Басе ҳунарварони соҳибдил ин шахсияти эҷодкори саҳнаро ихлосмандона устоди маънавии худ донистаанд, аз мактаби маҳораташ сабақ гирифта, маҳбуби халоиқ гаштаанд. Ӯ дар олами санъат ихлосмандон ва пайравони хоси худро дошт.

Пешавари нодиракор, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Тӯҳфа Фозилова беш аз ним аср ҳунар намуда, аз санҷишу озмоишҳои бузурги маҳорат гузашт ва то ба дараҷаи Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ расид. Мероси гаронбаҳои ӯро барои ворисони оянда мебоист бештар ва мукаммалтар маҳфуз медоштанд. Овози нотакрори ӯ шоистаи захираи тилоии маданияти тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Вале ҳайҳот! Охири соли 1983 телевизиони тоҷик аз силсилаи «Устодони санъат» доир ба фаъолияти ҳунарии ӯ намоиши ҷозибе пешкаш кард ба мардум. Дар танзиму таквини намоиш вақти гароне ва заҳмати фаровоне ба харҷ доданд. Умри Фозилова ба ҷое расидаву шояд ин охирин намоише буд бо иштироки худи ӯ. Муаллиф ва барандаи намоиш, ровии дақиқназар Наима Қаҳҳорӣ ва худи Тӯҳфа Фозилова аз роҳбарияти Кумитаи телевизион ва радиои тоҷик пурсиданд, ки аз фурсат истифода бурда, ин намоишро барои хазинаашон сабт кунанд. Вале, мутаассифона, роҳбарони онвақтаи ин дастгоҳи бонуфузи ҷумҳурӣ гӯш ба карӣ заданд ва ба сабти намоиш иҷозат надоданд. Пас аз се моҳ, сеюми феврали соли 1984 ин нобиғаи санъат дунёро падруд гуфт.

Дарёи пурталотуми вақт беист ҷорист. Маҷрои зиндагӣ бархе аз сабукборонро ба канор мепартояд ва зумраеро шӯҳраи офоқ мегардонад. Мисли Тӯҳфа Фозилова соҳибҳунарони асил аз саҳифаи ёдҳо зудуда нахоҳанд шуд.

Конибодомиҳо ба театри драмаи мусиқии шаҳрашон, ба даргоҳе, ки фаъолияти Тӯҳфа Фозилова аз оғӯшаш ибтидо гирифт, номи ӯро дода, хотираашро абадӣ гардондаанд. Дар Душанбе низ кӯчае номи ӯро дорад.

*Одамиро ба ҷаҳон номи накӯ мемонад,*
*Фасли гул мегузарад, лаззати бӯ мемонад.*

## АВВАЛИН СИТОРАИ БАЛЕТ

Тақдир ба ӯ дасти ёрӣ дод, ки аз миёни духтарони тоҷик нахустин раққосаи балет шавад. Падари барзгараш Зоҳиди Сангин ҳаргиз гумон надошт, ки духтари ягонааш ба камол расида, бо ҳунари худ саҳнаҳоро ороста, яке аз асосгузорони хореографияи тоҷик мешавад. Воқиан ҳамин тавр шуд. Номи балеринаи шӯҳратманд, устоди забардасти рақс Лутфӣ Зоҳидова тавассути истеъдоду санъати волояш дар саҳифаҳои таърихи балети Тоҷикистон сабт ёфт. Назокати рақс, эҷодиёти бою рангин ва дилангези ӯро ҳунарварони асили замон эътироф кардаанд.

Лутфӣ аз овони туфулият дилбохтаи ҳунар буд. Соли 1932, ҳангоме ки волидайнаш аз шаҳри Конибодом ба пойтахти ҷумҳурӣ омада, муқимӣ шуданд, аввалин орзуи ин духтари яккаву ягонаашон рӯи об баромад. Модараш Назокат Саидалиева, ки яке аз аввалин фаъолаҳои роҳи озодии занҳо буд, рағбату ормони Лутфиро дарёфта гуфт: «Духтарам, агар санъаткор шуданӣ, ончунон ба дилҳо роҳ ёб, ки ҳама орзуи туро кунанд. Ману падарат хайрхоҳи туем…»

Лутфӣ аввал дар дастаи ҳаваскорон, пас дар омӯзишгоҳи омӯзгории занонаи пойтахт таҳсил кард. Рақсҳои мавзуни ӯ дар маҳфили ҳаваскорони санъат таваҷҷӯҳи ҳамаро ба худ ҷалб намуд. Вай бештар рақсҳои халқиро бо зарофат иҷро карда, суруд ҳам мехонд. Баъди он ки дар озмуни ҷумҳуриявӣ пирӯз гардид, ӯро дар ҳайати ҳаводорони ҳунар ба олимпиа-

даи умумииттифоқии эчодиёти халқ фиристоданд. Он ҷо вай рақсҳои дилчаспу зарифи худро намоиш дод. Дар Москва ҳунарашро писандиданд. Баъдан ӯро барои кор ба ансабли рақсу суруд даъват карданд. Солҳои 1939-1941 ба ҳайси раққосаи ансамбли иттифоқҳои касабаи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳунарнамоӣ мекард, дарси нафосат меомӯхт ва малака меандӯхт. Ҳамзамон дар донишкадаи санъат таҳсилро идома медод ва рақсҳои ҷозибро меомӯхт. Чун оташи ҷанг даргирифт, Лутфӣ ночор ба ақибгоҳ баргашт. Дар Театри опера ва балети Тоҷикистон ба ҳунарнамоӣ оғозид. Таҷрибаҳои дар Маскав андӯхтааш ёрӣ медод, ки низоми кори худро мувофиқи завқу маромаш ба роҳ бимонад.

Балет санъати нозукест, ки на ҳар кас асрори онро ба зудӣ кашф карда, мӯъҷизаашро сарфаҳм меравад. Лутфӣ дар Маскав ин санъати нафисро дар имтиҳонҳои мушкил меомӯхт.

… Як шоми аввали баҳори соли 1943. Фашистон басе шаҳру деҳоти шӯравиро ишғол мекарданд, вале дур аз размгоҳ чароғи маданият хомӯш намегашт. Он шомгоҳ дар Тоҷикистон нахустин бор балети классикии «Эҳтиёткории беҳуда»-и П.Л. Гертел (балетмейстер А.Прошенко, режиссёр И. Ханзел) рӯи саҳна омад. Лутфии ҳаждаҳсола нақши қаҳрамони марказии асар Лизаро офарид. Бори нахуст буд, ки тоҷикдухтар санъати хореографии классикии ҷаҳонро манзури тамошобинон мегардонд. Лизаи ӯ аз беҳтарин симоҳои ин балет маҳсуб мешуд. Асар мақбули тамошобинҳо гардид. Лаёқати балеринаро ба эътибор гирифта, ӯро бо унвони Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ тақдир карданд. Истеъдоди ин ҷавондухтарро театршиноси шӯравӣ Георг Гоян дар гузориши худ дар Ҷамъияти театрии умумииттифоқӣ, ки 23 сентябри соли 1943 баргузор гардид, чунин арзёбӣ кард: «Балеринаи ҷавон Лутфӣ Зоҳидова, бешубҳа, нақши Лизаро дар силсилаи симоҳои бадеии умумиҷаҳонӣ намоиш дод. Дар симои ӯ хусусиятҳои миллии раққосаҳои тоҷик – зебоии андом, ҳаракати мавзуни дасту пойро боварибахш ва дар шакли ягонаи рақси баландғояи классикӣ офарид».

Лутфии шефтаи ракс, Лутфии навҷӯю навпардоз дар тӯли солҳои чилуму панҷоҳум аз роҳу пайраҳаҳои пурпечутоби

санъат гузашта, ба қуллаи камолот расид. Маҳораташ бештар сайқал меёфт ва дилҳоро мерабуд. Вай ба ин комёбиҳо бо дасти мадади мураббиёни худ – ҳунармандони шинохта Александр Просенко ва Ғаффор Валаматзода ноил мегашт. Ӯ дар мактаби Просенко аз асосҳои санъати нозуки балет сабақ меомӯхт. Нозукиҳои рақси миллиро аз устоди рақс Валаматзода меомӯхт ва рафта-рафта инкишофи балети тоҷик бо номи худи ӯ иртиботи зич гирифт.

Бо мурури солҳо мушкилиҳо паси сар мешуданд, санҷишҳои нав ба нав пеш меомаданд. Соли 1947, чун ба тамошогарони тоҷик тоҷи хореографияи классикии рус «Кӯли қувон»-и Чайковскийро намоиш медоданд, офаридани нақши Одетта ба зиммаи Лутфӣ Зоҳидова афтод. Вай барои офариниши ин нақш басо заҳмат кашид. Пас аз тамринҳои ниҳоӣ қиёфаи Одеттаро устодона офарида, мухлисони худро ба ваҷд овард.

Соли 1949 аввалин балети миллии тоҷик «Лайлӣ ва Маҷнун», ки мусиқиашро Сергей Артёмович Баласанян эҷод карда буд, бо саъю кӯшиши балетмейстер Ғаффор Валаматзода ба саҳна гузошта шуд. Дар офаридани ин спектакл бори дигар собит гашт, ки Валаматзода дар санъати рақс истеъдоди фавқулъода дорад. Вай дар намоиш ба ҷои пантомимаҳои расмӣ ҷорӣ кардани санъати асли рақсро афзал медонист, аз хореографияи миллӣ маҳз ҳамон раққосҳоеро интихоб кард, ки андешаи оҳангсоз ва ғояи амиқи балетро мукаммал ифода карда тавонанд. Дар «Лайлӣ ва Маҷнун» бори аввал дар саҳнаи тоҷик рақси классикӣ бо рақси миллӣ омезиш ёфт. Лутфӣ қиёфаи маъшуқи номурод – Лайлиро офарид, ки вай аз аввал шӯху қайсар буд, сипас ҷаҳонбиниаш ташаккул ёфта, ба муқобили ҷоҳхоҳон, ҷоҳилон ва мутаассибон бархост. Арбобони ҳунар эътироф карданд, ки Лайлии Лутфӣ дар ҳақиқат олияи ҳусн, ошиқи содиқ ва нокому номурод аст ва тақдири фоҷиавӣ дорад. Дар хати ҳаракати балерина тамоми воқиаю ҳодисоти асар бо ифодаҳои драматикӣ сурат гирифта буд.

Ин ҳунари шевои балеринаро тақдир карданд. Соли 1949 барои комёбиҳояш дар иҷрои нақши Лайлӣ (аз балети «Лайлӣ ва Маҷнун») Лутфӣ Зоҳидова ба Ҷоизаи давлатии Иттиҳоди

Шӯравӣ ва унвони Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон мушарраф шуд.

Раққосаи балет мехост дар офариниши симои ҳамзамонони худ низ қувва биозмояд. Ибтидои солҳои панҷоҳум Ғаффор Валаматзода бо ҳамкории либреттонависон Муҳаммад Рабиев, Азиза Азимова ва оҳангсоз Александр Ленский рақси классикиро бо унсурҳои рақси миллию фолклорӣ даромехта, балети «Дилбар»-ро ба саҳна овард, ки рӯзгори муосиронро инъикос мекард. Қаҳрамони марказии асар раққосаи моҳир Дилбар орзу дошт саҳнаҳоро зеб диҳад. Ин чеҳра ба дили балерина беҳад наздик буд. Ӯ дар симои Дилбар ҳаёти шахсии худро медид, мисли ӯ раққосаи моҳир шудан мехост. Ин орзу ба шарофати заҳматҳояш ба амал омад. Балерина роли Дилбарро басо табиӣ ва муассир мебозид.

Аз репертуари классикии балерина роли Эсмералда ( аз «Эсмералда»-и С. Пуни) низ дар хотирҳо накш бастааст. Дар саҳна падид омадани духтараки хушқомати шӯхтабиат ва сиёҳчашмаки хандонрӯ ба ҳозирон нишот мебахшид ва ҳаракатҳои мавзуну дилчаспаш аҳли толорро ба ҳаяҷон меовард. Тамошобинон ӯро гаштаву баргашта ба саҳна хоста, таҳсину таҳният мегуфтанд ва кафзанӣ мекарданд.

Дурахши истеъдоди Лутфӣ Зоҳидова дар офариниши симоҳои Мария (аз «Фаввораи Боғчасарой»-и Б. Асафев), Золушка (аз «Золушка»-и С. Прокофев), Шаҳрзод (аз балети «Шаҳрзод») ва як қатор дигар қиёфаю симоҳо бештар ба зуҳур омад. Ҳар яки ин қиёфа, чунон ки ноқидони санъат эътироф кардаанд, дар рақси мавзуни ӯ бо тобу ҷилои тоза ва рангину ҷаззоб ифода меёфт. Офаридани силсилаи қиёфаҳои романтикию ҳаётӣ хоси эҷоди ин раққосаи волоҳунар буд. Кас ҳангоми таҳқиқи эҷодиёташ дармеёбад, ки чӣ сон қаҳрамонони ӯ, сарфи назар аз беҳуқуқию заифии хеш, рӯҳан қавию неруманданд, ба ҳар мушкилӣ тоб оварда, ба баланду пасти рӯзгор бо чашми умед менигаранд.

Ҳунари волои Лутфи Зоҳидоваро ҳунаршиносони басо ирқу нажодҳо писандидаанд. Вай дар ҳайати аҳли ҳунар ба Муғулистону Булғористон, Руминияву Албаниё, Ҳиндустону

Индонезиё сафар карда, санъати нафиси мардуми тоҷикро намоиш медод.

Соли 1951 дар шаҳри Берлин ҳазорон нафар писарону духтарони сайёра ба фестивали умумиҷаҳонии ҷавонон ва донишҷӯён ҷамъ омаданд ва якдилона изҳор карданд, ки барои сулҳи пойдори рӯи Замин, дӯстию ваҳдати халқҳо, маҳви гуруснагӣ ва бекорӣ ҷасурона мубориза мебаранд. Дар байни ин ҷавонони озода духтари тоҷик Лутфӣ Зоҳидова низ буд, ки дар он ҷо барои ҳунарнамоии хубаш соҳиби ҷоизаи махсус гардид. Инак, як лаҳзаи он намоиш: ҷавондухтари тоҷик дар бар либоси миллӣ сари панҷаи по гӯё сӯи саҳна ба парвоз меояд. Толор орому сокит. Ҳамаи чашмҳо нигарони ӯ. Духтарак бо ҳаракати латиф ва ҷаззобу дилфиреб ба рақс медарояд. Толорро аз ҳунарнамоии ӯ шӯру шавқи шодиёна фаро мегирад. На танҳо тамошогарони таҳҷоӣ, балки намояндагони Ҳиндустону Испониё, Британу Италиё ва Фаронса аз ин рақси мавзун ба ваҷд омада, ба ҳунари ӯ кафкӯбиҳо мекунанд...

Моҳи апрели соли 1957. Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Маскав баргузор мегардад. Ба ин муносибат балетҳои миллии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С.А.Баласанян (бо баъзе бозёфтҳои эҷодӣ) ва «Дилбар»-и А.С. Ленскийро намоиш доданд, ки дар онҳо низ нақшҳои аосиро Лутфӣ Зоҳидова бозид. Балерина тавонист, ки дар симои Дилбар хусусиятҳои хоси хореографияи балети миллиро барҷастаю дилфиреб нишон диҳад. Бесабаб нест, ки санъатшиносони вақт ӯро тимсоли (прототипи) Дилбар (аз балети «Дилбар», оҳангсоз А.С. Ленский) мехонданд, ин баҳои ҳаққонӣ ба истеъдоди ӯст.

Ҳамон рӯзҳо истеъдоди балеринаро дар роҳи равнақи санъати тоҷик бори дигар қадршиносӣ карда, ӯро бо унвони Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардониданд. Ӯ дар Осиёи Марказӣ аввалин балеринае буд, ки ба дарёфти ин унвони олӣ мушарраф гардид.

Заҳмати фаровон ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ шӯҳрати балеринаро оламгир кард. Ӯ ба намояндагии Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъватҳои 3-5) интихоб шуд. Акнун вай дар аксари намоишҳои нави саҳнавӣ роли асосиро мебозид, ҳамзамон корҳои ҷамъиятиро бо фаъолияти эҷодии театр пайваста пеш

мебурд. Эътибору манзалати ин ситораи тобони саҳнаи тоҷик муттасил меафзуд. Хизматҳояшро бо орденҳои Байраќи Сурхи Меҳнат, Нишони фахрӣ, Дӯстии халқҳо ва даҳҳо нишон ва ифтихорномаи сершумор қадр кардаанд.

Раққосаи авҷи ҳунари балет Малика Собирова, ки бисёр нақшҳои репертуари балети ҷаҳониро бо исмаш якҷоя ном мебаранд, барҳақ гуфта буд: «Апаи Лутфӣ дар ҷодаи санъат барои мо чароғи раҳнамо буданд. Ба истеъдодашон аҳли олам борҳо кафкӯбӣ кардаанд. Аз маҳораташон саҳна тароват ва обу ранги тоза меёфт...»

Нахустбалеринаи тоҷик Лутфӣ Зоҳидова беш аз чоряк аср дар саҳнаи театрҳо, дар олами беҳудуди нафосат ва назокат бо панҷаи по рост истода, ҳунарварӣ кард ва дар рушду камоли балети миллӣ саҳми сазовор гузошт. Вай аз оғози соли 1961, аз ибтидои таъсиси мактаби бачагонаи хореографии Душанбе вазифаи мудирии онро ба ӯҳда дошт ва дар мазраи дили насли наврас тухми нафосат мекошт. Шогирдони ин дабистон дар шаҳру деҳоти диёрамон сафи ҳайати балети театрҳою ансамблҳои гуногунро пур карда, кайҳо сазовори унвонҳои давлатӣ гардидаанд. Онҳо тирамоҳи соли 1985 ба муносибати санаи шастсолагии устоди худ Лутфӣ Зоҳидова табрикномаҳои бисёре фиристоданд, ки аксаран чунин мазмун доштанд: «Устоди азиз, халқи мо шуморо чун асосгузори санъати касбии балети тоҷик эътироф кардаанд. Шумо бисту панҷ соли ҳаёти бобаракат ва пур аз навою суруди худро сарфи саҳнаи маърифат намуда, санъати балетро ба зинаи олӣ бардоштаед. Шумо силсилаи образҳои ҷовидонаро офаридаед, ки ба хазинаи тилоии санъат ворид шудаанд. Зиҳӣ санъаткоре, ки номи некаш дар саҳифаи таърих абадӣ сабт ёфтааст!..»

## «ТАНАВОР»-ҲОИ АДОЛАТ

Оғози асри бист дар шафати майдони Машҳади шаҳри Конибодом Адолат ном мутрибаи соҳибистеъдоде мезист, ки дар байни мардум бо лаҳну навои дилнишинаш овоза дошт. Азбаски нозукандоми резапайкар буд, ӯро Адолатча низ меномиданд. Табиат ба ӯ овози гирою ҳусни расо бахшида буд. Дар

маҳфилу базмҳои хосу ом суруду таронаҳои ин хунёгари асил дилҳои хомӯшро ба ҷӯш меовард. Чунон ки шоҳидони вақт ба мушоҳида гирифтаанд, ӯ бонуи сӯҳбаторою базлагӯе ҳам будааст.

Соли 1965 ҳангоми ифои вазифа дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» (ҳоло «Фирӯза») аз донишманди илму адаб Шарифҷон Ҳусейнзода хоҳиш кардам, ки дар бораи ин ҳунарпешаи хушадо иттилое диҳанд. Гурӯҳе хонумҳо ба маҷалла нома навишта, тақозо доштанд, ки аз рӯзгори Адолат ва сабки эҷодии ӯ мақолае интишор намоем.

– Ман Адолатро дидаам, сурудҳояшро шунидаам, – гуфтанд устод. – Овози ширадори синагудоз дошт. Чун дармеёфтам, ки ба базмгоҳе ӯ меояд, ҳатман барои шунидани овозаш мешитофтам. Ман мӯътақид ҳастам, ки оҳанги «Танавор» маҳсули эҷоди худи ӯст. Адолат табъи шоирӣ ҳам дошт. Ба тоҷикиву ӯзбакӣ ғазал навишта, ба оҳанг медаровард ва месуруд.

Камина ба устод гуфтам:

– Хуб мешуд, ки аз рӯзгори ӯ қиссае ё мақолае нависед, вагарна як гӯшаи таърихи санъати тоҷик торик мемонад.

– Кӯшиш мекунам, – ваъда дод пири хирад. – Лекин дар хусуси ин гуна шахсиятҳои таърихӣ ва чеҳраҳои дурахшони ҳунар бофтану тахмин кардан ҷоиз нест. Шумо ба Конибодом равед, як сари қадам ба хонаи Ҷумъа Ҳаким дароед. Он касро мешиносед-а? Ҳа, бале. Бо модарарӯсаш сӯҳбат кунед.Ана, ҳамон пиразан Адолатро аз наздик мешинохт. Ҳар он чиеро, ки аз ҳаёти Адолат медонад навишта, биёред ва мавод, ки таҳия шуд, чизе менависам.

Дере нагузашта фармоиши устодро ба ҷо овардам. Ҳангоми сафар ба шимоли ҷумҳурӣ ба ҳузури Ҷумъа Ҳаким рафтам, ки ӯ ба ҳайси котиби дувуми кумитаи ҳизбии Конибодом фаъолият дошт. Қаблан ӯро мешинохтам, аз корнамоиҳои ҷангиаш мақолае навишта будам. Ин марди пешкору пешгард то соли 1940 мудири шӯъбаи тандурустии шаҳр буд. Дар айёми ҶБВ ба ҳайси табиби ҳарбӣ садҳо нафар маҷрӯҳи вазнинро аз майдонҳои муҳориба берун бароварда, умри дубора бахшидааст. Ва инак дар замони осоишта низ паи ободии Ватан заҳмат мекашид. Ман ба ӯ саломи паёми

устод Ҳусейнзодаро расондам ва мақсадро фаҳмондам. Бидуни даранге корам пеш рафт. Бо мусоидати Ҷумъа Ҳаким бо модарарӯсаш Зебуннисо, ки ҳамнишину ҳамдами Адолат буда, беш аз ҳаштод сол доштааст, вохӯрда, хотираҳояшро рӯи коғаз овардам. Пиразан аз он ки Адолат мутрибаи моҳиру сарояндаи соҳир будааст, далелҳо овард ва афсӯс хӯрд, ки зимомдорони замон ба қадри ҳунари ӯ нарасидаанд. Устод Ҳусейнзода ёддошти пиразанро аз забони ман шунида, шод шуданд, тасмим гирифтанд, ки акнун мақолае хоҳанд навишт. Сипас афзуданд, ки матни баъзе сурудҳои Адолат ӯзбакист, айнан меорам, шумо шеърҳоро ба тоҷикӣ баргардонед, ба ду забон чоп мекунем.

Аз байн хеле вақт гузашт. Рӯзе устодро дар сари роҳе дида, мақолаи ваъдагиро гӯшрас кардам. Он кас аз заъфи чашм, ки азобашон медод, шиква карданд, «ҳоло ба пазироии табиби чашм меравам» гуфтанд ва итминон доданд, ки ин мақоларо анқариб ба итмом мерасонанд. Вале, ҳазор дареғ, ки ормонҳо дар дил монд. Устоди арҷманд бо зиндагӣ падруд гуфтанд. Пас охирин шогирдашон Бадриддини Мақсуд, ки дастнависҳо ва ҳуҷҷату китобҳояшонро танзим мекард, миёни авроқи дафтарчаи ҷайбии олим чунин ишораҳо ва фишурдаи нигоштаашонро дарёфт: «Аз он сӯ оҳанги «Танавор» шунида мешуд. Аз торҳои нозуки дутори ӯ парда-парда малоҳат ба дилҳо мерехт. Он вақт тақрибан биступанҷсола буд Адолат. Ангуштонаш дар болои пардаҳо бозӣ мекарданд. Аз хона оҳанги гоҳ ҳузну гоҳ шӯх мерасид. Дар охир боз «Танавор» навохт. Ӯ овозе дошт, ки дар дилҳо чароғи меҳр меафрӯхт.

Дар он рӯзгорон мактаби мусиқӣ ба маънои имрӯзааш вуҷуд надошт. Дар сари Адолат набудани волидайн ба пешбурди корҳояш душворӣ меовард. Лекин ин мушкилиҳо меҳру муҳаббатеро, ки ба ҳунари нафиса дошт, ҳеҷ гоҳ барҳам дода наметавонист. Аз сӯҳбати ӯ наҷобату нафосат мерехт. Ишқаш – хайрхоҳӣ, муродаш – муҳаббат, саҷдагоҳаш – Ватан, дӯсташ – ҳунари воло ва меҳробаш эъҷози санъат буд. Дар рагҳояш сели ғайрат ҷараён дошт. Нигоҳи гармро мепарастид, сардхунҳоро намеписандид.

Синааш хазинаи шеър буд. Ӯ ба ғазалхонҳо ғазал ёд медод,

ба ҳаззолон ҳазлу мутояба. Рафтораш саршори ҳунар, гуфтораш парвардаи шеър буд. Дар авҷи орзуҳои баланду бузург парвоз дошт...»

Аз ин пораҳои парокандаи афкор маълум мешавад, ки устод Ҳусейнзода ба навиштани мақолае аз фаъолияти Адолат сар карда, аммо бо сабаби ғуруби офтоби умр ба кори зарууртаре андармон шуда, онро ба сомон расонда натавонистаанд. Хушбахтона, кори устодро шогирдонашон давом доданд.

Охири моҳи фарвардини соли 1990 дар Душанбе (дар Хонаи адибон) симпозиуми байналмилалии ҳазору чаҳорсадумин солгарди Борбади Марвазӣ доир гардид. Дар баҳсу таҳқиқи осори гаронмояи ин нобиғаи мусиқии Машриқ донишмандони бисту ҳафт мамолики ҷаҳон ширкат доштанд. Дар симпозиум олими тоҷик Саидумари Султон дар мавзӯи «Мақомоти Борбад ва мусиқии тоҷик» маърӯза карда, бештар перомуни масъалае сухан ронд, ки чӣ тавр ҳунармандони миллатҳои мухталиф «Шашмақом»-и тоҷикро омӯхта, ба он матни забони худро гунҷонда, хондаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ изҳор кард: «Шашмақом» имкониятҳои фаровони вусъату инкишоф ва тағйирот дорад. Масалан, дар анҷоми асри XIX ва оғози асри XX Адол ё худ Адолатча ном мақомхони мумтози конибодомӣ шӯҳрати бузург пайдо кард. Ӯ ҷавонзани бағоят хушдилу хушсалиқа буд. Ҳар фард дар дил орзуи дидани ӯ ва шунидани овозашро мепарвард.

Вақте ки овозаи ҳусну ҳунари Адолатча ба авҷи аъло расид, ӯро аз Конибодом рабуданд. Баъдан вай дар Хӯқанд ба кори эҷодию сарояндагӣ пардохт. Ӯ аз имкониятҳои дохилии «Шашмақом» истифода бурда, ба равияи «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Чоргоҳ» бо номҳои «Танавори як», «Танавори ду», «Танавори се» ва «Танавори чор» ҳашт оҳанги хоси худро офарид.(Ба қавле 15 «Танавор» доштааст). Ин навоҳои ихтирои худро бо матну созу овози хуш менавохту месуруд. Ин оҳангҳо бо гузашти солҳо шаҳрошӯб шуданд. Шумораи мухлисони ӯ торафт меафзуд.

Ҳар гоҳ «Танавор»-ҳои ӯро телевизион ва радиои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мешунавонданд. «Танавор»-ҳои Адолатро сарояндагони номии ӯзбеку тоҷик Ҳалима Носиро-

ва, Меҳрӣ Абдуллоева, Саодат Қобилова, Ориф Алимахсумов, Берта Довудова, Барно Исҳоқова, Ҳанифа Мавлонова, Фариза Саъйдуллаева, Мастона Эргашева ва дигарон бо камоли майл суруда, маҳбубияташонро афзудаанд.

Адолат на танҳо мутрибу оҳангсози мумтоз, балки шоираи хушсалиқа ҳам буд. Мақтаи баъзе сурудҳои ӯ дорои номи Адолат аст, зеро ба номи худ тахаллус мекард. Фитаи як суруди худи ӯро дар даст дорем ва дар фуроварди он низ «Адолатат мане» гӯён, тахаллус мекунад.Яке аз беҳтарин оҳангҳои ӯ ба шеъри Навоӣ «Ул сарви гулрӯ келмади» мебошад, ки дар қартаи патефон сабт ёфта буд.

Арзиши «Танавор»-ҳои Адолат аз оҳанги мақомҳо кам нестанд ва онҳо «Шашмақом»-ро ғанӣ гардондаанд. Ба фикри ман, ин силсилаи оҳангҳои «Танавор»-и Адолатро чун иловаи ҷадиди «Шашмақом», яъне мақоми ҳафтум қабул кардан комилан равост. Ва ин хизмати бузурги ӯро қадршиносӣ бояд кард...»

Санъати волои Адолатро, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, ҳунарпешаҳои мумтоз Тӯҳфа Фозилова ва Лутфӣ Зоҳидова, ҳофизони халқӣ ва шоистаи ҷумҳурӣ аз конибодомиён Иброҳими Ҳофиз, Мирзобобои Аҳмад, Кимсан Маҳкам, Латофати Ориф, Ҷӯрахони Искандарӣ, Ҷӯра Бобо, Турдибои Турсун, Дадохони Шермат, Дадохони Болта, Раъно Умарӣ, Қумрии Дӯстмат, Обидҷони Ғойиб, Алимати Бегмат ва дигарон дӯст медоштанду сабку сулуки шевояшро меомӯхтанд ва дар барномаҳои ҳунариашон фаровон истифода мебурданд.

Дар айёме, ки барои устод Шарифҷон Ҳусейнзода аз рӯзгори Адолат мавод меандӯхтам, боре аз нобиғаи ҳунар Тӯҳфа Фозилова пурсидам, ки оё шумо Адолати ҳампешаатонро мешинохтед?

– Албатта, мешинохтам, – бо қатъият посух доданд он кас. Аз миёни занҳои тоҷик мисли ӯ ситораҳои санъат кам чеҳра намудаанд. Мудате мурғи бахт бар китфаш нишаст ва шӯҳраташ оламро гирифт. Ҳама шефтаи созу овозаш буданд. Сипас, мутаассифона, бахташ баргашт. Аввал ин ки ба сари апаи Адолат барфи пирӣ менишаст, сониян, дар солҳои пурошӯби баъди инқилоби Бухоро аз санъати сеҳрангези ӯ на

танҳо касе аз арбобони ҳукумат пурсон нашуд, балки рӯзгораш зери таҳдиду хатар афтод. Ҳасудонаш фитна меангехтанд. Ба назари Адолат марзи ҳунархези диёраш ба марзи ҳунаркуш бадал меёфт. Оқибат ӯро «дар дарбори амир хизмат мерасонд» гӯён, таъқиб кардаанд. Пас, Адолат бо маслиҳати Комил Ёрмат ва мадади модари милисаам Улуғбибӣ маҷбур шудааст, ки дар маҳалли дӯстони фарғонагиаш муҳоҷир шуда, ба ноҳияи Кӯктош паноҳ оварад...

Сипас, Тӯҳфа Фозилова ҳикоя карданд, ки аввали солҳои сиюм бо ҳамкасбон борҳо ба дидорбинии Адолат мерафтанд. Мутрибаи аламкашида вақти боздиду видои ёрон ашк рехта, дилашро аз алам тоза мегардонд. Вай ҳини сӯҳбатҳои хосааш ба санъаткорон таъкид мекардааст, ки ҳамеша аҳлу тифоқ, қадрдону қадршинос ва мададгори ҳам бошанд ва дар хидмати мардум чизеро дареғ надоранд. Дар фароварди сӯҳбат, албатта, аз «Танавор»-ҳои худ намунае мехонд ва дӯстонашро бо рақсу бозӣ мегуселонд.

Баҳори соли 2007 нависанда Равшани Ёрмуҳаммад дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ба ифтихори 100-солагии Шарифҷон Ҳусейнзода «Танавор» ном ёддошташро ба табъ расонд. Ӯ дар ин навиштаҷот дар ҳаққи устод басо суханони ҷаззобу самимӣ гуфтааст. Як рафиқамон адибро барои чунин мақолаи пурмӯҳтавояш зиёфатчае ҳам дод... Дар ин ёддошт воқиан ошиқи созу овози Адолат будани устоди фақид Ҳусейнзода хеле хуб таҷассум ёфтааст.

«...Соли 1971 дар назди кафедраи адабиёти классикии тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба аспирантураи ғоибона дохил шудам, – менависад Равшани Ёрмуҳаммад. – Наврӯз омад. Мо ба хонаи устод Шарифҷон Ҳусейнзода рафтем. Саидумари Султон фитаи сабти сурудҳоро бароварда, ба устод дод ва гуфт:

– Сурудҳои гуфтаи шуморо сабт кардам.

Дидам, ки устод хурсанд шуданд.

– «Танавори як» ҳаст? – пурсиданд.

– Ҳаст.

Магнитофон оварда, фита мондем. Оҳанги «Шашмақом» баланд шуд. Устод ба хонаи дигар гузашта, дар хумчае му-

саллас оварданд. Ба ростӣ, ки то он дам мусаллас нанӯшида будам.

– Худам омода кардам., – гуфтанду ба қадаҳҳо рехтанд. Хайрият, ки ба коса не. – Нӯшед!

Аз тарси он ки сарзаниш нашунавам, қадаҳро бардоштам. Таъму бӯи хуш дошт. Саидумар ба таърифи мусаллас пардохт. Баъд шеърхонӣ дар васфи мусаллас сар шуд.

*Наврӯз шуд, навои масаррат бароваред,*
*Хӯшбӯю хушгувор мусаллас биёваред.*
*Ҳаққо, ки шираи гулу сунбул мусаллас аст,*
*Оромиши асаб, тараби кул мусаллас аст.*

Мо чанд суруд гӯш карда, як хумча мусалласро нӯшидем. Ба хона писарашон Матин даромад. Ба мо салом кард. Сари дастархон нишаст. Дар як табақи калон оши палав оварданд. Ману Саидумар барои эҳтиёт як шиша коняки арманӣ гирифта будем, ки андаруни қифи ӯ меистод. Саидумар оҳиста ба поям зад, ба ишораи он ки барорад ё не. «Барор», гуфтам бо ишора ба ӯ. Бароварда, узрхоҳона рӯи миз гузошт.

– Ин боз чӣ? – пурсиданд устод.

– Пеш аз ош зарар надорад, домулло. – гуфт Саидумар.

Устод дигар ҳарфе назаданд. Саидумар ба чор қадаҳ коняк рехт. Якеро назди устод гузошту дигареро ба Матин дароз кард.

– Матин наменӯшад, ба ӯ надиҳед! – гуфтанд устод.

Ҳамин тавр, мусалласхӯрӣ ба конякнӯшӣ табдил ёфт.

Матин зуд бархост. Баҳси мо дар хусуси Наврӯз рафт. Устод Ҳусейнзода гуфтанд, ки мо навиштем, ки ин ҷашн таърихи қадима дорад, ҷашни халқӣ, ҷашни баҳор, ҷашни пирӯзии равшанӣ бар торикӣ, гармӣ бар сардӣ аст. Арабҳо омаданд. Наврӯзро ҷашни маҷусон гуфта, манъ карданд.Имрӯз онро ҷашни динӣ маънидод мекунанд. Ин кори одамонест, ки таърихи халқашонро намедонанд, миллаташонро дӯст намедоранд.

Саидумари Султон гуфт:

– Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, ҳатто озарбойҷониҳо Наврӯзро ҷашн мегиранд...

– Ин гапҳо нав баромаданд, – ба шарҳи масъала гузаштанд

устод Ҳусейнзода, – солҳои бистуму сиюм Наврӯзро халқ ҷашн мегирифт. Ин кори роҳбарони навбаромад аст.

Ман нақл кардам, ки дар телевизиони тоҷик намоишномаи Наврӯзии моро иҷозат надоданд. Гуфтанд, ки ҳамаи калимаҳои «наврӯз»-ро ба «баҳор» иваз кун. Аммо калимаи «наврӯз»-ро аз шеърҳои классикон чӣ тавр ба баҳор иваз мекунам? Аз намоишнома даст кашидам.

– Ҷоҳилон! – бо қаҳр гуфтанд устод ва хандиданд.

Боз мусиқиро баланд карда, Шашмақом шунидем.

– «Танавор»-ро ёб, – гуфтанд устод ба Саидумар.

Саидумар «Танавор»-ро монд. Оҳанг форам, ба Шашмақом монанд буд. Зане бо лаҳни маҳин ба забони ӯзбекӣ суруд мехонд. Мо то охир онро хомӯшона гӯш кардем.Дидам, ки қатраҳои ашк аз чашмони устод ҷорӣ шуданд. Ашкашонро пок карда, ба мо гуфтанд:

– Ду «Танавор» ҳаст. Ин « Танавори як» аст. Бисёр камёб. Муаллифаш Адолатча ном дорад. Муаллифи суруд ҳам Адолатча аст. Шунидед, ба ӯзбекӣ мегӯяд, ки ба сарам чӣ балоҳое омаданд. Қиссаи ин Адолатча дароз аст. Вақт ёбам, менависам. Орзу дорам, ки дар бораи бародарам Каримҷон ҳам қиссае нависам.

Мо «Танавор»-ро аз нав мондем. Гӯш кардем. Рости гап, ки аз кӯдакиям мусиқиро намефаҳмидам. Он лаззате, ки аз «Танавор» устод ва Саидумар мебурданд, ман ҳайрон мешудам.

Устод ҳикоят карданд:

– Ин Адолатча аз Конибодом аст. Бисёр зани зебо буд. Овози хуш дошт. Хуб менавохт. Замоне ӯро аз Конибодом дуздида, ба Кисловодск мебаранд. Дар тарабхонаҳои ҳамон ҷо ҳофизӣ мекунад. Як сарватманди конибодомӣ ба ӯ ошиқ будааст. Ҳамаи дороиашро партофта, ба Кисловодск меравад.Онҳо то инқилоб дар он ҷо мемонанд. Баъди ғалабаи инқилоб зану шавҳар шуда, ба Тоҷикистон меоянд. Охири умрашон дар водии Вахш мегузарад...

Китоби устод «Сухансарои Панҷруд»-ро дар бораи Рӯдакӣ хонда будам. Бо услуби хос ва бисёр ҳам дилчасп навиштаанд. Агар вақт ёфта, ин ду асарро менавиштанд, хеле кори хайре мешуд».

Хулоса, хунёгари варзидаи водии Фарғона, оҳангсоз ва суруднавис Адолат беш аз навад сол умр дида, охири солҳои сиюм олами равшанро падруд гуфт. Вале, мутаассифона, имрӯз ба мо маълум нест, ки мадфани ӯ дар куҷост.

Ӯро аҳли созу овоз бо камоли ифтихор устоди маънавии худ мехонданд ва ба ҳунари волояш сар ба суҷуд меоварданд. Вай рамзи хунёгарӣ, падидаи ҳунарварӣ ва ҳунарпарварӣ буд.

*Аз навои хуш дили саршор дошт,*
*Шираи овози нотакрор дошт.*

## БУЛБУЛНАВО

Охири солҳои сиюм буд. Обёрии даштҳои ташналаб рӯи кор гирифта мешуд. Ҳукумати вақт соли 1939 қарор баровард, ки қад-қади водии Фарғона аз дарёи Норин дар масофаи 270 километр канал кашида шавад. Ҳаштод километри ин канал аз масири Конибодом то Хуҷанд тӯл мекашид. Мардум ба ҳашар сафарбар шуданд.

Моҳи феврали соли 1940 корҳои сохтмон интиҳо меёфт. Як гурӯҳ адибони тоҷик, ки доир ба кору рӯзгори бинокорони ин иншооти бузург китоби дастҷамъии «Хатти заррин»-ро ба нашр омода карда буданд, ба мулоқоти бунёдгарони канали Фарғона омаданд.

Шомгоҳ дар деҳаи Маҳрам мулоқоти аҳли адабу ҳунар бо бинокорон баргузор шуд. Сардори сохтмон, муҳандиси олмонӣ Шмид маҷлисро ба забони тоҷикӣ ифтитоҳ карда, меҳмононро хайра мақдам гуфт. Ӯ аз мушкилоти кори сохтмон ва ҳимматбаландии мардум сӯҳбат карда, сипас ҷилави суханро ба устод Садриддин Айнӣ дод.

– Дӯстони гиромӣ, ҳашарчиён, бинокорон, бародарону хоҳарони конибодомии ман! – ба ҳозирин рӯ оварда гуфт устод Айнӣ. – Мо, аҳли қалам, аз корнамоии шумо ба ваҷд омадем. Дидем, ки ин сохмон ба ҳашари умумихалқӣ табдил ёфтааст. Одати аҷибест ҳашар: касе ба коре сар кунад, ё ба чизе эҳтиёҷ пайдо намояд, фавран атрофиён дасти мадад дароз мекунанд. Асрҳо боз шарқиён хонаашонро ба тариқи ҳашар сохта, ҳосили киштзорашонро бо ҳамин усул меғундоранд. Дар замони мо ин

анъанаи куҳан маънии нав ёфт. Акнун ҷамъоварии пахта, меваю сабзавот, ғалла, кандани ҷӯю заҳбурҳо, сохтани варзишгоҳҳо ба тариқи ҳашар ба сомон мерасанд. Дар кандани канали Фарғона низ ҳашар ба кор омад. Ба ин ташаббуси шумо одамони тамоми мамлакат пайравӣ карда, дар бисёр кишвару музофот канал мекобанд. Канали калони Фарғона ин як дарахти зудраси ташаббуси халқ буда, ба саросари хоки Шӯро реша давонид ва аз ҳама ҷо ниҳолҳои бехҷасти худро рӯёнид. Иншооллоҳ, ин наҳри бузург мисли дарёе хизмат расонда, киштзорҳои тоҷикону ӯзбеконро шодоб мегардонад, ҳайкали ёдгории ягонагӣ ва ҳамдилии ин ду халқи бародар мешавад.Чунон ки ба мо гуфтанд, дар ин сохтмон беш аз биступанҷ ҳазор фарзандони халқи тоҷик ширкат доранд. Ин ҳама қаҳрамониҳои шумо шоистаи шеъру достон ва қиссаҳои ростон аст. Шахсан ман аз хусуси ин дигаргуниҳои азим асари калонҳаҷме навиштанӣ. Дирӯз ба рӯзномаи шумо «Сохтмони Сталин» (нашрияи Канали калони Фарғона) очерки ҳуҷҷатии нави худ «Ду ҳашар»-ро супурдам, ки аз таърихи гузаштаҳои пурфоҷиаи Маҳрам ва кору бори имрӯзаи шумо ҳикоя мекунад. Ҳоло порае аз ҳамин очеркро ба шумо қироат мекунам, нусхаи мукаммалашро дар рӯзнома мехонед...

Устод Айнӣ порчае аз очеркашро ба сомеъон хонд. Пас Мирзо Турсунзода «Омад канал» ном ғазали ба бинокорони ин сохтмон бахшидаашро қироат кард. Раҳим Ҷалилу Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Кариму Мирсаид Миршакар ва қаламкашони маҳаллӣ Раҳим Қобилӣ (Шавқӣ) ва Набӣ Фахрӣ низ дар навбати худ сухан ронда, шеър хонданд.

Навбат ба ҳунарнамоии ҳофизону машшоқони таҳҷоӣ расид.Аввал ҳофизон ва навозандагони мардумӣ Мирзобобои Аҳмад, Ҷӯра Машшоқ, Обидҷони Ғоиб, Ҷӯрахони Искандар, Турдибойи ғиҷҷакӣ ва Ҳасанбои нақорачӣ ҳунарнамоӣ карда, хотири ҳозиринро шод гардонданд. Сонияи, марди сиёҳабрӯи миёнсоле ба табрику таҳнияти бинокорон баромад, ки дар даст лаъличаи чинӣ дошт. Вай ба ҳозирин назари меҳрангезе андохту бо тавозӯъ гуфт:

– Дӯстони азиз, ман мисли адибонамон соҳиби хирмани сухан нестам, ки дилатонро бо каломи оташин гарм кунам.

Ман як нафар дилбастаи «Шашмақом» ҳастам. Якчанд суруд мехонам, агар ба шумо маъқул шавад, худамро бахтиёр мешуморам.

Пас Қорӣ Зоҳид Набизода лаъличаи чиниро пеши даҳанаш бурда, гӯё он дафчае бошад, ба пасаш нохун зада, ба замзама пардохт. Лаҳзае гузашту овози фораму дилкаши ӯ сомеъонро масрур гардонд ва гӯё бори хастагиро аз шонашон дур андохт. Ҳофиз аввал мақомеро бар ғазали Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ хонд, ки басе шӯрангезу дардомез садо дод:

*Ҳама як сӯ бувад, нодидани он гулбадан як сӯ,*
*Фироқи бекасӣ як сӯ бувад, доғи ватан як сӯ.*
*Саҳар бар ҷониби гулзор рафтам баҳри гул чидан,*
*Фиғони булбулон як сӯ бувад, сайри чаман як сӯ...*
*Зи кӯҳи Бесутун ногаҳ нидо омад ба гӯши ман,*
*Ки зарби теша як сӯ, зарби дасти Кӯҳкан як сӯ.*
*Тамоми шоиронро ҷамъ агар оранд дар маҳшар,*
*Ҳама як сӯ бувад, ин Ҷомии ширинсухан як сӯ.*

Ҳофиз сурудро интиҳо бахшида, ба ҳозирин таъзим кард. Устод Айнӣ овози ӯро писандида, аз тараннуми нишотафзояш пай бурд, ки дар мақомхонӣ маҳорат ва салиқаи хубе дорад. Аз ин лиҳоз қаноатмандона гуфт:

– Салламно, нағз хондед! Ҷуфт шавад, ҷуфт!

Чун мутриб таронаи шӯхеро ба хондан оғоз кард, раққосаи товусхироми театри Конибодом Энахон Маҳмудӣ ба ҳунарнамоӣ пардохт. Бозии ӯ ба мазмуни таронаи мутриб чунон мувофиқ афтод, ки ҳама беихтиёр кафкӯбӣ карданд. Мутобиқати шеъру оҳанг ва овози дилнавоз аз ҳар байти ғазал падид меомад.

*Ораз аст ин, ё қамар, ё лолаи ҳумрост ин,*
*Ё шуои шамс, ё ойинаи дилҳост ин?*
*Қомат аст ин, ё алиф, ё сарв, ё нахли мурод,*
*Ё магар гулдастаи боғи ҷаҳонорост ин?*
*Чашми ту ҷодуст, ё оҳуст, ё сайёди халқ,*
*Ё ду бодоми сияҳ, ё наргиси шаҳлост ин?*
*Зулфи ту занҷир, ё қуллоб, ё мушки Хутан,*
*Сунбули тар, ё суман, ё анбари сорост ин?*
*Ё раб, ин тоқ аст, ё меҳроб, ё қавси қузаҳ,*

*Ё ҳилоли ид, ё абрӯи моҳорост ин?*
*Ё раб, ин хуршеди тобон аст, ё моҳи тамом,*
*Ё фаришта, ё парӣ, ё шӯхи бепарвост ин?*
*Ҳуққаи лаъл аст, ё сарчашмаи оби ҳаёт,*
*Ё даҳан, ё мим, ё тӯтии шаккархост ин?*
*Кӯйи ту Каъбаст, ё фирдавс, ё хулди барин,*
*Ё гулистони Ирам, ё ҷаннатулмаъвост ин?*
*Қумрии боғи ҷинон, ё булбули бехонумон,*
*Тӯтии шаккарзабон, ё Ҷомии шайдот ин?*

Устод Айнӣ лаҳни ҳофиз ва ҳунари раққосаро пазируфта, баъд аз анҷоми вохурӣ ва консерт ба онҳо сӯҳбат ороcт ва бо фаъолияташон аз наздик ошно шуд. Даставвал бо Энахон Маҳмудӣ суолҳо дода, шарҳи ҳолашро мухтасаран навишта гирифт. Ӯ огоҳ шуд, ки раққосаи хушлаёқат Энахон Маҳмудӣ духтари роҳиоҳанчии машҳури конибодомист.Падараш Баҳроми Ориф соли 1927 барои хизматҳои аълояш дар роҳи оҳан нахустин аз тоҷиконе буд, ки ба гирифтани унвони Қаҳрамони Меҳнат мушарраф шудаанд. Энахон соли 1928 ба дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд дохил гардид. Фаъолияти ҳунариаш дар дастаи ҳаваскорони ҳамин дорулмуаллимин оғоз ёфт. Дар тиётурҳои Конибодому Хуҷанд ва пойтахти ҷумҳурият ҳунарнамоӣ мекард. Дар байни бинокорони канали Фарғона мунтазам фаъолият намуда, ба гирифтани Ифтихорномаи Шӯрои Олии Тоҷикистон мушарраф мегардад. Акнун барои иштирок ба Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Маскав омодагӣ медид.

Пас устод Айнӣ бо фаъолияти ҳофизи халқӣ Қори Зоҳид Набизода шиносо шуд.

– Сурудҳоятон ба мардум маъқул шуд, бисёр кафкӯбӣ карданд,– гуфт устод. – Шеърҳои Мавлоно Ҷомиро шево ва дилнишин хондед. Таронаҳои «Гулъузорам» ва «Ёр-ёр» ҳам хуш садо дод. Дер боз суруд мехонед?

– Бист сол мешавад,– ҷавоб дод ҳофиз. Он вақт ӯ ба назар чиҳилсола менамуд.

– Устод доред?

– Аз шашмақомхони маҳаллӣ Иброҳимҷони Ҳофиз сабақ гирифтаам.

– Бисёр хуб. Баъзеҳо аз касе таълим нагирифта, ба майдон мебароянд. Азбаски фаҳмо ва задаҳои мантиқиро баҷо хондед, донистам, ки устоддидаед. Ба ҳофизӣ ҷиддӣ машғулед?

– Аз паси ҳунари наққошӣ нон мехӯрам. Гоҳо хонандагӣ ҳам мекунам, то маъракаи мардум обод шавад.

– Офарин, шаҳбоз! Ҳам хонаи мардумро зеб медиҳед, ҳам маъракаҳояшро. Нағз. Аслан маънии шеърро фаҳмида хондан ҳунари ҳар кас не. Ошиқони шеъру суруд бисёранд, вале хонандаҳои даррок кам. «Гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо». Аз саводатон пурсем?

–Дар мадрасаҳои Марғилону Бухоро тадрис кардаам.

– Аз кадом шоирон бештар шеър мехонед?

– Аз Камолу Ҳофиз, Ҷомию Ҳилолӣ, Навоию Фузулӣ…

– Чӣ қадар шеър азбар кардаед?

– Дар ҳудуди ҳазор мисраъ.

– Ғайр аз касбҳои асосиатон боз кадом машғулиятҳоро дӯст медоред?

– Бо ҳаззалон ҳазлу шӯхӣ, дар базмхона аския, латифагӯӣ, байтбарак ва дар ҳалқаи фозилон муаммокушоӣ шуғли писандидаи ман аст.

–Шумо бо табақча ғазали Ҳилолиро бо матлаи «Биё, биё, ки дилу ҷони ман фидои ту бод» бисёр нағз хондед. Маълум, ки дар гузашта ҳам баъзе мақомҳоро бо табақча мехонданд.

– «Чаҳормақом»-и Фарғона имрӯз ҳам бо табақча суруда мешавад, домулло,– гуфт Қорӣ Зоҳид ва афзуд. – Ҳофизе, ки мақомҳоро бо чунин тарз мехонад, чун сарояндаи касбӣ эътироф мешавад. Содирхони Ҳофиз дар хондани ҳамин лаҳн машҳур буд.

– Шумо ҳам аз табақча даст накашед,– маслиҳад дод устод Айнӣ,– ин тарзи сурудхонӣ аз суннатҳои қадимаи мардуми мост. Воқиан, ҳамин табақча чӣ сеҳре дорад, ки ба ҷои асбоби мусиқӣ кор мебаранд?

Қорӣ Зоҳид ба ин суоли санҷишомез хаёлмандона посух дод:

– Табақча бояд ҳатман чинӣ ва тунуку нафис бошад, сафолӣ садои ҷарангосӣ намедиҳад, зарб ба он ҷӯр намеояд. Ин ҷо сеҳри ҳунари ниёгон ниҳон аст. Дар замонҳои қадим

зарфи чиниро ба сифати олати мусиқӣ ҳам истифода мебурдаанд.

– Бале… Аз ин минбаъд пайванди дӯстӣ мебандем,– сипас таъкид кард Айнӣ. – Ман ҳам ошиқи ҳунар. Марҳамат, ба меҳмонии ман ба Самарқанд ё Душанбе биёед, он ҷо базмро идома медиҳем.

– Ташаккур, устод! – сипосгузорӣ кард ҳофиз ва ин пешниҳоди Айниро аз дилу ҷон пазируфт.

Ҳамин тавр, миёни онро рафоқат пайдо шуд. Қорӣ Зоҳид ҳар гоҳ ба Душанбе, ба хонаи духтараш Очабону ояд, ба дидорбинии устод Айнӣ низ мерафт. Ҳар ду муддате сӯҳбат ороста, вохӯрии аввалинашонро ёд меоварданд. Айнӣ бештар нахустсафари худро ба Конибодом ёд меовард, ки охири тобистони соли 1936 ба хотири андӯхти мавод барои очеркаш «Ду ҳашар» рух дода буд. Он вақт ӯ баъди сафари Хуҷанд ба Конибодом омада, қалъаи Маҳрам ва дигар ёдгориҳои шаҳрро дид. Бо аҳолии шаҳр вохӯрд. Конибодомиҳо ӯро самимона пешвоз гирифтанд. Роҳбарони шаҳр Сангин Хидиров ва Қурбон Раҳимов ӯро пазироӣ карданд. Айнӣ пешқадамони хоҷагӣ, кишоварзони асил Хосият Исроилова ва Деҳқонбой Исоевро ба ифтихори мукофоти олии ҳукуматӣ гирифтанашон табрик гуфт. Пас, дар театри шаҳр намоишномаи «Дохунда»-ро, ки ҳунарпешаҳо аз рӯи романи ӯ ба саҳна гузошта буданд, тамошо кард.

Дар он рӯзҳои диду боздид, чун пайташ мерасид, устод Айнӣ ҳини сӯҳбат гоҳе ба Қорӣ Зоҳид табақчаро дароз мекард. Мизбон, ки рамуздон буд, ба замзама мепардохт.

Боре чун аз ватану меҳанпарварӣ сухан мерафт, Айнӣ аз рӯзгору пайкори Муқаннаъу Шерак ва Темурмалик чанд ҳикоят гуфта, сипас ёдовар шуд:

– Ҳеҷ чиз ширинтар аз зиндагӣ нест. Инсон аз зиндагӣ сер нашуда, ҳамеша бо эҳсоси дилкашолӣ ба фардо умр ба сар мебарад. Меҳри ватан ҳам мисли зиндагӣ ширин аст.

– Ҷони гапро гуфтед, устод,– андешаи Айниро тақвият дод Қорӣ Зоҳид. – Як хешовандам, ки бо амри тақдир дар Арабистони Саудӣ мондааст, дар ҳар номааш бо сӯзу гудоз ёди ватан мекунад. Мисли булбули ба қафас афтода чаманро ба ёд

меорад. Аз он ки дар замини дигар ва зери осмони дигар зиндагӣ дорад, дилгир аст,– ва мувофиқи ин ҳол ҳофиз як ғазали ватанхоҳонаи Камоли Хуҷандиро сароид, ки матлаъаш ин буд:

*Хоки поят дӯст дорад чашми ман,*
*Нест айб, эй дӯстон, ҳуббулватан…*

Чун замзамаи ғазал ба поён расид, Айнӣ нидо баровард:

– Боракалло, хеле хуб хондед, зинда бошед!

Тобистони соли 1965 дар Душанбе домоди Қорӣ Зоҳид Абдуқодир Сангинов – яке аз аввалин ҷавонони ҷасури тоҷик, ки солҳои сиюм дар киштии зериобии укёнуси Ором маллоҳ буд, ногаҳон чашм аз олам пӯшид. Шомгоҳи рӯзи дафн раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳамроҳи яке аз дӯстонаш барои фотеҳа ба ҳавлии марҳум омад. Дар он айём ба ҷо овардани суннати бобоӣ барои коммунистон мамнӯъ буд. Вале Қаҳҳоров ба Қорӣ Зоҳид фармуд, ки ояте хонад. Муқрӣ як ояти Қуръонро мутобиқи оҳанги мотамӣ басо муассир тиловат кард. Қаҳҳоров дар қатори дигарон даст ба рӯ кашид, ба Қорӣ Зоҳид изҳори ҳамдардӣ намуд. Дар паҳлуяш нишаста, пиёлае чой нӯшид. Ҳар ду баъзе саҳифаҳои китоби умри марҳумро варақ гардонданд. Худораҳматӣ Абдуқодир Сангинов соли 1931 баъди хатми мактаби коргарҷавонон дар ҳабдаҳсолагӣ кори маорифро пеш мебурд. Сонӣ аз Конибодом ба Сталинобод кӯчида, дар комиссариати савдо хизмат менамуд.Тирамоҳи соли 1939 бо даъвати КМ комсомоли ҷумҳурӣ ӯро дар сафи даҳ нафар тоҷикписарон ба мактаби ронандаҳои киштии зериобӣ ба Ленинград фиристоданд. Абдуқодир баъди хатми мактаб ба шаҳри Владивосток роҳхат гирифт, се сол дар киштии зериобӣ ба ҳайси фармондеҳ ифои вазифа кард. Аз анҷоми соли 1942 то миёнаи соли 1949 котиби консулгарии СССР дар Эрон буд. Дар поёни ҳаёташ мудири шӯъбаи савдои шаҳри Душанберо ба ӯҳда дошт… Ҳайфо, ки дар панҷоҳсолагиаш чашм аз олам пӯшид. Инсони поксиришт буд раҳматӣ! Ҳамин тавр ёд карданд дӯсти қарини худро он ду тан марди наҷиб. Баъде ки Қаҳҳоров рафт, Қорӣ Зоҳид ба атрофиёнаш, ки «дидед, чӣ хел

беҳарос омин кардананд» мегуфтанд, посух дод: «Чӣ ҷои ҳайрат? Домулло ҳам бандаи худоянд, аз имон овардан чӣ тарсанд? Он кас ба ҳофизии камина шавқ доранд. Ногуфта намонад, ки солҳои пеш ҳар дуямон сари қироати Қуръон борҳо шабҳоро рӯз мекардем …»

Дорандаи нишони «Иштирокчии фаъоли сохтмони Канали калони Фарғона», пардозгари иморат, ҳофизи мардумӣ Қорӣ Зоҳид солҳои 1915-1930 ба корҳои саҳроӣ ва кишти пахта машғул буд. Ӯ каме замини меросии худро (иборат аз 50 сотих) дар сафи аввалинҳо ба ихтиёри давлат супурд ва худ узви колхоз гардид. Солҳои сиюм дар идораҳои гуногун вазифаи таъмиргариро ба ҷо меовард. Сонӣ дар шӯъбаи радиошунавонии маҳаллӣ ба ҳофизӣ шуғл меварзид. Сипас солҳои тӯлонӣ дар идораи сохтмон ва заводи пахта чун устои таъмиргар фаъолият менамуд. Баъзан бо хоҳиши қозӣ ё муддаррис дар мадрасаву масҷидҳо ба қироати сураҳои Қуръони маҷид низ машғул мешуд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯ дар баталёни коргарӣ дар шаҳру ноҳияҳои Русия хидмат мерасонд.

Қори Зоҳид дар зери чархи гардун ҳамагӣ ҳафтоду нӯҳ сол умр дида, баҳори соли 1974 ҷаҳонро падруд гуфт. Як силсила сурудҳои ӯро писараш Шамсиддин ва набераш Низомиддин Зоҳидов дар навор сабт кардаанд, ки аҳли хонавода ва хешу ақрабо ҳар гоҳ онро шунида, ғизои маънавӣ мегиранд. «Худораҳматии бобоям ғайр аз он ки бо табақча суруд мехонданд, дуторию танбӯрӣ ҳам буданд. Овози ширадори ба худ хоссе доштанд, ки шунавандаро мафтун месохт,– мегӯяд шарқшинос, доктори илми филология, профессор Низомиддин Зоҳидов. – Ман ин хел овози диловезро аз дигар сокини шаҳрамон нашунидаам. Хайрият, баъзе сурудҳояшонро сабт карда будаам, ҳар гоҳ овозашонро мешунавему симои гармашон пеши назар меояд. Ёдашон гиромӣ бод!»

Оре, Қорӣ Зоҳид мурғи хушилҳоне буд, ки баъди сари эшон чаманистони Конибодом назирашро надид.Ба ҳар маҳфиле, ки вай мерафт, базми ҷамшедӣ метафсид. Ӯ аз худ номи нек, панҷ тан фарзанди солеҳ ва пайравону шогирдон ба ёдгор гузошта, беармон аз дунё рафт ва ба абадият пайваст.

## САРДИРИЖЁР

Ёд дорам, нуҳуми декабри соли 1988 бахшида ба ҳафтодсолагии Ҳунарпешаи халқии РСС Тоҷикистон, дирижёри номдор Ибодулло Эрмуродович Абдуллоев дар бинои Театри академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маҳфиле баргузор шуд. Дар консерти махсус, ки таҳти роҳбарии соҳибҷашн гузашт, асарҳои композиторон Дамир Дӯстмуҳаммадов, Сергей Баласанян, Зиёдулло Шаҳидӣ, Шарофиддин Сайфиддинов, Н. Римский-Корсаков, А. Адан, Ҷузеппе Верди, Д. Пуччини, П. Чайковский, Яъқуб Сабзанов, Толиб Шаҳидӣ, Ш. Гуно, Л. Минкус бо иштироки солистони театр садо доданд. Сипас ман ва мухбири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» М. Бобоев бо соҳибҷашн ҳамсӯҳбат шудем. Миёни мо чунин пурсишу посухҳо радду бадал гашт:

– Ибодулло Эрмуродович, тамоми фаъолияти Шумо дар Театри академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба сифати дирижёр гузаштааст. Бигӯед, ки хотирнишинтарин лаҳазоти фаъолияти эҷодии шумо тӯли ин солҳо кадом аст?

– Чунин лаҳзаҳо дар рӯзгорам хеле зиёданд. Соли 1939 баъди хатми Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Маскав маро ба хизмати ҳарбӣ гирифтанд. Хизматро дар Шарқи Дур то соли 1946 аз сар гузарондам. Дар ин муддат омӯзишгоҳи олии авиатсиониро хатм намудам. Вале дар ҳамин ҳолатҳо ҳам ғиҷҷак (скрипка) ҳамроҳам буд. Бояд гуфт, ки дар омӯзишгоҳи мусиқӣ дар курси ғиҷҷакнавозӣ мехондам. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба консерваторияи шаҳри Маскав дохил шудам. Дар курси мо аз ҳар ҷумҳурияти бародарӣ ва мамлакатҳои сотсиалистӣ ҷавонон таҳсил доштанд. Ва фараҳбахштарин лаҳзаҳои умри ман ҳам маҳз аз ҳамин айём оғоз ёфт. Аз ҳабдаҳ нафар ҳамсабақҳоям танҳо ба ман рухсат доданд, ки бо оркестри симфонии Филармонияи давлатии Маскав дар толори калони Консерватория консерт нишон диҳам. Нахустин бор роҳбарӣ кардан ба оркестр, монанди аввалин бор бо самолёти УТ-2, Н-16 парвоз карданам, фаромӯшнопазир аст. Бо ҳазорон изтироб дар фазои мусиқии олӣ мепаридам.

Албатта, нахустин консерти мустақилонаи ман ҳамчун ди-

рижёри оркестри симфонӣ барои такомули фаъолияти минбаъдаам нақши амиқ гузошт. Мепиндоштам, ки аз бузургтарин имтиҳони санъат гузаштам, ба рӯям уфуқҳои нави ҳунарнамоӣ падидор шуданд. Вақте ки ба театр ҳамчун дирижёр ба кор омадам, дар аввал андешаи ба ҳам ҷӯр гардондани оркестр, хор, балет ва опера маро ба ҳаяҷон овард, зеро дар ин ҷода ҳануз таҷрибаи кофӣ надоштам. Охир, ҳунари дирижёрӣ хеле масъулиятнок аст, муваффақияти ҳар гуна оркестри симфонӣ, театри мусиқӣ ба маҳорати дирижёр вобаста аст. Аз ин рӯ, аз нахустин рӯзи кор дар паи ҷустуҷӯи образ, сабку усулҳои овозӣ, дар ҳар образ ёфтани нуқтаи интиҳоӣ афтодам. Ҳар як оҳангсоз дорои сабку услуб ва махсусияти симоофариниши худ аст. Дирижёр бояд барои кушодани қуфли эҷодиёти ҳар кадоме калиди махсус ёбад. Ҳунари дирижёрӣ аз кас машғулияти доимӣ, ҷустуҷӯи усулҳои мухталиф ва баланд бардоштани маҳорату дониши амиқро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз кор кардан бо оркестр хеле мушкил ва пурмасъулият аст. Ман ин нуктаро чунин мефаҳмам, ки дирижёр бояд аз ҳар вазъият бо камоли ҳунармандӣ баромада тавонад.

– Ибодулло Эрмуродович, ба мусиқии ҳамаи оҳангсозон бо як хел масъулият муносибат мекунед ё миёни онҳо касе ҳаст, ки бароятон азизтар аст?

– Барои банда спектакли «Травиата»-и оҳангсози итолявӣ Ҷузеппе Вердӣ, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, аҳамияти махсус дорад. Ман онро айёми донишҷӯиям дар шӯъбаи Театри Калони СССР дида будам ва аз он рӯз тамоми умр ҳамроҳи ман монд. Яъне лаҳзае набудааст, ки аз тасарруфи ҷозибаи он озод бошам. Ҳамон вақт орзу кардам, ки ин шоҳасарро манзури тамошобини тоҷик гардонам. Хушнудам, ки ба ниятам расидам. Аз соли 1957 то кунун ин мусиқии ормонии ман дар репертуари театр ҷои мустақиму асосиро ишғол мекунад. Баъдан аён шуд, ки маҳз таҳти таъсири мусиқии олии он дунёи ботинам тамоман дигар шудааст. Ман бо талқини ботинӣ ҳар нафас болои ин асар кор мекардам. Аз ин рӯ, тамоми асари Вердӣ бароям азизу гиромист. Вердӣ мураккабтарин муносибатҳои инсониро бо шевотарин, содатарин ва ширин арин забон ифода менамояд.

Дигар аз асарҳое, ки дар фаъолиятам нақши амиқ дорад, операи «Оилаи Тарас»-и Д. Кабалевский мебошад. Ин асар ҳам хеле табиӣ ва эҳсосангез тасниф шудааст, аз қабили асарҳои мураккаби мусиқӣ ба шумор меравад дар мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Вақте ки онро иҷро мекардам, беихтиёр ашкам мерехт, аз гиряи ошкоро худдорӣ карда наметавонистам. Шояд ин ҳолат аз он ҷиҳат воқеъ мешуд, ки зиндагии айёми ҷангиямро дар хотирам дубора зинда мегардонд.

Аз ин ҷо ман ба хулосае омадам, ки асарҳои мусиқиро новобаста ба жанрашон тарзе бояд таҳия ва пешкаши шунавандаю бинанда гардонид, ки садоҳо бо эҳтироси ҷӯшони дилу андеша берун оянд, то ки таъсирбахш шаванд. Ин ҳолатро дар худам эҳсос кардаам, ки вақте асари мусиқӣ бо чунин азхудгузаштагӣ иҷро мешавад, кас аз олами воқеӣ, аз ташвишҳои зиндагияш ҷудо гардида, саропо дар олами сеҳрангези мусиқӣ меафтад. Барои чунин кас дар олам ғайр аз офаридаҳои мусиқӣ чизи дигаре боқӣ намемонад.

Вазифаи дирижёр маҳз адои ҳамин амал аст. Ӯ бояд миёни оркестр, хор, партияҳо ончунон мувозинати табииеро ба вуҷуд оварад, ки зиндагӣ бо тамоми тобишҳои рангинаш эътимодбахшу таъсирнок пеши назар ҷилва намоян. Яъне тамошобин ба воқеӣ будани зиндагии саҳнавӣ бовар кунад, ихлос оварад.

–Таи солҳои зиёд Шумо шоҳиди бурду бохти кори эҷодии ҳайати театр будаед. Бигӯед, ки барои аҳли санъат кадом омилҳо дар ташаккулу инқирози фаъолияти эҷодиашон асосӣ буданду ҳастанд?

– Аз он ҷое, ки ман шоҳид будам, солҳои 50-ум то миёнаи солҳои 70-ум дар ҳаёти мусиқии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла Театри давлатии опера ва балети мо як ҷунбиш ва болоравӣ ба назар мерасид. Ҳар асареро, ки барои таҳия мегирифтем, ба ҳодисаи муҳими ҳаёти маданӣ табдил меёфт. Ҳеҷ кас бепарво ва хотирҷамъ набуд. Мо ҳеҷ гоҳ дар бораи аз тамошобин пур кардани театр фикр намекардем. Ман яке аз омилҳои асосии чунин пешратфтро дар таъмин будани мутахассисони соҳибистеъдоди ин соҳаи ҳаёти маданӣ медонам. Театри мо дар ҳама қисматҳои кори худаш – чи дар труппаи хор, чи дар

труппаи балет, опера ва оркестр аз мутахассисони асил таъмин буд. Чунин мутахассисон тамоми фаъолияти эҷодиашонро аз рӯи виҷдон барои пешбурди театр равона мекарданд. Пастрафтаи кори эҷодӣ дар театр ба замони карахтӣ иртибот дорад. Яъне ин замоне буд, ки ба ҳама як хел баҳо медоданд ва хизмати «оббиёру кӯзашикан» як хел қадр мешуд. Ин чиз боис гардид, ки фардияти эҷодкор рӯ ба сӯи пастӣ ниҳод, яъне масъулият аз байн рафт. То ин замон дар театр, дар ҳар труппаи эҷодӣ пешвоҳо буданд, ки дигарон аз онҳо ибрат мегирифтанд ва онҳоро маҳаки фаъолияти худ қарор медоданд. Ман бо ин гуфтанӣ нестам, ки гӯё имрӯз мутахассисони боистеъдод набошанд. Не, онҳо ҳастанд, вале пешво нестанд. Агар моҳҳо номҳояшонро бо ҳарфҳои калон-калон дар эълонҳо нависем ҳам, касе барои дидани ҳунарашон намеояд. Вале ин ҳолат пештар ба соҳибистеъдодҳо рух намедод. Ҳамин кофӣ буд, ки номашон дар эълон пайдо шавад, театр пур аз тамошобин мегашт. Малика Собирова аз ҳамин қабил ангуштнамоҳо буд. Худи ҳамин чиз нишон медиҳад, ки пешворо (лидери воқеиро) сохтан имконнопазир аст, вай худаш бояд ба камол расад, пайдо шавад. Диплом ё маълумоти кофии касбӣ доштан ҳанӯз маънои ҳунарманди асилро надорад. Ин вазъиятро мебинаму беихтиёр мақоли мардумӣ ба ёдам мезанад: «Сӯз агар дар дил надорӣ, синаҷунбонӣ чӣ суд?»

Дигар аз омилҳои ба назари ман хеле муҳиме, ки тамошобинро аз мусиқии одӣ ва касбӣ дур гардонидааст, ривоҷи ҳар гуна «попу рок» мебошад, ки аз радиову телевизион, кӯчаву майдон шабу рӯз садо медиҳад. Ин гуна мусиқии сабук ба ҷуз куштани завқи табиии инсон дигар таъсире надорад. Имрӯз одамон бештар пойбанди лаззату кайфиятҳои лаҳзавӣ гардидаанд. Ин чиз дар ташаккули инсони солиму комили ҷомиа хеле бад ва хатарнок ҳам мебошад.

Дигар ин ки он солҳо, яъне даврони болоравии маърифати мусиқиро дар назар дорам, роҳбарияти Тоҷикистон ба илму фарҳанг ва санъату адабиёт диққати махсус медод. Масалан, худи ман соли 1947 бо роҳнамоии ҳукумати ҷумҳурӣ барои аз байни мактабиён ёфтани соҳибистеъдодҳо ба вилояти Кӯлоб

сафаре доштам. Гоҳ пиёдаву гоҳ харсавор деҳ ба деҳ гашта, аз тарбиятгоҳҳо (мактабу кӯдакистону интернатҳо) 120 нафар навраси болаёқатро пайдо кардам ва онҳо акнун дар аксар муассисаҳои маданият фишанги асоиро ташкил медиҳанд. Он солҳо дар хусуси ин ташаббуси ҷумҳурии мо дар рӯзномаҳои овозадори «Пионерская правда» ва «Советская культура» мақолаи тарғиботие низ интишор ёфта буданд.

Соли 1950 ҳукумат боз бо ҳамин мақсад маро ба вилояти Ленинобод фиристод. Аз он ҷо боз сад нафар навраси болаёқатро ба мактабҳои миёнаву махсуси мусиқӣ фиристоданд. Кунун ҳар чӣ, ки аз мутахассисони ин соҳа дорем, аз байни онҳост. Баъд аз ин хотирҷамъӣ ба миён омад, гӯё ин кадрҳо дигар тамоми умр моро басанда бошанд. Касе ғами онро надорад, ки кадрҳои миллӣ тарбият ёбанд. Агар хоҳем, ки санъату маданият пеш равад, бояд мунтазам таҷрибаи солҳои панҷоҳумро дар интихобу тарбияи соҳибистеъдодҳо ба роҳ монем. Ин вазъиятро ба ҳоли худ гузоштан як навъ ҷиноятест дар олами маърифат.

Алҳол роҳбарон парво надоранд, ки намояндаҳои соҳибҳунари соҳаи санъат торафт кам мешаванд. Ҷои онҳоро бо кадрҳои нав ба нав пур кардан аз шартҳои асосии равнақи фарҳанг аст.

Худ мулоҳиза кунед: аз кадрҳои миллӣ дар балет ба ҷуз Эшонхоҷаеву Давлатов, Холов ва Алибоевҳо каси дигаре нест. Дар труппаи опера ба ҷуз Бурҳон Мамадқулов, Оят Сабзалиева, Р. Муллоҷонова ва Н. Ҳамробоев ку овозхоне, ки тавонад ба забони модариаш дуруст хонад? Ин ҳанӯз кам аст. Дар театр овози баси марказӣ намерасад. Овози Рафоэл Толмасову Ф.Зайдуллоев баритон аст.

– Ибодулло Эрмуродович, ба назари Шумо чӣ тавр метавон тамошобини миллиро дубора ба театр ҷалб кард?

– Бояд иқрор шуд, ки кадрҳои соҳаи мо аксар дар шаҳрҳои Москваю Ленинград тарбия мегиранд. Оҳангсозонамон низ ҳамчунин. Онҳо дар ин марказҳо асосан донишу малакаи худро дар руҳи мусиқии аврупоӣ мегиранд. Бебаҳс аст, ки дар ин муддати таҳсил он суннатҳои овозии миллиро билкул фаромӯш мекунанд. Баъди бозгашт агар хоҳанд, ки онро дар

фаъолияти худ ба кор баранд, наметавонанд аз тарзи эстетикаи аврупоӣ раҳо шаванд. Ин мусиқӣ бо вуҷуди касбиву олӣ буданаш барои гӯши мардуми мо бегона аст. Агар хоҳем, ки мардумамонро барои омӯзиши мусиқии касбии аврупоӣ низ тайёр намоем, бояд дар ҷумҳурӣ маркази омодасозии мутахассисон, оҳангофаринӣ ва овозхонии операвӣ ташкил диҳем. Охир, мусиқии мо хоҳ анъанавӣ бошаду хоҳ халқӣ, табиати нарм дорад ва бештар ангезандаи эҳтиросот мебошад. Вақте ки онро ба забони гармонияи мураккаби аврупоӣ тафсир мекунанд, ин ҷиҳати эҳтиросотии худро гум менамояд, аз фаҳму идрок дур меравад.

Театр дар аввалҳои фаъолияташ чунин кӯшишро дар таҳияи операҳои мазҳакавӣ ва мазҳакаҳои мусиқӣ аз қабили «Оршин мол олон»-и У. Ҳоҷибеков, «Запорожи дар паси Дунай»-и Гулак-Артемовский, «Кэто ва Котэ»-и Долидзе, «Найрангҳои Майсара» ба роҳ монда буд, вале натиҷа надод. Дигар аз кӯшишамон таҳияи сужетҳои миллӣ, аз қабили «Тоҳир ва Зӯҳро», «Арӯс», «Дилбар»-и Александр Ленский, «Шӯриши Восеъ», «Коваи оҳангар», «Нисо»-и С.А. Баласанян буд, ки шояд тамошобинро ба худ ҷалб намояд, вале боз бенатиҷа, зеро барои операҳои мазҳакавӣ тобишҳои пурқуввати овозӣ лозим аст.

Барои тарбияи завқи мусиқифаҳмии тамошобини миллӣ фақат як роҳ мемонад: бояд ба тарзи ҳатмӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ дарсҳои мусиқӣ, мусиқии касбӣ гузаронида шаванд. Ақаллан мактаббачаҳо ҳафт овози мусиқиро аз худ намоянд. Афсӯс, ки ба ин масъала касе эътибор намедиҳад.

– Оё дар асоси мусиқии «Шашмақом» ва тарзи овозхонии анъанавӣ офаридани операҳо, ораторияҳо дар роҳи ҷалби тамошобин ва тарбияи завқи ӯ ба мусиқии мураккаби операвӣ ё симфонӣ ба мақсад мувофиқ нест?

– Дар асоси мусиқии «Шашмақом» ва тарзи овозхонии анъанавии классикӣ операҳо ба вуҷуд овардан мумкин аст, вале барои ин корро амалӣ гардондан алҳол мо замина надорем. Пеш аз ҳама бояд кадрҳои худиро ба воя расонем. Дар театр труппаи махсуси миллӣ ташкил диҳем. Дар ин маврид ҳам бо қатъият гуфта наметавонем, ки ба мақсадамон ноил

мешавем ё не. Солистони мо ба забони модарии худ дуруст хонда наметавонанд. Масалан, агар партия тоҷикӣ бошад, онро тарзе мехонанд, ки ба гӯш ё итолиёвӣ мерасад ё русӣ. Хандаовар ин аст, ки онҳо ҳатто ба лаҳни тозаи русӣ ҳам дақиқан хонда наметавонанд. То замоне, ки дар Донишкадаи санъат ва омӯзишгоҳҳои мусиқӣ таълими забони модарӣ ба тарзи ҳатмӣ ҷорӣ нашавад, аз ин нуқсони ҷиддӣ раҳоӣ амри муҳол аст. Ҳатто дар театре, ки номи устод Садриддин Айниро дорад ва театри миллии Тоҷикистон ба шумор меравад, забони тоҷикӣ ҷорӣ нест.[1] Касе дар ин театр ба ин забон на гап мезанаду на кор мегузорад. Чунин менамояд, ки ба дигар тарз сурат гирифтани аҳвол ҳам иҷозат намедиҳанд. Имрӯз, яъне замони ошкоргӯӣ ва демократонӣ имконият медиҳад, ки аз ин камбудиҳои ҷиддӣ халосӣ ёбем.

– Ибодулло Эрмуродович, оркестри симфонии театр оё метавонад Шуморо ҳамчун дирижёр қонеъ гардонад?

– Мутлақо не! Оркестр аз ҷиҳати шумораи созҳо комил нест. Дар ҳайати он бояд 75 нафар навозанда бошад, вале мо бо 41 нафар кор мебарем. Пас бигӯед, ки оё сифати садодиҳии мусиқӣ дар ин маврид комил аст? Дар оркестрҳои мӯътадил 120 нафар кор мекунанд. Масалан, ба ҷои 16 нафар скрипканавоз мо ҳашт кас дорем, агар труба як овозро гирад, бояд дар муқобили он 16 скрипка садо диҳад, то ки мувозинати гармонӣ ба вуҷудояд. Барои ҳамин ҳам вақте созҳои нафасӣ садо медиҳанд, овози созҳои торӣ шунида намешавад. Ҳолати ҳамаи созҳои оркестр ба ин минвол аст.

Дигар ин ки Донишкадаи санъати мо барои ҳамаи анвои созҳои мусиқӣ кадр омода намекунад. Аз ҷойҳои дигар кадрҳои заруриро даъват карда наметавонем, зеро онҳоро бо хона таъмин кардан зарур аст, илоҷи ин кор дар дасти мо нест. Барои ҳамин ҳам ба ҳар роҳе бояд кадрҳои худиро тарбия кунем. Ҳоло ҳам дер нашудааст. Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ боист ҳарчи барвақттар ба мактабҳои олии мамолики мухталиф писарону духтарони маҳаллиро фиристад (ба таври мунтазам), танҳо дар ҳамин сурат ин масъала дар 10-15 соли

[1] Манзур ба охирин солҳои советӣ.

оянда пурра ҳал мешавад. Боз мегӯям: ҳанӯз дер нашудааст!

– Оё асарҳое ҳастанд, ки мехоҳед онҳоро таҳия намоед?

– Шоҳасарҳои Фирдавсию Низомӣ, Ҷалолиддини Балхию Ҷомӣ, Камолу Бедилро рӯи саҳнаи опера дидан орзуи кадом оҳангсозу артист ва дирижёр нест? Кас мехоҳад ба қаҳрамонони ҷавонмарду далер ва хирадманду солори онҳо монанд бошад, ҷаҳони рангину пурвусъати онҳоро дар рӯзгори худ эҳсос бинмояд. Он вақт худро аз зиндагӣ қонеъ меҳисобад.

– Ба нақши мусиқӣ дар зиндагӣ чӣ баҳо медиҳед?

– Чунон ки борҳо гуфтам ва боз мегӯям, инсон бидуни мусиқӣ зистан наметавонад. Ҳар қадар иқтисод пеш равад, ҳар қадар эътибори байналмилалии давлат баланд гардад, барои равнақи қавии кишвар заминаи мусоид фароҳам ояд, мақоми мусиқӣ низ меафзояд. Бояд навоҳои миллии абадзинда тавлид ёбанд, мисли оҳанги нахустгимни давлатии Тоҷикистон, ки Сулаймон Юдаков бар матни устод Абулқосим Лоҳутӣ офарид. Банда сарфарозам, ки ин мусиқиро дар Масква ба навор сабт карда овардаам таҳти дирижёрии худам дар иҷрои оркестри симфонии радиои СССР. Баъди ҶБВ боз барои маҷлисҳои тантанавии ҳукуматӣ сабт карда овардаам ин оҳанги олиро.

– Аз оҳангсозони закитабъ бо киҳо ҳамкорӣ доштед?

– Солҳои тӯлонӣ бо яке аз асосгузорони мусиқии касбӣ, муаллифи аввалин операи тоҷикии «Шӯриши Восеъ» ва балети машҳури «Лайлӣ ва Маҷнун», Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия Сергей Баласанян робитаи қавии эҷодӣ доштам. Хизматҳои басо бузурги ин оҳангсози нодиракор дар рушди устувори санъати мусиқии тоҷик бояд дар саҳифаҳои таърих бо хатти заррин сабт ёбад… Ҳамчунин ҳамкориҳоям бо навосозони асил Зиёдулло Шаҳидӣ, Шарофиддин Сайфиддинов, Дамир Дӯстмуҳаммад, Яъқуб Сабзанов, Ҷӯрабой Охунов… фаромӯшнопазиранд. Асарҳои дарозумри эшон мисли дастархони идона оростаи мардум ба обу ранги зиндагӣ ҷилои тоза мебахшанд.

– Дар пешаи асосӣ устодатон кист?

– Дирижёри тавоно, профессор Виктор Сергеевич Смирнов.

– Шогирдпешаҳоятон?

– Муртазо Шарифов ва Саидқул Билолов.

– Волидайнатон чикора буданд?

– Падарам Абдуллоҳи Эрмурод аз деҳқонӣ ва модарам Нисобибӣ аз дӯзандагӣ ризқу рӯзӣ меёфтанд.

– Маълумоти ибтидоиро дар куҷо гирифтаед?

– Дар деҳаамон Қарақчиқум масҷиде воқеъ буд, бобоям маро аввал ба тарбияи мулло доданд. Баъдан дар назди истгоҳи роҳи оҳан мактаби нави шӯравӣ кушоданд, ки ман ба он гузаштам. Соли 1929 дар як масҷиди кӯҳнаи Хуҷанд таҳти роҳбарии Абулқосим Лоҳутӣ техникуми мусиқӣ таъсис ёфт, ки банда нахустин дастпарвараш ҳастам. Таърихи пайдоиши оркестри симфонии тоҷик аз соли 1929 оғоз меёбад.

– Муалдлим, воқиан донишгоҳе, ки профессораш ҳастед, кай ташкил ёфтааст?

– Охири солҳои шастум дар пойгоҳи (базаи) факултаи санъати Институти давлатии омӯзгории Душанбе Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон таъсис ёфт.

– Ин хонаи чаҳорҳуҷрагии хиштиро кай гирифтаед?

– Ин хонаро соли 1952 бо амри Бобоҷон Ғафуров дар зодрӯзам доданд.

– Дар ин маъво аз дӯстони ҳамақидаю ҳаммароматон киҳоро пешвоз гирифтаед?

– Ба остони хонаам шахсони зерин қадам ниҳодаанд: Комил Ёрматов, Тӯҳфа Фозилова, Лутфӣ Зоҳидова, Малика Собирова, Сергей Баласанян, Сулаймон Юдаков, Аҳмад Бобоқулов, Муҳаммаҷон Қосимов, Тӯйчӣ Самадӣ…

– Қаҳҳоров Абдулаҳад чӣ?

– Не, бо он кас дӯстӣ доштам, аммо ба хонаам наомадаанд. Қаҳҳоров дар консертҳо ба наздам омада, аҳвол мепурсиданд. Ба дидани аксари намоишномаҳо меомаданд, ки чунин санъатдӯстиашон ба дигарон сабақ мешуд.

– Фарзандонатон?

– Як писар бо номи Алишер ва се духтар дорам. Ҳамаашон дар хориҷа кор мекунанд.

– Аз номи мухлисони сершуморатон Шумо – фарзанди арҷманди конибодомиҳоро, ки умри бобаракати худро сарфи

санъати нафиса кардаед, ба шарафи ҳафтодсолагиатон аз самими дил табрик мегӯем.

– Ташаккур! Шумоҳо ҳам ба чунин камолот бирасед!

Сониян, ин матни мусоҳиба дар ҳафтаномаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ба табъ расид, бисёр мухлисони дирижёр онро хонда, ба табрикаш бо гулу гулдаста шитофтанд.

Зиҳӣ соҳибистеъдодҳо!

## НАБЕРАҲОИ МАРЯМУ НОРИНИСО

Исмоили Муллобой ҳангоми аз Конибодом ба Душанбе, ба хонаи духтараш омадан набераашро ба сирк бурд. Сирки тоҷик баъди чандин вақти сафарҳои ҳунарӣ боз ба хизмати ҳамдиёронаш баргашта буд.

Тамошои ҷасорату маҳорат сар шуд.

Намоиши «Корвони Помир». Ҳунарпешаи мардумии ҷумҳурӣ Пирназар Юсуфӣ бо уштурҳои ромкардааш басо шавқовар бозид. Корвон дар лаҳзаи ба саҳна баромадан аввал таҳти оҳанги форам оромона ба ҷунбиш меомад, баъд шӯхона, чун оби дарёчаҳои кӯҳӣ туғён зада, манзараи аҷиберо пеши назар меовард.Гапдароию итоаткории шутурҳо, рақсу бозии ин ҷонварони қобил ба ҳозирон завқ мебахшид. Вақте ки шутур гардани дарозашро ёзонда, аз кафи соҳибаш ширинӣ мегирифт, Пирназар Юсуфӣ масалеро гӯшрас мекард: «Уштурро пурсиданд: «Думат чаро каҷ?» Гуфт: « Кучои ман рост, ки думам рост бошад?»

Ханда, ханда, ханда…

Сонӣ човандозони сирк оила-оила ба ҳунарнамоӣ баромаданд. Вақте ки оилаҳои Тӯраевҳо, Ёқубовҳо ва Валиевҳо дар ҳар намоиш унсурҳои тоза ба тоза нишон медоданд, Исмоили Муллобой оҳиста ба ваҷоҳати набераащ нигарист. Нигоҳи набера низ ба ӯ бархӯрд. Аз шавқу ҳаяҷон чашмашон медурахшид.

Бозии дилписанди Расина ва Раъно Қосимоваҳо, ки борҳо соҳиби мукофоти озмунҳо шудаанд, дар намоиши «Сайри хаёлоти (фантазияи) Шарқ» диққати ҳамаро рабуд. Раъно дар сари дастону китфони пурзӯраш Расинаро чунон моҳирона

бозӣ медошт, ки тамошобинҳо аз ҳунари ин ду варзишгар ангушти ҳайрат мегазиданд. Исмоили Муллобой дар симои Раъно Қосимова зани ҷисман неруманд ва солореро медиду аз хаёл мегузаронд: « Оре, ҳунарманд агар аз се чизи модарзод – зӯрӣ, ҳусн ва овоз якеашро надошта бошад, шуғли ӯ ҳеҷ аст».

Пас, ба дорбозон, ки рӯи симтаноб ҳунар менамоянд, навбат расид. Исмоили Муллобой мафтуни ҳунари онҳо шуда, ҳар дам «Офарин, набераҳои Маряму Норинисо!» мегуфт. Набера аз бобояш пурсид, ки Маряму Норинисо кистанд? Бобояш ҷавоб дод, ки баъди намоиш қиссаи онҳоро мегӯяд.

Сонӣ ҳамааш аён шуд. Исмоили дорбоз ба набераи кунҷкобаш гуфт,ки чӣ хел аз соли 1920 дорбозиро омӯхта, аз ҳисоби навҷавонони бебок шогирд тайёр мекард. Набера фаҳмид, ки устоди бобояш тоҷики қӯқандӣ Муҳаммадҷони дорбоз будааст. Бобояш аввал дар сирки Қӯқанд кор мекард. Ҳафт сол шогирд шуда, шаҳр ба шаҳр гашт. Вай тойчае дошт гапдаро, қанд диҳад, ба нишони миннатдорӣ пои пешашро мебардошт.

Бо фаъолияти Исмоили дорбоз моҳе як-ду бор дар Конибодом садои карнаю сурнай ва нағора мардумро ба тамошогоҳ даъват мекард. Дастаи дорбозҳо дар паҳлуи манори чаҳорбоғи шаҳр ба ҳунарнамоӣ мебаромаданд. Чун ҷанг сар шуд, Исмоили дорбоз ба ҳифзи Ватан рафт. Сивуяксола буд. Мардона меҷангид. Дар муҳорибаҳо барои озодии Воронеж ва Харков аз сари китфу дасту пою миён чаҳор бор захм бардошт. Барои корномаҳои ҷангиаш мукофотҳо гирифт. Азбаски аз муҳориба маҷрӯҳ баргашт, дигар пешаи дӯстдоштаашро давом дода натавонист.

Ҳамон рӯзи тамошо ба хаёли бобои Исмоил гузаштаҳои дури сиркбозони тоҷик мерасид.

… Соли 1903 ба Хуҷанд сирки рус омадааст. Занҳои тоҷик бозии русдухтаронро аз зери чодар тамошо мекарданд. Дар охири намоиш Марям ном духтари хуҷандӣ рӯкушод ба бозигарони сирк гуфт, ки касби онҳоро омӯхтанист. Ба ӯ ҳайратомез нигаристанд, зеро ин рафтораш дар он замон ҷуръати андаку мундак набуд.

– Шубҳа накунед,– гуфт Марям ба русдухтарон. – Азми ман қатъӣ. Ба дарахтони боғамон арғамчин кашида машқ кардам. Чашмамро баста, дар рӯи арғамчин роҳ мегардам…

Сарвари сиркбозон розӣ шуд:

– Ба мо ту баринҳо лозим…

Шодии Марямро интиҳо набуд. Русҳо ӯро бурда, сеҳри ҳунарашонро омӯхтанд. Аз байн се сол гузашту ҳамон сирк боз ба Хуҷанд омад. Марям бо ҳунарнамоӣ тамошобинҳоро мафтун кард. Аммо мутаассибони ҷоҳил, ки чунин пешаро дар шаъни мусулмондухтар нангу ор мешумурданд, ӯро луздида, ваҳшиёна куштанд.

Сипас бобо ба набераааш сарнавишти Норинисои Шарифро қисса кард: « Вақте ки дар Конибодом ба шогирдонам дорбозиро машқ медодам, рӯзе духтараки резапайкаре наздам омада, хоҳиш кард, ки ӯро ҳам ба шогирдӣ гирам. Ман розӣ,– гуфтам,– аммо шарт ин аст, ки нақора навозанд, як рақс мекунӣ. Ин ба тариқи санҷиш. Дорбоз бояд ҳам дар замин, ҳам дар рӯи расан рақсида тавонад. Духтарак шартро қабул кард ва таҳти навои нақора чунон зебою фаттон рақсид, ки як байти Фирдавсӣ ба хотирам расид:

*Шунидам, ки дар лаҳни хунёгаре*
*Ба рақс андар омад парипайкаре.*

Норинисо бо вуҷуди монеаҳои ҷоҳилон асрори дарбозиро меомӯхт. Вай аз духтарони маҳаллӣ нахустин дорбозе буд, ки дар рӯи расан чусту чобук пасу пеш давида, аз ҳунар машъалаи меҳр меафрӯхт. Чашмашро баста, ба баландии дор барояд, тамошобинҳо аз ҷасораташ ба ҳайрат меомаданд. Афсӯс, ки баъд аз сари ӯ дар шаҳрамон дигар дорбоздухтар ба майдон наомад. Роҳбарҳо ба равнақи ҳунарҳои халқӣ эътибор намедиҳанд…»

Он рӯз дар сирк Исмоили дорбоз ҳамон духтарони шуҷоатмандро ёд оварда, « офарин, набераҳои Маряму Норинисо!» мегуфтааст.

Кунун дар сирки миллии тоҷик даҳҳо духтари волоҳунар бо намоишҳои мураккабу ҳайратангез бинандаро мафтун ва, албатта, рӯҳи Маряму Норинисоро шод мегардонанд.

## ДОНИШВАРИ ШАРИФ

Солҳои аввали баъди ҷанг. Дар пойтахти ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳраки хурду назарногири Душанбе дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меомад. Дар қатори биноҳои пастаки хаспӯш ва кулбаҳои похсагӣ ҷо-ҷо иморатҳои нисбатан бошукӯҳу назаррабо қомат афрохта, диққати касро мерабуданд. Ин биноҳои тозабунёд корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои ҷамъиятӣ ва ё мактабу китобхонаҳо буданд, ки ҳусни пойтахтро мефузуданд.

Соли 1948 дар яке аз ҳамин гуна биноҳое, ки ба тозагӣ қад кашида, чашмрабоӣ дошт, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҷой гирифт. Таъсиси ин донишгоҳ дар ҳаёти тоҷикон воқиаи фараҳбахше гардид. Омӯзгорон ва донишмандони варзидаро барои кор ба ин боргоҳи илм ҷалб мекарданд. Вале мутахассисону соҳибихтисосҳо намерасиданд.

Рӯзе нахустректори ин донишгоҳ Зариф Раҷабов пас аз машварат бо вазири маориф ба назди Садриддин Айнӣ рафт.

– Ба кафедраи адабиёти тоҷик мудир мекобем,– ба сари мақсад омад ректор пас аз одоби муоширатро ба ҷо овардан. – Довталабон ҳастанд, вале мутахассиси шинохтаи санҷидакор лозим. Охир, адабиёти классикии гузаштаи мо дарёи бузургест, ки на ҳар кас ёрои кашфи дурру гавҳари онро дорад.

– Дуруст мегӯед, Зарифҷон! – аз эҳтиёткории роҳбари донишгоҳ шод шуд устод Айнӣ. – Дар ҳақиқат, ба сарварии ин соҳа ягон адабиётшиноси дақиқназару ғамхор ва мисли худатон борикбину зарифгуфтор лозим, ки ин дастгоҳи шуморо саришта карда тавонад.

–Нисбат ба худам муболиға кардед, устод.

– Бидуни муболиға мегӯям. Шумо ба баҳои баланд арзандаед, Зарифҷон.

– Кӯшиш мекунам, ки сазовори бовариатон шавам.

– Ана ин гапи дигар. Хӯш, довталабҳо киҳо будаанд?

Ректор якчанд касро ном бурд.

– Агар ман ба ҷои шумо мебудам, ба ин вазифа адабиётшинос Шарифҷон Ҳусейнзодаро даъват мекардам,– пас аз муддате андеша фикрашро гуфт устод. – Медонед, вай як фидоии

роҳи илму адаб, исмаш ҳам ба худаш мувофиқ, ҷавонмарди шариф. Пеш аз ҷанг аз Тошканд ба Сталинобод кӯчиду ба чанд дарди ҷумҳурӣ даво шуд. Мо ӯро, чун мунаққиди адабӣ шинохта, ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфтем. Ба фикрам, вай ба ин вазифа хеле мувофиқ аст. Шумо ӯро мешиносед?

– Бале, аз фаъолияташ огоҳам. Ҳангоми ба Душанбе кӯчондани шӯъбаи тоҷикии китобхонаи Тошканд яке аз мутасаддиёни ин иқдоми нек буд. Дар «академияи педагогӣ» муаллимӣ кард. Чандин сол мудирии шӯъба, баъд вазифаи раисии Институти забон ва адабиётро ба ӯҳда гирифт…

– О, нағз мешинохтаед-ку.

– Мешиносам, аммо ба кор даъват кардам, наомад.

– Ин тавр бошад, розӣ кунонданаш ба зиммаи ман, – ваъда дод устод Айнӣ. – Фардо ҷавобашро мегиред.

– Устод, агар ҳамин қавлатон ба иҷро расад, ман аз шумо як зиёфат қарздор,– ба шӯхӣ гузашт ректор.

– Рафта тараддуди зиёфатро бинед.

Рӯзи дигар рӯ ба рӯи устод Айнӣ як ҷавонмарди гармрӯи камонабрӯ, ки назар ба синну солаш хеле пуртамкину таҳаммулпеша менамуд, андешамандона нишаста, ба саволҳои мусоҳибаш ҷавобҳои пухта медод. Устод зимни сӯҳбат ба ӯ мегуфт:

– Шукр, ҷумҳурии ҷавони мо ҳам соҳиби дорулфунун шуд. Вазифаҳои навбатӣ муайян. Акнун ҳар як фарди тоҷик бояд камари ҳимматро сахтакак баста, барои миллат хидмати беминнат кунад. Ман шуморо ба вазифаи мудирии кафедраи адабиёти дорулфунун пешниҳод кардам. Шумо мақсади маро бояд фаҳмед: донишгоҳи нав ба кадрҳои ботаҷриба ва корозмуда эҳтиёҷ дорад, агар ҳоло ба сари вазифа шумо барин мутахассиси пурвуқуф ва қадршиноси адабиёти қадим ва навини мо наояд, аз эҳтимол дур нест, ки риштаи ин кори шариф ба дасти баъзе кӯтоҳназарон биафтад.

– Ба шарте ба он ҷо мегузарам, ки ба кори мо мадад расонед,– таъкид кард Ҳусейнзода.

– Аз ин ваҷҳ дилатон пур бошад…

* * *

Дар яке аз рӯзҳои охири Наврӯзи соли 1907 дар маҳаллаи Читгарии Конибодом, дар оилаи косиби рангрез Ҳусейн тифлаке ба дунё омада, шодии аҳли хонаводаро дуболо гардонд. Ба навзод, азбаски дар рӯзи неку муборак, дар анҷоми Наврӯзи дилафрӯз чашм ба дунё кушод, Шарифҷон ном доданд. Бигзор инсони шариф шавад. Вай дар оғӯши меҳру навозиши падару модар ба воя мерасиду ғаму ташвиши оламро намедонист. Вале падар аз дунё даргузашт ва ӯ ҳамдами ғуссаву ғам шуд. Вақте ки ба синни ҳафт расид, ӯро ба мактаб доданд.

Пас аз барқарор гардидани сохти Шӯравӣ дар чаҳор маҳалли Конибодом мактабҳои усули нав таъсис ёфтанд. Шарифҷон аз мактаби кӯҳна ба мактаби нав гузашт. Ба ӯ насиб шуд, ки дар мактаби нав аз нахустин муаллимони бофазилати зодгоҳаш Соҳибҷони Шермуҳамадзода, Ҳорис Фатҳуллин, Ҳоҷиолим Қобилӣ ва Мелӣ Домулло дарси илму адаб андӯзад. Сипас бо сарпарастии бародари муаллимаш – раиси Кумитаи инқилобии Конибодом Каримҷон Ҳусейнзода чанд вақт дар сағирхона тарбия ёфта, дар Қӯқанд хонд. Ҳамон вақтҳо ӯ ба илму дониш шавқу рағбати беандоза пайдо кард. Рӯзе ба бародараш Каримҷон, ки сабақомӯзии ӯро таҳти назорат гирифта буд, гуфт:

– Дар Боку дорулмуаллимини нав кушодаанд, мӯҳлати таҳсилаш се сол. Агар таҳсилро он ҷо давом диҳам, Шумо чӣ маслиҳат медиҳед?

Каримҷон синчакорона ба Шарифҷон нигаристу гуфт:

– Додаракам, Боку як шаҳри азими инқилобӣ, серғавғо, роҳаш дур, он ҷо тани танҳо рафтану нон ёфта хурдан осон не…

– Ман танҳо не, акоҷон, ошноҳоям Ойтӯрахон, Комилҷон, Абдураҳмон ҳам меравconfigured, маслиҳат кардем, ки…

– Хайр, ман ҳам розӣ,– хурсандона гуфт Каримҷон. – Фақат чанд шарти ҷиддӣ дорам, ки ҳамеша дар гӯшу ҳушат бигирӣ. Аввалан, тамоку намекашӣ. Сониян, дар кӯчаҳо танҳо намегардӣ. Сеюм, моҳе як бор ҳатман ба театр меравӣ. Ва

муҳимтаринаш: аз таҳти дил мехонӣ. «Қуфлкушои ҳама дарҳост илм». Ба қавли Баҳоуддини Омулӣ:

*Моле, ки зи ту кас наситонад, илм аст,*
*Чизе, ки туро ба ҳақ расонад, илм аст.*
*Ҷуз илм талаб макун ту андар олам,*
*Чизе, ки туро зи ғам раҳонад, илм аст.*

Дере нагузашта, Шарифҷон ба Боку рахти сафар баст. Айёми пуртакопӯи донишомӯзию маърифатандӯзӣ оғоз ёфт. Зимни солҳои таҳсил, ҷустуҷӯ ва таҳқиқи илмҳои гуногун сабаб шуд, ки ӯ бо донишмандону фозилони гуногунмиллат робитаи дӯстӣ пайдо карда, аз сӯҳбату баҳсу мунозираи эшон баҳра барад. Яке аз чунин равшанфикрон мудири китобхонаи дорулмуаллимини мазкур Панков ном шахсе буд, ки дар пешрафту такомули ҷаҳонбинии толибилмон саҳме мегузошт.

Донише, ки Шарифҷон дар Боку дарёфт, барои пешбурди минбаъдаи кори омӯзгорӣ, таълифи рисолаҳоли илмию таълимӣ ва камолоти маънавии ӯ заминаи мустаҳкаме гардид. Тобистони соли 1926 дорулмуаллиминро хатм карда, ба зодгоҳаш баргашт ва ба ҳайси муаллими мактаби миёна ба тарбияти насли наврас пардохт. Ба бачаҳо аз адабиёт ва забони модарӣ дарс медоду пайваста ба афзудани дониши худ мекӯшид. Сарвати умраш фарҳанг буду силоҳаш нутқи фасеҳу бурро. Адабиёт ба шумо дарси адаб меомӯзад,– мегуфт ӯ ба шогирдон. – Ҳамаи муаллимони шумо адабсанҷу адабомӯзанд. Адаб танҳо хулқи неку писандида, мулоиматӣ ва шарму ҳаё набуда, маънои он бо илму ҳунар ва фазилати инсонӣ тавъам аст. Дабистон, яъне мактаб ба маънои адабистон ва ё дабиристон аст. Адабистон ҷоест, ки баробари дигар фанҳо аз фанни адабиёт низ таълим медиҳанд. Адабиёт маҷмӯи илму адаб мебошад. Зарур аст, ки ҳар яки шумо боадаб бошед. Зебоии одам аз адаб асту дониш.

Бачаҳо дарсҳои хотирнишини ӯро ба камоли диққат мешуниданду ба фазлу ҳунараш эҳтиром меоварданд.

Пас аз чанд вақт Шарифҷон роҳи Тошкандро пеш гирифт, зеро дар он айём ягона мактаби олии тоҷикӣ – Дорулмуаллимин дар он ҷо воқеъ буд. Як зумра ҷавонони бедору ҳушёри тоҷик дар мактабҳои олии ин шаҳри илму адабпарвар, аз

ҷумла дар шӯъбаи шарқшиносии Университети давлатии Осиёи Миёна таҳсил доштанд. Яке аз донишҷӯёне, ки илми ховаршиносӣ ҳушу ёдашро мерабуд ва рӯзу шаб саргарми омӯзиши асарҳои гуногун мешуд, Шарифҷон буд. Боре дар китобхона ҳангоми ҷустуҷӯи адабиёт асари ховаршинос А.Е.Кримский «Таърихи Форс, адабиёт ва теософияи дарвешии он» ба дасташ афтод. Аҷаб бозёфте буд ин китоб барои ӯ. Мутолиаи ин асари бузургу яклухт ишқашро нисбат ба омӯхтани адабиёти форсу тоҷик боз ҳам афзуда, ӯро ба ҷодаи фароху бепоёни илму фарҳанг ҳидоят менамуд. Таърихи адабиёти дунимҳазорсолаи тоҷикро бояд амиқу дақиқ омӯхт. Баъзе нохалафҳо ба таърихи адабиёт, забон ва тамаддуни тоҷикон иқрор намешуданд. Хусусан пантуркистон чӣ бӯҳтоҳое, ки бофтанд. Дар равшанӣ андохтан ба масъалаҳои баҳсталаби адабиёт ва давраҳои вазнину фоҷиавӣ, вале шарафноки халқамон корҳои зиёду пурмасъулият дар пеш аст. Охир, ин таърихи тамаддуни мост, бо ҳамаи бурду бохт ва дороияш. Таҳриф кардани таърих норавост. Вазифа аз ин иборат аст, ки онро аз рӯи адолату инсоф ҳаққонӣ нишон диҳем. Ҳамаи гап ба сари поквиҷдонӣ, масъулиятшиносӣ ва муносибати илмист…Дар чунин ҷаҳони андешаҳо сайр мекард Шарифҷон Ҳусейнзода. Шабҳои бедорхобӣ. Мутолаа, баҳсу андеша, боз ҳам мутолаа. Он ҳама ранҷу мушкилоте, ки дар роҳи омӯхтани илм ба ӯ пеш омад, барабас нарафт. Соҳибистеъдоди хушзавқ боиси таваҷҷӯҳи устодон гардид. Пас аз хатми донишгоҳ ӯро дар кафедраи филологияи Эрон нигоҳ доштанд.

Дар Тошканд муаллими мӯътабар Қорӣ Ниёзии Хуҷандӣ муттакои мӯътамади Шарифҷон Ҳусейнзода гардид. Ӯ ба нахустин корҳои илмии ин ҷавон зеҳн монда, дар бедор кардани эҳсоси идроку ҳушёриаш сарварӣ менамуд. Ҳусейнзода ин мутахассиси улуми табииётро, ки табъи шеъргӯӣ ҳам дошт, чун яке аз устодони аввалини худ шинохт ва ба ӯ ихлосу эътиқод баст. Чунин муҳит ба камолоти ӯ таъсири файзбахше мерасонд. Дар андак вақт ӯро аҳли илм шинохтанд. Қобилияту лаёқати ӯро, чун донишманде, ки на танҳо забон ва адабиёти форсу тоҷик, балки забон ва адабиёти озару ӯзбек ва тоторро низ ба хубӣ медонист, эътироф карданд.Баъди

хатми аспирантура соли 1935 ӯ дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд ба кор сар кард. Аввал ходими хурди илмӣ, сонӣ мудири кафедра шуд. Дар ташкили корҳои наҷиб ташаббус нишон медод. Ӯ устодаш Қорӣ Ниёзиро розӣ кунонд, ки ба донишҷӯёни тоҷик аз фанҳои табиатшиносӣ ба забони модариашон дарс диҳад.

Қорӣ Ниёзӣ аз зумраи аввалин омӯзгороне буд, ки тамоми мушкилоти таълимро бидуни ҳарос бар дӯши худ мегирифтанд. Ӯ аз нахустин дарсҳо ба ҳамкасбони ҳамзабонаш таъкид мекард:

– Ҳамдиёрони ташнаи маърифат! Бидонед, ки як мушкилоти кори мо бекитобист. Мактабҳои нав китоби дарсӣ надоранд. Ман барои фанҳое, ки сабақ медиҳам, худам китоби таълим навиштаам. Шумо ҳам пас аз хатми донишкада дучори чунин душворӣ мешавед. Аз сахтӣ наҳаросед. Мабодо, ки аз мушкилиҳо дилсард шуда, тарки пеша кунед. Беҳ ки аз ҳоло ба таълифи дастурҳои таълим тайёрӣ бинед. Дар ин амри хайр ману Ҳусейнзода дастгири шумоем. Бояд худамон китоб нависему аз рӯи он дарс диҳем. Дигар илоҷе ҳам надорем…

Бесабаб нест, ки дастпарварони донишкадаи мазкур нахустнамояндагони зиёиёни нави тоҷик гардида, дар ҳар маҳал машъали маърифат афрӯхтаанд.

Дар Ӯзбекистон садҳо нафар ҷавонон аз санҷишҳои мактаби Ҳусейнзода гузашта, дар роҳи маърифатомӯзии мардум иқдоми нек меварзиданд. Малакаву маҳорати ӯ дар кори ба нашр омодасозии асарҳои классикони адабиёт меафзуд. Соли 1938 бо қарори кумитаи созмондеҳи ҷашни бузургдошти Алишер Навоӣ дар назди Комиссариати халқии ҶШС Ӯзбекистон ба қатори понздаҳ нафар ҳайати муассисони матншиносӣ Шарифҷон Ҳусейнзода низ дохил шуд, ки ин худ аз камолоти олими ҷавон дарак медод. Ҳамон вақт дар матбуоти Ӯзбекистон як силсила мақолаю асарҳои илмии ӯ доир ба шарҳи ҳол ва андешаҳои башардӯстии Навоӣ чоп шуданд.

Ҳусейнзода дар Ӯзбекистон устоду шогирд, рафиқу мухлис ва бисёр дӯстони ҷонӣ дарёфт, ки тамоми умр бо онҳо ҳамкориву ҳамнишинӣ дошт. Меболид, ки дӯстонаш бисёранду ба ӯ ихлос доранд. Ҳамаи ёру дӯст ва шогирдонро мефар-

муд, ки то тавонанд бештар ошно пайдо кунанд. «Касе, ки дӯст надорад,– мегуфт ӯ,– аз зиндагӣ лаззат намебарад. Ҳасад қотили дӯстӣ аст. Ҳасадро барҳам диҳед, то аз дӯстӣ лаззат баред. Аз зуҳури дӯсти ҷонӣ чашму дили кас равшантар мешавад. Агар ин ҳақиқатро ҳама кас мепазируфт, дунё чӣ гулистоне мешуд. Бе дӯст будан,танҳо мондан заифу нотавонӣ бор меорад. Инсон бо дигарон робита дошта бошад, дӯстӣ намояд, устуворӣ меёбад. Бикӯшед, ҳар куҷо риштаҳои дӯстӣ гусаста бошад, пайванд намоед, агар суст аст, маҳкам кунед».

Сипас ӯ ба Тоҷикистон омад. Аввал дар донишкадаи омӯзгорӣ ки он вақт «Академияи педагогӣ» меномидандаш, ба таълими навҷавонон пардохт ва таълифи асарҳои илмиро идома дод, сонӣ дар як муассиса ходими илмӣ, дар муассисаи дигар мудири шӯъба, баъд директори шӯъбаи тоҷикистонии Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ, мудири шӯъбаи адабиёти шӯравии ҳамин пажуҳишгоҳ ва дар охир мудири кафедраи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд.

Танзиму таҳияи нахустин курси таърихи адабиёт, даврабандӣ ва равияҳои асосии инкишофи он, таҳқиқу таҳлили эҷодиёти зумрае аз адибони гузашта ва муосир бо номи ӯ алоқаманд аст. Нахустмақолаи Ҳусейнзода «Мубориза дар ҷабҳаи адабиёти тоҷик» соли 1930 дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» интишор ёфт. Фаъолияти илмию эҷодии минбаъдаи олими ҷавон ба маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» иртибот дошт. Мақолаҳои адабию танқидии ӯ аз қабили «Лоҳутӣ ва услуби эҷодии ӯ», «Санъаткори сазовори аср», «Якsолагии ҳуҷҷати таърихӣ» ва ғайра паи ҳам дар ҳамин маҷалла дастраси хонандаҳо шудаанд. Пас фаъолияти ӯ дар ду самт ҷараён мегирифт: яке кори таълиму тарбия дар мактабҳои олӣ, дигаре омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик. Ҳар ду роҳи фаъолияти ӯ натиҷаҳои басо судманд додаанд.

Асарҳои Ҳусейнзода услуби эҷодии адибони тоҷик, афкори адабию нафосатпарастии эшон, мақоми шахси эҷодкор дар ҷамъият, навъҳои адабӣ, робитаҳо ва эҷодиёти адибони алоҳидаи тоҷику форс, ӯзбеку озар ва рус, хусусиятҳои шеъри дирӯзу имрӯз ва ғайраро дарбар мегиранд. Чунин масъалагузориҳо барои омӯхтани адабиёт аҳамияти бағоят

бузурги илмӣ доранд. Муҳимтарин маҳсули афкори ӯ дар маҷмӯаи «Баҳс ва андеша» (1964) гирд омадаанд. Дар ин китоб, чунон ки адабиётшиносон Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдуқодир Маниёзов, Хуршеда Отахонова ва дигарон баҳо додаанд, фикру андешаҳои муаллиф дар бораи асарҳои адибон, мунаққидону адабиётшиносон, оид ба вазъият ва вазифаҳои танқиди адабӣ ва ғайра возеҳу равшан баён ёфтаанд. Мақолаҳои ин маҷмӯа пужӯҳишгарони ҷавонро дар роҳи омӯхтани масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ ҳидоят мекунанд. Дар мақолаи «Дар ҷустуҷӯи маҳорат…» ба ақидаи муаллиф «санъат ҳаяҷону ишқ, фараҳу изтироб, нафрату муҳаббат мебошад… Вазифаи асосии санъат ҳамеша нишон додани ҳақиқат ва ба халқ хизмат кардан аст». Вай дар айни замон алоқаи мустаҳками аҳли қаламро бо рӯзгори халқ таъкид намуда, ба адибони ҷавон маслиҳат медод, ки «нависанда бояд бисӯзаду бисозад, зеро каси сӯзи дил надошта дигаронро мутаассир карда наметавонад. Барои пайдоиши оташ дар дил бояд бо ҳаёт ва замона робитае дошт».

Дар мақолаҳои пурарзиши ӯ «Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти советии тоҷик», «Дар бораи як пйесаи ҳаҷвии устод Айнӣ», «Анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ», «Шоир–шаҳрванд» омӯзиши анъанаю навоварӣ, маҳорати бадеӣ ва дигар ҷиҳатҳои эҷодиёти адибони тоҷик равшан гардидаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки маҷмӯаи «Баҳс ва андеша» дар илми адабиётшиносии тоҷик мақоми хос дорад ва барои рушди минбаъдаи ин илм, бешубҳа, мадад расондааст.

Рисола ва китобҳои устод Шарифҷон Ҳусейнзода «Шеърҳои ватандӯстонаи Саъдӣ» (1942), «Сухансарои Панҷрӯд» (1958), «Ҷалол Икромӣ» (1959), «Гуфтор аз ганҷи сухан» (1985) саҳмест дар ривоҷи афкори адабиётшиносии мо. Қисми аввали «Очерки адабиёти советии тоҷик», ки соли 1956 дастраси хонандагон гардид ва ба омӯзиши адабиёти муосири мо пояи илмӣ гузошт, дар зери роҳбарии ин заҳматкаши қалам ба арсаи вуҷуд омад. Ба қавли Раҳим Ҳошим «Ҳусейнзода бо мушоҳида, таҳқиқот ва мақолаҳои аз соли 1931 то он рӯз навиштаи худ дар ин кор роҳбари мӯътамад ва салоҳиятдоре буд. Ӯ дар ин муддат шоҳиди зин-

даи ин таҷаддуди адабӣ, шиноси наздик бо намояндагони он, огоҳ ва хабардор аз печутоб ва фарозу нишебҳои роҳи бистсолаи то он рӯз тайкардаи адабиёти тоҷик буд».

– Хизмати Муаллими муаллимон Шарифҷон Ҳусейнзода дар равнақи маориф беназир аст,– навиштааст яке аз шогирдон ва шарикмуаллифи китобҳояш Худоӣ Шарифов. – Таълифи китобҳои дарсӣ аз корҳои судманди ӯ буд дар соҳаи мактабу маориф. Фаъолияти меҳнатии устод аз ибтидо то интиҳо ба таълиму тарбия алоқамандӣ дошт. Агар ба эътибор гирем, ки китоби дарсии адабиёти тоҷик барои мактабҳои олӣ вуҷуд надошт (ва ҳоло ҳам қариб ки нест) ва таҷрибаи таълими ин фан ҳам набуд, пас онҳое, ки аввалин шуда таълими адабиёти тоҷикро ба ӯҳда доштанд, пайдост, ки чӣ кори душвореро ба зимма гирифтаанд. Устод Ҳусейнзода ҳамроҳи аввалин муаллимони донишгоҳ ба ин кори душвор шурӯъ кард ва то охир онро давом дод. Шуғли ӯ бо мақсади асосии ҳаёташ – маърифатнок кардани халқ, афзудани сарвати маънавии он вобаста буд. Ҳаргиз аз мондашавӣ шиква надошт, бо ҳавсалаи тамом дарс мегуфту ба дастаи омӯзгорон роҳбарӣ мекард.

Нависандаи нозукхаёл Равшани Ёрмуҳаммад дар як маҳфили ёдбуди профессор Шарифҷон Ҳусейнзода мушоҳидаи ҷолиберо гуфт аз рӯзгори омӯзгории олим:

«Боре дар кафедраи адабиёти классики тоҷик менишастам, ки муаллим Ҳилол Карим ба он ҷо даромаданд бо авзои нохуш.

– Чӣ гап? – пурсиданд устод Ҳусейнзода.

– Табаров ва Тоҷиев ҷанг карданд,– гуфтанд Ҳилол Карим.

Ҳусейнзода хандиданд:

– Ду одами баобрӯ наход ҷанг кунанд, айб аст…

Ҳилол Карим каме нишастанду баъд рафтанд. Ба кафедра Соҳиб Табаров ворид шуданд, табъи он кас низ хира буд.

– Соҳибҷон,– гуфтанд муаллим Ҳусейнзода,– ором шавед, асабҳоро нигоҳ доред. Асабият хасми офият аст.

– Асабҳоро нигоҳ дошта намешавад. Охир, маҷбур мекунанд, ки ба як бачаи бесавод кори дипломӣ диҳам. Падараш гӯштфурӯш будааст. Боз мегӯянд, ки на аз Кӯлоб асту на аз Конибодом. Маҳалла дар ин ҷо чӣ аҳамият дорад? Барои ман

саводнок бошад, кофист. Муаллимонаш мегӯянд, ки кори дипломӣ навишта наметавонад…

Соҳиб Табаров аз ҳуҷра берун шуданду Додоҷон Тоҷиев даромаданд.

– Соҳиб одами сабук-дия,– гуфтанд Додоҷон Тоҷиев. – Як бачаро гаранг карда гаштааст. Бача босавод. Муаллима Аминова мегӯянд, ки аз ман кори курсӣ дошт, нағз навишт.Табаров Аминоваро хуш намебинад. Барои ҳамин аз бача қасд гирифтанӣ. Алами Исоро аз Мӯсо ситонданӣ. Агар бача кори дипломӣ навишта натавонад, ба ӯ исбот карда диҳанд. Ин корашон хуб не…

Дар назди мо чойнак меистод. Як пиёла чой кашида, ба пеши устод ва Тоҷиев гузоштам. Ҳусейнзода Тоҷиевро ором карданӣ шуда, суханони тасаллобахш гуфтанд.

Ман дар он лаҳза ҳис кардам, ки устод Шарифҷон Ҳусейнзода на танҳо ба донишҷӯёну ҷавонмуаллимону унвонҷӯйҳо, балки ба устодон ҳам устод будаанд. Меҳрам ба эшон афзуд».

Шарифҷон Ҳусейнзода барои пешрафти кори омӯзгорон, такомули андешаи онҳо, камолоти адибони оянда бедареғ заҳмат кашида, бо ин мақсад китобҳои зеринро навишта буд: «Адабиёт» (1934), «Назарияи адабиёт» (1936), «Адабиёти тоҷик» (1962), «Таърихи адабиёти тоҷик» (1963)… Китоби дарсии «Адабиёт» дар он солҳо пас аз «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ яке аз манбаъҳои таълимии мактабҳои миёнаю олии ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна ба шумор мерафт, аз ҷумлаи асарҳое буд, ки хонандаи тоҷикро бори нахуст бо осори бузургони адабиёти классикии Шарқ хеле мукаммал мешиносонд.

Дар асари илмӣ ва таълимии «Адабиёти тоҷик дар асрҳои X-XУ» заҳматҳои тӯлонию фаровони ӯ ҷамъбаст гардидаанд. Наслҳои наврас дар мактабҳои миёна наздик сӣ сол аз рӯи ин китоби ӯ сабақ гирифтаанд. Бесабаб нест, ки соли 1953 барои таълифи ин асари пурарзиш ба ӯ унвони номзади илми филология додаанд.

Устод дар баробари тайёр кардани мутахассисони болаёқат мунтазам ба эҷоди асарҳои тадқиқотӣ шуғл дошт. Ӯ бештар аз

300 асари илмӣ, рисолаю китобҳои дарсӣ барои мактабҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, мақолаҳои танқидӣ, очеркҳои ҳуҷҷатӣ таълиф кард. Соли 1966 ҳайати мумайизаи Олӣ хидматҳои бузурги Шарифҷон Ҳусейнзодаро бо унвони профессорӣ шарафманд гардонд.

Устод Ҳусейнзода охири соли 1988, вақте ки аз олам гузашт, дар нашриёти «Адиб» китоби нави ёддоштҳо ва мақолаҳояш «Ангезаи меҳр» дар арафаи нашр буд. Дареғо, ки умр вафо накард ва маҷмӯа пас аз сари ӯ ба табъ расид. «Ангезаи меҳр» ҳадяи муаллиф ба дӯстони ҷавонаш буда, аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якум («Ёднома») симои эҷодӣ, мақоми адабӣ ва илмии баъзе адибон ва ходимони фарҳангу тамаддуни тоҷик ва хотироту ёддошти муаллиф, дар қисми дуюм («Ба истиқболи Наврӯз») дар бораи суннатҳои Наврӯзи бостонӣ, моҳияти таърихию тарбиявии он, андешаву мулоҳизаҳои мусанниф оид ба анъанаҳои ҷовидонаи халқ баён шудаанд. Устод дар ин силсилаи мақолаҳояш ба кӯтоҳназарии баъзе сарварон, ба ақидаи ғалати роҳбарони давраҳои шахиятпарастӣ ва карахтӣ, ки Наврӯзро иди динии гузаштагон пиндошта, таҷлили онро манъ менамуданд, бо далелу бурҳони қотеъ зарба мезад.

Паҳлуи дигари фаъолияти маърифатпарварии ӯ ба нашр омода кардани осори классикони адабиёти гузаштаи тоҷик аст. Ин кори бағоят пурмашаққат ва пурмасъулиятест, ки аз муҳаққиқ дониши фаровон ва адофаҳмию нуктасанҷӣ тақозо дорад. Агар аз рӯи адлу инсоф бигӯем, касе, ки аз эъҷози илми арӯз вуқуфи комил надорад, омилу қобил нест, ки ба ин кори душвор даст бизанад. Азбаски устод Ҳусейнзода дар назмшиносӣ мумтоз буд, аз ӯҳдаи ин вазифа ба хубӣ мебаромад. Баъзан ба мутолиаву муҳокима ва нусхабардории ашъори классикон саргарм шуда, бехабар мемонд, ки чӣ сон шаби дарози зимистон саҳар мешуд. Дар кошонаи сокиту хомӯш, ки касе халалаш намерасонд, гоҳ бо руҳи Рӯдакиву Ибни Сино, Фирдавсию Низомӣ, гоҳ бо Саъдиву Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхию Фаридаддуни Аттор ва гоҳ бо Камоли Хуҷандию Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамсӯҳбату ҳамнишин буд.

Шуғли ба нашр муҳайё сохтани осори бузургон ба ҷуз

душвории худ дар аҳди Иттиҳоди Шӯравӣ хавфу хатаре ҳам дошт. Дар шароити ногувори он солҳо, ки тӯдаи бефарҳангон анъанаҳои неку тамаддуни қадимии тоҷиконро инкор карда, ба муқобилашон муборизаи шадид мебурданд, дар вазъияте, ки то нимаи солҳои панҷоҳум китоби ҳуруфи арабиасосро ошкоро хондан маънои ҷиноятро дошт ва эътиқоди мардумро ба китоби ниёгон шикастанӣ мешуданд, ба муҳайёсозии матни осори илмию фарҳангии гузаштагон даст задани устод Ҳусейнзода ҷуръату ҷасорати андак набуд. Боре ӯ дар хона бо дӯстони китобдӯсташ Тоҳир Ёрмат ва Қорӣ Зоҳид, ки аз шаҳру деҳоти водии Фарғона гулчини китобҳои қадимаро харида меоварданд, сӯҳбат дошт, ки бародараш Бобоҷон омад. Вай малулу мушаввашхотир менамуд.

– Чаро парешонавзоед? – пурсид Шарифҷон.

Бобоҷон аз дастаи китобҳои бо мурури вақт зардшудаи арабиҳуруф, ки рӯи миз меистод, чашм наканда, матлаб баён кард:

– Додарам, баъзеҳо ба корат бо чашми шубҳа менигаристаанд. Дирӯз рафиқе хабар овард, ки гӯё ту ба зинда кардани маданияти феодалӣ машғулӣ. Нигилистҳо аз он ки асарҳои классиконро ба нашр тайёр мекунӣ, ҳамин тариқ хулоса баровардаанд. Ҳушёр бош, Шарифҷон! «Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз!» Мабодо, ки тақдири бародари шаҳидамон Каримҷон ба сари мо ҳам ояд…

– Фиғон аз дасти ҷоҳилон! – дуд аз димоғи Шарифҷон баромад. – Наход каҷфаҳмӣ то ба ҳамин дараҷа расида бошад? Охир, мо маърифати қадима дорем, мероси гузаштагонро бояд амиқ омӯзем. Наход таҳти шиори «Мо маданияти пролетарӣ барпо мекунем!» аз илму фарҳанги гузашта даст кашанд? Не, ин афкори ботил аст! Ба муқобили ҷоҳилоне, ки мероси мадании гузаштаро «иртиҷоӣ», «динӣ», «сӯфиёна» ва «феодалӣ» гӯён китобҳои азизонро дар оташи ҷаҳолат сӯзонданианд, бояд сахт мубориза бурд.

– Ин кӯтоҳназарон ин қадр аз ҳуруфи арабӣ метарсанд-а? – Қорӣ Зоҳид оҳи бадард кашид.

– Мехоҳанд ба решаҳои фарҳангамон теша зада, аз он дур

ва канда шавем,– гуфт Ҳусейнзода. – Дар ҳамаи манбаю маъхазҳои ҳуруфи арабӣ афкори динии зиддихалқӣ ва зидди-коммунистиро мебинанд ин бебасарон. Намефаҳманд, ки ин хат аз ҷониби арабҳо хати «илоҳӣ» ва «Қуръон» эълон шуда бошад ҳам, дар айни ҳол ҳамчун силоҳи муқтадири зидди худи таассуб (тарафдории кӯркӯрона, хурофотпарастӣ) ба кор рафтааст.

Сӯҳбати онҳо тӯл кашид. Аз бадфарҷомии баъзе абнои рӯзгор сӯзу дарди дили ҳамдигарро мешуниданд.

Шарифҷон Ҳусейнзода, ки солҳои сол дар дорулфунун мудири кафедраи таърихи адабиёти классикии тоҷик буд, дар омӯзишу интишори мероси ғании бузургони илму адаб басо риёзат кашид. Ӯ як силсила осори гаронбаҳои адибону олимони бузурги ҷаҳонӣ Арасту, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ Сино, Ибни Рушд, Низомии Ганҷавӣ, Насриддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигаронро дастраси хонандагон гардонд… Вай ба шоири шӯридаҳол ва дилсӯхтаву сарбаланд Камоли Хуҷандӣ муҳаббату садоқат ва иродати қавӣ дошт ва солҳои панҷоҳум ду бор девони ашъори ӯро бо сарсухани кӯтоҳи самимӣ ба табъ расонд. Баъд бо ҳамкории шогирдонаш ба нашри интиқодии ашъори Камол камар баст. Сипас асарҳои манзуму мансур ва илмии Абӯалӣ ибни Синоро («Авҷи Зуҳал» – 1980, «Пирӯзнома» – 1980 ва «Фанни шеър» – 1985) ҳамроҳи Худоӣ Шарифов ба чоп муҳайё сохт.

Вале, афсӯс, ки дар ҷумҳурӣ солҳои сол заҳмати эҳёгарони мероси илмию адабии олимону адибони классикӣ ба дараҷаи кофӣ қадршиносӣ намедид. На танҳо ба қадри хидмати наҷиби эшон намерасиданд, балки ба пешбурди кори онҳо ба ҳар роҳ халал мерасонданд. Соли 1961 яке аз шогирдони устод Ҳусейнзода, муҳаққиқи ҷавон Саидумари Султон маҷмӯаи шеърҳои Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ (1868-1917)– шоир, мутафаккир ва хаттоти маъруфи тоҷикро бо муқаддимаи муфассали таҳқиқӣ ба табъ расонд. Ин иқдоми нек шоистаи табрик буд. Дареғо, бархе аз кӯтоҳназарону ҳасудон аз паи наҳзанию сиёҳкунии маҳсули ранҷи ӯ афтоданд. Кор то ҷое расид, ки котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов дар як маҷлиси бонуфуз девони Ҳоҷӣ

Ҳусайнро «пур аз сӯзу гудоз аст» гӯён наҳ зад ва дар ҳаққи нашриёт низ ҳарфи носазоро раво донист.

Рӯзи дигари ин ҳодиса устод Ҳусейнзода ба Саидумари Султон бо дилсӯзии падарона гуфт:

– Шумо аз мусоҳилакорон наранҷед, писар! Нашри мероси классикони адабиёт, дастгирии моддию маънавии ҷавонони соҳибистеъдод бояд мавриди таваҷҷӯҳ бошад, на коҳишу сарзаниш. Вале, ҳайҳот, аксар роҳбарони ҷумҳурии мо ба ин масъалаи муҳим натанҳо эътибор намедиҳанд, балки як тундиву хунукназарии ҷоҳилона доранд. Шеърҳои Ҳоҷӣ Ҳусайнро «пур аз сӯзу гудоз» гуфта, чиро дар назар доранд? Магар шоири бесӯзу гудоз шоир аст? Сад дареғ! Шумо хафа нашавед, Саидумар. Ба ӯ кадом як ноасле, ки ошкоро ба майдон баромада наметавонад, фикри беҷо додааст, в-агарна ӯ куҷову мероси бузургон куҷо! Нохалафон ворисӣ аҷдоди худ нестанд. Ҳоҷӣ Ҳусайн шахсияти бузурги таърихист, ӯро гузаштагони илму адаби мо бо номи Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ низ ёдоварӣ кардаанд. Шеърҳои равони дилчасп дорад усурудбоб. Аз ғазалиёташ як-ду байт хонем:

*Чӣ сабаб, ки шӯхи мастам зи барам рамида бигзашт,*
*Нанишасту нолаи ман даме нашунида бигзашт.*

Саидумари Султон байти мақтаъро замзама кард:

*Зи ғами фироқ, Ҳоҷӣ, ба фиғон чаро нанолам,*
*Ки чу най зи найситонам ҳама кас бурида бигзашт.*

– Ҳо, бале! – Ҳусейнзода суханашро давод дод. – Ҳоҷӣ Ҳусайн барои маърифатнокии мардум, пешбурди маънавиёт, соҳиби илму дониш гардондани омма хеле талош варзида, ҳатто дар ҳавлии худ мактаб кушода, худ аз сарфу наҳви форсию арабӣ сабақ медодааст. Хушбахтона, мақбарааш ҳам то рӯзҳои мо боқист, бояд онро обод ва зиёратгоҳ кард. Вуҷуди шоирон ва осори ҷонпарвари онон мояи ҳаёт ва эҳёгари хушбахтист. Андешаҳои тобнок ва суханони нағзу ашъори пурмағз бо тору пуди башарият пайванданд. Рӯдакӣ – соҳибқирони шоирон, Фирдавсӣ – зиндадори забони форсии тоҷикӣ, Умари Хайём – пайғамбари доноён ва Ҷалолиддини Балхӣ ҳумои авҷи парвози руҳи башар ҳастанд. Шукр, ки соҳиби ганҷинаи гаронбаҳои адабиёт ҳастем. Шукр, ки мо,

тоҷикон, мероси ғании классикӣ дорему онро меомӯзем, баъзе халқу миллатҳо, ки ин гуна мерос надоранд, чиро омӯзанд?! Бино бар ин, шумо дилгир нашаведу боз коратонро давом диҳед, Саидумар! Таърих як рӯз ҳукмашро мебарорад.

Ин панди пири хирад, ин дилбардории саривақтӣ дар корҳои тадқиқотии минбаъдаи олими ҷавон бесамар намонд.

Устод дар мақолаю рисолаҳояш ба масъалаҳои торики эҷодиёти адибони пешин равшанӣ андохта, хонандаро аз кӯтоҳназарию каҷфаҳмиҳо мераҳонд. Масалан, ӯ кӯри модарзод будани Рӯдакиро сахт инкор мекард. Ба онҳое, ки ба тоҷик будани Абӯалӣ ибни Сино ва тоҷикӣ будани забони модарии ӯ шак меоварданд, чунин посух медод: «Забони Ибни Сино, ки аз падари балхию модари бухориаш омӯхтааст, тоҷикӣ-дарӣ буд… Дар ҳолате, ки Ибни Сино ба забони модарии худ низ асарҳои илмию адабӣ таълиф кардааст, дар масъалаи бо ин забон шеър гуфтани ӯ ҷои шубҳа нест».

Як вақтҳо бисёре аз хуҷандиён кӯҳи зодгоҳи худро Муғул мепомиданд. Ҳусейнзода бо онҳо баҳс кард ва аз абёти шоири ҳамдиёрашон Камоли Хуҷандӣ бурҳон овард, ки номи кӯҳашон Муғул не, балки аслан Мевағул аст:

*Ин дур на дар он ҳақир дарёст*
*В-ин лаъл ба кӯҳи Мевағул нест.*

Ҳусейнзода хидматҳои аллома Берунӣро дар равнақи бисёр соҳаҳои илму дониш қадршиносӣ карда, аз ҷумла менигорад: «Дигар аз муҳимтарин хидматҳои Абурайҳони Берунӣ ривоҷ ва эҳёи забони тоҷикӣ-дарӣ мебошад. Ӯ ҳам монанди Абӯалӣ ибни Сино ба ғайр аз асарҳои адабӣ ба забони дарӣ китобе ба унвони «Ат-Тафҳим…» (китоби мадхали фанни нуҷум) навишт. Ин асар ҳамчун китобҳои ба забони тоҷикии дарӣ иншошудаи «Муқаддимаи «Шоҳнома», «Таърихи Балъамӣ» (тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»), «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Ҳудуд-ул-олам», «Таърихи Систон», «Донишномаи улоӣ» ва ғайра аз намунаи барҷастаи насри илмии забон ва адабиёти тоҷик дар асри X аст, ки аз ҷиҳати лафзу маънӣ ва ҳусни таъбироту тарзи иншо ба мисли дигар асарҳои насрии он даврон навишта шудааст. Асарҳои насрии забони тоҷикии дарии

он замон бештар аз риояти эъҷоз, кӯтоҳию фишурдагии ибора ва маъниҳо, содагию равонии калом иборат будааст. Ҳамин зайл хусусиятро дар «Ат-Тафҳим…» низ мебинем. Абурайҳони Берунӣ забони дарии тоҷикиро ба дараҷаи забони илмӣ расондан мехост».

Дар асарҳои Шарифҷон Ҳусейнзода аз ганҷинаи адабиёти классикии тоҷик ва усулҳои равобити маънавӣ, бадеӣ, шаклӣ ва тафовути онҳо бештар сухан меравад. Дар навиштаҷоти ӯ тахайюлоти бадеӣ, образофарӣ, сайри тафаккури воқеӣ, назари адибон, омӯзиш ва таҳқиқи онҳо, таҳаввул ва такомули шеъру шоирӣ аз нуқтаи назари тақозои айём хеле амиқ ва батафсил таҳлил шудаанд.Бесабаб нест, ки ӯ барои асарҳои тадқиқотӣ оид ба таърихи адабиёти классикии тоҷик (Рӯдакӣ, Ибни Сино, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ), инчунин барои мақолаҳои адабию танқидии дар хусуси инкишофи адабиёт навиштааш ба Ҷоизаи давлатии соли 1982-юми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ мушарраф гашт.

Аз гуфтори узви вобастаи Академияи улуми Тоҷикистон Муллоҷон Фозилов: «Устод Ҳусейнзода дар дарсҳои ҳикматомезашон ба дӯши шогирдон вазифаи гарону бошарафero вомегузоштанд, ки дар роҳу пайраҳаҳои кору рӯзгори оянда пешпо нахӯранд. Бо ин ният ба шогирдон таъкид мекарданд: «Фарзандони азиз, ба шумо, ки акнун донишгоҳро хатм карда, ба кори мустақилона меравед, чанд панди судмандро гӯшрас мекунам. Кор арӯси зиндагист, агар шумо чун домоди вафодор аз домани ин арӯс доред, фарзандатон саодат ном хоҳад гирифт. Ҳар яки шумо дар маҳалҳо бо касони гуногунхислат вомехӯред. Дар ҳар ҳолату вазъият эҳтиёткор ва нармгуфтор бошед. Ҳар чӣ бигӯед, қаблан фикр кунед, вале ҳар чиро, ки фикр мекунед, нагӯед. Умедворам, ки аз фазлу ҳунар қадру қимат ёбед. Ба мартабаҳои баланд бирасед, вале ҳаргиз ба кибру ғурури беҷо дода нашавед. Хоксорона умр ба сар баред. Аз паи мансабу шӯҳрат натозед, бояд худи шӯҳрат шуморо дарёбад:

*Агар шӯҳрат тамаъ дорӣ, рафиқи беди маҷнун бош,*
*Ки ӯ ҳарчанд боло меравад, сар бар замин дорад.*

Дар ин боб афкори Мирзо Бедилро низ аз хотир набаворед:

*Ба рафъи захми чашми халқ гумномӣ фусун дорад,*
*Бурун тоз аз дари шӯҳрат, ки шӯҳрат бӯи хун дорад.*

Боз як таманноям ин аст, ки аз танқиди ҳаққонӣ ва эроди рафиқона ҳаргиз наҳаросед. Ҷурми худро дида тавонистан ва аз паи ислоҳи он кӯшидан низ ҳунар аст. Мабод, ки дар ғайбатон бигӯянд: «*Кӯри айби худу бинои айби дигарон*».

Дигар ин, ки аз паи ҳирсу нафс нагардед. Ниёгони мо ҳатто дар солҳои қаҳтӣ ҳам, ки қути лоямуте надоштанд, нафсро мутеи худ мегардонданд. Орзумандам волопанди одамушшуаро Рӯдакӣ «Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ»-ро, ки мардию мардонагиро ба маънои одаму одамгарӣ ситудааст, ҳамеша раҳнамои умри худ кунед».

Суханшиноси нотиқ ва ровии мумтоз Абдуқодир Маниёзов фазилатҳои устод Ҳусейнзодаро чунин ба ёд меовард: «Устод дар сухандонӣ ва суханоройӣ ҳамто надоштанд. Сухан аз дилашон чун донаҳои гуҳар мерехт ва ба гуфторашон чун шукӯҳи хосе меомехт. Оҳиста ва бо таанни ҳарф мезаданд, гӯё суханро аз лағжидан, афтодан ва зарб хӯрдан эҳтиёт мекарданд. Гумон мерафт, ки риштаи андеша ва хаёлоти ҳакимонаашон донаҳои пурҷилои суханро силсила мебаст ва ҳар як шунавандаи гуфтори устод бори дигар эътимод пайдо менамуд, ки чӣ сон забони модарии мо ғанӣ ва зебост!»

Мунаққиди адабиётшинос Шарифҷон Ҳусейнзода ба ҳар як равшанфикри тоҷик мустақим ва ғайримустақим ҳаққи устодӣ дошт. Бисёрии мо дар мактаби миёна ва олӣ ба шарофати китобу рисолаҳои ӯ дарси адаб омӯхтаем. Вай дар кори таълиму тарбия, равнақи адабиётшиносии тоҷик, пешрафту камолоти адибону олимон, муаллимон, ходимони давлатӣ, кормандони матбуот, телевизион ва радио саҳми арзанда дошт. Натиҷаи хизматҳои ӯст, ки шогирдони боистеъдодаш дар омӯзондани фанни адабиёт анъанаи устодашонро давом медиҳанд ва ба нафъи халқ ҳалол кор карда, дар равнақу рушди маърифат пайваста саҳми босазо мегузоранд. Бештар аз бист нафар адабиётшинос бо роҳбарии ӯ рисолаҳои илмӣ навишта, таълифоти худро таҳти таҳрираш ба табъ расонда, соҳиби унвонҳои

номзадию докторӣ гардидаанд. Аз аҳли илму ирфон Худоӣ Шарифов, Саъдоншо Имронов, Субҳон Амирқулов, Саидумари Султон, Назира Қаҳҳорова, Қурбон Восеъ, Назира Кароматуллоева ва боз якчанд соҳибистеъдоди дигар аз маҳалҳои гуногун мустақиман аз мактаби ӯ гузаштаанд. Донишмандон Воҳид Асрорӣ ва Соҳиб Табаров низ ба Ҳусейнзода нисбати шогирдӣ доранд.

– Аз соли 1954 сабақ ва тарбияи ин муаллими бузург насибам гардид, – мегуфт дотсенти ДДТ Маҳмуд Давлатов. – Устод роҳбари корҳои курсӣ, дипломӣ ва рисолаи номзадиам буд. Ман ҳеҷ надидаам ва мушоҳида накардаам, ки муаллим Ҳусейнзода берун аз доираи одобу ахлоқи маърифатпарварӣ ҳаракате карда бошад. Вуҷудаш, дарсаш, қавлаш, суханаш тозаву пухтаву покиза буд. Ӯ шогирдро, одами хубро, аз кадом маҳалле, ки бошад, дӯст медошту эҳтиром ва дастгирӣ мекард. Дар рафтораш, дар хунаш заррае ғубори маҳалгароӣ надошт. Ба интихобу тарбияи муаллимон ва аспирантҳои кафедра диққати махсус медод. Ҳайати омӯзгорон аз намояндагони вилоятҳои гуногун сурат дошт. Устод Ҳусейнзода аз онҳое набуд, ки дар интихоби кадрҳо шиорашон «аввал хешу баъд дарвеш» аст. Ҳоло бисёр шахсон, ҳамин ки соҳиби мансабе гардиданд, ошкору пинҳонӣ ба ҷониби худ бел мезананд ва гирду атрофашонро аз ҷигаргӯшаҳою хешу табор пур мекунанд…

Боз як хизмати Шарифҷон Ҳусейнзода ин буд, ки баробари ба кафедра мудир таъйин гардидан ба ташкили китобхонае пардохт, ки он ҳоло як осорхонаи бисёр бошукӯҳи адабиёт мебошад. Мо шоҳиди он будем, ки чӣ тавр устод солҳои сол хуни ҷигар хӯрда, ҷон коҳонда, ташаббус нишон дода, бо ёрию мадади роҳбарияти донишгоҳ онро ба дараҷаи ҳозирааш расондааст. Ин китобхона – осорхонаи адабӣ шояд дар ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна ҳамто надошта бошад. Устод солҳои охир ба харидани дастхатҳои нодир машғул гардид ва ганҷинаро бой гардонд. Ӯ ҳамчунин тавонист, ки барои китобхона аз мамолики хориҷӣ – Эрону Афғонистон, Ҳинду Покистон ва дохили мамлакат китобҳо гирад».

Устод Ҳусейнзода навниҳолони боғи адабиётро бо меҳр

мепарвард. Баҳою пешгӯӣ ва назари ӯ ба асари бадеӣ ва эҷоди адибон боэътимод ва дурандешона буд. Нахустмаҷмӯаи асарҳои Мирзо Турсунзода «Байраҷи зафар» (соли 1932) бо муқаддимаи ӯ ба табъ расид. Муҳаққиқ дар он пешгуфтор оянддаи дурахшони ҷавоншоирро пешгӯӣ ва муайян карда буд: «Мирзо Турсунзода дар ин маҷмӯаи шеър ва ҳикояҳояш мисли гули навшукуфта ба дилҳо умед ва ба чеҳраҳо масаррат мебахшад… Ин маҷмӯаи ҳикоя ва шеърҳои аввалин аз истеъдоди Мирзо шоҳид аст, ки барои адабиёт хидматҳои шоиста карданист».

Шоири шаҳир, академики АУ Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ҳар гоҳ бо Ҳусейнзода вохӯрад, дар мавриди сухан аз таълифу таълими адабиёт мегуфт: «Устод, аслан академики арзандаву зебанда худи шумоед, зеро олиме ҳастед, ки ҳам асар таълиф кардаеду ҳам таълим додаед…»

Дар воқеъ, боре Ҳусейнзода бо ташвиқу тарғиби яке аз аъзои Академияи улуми ҷумҳурӣ барои гирифтани узви вобастаи ин боргоҳи илм дар интихобот ширкат варзид. Раъйҳо то оғози интихобот тақсим мегардиданд. Натиҷа ин шуд, ки ӯ ба истилоҳ ғолиб наомад. Аммо ӯ аз ин натиҷа ҳеҷ шикастахотир ва озурда нашуд, зеро дар роҳи паймудаи худ, дар таълиму эҷодиёташ, пиндору кирдораш, тақдиру рӯзгору фаъолияташ виҷдони пок, сафову самимият ва шарофатмандӣ раҳбаладии ӯ буд. Ҳар комёбие, ки дар таълиму тарбия насибаш мешуд, асосан ба он иртибот дошт, ки вай шефтаи касби худ буд ва гоҳе ба мусоҳибон изҳор мекард, ки маҳз бо ҳамин кор зинда аст.

Мақсаду мароми якумраи Арбоби шоистаи илми Тоҷикистон Шарифҷон Ҳусейнзода дар вопасин мусоҳибае, ки дар шифохона бо шогирди охиринаш Бадриддини Мақсуд сурат гирифтаву рӯзи фавташ – 20 декабри соли 1988 дар нашрияи омӯзгорони ҷумҳурӣ ба табъ расид, сареҳу возеҳ таҷассум ёфта буд:

– Устоди мӯҳтарам, аз навиштаҳоятон ҳувайдост, ки ба адабиёти классикии гузаштаамон таваҷҷӯҳи шумо бештар аст.

– Бале, бузургони илму адаби мо бо асарҳои гаронбаҳои худ, ҳарчанд бештари онҳо дар масири таърих нобуд шуда-

анд, бақои миллати тоҷиконро таъмин намудаанд. Дигар ин, ки классикони адабиёти тоҷик афкори оливу башардӯстона ва некбинонаи худро бо забони зебову шево ва тавъам бо хаёлоти рангин, ки фаромӯшношуданист, баён намудаанд. Аз ин рӯ, ин адабиётро бояд дӯст дошт, мутолиа кард, дар нашри осор ва таҳқиқу омӯхтани он камари ҳиммат барбаст.

– Кадом навъи шеъри классикиро бештар меписандед?

– Ғазалро. Ғазал сароғози шеър, дурри лафзи дарӣ-тоҷикӣ аст. Ғазали хуб аз ҷон мехезаду ба дил менишинад. Магар чунин навъи шеърро метавон дӯст надошт? Девони ғазалиёти ҷовидонаи Ҳофизи нуктадону базлагӯ ҳамеша ҳамроҳи ман аст. Сурудаҳои ӯ муттакои қалби мананд. Иддае ғазалро кӯҳнашуда меҳисобанд, аз он рӯгардон мешаванд. Не. Агар ҳамаи ҷинсҳои шеъря, аз ҷумла ғазал хуш гуфта шавад, чакидаи ақлу хирад ва зодаи туғёни эҳсос бошад, ба дилҳо роҳ мeёбад, кӯҳна намешавад, дар ҳама давру замон чун зари холис баарзиш боқӣ мемонад.

– Ба муаллимон ва ҷавонони донишҷӯ чӣ орзу доред?

– Ба муаллимон хоҳони ҳалолкориам. Орзумандам, ки нисбат ба ин ҳунар на ҳавас, балки муҳаббати самимӣ дошта бошанд. Ҳавас як падидаест гузарон. Муҳаббати самимӣ поядор ва доимӣ мебошад, ки ғояти камоли он ишқ аст. Ба ҷавонон боз орзу дорам, ки бо сабру тоқати тамом қуллаи донишро фатҳ намоянд, ахлоқи нек, кирдору рафтори хуб дошта бошанд. Ба духтарон шарму ҳаё, ки нишонаи иффат аст, таманно дорам.

Ин охирин мусоҳибаи Шарифҷон Ҳусейнзода як навъ васияте ва фотиҳаи падаронае буд барои ҳамаи онҳое, ки дарсҳои маърифатро муқаддас медонанд, ба қадри сухану суханвар мерасанд ва номи омӯзгору даргоҳи илму ирфонро азиз медоранд.

Ин донишвари шариф дар шебу фарози роҳи илму маърифат умре талошу тараддуд намуда, аз ҳосили ранҷу заҳматҳояш қаноатманд даргузашт. Устоди сахтгиру дурандеш, аллома Садриддин Айнӣ дар пешгӯии оянадаи ӯ хато накарда буд.

## ОРИФИ ИЛМУ МАОРИФ

Ибтидои асри XX. Дар деҳаи қадимаи Фирӯзоба, маҳаллаи Санглохӣ боло (ҳоло Тошлохиболо) шаҳри Конибодом Ниёзмуҳаммад ном кафшдӯзе мезист, ки тавассути ҳалолкориаш дар миёни мардум маъруфият дошт. Ин мард кафшдӯзиро аз падару бобояш мерос гирифта, аз насл ба насл мебурд.

Дар яке аз рӯзҳои тобистони соли 1924 ин пешавари гулдаст ҳамаи панҷ писар ва набераи калониашро ба сари дастархон ба ҳам овард, ки охирин васияташро бигӯяд ва беармон аз дунёи фонӣ биравад. Дар якандозҳои рӯи гилеми суфа панҷ тан писар – Шукур, Абдулло, Ғафур, Бобоҷон ва набераи нахустинаш Ориф ба суханони ӯ гӯшу ҳуш дода, муаддабона менишастанд. Падар ҳар яки онҳоро ном бурда, дар асоси мақоли «ба дар мегӯям, эй девор, бишнав» панд медод;

– Фарзандони азиз, борҳо гуфтаму боз мегӯям: бояд ҳар як шахс касби падарашро омӯзаду давом диҳад. Шумо дӯхтани кафшро, ки аз қадимулайём дар байни мардуми мо пойафзоли асосӣ ба шумор меравад, шукр, камобеш ёд гирифтед. Дилам пур, ки дар мавридҳои зарурӣ аз ӯҳдаи кафшдӯзӣ мебароед. Инсон бояд чандин ҳунарро омӯзад. «Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст». Акои калонии шумо Шукурҷон имрӯз соҳиби ду маълумот аст: ҳам мадрасаро хатм кард, ҳам мактаби русиро. Ҳам муаллимӣ мекунад, ҳам тарҷумонӣ. Аз касбу кораш қаноатманд аст. Шумо бояд аз вай ибрат гиред... Сину соли ман ба ҷое расид, ғуруби офтоби умрам наздик аст. Рӯзе ногоҳ бандагиро ба ҷо оварам, ҳидоятгари шумо Шукурҷон мешавад. Шумо ба вай итоат кунеду аз хати кашидааш берун набароед. Нағз хонеду аз паси илму дониш нони ҳалол хӯред. Оё ҳамин васиятамро ба ҷо меоред?

– Албатта, ба ҷо меорем! – ваъда дод кенҷаписар Бобоҷони гармсимои резапайкар бо табассуми малеҳ.

– Офарин, шербача! – хурсанд шуд Ниёзмуҳаммад.

– Дадо, ман ҳам ба инҳо борҳо маслиҳат додаам, ки домани донишомӯзиро маҳкам доранд, – дилпурӣ дод Шукурҷон. – Дирӯз Бобоҷон бо набераатон Орифҷон машварат оростанд, ки ҳамроҳи ҷӯраҳояшон ба мактаби олӣ меραванд.

– Ба куҷо?

– Ба дорулмуаллимини шаҳри Тошканд.

– Бисёр хуб, нураналонур мешавад, ба фарзандони халқ савод омӯхтан беҳтарин мояи ифтихор аст. Аз шарикдарсонатон боз киҳо ба хондан рафтанӣ?

– Ҳилолиддин, писари ошноятон Карими кӯпас, Тӯйчии Самадӣ, Алии писари амаки Шодӣ, – боз ду-се нафарро ном бурд Орифҷон.

– Ҳӯ вай ошнои ҳамсолат чӣ ном дошт?

– Ҳамаи номбурдаҳоям бо ман ҳамсоланд.

– Не, ана вай ҷӯраи дина ба хонаамон омадагиат кӣ буд, сафедпӯсти шармини камгап?

– Ҳа, Ойтӯрахони Маннонро мегӯед. Вай бо як гурӯҳ бачаҳо таҳсилро дар шаҳри Боку давом доданӣ.

– Салламно, дар зиндагӣ роҳи дурустро ёфтаниед. Саломат бошеду комёб шавед!

Вале, бобои Ниёзмуҳаммад, гӯё пешомади тақдирашро медониста бошад, пас аз чанд вақт аз олам гузашт. Саробонии оила бар дӯши Шукурҷон афтод.

Ба ин тариқ, соли 1924 Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ҳамроҳи бародарзодааш Ориф Шукуров ва чанде дигар рафиқонаш ба остони Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд қадам ниҳод. Дар санҷишҳо устодони дорулмуаллимин дарёфтанд, ки Бобоҷон ва Ориф дӯстдорони ҳақиқии дониш будаанд, дар оилаи омӯзгори ҳақиқӣ, донишпарасти зиёитабор ва дар муҳити баҳсу мунозираҳои фарҳангӣ тарбият дидаанд.

Падари Ориф Шукуров, дастпарвари мадраса ва мактаби русии маҳаллӣ мулаққаб ба Шукуручтил дар миёни конибодомиён маҳбубияти махсус дошт. Ӯ забонҳои тоҷикию русӣ ва арабию туркиро нағз медонист ва дар мактаби русии маҳаллӣ, ки соли 1906 дар Конибодом таъсис ёфта буд, муаллимӣ ва тарҷумонӣ мекард. Барои толибилмон дарсҳои омӯзгорони русро ба тоҷикӣ бармегардонд. Вай ба таълиму тарбияти ҳар чаҳор ҷигаргӯшааш – Орифу Мақсуд, Ҳумайрою Зебӣ диққати махсус медод ва гоҳе ба гӯши Ориф чунин байти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро мехонд ба тариқи рамзӣ:

*Паи он рав, ки орифи маънист,*
*Марди ориф ба дӯстӣ авлист.*

… Ориф Шукуров хеле барвақт ба ҳаёти мустақилдона қадам ниҳод. Аз соли 1920 ӯ дар аввалин интернати навташкили аз заминҳои вақфии масоҷид таъминшаванда мезисту таҳсил мекард. Он замонест, ки кадрҳои босаводи тоҷик ангуштшумор буданд.

Ориф баъди хатми дорулмуаллимини Тошканд муддате сардори лагери кашшофони (пионерии) шаҳри Панҷакент, мудири мактаби коргарон таъйин гардид. Сонияи ӯ мудири маорифи шаҳри Конибодом буд. Бо ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Ориф Шукуров директори техникуми омӯзгорӣ дар пойтахт таъйин шуд.

Соли 1935 директори навтаҷриба ба факултаи биологии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дохил шуда, баъди панҷ сол соҳиби дипломи олими табиатшинос гардид ва ба Донишгоҳи олии агропедагогии Сталинобод роҳхат гирифт (Ҳамон вақт ин мактабро, ки соли 1931 ташкил ёфта буд, ҳамин тавр меномиданд). Аввали солҳои сиюм ин мактаби олӣ айёми басо пурошӯбро аз сар гузаронида, такмил меёфт, обрӯ мегирифт ва сипас ба Институти педагогӣ табдил ёфт.

Соли 1943 Ориф Шукуровро директори ин нахустин Донишкадаи олии ҷумҳурӣ таъйин карданд. Беш аз сад тан донишҷӯ ва чил кас аз устодон ва аспирантони донишгоҳ ихтиёран ба ҳифзи Ватан рафтанд. Ба пойтахт аз маҳалҳои зери дасти фашистон мондаи шӯравӣ аҳолии зиёдеро кӯчонданд, ки дар байнашон донишҷӯён ва муаллимони донишгоҳҳои олӣ низ буданд. Пойгаҳи таълимии донишгоҳ, синфхонаҳо, васоити таълим намерасид, норасоии маводи хӯрокворӣ сари ҳар қадам эҳсос мешуд. Сарвари нави донишгоҳ, ки дар шароити вазнини солҳои бисту сиюм азобу машаққати зиёдеро аз сар гузаронида буду талаботи ҳаёти донишҷӯёнро медонист, рӯҳафтода нашуда, некбинона заҳмат мекашид. Ӯ, пеш аз ҳама, хоҷагии ёрирасони донишгоҳро ташкил кард, донишҷӯёну муаллимон, одамони зиёди аз ҷойҳои дур кӯч баста ба қадри ҳол бо маҳсулоти хоҷагии ёрирасон таъмин мегардиданд.

Роҳбари дурандеш Ориф Шукуров донишгоҳро беш аз 10 сол сарварӣ карда, ба калонтарин мактаби олӣ табдил дод. Шӯъбаҳои рӯзона, шабона, ғоибона ва кафедраю факултаҳои сершумори ин манбаи кадрҳо, ҳамчунин институти дусолаи муаллимии он ба хоҷагии халқи мамлакат мутахассисони маълумоти олидор тайёр мекард.

Ориф Шукуров фаъолияти маъмурӣ, ташкилотчигӣ ва методиро бо фаъолияти илмӣ бо ҳам мепайваст. Ӯ соли 1951 дар мавзӯи «Рустаниҳои нимсаваннии ҷануби Тоҷикистон» рисолаи номзадӣ дифоъ карда, доир ба кашфиёти илми биология асарҳои пурарзиш менавишт. Олим дар асарҳояш ҳодисаҳои нодири илми биологӣ ва ботаникӣ, табиати мӯъҷизаосои Тоҷикистонро маънидод карда, дар равнақи ин соҳа саҳме мегузошт. Табиатшиноси варзида дар асарҳои илмии методию педагогиаш ба масъалаи таълиму тарбия, маорифи халқ диққати ҷиддӣ дода, китоби арзишманди «Услуби тайёр кардани муаллимон барои мактабҳои Тоҷикистон»-ро иншо кардааст.

Ӯ нисбат ба ҳамаи дигар ректорҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе, ки тӯли солҳои гуногун сари қудрат буданд, дар ин вазифа бештар ва пурмаҳсултар кор кард, зеро маърифатписандию ташкилотчигии фавқулъодае дошт. Дар ҳар ҷое, ки кори маориф суст шавад, барои ислоҳи камбудиҳо ӯро мефиристоданд. Пас зимоми сарварии Донишкадаи кишоварзии ҷумҳуриро ба дасти ӯ доданд. Беҳбуди раванди таълими агрономҳо, муҳандисон ва дигар мутахассисон ғайрату кӯшиш ва талошҳои ҷасурона тақозо мекард. Бо ташаббуси Ориф Шукуров сохтмони биноҳои нави таълимӣ оғоз ёфт, пойгаҳи тарбия васеъ гардид, факултаҳои нав ва шӯъбаи ғоибона таъсис гашт, шумораи донишҷӯён аз 400 ба 2000 нафар расид. Вай дар ин донишкада барои омодасозии мутахассисони сершумори кишоварзӣ панҷ сол ранҷ бурд. Дарсҳои пурмазмуну диққатангезаш дар ривоҷу равнақи корҳои оянда мадад мерасонданд.

Узви вобастаи АИ Тоҷикистон Ориф Шукуров таи солҳои 1957-1961 саркотиби илмии Президиуми АИТ интихоб гардид. Ходимони намоёни илм фаъолияти ӯро дар қасри дониш то ҳол ба некӣ ёд меоранд.

Соли 1961 Ориф Шукуров дубора сарвари Донишгоҳи омӯзгорӣ таъйин мегардад. Дар тӯли 7 соли роҳбариаш дар ин махзани дониш ҷараёни таълиму тарбия, сифати донишандӯзӣ, кори илмӣ такмил меёфт, малакаи амалии кадрҳои омӯзгор боло мерафт, биноҳои нави таълимӣ қомат меафрохтанд…

Ориф Шукуров ба маънавият ва маърифатомӯзии донишҷӯён таваҷҷӯҳи махсус мефармуд ва ин самти фаъолияташ аз вохӯрӣ ва мулоқоти олимону адибон маншаъ мегирифт. Дар аҳди роҳбарии ӯ дар арафаи ҳар ҷашну маросим вохӯрии донишҷӯёну омӯзгорон бо шоиру нависандагон, донишмандони соҳаи гуногуни илм, собиқадорони маъруфу маҳбуби замон ба ҳукми анъана даромада буд. Дар чунин мулоқотҳои муфид суханварони номвар Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон гули сари сабади аҳли маҳфил мешуданд. Ғайр аз ин, дар худи донишкада низ мисли Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Воҳид Асрорӣ, Тилло Пӯлодӣ ва боз зумрае адибону олимони соҳибистеъдод фаъолият намуда, донишҷӯёнро аз файзи фазлу фарҳанг баҳраманд мегардонанд.

Маорифпарвар Ориф Шукуров барои рушду равнақи ҳамаи фанҳое, ки дар донишгоҳ таълим медоданд, мувофиқи тақозои замон пайваста шароит меофарид ва аз ҳайати омӯзгорону профессорон қатъиян талаб мекард, ки барои мутахассисони баландмаърифат ба камол расонидан ҳамаи чораву тадбирҳоро андешанд. Вай ба масъалаи мутамарказ кардани олимон ва омӯзгорони баландистеъдод таваҷҷӯҳ менамуд. Барои пешрафти кори илмии омӯзгорон, ба аспирантураю докторантура фиристодани муаллимони болаёқат ғамхории падарона зоҳир мекард.

Ориф Шукуров дар парвардани кадрҳои баландихтисоси миллӣ барои мактабу маориф, фарҳангу илм, кишоварзӣ, саноату тиҷорат саҳми арзанда гузошта, бо ибораи шогирдону ҳамкоронаш ба мақоми устоди омӯзгорон расида буд.Бесабаб нест, ки падари адабиёти шӯравии тоҷик, аввалин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Садриддин Айнӣ дар яке аз

сӯҳбатҳояш бо равшанфикрон гуфта буд: «Ориф Шукуров дар ҳақиқат ҷонфидои маориф аст. Донишгоҳи омӯзгории Душанбе бо сарварии ӯ чандин насли донишу маърифати моро тарбият карда, ба камол расонд ва дар ташкили аввалин Университети давлатии миллӣ ва Академияи илмҳои Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ташаббуси ватандӯстона нишон дод. Ин хидмати ӯ шоистаи таҳсину тақдир аст».

Таърих гувоҳ аст, ки дар рушду равнақи маорифу маърифат ва маҳви бесаводӣ, дар тарбият ва густариши зиёиёни миллии тоҷик аҳли хонадон ва хешовандони Ориф Шукуров, ки дар сари гаҳвораи таълими онҳо Шукур Ниёзмуҳаммад заҳмат мекашид, ранҷи фаровон бурда, намунаи ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ нишон додаанд. Ҳамсари Ориф Шукуров, муаллима Муҳаббат, ки солҳои сол сарвари курсҳои омодасозии мураббияҳои кӯдакистонҳо буду дар шӯъбаи занҳои кумитаи ҳизбии шаҳр низ фаъолият дошт, ҳамроҳи шавҳараш чаҳор фарзанди соҳиби маълумоти олӣ тарбият кард. Аз онҳо ду кас табиб шуданд, дуи дигар филолог. Аз духтарони ин хонавода Нодира Шукурова пайрави пешаи пурифтихори падар гардида, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Садриддин Айнӣ мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ аст.

Аз хешовандони ин дудмон хоҳари Ориф Шукуров Зебӣ беш аз сӣ сол мактабиёни пойтахтро тарбият карда, соҳиби мартабаи воло гардид. Додари Ориф Шукуров иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мақсуд Шукуров солҳои зиёд масъулияти сарварии техникуми бинокории шаҳри Душанбе ва вазифаи директории нашриёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон (алъон нашриёти «Маориф»)-ро ба зимма дошт. Амаки Ориф Шукуров (додари падараш) Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов дар ҷумҳурӣ чун нахустин доктори илми филология аз тоҷикон (1948), профессор, академики АИ Тоҷикистон (1951) ва Арбоби шоистаи илми РСС Тоҷикистон (1964), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино маъруфият ва маҳбубият дошт.

Падари Ориф Шукуров, устоди зӯфунун Шукур Ниёзмуҳаммадро агар бобокалони маорифпарварони Конибодом бигӯем, хато нест. Аҳли маориф ӯро «Шукуручтил» ме-

номиданд, зеро дар мактаби русии маҳаллӣ, ки соли 1906 дар Конибодом таъсис ёфта буд, омӯзгорӣ ва тарҷумонӣ мекард, дар саводомӯзии аҳолӣ саҳми бузурге дошт. Дар он айём як қисми аҳолии ӯзбаки Конибодом калимаи «учтил»-ро ба маънои муаллими се забон – русӣ, тоҷикӣ ва туркӣ кор мефармуданд.

Алқисса, профессор Ориф Шукуров барои халқу Ватан ҳамчун табиатшиноси номвар, арбоби ҷамъиятию давлатӣ, омӯзгори варзида, яке аз поягузорон ва ташкилотчиёни илму маорифи миллати тоҷик, депутати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон хидматҳои басо бузург кардааст. Ин марди фидоии маорифу илми Тоҷикистонро ҳар гоҳ ёд оварем, як мақоли халқӣ ба хотир мерасад:

Ҷоҳил як умр дораду оқил ҳазор умр!

## МАРДИ ДУ НАБАРД

Ба анҷоми ҷанги Олмон ё ба истилоҳи ҳамонвақтаи мардумӣ Гирмон расо 55 рӯз боқӣ монда буд. Сарбозони шӯравӣ бо сад бурду бохт монеаҳоро паси сар карда, ба Прага наздик мешуданд. Вақте ки ба остони Моравия расиданд, пай бурданд, ки роҳу пайраҳа, майдону хиёбонҳо, боғу гулгаштҳо ва вурудгоҳи хонаву маҳалҳо, хуллас,ба ҳама ҷо мина гузоштаанд. Аз ин рӯ, ба танкронҳои қисми ҳарбие, ки Муллоҷон хизмат мекард, лозим омад, ки ба разведка раванд. Онҳо аз шоҳроҳе мегузаштанд, ки ҳамвору асфалтпӯш буд. Дар пеши роҳашон пуле намоён шуд. Истед, ки ин пули вайрона аст-ку. Гурӯҳи разведкаи танкӣ аз роҳ бозистод. Полковник ба миначӯён амр дод:

– Зуд гирду атрофро дида бароед. Акнун Берлин ягона ҳадафи мост!

Миначӯён хабар доданд, ки бо роҳи эҳтиётӣ гузаштан мумкин аст. Боз аввалин шуда танки «Т-34» ба роҳ даромад, ки онро Муллоҷон Фозилов меронд. Ӯ пеш аз ин дар бисёр набардгоҳҳо бо душман фидокорона ҷангида, аз онҳо нишоне дар сари сина дошт. Ҳамнабардон номи ин рафиқи мушфиқи худро кӯтоҳ карда, навозишкорона «Ҷон» мегуфтанд. Боре ҳанӯз ба шаҳр нара-

сида танки Муллоҷон ба мина бархӯрд. Таркиши мудҳише тасмачархи онро пора кард. Баки сӯзишворӣ оташ гирифт. Забонаи оташ ба ҳуҷраи экипаж мегузашт. Оҳ, чӣ рӯзи сахте: ҳаёту мамот рӯ ба рӯ омад. Ба танки ҳамшафаташ, ки онро Ашот Акопян меронд, андак осеб расид. Вале мошини Ҷон даргирифт. Хатари марг пеш-пеш омад. Ҷасади беҷони радист Ваня Жигулинро аз танк баровrouted.

дани кабӯтарони нуқраболро тамошо мекард. Аз сари манора ба роҳҳои қадима чашм медӯхт: яке ба сӯи Исфара, дигаре ба Хуҷанд, сеюмӣ ба Хӯқанд ва чаҳорумӣ ба Тошканд доман мекашиданд. Барои наврасону ҷавонони онвақтаи конибодомӣ Тошканд як навъ оҳанрабо буд, чунки фақат дар он ҷо мактабҳои махсус ва олӣ фаъолият доштанд.

Қиссаҳои донишҷӯии ӯ аз рӯзе оғоз ёфт, ки модараш Оишабодом як кӯрпачаи бахмалин дӯхта, онро барои саводнок кардани Муллоҷон ба бозор бароварда фурӯхта ва барои писараш чипта харид. Ӯро мебоист бо ароба ба истгоҳи роҳи оҳан бурда, аз он ҷо поездсавор то Тошканд расонд. Модар ба писараш гуфт: «Ба Тошканд рафта, нағзакак мактаб хон, Муллоҷон. Одами бесавод мисли кӯр аст…»

Муллоҷон дар Тошканд ба дорулмуаллимини тоҷикон дохил шуд. Вай аз хусуси хӯрду хӯрок хотирҷамъ буд. Шиками сер, бо либосу пойафзол таъмин. Ҳуҷраи равшан дар ихтиёраш. Ҳамроҳи яке аз ҳамсабақҳояш то як поси шаб китоб мехонду дарс такрор мекард… Бо дастгирии ӯ сонитар додараш Неъматҷон низ ба ҳамин дорулмуаллимин дохил гашт…

Баъди хатми таҳсил Муллоҷон боз ба Конибодом баргашт. Акнун вай дар курси такмили ихтисоси омӯзгорони забони тоҷикӣ дарс медод. Ҳавои маънавӣ сиёсатолуд буд. Рӯзе ҳангоми дарс Муллоев ном узви комсомол аз ӯ пурсид:

– Муаллим, калимаи «бачагӣ»-ро гоҳ ба як «ч» менависанд, гоҳ бо ду «ч». Кадомаш дуруст?

Фозилов посух дод:

– Ин калима аслан бо як «ч» навишта мешавад, аммо баъзан бо ду «ч» нависед ҳам ғалат нест, зеро забони оммаи тоҷик дуруст тафтиш нашуда, чандон ба қолаби худ надаромадааст…

Сонӣ он ҷавон дар маҷлиси комсомолон гуфт: «Фозилов чӣ хел муаллим аст, ки забони модарии моро беқолаб мегӯяд? Вай дӯст аст ё душман?» Дигаре фикри ӯро қувват дод: «О забонамон қолаб дорад-ку, чаро ӯ таҳқир мекунад?» Сипас боз якчанд кас овоз баланд кард: «Ин муаллими нав чаро мактаби шӯравиро наҳ мезанад? Аъмолашро санҷидан лозим, вай бадхоҳи сохти нав аст…»

Тӯдае ҷавонони тӯҳматгар хостанд гуноҳи нобударо ба сари Муллоҷон бор карда, аз ӯ душмани сохти нав созанд. Муаллими навкор аз тундии авзои замон ҳаросида, аз чунин муҳити мудҳиш худро дур гирифт. Аз бало ҳазар гуфту барои таҳсил ба шаҳри Ленинград рафт ва ба ин тариқ ҳаёташро аз фоҷиа эмин дошт. Аз соли 1935 дар Донишгоҳи Ленинград бо танаффусе (бинобар беморияш) то оғози ҷанг таҳсил кард. Ҳамон вақт ӯ Зелда ном духтараки ҳамсабақашро писандид ва риштаи умрашро ба ӯ пайваст. Ҳар ду соҳиби фарзандҳо шуда, то охири умр вафодор монданд. Муллоҷон рӯзи 23 июни соли 1941 донишгоҳро ба итмом расонд. Ҳамагӣ бистуҳафт сол дошт…

Инак, ӯ баъди як соли табобат дар бемористон ба зодгоҳаш баргашт. Ӯро аз вокзали роҳи оҳан дар ароба ба хонаашон бурданд. Аҳли хонавода Муллоҷонро бе як по ва ду асобағал диданду фиғону ғиревашон ба фалак дакка зад. Додараш Неъматҷон, ки дар муҳорибаи Сталинград Қӯрғони Мамайро мудофиа карда, бо пои маҷрӯҳ баргашта буд, ӯро оғӯш гирифта, ашк мерехт:

– Оҳ, акоҷон, ин чӣ мусибат аст, ки ҷанги хонумонсӯз ҳар дуямонро ҳам аз пой маҳрум кард?

– Бе як по бошем ҳам, шукр, зинда мондем, додарам. Чӣ қадар ҷавонон, аз сад як гулашон нашукуфта, хазон шуданд.

Бо мурури замон захмҳои Муллоҷон шифо ёфт. Сонӣ вай боз дар шаҳри Ленинград таҳсилро давом дод. Ин дафъа дар аспирантураи Институти забон ва тафаккур дониш меандӯхт. Ӯ ҳар рӯз бо ду асобағал аз хобгоҳ ба дарсхона ва аз ошхона ба китобхона мерафту саргарми омӯзиш ва мутолиаю муҳокима мешуд. Дар ҳамон айём ӯ ба навиштани рисолаи «Калимаҳои тасвирӣ – тақлиди овозӣ дар забони тоҷикӣ» иқдом намуд. Ин рисола нахустин асари илмии Муллоҷон Фозилов буд, ки соли 1950 барои дифои унвони илмӣ пешниҳод шуд ва муаллифашро ба аҳли дониш шиносонд.

Ибтидои солҳои панҷоҳум Муллоҷон Фозилов дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик буд. Акнун диққати ӯро бештар тадқиқи масъалаҳои умдаи грамматика, фразеология ва зарбул-

масалшиносӣ ба худ мекашид. Баъдан ӯ тайи ҳашт сол роҳбарии Институти тадқиқоти илмии забон ва адабиёти Академияи илмҳои ҷумҳуриро ба ӯҳда дошт. Аз саҳар серташвиш мешуд. Ба кори шӯъбаҳо бо тамоми хушҳавсалагӣ назорат мебурд, ба институтҳои тадқиқоти илмии мамлакат мукотиба карда, равобити илмии муассисаи худро бо онҳо мепайваст, бо фурӯтании хоссае дасту дили кормандонро ба пешбурди кор гарм месохт.Институт дар симои ӯ роҳбари чун падар ғамхору ғамгусореро ёфта буд. Муллоҷон Фозилов соли 1952 бо пешниҳоди устод Садриддин Айнӣ узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб гардид.

Ҳамон вақт вазорати маорифи ҷумҳурӣ ӯро чун мутахассиси тавоно барои навиштани китобҳои дарсӣ даъват кард. Вай дар ин кор чун як муаллифи муқаррарӣ не, балки чун сарвари институти илмӣ роли роҳбар ва ташкилотчигиро мебозид. Бо камоли масъулият кор мебурд. Нахуст ӯ барои мактабҳои миёна китобҳои дарсии забони тоҷикӣ навишт, ки ҳар сол бо такмили наву теъдоди зиёд нашр мешуданд. Ӯ яке аз нахустин муаллифони «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (барои мактабҳои олӣ) низ буд. Китобҳои дарсии Муллоҷон Фозилов имрӯз ҳам қимати худро гум накардаанд.

Олими пуркор дар ҷодаи илм талош меварзиду ҷавонони хушҳавсаларо аз пайи маърифат мебурд, ба ҳар восита олами маънавиёти ҷомиаро ғанӣ мегардонд. Корҳои илмиаш пешрав, фаъолияташ назаррас ва табъаш хуш буданд. Аммо роҳи ҳеҷ як роҳбар ҳамеша ҳамвору бемонеа набудааст. Ба қавли шоир «ҳар ҷо, ки парирухест, он ҷо девест».

Олими забоншинос, мудири шӯъбаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Шавкат Норович Ниёзӣ ҳар гоҳ, ки бо Муллоҷон Фозилов вомехӯрд, музтарибона мегуфт:

– Муллоҷон, дар пеши шумо хиҷолатмандам, чунки барои ман шуда ноҳақ ҷабр дидед. Хок бар сари одати ман!..

– Парво накунед, домулло, – таскиномез посух медод Фозилов. – Одамро шинохтан душвор. Ҷабрҳои дар ҷанг дидаам кам будааст, ки боз дар замони осоишта ҳам ором намегузоранд. Инсоф надоранд ин қабил одамон. Хайр, ҳеҷ қисса не, як бурида нонамонро ёфта мехӯрем. Лекин, ҷон бародарам,

дигар «ман дар назди шумо хиҷолатманд» нагӯед, зеро гуноҳе надоред.

– Офарин, Муллоҷон! Медонам, ки аз шумо касе озор наёфтааст. Шумо мудом некӣ карда, ба дарё меандозед.

– Ман баъди аз танки оташгирифта ҷон ба саломат бурданам, баъди аз ҷароҳиҳои ҷоншикор намурданам қасам хӯрда будам, ки то зиндаам, ба ҳама некӣ кунам, ба ҳеҷ кас бадиро раво набинам.

Миёни эшон воқиа ин тавр сурат гирифта буд: Шавкат Норович боре ҳамчун роҳбар аз кори илмии яке аз аспирантҳои худ хулоса бароварда, дар омади гап мегӯяд:

– Корро кашол надиҳед. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд. Зудтар бо навиштани рисолаатон маро хурсанд кунед.

Аспирант аз ин гап хулосаи дигар кашида, ба шавҳараш, ки коркуни ҳизбӣ буд, шиква меорад.

– Вай чӣ хел роҳбари беҳаё, ки ба ту «маро хурсанд кунед» гуфтааст? Ту чӣ ҷавоб додӣ?

– Чизе нагуфтам…

– Эҳ, нодон! Яъне сукут аломати ризост?

– Не,не! Андеша кардам…

– Чӣ ҷои андеша? Дашноми сахте дода, шарманда накардӣ? Ҳолӣ сабр кун, вайро чунон боб кунем, ки…

Баъди чанд рӯз ба котиби якуми КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон номаи беимзо мерасад: «Фалон олим ахлоқан вайрон аст, ба шогирдаш, зани ҷавони соҳибҷамол «маро хурсанд кунед» гуфтааст…» Пас ба баррасии ин нома аз КМ ба роҳбари институт Муллоҷон Фозилов занг зада, мегӯянд:

– Ба тарбияи ахлоқии ҳамкоронатон беэътиноӣ накунед. Зудтар масъалаи ахлоқии Ниёзиро дида бароед. Вай як оилаи аҳлу тифоқро вайрон карданӣ. Танобашро кашед!..

Фозилов аз ин гуфтугӯ мутаҳайир мешавад, зеро медонист, ки Ниёзӣ шахси озмудаи билкул покдилу поктинат аст. Ҳампешагон дар симои ӯ ягон зуҳуроти номақбули ҳавою ҳавас ва фисқу фиҷурро надидаанд, баръакс ӯро чун донишманде, ки дар тарбияи соҳибихтисосҳо хизматҳои шоиста карда, дар оиладорӣ ҳам намунаи ибрат буд, иззату икром менамуданд.

Роҳбари институт ва котиби ташкилоти ҳизбӣ бо Ниёзӣ махсус сӯҳбат доир мекунанд.

– Он мактуби беимзо дар ҳақи ман тӯҳмати маҳз аст,– ғазабашро фурӯ мебарад Ниёзӣ. – Ман ба шогирдам ба маънои «бо кори илмиатон маро хурсанд кунед» маслиҳат дода будам. Аммо бӯҳтоннавис хулосаи зишт ва номатлуб баровардааст.

Пас аз ин сӯҳбат Фозилов ба мудири шӯъбаи ташвиқоту тарғиботи КМ занг зада, ҳақиқати воқиаро мефаҳмонад:

– Ба бӯҳтонномаи беимзо бовар накунед! Иғвогаре олими мӯътабарро бадном карданист. Рафиқ Ниёзӣ донишмандест, ки институт ба ӯ ниёз дорад. Мо ба покии ахлоқаш кафолат медиҳем…

Аммо аз гӯшаки телефон садои омирона шунида мешавад:

– Беҳуда пофишорӣ накунед. Аз ин қазия котиби аввал огоҳанд…

– Ба мӯҳтарам котиб расонед, ки ба тақдири одамон бетафовут набошанд. Шахсеро ба дараҷаи олимӣ расонидан кори саҳле нест.

Бо вуҷуди ин, дар яке аз рӯзҳои соли 1958 Муллоҷон Фозиловро ба бюрои КМ даъват мекунанд. Муншии аввали ҲК Тоҷикистон Турсунбой Ӯлҷабоев дар ҳаққи олими забоншинос Ниёзӣ суханони талху тунд гуфта, сипас таъкид мекунад: «Что, этот хулиган до сих пор работает в институте?»

Чун ба Фозилов сухан медиҳанд, бо тамоми қатъият дурӯғин будани он мактуби беимзоро исбот ва ахлоқи ҳамидаи ҳампешаи худро ҳифз карда, ба ҳозирон муроҷиат менамояд:

– Ба диққати шумо, мӯҳтарам аъзои бюрои КМ мерасонам, ки ҳайати ходимони институти мо ба олими ҳалолкору поктинат Шавкат Норович Ниёзӣ эҳтироми комил доранд. Дар сиришти ин марди шариф аз бадахлоқӣ нишоне нест. Ҳатто бо занҳо рӯ ба дигар сӯ гардонда, сӯҳбат мекунанд. Устод ба шогирдашон гуфтаанд, ки «бо зудтар навиштани кори илмиатон маро хурсанд кунед». Маълум аст, ки агар аспирант кори илмиашро сари вақт нависад, роҳбараш хурсанд мешавад. Аммо бадхоҳон ин гапро чаппа маънидод карда, шӯру иғво андохтанианд…

Муллоҷон Фозилов барои бегуноҳии ҳамкораш далелҳои мӯътамад оварда, собит мекунад, ки ин олим марди покест. Вале, мутаассифона, аъзои бюро ба як пора коғази беимзо бовар мекунанду ба роҳбари мӯътабари муассиса не. Чун хулосаи бюро ба имзо мерасад, Фозилов бо дарду алам мегӯяд:

– Рафиқони мӯҳтарам, мани маҷрӯҳи дараҷаи аввали ҷанг, ки барои ҳимояи Ватан аз як поям маҳрум шудаам, ба назди шумо бо умед лангон-лангон омадам, ки ҳақиқати ҳолро гӯяму дастгирӣ бинам. Агар ба лафзи ман, ба сухани беғаразӣ коммунист бовар накунед, дар ин маврид маҷбурам, ки аз шумо ихлосамро канам. Бузургтарин гуноҳ шарафу эътибори касеро доғдор кардан аст. Охир, инсоф кунед! Чӣ хел ба инсони поквиҷдон ҷазои ноҳақ медиҳед? Домулло Ниёзиро ҳеҷ кас аз кор холӣ карда наметавонад!..

Дар он замон иҷро накардани қарори ҳизбӣ ё ба супориши бюрои КМ муқобил баромадан як навъ «бозии» хавфнок бо тақдир буд. Касе агар чунин саркашӣ кунад, бо дасти худ ба сараш об мерехт. Олими шуҷоатманд Муллоҷон Фозилов ин нуктаро медонист, вале натавонист, ки баръакси амри дилу виҷдони худ амал кунад. Он рӯз ӯ маъюсона аз КМ сӯи коргоҳаш мерафт ва раҳорах ин абёти Рӯдакиро мехонду дилашро таскин медод:

*Замона дод басо панди судманд маро,*
*Замона, чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст.*
*Замона гуфт маро: хашми хеш дор нигоҳ,*
*Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.*

Пас ӯ ба ҳузури устодаш Шарифҷон Ҳусейнзода рафт ва оҳи сарде кашиду гуфт:

– Афсӯс, афсӯс, об аз сар лой аст. Даргоҳи КМ муттакои бӯҳтоннависон шудааст. Дар ҷанг аз дами сад тиру туфанг гузашта, азоби нештари ҷарроҳонро дида, ин қадар азийят накашида будам. Рост мегӯянд, ки ҷазои рӯҳонӣ аз ҷазои ҷисмонӣ сахттар аст…

Устод шикваи шогирдро шунида, таскинаш медиҳад:

– Аз дасисаҳои аҳриманӣ дилгир нашавед, Муллоҷон. Ё ба докторантура рафта, боз ба таҳсили илм пардозед, ё беҳтараш чун ходими илмӣ аз паи таҳқиқу тадқиқ шавед. Аслан ба олим

кори роҳбарӣ чӣ лозим?! Ҳамон дафтар-дафтар пандномаҳои бузургонро, ки гирд овардаед, ба нашр омода созед. Китобҳои дарсӣ, рисолаю дастуруламалҳо нависед… Бале, мисли пештара дилгармона кор кардан гиред. Шукр, истеъдод доред, истеъдод куфлкушои дари мушкилот аст.

Албатта, Фозиловро ошкоро аз вазифааш гирифта натавонистанд. Тамасхури тақдирро бинед: бо чунин дасисабозӣ ба он ноил шуданд, ки олими адолатгустар ариза дода, аз роҳбарии институт даст кашид. Аммо сарвароне, ки баъди Фозилов ба сари кор омаданд, низ Ниёзиро аз кор сабукдӯш карда натавонистанд. Ба ин тариқ, ӯ то охири умр дар ин даргоҳи илм кор карда, соли 1962 дар панҷоҳуҳафтсолагӣ фавтид. Рӯзи дафни ӯ Фозилов бо дареғу дард гуфт: «Сад афсӯс, устод Шавкат Норович бармаҳал даргузаштанд. Эҳтимол, ҳамон тӯҳмати ноҳақ яке аз сабабҳои кӯтоҳумрии устод шуд…»

Аз ин миён солиёни зиёде гузашт. Самари талхи он бӯҳтонномаи беимзо чун панд дар зиндагии минбаъдаи Фозилов дастури амал гардид ва саҳифае ба қомуси рӯзгори ӯ афзуд.

Вай акнун ғаввосе буд, ки шабу рӯз аз қаъри дарёи илму адаб гавҳари мурод меҷуст. Солҳои 1961-1963 ду бор китоби таҳиякардаи ӯ «Панду ҳикмат» ба табъ расид. Яке хурду дигаре бузург, яке номукаммал буду дигаре комил. Дар ин китобҳо маҷмӯаи андарзу ҳикмат доир ба ростиву каҷӣ, некиву бадӣ ва саодату шақовати фитрӣ, ки дар тӯли беш аз ҳазор сол аз ҷониби халқ ва бузургони адабиёти тоҷику форс гуфта шудаанд, зикр ёфтаанд. Ин шоҳбайтҳо, қитъаот, рубоиёт ва дубайтиҳо дар бобҳои алоҳида ва мавзӯъҳои гуногун ба мутолиаи хонандагон пешкаш гардидаанд. Муллоҷон Фозилов дар гирдоварии ин андарзи ниёгон ранҷи фаровон бурд. Талқини хайр бар шарр, орзую ормони олии инсонӣ, ки ғояи асосии ин китоб аст, аз хислатҳои маънавӣ ва ҳакимонаи мураттиби он сарчашма гирифта. Хоса китоби дуюм (муҳаррираш Муҳиддин Фарҳат) аз понздаҳ ҷузъи чопӣ иборат буда, як навъ донишномаи рӯимизии аҳли илму адаб аст. Дар абёти баргузидаи ин маҷмӯа аз ҷумла ҷоҳилони авомфиреб ба тариқи зайл маҳкум гардидаанд:

*Гуле, ки бӯй надорад, ба вай чаман ҳайф аст,*
*Касе, ки фаҳм надорад, ба вай сухан ҳайф аст.*

Дигар аз асарҳои барҷастаи Муллоҷон Фозилов дуҷилдаи «Фарҳанги ибораҳои рехта» солҳои 1963-1964 нашр шуд, ки зиёдтар аз ду ҳазор саҳифа ва беш аз ҳашт ҳазор ибораву ифодаҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷикро фаро гирифта, дар силки китобҳои мӯътамад ва зарурист. Фарҳанги мазкур дар замони шӯравӣ дар ин соҳа нахустин асар буд. Дар он овон дигар ҷумҳуриятҳо ҳанӯз таҷрибаи таълифи чунин асарро на-доштанд. Баъдан ҳамин гуна асарро дар Федератсияи Русия офариданд. Ин фарҳангро ҳар як тоҷики фаросатманд варақ зада, аз ганҷинаи бузурги лафзи модарии худ баҳравар меша-вад. Тавассути ин фарҳанг фазлу салиқаи устод Фозилов бори дигар зоҳир гардид. Олимон хидмати ин як тан фидоии илмро бо меҳнати муҳаққиқони як пажӯҳишгоҳ баробар донистаанд. Воқиан, ин шоҳкорӣ қадами қатъии муаллифи он дар соҳаи фарҳангшиносӣ гардид ва ба ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ овард. «Фарҳанги ибораҳои рехта»-ро донишмандон Тӯрақул Зеҳнӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Раҳим Ҳошим, Додоҷон Тоҷиев ва дигарон «Қомуси бузурги забони ҳозираи тоҷик» номидаанд. Ховаршиноси маъруфи Чехословакия, профессор Иржи Бечка дар тақризаш ба ин тадқиқот чунин баҳо додааст: «Муллоҷон Фозилов дар илм кори бузургеро анҷом дод, аз ин ҷиҳат, бешубҳа, мо метавонем ӯро асосгузо-ри фразеологияи тоҷик биномем».

Ногуфта намонад, ки аҳли илму адаби ҷумҳурӣ ин асари воқиан безаволро дар вақташ барои мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино пешниҳод карда буданд. Афсӯс, ки афроди кӯтоҳандеш ба қадри ин гавҳари дониш нарасиданд.

Соли 1976 боз як маҷмӯаи гаронбаҳои Муллоҷон Фозилов «Гулчини зарбулмасал ва мақолҳо» дастраси хонандагон гар-дид. Ин фарҳангномаи ниёгон китоби рӯимизии зиёиёни тоҷик гардида, ҳамаи даҳ ҳазор нусхаи он дар муддати кӯтоҳе ба фурӯш рафт. Ин «Гучин…», чунон ки мураттиби он ме-фармояд, аз 22 маҷмӯа, фарҳанг ва феҳристи гуногуни зар-булмасал ва мақол, ки дар тӯли беш аз 300 сол дар Ҳиндустон, Мовароуннаҳр, Эрон, Афғонистон ва Аврупои

Шарқӣ тартиб ёфтаанд, хушачинӣ карда шудааст. Мураттиб бештар аз чаҳор ҳазор зарбулмасал ва мақолро, ки бидуни шубҳа ҳусни сухани волоянд, гирд оварда, пешкаши хонандагон кард. Мақсади ӯ ин буд, ки зарбулмасал ва мақолҳо бештар вирди забон шаванд, дар матнҳо роҳ ёбанд, воситаҳои тасвири забони мо боз ҳам рангину ғанӣ гарданд. Мусанниф дар охири ин «Гулчин…» тавассути мақолае бо унвони «Шарҳ ва баёни маъхазҳо» 22 маҷмӯаи гуногуни панду ҳикматро мавзӯи баҳс ва таҳлил қарор дода, ҳусну қубҳи онҳоро бо бурҳони қотеъ нишон медиҳад, таърихи чандинасраи ҷамъоварӣ ва интишори зарбулмасалу мақолҳоро мухтасаран тасниф мекунад, мақому манзалати ватандӯстонаи ҳар яке аз мусаннифонро эҳтиромона тақдир менамояд.

Оре, зарбулмасал ва мақолҳо васоити муассири ифодаи фикр ва ҳусну таровати забон мебошанд, ки инро Муллоҷон Фозилов хеле барвақт дарёфта буд. Ҳамчунин ӯ кӯшиш дошт, ки эҷодиёти халқи моро ба дигар миллатҳо низ бирасонад. Соли 1968 нашриёти « Наука»-и Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ гулчини пандномаҳои аз эҷодиёти шуарои Шарқ гирдовардаи Фозиловро таҳти унвони « Истини» (Ҳикматҳо) бо теъдоди сад ҳазор нусха ба табъ расонд. Ин асар китоби китобҳо буда, аз осори шоирон ва мутафаккирони форсу тоҷик баргузида шудааст, ки сурудаҳояшон дар тӯли асрҳо ба зарбулмасалу мақол ва тамсилу ибораҳои рехта табдил ёфтаанд. Куҳансолтарини онҳо устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҷавонтаринашон Маликушшуаро Баҳор мебошанд. Таълифу тартиби ин асар доираи хонандагони осори Муллоҷон Фозиловро дар Аврупои Шарқӣ ва бад-ин васила дар саросари ҷаҳон вусъат бахшид. Танқиди илмӣ ва адабии рус ба нашри ин асар баҳои баланд дода буд.

Муҳаққиқ ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта сеҷилдаи «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ»-ро ба нашр омода сохт. Ин асар низ ҳамчун китоби китобҳо ва як навъ суруди сурудҳо маъруфият ёфт. Офаридани онро фарзона Фозилов дер боз орзу дошт ва дар ин роҳ пайваста заҳмати сангин мекашид. Ба ин кори душвори пурифтихор ӯ дар замоне даст зад, ки таҷрибаи ғанӣ ва аф-

кору андешаи амиқи зиндагӣ дошт. Он вақт ба ӯ унвони Арбоби шоистаи илми Тоҷикистон (соли 1974) дода буданд. Ду ҷилди ин сегонаи ӯ солҳои 1975 ва 1977 бо теъдоди зиёд нашр шуда, аз аҳли илму фарҳанг баҳои арзанда гирифт.

Боре Муллоҷон Фозилов дар Маскав баъди анҷоми кор бо роҳбарияти нашриёти «Наука» ба дидорбинии сарвари Институти ховаршиносии Академияи илмҳои СССР, академик Бобоҷон Ғафуров рафт. Академик аз ҷой бархоста, ба пешвозаш шитофт:

– Хайра мақдам, Муллоҷон! Ин чӣ хуш рӯзе, ки қаҳрамони ҷанги Ватаниро рӯ ба рӯям мебинам!

Фозилов дар ҳолати изтироб асобағалашро ба девор такя дода, ба Ғафуров вохӯрии бағалкаш кард:

– Худатон ҳам қаҳрамонед, Бобоҷон Ғафурович. Маҳз Шумо барин роҳбарон аз ақибгоҳ ғалабаи халқҳоро бар фашизм таъмин карданд.

– Вақти ёдоварии он ғалабаи оламшумул, пеш аз ҳама, ду бузургвори нотакрор – Сталину Жуков пеши назар меоянд. Шумо, иштирокдори ҷанг, инро аз ман беҳтар медонед. Воқиан, кадом сол аз поятон маҳрум шудед?

– Моҳи марти соли 1945, вақте ки барои озодии Моравия меҷангидем, танки ман «Т-34» ба мина бархӯрду даргирифт. Қариб сӯхта нобуд мешудам. Намедонам чӣ хел маро аз коми оташ кашида, ба беморхона бурдаанд. Ҷарроҳон фармуданд, ки ҳатман як поямро буридан лозим аст.

– Эҳ, бечора! Дарвоқеъ боре ба ман гуфта будед, ки ҳангоми разведкаҳои танкӣ чӣ азобу машаққат дидаед…

Пас аз ҳолпурсиҳои гарму ҷӯшон сӯҳбати ин ду тан фидоии Ватан ва кашшофи илму фан авҷ гирифт. Онҳо мушкилоти замони ҷанг, фидокориҳои сарбозон, мадади ақибгоҳ, ҳиммати оилаҳои алоҳида ва саранҷом зафари халқҳои шӯравиро ба хотир оварда, ифтихор доштанд, ки дар он ҳама маъракаҳои ватандӯстона саҳми хоссае доранд.

– Дӯсти азиз, Муллоҷон, корҳои илмие, ки шумо анҷом додаед, арзандаи чандин унвони доктористанд,– гуфт сипас Ғафуров. – Зимнан, агар бигӯем, ки шумо кайҳо доктори илм ҳастед, ҷои муболиға нест. Ҳамон «Фарҳанги ибораҳои рех-

та»-ро барои дифои кори докторӣ пешниҳод кунед. Ман ҷонибдору хайрхоҳи Шумо.

– Ба бовариатон ташаккур, Бобоҷон Ғафурович! Лекин ман ҳоло ба таълифи фарҳанги сеҷилдаи зарбулмасал ва мақолаҳои тоҷикӣ банд ҳастам. Насиб бошад, ин корро анҷом диҳам, баъд ба сари ин андеша меоям.

Сипас Муллоҷон Фозилов соли 1976 дар мавзӯи « Зарбулмасал ва мақлҳои китобии тоҷикии форсӣ» рисолаи докторӣ навишт. Вале бемории ногаҳонии илтиҳоби шуш олимро аз по афтонд. Якуми июли соли 1978 ӯ дар шастучорсолагӣ аз дунё гузашт. Микрози аҷал дар айёме риштаи умрашро бурид, ки ҷилди сеюми шоҳасари «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ»-ро низ омодаи нашр карда, дар хузури шогирди луғатшиносаш Аҳмадҷон Сангинов ба мудири шӯъбаи нашриёти «Ирфон» Шараф Шариф супурда буд. Баъди вафоти муаллиф шогирдони мустақими ӯ Худойдод Ҳусейнов, Бегмурод Сиёев, Аҳмадҷон Сангинов, Наримон Абдуллоев ва дигарон борҳо ба роҳбарони нашриёт, ба раиси Кумитаи табъу нашр ва матбуоти ҷумҳурӣ гӯшрас мекарданд, ки барои гиромидошти рӯҳи поки муаллиф ҳамон фарҳангномаашро интишор намоянд. Модом ки ду ҷилди ин сегона ба табъ расид, хонанда мунтазири ҷилди охирин аст, исрор мекарданд онҳо. Вале ин илтимосу дархостҳо аз як гӯши сарварон медаромаду аз дигараш мебаромад. Сари соли 1995 шогирдони Муллоҷон Фозилов пас аз ҷустуҷӯи бисёре дастхати ин фарҳангро аз бойгонии нашриёти «Адиб» ёфтанд. Сад афсӯс, ки баъд аз сари муаллиф асари ӯ ба гӯшаи фаромӯшӣ афтод, солҳо аз даст ба дасти мудирону раисони нашриётҳо гузашт, борҳо ба нақшаҳои чоп даромаду баромад, вале аз кӯтоҳназарии баъзеҳо рӯи чопро надид ва чангу гарди замонаҳоро хӯрду хобид. Воқиан, боре онро ба дасти ҳуруфчинҳои матбаа супурданд, вале пас аз як рӯз боз пас гирифта, ба ҷояш китоби яке аз роҳбарони идораи табъу нашри ҷумҳуриро пешкаш карданд.

Муллоҷон Фозилов гарчи бармаҳал даргузашт, аммо номи некаш дар ёдҳо боқист. Шогирдони сершумор ва мухлисони осораш ӯро чун роҳбари дурандеш ва ғамхори аҳли донишу

фарҳанг дар хотиро доранд. Бисёр олимон солҳои панҷоҳуму шастум ва ҳафтодуми асри гузашта некии падаронаи ӯро дидаанд. Аз муҳаққиқони илми риёзӣ, алҳол дотсенти Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе Мирзо Аҳмадов хайрхоҳии он хирадпешаро чунин ёд меоварад: «Тирамоҳи соли 1960 ман аз паи коре ба Университети Давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллӣ) мерафтам, дар роҳ бо устод Муллоҷон Фозилов дучор омадам, ки бо як ҳамкорашон саргарми сӯҳбат буданд. Ман хостам салом диҳаму бетаваққуф гузашта равам, ба сӯҳбаташон халал нарасонам. Вале он кас маро боздоштанду мусоҳибашонро ҷавоб доданд ва гуфтанд: «Мирзоҷон, ҳозир дар фикри он будам, ки шуморо аз куҷо ёбам? Бегоҳ ба хонаам биёед. Фурсат расид, дар бораи аспирантура ва кори илмии ояндаатон маслиҳат кунем. Ман ба устод изҳори миннатдорӣ кардам. Дар соати таъйиншуда ба хонаашон рафтам. Фозилов он вақт сарвари Институти забон ва адабиёти Академияи улуми Тоҷикистон буданд. Дар он сӯҳбати хусусӣ устод маслиҳат доданд, ки агар дар соҳаи таърихи риёзиёти Шарқ кор карданӣ бошам, бояд ҳуруфоти арабӣ ва бо ин забон хондану навиштанро ҳатман омӯзам. Ман аз рӯи фармоиши эшон амал кардам. Ин хоҳишамро ба рафиқ ва дӯстам Ҳасан-ал-Наққош, ки он солҳо дар ду мактаби олӣ аз забони арабӣ дарс медод, изҳор доштам. Вай ба ман иҷозат дод ба дарсҳои забони арабӣ, ки ба донишҷӯён мегузаронд, иштирок намоям.

Ёрию дастгирии Муллоҷон Фозилов буд, ки мисли ман бисёр ҷавонони он айём ба ҷодаи илму фарҳанг қадам ниҳода, соҳиби мақому мартаба шаванд…»

Дар мулоқоте донишманди дигар Ҳамроқул Шодиқулов, ки бо Фозилов солҳои тӯлонӣ ҳамкорию рафоқат дошт, аз шикастанафсию накӯкориҳояш далелҳои ҷолиб овард, ӯро чун падархонди ҷавонони соҳибистеъдод сифат кард ва аз ҷумла фармуд:

– Устоди зиндаёд Муллоҷон Фозилов ба истиснои он ҳама вазифаҳои ҷамъиятие, ки ҳамчун олим, ходими калони илмӣ ба сифати узви Шӯрои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, узви Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию

тадқиқотӣ дар соҳаи забоншиносӣ дар ҳузури Академияи илмҳои ҷумҳурӣ доштанд, чандин вазифаи дигари ҷамъиятиро ҳам ба ҷо меоварданд. Яке аз он вазифаҳо роҳбарии Шӯрои олимони ҷавони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ буд. Ин фаъолияташон дар марҳилаи ба илми филология омадани насли нави ҷавонон бо фикру ақидаҳои тоза, натиҷабардориҳои нахустин дар равияҳои нави адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, шевашиносӣ, омӯзиши синхронии забонҳои помирӣ, шурӯъ ба тадқиқи фолклори тоҷик бо усули таҳлили микдорӣ ва ҳисобу китоби математикӣ рост омад. Ва муаллим ҳамеша мекӯшиданд мутахассисон ва соҳибистеъдодҳои ҷавоне, ки аз Москваю Ленинград бо назари нав меомаданд, ҷои худро дар илм ёбанду мавқеъ пайдо кунанд. Барои ба ҷои кор таъмин гардондани онҳо ҷон мекоҳонанд, барои хобгоҳашон ва беҳбуди шароити манзилашон медавиданд ва аз «гиребони боло» мегирифтанд. Ёрӣ ба соҳибони рисолаҳои дифоъшавандаро яке аз «вазифаҳои худ» меҳисобиданд. Ба ин феҳрист ғамхорӣ дар ҳаққи саломатии кормандон низ дохил мешуд. Аз дасти дардманд гирифта пеши табибони ҳозиқ мебурданд ва то шунидани ҷавоби амиқи онҳо аз қабулгоҳашон намерафтанд. Ҳатто, лозим ояд, ба ниёзмандон барои нашри рисолаашон коғаз пайдо мекарданд ва аз мошинканависон Дораву Зояву Исроиловаю Хоҷаева хоҳиш менамуданд, ки агар кори савоб карданӣ бошанд, бепул чоп кунанд ё лоақал камтар пул гиранд. Борҳо чунин воқеъ мешуд, ки муаллим «бачаҳояшонро» аз даҳони вартаҳои балои ногаҳонӣ кашида мегирифтанд. Ин ҳама кам буд магар, ки муаллим, лозим шавад, пул қарз медоданд ва то худи қарздор пулро барнагардонад, дар ин бора гап намекушоданд. Муҳиммаш хурсанд аз он буданд, ки ба мӯҳтоҷе ёриашон расид.

Дар бораи парастории ҷавонон ва ғамхорӣ ба онҳо агар Муллоҷон Фозиловро Боқӣ Раҳимзодаи сонӣ буд дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ бигӯем, шояд ин баҳо кам бошад.

Як паҳлуи дигари фаъолияти ҷамъиятии Муллоҷон Фозиловро варзиш ва хосатан бозии футбол ташкил медод. Муаллим раиси федератсияи футболи Академияи илмҳо буданд.

Ҷозибаи сухани таблиғотиашон чунон зӯр буд, ки касони ба ин бозӣ беҳавас ҳам ба тамошои он мерафтанд ва баъзан аз ин тадбирҳо димоғи мухлис нағзакак месӯхт. Қиссаи ба тамошои футбол «бурдани» академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, узви вобастаи академия Носирҷон Маъсумӣ ва завҷаашонро як вақти дигар нақл хоҳем кард. Аммо «ташрифи» Раҳим Ҳошим ба майдони футбол чӣ натиҷа дод, аҷибтар аст. Ин ҳодиса соли 1964 дар бозии дастаҳои «Помир» (он вақт «Энергетик» ном дошт) ва «Терек» Грозний рух дод. Дар ин бозӣ «Энергетик» бо ҳисоби 4 бар 0 дастболо шуд. Хурсандии мухлисон ҳадду канор надошт. Мухлисон инро аз пои қадами Раҳим Ҳошим дониста, баъди анҷоми бозӣ эшонро ба кафи даст бардоштанд ва 10-12 қадам бурда, ба замин гузоштанд. Дар ин вақт Раҳим Ҳошим суоле аз мухлисон карданд, ки кайфи эшон парид. Чун дар замин ба пои худ қарор гирифтанд, устод пурсиданд:

– Кадоми ин дастаҳо аз мо буд?

Барои мухлис аз ин зиёдтар ҳақорат шунидан мумкин нест. Баъзеҳо тайёр буданд, ки устодро барои ин «гуноҳашон» лагадкӯб кунанд, аммо ҳурмату эътибори баландашон ба ин имкон надод…

Хулласи калом, маъюби набарди алайҳи фашистон, ноқиди ҳикмату фарҳанг, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, Арбоби шоистаи илми ҷумҳурӣ Муллоҷон Фозилов (1914-1978) гарчи умри дароз надид, вале дар ақсои дониш талошҳо варзид, асарҳои гаронбаҳо офарид ва барои ворисон мероси арзишманди илмӣ гузошт. Як бозёфти эҷодии ӯ ин буд, ки ба соҳаи камтадқиқи филологияи тоҷик даст зада, аз ибораҳои рехта ва панду ҳикмат то фарҳанги мукаммали зарбулмасалу мақол силсилаи маҷмӯаҳои илмиро ба арсаи вуҷуд овард ва дари ганҷинаи ҳикмати ниёгонро ба рӯи имрӯзиёну фардоиён боз кард. Агар шоҳбайти зерини Шамси Табрезиро катибаи санги мазори Фозилов қарор диҳем, бисёр ба мақсад мувофиқ мебуд, зеро шоир гӯё аз забони ин марди ду набард шарҳи ҳолашро гуфта, дурри маънӣ суфтааст:

*Ҳосили умрам се сухан беш нест:*
*Хом будам, пухта шудам, сӯхтам.*

# НАХУСТҚАҲРАМОН

Оташи ҷанги дуюми ҷаҳон забона зада, дуду ғубори он фазои басо мамолики Ғарбро тира мегардонд. Германияи фашистӣ баъди забти чандин мамлакат ба сӯи Шарқ роҳи таҷовуз кушода, озодии халқҳоро поймол мекард. Охири соли 1939, вақте ки дасисабофон дар шимоли ғарбии мамлакати Шӯроҳо финҳои сафедро ба иғво андохтанд, Иттиҳоди Шӯравӣ барои таъмини бехатарии сарҳадҳои худ маҷбур шуд ба ҷанг дарояд.

Аскарони сурх дар сармои шадид бо финҳои сафед меҷангиданд. Соҳили Балтика бистари барфӣ ба сар кашида буд. Дар гарданаи Карелия қисмҳои зарбазани ноҳияи низомии Ленинград муқобилати сахти финҳоро шикаста, қадам ба қадам пеш мерафтанд. Дар ин ҷо, дар гурӯҳи яке аз баталионҳои пешгарди полки 300-уми дивизияи ҳафтуми тирандоз аълочии тайёрии ҳарбӣ Неъмат Қаробоев низ хизмат мекард. Вай фармоишу супоришоти фармондеҳонро бо камоли масъулият ва кордонӣ ба ҷо оварда, сазовори эҳтиром гардида буд. Бехато тирандозии ин мергани уқобчашм рафиқонашро қоил мекард. Ҳама ҳайрон мешуданд, ки ангушти ишоратиаш каҷ асту чӣ хел ӯ ба ангушти миёна бехато тир меандозад.

Боре вақти машқ ҳар аскар бистборӣ ба ҳадаф тир андохт. Тири бисёриҳо хато рафт, аммо ягон тири Неъмат хок нахӯрд. Фармондеҳ ӯро таҳсин гуфту пурсид:

– Аслан ту куҷоӣ ҳастӣ?

– Тоҷикистонӣ.

– То хизмати ҳарбӣ чикора будӣ?

– Муҳосиби колхоз.

– Падарат чӣ?

– Деҳқони оддӣ, колхозчӣ.

– Тирандозиро аз кӣ омӯхтӣ?

– Машқ карда, ёд гирифтам.

Фармондеҳ ба чашмони кабудранги гирою лабони ба табассум моил ва симои гарми ҷавон лаҳзае нигаристу амр дод:

– Боз панҷ тири дигар андоз!

– Итоат!

Ҳамаи аскарони машқгоҳ шоҳиди ин воқиа буданд. Неъмат боз панҷ тир холӣ кард. Нишонро оварданд. Фармондеҳ ҷойҳои тиррасидаро диду гуфт:

–Қодирандози ҳақиқӣ, офарин! Таҷриба модари маҳорат аст.

Хуфиякор ва алоқачӣ таъин гардидани Неъмат бесабаб набуд. Вай бозувони қавӣ, шонаи паҳн ва дили бақувват дошт, тарсу ҳаросро намедонист. Ӯро аввалҳо баъзе рафиқони рус байни худ «Николай» мегуфтанд. Рӯзе ӯ аз онҳо пурсид:

– Чӣ, магар Неъмат гуфтан душвор аст?

– Душвор не. Мо аз дӯстдорӣ туро Николай мегӯем,– ҷавоб дод яке ҳамсилоҳаш.

– Падару модарам номамро ба умед мондагӣ, маънояш фаровонӣ, серию пурӣ…

Баъд аз ин ҳама боз номи аслиашро мегирифтанд…

Неъмат фармон гирифт, ки минбаъд дар сафи талоя – лашкари пешгарди ҷанг амал кунад. Рӯзе пеш аз муҳориба назди котиби бюрои комсомолӣ омада, аризаашро пеш гузошт. Котиб аризаро хонд: «Ман ҳоло ҷавонам, ҳаётро дӯст медорам, бисёр мехоҳам ба ҷанг равам, қувваи худро биозмоям. Вале, агар дар муҳорибаи барои Ватан ҳалок гардам, боке нест, зеро барои бахту саодати халқам, барои шарафу озодӣ ҷон медиҳам. Бо ҳамин мақсад мехоҳам ба сафи комсомол қабул шавам. Мехоҳам ба ҷанг ҳамчун узви комсомол равам».

Котиби бюрои комсомолии шӯъбаи сиёсии дивизияи ҳафтуми тирандоз дасти ӯро фушурда, билети комсомолиро супурд ва табрик гуфт.

– Сазовори номи комсомол меҷангам! – Неъмат билети комсомолиро гирифту чашмаш ба рақами он афтод: 032342.

Вай рӯзи дигар аз аввалин имтиҳони набардгоҳ гузашт. Тақрибан соатҳои дуи рӯз ӯро ба назди фармондеҳи баталион даъват карданд.

– Салом, рафиқ командир! Ба хизмат тайёрам!

– Ба шумо супориш: зуд бо баталиони якум артибот гиред ва фармони ситоди дивизияро расонед: барои маҳви нуктаҳои оташфишони душман панҷ танк ва як взводро тайёр кунанд.

Неъмат фармонро такрор кард.

– Зуд бошед! Дар ихтиёратон ним соат вақт.

– Итоат.

Неъмат аз заминкан берун баромаду боди сардро ҳис кард. Дар ҳавои сард аз дуродур садоҳои тири пулемёту автоматҳо бо гумбурроси тӯпҳо омехта, ба гӯш мерасиданд.

Масофаи байни баталионҳо аз як километр кам намеомад. Неъмат хилъати махсус пӯшида, аз домани беша, аз байни чакалакзору буттазор гаваккашон роҳ пеш гирифт. Нисфи тани ӯ дар барфи ғафс ғӯтида мерафт. Медонист, ки ҳавои сард ба одами тандуруст фоида дорад, нафаскаширо осон мекунад. Дар китобе хонда буд, ки ҳавои сард нофеи ҳазми таом аст ва ранги рӯро некӯӣ бахшад. Ҳоло бо чашми худ медид, ки дар сармои шадид, дар вазъи пурхатар рӯ-рӯи барф хазидан чӣ душвор аст. Охир, Неъмат дар водии гарми офтобӣ, ки тамоми тобистон гармо аз чиҳил дараҷа ҳам мегузарад, ба камол расидааст. Чилчилупанҷ дараҷа сардии сахт ва барфи беканорро хондаву шунида бошад ҳам, то кунун надида буд онро. Ҳоло хатарро ҳам фаромӯш карда, ба самти баталиони якум мехазид. Дар мобайн финҳои сафед ҷой гирифтаанд. Неъмат ҳанӯз ними роҳро напаймуда, аз бешаи наздик паи ҳам оташ кушоданд. Алоқачӣ пеш рафту рӯ ба замин хобид. Бо дастонаш барфро ба ду тараф тела дода, чуқуртар ҷой гирифт. Боз як навбат тир ба танаи тӯсҳо расид. Чӣ бояд кард? Неъмат илоҷ меҷуст. Ниҳоят, дасташро ба қабати барф халонда, сар набардошта, ба худ роҳ кушоду пеш хазид. Гоҳе сараш ба буттае бармехӯрд. Дар масофаи ҳар понздаҳ-бист қадам, дар паси дарахте ё дӯнгие лаҳзае таваққуф карда, чашмони уқобонаи тезашро ба ҳар сӯ медӯхту боз пеш мерафт. Сардӣ ба мағз андар мағзи устухонаш мерасид. Дасту рӯяш аз ғояти сардӣ карахт шуда, чизеро ҳис намекард. Дар оғӯши барф чӣ қадар гавак кашиданашро намедонист. Агар аз ҳамин имтиҳони сахт гузарад, пас ба ҷонсахтиаш шак намемонад. Баъди тамоман хаставу монда шудан сар бардошту худро дар назди заминкани шинос дид. Ин баталиони якум ба ҳисоб мерафт. Неъмат сабук нафас кашид, барфи рӯи хилъаташро афшонд. Панҷаҳои дасташро тез-тез ба ҳам соид, ки хунук назанад. Сонӣ сӯи заминкан тохт. Не, дигар қувваташ

намонд, як километр роҳро аз қабати барфи баланд паймуд ба мушкилӣ. Чанд қадам дуртар аз заминкан аз по афтод. Рафиқонаш ба ёрӣ расиданд. Онҳо ба дасту рӯи ӯ аввал барф, сонӣ спирт молида, соиш доданд. Оби ширгарм нӯшониданд. Неъмат ба худ омад.

Фармони таъҷилӣ сари вақт расид.

Роҳи бозгашт боз аз ҳамон ҷое мегузашт, ки финҳои сафед ба сӯяш тир андохта буданд. Ин дафъа ҳам аз ҳамон ҷо садои тир омад. Акнун аз боло тир меандохтанд. Неъмат муддате ба атроф зеҳн монд: касе аз болои дарахт тир мекушод. Неъмат аз паси як дарахт ба паси дарахти дигар гузашт ва ба танаи булути ғафсе такя карда, аз ҳавои сард дароз-дароз нафас кашид. Нохост аз наздикӣ шарақҷоси куланги силоҳро шунид. Дар болои коҷ шахсеро дид, ки автоматро бо диққат ба тирандозӣ омода карда, нишони гумкардаашро меҷуст. Неъмат қарор дод, ки ӯро зинда даст гирад. Дастпӯшакро кашида, сари зону истоду душманро ба нишон гирифт. Садои тир боло шуду фин нолаи ҷонкоҳе баровард. Неъмат ӯро аз дасташ зада буд. Ҳамон дам автомат афтод.

– Канӣ, фуро, малъун! – хитоб кард ӯ.

Фини сафед аз кисаи нимпӯстинаш граната баровард ва ба сӯи Неъмат ҳаво дод. Граната ба барфтӯда паҳлуи Неъмат афтод, аммо, хушбахтона, накафид. Дигар вақти интизор шудан набуд. Душман боз даст ба киса бурда, хост гранатаи дигарро гираду ҳаво диҳад. Неъмат дид, ки ӯро зинда гирифтан мумкин нест, куланги силоҳро фишурд. Фин чун қанори пурбор аз дарахт афтод.

Дар тамоми роҳ Неъмат нӯҳ бор ба муқобилияти мерганҳои душман дучор омад. Нӯҳ бор тир холӣ карда, ӯро асир гирифтанӣ шуданд, аммо натавонистанд. Неъмат ҳафт нафари онҳоро ҳадафи тир гардонда, ду нафарашонро зинда ба баталион овард. Ба сарлашкарон ин «забонҳо» ниҳоят зарур буданд.

Худи ҳамон рӯз взводи аскарони пиёда бо сардории Неъмат Қаробоев ба ҳуҷум гузашт. Аз баталиони якум панҷ танк ва як взвод сари вақт ба ёрии онҳо расид. Дар натиҷа аскарони сурх як ДОТ – истеҳкоми дарозмуддати оташфишонии

финҳои сафедро ишғол карданд. Роҳ барои ҳаракати сипоҳ кушода шуд.

Овозаи корнамоии Неъмат дар полк паҳн гардид. Ҷанговарон аз ҷасорату шуҷоати ӯ ҳарф мезаданд. Фармондеҳи полк ӯро пеши саф бароварда, таҳсиннома дод.

Боре дар як минтақаи ҷанг кори душман барор гирифт. Лижатозони финҳои сафед ба ҳуҷуми ногаҳонӣ гузашта, мавқеи мувофиқ ишғол карданд. Барои амалиёти якҷояи полк бо қисмҳои ҳамшафат, ки душман пеши роҳи онҳоро гирифта буд, ҳатман робита барқарор кардан лозим меомад. Вале кӣ бояд роҳи алоқаро кушояд? Боз Неъмат Қаробоевро назди фармондеҳи баталион хонданд. Вай ҷавони табиатан шердилу бебок ва чусту чолок буд. Ба ин хислатҳои ӯ такя карда, гуфтанд, ки пешравии дивизия ба ӯ вобаста аст.

Барои Неъмат боз як роҳи пурхатар дар пеш буд. Аз қариби мавқеи душман зери борони тиру гулӯла хазида гузаштан лозим меомад. Неъмат аз байни танку тӯпҳои сӯхта рӯ-рӯи барф гаваккашон мерафт. Нимпӯстину телпаки сафед ва намадмӯзааш аз ранги барф фарқ надоштанд.Вай нисфи роҳро паймуда, ба ҷои ниҳоят пурхатар наздик шуд. Боз тақрибан сӣ-чил қадам рафта, дар пеш панҷ тан финро дид, ки мавқеъро дидбонӣ мекарданд. Аскар ба саросемагӣ роҳ надода, боз камтар пеш рафту якбора нимхез шуда, паи ҳам ду граната партофт ва худ ба замин парӯ хобид.Таркиш. Аз дидбонҳо касе зинда намонд.

Неъмат ба қисми ҳамшафат расида, ин дафъа ҳам супоришро ба ҷо овард. Боз чанд бор ба хуфиякорӣ рафта, «забон» овард. Лашкариён ӯро баъзан ҳангоми кашонидани моддаҳои тарканда, баъзан вақти ба захмдорон ёрии таъҷилӣ расондан ва иваз кардани ҷо пеш-пеши саф медиданд. Вайро «қосиди ҳарбӣ» меномиданд, зеро ба сифати алоқачӣ ба қисмҳо хабар бурда, хабар меовард. Супоришҳои фармондеҳро ба пешҷанг мерасонд. Ин корро ҳамеша дар зери борони тир адо мекард. Неъмат калтакалосҳои чобук ва ҳилагареро, ки одатан оҳиста ва беовоз рӯ-рӯи девори ҳавлиашон хазида, магасу парвона ба дом меафтонданд, ба хотир меовард ва аз байни саҳрову чакалакзори барфпӯш эҳтиёткорона гузашта, дар ҳақиқат худро

чун ҳамон калтакалос мепиндошт. Ӯ аз тир «руст» шуда, аз ҷое ба ҷое хазида мерафт, аз байни гулӯлаҳои тарканда ҳам дар рӯзҳои пурабру тумани ғафс, ҳам дар шабҳои торик роҳи наздику дурустро ёфта метавонист. Вақте ки рӯ-рӯи барф мехазид, бештар фикр мекард, ки сарбоз бояд чӣ хел зираку ҳушёр ва чолок бошад.

Боре Неъмат Қаробоев ба постгоҳи беҳдошт омада, хоҳиш кард, ки ба ӯ захмбандиро ёд диҳанд.

– Ин ба ту чӣ даркор? – пурсид табиб.

– Вақтҳои аз пешгоҳи ҷанг пасгаштан маҷрӯҳонро мебинам, ки мӯҳтоҷи ёриянд. Мехоҳам захмашонро баста, дардашонро сабук гардонам.

– Хуб мекунӣ,– гуфт табиб. – Бояд ҳар як ҷанговар ёрии тиббӣ расонда тавонад, ҷароҳатбандиро донад…

Ҳангоми ҳуҷумҳои қатъӣ ба Виборг низ Неъмат аз ҷумлаи аввалинҳо ба шаҳр даромад ва то аз душман озод кардани он ҷангид.

… Оғози моҳи марти соли 1940. Барфу ях андак тунук шуда бошад ҳам, ҳанӯз дами сармо нагашта буд. Акнун на танҳо танкҳо, балки минаковҳо низ пеш гузашта, ДОТ ва ДЗОТ-ҳои финҳои сафедро метарконданд ва роҳ мекушоданд. Вақте ки чанд истеҳкоми душманро тарконда, хатти якумро ба ақиб гузоштанд, аз хатҳои минбаъда гузаштан душвор гардид. Аскарони сурх бо ҳуҷуми паёпай садди асосии финҳо – хатти Маннергеймро ҳам ба даст даровараданд. Дар болотари хатти Маннергейм обанбори азиме воқеъ буд. Хуфия хабар овард, ки финҳо ин обанборро тарконда, ҳамаро зери об мононданианд. Амр доданд, ки обанборро ишғол кунанд. Танкчиён ба ҳуҷум гузаштанд. Душман дасту по хӯрда, фурсати тарконданн минаҳояшро наёфт. Оқибат лашкари финҳои сафед, ки империалистони ҷаҳон мададгораш буданд, маҷбур шуд ба гуфтушуниди оташбас гардан фарорад…

Дувоздаҳуми марти соли 1940 дар Москва шартномаи сулҳ ба имзо расида, задухӯрди мусаллаҳона хотима ёфт ва сулҳу оштӣ ба вуқӯъ пайваст. Бо ҳамин бадқасдиҳо барбод рафта, оташи муҳорибаҳо дар гарданаи Карелия хомӯш гар-

дид.Неъмат аз шодӣ ин байти Саъдии Шерозиро замзама мекард:

*На дониш бошад он касро, на фарҳанг,*
*Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.*

Бисту якуми марти соли 1940 гурӯҳи аскарони сурх ва фармондеҳон барои мардонагие, ки дар ҷанги алайҳи финҳои сафед нишон додаанд, ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардиданд, ки Неъмат Қаробоев ҳам дар байни онҳо буд.

* * *

Соли 1942 Мамлакати Шӯро душвортарин рӯзҳоро аз сар мегузаронд. Лашкари фашистӣ дар масофаи сад-дусад километри Москва дар камин меистод. Ленинград дар муҳосира. Дар доманаҳои кӯҳистони Қафкози Шимолӣ душман барои забти нафти Боку мешитофт. Аҳли олам бузургтарин муҳорибаи назди Сталинградро мушоҳида мекарданд. Лашкари сершумори фашистон барои муҳофизони ин шаҳрро дар дарё ғарқ кунондан сӯи Волга метохт.

Рафти воқиаҳои майдони муҳориба Лашкари Сурхро барои минбаъд ҳам пеш гирифтани роҳи муҳофизати стратегӣ маҷбур месохт. Дар ситоди Фармондеҳии Олӣ дар Москва тартиб додани нақшаи ҳуҷуми ҷавобиро меандешиданд. Дар ҷангҳо барои Сталинград урдуи 330 ҳазорнафараи фашистиро муҳосира ва маҳв гардондан лозим меомад. Нақшаи ҳуҷуми ҷавобӣ дар назди Сталинград ба таҳлили амиқу равшан, баҳодиҳӣ ба вазъият, бехато муайян кардани фурсати боздошти ҳуҷуми фашистон ва пухта расидани қувваҳо барои зарбаи зарурии ҳалокатовар задан ба душман асос меёфт. Дар муҳорибаи шадиди Волгаю Дон лашкари шӯравӣ дар техникаю аслиҳа аз душман бартарӣ надошт…

Мавқеи душманро рахна кардан лозим меомад. Дар як рӯзи моҳи тамуз (июл) Неъматро ба назди фармондеҳи нав хонданд. Ба қабули фармондеҳ ҷавонмарде ҳозир шуд, ки дар сари синааш Ситораи Тилло медурахшид. Сару тан бо кулоҳу либоси аскарӣ муҷаҳҳаз дошт, ки ба қомати расои ӯ мезебид. Дар бари рӯи чапаш хол дошт. Фармондеҳ бо ӯ шинос шуд ва

пеш аз он ки аз рафти тайёрӣ ба ҳуҷуми навбатӣ гап занад, ба рӯяш зеҳн монду пурсид:

– Дар хурдсолӣ ҷангара будед?

– Не. Чӣ буд? – Неъмат ҳайрон шуд.

– Дар рӯятон рахи ҷароҳат боқӣ мондааст.

– Ҳа, ин як қисса дорад.

– Шунавем?

– Бачагию беақлӣ-дия,– нимтабассум намуд Неъмат. – Боре гурбаеро, ки хурмаи ширро олонда буд, дошта аз бом партофтанӣ шудам. Аз дастам раҳоӣ меёбам гуфта, ногоҳ нохунаш ба рӯям расид. Ҳамин тавр, ин аз ҳамон гурба «ёдгорӣ» монд.

Ҳар ду хандиданд.

– Хайр, рафиқ Қаробоев, ин гапҳо бо роҳи худашу мақсади шуморо даъват карданам дигар,– гуфт фармондеҳ. – Медонед, ки ман дар полки шумо одами нав ҳастам. Ҷанговаронро аз наздик намешиносам. Маро бо супориши махсус ин ҷо фиристоданд. Имрӯз ё фардо барои аз Дон гузашта, рахна кардани хатти ҷабҳаи душман фармон мешавад.Барои аз дарё гузаштан вазифаи муҳимеро ба ҷо овардан даркор…

Фармондеҳ вазифаро фаҳмонда, ба таъкид овард:

– Коратон мушкил ва нозук аст, ҳушёрона амал кунед. Ба иҷрояш бовар доред?

– Дорам.

– Бале, боварӣ дар ҷанг ними зафар аст. Равед. Барори кор мехоҳам.

Неъмат аз паи иҷрои фармон шуд.

Рӯзона оташкушоӣ ҳеҷ хомӯш намегашт. Тир чун борони сел меборид. Оташи автомату пулемётҳо ва тӯпҳо сар бардоштан намемонд. Дар хандақ дуқад шуда, роҳ гаштан лозим меомад. Аз ҳамаи нуқтаҳои оташфишон баробар тир меандохтанд. Аз шинелу тоскулоҳ хӯса сохта, онро боло бардошта, ду-се қадам роҳ гардед, дар як он тоскулоҳ чаппа шуда меафтид. Чанд бор Неъмат обдонашро ба найзаи туфанг овехта, аз хандақ боло бардошт, ки он шакли ғалберро гирифт. Аз чунин минтақаи пуроташ роҳ кушода, ба мавқеи гитлерчиён роҳ ёфтан зарурат дошт.

Қариби бегоҳ дами оташфишонӣ гашт. Ҳамин ки пардаи сиёҳии шаб ҳама ҷоро фаро гирифт, чаҳор тан ҷанговар аз хандақ ба хандақ хазида, рӯ ба сӯи минтақае рафтанд, ки аз он ҷо ба мавқеи душман ҳамла кардан мувофиқ меомад. Онҳо наздики саҳар баргаштанд.Шаби дигар боз ҳамин хел «ғайб» заданд. Танҳо баъзеҳо медонистанд, ки дар ин шабҳои торик Неъмат ва рафиқонаш капсули минаҳои душманро чида, барои убур аз Дон гузаргоҳ тайёр мекунанд. Иҷрои ин кор басе хатар дошт ва дар сурати андак ноэҳтиётӣ метавонист боиси талафоти гароне гардад.

Фашистон низ дар соҳили Дон бо танку тӯпҳои беадад ба ҳуҷуми навбатӣ тайёрӣ медиданд. Онҳо бо зарбаҳои ногаҳонӣ соҳили ростро ба даст даровардa, ин дафъа ба сӯи Сталинград лашкар кашиданӣ буданд. Дар чунин вазъият ба сарбозони мо зарур буд, ки на танҳо мавқеи худро нигоҳ доранд, балки ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, дар ҳар вазъу ҳоли ногувор садди роҳи душман шаванд.

Саҳари рӯзи дигар фармон шуд, ки қувваҳои дар соҳили рости Дон ҷамъшудаи шӯравӣ пеш аз ҳамлаи гитлерчиён ба ҳуҷум гузаранд. Тамоми захираҳоро ба кор андохтанд.

– Бародарон, ҳамватанон, барои Ватан ба пеш!

Аввал ҳавопаймоҳо паст-паст парида, мавқеи душманро беист бомбаборон карданд ва пас навбати тӯпҳо расид. Танкҳои азамат ба оташкушоӣ сар карданд.Бо мадади ҳавопаймоҳо ва тӯпчиён аскарони пиёда ба ҳуҷум бархостанд. Саф-саф завракҳо ба рӯи дарё фуромада, ба соҳили муқобил ҳаракат карданд. Завраки Неъмат ҳам дар сафи пеш мерафт. Душман дар ҷавоби тӯфони оташи сипоҳони мо саф-саф тайёра ва танку тӯпҳояшро ба кор андохт. Замину замон ба ларза даромад. Боз танаи коҷу санавбарҳо захмин шуд, лонаи мурғони беша сӯхт. Завракҳо зери дуду оташ монданд. Рӯи об лолагун. Таркиш аз паи таркиш. Пораҳои оҳан мепариданд. Дар замин танкҳо, дар осмон тайёраҳо аз зарбаи тири силоҳҳои гуногун оташ мегирифтанд. Дуди тези борут чашмро ба сӯзиш медаровард. Наҳанги ҷанг саф-саф сарбозонро ба коми худ мекашид.

Дони ором он рӯз меҷӯшид. Банохост фаввораҳои сутун-

монанди об завраки Неъматро чаппагардон карда, як сӯ ҳаво доду худи ӯро сӯи дигар. Неъмат туфангро боло бардошта, якдаста шино мекард. Як манзараи филми «Чапаев» чун барқ тез аз фазои хотираш гузашт (Чапаев вақти аз рӯди Урал гузаштан ғарқ гардид), дар сатҳи дарё доираҳои обӣ ва ҳубобҳо пайдо шуданд… Мана, ҳоло Неъмат ҳам аз дарё мегузашт, ки ҷароҳат бардошт. Тири душман ба сари синаи ӯ расид. Вай печутобе хӯрда, даст ба сари сина бурд. Як ба об ғӯтиду туфангаш ба қаъри дарё рафт. Эҳ, тири ҷоншикоф! Ин чӣ даҳшате! Дар як лаҳза хун ба рӯи дарё давид…

Дар ҳамин набарди шадид, моҳи тамузи соли 1942 ҳангоми убур аз дарёи Дон диле, ки моломол аз эҳсосоти наҷиб, моломол аз муҳаббати зиндагӣ буд, ки акнун бистуҳафтумин баҳори умрашро медид, ба қаъри дарё рафт. Вай имони комил дошт, ки ҳамсилоҳонаш душманро на танҳо аз хоки ин сарзамин меронанд, балки то лонааш таъқиб ва саркӯб хоҳанд кард.

…Ихлосу эътиқоди мардум ба шермардон интиҳо надорад. Ба бисёр ҷодаву хиёбон, мактаб, колхозу совхоз номи нахустқаҳрамони Осиёи Марказӣ Неъмат Қаробоевро додаанд.

## ВАҚТЕ КИ «ШОҲПАЛАНГ» МЕСӮХТ

Эргаш баракси одати ҳаррӯза аз кор барвақт ба хона баргашт. Дар чашмаш осори гиря дида мешуд.

– Чӣ гап? Чӣ шуд? – хавотиромез пурсид модараш Иқлимбибӣ.

Эргаш сар ба китфи модар монда, воқиаро гуфт. Иқлимбибӣ аз Ғанибой хати сиёҳ гирифтани писарашро даниста, овоз андохту гирист. Навҳаю нолаи ӯро шунида, ҳамсояҳо ҷамъ омаданд. Дар як дам ҳавлӣ азодор шуд.

Бегоҳи рӯзи се Эргаш ба падару модар гуфт:

– Худро даст гиред, ин ҷанги лаънатӣ фақат ба сари мо бадбахтӣ наовардааст… Ман имрӯз дар комиссариати ҳарбӣ будам, ҷавонҳо, ҳатто духтарон ҳам ариза дода, ихтиёрӣ ба ҷанг мераванд. Дигар дар деҳа мондани ман айб.

– Чӣ? Яъне ту ҳам…

– Бас аст! Дигар тоқат надорам, фотиҳа диҳед, меравам, барои додарам Ғанибой қасос мегирам.

Эргаш, ки ҷавони навраси ҳассосе буд, ваҳшигариҳои фашистонро шунида, хунаш ба ҷӯш меомад. Ӯ нақшаи ба ҷанг рафтанро андешида, сари ҳар гап «Ватан дар хатар аст…» мегуфт. Хоҳиши ӯ падару модарро дар фикру андеша андохт. Оқибат онҳо диданд, ки писарашон аз раъяш намегардад, розигӣ доданд.

– Хайр, рав, писарам,– гуфт падараш,– модом ки ҳама рафтанд, ту ҳам дар қаторашон бош.

Эргаш пештар ҳам ду бор ариза дода буд, ки ӯро ба ҷабҳа фиристанд. Вале бенатиҷа. Кухансолии падару модарашро ба назар гирифта, ӯро даъват намекарданд. Вай дафъаи сеюм ариза навишта, ба комиссариати ҳарбӣ омад ва бо қатъият талаб кард:

– Хоҳишмандам маро ба ҷанг фиристед.

– Ақибгоҳ ҳам ҷабҳа аст,– гуфт комиссари ҳарбӣ,– ҳоло кор карда гард, вақташ расад, туро ҳам мефиристем.

– Ҳар дафъа гап ҳамин!..

– Бале, гап ҳамин, писар,– бо мулоҳиза гуфт комиссар ва афзуд. – Дирӯзакак додарат ба ҷанг рафта буд, ту ҳам равӣ, падару модари пиронсолат дасттанҳо мемонанд…

– Дасттанҳоӣ намекашанд, ҳар ду додаракам ба қад расидаанд, дастёрӣ мекунанд. Илтимос, хоҳишамро ба ҷо оваред.

Комиссари ҳарбӣ бо Эргаш хеле ҷиддӣ гуфтугӯ кард, вале натиҷае набахшид. Маҷбур шуд, ки ин дафъа талаби ӯро қонеъ гардонад.

Баъди чанд рӯз ӯро падару модар, хешу ақрабо ва ёру ҷӯраҳояш ба ҷабҳа гуселонданд.

– Писарам, эҳтиёт шав,– гуфт модар ҳангоми ӯро гуселондан ва сару рӯяшро бӯсиду дуо кард,– сиҳат раву саломат биё! Сарат аз санг шавад! Илоҳо хонаи душман сӯзад!

Эргаш ба ҳифзи Ватан рафт.

* * *

Охири декабри соли 1943. Дар Минусинск, дар дуродури Сибир зимистони қаҳратун ҳукм меронд. Шамоли сахти

тоқатшикан чун сӯзан ба дасту рӯй мехалид. Сардӣ аз чил дарача ҳам зиёд буд. Нурҳои офтоби зимистон дар рӯи барфи нуқравор дурахшида, чашмро мебурд.

Дар яке аз ҳамин гуна рӯзҳои сармо, ки атрофро чодари сафеди барф пӯшида буд, дар машқгоҳ кори чанговарон мечӯшид. Диққати командирро дар байни аскарон бештар чавонмарди гандумгуни чашму абрӯсиёҳ, ки машқро моҳирона ба ичро расонда, аз рафиқонаш фарқ мекард, ба худ мекашид. Ин чавонмард Эргаш Шарифов буд, ки баъди хатми курси таълимии полки 26-уми шаҳри Минусинск бо рутбаи лейтенанти хурд дар полки тӯпандози 387 вазифаи ҳарбиро ба чо меовард. Вай машқҳоро нағз ичро карда, командирро шод мегардонд. Аз тӯпи панчоҳуҳафтмиллиметраи зиддитанкӣ хеле хуб тир паронда, ҳамеша чои аввалро мегирифт.

Дар масофаи сад-дусад метр дуртар аз тӯп мехсутунҳое меистоданд, ки нуқтаҳои нишонгирӣ ҳисоб меёфтанд. Аскарон дар таҳти назорати фармондеҳ асбоби зовиясанчи тӯпҳоро ба кор андохта, сутунмеххоро ба нишон гирифта, тамоми рӯз машқ мегузаронданд.

– Мана бинед,– мегуфт фармондеҳ ба тӯпчиён,– ҳозир Эргаш ба ҳӯ ҳамон «танки» дар мобайн истодаи душман оташ мекушояд. Оташ!

Ин дафъа ҳам тири Эргаш ба ҳадаф расид. Монанди ҳаррӯза сутунмехи ғафсро зада афтонд ва боз таҳсин шунид. Шавқаш дуболо шуд, чунон ки шавқи сайёд баъди шикори бобарор.

Эргаш дар машқҳо пухта шуд, обутоб ёфт ва ба зимистони қаҳратуни Сибир одат кард. Вай, ки дилдодаи манзараҳои зебои табиат буд, ба ҳусни бешазорони пурбарфи рус мафтун мешуд.

Ба Эргаш ва рафиқи ӯ лейтенанти хурд Вячеслав Михайлович Палюдов барои макшқҳоро аъло ичро карданашон як рӯз истироҳат доданд.

– Эргаш, зуд лижаро гир, рафтем,– гуфт Вячеслав.

– Кучо меравем?

– Ба тамошои тӯсзор. Зуд бош!

– Оқибат ба ваъда вафо мекардӣ-дия.

– Бале.

Эргаш мӯзаи намадинро пӯшиду лижаро гирифта, хушҳолона гуфт:

– Ман тайёр!

Ҳар ду ба беша рафтанд. Барф ба зону мерасид. Эргаш дар роҳ вақти аз дарёчаи яхбаста гузаштан лаҳзае нишаста, ба чизе гӯш андохт. Вячеслав пурсид:

– Чиро гӯш мекунӣ?

– Мешунавӣ,– гуфт Эргаш,– шилдирроси оби зери ях чӣ хел форам?

Вячеслав низ хам шуду ба ҷараёни об гӯш дод.

– Оҳангҳои шӯрангези кӯҳистони моро ба ёдам овард,– гуфт Эргаш ва як оҳ кашид.

Онҳо боз роҳашонро давом доданд. Дар рӯи барфи тоза изи пои харгӯшро диданд. Вақте ки боз андак пеш рафтанд, аз сари рорҳашон ногаҳ харгӯше баромада, ба сӯи беша гурехт. Вячеслав фарёде зад. Харгӯш бо ниҳояти суръат давида, дар як нафас аз чашм пинҳон шуд. Дар чеҳраи аз таъсири сармо сурхшудаи Эргаш ва Вячеслав осори хушнудӣ ҳувайдо гардид.

Беша. Чӣ манзараи мафтунгаре дорад тӯсзори либоси барфӣ дар бар! Садҳо дарахти сафедтанаи зебо мавзун қад кашидаанд, осмон гӯё аз сари онҳо бо ғалбер барф бехта буд. Шохаҳои тӯсҳои пир аз вазни барф хамида буданд. Дар беша чунон хомӯшие ҳукмфармо буд, ки садои пасти аз шохаҳо рехтани барф ҳам баланд менамуд. Эргаш ин хел бешаи фарохдоманро бори аввал медид. Чашму дилаш аз тамошои он сер намешуд. «Ана бешаю мана беша,– мегуфт ӯ,– чӣ ҳавои тозае!»

– Дар Тоҷикистон ҳам беша ҳаст? – пурсид Вячеслав.

– Албатта, ҳаст,– гуфт Эргаш,– аммо ин хел не. Дар доманаи кӯҳҳои осмонбӯси мо бешаҳои хурди коҷу санавбар ва арчаю чанор ҳаст. Эҳ дӯстам, Вячеслав, наваду се фоизи диёри ман кӯҳистон аст. Тоҷикистон бо боғу майдонҳои пурбору чашмаю рӯдҳои кӯҳӣ шӯҳрат дорад. Ангуру анорҳои шаҳдбор дар диёри ман аст, себу нокҳои ҳамранги рухсораи духтарон дар диёри ман мерӯянд. Ин ҳама аз фаровонии нури офтоб аст. Бесабаб диёри маро Тоҷикистони офтобӣ намегӯянд. Дар заминҳои домани кӯҳҳои мо пахтаи аълосифат мерӯяд, ки

мардум онро «тиллои сафед» меноманд. Ин ҳам аз шарофати иқлими гарми мост. Аммо зодгоҳи ман Конибодом бо навъҳои зардолуи худ машҳур аст. Чунон зардолуҳое ҳастанд, ки аз асал ҳам ширинтар.

– Ман зардолу ва шарбати онро хӯрдаам, аммо намедонам, ки дарахташ чӣ хел бошад?

– Тасаввур кун, ки садҳо бех дарахти хурду калон ба чор тараф шоха рондаанд. Шохаҳо аз серборӣ ба замин хамидаанд. Онҳо чунон мӯл ҳосил мебанданд, ки деҳқонҳо пеш аз пухтани зардолу зери шохаҳо поя мегузоранд, то нашикананд. Кас аз тамошои зардолуҳои тилоранг, ки дар зери баргҳои сабз назаррабой мекунанд, завқ мебарад. Ҷанг, ки тамом шуд, ба шаҳри ман биё, ҳамаашро нишон медиҳам, бо чашми худ мебинӣ. Оҳ, агар ту як бор Тоҷикистонро медидӣ, мефаҳмидӣ, ки ман барои чӣ ин қадар фашистҳои малъунро бад мебинам.

– Мефаҳмам, бародар, мефаҳмам, – гуфт Вячеслав. – Хондаам ва шунидаам, ки кишвари ту чӣ гуна зебост. Аслан кӣ зодгоҳашро дӯст намедорад?! Ба ман ҳам ин бешаҳо, ин тӯсҳои зебо, ин дарёчаҳои оромтабиат мисли он ки ту боғу майдонҳои диёратро дӯст медорӣ, азизанд. Фашистҳо чӣ қадар бешаҳои моро сӯзонда, хароб карданд. Онҳо аз бешаҳои мо меҳаросанд, бешаро бинанд, бим аз ҳуҷуми партизанҳо мекунанд. Фардо дар роҳҳои ҷанг тӯсҳои маҷрӯҳро мебинем, ки танаю шохаҳояшон сӯхта сиёҳ шудаанд. Мо барои он тӯсҳои захмдор ҳам интиқом мегирем.

Эргаш ва Вячеслав дар беша хуб саёҳат карданд. Ин охирин истироҳати онҳо буд пеш аз ҳарбу зарб. Вақти аз беша баргаштан ҳар ду ҳам лаҳзае ба фазо нигариста монданд: аз болои сар селаи зоғони ало мегузашт.

Субҳи дигар фармондеҳи полк, подполковники гвардия Муравёв амр дод, ки тӯпчиён саф кашанд.

–Рафиқон, тайёрии мо ба охир расид, шумо аз машқҳо нағз гузаштед,– гуфт ӯ. – Акнун вақти ба ҷанг даромадани мо расид. Имрӯз тиру тӯп, мошинҳои тӯпкаш ва дигар лавозимоти ҳарбиро ба ихтиёри шумо месупорам ва бовар мекунам, ки бар зидди душман диловарона меҷангед. Душманро як бар даҳ мекӯбем!

Аз қиёфаи тӯпчиён зоҳир буд, ки ҳар яке фардо то метавонад душманро бештар мекӯбанд ва пешрафти ҷабҳаро таъмин мекунанд.

Эргаш ба остонаи ҳаёти ҷангӣ қадам ниҳод.

* * *

Саҳарӣ ҳайати Эргаш Шарифов аз беша баромада, дуртар аз роҳе дар буттазори сари теппа барои оташфишонӣ мавқеи мувофиқе ишғол кард. Аз куҷое садои тир ба гӯш мерасид. Эргаш бо дурбин атрофро аз назар гузаронд. Дид, ки аз дур як танк ва аз пасаш се мошини пурбор меояд. Аз афташ, фашистҳо ба хатти пеши ҷанг лавозимоти ҳарбӣ фиристоданӣ шуда, роҳгум задаанд. Эргаш тӯпро дар буттазор хеле устокорона аз чашми душман пинҳон карду дар даст граната омодаи ҳуҷум истод. Танк ба мошинҳои пурбор роҳбаладӣ карда меомад. Онҳо хеле наздик омаданд. Баногоҳ тӯпи Эргаш оташ кушод. Ду граната ба зери тасмачархи танк афтода таркид ва танк истод. Ронандаҳои мошинҳо худро аз кабина берун зада, автоматҳоро кор фармуданӣ буданд, ки ҳадафи тирҳои аскарони сурх шуданд. Танкчии фашист сарпӯши танкро кушод.

– Напаронед! – фармон дод Эргаш.

Фашист аз танк берун омад, аз паи ӯ боз ду тани дигар дасти таслим бардошта баромаданд. Эргаш дар даст граната назди онҳо рафт. Чашми фашистҳо аз косахонааш баромад.

– Ҳа, фритсҳо, роҳатонро гум кардед?! – гуфт Эргаш.

– Гитлер капут! – мегуфтанд онҳо ҳаросон.

Эргаш бо ишораи даст ҳамсилоҳонашро ҷеғ зад. Се-чор кас аз сари теппа фуромада, чодари болои мошинҳоро бардошта диданд. Ҳар сеи мошин аз озуқаю хӯрокворӣ пур буд.

Танкчиёни фашистро ба ситоди полк оварданд. Фармондеҳи полк Муравёв ба афту андоми онҳо хеле чашм давонд ва аз аскаре пурсид:

– Инҳоро кӣ дошт?

– Ҳайати Эргаш Шарифов.

– Канӣ, худи Эргаш?

– Он ҷо, дар назди мошинҳо…

Баъди он ки аскар воқеаро батафсил нақл кард, фармондеҳ ба мошин нишаст. Мошин аз якчанд пастхамию ҳамворӣ гузашта, ба роҳи сангфарше расид ва баъди ним соат ба ҷои воқеа омад.

Эргаш даст ба чакка бурда, ба фармондеҳ муроҷиат кард:

– Се мошин озуқа ғанимат гирифтем, чордаҳ фашистро нобуд кардем, се нафар асир афтод. Талафе надодем!

Командир дасти Эргашро фишурда гуфт:

– Офарин! Ту имрӯз ба полк хизмати бузурге кардӣ. «Забонҳо» бояд бисёр сирҳоро донанд.

Баъди ин воқиа овозаи ҳайати Эргаш Шарифов дар полк паҳн шуд.

* * *

Пас аз ҷангҳои шадид дамгирии кӯтоҳмуддат доданд. Ҳар кас ба коре машғул буд: яке риш мегирифт, дигаре сӯзану ришта дар даст тугма мешинонд, сеюмӣ болои шинел якпаҳлу зада, мактуб менавишт. Эргаш рӯи кундае нишаста, мактуби аз хонаашон омадаро мехонд. Додараш Деҳқонбой пас аз хабари саломатии аҳли оила навишта буд: «Ҳозир дар ҷойҳои мо баҳор. Зардолу гул кард. Боғу майдонҳо пур аз бӯи пудинаю шукуфа. Модарам ҳар гоҳ ки санбӯса ё тушбераи алафин пазанд, шуморо ёд мекунанд. Ако, аз падару модар хавотир нашавед, дуои ҷонатонро карда гаштаанд. Ҳа, дар воқеъ ба қарибӣ хешу таборҳо сари маслиҳат омаданд, ки ҳамин баҳор ба акоям Ғанибой сафедпӯшон кунем. Дигар навигарие нест. Хоҳони саломатии шумо додаратон Деҳқонбой».

Эргаш мактубро чорқат карда, ба кисса андохт. Дар паҳлуи ӯ ду-се нафар ҷанговар ба коғаз тамоку печонда, дуд мекунонданду бо ҷӯшу хурӯш аз хусуси далерию шуҷоат мунозира доштанд. Яке мегуфт:

– Қаҳрамонӣ на он аст, ки манманӣ карда, биҷаҳию ба пеш бароию ҳадаф гардӣ ба тири душман. Ба фикрам, қаҳрамонӣ он аст, ки дар вазъияти душвору мураккаб истодагӣ ва матонат нишон дода, роҳи ба мақсад мувофиқи ҷангиданро ёбию пирӯзӣ ба даст оварӣ бар душман.

Эргаш ба баҳси рафиқонаш ҳамроҳ шуда, байте хонд:

*Агар тарсӣ аз хатар,*
*Макун орзуи зафар!*

Баъд онро ба русӣ маънидод карду гуфт:

– Ҳолӣ ин фритсҳои лаънатиро чунон занему хоку туроб кунем, ки…

Ҳама ба ӯ бо ишораи тасдиқ нигариста, гӯё мегуфтанд: «Оре, душманро мекӯбем!»

Вақте ки Эргаш ба паси тӯп гузашт, ҷанговар Митрофанов назди ӯ омада, арзи муддао кард:

– Бародар, аз ту як илтимос.

– Хӯш?

– Ба наздикӣ байни ману роҳбари сиёсӣ гуфтугӯи ҷиддие сурат гирифт. Вақти ба сафи ҳизб дохил шудани ман расидааст. Як тавсияномаро худи ӯ медиҳад. Чӣ мешуд, ки ту ҳам тавсия медодӣ?

– Бо ҷону дил,– гуфт Эргаш. – Кайҳо бояд ин корро мекардӣ. Пасфардо маҷлиси ҳизбии полк доир мегардад. Ман, чун узви садорат ба номзадии ту тарафдорам.

Дар ин вақт қисмҳои Артиши Сурх Руминия ва Венгрияро аз фашистон озод мекарданд. Ҷанговарони полке, ки дар он Эргаш Шарифов хизмат дошт, ба хоки Чехословакия дохил мешуданд. Мардуми ин диёр аскарони шӯравиро, чун дӯстони наҷотбахши худ пешвоз мегирифтанд ва ҳамроҳи онҳо меҷангиданд. Муҳориба торафт шиддат меёфт. Ҳар ваҷаб заминро бо ҷангҳои хунин озод мекарданд. Гитлерчиён шаҳру деҳоти ин сарзаминро бераҳмона хароб карда, мардумро азоб медоданд. Гитлер чеххоро «хукҳои славянӣ» меномид ва дар ҳаққи онҳо ҳар ҷабру ҷафоро раво медид. Вай ба лашкари ғоратгараш фармон дода буд, ки бо зӯри теғу оташ чеххоро кор фармуда, боигарии ватани онҳоро ба худ баранд.

Инак, муҳорибаи шадид дар Банска-Бистритса. Ҳайати Эргаш Шарифов чун аз аввалинҳо ба шаҳр даромад ва ба пиёдагардҳо роҳ кушод. Аммо дар шаҳр, дар ин маркази вилояти Словакияи Миёна задухӯрди беамоне ба вуқӯъ пайваст. Аз мили автомату пулемёт ва тӯпу катюшаҳо пайваста оташ меборид. Аскарони шӯравӣ гитлерчиёни рӯ ба фирор овардаро таъқиб карда, фурсати нафасросткунӣ намедоданд. Фашистҳо,

гарчи ақибнишинӣ мекарданд, вале баъзан ба ҳуҷуми ҷавобӣ мегузаштанд. Онҳо хусусан бисту якум ва бисту дуюми асрели соли 1945 дар самти шимолу ғарби деҳаи Страни то охирин қувваи худ ба аскарони шӯравӣ муқобилат нишон доданд. Тайёраҳои бомбаандози онҳо ба сари мардум борҳои марговар партофта, дар дили аҳолӣ ваҳму ҳарос меандохтанд.

Осмон пур аз дуду ғубор ва ҳаво тиравү тор буд. Дар сари ҳар қадам осори бомбабoрони ваҳшиёна дида мешуд. Дару тирезаи хонаҳо месӯхт. Бӯи ғализи борут нафасро мегирифт. Сабзаву гиёҳҳо саросар сӯхта, гулзорҳо хароб гардида, замин ранги хокистарро мемонд. гулдуроси пайдарпаи гӯшхарош, наъраи даҳшатангези тӯпҳо, ғурриши муҳаррики ҳавопаймоҳои бомбаандоз, ғуввоси тирҳои миномёт, садои таркиши гулӯлаю минаҳо замину замонро ба ларза меовард. Ҳар ҷо – ҳар ҷо ҷасади бесару бедаст ва бепои фашистон мехобид. Шаҳр дар муҳорибаи чандинрӯза харобу валангор гашта буд: девори биноҳо шикоф-шикоф, дару тирезаҳо порапора, кӯчаҳо вайрон, ҳайкалҳо ба замин яксон… Душман чун дарандаи захмдор, ҳар қадар ба дами марг наздик мешуд, бештар харобкорӣ мекард.

Дар ҳамин муҳориба ба ҷуз Эргаш Шарифов ва Вячеслав Полюдов дигар ҳама аз қатор баромаданд. Ин ҳайати дунафара то расидани қувваи нав ҳамлаи паёпаи душманро зада баргардонда, истодагарӣ мекард. Эргаш рӯ ба рӯи душман оташ мекушод, Полюдов ба тӯп тир ҷо мекард. Маҳорати мергании Эргаш буд, ки тир бехато ба нишон мерасид. Ногоҳ Полюдов аз китфаш тир хӯрд. Эргаш саросема куртаи ӯро даронду китфашро баст ва зуд боз ба паси тӯп гузашт. Дид, ки аз муқобил ду тӯпи худгард ва аскарони пиёдаи душман меоянд. Вай мили тӯпро ба он сӯ гардонду оташ кушод. Тӯпе, ки дар сафи пеш меомад, даргирифт. Сарбозони гитлерӣ ҷо-ҷо шинак гирифта, беист ба тирандозӣ даромаданд. Ба гирду атрофи Эргаш гулӯлаҳо метаркиданд, аз болои сараш тирҳо вижжосзанон мегузаштанд, аммо ба ӯ намерасиданд. «Ба нотарс тир намерасад» гуфтани ҷанговарон рост будааст.

Тӯпи Эргаш хомӯш монд. Душман гумон бурд, ки кори ҳарифаш тамом шуд, аммо ҷанговари зирак аз гитлерчиён

чашм наканда, онҳоро ба худ наздиктар меовард. Аз дур махлуқҳои одамсурат тез-тез қадам зада, аз туфангҳояшон тир холӣ карда, пеш меомаданд. Додзаниҳои ба аккоси саг монанди онҳо ба гӯш мерасид. Эргаш аз ғазаб дандонҳояшро соида, дашноми болохонадори тоҷикӣ доду зери лаб гуфт:

– Биё, лаънатӣ, наздиктар биё! Ин ҷо марг туро интизор аст! – ва тӯпро ба кор андохт. Се-чор норинҷак ҳам ҳаво дод.

Дар ин асно садои «Ура!»-и Аскарони Сурх баланд шуд, ки душман дигар муқобилат накарда, битамом ақиб нишаст. Дар ин ҷанг танҳо худи Эргаш решаи умри сӣ фашистро канд ва якчанд тӯпи худгардро аз қатор баровард. Баъде ки дар Банска-Бистритса душман пурра торумор шуд, ӯ аз вазъияти пешхатти фронт ба ақибгоҳ, ба ҳайати фармондеҳ хабар расонд.

Дар майдони ҳарбу зарб одам ташнаю гушна монданашро ҳам фаромӯш мекунад. Эргаш, гӯё чизеро гум карда бошад, худро гаранг мепиндошт. Ҳа, якбора ба ёдаш расид, ки ташна мондааст. Вай обдонро ба сараш бардошт. Ба назараш ҳамин хел менамуд, ки ҳозир як дарёи оби кӯҳистонаш бошаду ӯ сар набардошта нӯшад.

Он рӯзҳо падару модари Эргаш мактуби сегӯшаи аскарӣ гирифтанд. Ин охирин мактубе буд аз фарзандашон. Эргаш навишта буд: «Азизонам, аз ман парешон нашавед. Дидор наздик. Ба ғалаба рӯзҳои башумур монд. Сипоҳони мо фақат пеш мераванд. Мадори душман хушк шуда монд. Ғалабаи мо ҳатмист. Танҳо як ҳайати мо барои озод кардани Банска-Бистритсаи Чехословакия даҳ тӯпи худгарди душманро аз кор бароварда, як олам гилерчиро торумор кард ва асир гирифт. Акнун роҳи мо ба сӯи Берлин. Ин қадар роҳҳои дуру дарози ҷангиро, ки тай карда, душманро то Чехословакия кӯфта омадем, бояд дар рӯзҳои наздик ба Берлин ҳам дароем. Шояд дафъаи дигар, аз худи Берлин хат нависам… Хайр, то боздид! Писари шумо Эргаш».

* * *

Боз бисёр ҷонбозӣ кардан лозим меомад, то душман ба зону шинонда шавад. Ҷанговарон роҳи дуру дарозеро паймуда,

ба сӯи ғарб мерафтанд. Онҳо аз чандин кӯҳу кӯтал, наҳру дарё ва водию дараҳо гузашта, вақти говгум назди Угерск-Брод ном шаҳри Чехословакия расиданд. Дар ин ҷо муддате таваққуф карда, шабро гузарондан лозим омад. Ин як навъ дамгирӣ барои ҳама айни муддао афтод.

– Хайрият, дам мегирем,– гуфт Полюдов риши расидаашро кафмол карда. – Чандин рӯз боз ба сархорӣ ҳам вақт намерасид… Дар воқеъ, имрӯз чандум?

– Имрӯз бисту ҳаштуми апрели соли 1945,– дуди тамокуро пуф карда, ҷавоб дод Золотов. – Ин Гитлери падарсаг ҳамаро ба танг овард, ҳатто фурсати радио гӯш кардан ҳам нест…

– Ҳеҷ гап не, бародарҳо, зиёдаш рафту камаш монд,– ба гап ҳамроҳ шуд Эргаш. – Биёед, беҳтараш каме ғанаб равем.

Ҳама лаб фурӯ бастанд. Посе аз шаб мегузашт. Атроф сокит. Фақат аз як гӯшаи хеле дур гоҳ-гоҳе мушаки рангин парида, хотири касро парешон месохт. Эргаш дастонашро зери сар болин карда мехобид. Вай ҳамин хел хобида, тамошо кардани осмонро дӯст медошт. Осмон дар назараш чун уқёнуси беканор ва абрпораҳои сафед чун моҳиён менамуданд. Ситораҳо пурнуртар тофта, чашмак мезананду ӯро ба олами беохири хаёлот мебурданд. Эргаш беихтиёр ба хотир овард, ки боре як рафиқи русаш гуфта буд: «Ғайр аз сайёраи мо боз дигар сайёрае ҳаст, ки дар он низ одамон зиндагӣ доранд. Дар байни сайёраҳо Замини мо беҳтарин, зеботарин ва пурнеъматтарин сайёра будааст». Ба назари Эргаш ҳамин хел намуд, ки одамони он сайёраи номаълум ба ношукурию ноиттифоқии заминиён механданд ва мегӯянд: «Ба шумо чӣ намерасад, ки бо ҳамдигар меҷангед? Ба ҷои он ки биёбонҳои бепоёнро обод кунед, шаҳрҳои шукуфонро хароб мегардонед». Дар ҳақиқат, Эргаш аз хаёл мегузаронд, ки чаро аз Ватан дур, аз падару модар ва ёру дӯст ҷудо дар як қитъаи дигар меҷанганд? Эҳ, Гитлери лаънатӣ, ту ҷангро сар кардӣ, мо онро анҷом медиҳем… Эргаш чашмашро пӯшида, хост ғанаб кунад, аммо хобаш набурд. Чандин вақт боз нахуфта, ба бедорхобӣ одат кардааст.Вай манзараҳои табиати диёри офтобиаш, заминҳои пахтаи паси деворҳои қалъаи Маҳрам, боғҳои анҷиру анор, симои падару модар ва дӯстонашро пеши назар меоваард.

Сонӣ чанд лаҳзаи ҷангҳои сахтро ёд овард. Вай барои иҷрои супоришҳои ҳайати фармондеҳ борҳо ба гирифтани ордену медалҳо муяссар гардид. Чанд бор сазовори таҳсинномаи Сарфармондеҳи Олӣ ҳам шуд. Ба хотираш расид, ки чӣ хел чор сол пеш иди Наврӯзро ҳамроҳи аҳли оила пешвоз гирифта буд, чӣ хел аз маркази деҳа овози карнаю сурнай баланд шуда, дастаи духтарону писарон рақсу бозӣ карда, таронаҳои наврӯзӣ мехонданд. Ана, баъди ду рӯз боз ид аст, иди Якуми Май, аммо ҳоло идро дар майдони ҷанг, дар хандақу заминканҳо пешвоз мегирад, дар лаби касе осори табассум нест.

Чашми рӯз кушода нашуда, Эргаш дасту рӯ шуст. Ғайр аз Полюдов дигар ҳама хоб буданд. Эргаш дар сари ҷанговарон лаҳзае рост истода, онҳоро аз назар гузаронд. Ҳама масти хоб. Дили кас намешавад, ки онҳоро бедор кунад. Вале чӣ илоҷ?

– Рафиқон, бархезед! – садо баровард Эргаш.

Ҳама саросема бедор шуда, ба атроф нигаристанд. Хомӯшӣ. Акнун сапеда медамид. Аз ваҷоҳати ҷанговарон пайдо буд, ки кӯфтагии роҳ ва бедорхобии чандинрӯза андаке рафъ шудааст.

Ҷанг, ҷанги шадид! Шояд ин набарди охирин бошад. Набарди охирин аз ҳама вазнин мешавад. Угерск-Брод ва деҳаҳои атрофи онро аз дасти душман мераҳонданд.

Гитлерчиён хостанд, ки алоқаи аскарони ақибгаштаи худро дар назди Угерск-Брод нигоҳ доранд.Бо ин мақсад қисмҳои махсуси танкиро мустаҳкам ҷойгир карданд. Полки 387-уми шӯравӣ дар ҳамин ҷо ба ҷабҳаи сеюми танкии душман вохӯрд.

Ба ҳайати Эргаш Шарифов минтақаи хавфноктарин – роҳи калони мошингардеро, ки шаҳрчаро миёнбур карда мегузашт, супурданд. Ин ягона роҳи тахту ҳамвори ба боркашонӣ мувофиқе буд. Гитлерчиён аз ин роҳ урдуҳои ҳарбӣ, қисмҳои худгардашонро ба хатти пешҷанг мефиристоданд. Қарибии чоштгоҳ ғурриши муҳаррикҳо ба гӯш расид. Танкҳои душман ба ҳуҷум гузаштанд. Эргаш бо дурбин дид, ки аз самти ғарб гурӯҳи танкҳои зиреҳпӯшу тӯпҳои худгард меояд. Онҳо дам ба дам оташ кушода, сӯи мавқеи тӯпчиёни шӯравӣ ҳаракат

карда, аз паси худ пиёдагардҳоро меоварданд. Шумораи танкҳо хеле зиёд: як, ду, се, панҷ, даҳ ва боз чанд тӯпи худгард.

Эргаш фармон дод, ки зуд мавқеи оташфишониро иваз кунанд. Тӯпро аз ҳамворӣ ба танӯраи паси теппача бароварданд, то душманро аз ҷои мувофиқтар «пешвоз» гиранд.

– Мурем ҳам ақиб намегардем! – гуфт Эргаш.

Танкҳо ва тӯпҳои худгард бо ғурриши даҳшатангезе торафт наздик меомаданд. Пеш-пеши онҳо ду танки азимҷуссаи «Шоҳпаланг», ки дар паҳлӯяш тамғаи фашистон нақш ёфта буд, чун роҳбалад меомад. Ҷанговаронро ҳаяҷон фаро гирифт. Онҳо ба Эргаш гуфтанд:

– Рухсат диҳед, оташ кушоем.

– Сабр кунед, боз каме наздиктар оянд.

Тӯпчиён дандон ба дандон монда, мунтазири фармон меистоданд.

– Оташ! – фармон дод Эргаш.

Се гулӯлаи аввалин паси ҳам ба нишон расид, баки бензини як «Шоҳпаланг», ки дар сафи пеш меомад, таркиду даргирифт. Аланга ва дуди ғализ фаввора зад. Боз ду гулӯла андохтанд, ки тасмачархи «Шоҳпаланг»-и дуюмро канд. Танки дигарро аз сарпӯшаш зада вайрон карданд. Душман беист ба тирандозӣ даромад. Аскарони шӯравӣ ҳам аз ҳамаи намуди силоҳҳо оташ кушоданд. Тир чун жола меборид. Ҳар ҷо – ҳар ҷо танкҳо месӯхтанд. Атрофро пардаи ғафси дуду ғубор фаро мегирифт. Бӯи ғализ дилро беҷо мекард. Ногоҳ дуртар аз тӯпи Эргаш гулӯла афтод. Полюдов боз захмдор шуд. Эргаш захми ӯро басту ишора кард, ки ба ҷои бехатар – ба паси теппача равад ва худ ба ҷои ӯ гузашт. Баъди фурсате тиркашон ҳам аз по афтод ва дигар барнахост. Дар паси тӯп худи Эргаш монд. Ӯ ҳам тир ҷой мекард, ҳам нишон мегирифт, ҳам мепаронд. Ин вақт тире пешонаашро лесида гузашт. Хати лолагуне аз ҷабини ӯ ба бари рухсорааш таровид. Эргаш чун шери захмӣ ба хашм омада меғурид.

Боз як танк сӯхт. Сарпӯши болодари он кушода шуду ронандааш саросема сар баровард. Ҳамин ки вай то миёнаш берун омад, ҳадафи тир гардида, печутобхӯрон якпаҳлу афтод.

Ҷасади ӯ дар рӯи сарпӯши дарича овезон монд. Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Чунин менамуд, ки душман ақибнишинӣ кардааст. Эргаш дурбинро ба пеши чашм бурду роҳу биноҳои шаҳрчаро аз назар гузаронда, дар рахнаи девори хонае мили тӯпро дид. Зуд он ҷоро нишон гирифта, паси ҳам оташ кушод. «Пантера» ба сӯхтан даромад. Ду-се танки боқимонда ақиб гашт. Эргаш онҳоро дунболагирӣ карданӣ буд, ки ба дасти чапаш тир расида, чор ангушташро бурида партофт. Аз зӯрии дард сараш чарх зад, дилаш беҳол шуду ҳамзамон ба ҷояш нишаст. Як лаҳза чашмашро пӯшида, дар хаёлаш модарашро дид. «Бархез, писарам! – хитоб мекард модар. – Душманро бизан! Барои бародаронат қасос гир!» Баъд ба назари ӯ падараш намуд. «Мард бош, писарам,– аз дасти Эргаш дошта мегуфт ӯ. – Далер шав! Хуни хунхӯронро резон! Чашми мо дар роҳи туст!»

Дар қарибии Эргаш гулӯлае таркида, садои гӯшкаркунандае баровард. Эргаш ба худ омад. Дид, ки аз захмаш бисёр хун рафтааст. Кафи дасташ гӯё дар оташ месӯхт. Захмашро бастан хост. Ва фақат ҳамин ҳоло пай бурд, ки чор ангушташ нест.

Боз ғурриши танк! Эргаш дардро ҳам фаромӯш карда, зуд бархосту якдаста ба тӯп тир ҷой кард. Аз рӯ ба рӯ танки фашист рост ба сӯи ӯ меомад, тӯпчиро пахш кардан мехост магар, ки оташ намекушод. Эргаш мақсади фашистро пай бурд. «Ту лаънатӣ, тушбераро хом шумурдӣ» гуфт ва хост мили тӯпро сӯи танки душман гардонад. Аммо тӯпро якдаста идора карда натавонист. Танк хеле наздик омад. Чӣ бояд кард? Эргаш хунсардона охирин норинҷаки зиддитанкиро бо тамоми қувва зери тасмачархи он ҳаво доду ба замин хобид. Баъди таркиш сар бардошту дид, ки танк аз ҳаракат монда, аз байни чархҳояш дуд печутоб зада мебарояд. Нохост ба ӯ боз тир расид. Ин дафъа сахт захм бардошт. Аз захмҳояш якзайл хун мерафт. Ҳамин вақт танкчиёни шӯравӣ ҳамроҳи партизанҳои Чехословакия расиданд сари размгоҳ.

Эргаш фармондеҳи полк Муравёвро дида, хост табассуме намояд, вале натавонист.

– Фашистҳо ақиб гаштанд? – базӯр пурсид ӯ.

– Ором бош, онҳо тамоман ақиб гаштанд, дигар муқобилат карда наметавонанд,– ҷавоб дод Муравёв. – Офарин, Эргаш! Ту дами роҳи душманро гирифтӣ. Сиҳат шавӣ, боз ҳамроҳ мечангем, то худи Берлин рафта, Рӯзи Ғалабаро бо ҳам мебинем.

Ҳамшираи шафқат бо ёрии ҷанговарон захмҳои Эргашро баст. Дард аз нав боло рафт. Докаи сафед дар як лаҳза лоларанг гашт. Ӯро ҷанговарон аз зери бағалаш гирифта, хостанд ба ҷои бехавф баранд. Вай дар ҳолате, ки аъзои баданаш маҷрӯҳ буду аз шиддати захмҳои муҳлик маҷоли ҷунбидан надошт, сарашро андаке боло гирифту ба сӯи танкҳои ҳанӯз сӯхтаистодаи фашистӣ нигарист ва канда-канда нафас кашида гуфт:

– Не, бародарҳо, маро набаред! Ман то охир бо шумо! Боз сӯхтани «Шоҳпаланг»-у «Пантера»-ҳоро дидан мехоҳам…

Ин буд охирин сухани Эргаш, ки на танҳо барои додараш Ғанибой аз душман интиқом гирифт, балки барои ҳазорон нафар бародарони худ низ ниқор ҷуста, то дами вопасин ҷангид ва як ҳафта пеш аз Рӯзи Ғалаба дар Чехословакия ба шаҳодат расид. Вай дигар ҳарфе гуфта натавонист. Ба самти офтоббаро, ба нуқтаи дуродури номаълуме чашм дӯхта, хомӯш монд. Кӣ медонад, ӯ дар ин дақиқаҳо зодгоҳаш Маҳрамро ба ёд меовард, ё падару модари кӯҳансоли дар роҳаш интизорро? Кӣ медонад? Шояд симои рафиқони ба дил наздики худро пеши назар меовард, ё духтари шӯхчашми дилдодаашро, ки ҳар субҳро бо умеди висол пешвоз мегирифт…

Тӯпчиён ҷасади сарварашон, коммунисти ҷонфидо Эргаш Шарифовро дар он ҷое, ки ӯ бар зидди қисмҳои танкии душман қаҳрамонона ҷангида, бо оташи интиқомаш хоки ҳастии бисёр фашистҳоро бо ғирболи фано бехта буд, ба хок супурданд. Сонӣ дар сари қабр лаҳзае сархам истода, аз силоҳҳо чанд карат тир андохта, бо рафиқи ҷангиашон видоъ гуфтанд.

Фармондеҳи полки сесаду ҳаштоду ҳафтуми тӯпандоз Л.Н. Муравёв лейтенанти хурд Эргаш Шарифовро ба мукофоти олӣ пешниҳод карда, дар тавсифнома навишт, ки ӯ дар ҷангҳо барои сарзамини Чехословакия шуҷоат ва ҷасорати беҳамто нишон дод. Ҳайати ӯ аз аввалинҳо ба шаҳрҳои Банска-

Бистритса ва Угерск-Брод даромада, ба сипоҳони пиёдагард роҳ кушод. Як худи Эргаш Шарифов даҳҳо душманро қир кард, чор «Шоҳпаланг», ду «Пантера» ва бисёр тӯпҳои худгарди фашистиро аз қатор баровард. Вай дар лаҳзаи ниҳоят душвор ҳамлаи душманро гардонда, то омадани қувваи нав мавқеъро аз даст надод. Корнамоиҳои қаҳрамононаи ӯ сазовори мукофоти олист.

Баъди ҷанг, соли 1946 ба номи падару модари қаҳрамон аз Москва мактуби махсусе омад. Дар варақаи нафисе бо хати зарҳалӣ навишта шуда буд: «Бо фармони Раёсати Шӯрои Олии СССР аз понздаҳуми маи соли 1946 ба фарзанди Шумо – лейтенанти хурд Шарифов Эргаш барои дар ҷангҳо мардонагии бемислу монанд нишон доданаш баъди вафот номи олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд. Ба Шумо, ба аҳли оилаи шумо, ки чунин фарзанди диловару ватандӯстро тарбия карда, ба камол расондаед, таҳсину таҳният мегӯем. Ватан чунин писарони содиқи худро ҳамеша поси хотир медорад!»

* * *

Дар маркази деҳаи Маҳрам бинои назаррабое қомат мекашид. Ин бинои аввалин мактаби деҳа аст, ки Эргаш Шарифов (1913-1945) аз нахустин дастпарварони он ҳисоб меёбад. Конибодомиҳо барои абадӣ гардонидани хотираи фарзанди худ ба мактаб номи Эргаш Шарифовро додаанд. Дар даромадгоҳи мактаб, дар иҳотаи гулҳои рангоранг ҳайкали қаҳрамонро гузоштаанд. Ҳам писару духтароне, ки як вақтҳо аз Эргаш Шарифов дарси адаб гирифтаанд, ҳам онҳое, ки шарикдарси ӯ буданду баъдан ҳамроҳаш кор мекарданд, ҳам пиронсолоне, ки давраҳои кӯдакӣ ва наврасии ӯро медонанд, назди ин ҳайкал меоянд. Аксар вақт куҳансолон – ҳамнишину ҳамрози Эргаш ба ин ҳайкал чашм дӯхта, гарқи хаёл мешаванд, ҳаёт ва корномаҳои қаҳрамонро ба ёд меоранд. Ҳар рӯз гирди ҳайкал пур аз мактабиён мешавад. Гӯё Эргаш дар иҳотаи фарзандони деҳаи Маҳрам қадам мезанаду ба шодию ғами онҳо шарик аст.

Шаҳри Угерск-Брод. Захмҳои ҷанг кайҳо шифо ёфтаанд, аз шинакҳо ва хандақҳои зиддитанкӣ, аз боқимондаҳои тӯпу

танкҳои пора-пора, мошинҳои сӯхта ва биноҳои харобгашта осоре ба назар намеояд. Дар ин шаҳр қабристони бародарӣ воқеъ аст. Дар миёнҷои ин оромгоҳи шаҳидон санги боҳашамати мармар гузоштаанд, ки дар он номи Эргаш Шарифов ҳам сабт ёфтааст. Мардум аз рӯи анъана аввалин гулҳои баҳориро ба сӯи ин дахма меоранд. Ҳар сол бисту шашуми апрел – Рӯзи озодии Угерск-Брод тамоми аҳолӣ ба ин ҷо омада, маросими ёдбуди шаҳидонро ба ҷой меоваранд. Онҳо атрофи дахмаро ба гулзор табдил додаанд. Дар байни анвои гулҳо махсусан оташгулҳо бештар диққати касро ба худ мекашанд. Гӯё аз хуни муқаддаси шаҳидон дамидаанд ин гулҳои сурх.

Мардуми ин диёр ба хотири ҳимоятгари сарзаминашон, қаҳрамонписари тоҷик сари таъзим фуруд меоваранд.

## ШИОРИ ЗИНДА

Ҳар гоҳ бо ин марди тануманди нуронии асобадаст рӯ ба рӯ оям, даҳшату мусибатҳои айёми ҷанг ба ёдам мерасанд. Вай тирамоҳи соли 1942 бо дасту пои бутун ба ҷанг рафта, баҳманмоҳи соли 1944 бо ду пои бекафу панҷа ва бо як дасти захмию ду асобағал баргашт. Дар истгоҳи роҳи оҳани Конибодом ӯро се мусофир аз вагон фуроварда, ба аробае савор карданд. Аробаи шалақи пурбор аз роҳи оҳан то назди почтахонаи шаҳр омада, роҳашро дигар кард. Акнун Фозилҷонро лозим меомад, ки то хона пиёда равад. Аз ароба фуромада, бо асобағал андак роҳ рафт, ки захмҳои пояш боз ба дард омад, ҷароҳати дасташ, ки ҳанӯз пурра шифо наёфта буд, азобаш дод. Вай дар ҳамин ҳолати ноҳинҷор боз чанд қадам пеш рафту дар сари роҳ ноилоҷ бозистод ва дар дилаш гуфт: «Лаънат ба ҷанги хонумонсӯз! Лаънат ба фашистони ваҳшӣ. ки ба сари мо ин мусибатҳоро оварданд!»

Ин дам Додохон Ғиёсов ном роҳгузар тасодуфан аз пеш омад ва овоз баровард:

– Фозилҷон?

– Ҳа ҷон, Додоҷон,– ӯро шинохт Фозилҷон.

Ҳар ду якдигарро бағал гирифта, даруннокӣ гиристанд.

– Ба дасту поятон чӣ шуд? – пурсид Додохон.

– Аз касофати ҷанг ба ҳамин ҳол расидам. Ними кафи ҳар ду поям нест, дасти ростам маҷрӯҳ. Аз истгоҳи роҳи оҳан бо ароба омадам. Ба хона рафтанӣ, аммо…

– Ҳозир ман ёрӣ медиҳам,– Додохон пушт гардонда, хам шуд. – Аз гарданам гиред, пуштора мебарам.

– Не. Наход бардошта баред?!

–Зарур бошад, равост.

Фозилҷонро шиноси деринаш озод бардошта, ҳар ҷо-ҳар ҷо дам гирифта, хушгӯиҳо карда, оқибат чун як пуштора кундаи вазнин то дари ҳавлиашон, ки дар маҳаллаи Усмонбек воқест, расонд.

– Акнун истед, ба хона худам дароям,– гуфт Фозилҷон,– падару модарам аҳволамро дида, мабодо…

Фозилҷонро модараш Тӯхтабону ва падараш усто Акрам бо ду асобағал дида, фиғон бардоштанд. Дуд аз димоғашон баромад. Ҳар се овоз андохта гиристанд. Бӯсобӯсию оғӯшкашӣ, нолаю афғонашон интиҳо надошт. Сипас усто Акрам завҷаашро тасалло дода, бо сабру тааннӣ гуфт:

– Акнун ором шав, занак. Писарамон маъюб бошад ҳам, шукр, зинда баргашт. Бахташ баландӣ карда, зинда мондааст…

Рӯзгори ҷангии Фозилҷон Акрамов аз ноҳияи Шёлковскии вилояти Москва дар баталёни 20, дивизияи шашуми десанти ҳавоии гвардия оғоз ёфт. Ба аскарбачаҳо гоҳ машғулияти ҳарбӣ мегузаронд, гоҳ ба вагонҳо лавозимоти ҷангӣ мекашонд. Аввали ноябри соли 1942 ӯро ба омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Ногинск фиристоданд. Баъди таҳсили семоҳа фармон гирифт, ки боз ба қисми ҳарбии худ баргардад. Вай аз ин ҷо чун пулемётчии пиёдалашкар ба майдони ҳарб рафт.

Наздикиҳои Великие Луки. Саҳари якуми марти соли 1943 бо қисмҳои душман, ки маҷбуран ақиб мегурехтанд, ҷанги шадиде ба вуқӯъ пайваст. Фозилҷон аз пулемёти дастӣ оташ мекушод. Аз ҳар ду тараф ҳам талафот калон буд. Қарибиҳои пешин дар рамзгоҳ якбора шаш танки фашистон пайдо шуд.

– Дар паси мо ба ту ҷой нест,– гуфт фармондеҳи даста Родионов. – Агар мо зинда бошем, гузаштан натавонӣ!

Воқиан ҳам танкҳои филҷуссаи фашистон аз сангари рота

гузаштан натавонистанд. Чаҳор танк дар коми оташ сӯхта, дутояш ақиб нишаст.

Субҳи дигар муҳориба боз ҳам сахт шуд. Бисёр аскарон, то даме ки дилашон метапиду дасташон силоҳ дошта метавонист, доди мардиву мардонагиро доданд. Оташи паёпаи пулемёти Фозилҷон бисту ду нафар фашистро маҷбур кард, ки дасти таслим бардоранд. Дар ин набарди нобаробари серӯза бисёр ҳамсилоҳони Фозилҷон, аз ҷумла дӯсти наздикаш, фармондеҳи взвод Скирда ҳам қурбон шуданд.Танҳо шомгоҳи рӯзи сеюм оташкушоӣ хомӯш гардид. Фритсҳо хеле ақиб нишаста, гоҳ-гоҳ мушак сар медоданд.

Фармондеҳи даста Родионов дар ҳузури муовинаш доир ба корҳои сиёсӣ дасти Фозилҷонро фишурду гуфт:

– Офарин! Ба таҳлука наафтодӣ. Шервор размидӣ. Як танк ва қисми миномётчиёнро маҳв кардӣ. Барои корнамоият ба мукофот пешниҳод шудӣ.

Баъди се соати ин муколама дар набарди навбатӣ Родионов низ ҳалок шуд. Фозилҷон чаҳоруми марти соли 1943 аввалин мукофоти ҷангӣ – медали «Барои шуҷоат» гирифт.

Сонӣ охирҳои сол чунон ҷангҳои шадиде рух доданд, ки тир жола барин мерехт. Сарбозони шӯравӣ фашистонро, ки чун мори саркӯфта девонавор муқобилат менамуданд, қир мекарданду як қисми қувваи худро талаф дода, қадам ба қадам, маҳал ба маҳалу деҳ ба деҳ пеш мерафтанд. Нуҳуми март Фозилҷон сахттарин рӯзи умрашро аз сар гузаронд, баъди чаҳор соати задухӯрдҳои хунин якбора аз ду ҷои дасташ захмдор шуд. Худро ба пастхамие гирифту аз Ваҳҳоб Маҳкамов ном ҳамсилоҳаш хоҳиш кард, ки захмашро бандад. Тақрибан сад қадам дуртар аз размгоҳ захмбандӣ мекарданд, ки дар наздашон мина таркид. Ваҳҳоб ҳалок шуд, Фозилҷон аз пои чапаш маҷрӯҳ гардид. Дар ҳамин ҷо ӯ як шабонарӯз аз ҳамсилоҳонаш ҷудо ва тани танҳо монд. Ҳавои зимистон беҳад сард буд. Нисфи шаб сармо он қадр сахт шуд, ки ба мағз-мағзи устухонаш асар кард. «Наход тақдир ҳамин бошад? – аз хаёл мегузаронд ӯ. – Ҷанг аз рӯи танам гузашт, гарчи вуҷудамро пора-пора ва зери хок накард, вале бори гаронашро дигар аз дӯшам партофта метавониста бошам?!» Ба вай

чунин менамуд, ки дигар ёрои худро саришта кардан надорад. Вале аз куҷое, гӯё аз кадомин як қувваи ғайбӣ ба ҷисми ӯ мадор омад. Бо охирин қувват захмашро басту бо умеде, ки парасторе ба мададаш мерасад, фурсате оромид. Атроф торик буд. Забони сарди сармо сару рӯяшро мелесид. Ҷанговарон чандин фарсах пеш рафта буданд. Оё додрасе пайдо мешуда бошад? Кош, имдодгаре мерасиду аз ин варта наҷоташ медод. Дар атрофаш ба ҷуз ҷасади мақтулон ва аслиҳаи онҳо чизеро намедид. Ниҳоят, рӯзи дуюм ҳамшираи шафқате пайдо шуд. Дар чашми Фозилҷон нури умед дамид.

– Хайрият, омадӣ, хоки поят шавам, хоҳарам! – гуфт ӯ. – Мани захмдор ду рӯз боз туро интизор. Ҳамсилоҳонам душманро таъқибкунон рафтанд, мани маҷрӯҳ танҳо мондам.

Ҳамшира ба ӯ ёрии таъҷилӣ расонду аз бағалаш дошта, хазиданӣ шуд, вале натавонист.

– Зӯри беҳуда назан,– маслиҳат дод маҷрӯҳ. – Ба по хеста наметавонам. Ду рӯз боз хунравӣ, бемадорӣ, хунукӣ, гушнагӣ ва таъсири захмҳо корашонро карданд.

– Натарс, илоҷе карда, туро мебарам,– таскин медод ҳамшира. – Боз каме бардошт кун. То ҷанг чӣ кор мекардӣ?

– Муҳосиби колхоз будам.

– Маълумотат?

– Миёнаи нопурра.

– Ҷанг тамом шавад, боз мехонӣ…

Фозилҷон аз шиддати дард гӯё андаруни оташ месӯхт. Ҳамшира ӯро пуштораю кашола карда мебурду меҳрубонона ба гап меандохт:

– Расо азоб кашидӣ, дигар дардро намебинӣ. Метавон гуфт, ки акнун барои ту ҷанг тамом шуд.

– Мебахшӣ, хоҳар! Барои рафъи ин ҷароҳатҳо тамоми умр ҷангидан лозим меояд.

– Рост мегӯӣ. Хеле пухта менамоӣ. Туро ба гап гирифтам, ки даме дардро фаромӯш кунӣ. Агар беҷо гуфтам, маъзур.

Чун ба маркази беҳдошт (санбат) расиданд, Фозилҷон гуфт:

– Садсола шавӣ, хоҳар! Маро аз чанголи марг вораҳондӣ. Исто, номат чӣ?..

Фозилҷонро барои табобат аввал ба шифохонаи ҳарбии шаҳри Ярославл, сонӣ ба бемористони Новосибирск фиристоданд. Захми дасташ даво ёфт, аммо ҳар ду кафи сармозадаи пояшро буридан лозим омад. Вай соли 1944 баъди андак сиҳҳат шудани захмҳо ба зодгоҳаш баргашт. Таҳти назорати табибон ҷароҳатҳояш оҳиста-оҳиста дармон меёфт. Аз миён соле гузашту Рӯзи пирӯзӣ, рӯзи умеду орзуи банӣ-башар фаро расид.Фозилҷон асобағалро партофта, ба пойҳои маъюбаш мӯзаи махсус дӯзонда пӯшид. Ба қавли худаш боз одами зоҳиран бутун шуд. Дар бозори колхозӣ ба кор сар кард. Шабона мактаб хонда, маълумоти миёна гирифт. Сонӣ ҳунаристони кооперативии вилоятро низ хатм карда, маълумоти махсуси муҳосибӣ ба даст овард.

Баъд аз чоряк асри ҷанг дар яке аз рӯзҳои баҳори соли 1970 Фозилҷон Акрамовро ба Комиссариати ҳарбӣ хостанд. Комиссар аз ӯ самимона ҳол пурсид:

– Пулемётчии собиқ, аҳвол чӣ тавр?

– Бад не, шукри тандурустӣ, рафиқ комиссар.

– Шумо маъюби ҷангед, кор вазнинӣ намекунад?

– Не, рафиқ комиссар. Захмҳои дасту пойҳоям сиҳҳат шуданд. Устухони дастам шикаста буд, муолиҷа кардам. Шукр, қаламро дошта, хат навишта метавонам, барои ҳисобдорӣ ҳамин кифоя. Гоҳ-гоҳ захмҳои кӯҳна ба хурӯҷ меоянд, бо асо мегардаму табобатро давом медиҳам. Аҳволи ҳамаи маъюбони ҷанг ҳамин хел.

– Кам нашавед, Акрамов. Медонам, ки шикоятро бад мебинед. Руҳи мардони ҷанг, табъи сарбозон ҳамин зайл аст. Дар арафаи ҷашни Ғалаба шуморо даъват кардем, ки мукофоти нав супорем.

–Чӣ хел мукофот? – ҳайрон монд Фозилҷон.

– Мана, ин «Варақаи мукофот», аз Москва фиристодаанд. Дар ҳамон ҷангҳои хунин корнамоии шуморо бо ордени «Ситораи Сурх» низ қадр карда будаанд. Мукофоте, ки ин қадар солҳо соҳибашро мекофт, акнун шуморо ёфт.

Фозилҷон Акрамов варақаи мукофотро хонду дар пеши чашмаш манзараҳои мудҳиши ҷанг, баҳори соли 1943 ба ҷилва омаданд. Ёд овард, ки фармондеҳи взводашон Скирда

ва фармондеҳи ҳайат Родионов ӯро барои корнамоии ҷангиаш ба ин мукофот пешниҳод карда буданд. Аммо ӯ маҷрӯҳи вазнин шуда, ба бемористонҳои низомӣ афтод ва мукофот соҳибашро намеёфт. Инак, баъди бисту панҷ сол…

Комиссар орденро супурда, самимона дасти сарбози собиқро фишурд ва гуфт:

– Шиори «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад» моро аз мудҳиштарин ҷанги асри XX пайваста ёдрас мекунад. Он 1418 рӯзи даҳшатбори солҳои 1941-1945 аҳли оламро ҳушдор медиҳад, ки ба ҳифзи сулҳу ваҳдат омода бошанд.

– Ҳазор раҳмат ба онҳое, ки хизмати моро фаромӯш накардаанд! – изҳори мамнуният намуд Акрамов. – Рафиқ комиссар, шумораи умумии қурбониёни ҷанг ба чанд миллион нафар расид?

– Чунин рақам мушаххасан нест, вале мегӯянд, ки дар он муҳорибаҳо беш аз бист миллион одам талаф ёфт… Танҳо аз як худи Конибодом зиёдтар аз шаш ҳазор ҷавонон ба ҳифзи Ватан рафта, нисфашон қаҳрамонона ҳалок шуданд. Баъзе волидайни мо аз ду-се то чор-панҷнафарӣ фарзандашонро ба ҷанг доданд.

– Масалан, аз оилаи мо се писар паи ҳам ба хизмати ҳарбӣ рафтем,– гуфт Фозилҷон. – Бародари калониам Домуллоҷон аз ҷумлаи сарбозоне буд, ки 25 марти соли 1945 чилу чаҳор рӯз пеш аз анҷоми ҷанг дар шимолу шарқии Пруссия ба шаҳодат расид. Бародари дигарам Комилҷон парчами ғалабаро то ба Рейхстаг бурда, барои ҷасорату мардонагиаш аз дасти лашкаркаши номӣ Георгий Жуков мукофот гирифтааст. Худи ман, чунон ки огоҳед, дар мудофиаи Москваю Калинин ва Новгороду Ленинград размида, борҳо маҷрӯҳ шудаам…

– Фозилҷони азиз, ба руҳи бешикасти шумо офарин! – сӯҳбатро хулоса кард комиссари ҳарбӣ. – Ҳазорон ҳамду сано ба хонадонҳое, ки мисли хонаводаи шумо писарони шердилу ватанпараст тарбия кардаанд!.. Ватан корнамоиятонро пос медорад.

Он рӯз Фозилҷон дар сари сина ордени нави «Ситораи Сурх» аз бинои Комиссариати ҳарбии шаҳр баромада, роҳи коргоҳашро пеш гирифт. Сарбаланду хуррам ва бардам қадам мениҳод, қариб ки налангида асо мезад. Не, дарди дерини по

ӯро ором намегузошт, ҳар сол чандин бор боло мегирифту гӯё боз асабашро озмуданӣ мешуд. Баъзан дорую дармон ҳам нафъе намебахшид. Вале ин марди собир бо вуҷуди озори пой, ҳазорон фарсах роҳро паймуд. Мекӯшид, ки бештар пиёда гардад. «Пой танҳо барои пеш рафтан вуҷуд дорад,– мегуфт ӯ. Дили беқарор ва вазифаи пурмасъулият намегузорад, ки орому хотирҷамъ шинам. Ҷоям ҳамеша дар байни мардум, дар бозори пурмағал. Кору бори бисёреро ҳисобу китоб мекунам. Гарчи серкорам, аз касби худ шиквае надорам. Касе, ки аз мардум канора ҷусту дар гӯшаи танҳоӣ нишаст, донед, ки ба дарахти умраш завол омад».

Ӯро дар ҷанг ҳамсилоҳонаш «мерган» мегуфтанд, зеро тирҳои пулемёташ ҳадафрас буданд. Ӯро фашистони мардуд дар байни оташу дуд нобуд карда натавонистанд. Дар дафтарчаи ҳарбиаш чилуяк фашистро маҳв кардани ӯ сабт ёфтааст. Ротае, ки ӯ меҷангид, дар лаҳзаҳои душвор ҳуҷуми паёпаи душманро боздошта, дар мавҷудияти қувваҳои нобаробар, то расидани ёрӣ мавқеъҳои худро аз даст намедод. Фозилҷон дар муҳорибаҳо барои озодии шаҳрҳои Калинин, Новгород, Ленинград низ мардона ҷангид. Хок борҳо аз хуни ӯ ранг гирифт.

Басе ҳамсилоҳони ҳамсоли Акрамов баъди ҷанг аз дарду азоби захмҳо ғӯрамарг шуданд. Вале дар замири ин шермард матонати бузурге ниҳон будааст, ки аз офати замонҳо нигоҳаш дошт. Ӯ аз соли 1944 то соли 1991 дар идораи бозори шаҳри худ вазифаи муҳосибро ба ҷо овард. Дар ободонии бозори колхозӣ саҳми хоса гузошт.

Охири солҳои шастум фурӯшгарони бозори Конибодом се растаи нави меваҷот, сабзавот ва аллофӣ (ғалла ва орд) гирифтанд. Ба истифода додани ин растаҳо ҳусни бозорро афзуд. Дар миёнҷои ин бозори қадима тими болопӯш низ вуҷуд дорад, ки аз маҳорати устоҳои халқӣ дарак медиҳад. Санъати наққошӣ ва кандакорӣ торафт кӯҳна шуда, аз эътибори баъзеҳо соқит мемонд. Зумрае маслиҳат медоданд, ки тими кӯҳнаро аз байн бардоранду ба ҷояш бинои нав созанд. Аммо Фозилҷон Акрамов ба ин пешниҳод қатъиян зид баромад. «Монед, бошад,– гуфт ӯ,– ин тим аз санъати меъмории гузаш-

тагон меросест барои мо. Дурусттар таъмир мекунем, чун ёдгорӣ аз насл ба насл боқӣ мемонад». Ҳамин тавр ҳам шуд. Шакл ва нақшу нигори асосии тимро нигоҳ дошта, бо эҳтиёт рангу бор дода, таъмиру тармимаш карданд. Дар атрофаш биноҳои нави савдо – фурӯшгоҳи матоъ, сӯзишворӣ, молу амволи рӯзгор, пойафзол ва ғайра сохтанд. Бад-ин минвол бо маслиҳати ҷангдида ва собиқадори меҳнат тими куҳан умри дубора ёфта, чун санъати меъмории устоҳои соҳибҳунари тоҷик намоишгоҳи бозор гардид.

Одамон ба чеҳраи нуронии Акрамов, ки дар сари сина нишонҳои ҷангии «Барои шуҷоат», «Ситораи Сурх», «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (дараҷаи якум) ва дигар мукофотҳо дошт, бо эҳтироми махсус менигаристанд. Воқиан, ҷангдидагони шӯҳратманди моро дар байни дигар одамон бе ин нишонҳо ҳам ба тезӣ фарқ кардан мумкин аст. Фозилҷон Акрамов номи ҳамсилоҳони худ Юсуфҷон Воҳидов, Валамат Шарифов, Абдусаттор Холматов ва Аҳмадҷон Узоқовро бо меҳр ба забон мегирифт. Онҳо низ мисли ӯ воқиаҳои мудҳишро аз сар гузаронидаанд. Ҳар вақт ба хонаи ҳамдигар ҷамъ оянд, баъзе лаҳзаҳои ҳаёти сарбозиашонро ба ёд оварда, ба зинда мондаашон шукр мегузоштанд. Шукр, ки беҳуда назистаанд, соҳиби касбу кор шуда, дар ҷамъият мавқеи худро ёфтаанд.

Ин марди шариф ва зиндадилу оиладӯст зиндагиашро чунин ба танзим андохт, ки ҳар сол рухсатии меҳнатиашро бо аҳли байташ дар истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо гузаронда, бо руҳи болидаву тани бардам ба хонааш бармегашт. Дар Осиёи Марказӣ ягон шаҳри бостонӣ, мавзеи таърихӣ нест, ки ӯ надида бошад. Ҳар тобистон фарзандону наберагонашро ба ҷойҳои таърихӣ бурда, дониш ва маърифати онҳоро ғанӣ мегардонд.

Ҳамаи ҳашт фарзанди Фозилҷон Акрамов дар донишкадаҳои олӣ маълумот гирифта, соҳиби ихтисосҳои гуногун шудаанд. Падари дурандеш завқу эҳсоси ҷигаргӯшаҳояшро бо омӯзиши касбу ҳунар сари вақт бедор карда, онҳоро ба роҳи рости рӯзгор бурдааст.

Боре дар байни фарзандонаш, ки рӯзи мавлуди модарашон Маҳбубахонро мегузарониданд, баҳсе афтод. Ҳар кас пиро-

муни покии лафз ва эътимоди комил ақидаи худро мегуфт. Фозилҷон мулоҳизаи онҳоро шунида, пандомез таъкид кард: «Фарзандонам! Ба шумо як насиҳат: агар дӯст ва рафиқ ба шумо бовар карда, сирри махфиеро гӯяду таъкид намояд, ки ба касе нафаҳмонед, зинҳор ба эътиқоди ӯ сазовор бошед. Ба ҳамдигар ихлос доштан, ба лафзи якдигар бовар кардан аввалин шарти дӯстист. Баъзе суханчинҳои ҳангоматалаб гаперо шунаванд, дар атрофаш гапчаҳои нав бофта, овозаю дарвоза мекунанд. Аз яке гап гирифта, ба дигаре расондан, касеро ба шӯр андохтану хиҷил гардонидан бадтарин хислат аст. Суханчину хабаркаш дер ё зуд фош шуда, аз боварӣ мебарояду дӯстонро гум мекунад. Ҳол он ки ҳар як одам бояд дӯстони бисёре дошта бошад. Инсони бе дӯст мисли мурғи беболу пар аст. Ҳоҳед, ки аз шумо ҳама ризо бошанд, аз доираи ихлоси мардум берун набароед!»

Маъюби ҶБВ, дастпарвари омӯзишгоҳи омӯзгории Конибодом ва омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Нагинск, вилояти Москва, шогирди мактаби муҳосибии Хӯҷанд, Аълочии савдои СССР, дорандаи ордену медалҳои сершумор Фозилҷон Акрамов 15 марти соли 1923 ба дунё омада, 20 ноябри соли 2011 зиндагиро падруд гуфт. Ин ватанпарвари номвар муҳофизи диловари Москва, падари фарзандони олигуҳар, бобокалони мӯътабар бо корҳои неку наҷибаш дар дили мардум маъво дошт.

## ҲАМНАБАРДИ ҲАМДИЁРОН

Мардум Маҳками Furобоҷонро чун инсони соҳибтаҷриба, зиндадил ва саёҳатдӯст мешинохтанд. Ба ӯ муяссар гардид, ки баъди даҳҳо соли Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба баъзе ҷойҳои размидааш сафар карда, дидори ҳамсилоҳонашро бубинад. Ӯ соли 1985 аз сафари навбатиаш ба вилояти Курск ба ҳамдиёронаш чунин ҳикоят овард:

– Дӯстони азиз, ман аз сафари ҷойҳои ҷангидаам бо таассуроти амиқ баргаштам. Мардуми вилояти Курск се соли аввали ҷанг таҳти истилои фашистон азоби алим медиданд. Дар ин вилоят деҳаи маъруфе ҳаст, ки «Горелий Дуб», яъне Булути

Сӯхта меноманд. Ин мавзеъ чун деҳаи Хатини Белоруссия машҳурият дорад. Саргузашташ фоҷиавист. Ман чанд рӯз пеш аз он ҷо омадам. Бишнавед қиссаашро.

… Он субҳ одамони бисёре бо роҳи асфалтпӯш ба сӯи деҳаи Булути Сӯхта мерафтанд ва ҳар кас дар даст гулдастае дошт. Мардум мегуфтанд, ки ҳатто дар гармоҳои тоқатфарсо ва сармоҳои тоқатшикан ҳам қадами зиёратгарон аз ин деҳа канда намешавад.

Шамоли сардаке вазида, баргҳои дарахтонро ба ҳаво мепаронду ба замин мерезонд. Гоҳе қатраҳои борон мерехт. Туман ба атроф доман мекушод. Баргҳо аз вазиши боди тирамоҳ ба ҳамдигар бархӯрда, садои пасте мебароварданд. Замоне дар атрофи деҳаи Булути Сӯхта бешаи анбӯҳе мавҷуд буд, вале баъди фоҷиаи мудҳиш танҳо чаҳор дарахт боқӣ монд. Онҳо шоҳиди безабони фоҷиа ҳастанд.

Чилу се сол муқаддам ин деҳаро Булут ном мебурданд, зеро он дарахти булути азамати беназире дошт, ки боиси чунин ном гирифтанаш гардид. Касе ба хаёл ҳам намеовард, ки фоҷиае рӯй медиҳаду номи деҳа тағйир меёбад. Дар атрофи Булут боз се деҳаи хурд ҳам буд ва роҳ ба сӯи ҳар сеяшон аз ҳамин ҷо мегузашт.

Тирамоҳи соли чилу дуюм фашистон хабар ёфтанд, ки сокинони ин деҳаҳо партизанҳоро бо хӯрокворӣ ва дигар чизҳои зарурӣ таъмин менамоянд. Субҳи яке аз рӯзҳои тирамоҳ фашистон Булут ва деҳаҳои атрофи онро чун девор ба муҳосира гирифтанд. Роҳи наҷот набуд. Ҷангал дар лаҳзаҳои душвортарин одамонро ба оғӯш гирифта, аз марг наҷот медод ва сокинони деҳаҳои Булут ин дафъа ҳам бо умеди наҷот ба тарафи дарахтзорон мегурехтанд, бехабар аз он ки дар муҳосира мондаанд. Аз ҷангал садои тир мебаромад.

Фашистон тамоми сокинони зиндамондаро ба назди дарахти булут оварданд. Ҳеҷ кас пинҳон шуда ё гурехта натавонист. Душманон барои истинтоқ фурсат надоштанд ва пиру барно, кӯдакону ҷавонон ва ҳатто тифлаконро низ паррონданд ва ҷисмашонро ғарам карда сӯзонданд. Аз тирҳои душман танаи дарахти азим захми зиёде бардошт. Оташи ғазаби фашистон паст намегашт: онҳо тамоми деҳаро сӯзонданд. Сӯхтори

азим чун деви ҳафтсар ҳама чизро ба комаш фурӯ мебурд. Забонаи он ба дарахти булут ҳам расид.Шохаҳои сарсабзи булут сӯхта хокистар шуданд, нисфи танаи дарахти пир низ оташ гирифт.

…Борон меборид, табиат гӯё ба марги ноҳақи фарзандони азизаш ашк мерехт, ашки ғаму ҳасрат, фироқ.

Деҳаҳо сӯханду ба хокистар табдил ёфтанд. Аз дарахтони азим танҳо булути нимсӯхта боқӣ монд, аз ҳамон рӯзи фоҷиа деҳа Булути Сӯхта ном гирифт. Аз ҳамон рӯз дигар дар он ҷо касе зиндагӣ намекунад, вале деҳа дар харитаи вилоят ҳамчун маҳалли аҳолинишин арзи вуҷуд дорад. Баъди ҷанг ба хотири ҳар як сокини деҳа дарахте шинонданд. Он ниҳолҳо ба дарахтони азим табдил ёфтаанд. Вале ҳатто ҷангалзорони нав номи деҳаро тағъйир дода натавонистанд. Захмҳои дарахти булути сӯхта ҳанӯз «шифо» наёфтаанд. Булути сӯхта баъди он фоҷиа ҳатто барге набаровард, танаи дарахт то имрӯз сиёҳ аст, ба монанди модаре, ки дар ғами фарзанди шаҳидаш тамоми умр либоси мотам мепӯшад.

Ватан фарзандонашро фаромӯш намекунад. Дар он ҷо ба хотираи шаҳидони ҷанг маҷмааи ёдгорӣ сохтаанд, ки он «Булути Сӯхта» ном дорад. Дар гӯшаҳои ин маҷмаа мо ҳатто боқимондаҳои чӯбҳои сӯхтаи иморатҳои деҳа, печҳои русии «зиндамонда»-ро дидем. Дарахти булути сӯхта дили маҷмааи ёдгорӣ аст. Атрофашро бетонпӯш кардаанд. Рамзан барги сабзе сохтаанд. Ҷанги ҷаҳонсӯз ба сари мардум фоҷиаҳои бисёре овард, вале рӯҳи халқро шикаста натавонист ва мо бар Германияи фашистӣ зафар кардем. Барги сабз рамзи давоми зиндагӣ, нашъунамо, сарсабзию хуррамии Ватан аст. Зиндагӣ, адолат, ҳақиқат ғолиб омад ва ғолиб хоҳад монд.

Дар таги дарахти сӯхта ба шарафи қурбониён ҳайкалҳо гузоштаанд,– ҳикояташро давом дод Маҳками Бобоҷон. – Муҷассамаи Модар. Вай бо чашмони пӯшида духтарчаашро сахт ба оғӯш гирифта, аз марги нобаҳангом наҷот додан мехоҳад. Модар аз марги хеш ҳаргиз наметарсад, дар лаҳзаҳои сахту мушкил ғами фарзандро мехӯрад, зеро фарзанд давоми умр аст. Дар паҳлуи Модар ҳайкали пирамард воқест. Ӯ дар тан либоси таг дорад. Дар лаҳзаҳое, ки фаши-

стон ба Булут ҳуҷум оварданд, сокинони деҳа дар хоби ширин буданд ва аз тангии фурсат ҳатто барои пӯшидани курта имкон надоштанд. Пирамард бо сари баланд ба тарафи ҷинояткорон менигарад. Аз он ифтихор дорад, ки баҳри хоки муқаддаси Ватан сарбаландона ҷон медиҳад, вале ба душманон сари таъзим фуруд намеорад. Дар байни ҳайкалҳои Модар ва Пирамард муҷассамаи Писарак низ ҳаст. Вай ҳам аз мурдан намеҳаросад, аммо аз он алам мекашад, ки барои зидди душман мубориза бурдан қудрат надорад…

Ҳамаи сокинони деҳаҳои Булути Сӯхта қурбони ҷанг шуданд, лекин на дар майдони ҷанг. Барои он мурданд, ки силоҳ надоштанд, барои он қурбон шуданд, ки Ватанро дӯст медоштанд, ба партизанҳо ёрӣ медоданд, ҳифзи Ватанро аз ҳифзи ҷон воҷибтар медонистанд.

Мо онҳоеро, ки баҳри ҳифзи Ватан ҷон нисор карданд, ба ёд овардем, ба пояи муҷассамаҳои шаҳидони роҳи озодӣ ва пирӯзии мардуми олам гулдастаҳо гузоштем. Онҳо дар дилу хотираи мо зиндаанд. Бигзор осмон соф, сулҳ ҳукмфармо бошад ва фоҷиаҳои даҳшатангези деҳаҳои Хатин, Булути Сӯхта дигар ҳаргиз такрор наёбанд. Мурод аз таваллуд шудан зистан аст, на беҳуда аз дунё даргузаштан!

Ноқили ин ҳикояти муассир яке аз иштирокдорони ҷанг Маҳкамбой Бобоҷонов (21.03.1919, маҳаллаи Гумбазӣ, шаҳри Конибодом – 02.02.1998, ҳамон ҷо) умри бобаракаташро ба кори деҳқонӣ бахшид. Дар ибтидои солҳои сиюми асри бист бо ҳукми сегона аҳли оилаашонро, ки деҳқонони миёнаҳол буданд, ба рӯйхати давлатмандон даровардa, иҷборан ба деҳаи Новоалександровск, ноҳияи Левакум (кишвари Ставрополь) бадарға карданд. Ба ин сабаб ӯ мактаби миёнаро дар он ҷо хатм кард. Сари тобистони соли 1941 ба зодгоҳаш Конибодом баргашт. Муддате дар мактаби деҳаи Чироқчӣ, ноҳияи Ёвон ба тарбияи наслҳои наврас шуғл варзид.

Маҳками Бобоҷон соли 1942 ба ҳифзи Ватан рафт, шаш сол хидмати ҳарбиро ба ҷо овард. Ӯ дар полки тирандози 556-и Артиши Сурх вазифаи фармондеҳи дастаи тиркашонҳоро ба ҷо меовард. Дар муҳорибаҳои шадид ду бор захмдор шуда, дар бемористони ҳарбӣ табобат ёфт, боз ба майдони набард

рафт ва Рӯзи Зафарро дар Берлин пешвоз гирифт. Хидматҳои ҷангӣ, диловарию корнамоиҳои ӯ бо ордену медалҳои зерин қадрдонӣ ёфтаанд: «Ситораи Сурх», «Барои корнамоии ҷангӣ», «Барои фатҳи Кёнигсберг», «Барои ғалаба бар Германия дар ҶБВ солҳои 1941-1945», «20-солагии зафар…», «25-солагии зафар…», «30-солагии зафар…», «40-солагии зафар…» ва «50-солагии зафар дар ҶБВ».

Ин дилбанди асили кишоварзӣ баъд аз анҷоми ҷанг тамоми умр дар колхози «Ленинград» (заминҳои ин хоҷагӣ собиқан мулки падару бобояш буд), ноҳияи Конибодом ҳалол кор карду соҳиби хонаву ҷой ва оилаю фарзандон гардид.

Мардум ӯро дӯст медоштанд, қиссаю ҳикоятҳои ҷангӣ ва таассуроти сафарҳояшро бо шавқ мешуниданд. Дар мактабҳо вохурӣ ва мулоқоташро бо наврасон ва муаллимон доир мегардонанд.

*Руҳи поки хоксорон ёд бод,*
*Ҳамнабарди ҳамдиёрон ёд бод!*

## РОҲИ ҶАНГОВАР

Мудири мактаб бо муаллим Пӯлод Собиров вохӯрду баъди ҳолпурсӣ ба сари мақсад омад:

– Мехостем вохӯрии шуморо бо мактаббачаҳо гузаронем. Дар байни муаллимони мо шумо ягона собиқадори ҷанг ҳастед.

Рӯзи дигар дар пеши назари бачаҳо марди лоғарандоми сиёҳҷурда, собиқ хуфиякори Артиши Шӯравӣ менишаст, ки сари синаашро ордену медалҳо зинат медоданд. Баъзе бачаҳо аз иштирокдори ҷанг будани муаллимашон бори аввал воқиф шуда, ба ӯ бо ҳайрат менигаристанд ва дар дил мегуфтанд: ҳар рӯз бо ин кас вомехӯрем, сӯҳбат мекунем, дарсашонро мешунавем, ҳамсоя ҳастем, аммо аз саргузашти ҷангиашон бехабарем…

Мудири мактаб баъди сухани муқаддимавӣ гуфт:

– Муаллими мо Пӯлод Собиров солҳои ҷанг борҳо ба гирдоби обу оташ афтода, ғолиб баромадаанд. Пайраҳаҳои на-

бард ин касро аз соҳилҳои Волга то ба Порт-Артур бурдааст. Ҳоло ин муаллими размдида аз саргузаштҳояшон ба мо ҳикоят меоваранд.

Вақте ки Собиров аз ҷой бархост, садои чапакзанӣ ба толор печид. Марди набард ба ҳозирин нигаристу аз чӣ бошад, ки лаҳзае хомӯш монд. Кӣ медонад, ӯ дар паси пардаи ин хомӯшӣ кадом воқеаи солҳои ҷангро пеши назар меовард. Ё шояд, ба мактабиён нигариста, айёми бачагиро пеши рӯ меовард. Охир, ӯ ҳам замоне кӯдак буд ва ҳоло мӯи сараш барфосо метобад…

Ҳаёти ҷангии Пӯлод Собиров дар полки 113-уми тирандозони Фронти сеюми Белоруссия оғоз ёфт. Ӯро хуфиякорон (разведкачиён) ба сафи худ гирифта, асрори муҳорибаи тан ба танро омӯзонданд. Пӯлод баъди машқҳои паёпай дар остонаи Смоленск аз аввалин имтиҳони муҳориба гузашт.

…Соли 1942. Зимистони қаҳратун. Аёси изғиринг ба тани харсангу шохи дарахтон бархӯрда, аз қаҳр ҳуштак кашида, ба сару рӯ гӯё сӯзан мезад. Душман бо қувваи нав ҳамла меовард. Аскарони сурх барои рахна кардани хатти ҷабҳаи гитлерчиён тайёрӣ медиданд. Пеш аз ҳуҷум Пӯлод ва чор нафар рафиқи ҳамсилоҳаш Иванов, Павличенко, Олҷасов ва Калондадзеро ба қароргоҳи ситод хонданд.

– Бародарон,– гуфт сардори ситод,– фардо қисми мо ба ҳуҷум мегузарад. Имшаб ба хуфиякорӣ рафта, албатта, ягон «забон» овардан зарур. Фармон аст, ки фаврӣ миқдори қувваи душман ва самти ҳуҷумашро муайян кунем. Мақсад фаҳмост?

– Фаҳмо!

Сардори ситод ба ҳайати хуфиякорон Пӯлодро роҳбалад таъйин карда, дасти ҳар якеро фишурд ва барори кор хост.

Шаби сарди бешаи анбӯҳ. Зарра-зарра барф меборид. Дарахтони барфпӯш асрорангез менамуданд. Аз канори дури беша ҳар дам садои тир баромада, ба оромӣ халал мерасонд. Гоҳе мушакҳо дар гумбази осмон дурахшида, ба атроф партав меафкананд.

Хуфиякорони мусаллаҳ хилъати сафед дар тан ба роҳ даромаданд. Пӯлод бо Иванов ва Калондадзе аз тарафи рост, Павличенко ва Олҷасов аз чап мерафтанд. Онҳо аз паси да-

рахте ба паси дарахте гузашта, гоҳе хазида ва гоҳе давида, ҳарфе назада, роҳ мепаймуданд. Дар чунин лаҳзаҳои хомӯшӣ онҳо бештар аз масъулияти корашон фикр мекарданд, зеро аз иҷрои супориш рафти муҳориба тағйир меёфт… Қариб ду соат роҳ паймуда, оқибат ба ҷои даркорӣ наздик омаданд. Муддате хомӯш истода, ба атроф гӯши ҳуш доданд. Овози фритсҳо баръало шунида мешуд. Ду тан фашист сӣ-чил қадам дуртар равуо доштанд. Ҳар гоҳ аз силоҳ паи ҳам ва тахминӣ оташ мекушоданду бо ҳам сӯҳбаткунон пасу пеш қадам мезаданд, ки хунук нахӯранд.Зоҳиран, дар дарунтари беша ситодашон воқеъ буд, ки онро посбонӣ мекарданд. Аскарони шӯравӣ барои шабохун задан хеле фурсат поида, баъд якбора аз ду тараф ҳамла оварданд. Ҳар ду фашист аз зарби қундоқи автомат пуштнокӣ афтод.

– Ҳалт! Ҳалт!– мили автоматро сӯи онҳо нигаронд Пӯлод, ки каму беш забони олмониро медонист.

Хуфиякорон зуд ба даҳони онҳо латта хастанду дасташонро бастанд ва ба ақиб burданд. Пӯлод баъди чил-панҷоҳ қадам роҳ рафтан мили автоматро ба посбонони фашист рост карду пурсид, ки ситодашон дар куҷост? Фашистҳо сир доданд. Маълум шуд, ки ситодашон наздик будааст.

Ду кас ҳамроҳи асирон монданду сеяшон ба беша даромаданд. Ситоди душман дар заминкан воқеъ буд. Се тан ба заминкан наздик шуда, фурсате гӯш ба қимор истоданд. Пас, боз наздиктар рафта, аз тарқиши паҳлӯи дар диданд, ки панҷ-шаш тан фашисти баландрутба дар равшании чароғ харитаеро густурда, нуқтаеро ба якдигар нишон дода, реҷа мекашанд. Хуфиякорон якбора ба заминкан даромаданӣ буданд, ки фашисте ба бухорӣ ҳезум андохта, сӯи дар омад. Пӯлод ва рафиқаш худро ба ду тараф гирифтанд. Фашист аз дар баромада, сӯи пулемёти посбонҳояшон мешитофт. Пӯлод ба рафиқонаш ишорае намуда, панҷ-шаш қадам ҷасту даҳони фашистро аз паси сараш кафпӯш кард, ки овоз набарорад. Душман зӯр зада муқобилат кард, аммо бефоида. Хуфиякорон дасту даҳонашро бастанд ва ба тарафи омадаи худ бурданд. Вақте ки соатҳои чори шаб ба ситоди худ баргаштанд, аз дуродур садои тирандозӣ ба гӯш расид. Фашистон аз ногаҳон

«ғайб» задани одамонашон ба изтироб афтода, девонавор оташ мекушоданд.

Пӯлод аз барори «шикорашон» хурсандона ба фармондеҳи ситод гузориш дод:

– Рафиқ майор, супоришро ба иҷро расондем.

– «Забон» овардед?

– Бале, се нафар. Як офитсер, ду аскари қаторӣ.

– Офарин! – гуфт майор. – Талафот надодед?

– Не. Душманро дар ғафлат монондем.

– Доди мардонагиро додед, шербачаҳо!

Рӯзи дигар дивизия ба ҳуҷум гузашт. Фашистҳо ақиб гаштанд. Ин натиҷаи «шикор»-и Пӯлод ва чор нафар ҳамсилоҳи ӯ буд. Баъдан хуфиякоронро барои чунин ҷасорат бо ордени «Ситораи Сурх» сарфароз гардонданд. Ин воқеа январи соли 1943 ба вуқӯъ пайваст.

Субҳи дигар Пӯлодро рафиқонаш ошуфтаву маъюс диданд.

– Чаро ғамгинӣ? Шаб шикорат барор нагирифт магар?! – пурсид як рафиқаш, ки бо ҳазлу шӯхӣ гап мезад.

Пӯлод якбора ҳунг-ҳунг гирист. Дар як дам ба гирдаш аскарон ҷамъ омаданд. Ҳама «чӣ шуд, чӣ шуд?» гӯён боиси ғуссаи ӯро мепурсиданд. Ба ӯ хоҳаркалонаш Ойхон Собирова нома навиштааст, ки бародараш Темурҷон аз ҷанг бо захми мӯҳлик баргашта, чашм аз олам пӯшид.

– Дилшикаста нашав,– ӯро таскин медоданд рафиқонаш. – Ин ҷанг ҳазорҳо мисли ману ту касонро аз бародарон ҷудо кард. Мо барои ҳамаи онҳо ва барои бародари ту ҳам интиқом мегирем.

Моҳи майи соли 1943 дар назди ноҳияи Дахобинои вилояти Смоленск дастаи хуфиякорони мо дар муҳосираи душман афтод. Қувва нобаробар меомад. Ба даста баталёни дусаднафараи душман ҳуҷум овард. Фашистон аскарони моро ба таслим шудан мехонданд. Пӯлод фаҳмид, ки ҷанги сахти ҳаёту мамот дар пеш аст ва ғалаба танҳо ба диловарии ҳар як аскар вобастагӣ дорад.

– Маҳорати тирандозии мо ҳамин рӯз маълум мешавад,– гуфт ӯ. – Тиру норинҷакро сарфа кунед, беҳуда оташ накушо-

ед. Ба ҳалокат расем ҳам, ба пешрафти душман роҳ намедиҳем.

Фашистон аз ҳамаи навъи силоҳҳо якбора оташ кушоданд. Ҷанговарони мо ҳам яроқҳоро ба кор бурданд. Душман талафот дода, каме ақиб нишаста, қувва ҷамъ оварда, боз пеш омад. Дар ин ҷанг Пӯлод муддате қувваи шунавоияшро гум кард, аммо аз майдон берун набаромад. Чашмони ӯ душманро медиданд, ангуштонаш дастаи пулемётро пахш карда, гитлерчиёнро аз пой меафтонданд. Вақте ки фашистон ба хандақи ӯ тамоман наздик омаданд, норинҷакпартоӣ оғоз ёфт. Даста на фақат ҳуҷуми баталёни фашистонро зада баргардонд, балки ба онҳо зарбаи ҳалокатовар ҳам расонд. Худи Пӯлод бисту нӯҳ фашистро аз байн бурд, аммо хеле рафиқонашро низ талаф дод. Дасташ лат хӯрда, пои чапашро лахтаи тир лесида гузашт.

Фармондеҳи дивизия ба хуфиякорони даста барои аз муҳосира сиҳҳат баромаданашон таҳсинннома ба эълон дод. Ин дафъа дар сари синаи Пӯлод медали «Барои шуҷоат» ҷой гирифт.

Тирамоҳи соли 1944 қисмҳои Артиши шӯравӣ ба Пруссияи Шарқӣ, ба қароргоҳи Гитлер бо номи «Лонаи гургон» даромаданд. Фурсати дарандаро дар лонаи худаш кӯфтан расид. Фашистон ҳар як ҳавлию хонаи Кёнигсбергро ба қалъачае табдил дода, ба шикастнопазирии ӯрдугоҳи худ эътимоди комил доштанд. Пӯлод фаҳмид, ки чаро Гитлер ин шаҳрро «қалъаи шикастнопазири Пруссияи Шарқӣ» меномид ва мудофиаи онро махсус ба зимаи лашкари яккачини худ вогузошта буд. Аммо ин қалъа ба сели оташи «Катюшаҳо» дошт надод. Пӯлод дар ҷангҳо барои деҳаи Жебсово бо понздаҳ сарбоз аз хатти ҷабҳа гузашта, ба постгоҳи фашистон зада даромад, дар ҷанги тан ба тан ғолиб омад ва нақшаи муҳорибаи навбатии онҳоро ба даст овард. Ҷасораташро ин дафъа бо медали «Барои гирифтани Кёнигсберг» тақдир карданд.

Ба ин тариқ Пӯлод Собиров даҳҳо бор ба пинҳонкорӣ рафта, дар оташи муҳорибаҳо обутоб ёфт ва аз соҳилҳои Волга, аз вилоёти Калинин, Смоленск то шаҳру деҳоти Литва расид ва Рӯзи Ғалабаро дар Пруссияи Шарқӣ пешвоз гирифт. Шомгоҳ,

вақте ки садои тӯпҳо замину замонро ларзонда, ба домани осмон мушакҳои рангаи фараҳбахш мепошид, Пӯлод ҳамроҳи ҳамсилоҳонаш аз автомат чанд карат тир холӣ карда, зафари хосаи худро ҷашн гирифт. Хурсанду ифтихорманд буд, ки хуни бародаронаш беҳуда нарехт, мубориза ва азобу машаққаташон зоеъ нарафт. Ин пирӯзии ҳам мурдаҳо, ҳам зиндаҳост.

Пӯлод оҳи сабук кашид, ба машомаш бӯи баҳори озодӣ мерасид. Ҳоло осмони беғубори зодгоҳаш, боғу роғи шукуфабор ва домани пурлолаи кӯҳистонашро ба ёд меовард. То ҷанг модараш дар тараддуди хонадор кардани ӯ буд. Он рӯзро хуб ёд дорад: саҳарӣ модараш фатиру кулча пухта, мехост ба хостгории духтари ҳамсоя равад. Аммо хабари нисфирӯз ба хизмати ҳарбӣ рафтани писараш ӯро як қад паронд. Модар як дастархон кулчаю фатири пухтаашро ба фарзандаш тӯша доду ба хидмати ҳарбӣ гуселонд. Ҳоло модари ӯ Тӯхтабону хабари анҷоми ҷангро шунида, чӣ қадар хурсанд шуда бошад! Шод бош, модар, ки фарзандат дар чунин ҷанги хунин зинда монд!

Аммо Олмони фашистӣ торумор ва таслим шуда бошад ҳам, дар Шарқи Дур иттифоқчии вай Япония ҳанӯз ҷангро давом медод. Истилогарони япон даъвати бечунучаро таслим шуданро напазируфтанд. Он гоҳ Артиши Шӯравӣ ба муқобили лашкари квантунии Япония ҳуҷум овард.

Роҳҳои ҷанг Пӯлодро аз Ғарб, аз соҳилдҳои Одеру Нейс ба Шарқ, ба даштҳои Манҷурия бурд. Вай дар ин ҷанг вазифаи робитачиро ба ҷо меовард. Ин кор барои ӯ душворӣ надошт, ҳангоми хуфиякорӣ бо ратсия ба қисмҳо робита баста, сирҳояшро омӯхта буд. Вай аз қисм ба қисм иртибот гирифта, то ба Чанчун ва Порт-Артур расид ва соҳиби медали «Барои ғалаба бар Япония» гардид.

Баъди бо зафари Артиши Шӯравӣ анҷомидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ Пӯлод Собиров сари синааш бо ордену медалҳо музайян ба зодгоҳаш – маҳаллаи Ҳавзибаланди шаҳри Конибодом баргашт. Аҳли оилаашон ба ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳозира Ваҳдат) кӯчида буданд. Вай низ ба он ҷо ихтиёр кард. Пас аз ду-се сол хонаводаашон ба ноҳияи Регар кӯч баст. Пӯлод омӯзишгоҳро хатм карда, ба Донишгоҳи давлатии

омӯзгории пойтахт дохил шуд. Бо гузашти айём соҳиби хонаву ҷой ва зану фарзандон гардид. Аз соли 1947 то соли 1998 дар мактаби ба номи Максим Горкий, ноҳияи Регар ба насли наврас таълим медод.

Муаллими размафкан, маҳбуби халоиқ Пӯлод Собиров (1922, Конибодом – 1998, Регар) дар оилаи деҳқони миёнаҳол ба дунё омадааст. Соли 1931 аҳли хонаводаашонро ноҳақ ба Кафқоз бадарға карданд. Аз ин сабаб ӯ мактаби миёнаи русиро дар деҳаи Николо-Александровск, ноҳияи Азгирск, кишвари Ставропол хатм кард. Дар бинои дуқабатаи хонаашон дар Ҳавзибаланд аз соли 1931 мактаби ибтидоиии рақами 4 («Коммунист») ҷой гирифта буд.

Пӯлод Собиров солҳои ҶБВ чун хуфиякори полки 113-уми тирандози Фронти сеюми Белоруссия хидмат менамуд. Ӯ барои корнамоиҳои ҷангиаш бо ордену нишонҳои «Ситораи Сурх», «Барои шуҷоат», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-45», «Барои зафар бар Япония», «Барои фатҳи Кёнигсберг», таҳсинномаи чандинкаратаи Сарфармондеҳи Олӣ И.В.Сталин ва ифтихорномаҳои гуногун мушарраф шудааст. Ин маҷрӯҳи ҷанг дар шебу фарози зиндагӣ ростию ҳақпарастиро тӯша гирифта, дар замири шогирдон тухми меҳру меҳанпарастӣ кошт ва чунин самар бардошт, ки кунун мардум ӯро чун соҳибдили наҷибу нисбат ба душман пӯлодвор сахту устувор ва барои дӯст мумсифат нарм ёд меоранд.

## МУНДАРИҶА

Пешгуфтор..............................................................3
Баъде ки китобҳоро сӯзонданд..................................5
Издиёд..................................................................16
Чоҳкан–зери чоҳ ....................................................31
Парастухисолон ....................................................38
Ситораи гумшуда...................................................45
Киштии тӯфонзада.................................................56
Фарҷоми як фоҷиа .................................................68
Адиби ноком ..........................................................75
Андеша дар танҳоӣ................................................86
Хонадони «душмани халқ»....................................97
Гулҳои худрӯй......................................................108
Ҷарроҳи сабукдаст...............................................118
Духтари Ибни Сино.............................................129
Шафқати Шаҳрия..................................................142
Мукофоти олӣ .......................................................151
Дардро ҳамдард донад.........................................158
Табиби исавиҳуш.................................................165
Нобиғаи ҳунар......................................................170
Дурахши ситора ...................................................188
Аввалин ситораи балет.........................................200
«Танавор»-ҳои Адолат .........................................205
Булбулнаво ...........................................................213
Сардирижёр..........................................................221
Наберaҳои Маряму Норинисо .............................230
Донишвари шариф................................................233
Орифи илму маориф.............................................253
Марди ду набард ..................................................259
Нахустқаҳрамон...................................................275
Вақте ки «Шоҳпаланг» месӯхт ............................284
Шиори зинда ........................................................300
Ҳамнабарди ҳамдиёрон........................................308
Роҳи ҷанговар.......................................................312

**Алӣ БОБОҶОН**

**ДУРАХШИ СИТОРА**
*(Маҷмӯаи очерк ва мақолаҳо)*

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Чопи компутерии *Ҳ. Ҷӯраева*

Ба матбаа 23.07.2012 таҳвил гардид.
Чопаш 25.08.2012 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 20.0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба чоп расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varz.tm@mail.ru